Кодекс аз 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор дода мешавад

# КОДЕКСИ МАДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Бо қарори Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
23 ноябри соли 2022, № 915
қабул карда шуд
Бо қарори Маҷлиси миллии
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
16 декабри соли 2022, № 319
ҷонибдорӣ карда шуд

## ҚИСМИ I.
## ФАСЛИ I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ
## ЗЕРФАСЛИ 1. МУҚАРРАРОТИ АСОСӢ
## БОБИ 1. ҚОНУНГУЗОРИИ МАДАНӢ

Моддаи 1. Қонунгузории маданӣ

Моддаи 2. Муносибатҳое, ки қонунгузории маданӣ танзим менамояд

Моддаи 3. Принсипҳои асосии қонунгузории маданӣ

Моддаи 4. Амали қонунгузории маданӣ дар замон

Моддаи 5. Одатҳои муомилоти корӣ

Моддаи 6. Татбиқи қонунгузории маданӣ аз рӯйи қиёс

## БОБИ 2. АСОСҲОИ БА ВУҶУД ОМАДАНИ ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ МАДАНӢ, АМАЛИСОЗӢ ВА ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ МАДАНӢ

Моддаи 7. Асосҳои ба вуҷуд омадани ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ

Моддаи 8. Амалисозии ҳуқуқҳои маданӣ

Моддаи 9. Ҳадди амалисозии ҳуқуқҳои маданӣ

Моддаи 10. Ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ

Моддаи 11. Тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ

Моддаи 12. Беэътибор донистани санади мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ва ташкилотҳои дигар

Моддаи 13. Худҳимоякунии ҳуқуқҳои маданӣ

Моддаи 14. Ҷуброни зиён

Моддаи 15. Ҷуброни зиёни расондаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии худидоракунӣ

Моддаи 16. Товони зарари маънавӣ

## ЗЕРФАСЛИ 2. СУБЪЕКТҲОИ ҲУҚУҚИ МАДАНӢ
## БОБИ 3. ШАХСОНИ ВОҚЕӢ

Моддаи 17. Мафҳуми шахси воқеӣ

Моддаи 18. Қобилияти ҳуқуқдории шахси воқеӣ

Моддаи 19. Мазмуни қобилияти ҳуқуқдории шахси воқеӣ

Моддаи 20. Номи шахси воқеӣ

Моддаи 21. Маҳалли истиқомати шахси воқеӣ

Моддаи 22. Қобилияти амалкунии шахси воқеӣ

Моддаи 23. Манъ будани маҳдуд ё маҳрум кардани қобилияти ҳуқуқдорӣ ё қобилияти амалкунии шахси воқеӣ

Моддаи 24. Фаъолияти соҳибкории шахсони воқеӣ

Моддаи 25. Ҷавобгарии молумулкии шахсони воқеӣ

Моддаи 26. Муфлисшавии соҳибкори инфиродӣ

Моддаи 27. Қобилияти амалкунии ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола

Моддаи 28. Эмансипатсия

Моддаи 29. Қобилияти амалкунии ноболиғони ба синни чордаҳ нарасида

Моддаи 30. Ғайриқобили амал эътироф намудани шахси воқеӣ

Моддаи 31. Маҳдуд намудани қобилияти амалкунии шахси воқеӣ

Моддаи 32. Васоят ва парасторӣ

Моддаи 33. Васоят

Моддаи 34. Парасторӣ

Моддаи 35. Мақомоти васояту парасторӣ

Моддаи 36. Васиён ва парасторон

Моддаи 37. Уҳдадории худро иҷро кардани васиён ва парасторон

Моддаи 38. Ихтиёрдории молу мулки шахси таҳти васоят ё парасторӣ қарордошта

Моддаи 39. Идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулки шахси таҳти васоят ва парасторӣ қарордошта

Моддаи 40. Аз иҷрои уҳдадорӣ озод ва дур кардани васиёну парасторон

Моддаи 41. Қатъ гардидани васояту парасторӣ

Моддаи 42. Сарпарастии шахсони воқеии қобили амал (патронаж)

Моддаи 43. Бедарак ғоибшуда эътироф намудани шахси воқеӣ

Моддаи 44. Оқибатҳои бедарак ғоибшуда эътироф намудани шахси воқеӣ

Моддаи 45. Бекор кардани санади судӣ дар бораи бедарак ғоибшуда эътироф намудани шахси воқеӣ

Моддаи 46. Вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ

Моддаи 47. Оқибатҳои ҳозир шудани шахси воқеие, ки вафоткарда эълон шуда буд

## БОБИ 4. ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ

### §1. Муқаррароти асосӣ

Моддаи 48. Мафҳуми шахси ҳуқуқӣ

Моддаи 49. Қобилияти ҳуқуқдории шахси ҳуқуқӣ

Моддаи 50. Ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ

Моддаи 51. Бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ

Моддаи 52. Муассисони шахси ҳуқуқӣ

Моддаи 53. Ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқӣ

Моддаи 54. Мақомоти шахси ҳуқуқӣ

Моддаи 55. Ном ва маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ

Моддаи 56. Намояндагӣ ва филиалҳо

Моддаи 57. Ҷавобгарии шахси ҳуқуқӣ

Моддаи 58. Азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ

Моддаи 59. Ворисии ҳуқуқӣ ҳангоми азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ

Моддаи 60. Санади супоридан ва тавозуни тақсимот

Моддаи 61. Кафолатҳои ҳуқуқии кредиторони шахси ҳуқуқӣ ҳангоми азнавташкилдиҳии он

Моддаи 62. Барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ

Моддаи 63. Ухдадории шахсе, ки дар бораи барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ қарор қабул кардааст

Моддаи 64. Тартиби барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ

Моддаи 65. Қонеъ гардондани талаботи кредиторон

Моддаи 66. Муфлисшавии шахси ҳуқуқӣ

Моддаи 67. Оқибати муфлис эътироф намудани шахси ҳуқуқӣ

Моддаи 68. Нигаронидани рӯёниш ба молу мулки шахси ҳуқуқӣ пас аз барҳамдиҳии он

### §2. Муқаррароти умумӣ доир ба ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ

Моддаи 69. Муқаррароти асосӣ оид ба ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ

Моддаи 70. Ҳуқуқу ухдадориҳои иштирокдорони ширкат ё ҷамъияти хоҷагӣ

Моддаи 71. Табдилдиҳии ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ

### §3. Ширкати комил

Моддаи 72. Муқаррароти асосӣ оид ба ширкати комил

Моддаи 73. Шартномаи таъсисии ширкати комил

Моддаи 74. Идоракунии ширкати комил

Моддаи 75. Пешбурди кори ширкати комил

Моддаи 76. Уҳдадориҳои иштирокдори ширкати комил

Моддаи 77. Тақсими фоида ва зиёни ширкати комил

Моддаи 78. Ҷавобгарии иштирокдорони ширкати комил аз рӯйи уҳдадориҳо

Моддаи 79. Супоридани ҳиссаи иштирокдор ба сармояи шариконаи ширкати комил

Моддаи 80. Нигаронидани рӯёниш ба ҳиссаи иштирокдор дар сармояи шариконаи ширкати комил

Моддаи 81. Аз ширкати комил баромадани иштирокдор

Моддаи 82. Аз ширкати комил хориҷ шудани иштирокдор

Моддаи 83. Оқибатҳои аз ширкати комил баромадан ё хориҷ шудани иштирокдор

Моддаи 84. Меросгирӣ ва ворисии ҳуқуқӣ дар ширкати комил

Моддаи 85. Барҳамдиҳии ширкати комил

### §4. Ширкати ба боварӣ асосёфта

Моддаи 86. Муқаррароти асосӣ дар бораи ширкати ба боварӣ асосёфта

Моддаи 87. Шартномаи таъсисии ширкати ба боварӣ асосёфта

Моддаи 88. Идоракунии ширкати ба боварӣ асосёфта ва пешбурди корҳои он

Моддаи 89. Ҳуқуқу уҳдадориҳои саҳмгузори ширкати ба боварӣ асосёфта

Моддаи 90. Барҳамдиҳии ширкати ба боварӣ асосёфта

### §5. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд

Моддаи 91. Муқаррароти асосӣ дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд

Моддаи 92. Иштирокдорони ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд

Моддаи 93. Ҳуҷҷатҳои таъсисии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд

Моддаи 94. Сармояи оинномавии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд

Моддаи 95. Идоракунӣ дар ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд

Моддаи 96. Азнавташкилдиҳӣ ё барҳамдиҳии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд

Моддаи 97. Ба шахси дигар гузарондани ҳисса дар сармояи оинномавии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд

Моддаи 98. Аз ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд баромадани иштирокдор

Моддаи 99. Нигаронидани рӯёниш ба ҳиссаи иштирокдор дар молу мулки ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд

Моддаи 100. Аз ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд хориҷ кардани иштирокдор

Моддаи 101. Ҳисоббаробаркунӣ ҳангоми аз ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд баромадан ё хориҷ гардидани иштирокдор

**§6. Ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ**

Моддаи 102. Муқаррароти асосӣ дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ

**§7. Ҷамъияти саҳомӣ**

Моддаи 103. Муқаррароти асосӣ дар бораи ҷамъияти саҳомӣ

Моддаи 104. Ҷамъияти саҳомии кушода

Моддаи 105. Ҷамъияти саҳомии пӯшида

Моддаи 106. Таъсиси ҷамъияти саҳомӣ

Моддаи 107. Сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ

Моддаи 108. Зиёд кардани сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ

Моддаи 109. Кам кардани сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ

Моддаи 110. Маҳдудиятҳо ҳангоми барориши коғазҳои қиматнок ва пардохти суди саҳмияи ҷамъияти саҳомӣ

Моддаи 111. Идоракунии ҷамъияти саҳомӣ

Моддаи 112. Азнавташкилдиҳӣ ё барҳамдиҳии ҷамъияти саҳомӣ

**§8. Ҷамъиятҳои фаръӣ ва вобаста**

Моддаи 113. Ҷамъияти хоҷагии фаръӣ

Моддаи 114. Ҷамъияти хоҷагии вобаста

**§9. Кооперативи тиҷоратӣ**

Моддаи 115. Муқаррароти умумӣ оид ба кооперативи тиҷоратӣ

Моддаи 116. Таъсиси кооперативи тиҷоратӣ

Моддаи 117. Молу мулки кооперативи тиҷоратӣ

Моддаи 118. Идоракунии кооперативи тиҷоратӣ

Моддаи 119. Қатъ гардидани узвият дар кооперативи тиҷоратӣ ва гузаштани аъзоҳақии саҳмӣ

Моддаи 120. Азнавташкилдиҳӣ ё барҳамдиҳии кооперативи тиҷоратӣ

**§10. Корхонаи воҳиди давлатӣ**

Моддаи 121. Муқаррароти асосӣ дар бораи корхонаи воҳиди давлатӣ

Моддаи 122. Корхонаи воҳиди давлатӣ бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ

Моддаи 123. Корхонаи махсус

**§11. Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ**

Моддаи 124. Кооперативи ғайритиҷоратӣ

Моддаи 125. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои динӣ

Моддаи 126. Фонд

Моддаи 127. Тағйир додани оиннома ва барҳам додани фонд

Моддаи 128. Муассиса

Моддаи 129. Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (ассотсиатсия ва иттифоқ)

Моддаи 130. Ҳуҷҷатҳои таъсисии ассотсиатсия (иттифоқ)

Моддаи 131. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои аъзои ассотсиатсия (иттифоқ)

## БОБИ 5. ИШТИРОКИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ВОҲИДҲОИ МАЪМУРИЮ ҲУДУДӢ ДАР МУНОСИБАТҲОЕ, КИ ҚОНУНГУЗОРИИ МАДАНӢ ТАНЗИМ МЕНАМОЯД

Моддаи 132. Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ

Моддаи 133. Иштироки воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ

Моддаи 134. Ҷавобгарӣ аз рӯйи ӯҳдадориҳои давлат ва воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ

Моддаи 135. Хусусиятҳои ҷавобгарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ

## ЗЕРФАСЛИ 3. ОБЪЕКТҲОИ ҲУҚУҚҲОИ МАДАНӢ

## БОБИ 6. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Моддаи 136. Намудҳои объектҳои ҳуқуқҳои маданӣ

Моддаи 137. Муомилотпазирии объектҳои ҳуқуқҳои маданӣ

## БОБИ 7. АШЁ

Моддаи 138. Ашёи ғайриманқул ва манқул

Моддаи 139. Бақайдгирии давлатии ашёи ғайриманқул

Моддаи 140. Корхона

Моддаи 141. Маҷмуаи томи ғайриманқул

Моддаи 142. Ашёи тақсимшаванда

Моддаи 143. Ашёи тақсимнашаванда

Моддаи 144. Ашёи мураккаб

Моддаи 145. Ашёи асосӣ ва мансуб

Моддаи 146. Самара, маҳсулот ва даромад

Моддаи 147. Ҳайвонот

Моддаи 148. Ашёи хоса ва ашёи бо нишонаи навъ муайяншаванда

Моддаи 149. Пул (асъор)

Моддаи 150. Арзишҳои асъорӣ

## БОБИ 8. КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК

Моддаи 151. Коғази қиматнок

Моддаи 152. Намудҳои коғазҳои қиматнок

Моддаи 153. Талабот нисбат ба коғазҳои қиматноки ҳуҷҷатӣ

Моддаи 154. Додани ҳуқуқ аз рӯйи коғазҳои қиматноки ҳуҷҷатӣ

Моддаи 155. Иҷро аз рӯйи коғазҳои қиматноки ҳуҷҷатӣ

Моддаи 156. Барқарор намудани коғазҳои қиматноки ҳуҷҷатӣ

Моддаи 157. Муқаррароти умумӣ оид ба коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат

Моддаи 158. Иҷро аз рӯйи коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат

Моддаи 159. Гузариши ҳуқуқ ба коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат ва ба вуҷуд омадани гаронӣ нисбат ба коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат

Моддаи 160. Ҳимояи ҳуқуқҳои вайроншудаи ҳуқуқдор

Моддаи 161. Оқибати гум кардани сабтҳои баҳисобгирие, ки ҳуқуқҳо ба коғазҳои қиматноки беҳуҷҷатро тасдиқ мекунанд

## БОБИ 9. ДИГАР ОБЪЕКТҲОИ ҲУҚУҚҲОИ МАДАНӢ

Моддаи 162. Амал (беамалӣ)

Моддаи 163. Иттилоот

Моддаи 164. Моликияти зеҳнӣ

Моддаи 165. Сирри тиҷоратӣ

Моддаи 166. Неъмату ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ

## ЗЕРФАСЛИ 4. АҲД. НАМОЯНДАГӢ

## БОБИ 10. АҲД

### §1. Мафҳум, намудҳо ва шакли аҳд

Моддаи 167. Мафҳуми аҳд

Моддаи 168. Намудҳои аҳд

Моддаи 169. Уҳдадорӣ аз рӯйи аҳди яктарафа

Моддаи 170. Танзими ҳуқуқии аҳди яктарафа

Моддаи 171. Аҳди бо шарт анҷомёфта

Моддаи 172. Шакли аҳд

Моддаи 173. Аҳди шифоҳӣ

Моддаи 174. Шакли хаттии аҳд

Моддаи 175. Аҳде, ки дар шакли хаттии одӣ анҷом дода мешаванд

Моддаи 176. Оқибати риоя накардани шакли одии аҳди хаттӣ

Моддаи 177. Тасдиқи нотариалии аҳд

Моддаи 178. Бақайдгирии давлатии аҳд

Моддаи 179. Оқибати риоя накардани шакли нотариалӣ ё талаботи бақайдгирии аҳд

Моддаи 180. Хабарҳои дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ

### §2. Аҳди беэътибор ва оқибатҳои ҳуқуқии онҳо

Моддаи 181. Аҳди баҳснок ва беоқибат

Моддаи 182. Муқаррароти умумӣ дар бораи оқибатҳои беэътибории аҳд

Моддаи 183. Беэътибории аҳди хилофи қонунгузорӣ

Моддаи 184. Беэътибории аҳди бар хилофи асосҳои тартиботи ҳуқуқӣ ё ахлоқ анҷомёфта

Моддаи 185. Беэътибории аҳди рӯякӣ ва қалбакӣ

Моддаи 186. Беэътибории аҳди аз ҷониби шахси воқеии ғайриқобили амал эътирофгардида анҷомдодашуда

Моддаи 187. Беэътибории аҳде, ки ноболиғи то чордаҳсола анҷом додааст

Моддаи 188. Беэътибории аҳди шахси ҳуқуқӣ, ки бар хилофи мақсадҳои фаъолияташ анҷом додааст

Моддаи 189. Беэътибории аҳде, ки бе розигии шахси сеюм, мақомоти шахси ҳуқуқӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ё мақомоти давлатӣ анҷом дода шудааст

Моддаи 190. Оқибатҳои маҳдуд кардани ваколат барои анҷом додани аҳд

Моддаи 191. Беэътибории аҳд нисбат ба молу мулки ихтиёрдориаш маҳдуд ё манъшуда

Моддаи 192. Беэътибории аҳде, ки ноболиғи аз чордаҳ то ҳаждаҳсола анҷом додааст

Моддаи 193. Беэътибории аҳде, ки шахси воқеии қобилияти амалкуниаш аз ҷониби суд маҳдудгардида анҷом додааст

Моддаи 194. Беэътибории аҳди анҷомдодаи шахси воқеие, ки қобилияти дарки аҳамияти амали худ ё идора кардани онро надошт

Моддаи 195. Беэътибории аҳде, ки дар натиҷаи гумроҳӣ анҷом дода шудааст

Моддаи 196. Беэътибории аҳде, ки бо фиреб, зӯроварӣ, таҳдид, созиши бадқасдонаи намояндаи як тараф бо тарафи дигар ё шароити вазнин анҷом дода шудааст

Моддаи 197. Оқибати беэътибории як қисми аҳд

Моддаи 198. Муҳлати даъво аз рӯйи аҳди беэътибор

## БОБИ 11. НАМОЯНДАГӢ. ВАКОЛАТНОМА

Моддаи 199. Намояндагӣ

Моддаи 200. Бастани аҳд аз ҷониби шахси ваколатдорнагардида

Моддаи 201. Намояндагии тиҷоратӣ

Моддаи 202. Ваколатнома

Моддаи 203. Муҳлати ваколатнома

Моддаи 204. Вогузоштани ваколат

Моддаи 205. Қатъи ваколатнома

Моддаи 206. Ваколатномаи бозхонднашаванда

Моддаи 207. Оқибати қатъи ваколатнома

## ЗЕРФАСЛИ 5. МУҲЛАТ. ҲИСОБ КАРДАНИ МУҲЛАТ. МУҲЛАТИ ДАЪВО

## БОБИ 12. МУАЙЯН ВА ҲИСОБ КАРДАНИ МУҲЛАТ

Моддаи 208. Муайян кардани муҳлат

Моддаи 209. Оғози муҳлати бо давраи вақт муайянгардида

Моддаи 210. Анҷоми муҳлати бо давраи вақт муайянгардида

Моддаи 211. Анҷоми муҳлат дар рӯзи ғайрикорӣ

Моддаи 212. Тартиби анҷом додани амалҳо дар рӯзи охирини муҳлат

## БОБИ 13. ДАВОМИЯТИ МУҲЛАТИ ДАЪВО

Моддаи 213. Мафҳуми муҳлати даъво

Моддаи 214. Муҳлати умумии даъво

Моддаи 215. Муҳлати махсуси даъво

Моддаи 216. Татбиқи муҳлати даъво

Моддаи 217. Баҳисобгирӣ ва оғози ҷараёни муҳлати даъво

Моддаи 218. Муҳлати даъво ҳангоми иваз шудани шахс дар уҳдадорӣ

Моддаи 219. Боздошти ҷараёни давомияти муҳлати даъво

Моддаи 220. Канда шудани ҷараёни давомияти муҳлати даъво

Моддаи 221. Ҷараёни давомияти муҳлати даъво дар ҳолати бе баррасӣ гузоштани даъво

Моддаи 222. Барқарор намудани муҳлати даъво

Моддаи 223. Иҷрои уҳдадорӣ пас аз гузашти муҳлати даъво

Моддаи 224. Талаботе, ки нисбат ба онҳо муҳлати даъво татбиқ намегардад

## ФАСЛИ II. ҲУҚУҚҲОИ ШАХСИИ ҒАЙРИМОЛУМУЛКӢ

## БОБИ 14. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Моддаи 225. Мазмуни ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ

Моддаи 226. Амалисозии ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ

Моддаи 227. Таъмини амалисозии ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ

Моддаи 228. Маҳдуд кардани ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ

Моддаи 229. Ҳимояи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ

Моддаи 230. Манъи паҳн намудани иттилооте, ки ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиро вайрон мекунанд

Моддаи 231. Рад намудани иттилооти беэътимод

## БОБИ 15. ҲУҚУҚҲОИ ШАХСИИ ҒАЙРИМОЛУМУЛКИЕ, КИ МАВҶУДИЯТИ ТАБИИИ ШАХСИ ВОҚЕИРО ДАР МУНОСИБАТҲОИ МАДАНӢ ТАЪМИН МЕКУНАНД

Моддаи 232. Ҳуқуқ ба ҳаёт

Моддаи 233. Ҳуқуқ ба саломатӣ

Моддаи 234. Ҳуқуқ ба рафъ намудани хавфе, ки ба ҳаёт ва саломатӣ таҳдид мекунад

Моддаи 235. Ҳуқуқ ба ёрии тиббӣ

Моддаи 236. Ҳуқуқ ба иттилоот дар бораи вазъи саломатӣ

Моддаи 237. Ҳуқуқ ба озодӣ

Моддаи 238. Ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсият

Моддаи 239. Ҳуқуқ ба донорӣ

Моддаи 240. Ҳуқуқ ба оила

Моддаи 241. Ҳуқуқ ба муҳити зисти барои ҳаёт ва саломатӣ бехатар

## БОБИ 16. ҲУҚУҚҲОИ ШАХСИИ ҒАЙРИМОЛУМУЛКИЕ, КИ МАВҶУДИЯТИ ИҶТИМОИИ ШАХСИ ВОҚЕИРО ДАР МУНОСИБАТҲОИ МАДАНӢ ТАЪМИН МЕКУНАНД

Моддаи 242. Ҳуқуқ ба ном

Моддаи 243. Ҳуқуқ ба эҳтироми шаъну шараф ва эътибори корӣ

Моддаи 244. Эҳтироми шахси вафоткарда

Моддаи 245. Ҳуқуқ ба фардият

Моддаи 246. Ҳуқуқ ба ҳаёти хусусӣ ва сирри он

Моддаи 247. Ҳуқуқ ба иттилоот

Моддаи 248. Ҳуқуқ ба сабти шахсӣ

Моддаи 249. Ҳуқуқ ба маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти дигар

Моддаи 250. Ҳуқуқ ба тасвир

Моддаи 251. Ҳуқуқ ба озодии эҷодиёт

Моддаи 252. Ҳуқуқ ба маҳалли истиқомат ва озодии мусофират

Моддаи 253. Ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил

Моддаи 254. Ҳуқуқ ба интихоби касбу кор

## ФАСЛИ III. ҲУҚУҚИ АШЁ

## БОБИ 17. МАФҲУМ ВА НАМУДҲОИ СОҲИБӢ

Моддаи 255. Мафҳуми соҳибӣ

Моддаи 256. Субъектҳои соҳибӣ

Моддаи 257. Объектҳои соҳибӣ

Моддаи 258. Ба даст овардани соҳибӣ

Моддаи 259. Соҳибӣ дар асоси қонун

Моддаи 260. Соҳибии бовиҷдонона

## БОБИ 18. ҲИМОЯИ СОҲИБӢ

Моддаи 261. Ҳуқуқ ба ҳимояи соҳибӣ

Моддаи 262. Талаби ҳимояи соҳибӣ

Моддаи 263. Тақсими гаронии исбот ҳангоми ҳимояи соҳибӣ

Моддаи 264. Норозигӣ ба талаби ҳимояи соҳибӣ

Моддаи 265. Муҳлати даъво аз рӯйи талаботи ҳимояи соҳибӣ

Моддаи 266. Ҳисоббаробаркунӣ ҳангоми қонеъ намудани талаби ҳимояи соҳибӣ

## БОБИ 19. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ ОИД БА ҲУҚУҚҲОИ АШЁ

Моддаи 267. Мафҳуми ҳуқуқи ашё

Моддаи 268. Объектҳои ҳуқуқҳои ашё

Моддаи 269. Намудҳои ҳуқуқҳои ашё

Моддаи 270. Ба даст овардан ва муқаррар намудани ҳуқуқҳои ашё

Моддаи 271. Амалисозии ҳуқуқҳои ашё

## БОБИ 20. ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ АШЁ

Моддаи 272. Тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои ашё

Моддаи 273. Эътирофи ҳуқуқи ашё

Моддаи 274. Талаб карда гирифтани ашё аз соҳибии ғайриқонунӣ

Моддаи 275. Талаб карда гирифтани ашё аз бадасторандаи бовиҷдон

Моддаи 276. Ҳисоббаробаркунӣ ҳангоми баргардондани ашё аз соҳибии ғайриқонунӣ

Моддаи 277. Бартараф намудани вайронкуниҳои ҳуқуқи ашёе, ки ба маҳрум кардан аз соҳибӣ алоқаманд намебошанд

Моддаи 278. Аз ҳабс озод кардани ашё (аз рӯйхат баровардан)

## БОБИ 21. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ ОИД БА ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТ

Моддаи 279. Мафҳум ва мазмуни ҳуқуқи моликият

Моддаи 280. Гаронии нигоҳдории ашё

Моддаи 281. Таваккали тасодуфан нобуд ё тасодуфан вайрон шудани ашё

Моддаи 282. Субъектҳои ҳуқуқи моликият

Моддаи 283. Шаклҳои моликият

Моддаи 284. Мафҳум ва намудҳои моликияти хусусӣ

Моддаи 285. Ҳуқуқи моликияти давлатӣ

Моддаи 286. Моликияти истисноии давлат

Моддаи 287. Хусусиятҳои ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқҳои ашё ба молу мулки манқул

## БОБИ 22. БА ДАСТ ОВАРДАНИ ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТ

Моддаи 288. Асосҳои ба даст овардани ҳуқуқи моликият

Моддаи 289. Бовиҷдонона ба даст овардан

Моддаи 290. Ҳуқуқи моликият ба молу мулки ғайриманқули аз нав бунёдшаванда

Моддаи 291. Коркард

Моддаи 292. Ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба ашёе, ки ҷамъоварии он дастраси умум мебошад

Моддаи 293. Сохтмони худсарона

Моддаи 294. Лаҳзаи бавуҷудоии ҳуқуқи моликияти бадасторанда тибқи шартнома

Моддаи 295. Додани ашё

Моддаи 296. Ашёи бесоҳиб

Моддаи 297. Ашёи манқуле, ки молик аз онҳо даст кашидааст

Моддаи 298. Бозёфт

Моддаи 299. Ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба бозёфт

Моддаи 300. Пардохти хароҷоти бозёфт ва подоши ёбандаи ашё

Моддаи 301. Ҳайвоноти беназорат

Моддаи 302. Ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба ҳайвоноти беназорат

Моддаи 303. Пардохти хароҷоти нигоҳбонии ҳайвоноти беназорат ва подош барои онҳо

Моддаи 304. Ганҷина

Моддаи 305. Давомнокии муҳлати бадасторӣ

## БОБИ 23. ҚАТЪИ ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТ

Моддаи 306. Асосҳои қатъи ҳуқуқи моликият

Моддаи 307. Даст кашидан аз ҳуқуқи моликият

Моддаи 308. Нигаронидани рӯёниш ба молу мулк вобаста ба уҳдадориҳои молик

Моддаи 309. Қатъи ҳуқуқи моликияти шахс ба ашёе, ки ба он тааллуқ дошта наметавонад

Моддаи 310. Қатъи ҳуқуқи моликият ба ашёи ғайриманқул бинобар гирифтани қитъаи замин ва захираҳои табиии дигар

Моддаи 311. Харидани сарватҳои таърихӣ ё фарҳангии бенизом нигоҳдошташаванда

Моддаи 312. Реквизитсия

Моддаи 313. Мусодира

Моддаи 314. Милликунонӣ

Моддаи 315. Нархгузории молу мулк ҳангоми қатъи ҳуқуқи моликият

## БОБИ 24. МОЛИКИЯТИ УМУМӢ ВА НАМУДҲОИ ОН

Моддаи 316. Мафҳум ва асосҳои пайдоиши моликияти умумӣ

Моддаи 317. Муайян намудани ҳисса дар ҳуқуқи моликияти ҳиссагӣ

Моддаи 318. Соҳибӣ ва истифодаи молу мулке, ки таҳти моликияти ҳиссагӣ қарор дорад

Моддаи 319. Ихтиёрдории молу мулке, ки таҳти моликияти ҳиссагӣ қарор дорад

Моддаи 320. Самара, маҳсулот ва даромади бадастомада аз истифодаи молу мулке, ки таҳти моликияти ҳиссагӣ қарор дорад

Моддаи 321. Хароҷоти нигоҳдории молу мулки таҳти моликияти ҳиссагӣ қарордошта

Моддаи 322. Ҳуқуқи афзалиятноки хариди ҳисса дар ҳуқуқи моликияти умумӣ

Моддаи 323. Лаҳзаи гузаштани ҳисса дар ҳуқуқи моликияти умумӣ ба шахсе, ки онро тибқи шартнома ба даст овардааст

Моддаи 324. Тақсими молу мулке, ки таҳти моликияти ҳиссагӣ қарор дорад ва аз он ҷудо намудани ҳисса

Моддаи 325. Соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории молу мулке, ки таҳти моликияти якҷоя қарор дорад

Моддаи 326. Тақсими молу мулке, ки таҳти моликияти якҷоя қарор дорад ва аз он ҷудо намудани ҳисса

Моддаи 327. Моликияти якҷояи ҳамсарон

Моддаи 328. Моликияти хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)

Моддаи 329. Тақсими молу мулки хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)

Моддаи 330. Ҳуқуқи аъзои хоҷагии деҳқонӣ ба молу мулки умумӣ ҳангоми дар заминаи он ташкил шудани шахси ҳуқуқӣ

Моддаи 331. Нигаронидани рӯёниш ба ҳисса дар молу мулки умумӣ

**БОБИ 25. ҲУҚУҚҲОИ МАҲДУДИ АШЁ**

**§1. Ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ**

Моддаи 332. Ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ

Моддаи 333. Объекти ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ

Моддаи 334. Ба даст овардан ва қатъи ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ

Моддаи 335. Ҳуқуқи молик ба молу мулки таҳти пешбурди хоҷагӣ қарордошта

Моддаи 336. Шартҳои амалисозии ҳуқуқҳои молумулкӣ аз ҷониби корхонаи воҳиди давлатӣ

**§2. Ҳуқуқи идораи оперативӣ**

Моддаи 337. Ҳуқуқи идораи оперативӣ

Моддаи 338. Ихтиёрдории молу мулки корхонаи махсус

Моддаи 339. Ихтиёрдории молу мулки муассиса

Моддаи 340. Ба даст овардани ҳуқуқи идораи оперативӣ ва қатъи он

Моддаи 341. Ҳуқуқи молик ба гирифтан ва азнавтақсимкунии молу мулке, ки ба идораи оперативӣ дода шудааст

Моддаи 342. Нигаронидани рӯёниш ба молу мулке, ки ба идораи оперативӣ дода шудааст

Моддаи 343. Нигоҳ доштани ҳуқуқи идоракунии оперативӣ ба молу мулк ҳангоми ба дигар молик гузаштани корхона ё муассиса

### §3. Сервитути ашёи ғайриманқул

Моддаи 344. Ҳуқуқи маҳдуди истифодаи ашёи ғайриманқули бегона

Моддаи 345. Намудҳои сервитут

Моддаи 346. Сервитути ихтиёрӣ ва маҷбурӣ

Моддаи 347. Ҳуқуқи маҳдуди истифодаи қитъаи замини бегона

Моддаи 348. Нигоҳ доштани сервитут ҳангоми додан ё гузаштани ҳуқуқи моликият ба бино ва иншоот

Моддаи 349. Қатъ шудани сервитут

### §4. Дигар ҳуқуқҳои маҳдуди ашё

Моддаи 350. Ҳуқуқҳои маҳдуди ашё нисбат ба молу мулки дигар

## ФАСЛИ IV. ҲУҚУҚИ УҲДАДОРӢ

## ЗЕРФАСЛИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ ОИД БА УҲДАДОРИҲО

## БОБИ 26. МАФҲУМ, АСОСҲОИ БА ВУҶУД ОМАДАН, ТАРАФҲО ВА НАМУДҲОИ УҲДАДОРӢ

Моддаи 351. Мафҳуми уҳдадорӣ ва асосҳои ба вуҷуд омадани он

Моддаи 352. Тарафҳои уҳдадорӣ

Моддаи 353. Уҳдадории алтернативӣ

Моддаи 354. Уҳдадории фаръӣ

Моддаи 355. Уҳдадории воқеӣ

## БОБИ 27. ИҶРОИ УҲДАДОРӢ

Моддаи 356. Муқаррароти умумӣ оид ба иҷрои уҳдадорӣ

Моддаи 357. Норавоии яктарафа рад кардани иҷрои уҳдадорӣ

Моддаи 358. Иҷрои қисм ба қисми уҳдадорӣ

Моддаи 359. Иҷрои уҳдадорӣ ба шахси матлуб

Моддаи 360. Иҷрои уҳдадорӣ аз ҷониби шахси сеюм

Моддаи 361. Муҳлати иҷрои уҳдадорӣ

Моддаи 362. Талаби иҷрои мунтазам

Моддаи 363. Иҷрои уҳдадорӣ пеш аз муҳлат

Моддаи 364. Иттилоот оид ба чараёни иҷрои уҳдадорӣ

Моддаи 365. Маҳалли иҷрои уҳдадорӣ

Моддаи 366. Иҷрои уҳдадориҳои пулӣ

Моддаи 367. Зиёдшавии маблағе, ки барои таъминоти шахси воқеӣ пардохт карда мешавад

Моддаи 368. Навбати пардохти талаб аз рӯйи уҳдадории пулӣ

Моддаи 369. Иҷрои уҳдадориҳои алтернативӣ ва фаръӣ

Моддаи 370. Иҷрои уҳдадорие, ки дар он якчанд кредитор ё якчанд қарздор иштирок доранд

Моддаи 371. Уҳдадориҳои муштарак

Моддаи 372. Ҳуқуқи кредитор ҳангоми уҳдадории муштарак

Моддаи 373. Норозигӣ муқобили талаби кредитор ҳангоми уҳдадории муштарак

Моддаи 374. Иҷрои уҳдадории муштарак аз ҷониби яке аз қарздорон

Моддаи 375. Талаботи муштарак

Моддаи 376. Иҷрои уҳдадориҳои иловагӣ

Моддаи 377. Тасдиқи иҷрои уҳдадорӣ

Моддаи 378. Иҷрои уҳдадорӣ тавассути ба амонат гузарондани қарз

Моддаи 379. Иҷрои мутақобилаи уҳдадориҳо

**БОБИ 28. ТАЪМИНИ ИҶРОИ УҲДАДОРӢ**

**§1. Муқаррароти умумӣ**

Моддаи 380. Тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ

**§2. Ноустуворона**

Моддаи 381. Мафҳуми ноустуворона

Моддаи 382. Шакли созишнома оид ба ноустуворона

Моддаи 383. Ноустуворона дар асоси қонун

Моддаи 384. Кам кардани ноустуворона

**§3. Гарав**

Моддаи 385. Мафҳум ва асосҳои ба миён омадани гарав

Моддаи 386. Гаравдеҳ

Моддаи 387. Гарави молу мулке, ки барои бегона кардани он розигӣ ё иҷозати шахси дигар ё мақомоти ваколатдор талаб карда мешавад

Моддаи 388. Мавзуи гарав

Моддаи 389. Намудҳои гарав

Моддаи 390. Гарави бе супоридан ва бо супоридани молу мулки ба гарав гузошташуда ба гаравгир

Моддаи 391. Талаботе, ки бо гарав таъмин карда мешавад

Моддаи 392. Суғуртаи молу мулки ба гарав гузошташуда

Моддаи 393. Шартномаи гарав, шакл ва бақайдгирии он

Моддаи 394. Молу мулке, ки ба он ҳуқуқи гаравгир паҳн мегардад

Моддаи 395. Ба вуҷуд омадани ҳуқуқи гарав

Моддаи 396. Гарави минбаъда ва муайян кардани навбати гаравгирон

Моддаи 397. Нигаҳдорӣ ва эмин нигоҳ доштани молу мулки ба гарав гузошташуда

Моддаи 398. Оқибатҳои гум кардан ё осеб дидани молу мулки ба гарав гузошташуда

Моддаи 399. Иваз ва барқарор намудани мавзуи гарав

Моддаи 400. Истифода ва ихтиёрдории мавзуи гарав

Моддаи 401. Аз ҷониби гаравгир ҳимоя намудани ҳуқуқҳои худ ба мавзуи гарав

Моддаи 402. Асосҳои нигаронидани рӯёниш нисбати молу мулки ба гарав гузошташуда

Моддаи 403. Тартиб ва шартҳои нигаронидани рӯёниш нисбати мавзуи ба гарав гузошташуда

Моддаи 404. Фурӯши молу мулки ба гарав гузошташуда

Моддаи 405. Пеш аз муҳлат иҷро намудани уҳдадорие, ки бо гарав таъмин шудааст ва нигаронидани рӯёниш ба молу мулки ба гарав гузошташуда

Моддаи 406. Қатъи гарав

Моддаи 407. Нигоҳ доштани эътибори гарав ҳангоми ба шахси дигар гузаштани ҳуқуқ ба молу мулки ба гарав гузошташуда

Моддаи 408. Оқибати маҷбуран гирифтани молу мулки ба гарав гузошташуда

Моддаи 409. Гузашт кардани ҳуқуқу уҳдадориҳо вобаста ба шартномаи гарав

Моддаи 410. Гузарондани қарз вобаста ба уҳдадории бо гарав таъминшуда

Моддаи 411. Ба гарав гузоштани моли дар муомилотбуда

Моддаи 412. Ба гарав гузоштани мол дар гаравхона

Моддаи 413. Гарави ҳуқуқҳои уҳдадорӣ

Моддаи 414. Хусусиятҳои гарави ҳуқуқ

Моддаи 415. Гарави ҳуқуқҳои молумулкии моликияти зеҳнӣ

**§4. Нигоҳ доштан**

Моддаи 416. Асосҳо барои нигоҳ доштан

Моддаи 417. Қонеъ намудани талабот аз ҳисоби ашёи нигоҳдошташуда

**§5. Замонат**

Моддаи 418. Шартномаи замонат

Моддаи 419. Шакли шартномаи замонат

Моддаи 420. Ҷавобгарии зомин

Моддаи 421. Норозигии зомин ва қарздор

Моддаи 422. Ҳуқуқи зомине, ки ухдадориашро ичро кардааст

Моддаи 423. Огоҳонидани зомин

Моддаи 424. Қатъи замонат

### §6. Кафолат

Моддаи 425. Мафҳуми кафолат

Моддаи 426. Талабот нисбат ба шакли кафолат

Моддаи 427. Мустақилияти кафолат аз уҳдадории асосӣ

Моддаи 428. Бозхонд ва тағйир додани кафолат

Моддаи 429. Додани ҳуқуқ вобаста ба кафолат

Моддаи 430. Эътибор пайдо намудани кафолат

Моддаи 431. Пешниҳоди талабот вобаста ба кафолат

Моддаи 432. Уҳдадории кафил ҳангоми баррасии талаби бенефитсиар

Моддаи 433. Ҷавобгарии бенефитсиар

Моддаи 434. Рад кардани қонеъгардонии талаби бенефитсиар аз ҷониби кафил

Моддаи 435. Ҳадди уҳдадориҳои кафил

Моддаи 436. Қатъи кафолат

Моддаи 437. Ба кафил ҷуброн кардани маблағе, ки вобаста ба кафолат пардохтааст

### §7. Байъона

Моддаи 438. Мафҳуми байъона. Шакли созишнома оид ба байъона

Моддаи 439. Оқибати қатъ гаштан ва иҷро накардани уҳдадории бо байъона таъминшуда

## БОБИ 29. ИВАЗ ШУДАНИ ШАХС ДАР УҲДАДОРӢ

### §1. Гузаштани ҳуқуқи кредитор ба шахси дигар

Моддаи 440. Асос ва тартиби гузаштани ҳуқуқи кредитор ба шахси дигар

Моддаи 441. Ҳуқуқҳое, ки ба шахси дигар гузашта наметавонанд

Моддаи 442. Ҳаҷми ҳуқуқҳои кредитор, ки ба шахси дигар мегузаранд

Моддаи 443. Далелҳои ҳуқуқи кредитори нав

Моддаи 444. Изҳори норозигии қарздор нисбати талаботи кредитори нав

Моддаи 445. Гузаштани ҳуқуқҳои кредитор ба шахси дигар дар асоси қонун

Моддаи 446. Шартҳои гузашт кардани ҳуқуқи талабкунӣ

Моддаи 447. Гузашт кардани ҳуқуқи талабкунӣ аз рӯйи уҳдадорие, ки дар оянда ба вуҷуд меояд

Моддаи 448. Шакли гузашт кардани ҳуқуқи талабкунӣ

Моддаи 449. Ҷавобгарии кредиторе, ки ҳуқуқи талабкуниашро гузашт кардааст

### §2. Гузарондани қарз

Моддаи 450. Шарт ва шакли гузарондани қарз

Моддаи 451. Норозигии қарздори нав ба муқобили талаботи кредитор

## БОБИ 30. ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ВАЙРОН КАРДАНИ УҲДАДОРӢ

Моддаи 452. Мафҳуми вайрон кардани уҳдадорӣ

Моддаи 453. Ҷуброни зиёне, ки дар натиҷаи вайрон кардани уҳдадорӣ расонда шудааст

Моддаи 454. Зиён ва ноустуворона

Моддаи 455. Товони зарари маънавӣ, ки дар натиҷаи вайрон кардани уҳдадорӣ расонда шудааст

Моддаи 456. Ҷавобгарӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳои пулӣ

Моддаи 457. Ҷавобгарӣ ва иҷрои уҳдадорӣ дар шакли асл

Моддаи 458. Иҷрои уҳдадорӣ аз ҳисоби қарздор

Моддаи 459. Оқибати иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба додани ашёи хоса

Моддаи 460. Ҷавобгарии иловагӣ

Моддаи 461. Маҳдуд кардани андозаи ҷавобгарӣ аз рӯйи уҳдадорӣ

Моддаи 462. Асосҳои ҷавобгарӣ барои вайрон кардани уҳдадорӣ

Моддаи 463. Ҷавобгарии қарздор барои кормандони худ

Моддаи 464. Ҷавобгарии қарздор барои амали шахсони сеюм

Моддаи 465. Оқибатҳои вайрон кардани уҳдадорӣ бо гуноҳи кредитор

Моддаи 466. Муҳлатгузаронии қарздор

Моддаи 467. Муҳлатгузаронии кредитор

Моддаи 468. Таваккал дар уҳдадорӣ

## БОБИ 31. ҚАТЪИ УҲДАДОРӢ

Моддаи 469. Асосҳо барои қатъи уҳдадорӣ

Моддаи 470. Қатъи уҳдадорӣ бинобар иҷрои он

Моддаи 471. Ҳаққи дасткашӣ

Моддаи 472. Қатъи уҳдадорӣ бо баҳисобгирӣ

Моддаи 473. Ҳолатҳои номумкин будани баҳисобгирӣ

Моддаи 474. Баҳисобгирӣ ҳангоми гузашт кардани ҳуқуқи талабкунӣ

Моддаи 475. Қатъи уҳдадорӣ ҳангоми дар як шахс зоҳир гардидани қарздор ва кредитор

Моддаи 476. Қатъи уҳдадорӣ бо сабаби нав шудани он

Моддаи 477. Бахшидани қарз

Моддаи 478. Қатъи ухдадорӣ ҳангоми имконнопазирии иҷро

Моддаи 479. Қатъи ухдадорӣ дар асоси санади мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти маҳаллии худидоракунӣ

Моддаи 480. Қатъи ухдадорӣ бинобар вафоти шахси воқеӣ

Моддаи 481. Қатъи ухдадорӣ бинобар барҳам додани шахси ҳуқуқӣ

## ЗЕРФАСЛИ 2. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ ОИД БА ШАРТНОМА

## БОБИ 32. МАФҲУМ ВА ШАРТҲОИ ШАРТНОМА

Моддаи 482. Мафҳуми шартнома

Моддаи 483. Озодии бастани шартнома

Моддаи 484. Шартнома ва қонун

Моддаи 485. Шартномаҳои музднок ва ройгон

Моддаи 486. Нарх дар шартнома

Моддаи 487. Амали шартнома

Моддаи 488. Шартномаи оммавӣ

Моддаи 489. Шартҳои намунавии шартнома

Моддаи 490. Шартномаи ҳамроҳшавӣ

Моддаи 491. Шартномаи муштарӣ

Моддаи 492. Опсион ва шартномаи опсион

Моддаи 493. Шартномаи пешакӣ

Моддаи 494. Шартномаи қолабӣ

Моддаи 495. Шартнома ба манфиати шахси сеюм

Моддаи 496. Тавзеҳи шартнома

Моддаи 497. Беэътибории шартнома

## БОБИ 33. БАСТАНИ ШАРТНОМА

Моддаи 498. Муқаррароти умумӣ оид ба бастани шартнома

Моддаи 499. Лаҳзаи бастани шартнома

Моддаи 500. Шакли шартнома

Моддаи 501. Гуфтушунид оид ба бастани шартнома

Моддаи 502. Оферта

Моддаи 503. Офертаи оммавӣ

Моддаи 504. Аксепт

Моддаи 505. Бозхонди аксепт

Моддаи 506. Бастани шартнома дар асоси офертае, ки барои аксепти он муҳлат муайян шудааст

Моддаи 507. Бастани шартнома дар асоси офертае, ки дар он мухлат барои аксепт муайян нашудааст

Моддаи 508. Аксепте, ки дер гирифта шудааст

Моддаи 509. Аксепт бо шартҳои дигар

Моддаи 510. Маҳалли бастани шартнома

Моддаи 511. Бо тартиби ҳатмӣ бастани шартнома

Моддаи 512. Баҳсҳои пешазшартнома

Моддаи 513. Бастани шартнома бо роҳи гузарондани савдо

Моддаи 514. Ташкил ва тартиби гузарондани савдо

Моддаи 515. Оқибати вайрон кардани қоидаҳои гузарондани савдо

## БОБИ 34. ТАҒЙИР ДОДАН ВА БЕКОР КАРДАНИ ШАРТНОМА

Моддаи 516. Асосҳои тағйир додан ё бекор кардани шартнома

Моддаи 517. Тағйир додан ва бекор кардани шартнома ҳангоми ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтани ҳолат

Моддаи 518. Тартиби тағйир додан ва бекор кардани шартнома

Моддаи 519. Оқибатҳои тағйир додан ё бекор кардани шартнома

Моддаи 520. Дароз кардани мухлати амали шартнома

ҚИСМИ II.

## ФАСЛИ V. НАМУДҲОИ АЛОҲИДАИ УҲДАДОРӢ

## БОБИ 35. ХАРИДУ ФУРӮШ

### §1. Муқаррароти умумии хариду фурӯш

Моддаи 521. Шартномаи хариду фурӯш

Моддаи 522. Шакли шартномаи хариду фурӯш

Моддаи 523. Шартҳои шартнома оид ба мол

Моддаи 524. Уҳдадории фурӯшанда оид ба супоридани мол

Моддаи 525. Мухлати иҷрои уҳдадории супоридани мол

Моддаи 526. Лаҳзаи иҷрои уҳдадории фурӯшанда оид ба супоридани мол

Моддаи 527. Уҳдадории фурӯшанда оид ба нигоҳубини молу мулки фурӯхташуда

Моддаи 528. Гузаштани таваккали тасодуфан нобуд шудани мол

Моддаи 529. Уҳдадории фурӯшанда вобаста ба супоридани моли аз ҳуқуқи шахси сеюм озод

Моддаи 530. Ҷавобгарии фурӯшанда ҳангоми аз харидор гирифтани мол

Моддаи 531. Оқибатҳои аз ҷониби фурӯшанда рад кардани супоридани мол

Моддаи 532. Оқибатҳои иҷро накардани уҳдадории супоридани ашёи мансуб ва ҳуҷҷатҳои марбути мол

Моддаи 533. Теъдоди мол

Моддаи 534. Оқибатҳои вайрон кардани шартҳои шартнома вобаста ба теъдод

Моддаи 535. Гурӯҳи навъҳо (ассортимент)-и мол

Моддаи 536. Оқибатҳои вайрон кардани шартҳои шартнома вобаста ба гурӯҳи навъҳои мол

Моддаи 537. Сифати мол

Моддаи 538. Кафолати сифати мол

Моддаи 539. Тартиби ҳисоб намудани муҳлати кафолат

Моддаи 540. Муҳлати коршоямии мол

Моддаи 541. Ҳисоб кардани муҳлати коршоямии мол

Моддаи 542. Санҷиши сифати мол

Моддаи 543. Оқибатҳои супоридани моли дорои сифати номатлуб

Моддаи 544. Норасоиҳои мол, ки барои онҳо фурӯшанда ҷавобгар аст

Моддаи 545. Муҳлати ошкор намудани норасоиҳои моли супоридашуда

Моддаи 546. Мукаммалии мол

Моддаи 547. Маҷмуа (комплект)-и мол

Моддаи 548. Оқибати супоридани моли номукаммал

Моддаи 549. Зарф ва борпеч

Моддаи 550. Оқибатҳои бе зарф ва (ё) борпеч ё дар зарф ва (ё) борпечи номатлуб супоридани мол

Моддаи 551. Огоҳ намудани фурӯшанда дар хусуси номатлуб иҷро кардани шартномаи хариду фурӯш

Моддаи 552. Уҳдадории харидор оид ба қабули мол

Моддаи 553. Уҳдадории харидор оид ба пардохти нархи мол

Моддаи 554. Пардохт барои мол

Моддаи 555. Пешпардохт барои мол

Моддаи 556. Пардохт барои молҳое, ки ба қарз фурӯхта шудаанд

Моддаи 557. Пардохти давра ба давра барои мол

Моддаи 558. Суғуртаи мол

Моддаи 559. Нигоҳ доштани ҳуқуқи моликияти фурӯшанда

**§2. Хариду фурӯши чакана**

Моддаи 560. Шартномаи хариду фурӯши чакана

Моддаи 561. Офертаи оммавии мол

Моддаи 562. Ба харидор пешниҳод намудани иттилоот оид ба мол

Моддаи 563. Фурӯши мол бо истифодаи воситаҳои худкор

Моддаи 564. Шартнома бо шарти ба харидор расондани мол

Моддаи 565. Шартнома бо шарти аз ҷониби харидор барои муҳлати муайян гирифтани мол

Моддаи 566. Фурӯши мол тибқи намунаҳо

Моддаи 567. Нарх ва пардохти мол

Моддаи 568. Иваз кардани моли дорои сифати матлуб

Моддаи 569. Ҳуқуқҳои харидор дар ҳолатҳои ба ӯ фурӯхтани моли дорои сифати номатлуб

Моддаи 570. Рӯёниши фарқи нарх ҳангоми ивази мол, кам кардани нархи харид ва баргардондани моли дорои сифати номатлуб

Моддаи 571. Ҷавобгарии фурӯшанда ва дар шакли асл иҷро намудани ухдадорӣ

Моддаи 572. Товони зарари маънавӣ ба истеъмолкунанда

### §3. Шартномаи маҳсулотсупорӣ

Моддаи 573. Шартномаи маҳсулотсупорӣ

Моддаи 574. Муҳлати амали шартномаи маҳсулотсупорӣ

Моддаи 575. Бастани шартномаи маҳсулотсупорӣ

Моддаи 576. Давраҳои маҳсулотсупорӣ

Моддаи 577. Тартиби маҳсулотсупорӣ

Моддаи 578. Ҳалли ихтилофи назар ҳангоми бастани шартномаи маҳсулотсупорӣ

Моддаи 579. Молрасонӣ

Моддаи 580. Пурра намудани моли кам супоридашуда

Моддаи 581. Гурӯҳи навъҳои мол ҳангоми пурра намудани моли кам супоридашуда

Моддаи 582. Қабули мол аз ҷониби харидор

Моддаи 583. Нигаҳдории масъулиятноки моле, ки харидор қабул накардааст

Моддаи 584. Интихоби мол

Моддаи 585. Ҳисоббаробаркунӣ барои моли расондашаванда

Моддаи 586. Зарф ва борпеч ҳангоми маҳсулотсупорӣ

Моддаи 587. Оқибатҳои расондани молҳои дорои сифати номатлуб

Моддаи 588. Оқибатҳои фиристодани молҳои номукаммал

Моддаи 589. Ҳуқуқи харидор дар ҳолати кам супоридани мол, иҷро накардани талабот дар бораи рафъи норасоии мол ё дар хусуси мукаммал сохтани мол

Моддаи 590. Ноустуворона барои кам супоридани мол ё гузаронидани мухлати маҳсулотсупорӣ

Моддаи 591. Пӯшондани уҳдадориҳои якхела оид ба якчанд шартномаи маҳсулотсупорӣ

Моддаи 592. Радди яктарафаи иҷрои шартномаи маҳсулотсупорӣ

Моддаи 593. Баҳисобгирии зиён ҳангоми бекор кардани шартнома

## §4. Маҳсулотсупорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ

Моддаи 594. Асосҳои маҳсулотсупорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ

## §5. Таъмини энергия

Моддаи 595. Шартномаи таъмини энергия

Моддаи 596. Бастани шартнома

Моддаи 597. Микдори энергия

Моддаи 598. Оқибатҳои вайрон кардани шартҳои шартнома оид ба микдори энергия

Моддаи 599. Сифати энергия

Моддаи 600. Уҳдадории мизоҷ оид ба таъмин ва истифодаи шабакаҳо, асбоб ва таҷҳизот

Моддаи 601. Пардохти энергия

Моддаи 602. Аз ҷониби мизоҷ ба шахси дигар додани энергия

Моддаи 603. Тағйир додан ва бекор кардани шартномаи таъмини энергия

Моддаи 604. Ҷавобгарӣ аз рӯйи шартномаи таъмини энергия

Моддаи 605. Татбиқи қоидаҳои шартномаи таъмини энергия нисбат ба муносибатҳои дигар оид ба таъминот тавассути шабакаи васлгардида

## §6. Хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул

Моддаи 606. Шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул

Моддаи 607. Шакли шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул

Моддаи 608. Бақайдгирии давлатии гузаштани ҳуқуқи моликият ба молу мулки ғайриманқул

Моддаи 609. Ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ҳангоми фурӯши бино, иншоот ё молу мулки ғайриманқули дигари дар он ҷойгиршуда

Моддаи 610. Муайян намудани мавзуи шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул

Моддаи 611. Нарх дар шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул

Моддаи 612. Супоридани молу мулки ғайриманқул

Моддаи 613. Оқибатҳои супоридани молу мулки ғайриманқули дорои сифати номатлуб

Моддаи 614. Хусусиятҳои фурӯши манзили истиқоматӣ

### §7. Хариду фурӯши корхона

Моддаи 615. Шартномаи хариду фурӯши корхона

Моддаи 616. Шакли шартномаи хариду фурӯши корхона ва бақайдгирии давлатии он

Моддаи 617. Муқаррар намудани таркиб ва баҳодиҳии арзиши корхонаи фурӯхташаванда

Моддаи 618. Ҳуқуқи кредиторҳо ҳангоми фурӯши корхона

Моддаи 619. Супоридани корхона

Моддаи 620. Гузаштани ҳуқуқи моликият ба корхона

Моддаи 621. Оқибатҳои бо камбудиҳо супоридан ва қабул намудани корхона

Моддаи 622. Нисбат ба шартномаи хариду фурӯши корхона татбиқ намудани қоидаҳо оид ба оқибатҳои беэътибор будани аҳд ва оид ба бекор кардан ё тағйир додани шартнома

### §8. Хариди маҳсулоти кишоварзӣ барои коркард ё фурӯш

Моддаи 623. Шартномаи хариди маҳсулоти кишоварзӣ

Моддаи 624. Ухдадории истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ

Моддаи 625. Ухдадории маҳсулоттайёркунанда

Моддаи 626. Ҷавобгарии истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ

## БОБИ 36. МУБОДИЛА

Моддаи 627. Шартномаи мубодила

Моддаи 628. Нарх ва хароҷот вобаста ба шартномаи мубодила

Моддаи 629. Ичрои мутақобилаи ухдадорӣ ҳангоми супоридани мол тибқи шартномаи мубодила

Моддаи 630. Гузаштани ҳуқуқи моликият ба молҳои мубодилашаванда

Моддаи 631. Ҷавобгарии молумулкӣ ҳангоми гирифтани моле, ки тибқи шартномаи мубодила ба даст оварда шудааст

## БОБИ 37. ҲАДИЯ

Моддаи 632 Шартномаи ҳадия

Моддаи 633 Шакли шартномаи ҳадия

Моддаи 634 Аз ҷониби ҳадиягиранда рад кардани қабули ҳадия

Моддаи 635. Рад кардани иҷрои шартномаи ҳадия

Моддаи 636. Ҳолатҳое, ки рад кардани иҷрои шартномаи ҳадия ва бекор намудани ҳадияро манъ мекунанд

Моддаи 637. Манъи ҳадия

Моддаи 638. Маҳдудиятҳо ҳангоми ҳадиядиҳӣ

Моддаи 639. Бекор кардани ҳадия

Моддаи 640. Оқибатҳои расондани зарар дар натиҷаи камбудии ашёи ҳадиякардашуда

Моддаи 641. Ворисии ҳуқуқӣ ҳангоми ваъдаи ҳадия

Моддаи 642. Хайрия

## БОБИ 38. РЕНТА ВА ТАЪМИНОТИ ЯКУМРА БО САРОБОНӢ

### §1. Қоидаҳои умумии рента ва таъминоти якумра бо саробонӣ

Моддаи 643. Шартномаи рента

Моддаи 644. Шакли шартномаи рента

Моддаи 645. Бегонакунии молу мулк барои пардохти рента

Моддаи 646. Гаронии рентавии молу мулки ғайриманқул

Моддаи 647. Таъминоти пардохти рента

Моддаи 648. Ҷавобгарӣ барои гузарондани муҳлати пардохти рента

### §2. Рентаи доимӣ

Моддаи 649. Гирандагони рентаи доимӣ

Моддаи 650. Шакл ва андозаи рентаи доимӣ

Моддаи 651. Муҳлати пардохти рентаи доимӣ

Моддаи 652. Ҳуқуқи пардохткунанда ба харидани рентаи доимӣ

Моддаи 653. Харидани рентаи доимӣ бо талаби гирандаи рента

Моддаи 654. Нархи хариди рентаи доимӣ

Моддаи 655. Таваккали тасодуфан нобуд шудан ё осеб дидани молу мулки барои пардохти рентаи доимӣ супоридашуда

### §3. Рентаи якумра

Моддаи 656. Гирандаи рентаи якумра

Моддаи 657. Андозаи рентаи якумра

Моддаи 658. Муҳлати пардохти рентаи якумра

Моддаи 659. Бекор намудани шартномаи рентаи якумра бо талаби гирандаи рента

Моддаи 660. Таваккали тасодуфан нобуд шудан ё осеб дидани молу мулки барои пардохти рентаи якумра супоридашуда

### §4. Таъминоти якумра бо саробонӣ

Моддаи 661. Шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ

Моддаи 662. Шакли шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ

Моддаи 663. Уҳдадорӣ дар мавриди таъминот бо саробонӣ

Моддаи 664. Иваз намудани таъминоти якумра бо пардохтҳои давравӣ

Моддаи 665. Таваккали тасодуфан нобуд шудан ё осеб дидани молу мулки супоридашуда

Моддаи 666. Радди шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ

Моддаи 667. Бегона кардан ва истифода бурдани молу мулке, ки барои таъминоти якумра супорида шудааст

Моддаи 668. Бекор кардани шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ

Моддаи 669. Қатъи таъминоти якумра бо саробонӣ

Моддаи 670. Оқибати вафоти пардохткунандаи саробонӣ

## БОБИ 39. ИҶОРА

### §1. Муқаррароти умумӣ

Моддаи 671. Шартномаи иҷора

Моддаи 672. Ҳуқуқи моликияти иҷорагир ба самара, маҳсулот ва даромад аз молу мулки иҷорагирифташуда

Моддаи 673. Объектҳои иҷора

Моддаи 674. Иҷорадеҳ

Моддаи 675. Шакли шартномаи иҷора

Моддаи 676. Муҳлати шартномаи иҷора

Моддаи 677. Ба иҷорагир супоридани молу мулк

Моддаи 678. Ҷавобгарии иҷорадеҳ барои камбудиҳои молу мулки ба иҷора супоридашуда

Моддаи 679. Ҳуқуқи шахси сеюм ба молу мулке, ки ба иҷора супорида мешавад

Моддаи 680. Пули иҷора

Моддаи 681. Истифодаи молу мулки ба иҷора гирифташуда

Моддаи 682. Шартномаи иҷораи фаръӣ

Моддаи 683. Уҳдадориҳои иҷорадеҳ дар мавриди нигаҳдории молу мулк

Моддаи 684. Уҳдадориҳои иҷорагир оид ба нигаҳдории молу мулки ба иҷора гирифташуда

Моддаи 685. Нигоҳ доштани эътибори шартномаи иҷора дар сурати тағйир ёфтани тарафҳо

Моддаи 686. Қатъи шартномаи иҷораи фаръӣ ҳангоми пеш аз муҳлат қатъ гардидани шартномаи иҷора

Моддаи 687. Пеш аз муҳлат қатъ намудани шартнома бо талаби иҷорадеҳ

Моддаи 688. Пеш аз муҳлат қатъ намудани шартнома бо талаби иҷорагир

Моддаи 689. Ҳуқуқи афзалиятноки иҷорагир ба бастани шартнома барои муҳлати нав

Моддаи 690. Баргардондани молу мулк ба иҷорадеҳ

Моддаи 691. Беҳтарсозии молу мулки ба иҷора гирифташуда

Моддаи 692. Харида гирифтани молу мулки ба иҷора гирифташуда

Моддаи 693. Хусусиятҳои намудҳои алоҳидаи иҷора ва иҷораи намудҳои алоҳидаи молу мулк

### §2. Киро

Моддаи 694. Шартномаи киро

Моддаи 695. Мӯҳлати шартномаи киро

Моддаи 696. Ба кирогир додани молу мулк

Моддаи 697. Бартараф намудани камбудиҳои молу мулки ба киро додашуда

Моддаи 698. Пули киро

Моддаи 699. Истифодаи молу мулки ба киро додашуда

### §3. Иҷораи воситаҳои нақлиёт

Моддаи 700. Шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бо экипаж

Моддаи 701. Шакли шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бо экипаж

Моддаи 702. Уҳдадории иҷорадеҳ оид ба нигаҳдории воситаи нақлиёт

Моддаи 703. Уҳдадориҳои иҷорадеҳ оид ба идоракунӣ ва истифодабарии техникии воситаи нақлиёт

Моддаи 704. Уҳдадории иҷорагир оид ба пардохти хароҷоте, ки ба истифодабарии тиҷоратии воситаи нақлиёт вобаста мебошад

Моддаи 705. Суғуртаи воситаи нақлиёт

Моддаи 706. Шартномаҳо оид ба истифодаи воситаи нақлиёт бо экипаж аз ҷониби шахсони сеюм

Моддаи 707. Ҷавобгарӣ барои зиёне, ки ба воситаи нақлиёт расонда шудааст

Моддаи 708. Ҷавобгарӣ барои зиёне, ки тавассути воситаи нақлиёт расонда шудааст

Моддаи 709. Хусусиятҳои иҷораи намудҳои алоҳидаи воситаҳои нақлиёт бо экипаж

Моддаи 710. Шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бе экипаж

Моддаи 711. Шакли шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бе экипаж

Моддаи 712. Уҳдадории иҷорагир оид ба нигоҳдории воситаи нақлиёт

Моддаи 713. Уҳдадории иҷорагир оид ба идоракунӣ ва истифодабарии техникии воситаи нақлиёт

Моддаи 714. Уҳдадории иҷорагир оид ба пардохти хароҷоти нигаҳдории воситаи нақлиёт

Моддаи 715. Шартномаҳо оид ба истифодабарии воситаи нақлиёт бе экипаж аз ҷониби шахсони сеюм

Моддаи 716. Хусусиятҳои иҷораи намудҳои алоҳидаи воситаҳои нақлиёт бе экипаж §4. Иҷораи бино ва иншоот

Моддаи 717. Шартномаи иҷораи бино ё иншоот

Моддаи 718. Шакл ва бақайдгирии давлатии шартномаи иҷораи бино ё иншоот

Моддаи 719. Ҳуқуқ ба қитъаи замине, ки бино ё иншооти иҷорагирифта дар он ҷойгир аст

Моддаи 720. Ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ҳангоми ба иҷора супоридани бино ё иншоот

Моддаи 721. Андозаи пули иҷора

Моддаи 722. Супоридани бино ё иншоот

## §5. Иҷораи корхона

Моддаи 723. Шартномаи иҷораи корхона

Моддаи 724. Ҳуқуқи кредитор ҳангоми иҷораи корхона

Моддаи 725. Шакли шартномаи иҷораи корхона ва бақайдгирии давлатии он

Моддаи 726. Супоридани корхонаи ба иҷора гирифташуда

Моддаи 727. Уҳдадориҳои иҷорагир оид ба нигаҳдории корхона ва пардохти хароҷоти истифодабарии он

Моддаи 728. Истифодаи молу мулки корхонаи ба иҷора гирифташуда

Моддаи 729. Аз тарафи иҷорагир беҳтар намудани корхонаи ба иҷора гирифташуда

Моддаи 730. Ба шартномаи иҷораи корхона татбиқ намудани қоидаҳо оид ба оқибатҳои беэътибории аҳд, бекор, қатъ намудан ва тағйирдиҳии шартнома

Моддаи 731. Баргардондани корхонаи ба иҷора гирифташуда

## §6. Иҷораи қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ

Моддаи 732. Шартномаи иҷораи қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ

Моддаи 733. Тарафҳои шартномаи иҷораи қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ

Моддаи 734. Шакли шартномаи иҷораи қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ

Моддаи 735. Муҳлати шартномаи иҷораи қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ

Моддаи 736. Шартномаи иҷораи фаръии қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ

Моддаи 737. Ҳуқуқи ҷуброн намудани арзиши беҳтарсозӣ

Моддаи 738. Ҳуқуқи тамдиди муҳлати шартномаи иҷораи қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ §7. Иҷораи захираҳои табиӣ

Моддаи 739. Шартномаи иҷораи захираҳои табиӣ

Моддаи 740. Объектҳои шартномаи иҷораи захираҳои табиӣ

Моддаи 741. Иҷорадеҳи захираҳои табиӣ

Моддаи 742. Иҷорагири захираҳои табиӣ

Моддаи 743. Шакли шартномаи иҷораи захираҳои табиӣ ва бақайдгирии давлатии он

Моддаи 744. Мухлати шартномаи иҷораи захираҳои табиӣ

Моддаи 745. Ба иҷорагир супоридани захираҳои табиӣ

Моддаи 746. Уҳдадории иҷорагир оид ба ҷуброн намудани зиёне, ки ба объекти иҷораи захираҳои табиӣ расонда шудааст

### §8. Иҷораи молиявӣ (лизинг)

Моддаи 747. Шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг)

Моддаи 748. Шакли шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг)

Моддаи 749. Объекти шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг)

Моддаи 750. Тарафҳои шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг)

Моддаи 751. Иҷораи молиявӣ (лизинг)-и фаръӣ

Моддаи 752. Пардохтҳои иҷораи молиявӣ (лизинг)

Моддаи 753. Намудҳои иҷораи молиявӣ (лизинг)

Моддаи 754. Мухлати амали шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг)

Моддаи 755. Огоҳонидани фурӯшанда дар бораи ба иҷораи молиявӣ (лизинг) супоридани молу мулк

Моддаи 756. Ба лизинггир супоридани объекти иҷораи молиявӣ (лизинг)

Моддаи 757. Ба лизинггир гузаштани таваккали нобудшавии тасодуфӣ ё осеби тасодуфии объекти иҷораи молиявӣ (лизинг)

Моддаи 758. Ҷавобгарии субъектҳои иҷораи молиявӣ (лизинг)

Моддаи 759. Ҷавобгарии фурӯшанда

Моддаи 760. Хусусиятҳои шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг)

### §9. Иҷораи манзили истиқоматӣ

Моддаи 761. Шартномаи иҷораи манзили истиқоматӣ

## БОБИ 40. ШАРТНОМАИ ИСТИФОДАИ РОЙГОН

Моддаи 762. Мафҳуми шартномаи истифодаи ройгон

Моддаи 763. Ройгондиҳанда

Моддаи 764. Барои истифодаи ройгон додани ашё

Моддаи 765. Оқибатҳои барои истифодаи ройгон насупоридани ашё

Моддаи 766. Ҷавобгарӣ барои камбудиҳои ашёе, ки ба истифодаи ройгон дода шудаанд

Моддаи 767. Ҳуқуқи шахсони сеюм ба ашёе, ки барои истифодаи ройгон таҳвил дода мешаванд

Моддаи 768. Уҳдадориҳои ройгонгиранда оид ба нигаҳдории ашё

Моддаи 769. Ҷавобгарии ройгонгиранда

Моддаи 770. Ҷавобгарӣ барои зараре, ки ба шахси сеюм бинобар истифодаи ашё расидааст

Моддаи 771. Ба шахси сеюм супоридани ашёе, ки барои истифодаи ройгон гирифта шудаанд

Моддаи 772. Бо талаби ройгондиҳанда пеш аз мухлат бекор кардани шартнома

Моддаи 773. Бо талаби ройгонгиранда пеш аз мухлат бекор кардани шартномаи истифодаи ройгон

Моддаи 774. Даст кашидан аз шартномаи истифодаи ройгон

Моддаи 775. Тағйир ёфтани тарафҳо дар шартномаи истифодаи ройгон

Моддаи 776. Қатъи шартномаи истифодаи ройгон

## БОБИ 41. ПАЙМОНКОРӢ

### §1. Муқаррароти умумӣ оид ба паймонкорӣ

Моддаи 777. Шартномаи паймонкорӣ

Моддаи 778. Корҳое, ки тибқи шартномаи паймонкорӣ ва аз ҳисоби таъмини паймонкор анҷом дода мешаванд

Моддаи 779. Таваккали тасодуфан нобуд шудан ва осеб дидани мавод

Моддаи 780. Паймонкори асосӣ ва паймонкори фаръӣ

Моддаи 781. Дар иҷрои кор иштирок намудани якчанд шахс

Моддаи 782. Муҳлати корҳои иҷрошуда

Моддаи 783. Нархи корҳо

Моддаи 784. Сарфакории паймонкор

Моддаи 785. Тартиби пардохти корҳо

Моддаи 786. Ҳуқуқи паймонкор барои нигоҳ доштан

Моддаи 787. Иҷрои кор бо истифодаи маводи фармоишгар

Моддаи 788. Ҷавобгарии паймонкор барои нигаҳдории молу мулки фароҳамовардаи фармоишгар

Моддаи 789. Ҳуқуқи фармоишгар ҳангоми иҷрои кор

Моддаи 790. Ҳолатҳое, ки паймонкор уҳдадор аст фавран фармоишгарро огоҳ намояд

Моддаи 791. Аз ҷониби фармоишгар иҷро накардани уҳдадориҳои мутақобила оид ба шартномаи паймонкорӣ

Моддаи 792. Мусоидати фармоишгар

Моддаи 793. Қабули корҳои иҷрошуда аз ҷониби фармоишгар

Моддаи 794. Сифати кор

Моддаи 795. Кафолати сифати кор

Моддаи 796. Тартиби баҳисобгирии муҳлати кафолат

Моддаи 797. Ҷавобгарии паймонкор барои сифати номатлуби кор

Моддаи 798. Муҳлатҳои ошкор намудани сифати номатлуби натиҷаҳои кор

Моддаи 799. Муҳлати даъво оид ба кори дорои сифати номатлуб

Моддаи 800. Уҳдадории паймонкор дар бораи ба фармоишгар супоридани иттилоъ

Моддаи 801. Маҳрамияти иттилои бадастовардаи тарафҳо

Моддаи 802. Ба фармоишгар баргардондани мавод ва таҷҳизот

Моддаи 803. Оқибатҳои қатъи шартномаи паймонкорӣ то қабули натиҷаи кор

## §2. Паймонкории маишӣ

Моддаи 804. Шартномаи паймонкории маишӣ

Моддаи 805. Кафолати ҳуқуқи фармоишгар

Моддаи 806. Шакли шартнома

Моддаи 807. Офертаи оммавии корҳо

Моддаи 808. Ба фармоишгар додани иттилоот оид ба кор

Моддаи 809. Иҷрои кор бо маводи паймонкор

Моддаи 810. Иҷрои кор бо маводи фармоишгар

Моддаи 811. Нарх ва пардохти кор

Моддаи 812. Огоҳонидани фармоишгар дар бораи шартҳои истифодаи кори иҷрошуда

Моддаи 813. Оқибатҳои ошкор намудани камбудиҳои иҷрои кор

Моддаи 814. Оқибатҳои ҳозир нашудани фармоишгар барои гирифтани кор

Моддаи 815. Ҳуқуқи фармоишгар дар ҳолати иҷрои номатлуб ё иҷро накардани кор тибқи шартномаи паймонкории маишӣ

Моддаи 816. Оқибатҳои вафоти яке аз тарафҳо дар шартнома

## §3. Паймонкорӣ дар сохтмон

Моддаи 817. Шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон

Моддаи 818. Тақсими таваккал байни тарафҳо

Моддаи 819. Ҷавобгарӣ барои бехатарии корҳои анҷомдодашаванда

Моддаи 820. Суғуртаи иншооти сохташаванда

Моддаи 821. Ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ

Моддаи 822. Ворид намудани тағйирот ба ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ

Моддаи 823. Таъмини моддии корҳо

Моддаи 824. Пардохти корҳо

Моддаи 825. Пешниҳоди қитъаи замин барои сохтмон

Моддаи 826. Ухдадории иловагии фармоишгар дар шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон

Моддаи 827. Аз ҷониби фармоишгар тибқи шартнома назорат кардан ва санҷидани иҷрои кор

Моддаи 828. Ҳамкории тарафҳо дар шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон

Моддаи 829. Ухдадории паймонкор оид ба ҳифзи муҳити зист ва бехатарии пешбурди корҳои сохтмонӣ

Моддаи 830. Ухдадории тарафҳо ҳангоми муваққатан мавқуф гузоштани сохтмон

Моддаи 831. Супоридан ва қабули кор

Моддаи 832. Ҷавобгарии паймонкор барои сифати кор

Моддаи 833. Кафолати сифат дар шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон

Моддаи 834. Мухлатҳои ошкор намудани сифати номатлуби корҳои сохтмон

Моддаи 835. Бартараф намудани камбудиҳо аз ҳисоби фармоишгар

Моддаи 836. Товони зарари маънавӣ дар шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон

**§4. Паймонкорӣ дар корҳои лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯйӣ**

Моддаи 837. Шартномаи паймонкорӣ дар корҳои лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯйӣ

Моддаи 838. Иттилои заминавӣ барои корҳои лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯйӣ

Моддаи 839. Ухдадориҳои фармоишгар

Моддаи 840. Ухдадориҳои паймонкор

Моддаи 841. Ҷавобгарии паймонкор барои камбудиҳои ҳуҷҷатҳо ва корҳо

**§5. Корҳои паймонкорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ**

Моддаи 842. Шартномаи иҷрои корҳои паймонкорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ

Моддаи 843. Тарафҳои шартномаи иҷрои корҳои паймонкорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ

Моддаи 844. Асосҳо ва тартиби бастани шартномаи иҷрои корҳои паймонкорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ

Моддаи 845. Мазмуни шартномаи иҷрои корҳои паймонкорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ

Моддаи 846. Тағйир додани шартномаи иҷрои корҳои паймонкорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ

Моддаи 847. Танзими махсуси иҷрои корҳои паймонкорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ

## БОБИ 42. КОРҲОИ ИЛМИЮ ТАДҚИҚОТӢ, ТАҶРИБАВИЮ КОНСТРУКТОРӢ ВА ТЕХНОЛОГӢ


Моддаи 848. Шартномаҳо барои корҳои илмию тадқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ

Моддаи 849. Иҷрои кор

Моддаи 850. Супоридан, қабул ва пардохти корҳо

Моддаи 851. Махфӣ (конфиденсиалӣ) будани иттилоъ оид ба шартнома

Моддаи 852. Ҳуқуқи тарафҳо ба натиҷаҳои кор

Моддаи 853. Ухдадории фармоишгар

Моддаи 854. Ухдадории паймонкор (иҷрокунанда)

Моддаи 855. Оқибатҳои имконнопазирии ба даст овардани натиҷаҳо дар шартнома барои корҳои илмию тадқиқотӣ

Моддаи 856. Оқибати имконнопазирии ба даст овардани натиҷаҳо дар шартнома барои корҳои таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ

Моддаи 857. Ҷавобгарии паймонкор (иҷрокунанда) барои вайрон кардани шартнома

Моддаи 858. Танзими ҳуқуқии шартномаҳо барои корҳои иҷрошудаи илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ


## БОБИ 43. ХИЗМАТРАСОНИИ МУЗДНОК


Моддаи 859. Шартномаи хизматрасонии музднок

Моддаи 860. Мавзуи шартномаи хизматрасонии музднок

Моддаи 861. Иҷрои шартномаи хизматрасонии музднок

Моддаи 862. Пардохти арзиши хизматрасонӣ ва ҷуброни зиёни расондашуда

Моддаи 863. Яктарафа даст кашидан аз иҷрои шартномаи хизматрасонии музднок

Моддаи 864. Қоидаҳои иловагии шартномаи хизматрасонии музднок


## БОБИ 44. ҲАМЛУ НАҚЛ


Моддаи 865. Муқаррароти умумӣ дар бораи ҳамлу нақл

Моддаи 866. Шартномаи ҳамлу нақли бор

Моддаи 867. Шартномаи мусофиркашонӣ

Моддаи 868. Шартномаи чартер

Моддаи 869. Ҳамлу нақли мустақими омехта

Моддаи 870. Ҳамлу нақл тавассути нақлиёти истифодаи умум

Моддаи 871. Пардохти ҳамлу нақл

Моддаи 872. Пешниҳоди воситаҳои нақлиёт, бор кардан ва борфарорӣ

Моддаи 873. Мухлати расондани бор, мусофир ва бағоҷ

Моддаи 874. Ҷавобгарӣ аз рӯйи уҳдадориҳое, ки аз ҳамлу нақл бармеоянд

Моддаи 875. Ҷавобгарии боркашон барои пешниҳод накардани воситаҳои нақлиёт ва борфиристанда барои истифода набурдани воситаҳои нақлиёти пешниҳодшуда

Моддаи 876. Ҷавобгарии интиқолдиҳанда барои ба таъхир андохтани мусофиркашонӣ

Моддаи 877. Ҷавобгарии боркашон барои гум кардан, камомад ва осеб дидани бор ё бағоҷ

Моддаи 878. Шартномаҳо оид ба ташкили ҳамлу нақл

Моддаи 879. Шартномаҳо байни ташкилотҳои нақлиётӣ

Моддаи 880. Иддао ва даъво оид ба боркашонӣ

Моддаи 881. Ҷавобгарии интиқолдиҳанда барои боиси марг шудани мусофир ё осеб дидани саломатии ӯ

## БОБИ 45. ЭКСПЕДИТСИЯИ НАҚЛИЁТӢ

Моддаи 882. Шартномаи экспедитсияи нақлиётӣ

Моддаи 883. Шакли шартномаи экспедитсияи нақлиётӣ

Моддаи 884. Ҷавобгарии экспедитор оид ба шартномаи экспедитсияи нақлиётӣ

Моддаи 885. Ҳуҷҷатҳо ва иттилое, ки ба экспедитор пешниҳод карда мешаванд

Моддаи 886. Иҷрои уҳдадории экспедитор аз ҷониби шахси сеюм

Моддаи 887. Рад кардани иҷрои шартномаи экспедитсияи нақлиётӣ

## БОБИ 46. ҚАРЗ ВА КРЕДИТ

### §1. Қарз

Моддаи 888. Шартномаи қарз

Моддаи 889. Шакли шартномаи қарз

Моддаи 890. Фоизҳо тибқи шартномаи қарз

Моддаи 891. Уҳдадории қарзгир оид ба баргардондани маблағи қарз

Моддаи 892. Оқибатҳои аз ҷониби қарзгир вайрон намудани шартномаи қарз

Моддаи 893. Баҳс вобаста ба мавзуи шартномаи қарз

Моддаи 894. Оқибатҳои аз даст додани таъмини иҷрои уҳдадориҳои қарзгир

Моддаи 895. Вексел

Моддаи 896. Вомбарг

Моддаи 897. Қарзи мақсаднок

Моддаи 898. Шартномаи қарзи давлатӣ

Моддаи 899. Нав шудани қарз дар уҳдадории қарз

### §2. Кредит

Моддаи 900. Шартномаи кредит

Моддаи 901. Шакли шартномаи кредит

Моддаи 902. Радд кардани додан ё гирифтани кредит

Моддаи 903. Талаби кредитор оид ба пеш аз муҳлат баргардондани кредит

### §3. Кредити молӣ ва тиҷоратӣ

Моддаи 904. Кредити молӣ

Моддаи 905. Кредити тиҷоратӣ

## БОБИ 47. ФАКТОРИНГ

Моддаи 906. Шартномаи факторинг

Моддаи 907. Агенти молиявӣ (фактор)

Моддаи 908. Талаботи пулие, ки мавзуи гузашт мебошад

Моддаи 909. Ҷавобгарии муштарӣ дар назди агенти молиявӣ (фактор)

Моддаи 910. Беэътибории манъи гузашт намудани талаботи пулӣ

Моддаи 911. Гузаштани минбаъдаи талаботи пулӣ

Моддаи 912. Аз ҷониби қарздор ба агенти молиявӣ (фактор) иҷро намудани талаботи пулӣ

Моддаи 913. Ҳуқуқи агенти молиявӣ (фактор) ба маблағҳое, ки аз қарздор гирифта шудаанд

Моддаи 914. Талаботи мутақобилаи қарздор

Моддаи 915. Ба қарздор баргардондани маблағе, ки агенти молиявӣ (фактор) гирифтааст

## БОБИ 48. ПАСАНДОЗИ БОНКӢ

Моддаи 916. Шартномаи пасандози бонкӣ

Моддаи 917. Ҳуқуқи ба пасандозҳо ҷалб намудани маблағҳои пулӣ

Моддаи 918. Шакли шартномаи пасандози бонкӣ

Моддаи 919. Намудҳои пасандозҳо

Моддаи 920. Фоизҳо ба пасандоз

Моддаи 921. Тартиби ҳисоб кардан ва пардохти фоизҳо ба пасандоз

Моддаи 922. Таъмини баргардондани пасандоз

Моддаи 923. Аз ҷониби шахси сеюм ба суратҳисоби пасандозгузор гузарондани маблағҳои пулӣ

Моддаи 924. Пасандозҳо ба манфиати шахси сеюм

Моддаи 925. Дафтарчаи амонат

Моддаи 926. Сертификати бонкӣ

Моддаи 927. Хусусиятҳои пасандози бонкии металлҳои қиматбаҳо

Моддаи 928. Ҷавобгарӣ барои иҷро накардани талаботи баргардондани пасандоз

## БОБИ 49. СУРАТҲИСОБИ БОНКӢ

### §1. Қоидаҳои умумӣ дар бораи суратҳисоби бонкӣ

Моддаи 929. Шартномаи суратҳисоби бонкӣ

Моддаи 930. Аз ҷониби бонк истифода бурдани маблағҳои соҳиби суратҳисоб

Моддаи 931. Аз ҷониби соҳиби суратҳисоб ихтиёрдорӣ намудани маблағҳои пулӣ

Моддаи 932. Шакли шартномаи суратҳисоби бонкӣ

Моддаи 933. Бастани шартномаи суратҳисоби бонкӣ

Моддаи 934. Тасдиқи ҳуқуқи ихтиёрдории маблағҳои пулие, ки дар суратҳисоб мавҷуданд

Моддаи 935. Амалиёте, ки бонк вобаста ба суратҳисоб анҷом медиҳад

Моддаи 936. Муҳлатҳои амалиёт аз рӯйи суратҳисоб

Моддаи 937. Кредитонии суратҳисоб

Моддаи 938. Пардохти хароҷоти бонк барои анҷом додани амалиёти вобаста ба суратҳисоб

Моддаи 939. Фоизҳо барои аз ҷониби бонк истифода бурдани маблағҳои пулии суратҳисоб

Моддаи 940. Баҳисобгирии талаботи мутақобилаи бонк ва соҳиби суратҳисоб

Моддаи 941. Асосҳои аз ҳисоб баровардани маблағҳои пулӣ аз суратҳисоб

Моддаи 942. Навбати аз ҳисоб баровардани маблағҳои пулии суратҳисоб

Моддаи 943. Суратҳисоби бонкӣ

Моддаи 944. Хусусиятҳои суратҳисоби бонкии металлҳои қиматбаҳо

Моддаи 945. Ҷавобгарӣ барои сари вақт анҷом надодани амалиёт оид ба суратҳисоб ва беасос аз ҳисоб баровардани маблағҳои пулӣ

Моддаи 946. Маҳрамияти суратҳисобҳои бонкӣ

Моддаи 947. Ҳабси маблағҳои суратҳисоб

Моддаи 948. Нигаронидани рӯёниш ба маблағҳои суратҳисоб

Моддаи 949. Бастани суратҳисоби бонкӣ

### §2. Суратҳисоби бонкии номиналӣ

Моддаи 950. Суратҳисоби бонкии номиналӣ

Моддаи 951. Бастани шартномаи суратҳисоби бонкии номиналӣ

Моддаи 952. Амалиётҳо тибқи суратҳисоби бонкии номиналӣ

### §3. Суратҳисоби бонкии эскроу

Моддаи 953. Шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу

Моддаи 954. Маҳдудиятҳои ихтиёрдории маблағҳои пулӣ ва истифодаи суратҳисоби бонкии эскроу

Моддаи 955. Бастани суратҳисоби бонкии эскроу

### §4. Суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ

Моддаи 956. Шартномаи суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ

Моддаи 957. Амалиётҳои бонкӣ тибқи суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ

Моддаи 958. Фоизи аз ҷониби бонк истифода намудани маблағҳои пулии дар суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ мавҷуда

Моддаи 959. Ихтиёрдорӣ намудани маблағҳои пулие, ки дар суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ ҷойгир шудаанд

Моддаи 960. Иваз намудани соҳиби суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ ва қатъи шартнома

## БОБИ 50. ҲИСОББАРОБАРКУНӢ

### §1. Муқаррароти умумӣ дар бораи ҳисоббаробаркуниҳо

Моддаи 961. Ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ

Моддаи 962. Шаклҳои ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ

### §2. Ҳисоббаробаркуниҳо бо супоришномаҳои пардохтӣ

Моддаи 963. Муқаррароти умумии ҳисоббаробаркуниҳо бо супоришномаҳои пардохтӣ

Моддаи 964. Шарти қабули супоришномаи пардохтӣ аз ҷониби бонк

Моддаи 965. Иҷрои супоришномаи пардохтӣ

Моддаи 966. Хусусиятҳои ҳисоббаробаркуниҳо бе кушодани суратҳисоби бонкӣ

Моддаи 967. Ҷавобгарӣ барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби супоришномаи пардохтӣ

### §3. Ҳисоббаробаркунӣ тибқи аккредитив

Моддаи 968. Муқаррароти умумӣ оид ба ҳисоббаробаркунӣ тибқи аккредитив

Моддаи 969. Аккредитиви бозхостшаванда

Моддаи 970. Аккредитиви бозхостнашаванда

Моддаи 971. Аккредитиви тасдиқшуда

Моддаи 972. Аккредитиви гузаранда

Моддаи 973. Иҷрои аккредитив

Моддаи 974. Радди қабули ҳуҷҷатҳо

Моддаи 975. Ҷавобгарии бонки иҷрокунанда

Моддаи 976. Бастани аккредитив

### §4. Ҳисоббаробаркунӣ тибқи инкассо

Моддаи 977. Муқаррароти асосии ҳисоббаробаркунӣ тибқи инкассо
Моддаи 978. Ичрои супоришномаи инкассо
Моддаи 979. Огоҳинома дар хусуси радди пардохт
### §5. Ҳисоббаробаркунӣ бо чек
Моддаи 980. Муқаррароти умумии ҳисоббаробаркунӣ бо чек
Моддаи 981. Унсурҳои чек
Моддаи 982. Пардохти чек
Моддаи 983. Додани ҳуқуқ оид ба чек
Моддаи 984. Кафолати пардохт
Моддаи 985. Инкассокунонии чек
Моддаи 986. Ухдадории пардохткунанда
Моддаи 987. Тасдиқи радди пардохти чек
Моддаи 988. Огоҳинома аз напардохтани чек
Моддаи 989. Оқибати напардохтани чек
## БОБИ 51. НИГАҲДОРӢ
### §1. Муқаррароти умумӣ оид ба нигаҳдорӣ
Моддаи 990. Шартномаи нигаҳдорӣ
Моддаи 991. Шартномаи қабул кардани ашё барои нигаҳдорӣ
Моддаи 992. Шакли шартномаи нигаҳдорӣ
Моддаи 993. Ухдадории қабули ашё барои нигаҳдорӣ
Моддаи 994. Мухлати нигаҳдорӣ
Моддаи 995. Нигаҳдории ашё бе зикри мушаххасот
Моддаи 996. Ухдадории нигаҳдоранда оид ба эмин нигоҳ доштани ашё
Моддаи 997. Истифодаи ашёи барои нигаҳдорӣ супоридашуда
Моддаи 998. Тағйир додани шароити нигаҳдорӣ
Моддаи 999. Барои нигаҳдорӣ ба шахси сеюм супоридани ашё
Моддаи 1000. Подош барои нигаҳдорӣ
Моддаи 1001. Нигаҳдории ашёи дорои хусусияти хатарнок
Моддаи 1002. Ҷуброни хароҷоти нигаҳдорӣ
Моддаи 1003. Пас гирифтани ашё аз ҷониби молсупор
Моддаи 1004. Хароҷоти фавқулода барои нигаҳдорӣ
Моддаи 1005. Ухдадории нигаҳдоранда барои баргардондани ашё
Моддаи 1006. Ҷавобгарии нигаҳдоранда барои гум кардан, камомад ё осеб дидани ашё
Моддаи 1007. Андозаи ҷавобгарии нигаҳдоранда
Моддаи 1008. Ҷуброни зиёне, ки ба нигаҳдоранда расонда шудааст

Моддаи 1009. Қатъи уҳдадории нигаҳдорӣ тибқи талаби молсупор

Моддаи 1010. Татбиқи муқаррароти умумии нигаҳдорӣ вобаста ба намудҳои алоҳидаи он

Моддаи 1011. Нигаҳдорӣ тибқи қонун

**§2. Намудҳои алоҳидаи нигаҳдорӣ**

Моддаи 1012. Нигаҳдорӣ дар гаравхона

Моддаи 1013. Ашёи аз гаравхона талабкарданашуда

Моддаи 1014. Нигаҳдории сарватҳо дар бонк

Моддаи 1015. Дар бағоҷхонаи нигаҳдории ташкилотҳои нақлиётӣ нигоҳ доштани ашё

Моддаи 1016. Нигаҳдорӣ дар либосхонаи ташкилотҳо

Моддаи 1017. Нигаҳдорӣ дар меҳмонхона

Моддаи 1018. Нигаҳдории ашёе, ки мавзуи баҳс мебошад

**§3. Нигаҳдорӣ дар анбори мол**

Моддаи 1019. Анбори мол

Моддаи 1020. Шартномаи нигаҳдорӣ дар анбор

Моддаи 1021. Нигаҳдории мол бо ҳуқуқи ихтиёрдории он

Моддаи 1022. Уҳдадории анбори мол

Моддаи 1023. Талаботи молсупор ба анбори мол

Моддаи 1024. Аз ҷониби анбори мол рад кардани шартномаи нигаҳдорӣ

Моддаи 1025. Ҳуҷҷатҳои анбор

Моддаи 1026. Шаҳодатномаи дугонаи анбор

Моддаи 1027. Ҳуқуқи дорандаи шаҳодатномаҳои анбор ва гарав ба мол

Моддаи 1028. Додани шаҳодатномаҳои анбор ва гарав

Моддаи 1029. Додани мол тибқи шаҳодатномаи дугонаи анбор

Моддаи 1030. Шаҳодатномаи одии анбор

**БОБИ 52. ЭСКРОУ**

Моддаи 1031. Шартномаи эскроу

Моддаи 1032. Объектҳои эскроу

Моддаи 1033. Подош ба агент

Моддаи 1034. Санҷиши асосҳои ба бенефитсиар супоридани молу мулк

Моддаи 1035. Ҷудо намудани молу мулки ба амонат гузошташуда

Моддаи 1036. Хусусиятҳои ба амонат гузоштани ашё

Моддаи 1037. Хусусиятҳои ба амонат гузоштани коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат ва маблағҳои пулии нақд

Моддаи 1038. Хусусиятҳои нигаронидани рӯёниш ба молу мулк тибқи талабот ба тарафҳои шартномаи эскроу

Моддаи 1039. Қатъ шудани шартномаи эскроу

## БОБИ 53. СУҒУРТА

Моддаи 1040. Суғуртаи ихтиёрӣ ва ҳатмӣ

Моддаи 1041. Манфиатҳое, ки суғуртаи онҳо иҷозат дода намешавад

Моддаи 1042. Шартномаи суғуртаи молу мулк

Моддаи 1043. Суғуртаи молу мулк

Моддаи 1044. Суғуртаи ҷавобгарӣ барои расондани зарар

Моддаи 1045. Суғуртаи ҷавобгарӣ оид ба шартнома

Моддаи 1046. Суғуртаи таваккали соҳибкорӣ

Моддаи 1047. Шартномаи суғуртаи шахсӣ

Моддаи 1048. Суғуртаи ҳатмӣ

Моддаи 1049. Амалисозии суғуртаи ҳатмӣ

Моддаи 1050. Оқибатҳои вайрон кардани қоидаҳои суғуртаи ҳатмӣ

Моддаи 1051. Суғуртакунанда

Моддаи 1052. Иҷрои уҳдадориҳо аз рӯйи шартнома аз ҷониби суғурташаванда ва бадастоварандаи фоида

Моддаи 1053. Шакли шартномаи суғурта

Моддаи 1054. Суғурта тибқи полиси генералӣ

Моддаи 1055. Шартҳои муҳимми шартномаи суғурта

Моддаи 1056. Муайян кардани шартҳои шартномаи суғурта дар қоидаҳои суғурта

Моддаи 1057. Маълумоте, ки суғурташаванда ҳангоми бастани шартнома пешниҳод мекунад

Моддаи 1058. Ҳуқуқи суғуртакунанда барои арзёбии таваккали суғурта

Моддаи 1059. Сирри суғурта

Моддаи 1060. Маблағи суғурта

Моддаи 1061. Мавриди баҳс қарор додани арзиши суғуртавии молу мулк

Моддаи 1062. Суғуртаи иловагии молу мулк

Моддаи 1063. Оқибатҳои суғуртаи аз арзиши суғурта бештар

Моддаи 1064. Суғуртаи бисёркарата

Моддаи 1065. Суғуртаи муштарак

Моддаи 1066. Мукофоти суғуртавӣ ва ҳаққи суғуртавӣ

Моддаи 1067. Беэътибории шартномаи суғурта

Моддаи 1068. Иваз намудани шахси суғурташуда

Моддаи 1069. Иваз намудани бадастоварандаи фоида

Моддаи 1070. Оғози амали шартномаи суғурта

Моддаи 1071. Пеш аз мухлат қатъ гардидани шартномаи суғурта

Моддаи 1072. Оқибатҳои зиёд шудани таваккали суғурта дар давраи амали шартномаи суғурта

Моддаи 1073. Ба шахси дигар гузаштани ҳуқуқ ба молу мулки суғурташуда

Моддаи 1074. Огоҳ намудани суғуртакунанда аз фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ

Моддаи 1075. Кам кардани зиён аз ҳодисаи суғуртавӣ

Моддаи 1076. Оқибатҳои фаро расидани ҳодисаи суғуртавӣ бо гуноҳи суғурташаванда, бадастоварандаи фоида ё шахси суғурташуда

Моддаи 1077. Асосҳо барои аз пардохти ҷуброни суғурта ва маблағи суғурта озод кардани суғуртакунанда

Моддаи 1078. Радди пардохти ҷуброни суғурта ё маблағи суғурта

Моддаи 1079. Пардохти маблағи суғурта мувофиқи шартномаи суғуртаи шахсӣ

Моддаи 1080. Ба суғуртакунанда гузаштани ҳуқуқи суғурташаванда барои ҷуброни хисорот (суброгатсия)

Моддаи 1081. Азнавсуғуртакунӣ

Моддаи 1082. Суғуртаи мутақобила

Моддаи 1083. Суғуртаи ҳатмии давлатӣ

Моддаи 1084. Татбиқи қоидаҳои умумии суғурта нисбат ба намудҳои махсуси суғурта

## БОБИ 54. СУПОРИШ

Моддаи 1085. Шартномаи супориш

Моддаи 1086. Подош дар шартномаи супориш

Моддаи 1087. Иҷрои супориш мутобиқи дастурҳои ваколатдиҳанда

Моддаи 1088. Уҳдадориҳои вакил

Моддаи 1089. Уҳдадориҳои ваколатдиҳанда

Моддаи 1090. Вогузоштани ваколат

Моддаи 1091. Қатъи шартномаи супориш

Моддаи 1092. Оқибатҳои қатъи шартномаи супориш

Моддаи 1093. Ворисии ҳуқуқӣ дар шартномаи супориш

## БОБИ 55. КОМИССИЯ

Моддаи 1094. Шартномаи комиссия

Моддаи 1095. Подоши комиссионӣ

Моддаи 1096. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои комиссионер вобаста ба аҳд бо шахси сеюм

Моддаи 1097. Иҷрои супориши комиссионӣ

Моддаи 1098. Комиссияи фаръӣ

Моддаи 1099. Нархи молу мулке, ки комиссионер мефурӯшад

Моддаи 1100. Сарфи назар кардан аз супориши комитент

Моддаи 1101. Ҳуқуқ ба молу мулке, ки мавзуи комиссия мебошад

Моддаи 1102. Аз ҷониби комиссионер нигоҳ доштани маблағҳои ба комитент тааллуқдошта

Моддаи 1103. Ҷавобгарии комиссионер барои гум кардан, камомад ё осеб дидани молу мулки комитент

Моддаи 1104. Ҳисоботи комиссионер

Моддаи 1105. Қабули иҷро аз ҷониби комитент

Моддаи 1106. Ҷуброни хароҷот вобаста ба иҷрои супориши комиссионӣ

Моддаи 1107. Бекор кардани супориш аз ҷониби комитент

Моддаи 1108. Радд кардани иҷрои супориш аз ҷониби комиссионер

Моддаи 1109. Қатъи шартномаи комиссия

## БОБИ 56. ШАРТНОМАИ АГЕНТӢ

Моддаи 1110. Шартномаи агентӣ

Моддаи 1111. Подоши агентӣ

Моддаи 1112. Бо шартномаи агентӣ маҳдуд намудани ҳуқуқҳои принсипал ва агент

Моддаи 1113. Ҳисоботи агент

Моддаи 1114. Шартномаи агентии фаръӣ

Моддаи 1115. Қатъ гардидани шартномаи агентӣ

Моддаи 1116. Нисбат ба муносибатҳои агентӣ татбиқ шудани қоидаҳои шартномаҳои супориш ва комиссия

## БОБИ 57. ИДОРАИ БА БОВАРӢ АСОСЁФТАИ МОЛУ МУЛК

Моддаи 1117. Шартномаи идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк

Моддаи 1118. Объекти идораи ба боварӣ асосёфта

Моддаи 1119. Асосҳои ба вуҷуд омадан (таъсис)-и идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк

Моддаи 1120. Субъектҳои идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк

Моддаи 1121. Шартҳои муҳимми шартномаи идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк

Моддаи 1122. Шакли шартномаи идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк

Моддаи 1123. Ҷудо кардани молу мулке, ки тахти идораи ба боварӣ асосёфта қарор дорад

Моддаи 1124. Идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулке, ки гаронии ҳуқуқи шахсони сеюмро дорад

Моддаи 1125. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои идоракунандаи ваколатдор

Моддаи 1126. Додани идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк

Моддаи 1127. Ҷавобгарии идоракунандаи ваколатдор

Моддаи 1128. Подош ба идоракунандаи ваколатдор

Моддаи 1129. Қатъи шартномаи идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк

Моддаи 1130. Ба идораи ба боварӣ асосёфта додани коғазҳои қиматнок

Моддаи 1131. Идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк тибқи асосҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ

## БОБИ 58. КОНСЕССИЯИ ТИҶОРАТӢ

Моддаи 1132. Шартномаи консессияи тиҷоратӣ

Моддаи 1133. Шакли шартномаи консессияи тиҷоратӣ ва бақайдгирии он

Моддаи 1134. Консессияи тиҷоратии фаръӣ

Моддаи 1135. Подош тибқи шартномаи консессияи тиҷоратӣ

Моддаи 1136. Уҳдадориҳои ҳуқуқдор

Моддаи 1137. Уҳдадориҳои истифодабаранда

Моддаи 1138. Маҳдуд намудани ҳуқуқҳои тарафҳо тибқи шартномаи консессияи тиҷоратӣ

Моддаи 1139. Ҷавобгарии ҳуқуқдор вобаста ба талаботи ба истифодабаранда пешниҳодшуда

Моддаи 1140. Ҳуқуқи афзалиятноки истифодабаранда оид ба бастани шартномаи консессияи тиҷоратӣ ба муҳлати нав

Моддаи 1141. Тағйир додани шартномаи консессияи тиҷоратӣ

Моддаи 1142. Қатъи шартномаи консессияи тиҷоратӣ

Моддаи 1143. Боэътибории шартномаи консессияи тиҷоратӣ ҳангоми тағйир ёфтани тарафҳо

Моддаи 1144. Оқибатҳои тағйирёбии аломати тиҷоратӣ

Моддаи 1145. Оқибатҳои қатъи ҳуқуқи истисноӣ, ки истифодаи он тибқи шартномаи консессияи тиҷоратӣ дода шудааст

## БОБИ 59. ФАЪОЛИЯТИ ЯКҶОЯ (ШИРКАТИ ОДӢ)

Моддаи 1146. Шартномаи фаъолияти якҷоя

Моддаи 1147. Ҳиссаи шарикон

Моддаи 1148. Молу мулки умумии шарикон

Моддаи 1149. Пешбурди корҳои умумии шарикон

Моддаи 1150. Ҳуқуқи шарик ба иттилоот оид ба фаъолияти якҷоя

Моддаи 1151. Хароҷоти умумӣ, зиён ва ҷавобгарии шарикон

Моддаи 1152. Тақсими фоидаи дар натиҷаи фаъолияти якҷоя бадастомада

Моддаи 1153. Ҷудо кардани ҳиссаи шарик бо талаби кредитори он

Моддаи 1154. Қатъи шартномаи фаъолияти якҷоя

Моддаи 1155. Рад кардани шартномаи бемуҳлати фаъолияти якҷоя

Моддаи 1156. Бекор кардани шартномаи фаъолияти якҷоя бо талаби тарафҳо

Моддаи 1157. Ҷавобгарии шарик, ки аз шартнома даст кашидааст ё бекор кардани онро талаб кардааст

## БОБИ 60. СОХТМОНИ ҲИССАГИИ БИНОИ ИСТИҚОМАТӢ

Моддаи 1158. Шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ

Моддаи 1159. Шакли шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ

Моддаи 1160. Тарафҳои шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ

Моддаи 1161. Муҳлати супоридани объекти сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ

Моддаи 1162. Бартараф намудани монеаҳо ҳангоми сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ

Моддаи 1163. Суғуртаи ҷавобгарии маданию ҳуқуқии ширкати сохтмонӣ

Моддаи 1164. Кафолати сифат дар шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ

Моддаи 1165. Тағйир додан ва бекор кардани шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ

## БОБИ 61. КОНСЕССИЯ

Моддаи 1166. Шартномаи консессионӣ

Моддаи 1167. Объектҳои шартномаи консессионӣ

Моддаи 1168. Тарафҳои шартномаи консессионӣ

Моддаи 1169. Тартиби ба консессия супоридани объектҳо

Моддаи 1170. Шартҳои муҳимми шартномаи консессионӣ

Моддаи 1171. Ҳуқуқу уҳдадориҳои консессиядор ва конседент

Моддаи 1172. Қатъ ва бекор кардани шартномаи консессионӣ

Моддаи 1173. Ҷавобгарии тарафҳои шартномаи консессионӣ

## БОБИ 62. АМАЛҲО БА МАНФИАТИ ҒАЙР БЕ СУПОРИШ

Моддаи 1174. Амалҳо ба манфиати ғайр бе супориш

Моддаи 1175. Бастани аҳд ба манфиати ғайр

Моддаи 1176. Уҳдадории шахсе, ки ба манфиаташ бе супориш амал анҷом дода шудааст

Моддаи 1177. Ҷуброни зараре, ки вобаста ба амал ба манфиати ғайр расонда шудааст

Моддаи 1178. Ҷуброни хароҷоти вобаста ба пешгирии зиён ба молу мулки шахсони дигар

Моддаи 1179. Ҳисоботи шахсе, ки ба манфиати ғайр амал кардааст БОБИ 63. ЭЪЛОНИ ОММАВИИ МУКОФОТ

Моддаи 1180. Ухдадории пардохти мукофот

Моддаи 1181. Бекор кардани эълони оммавии мукофот

## БОБИ 64. ОЗМУНИ ОММАВӢ

Моддаи 1182. Ташкили озмуни оммавӣ

Моддаи 1183. Тағйир додани шарт ва бекор кардани озмуни оммавӣ

Моддаи 1184. Қарор дар бораи пардохти мукофот

Моддаи 1185. Истифодаи асарҳои илмӣ, адабӣ ва санъат, ки ғолиби озмуни оммавӣ гардидаанд

Моддаи 1186. Ба иштирокдорони озмун баргардондани корҳои пешниҳодшуда

## БОБИ 65. ГУЗАРОНДАНИ БОЗИҲО ВА ШАРТҲО

Моддаи 1187. Талабот вобаста ба ташкили бозиҳо, шартҳо ва иштирок дар онҳо

Моддаи 1188. Хусусиятҳои гузарондани бозии лотерея, тотализаторҳо ва бозиҳои дигар аз ҷониби давлат ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ё бо иҷозати онҳо

## БОБИ 66. УҲДАДОРИҲО БИНОБАР РАСОНДАНИ ЗАРАР

### §1. Муқаррароти умумӣ

Моддаи 1189. Асосҳои умумии ҷавобгарӣ барои расондани зарар

Моддаи 1190. Пешгирии расондани зарар

Моддаи 1191. Расондани зарар дар ҳолати мудофиаи зарурӣ

Моддаи 1192. Расондани зарар дар ҳолати зарурати ниҳоӣ

Моддаи 1193. Ҷавобгарии шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ барои зараре, ки корманди он расондааст

Моддаи 1194. Ҷавобгарӣ барои зараре, ки мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ва шахсони мансабдори онҳо расондаанд

Моддаи 1195. Мақомот ва шахсоне, ки ҳангоми ҷуброни зарар аз ном ва ҳисоби хазина амал мекунанд

Моддаи 1196. Ҷавобгарӣ барои зараре, ки бо амали ғайриқонунии мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ, прокуратура ва суд расонда шудааст

Моддаи 1197. Ҷуброни зарар аз ҷониби шахси ҷавобгарии худро суғуртанамуда

Моддаи 1198. Ҷавобгарӣ барои зараре, ки ноболиғони то чордаҳсола расондаанд

Моддаи 1199. Ҷавобгарӣ барои зараре, ки ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола расондаанд

Моддаи 1200. Ҷавобгарии падару модари аз ҳуқуқи падарумодарӣ маҳрумшуда барои зарари расондаи ноболиғон

Моддаи 1201. Ҷавобгарӣ барои зарари расондаи шахси воқеии ғайриқобили амал эътирофгардида

Моддаи 1202. Ҷавобгарӣ барои зарари расондаи шахси воқеии дорои қобилияти маҳдуди амалкунӣ эътирофгардида

Моддаи 1203. Ҷавобгарӣ барои зарари расондаи шахси воқеӣ, ки аҳаммияти амалҳои худро дарк ё идора карда наметавонад

Моддаи 1204. Ҷавобгарӣ барои расондани зарар тавассути фаъолияте, ки барои атрофиён хатари зиёдро ба миён меоварад

Моддаи 1205. Ҷавобгарӣ барои якҷоя расондани зарар

Моддаи 1206. Ҳуқуқи даъвои акс ба шахсе, ки зарар расондааст

Моддаи 1207. Ҳаҷм ва андозаи зарари ҷуброншаванда

Моддаи 1208. Тарзҳои ҷуброни зарари молумулкӣ

Моддаи 1209. Баҳисобгирии гуноҳи ҷабрдида ва вазъи молумулкии шахси зараррасонда

## §2. Ҷуброни зараре, ки ба ҳаёт ва саломатии шахси воқеӣ расонда шудааст

Моддаи 1210. Ҷуброни зараре, ки ба ҳаёт ё саломатии шахси воқеӣ ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои шартномавӣ ё ӯҳдадориҳои дигар расонда шудааст

Моддаи 1211. Андоза ва хусусияти ҷуброни зараре, ки ба саломатӣ осеб расондааст

Моддаи 1212. Муайян кардани музди меҳнат (даромад), ки дар натиҷаи ба саломатӣ расондани зарар аз даст рафтааст

Моддаи 1213. Ҷуброни зарар ҳангоми расондани осеб ба саломатии шахси ба балоғат нарасида

Моддаи 1214. Ҷуброни зарари вобаста ба марги шахси воқеӣ расондашуда

Моддаи 1215. Андозаи ҷуброни зарари дар натиҷаи марги шахси воқеӣ расондашуда

Моддаи 1216. Тағйир додани андозаи ҷуброни зарар

Моддаи 1217. Зиёд кардани андозаи ҷуброни зарар вобаста ба боло рафтани арзиши зиндагӣ ва афзудани нишондиҳанда барои ҳисобҳо

Моддаи 1218. Пардохтҳо оид ба ҷуброни зарар

Моддаи 1219. Ҷуброни зарар дар сурати қатъи фаъолияти шахси ҳуқуқӣ

Моддаи 1220. Пардохти хароҷот барои дафн

## §3. Ҷуброни зарари вобаста ба камбудиҳои мол, кор ва хизматрасонӣ расондашуда

Моддаи 1221. Асосҳои ҷуброни зарари вобаста ба камбудиҳои мол, кор ва хизматрасонӣ расондашуда

Моддаи 1222. Шахсоне, ки барои зарари вобаста ба камбудиҳои мол, кор ва хизматрасонӣ расондашуда ҷавобгаранд

Моддаи 1223. Муҳлатҳои ҷуброни зарари дар натиҷаи камбудиҳои мол, кор ва хизматрасонӣ расондашуда

Моддаи 1224. Асосҳои озод намудан аз ҷавобгарӣ барои зарари вобаста ба камбудиҳои мол, кор ва хизматрасонӣ расондашуда

## §4. Товони зарари маънавӣ

Моддаи 1225. Товони зарари маънавӣ

Моддаи 1226. Андозаи товони зарари маънавӣ

## БОБИ 67. УҲДАДОРИҲО ДАР НАТИҶАИ ДОРОШАВИИ БЕАСОС

Моддаи 1227. Уҳдадории баргардондани дорошавии беасос

Моддаи 1228. Таносуби талабот дар бораи баргардондани дорошавии беасос бо дигар талабот оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ

Моддаи 1229. Баргардондани дорошавии беасос дар шакли асл

Моддаи 1230. Ҷуброни арзиши дорошавии беасос

Моддаи 1231. Оқибатҳои беасос ба шахси дигар додани ҳуқуқ

Моддаи 1232. Ба ҷабрдида баргардондани даромадҳои гирифтанашуда

Моддаи 1233. Ҷуброни хароҷот ба молу мулке, ки бояд баргардонда шавад

Моддаи 1234. Дорошавии беасосе, ки баргардонда намешавад

# ҚИСМИ III.

# ФАСЛИ VI. МОЛИКИЯТИ ЗЕҲНӢ

## БОБИ 68. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ ОИД БА МОЛИКИЯТИ ЗЕҲНӢ

Моддаи 1235. Мафҳуми моликияти зеҳнӣ

Моддаи 1236. Объектҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ

Моддаи 1237. Ба вуҷуд омадани ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ

Моддаи 1238. Мазмуни ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ

Моддаи 1239. Ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ва ҳуқуқи ашё ба ҳомили моддӣ

Моддаи 1240. Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ

Моддаи 1241. Ҳуқуқҳои молумулкии моликияти зеҳнӣ

Моддаи 1242. Муҳлати амали ҳуқуқҳои молумулкӣ

Моддаи 1243. Гузаштани ҳуқуқҳои молумулкӣ

Моддаи 1244. Иҷозатномаи озод

Моддаи 1245. Иҷозатномаи маҷбурӣ

Моддаи 1246. Объектҳои хизматии моликияти зеҳнӣ

Моддаи 1247. Ҳуқуқҳо ба объектҳои моликияти зеҳние, ки дар асоси шартномаҳои дахлдори хариди давлатӣ офарида шудаанд

Моддаи 1248. Амалисозии ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ

Моддаи 1249. Ҳимояи ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ

Моддаи 1250. Тарзҳои ҳимояи ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ

Моддаи 1251. Хусусиятҳои масъулият барои риоя накардани ҳуқуқҳо ба моликияти зеҳнӣ дар шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ

## ФАСЛИ VII. ҲУҚУҚИ МЕРОС

## БОБИ 69. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ ОИД БА МЕРОСГИРӢ

Моддаи 1252. Меросгирӣ

Моддаи 1253. Таркиби мерос

Моддаи 1254. Асосҳои меросгирӣ

Моддаи 1255. Кушодашавии мерос

Моддаи 1256. Ҷойи кушодашавии мерос

Моддаи 1257. Меросгирон

Моддаи 1258. Меросгирони ношоиста

Моддаи 1259. Ӯҳдадориҳои шахси меросгири ношоиста эътирофгардида

## БОБИ 70. МЕРОСГИРӢ ТИБҚИ ВАСИЯТНОМА

Моддаи 1260. Муқаррароти умумӣ дар бораи меросгирӣ тибқи васиятнома

Моддаи 1261. Махфияти васиятгузорӣ

Моддаи 1262. Қоидаҳои умумӣ оид ба шакли васиятнома

Моддаи 1263. Васиятномаи ба таври нотариалӣ тасдиқшуда

Моддаи 1264. Васиятномаи бо васиятномаи ба таври нотариалӣ тасдиқшуда баробар

Моддаи 1265. Бекор кардан ва тағйир додани васиятнома

Моддаи 1266. Беэътибории васиятнома

Моддаи 1267. Тавзеҳи васиятнома

Моддаи 1268. Васиятномаи шартдор

Моддаи 1269. Таъини меросгири иловагӣ

Моддаи 1270. Иҷрокунандаи васиятнома

Моддаи 1271. Супориши васиятгузор (легат)

Моддаи 1272. Базиммагузорӣ тибқи васиятнома

## БОБИ 71. МЕРОСГИРӢ ТИБҚИ ҚОНУН

Моддаи 1273. Муқаррароти умумӣ дар бораи меросгирӣ тибқи қонун

Моддаи 1274. Меросгирони навбати якум

Моддаи 1275. Меросгирони навбати дуюм

Моддаи 1276. Меросгирони навбати сеюм

Моддаи 1277. Меросгирӣ бо ҳуқуқи пешниҳод

Моддаи 1278. Меросгирии шахсони корношояме, ки таҳти саробонии меросгузор қарор доранд

Моддаи 1279. Ҳуқуқ ба ҳиссаи ҳатмӣ дар мерос

Моддаи 1280. Ҳуқуқҳои ҳамсар ҳангоми меросгирӣ

Моддаи 1281. Гузаштани мерос ба давлат

## БОБИ 72. ҚАБУЛ ВА ДАСТ КАШИДАН АЗ МЕРОС

Моддаи 1282. Қабули мерос

Моддаи 1283. Қабули мерос пас аз гузаштани муҳлати муқарраршуда

Моддаи 1284. Гузариши ҳуқуқи қабули мерос (трансмиссияи меросӣ)

Моддаи 1285. Ҳуқуқи аз мерос даст кашидан

Моддаи 1286. Аз қисми мерос ё ба манфиати шахсони дигар даст кашидан аз мерос

Моддаи 1287. Ҳуқуқи даст кашидан аз гирифтани супориши васиятгузор

Моддаи 1288. Афзун гардидани ҳиссаҳои меросӣ

Моддаи 1289. Додани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос

Моддаи 1290. Бекор кардан ё беэътибор донистани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос

Моддаи 1291. Моликияти умумии ҳиссагии меросгирон

Моддаи 1292.Тақсими мерос

Моддаи 1293. Имконнопазирии ихтиёрдории мерос

Моддаи 1294. Ҳифзи манфиатҳои меросгирони алоҳида ҳангоми тақсими мерос

Моддаи 1295. Ҳуқуқи афзалиятноки меросгирони алоҳида ҳангоми тақсими мерос

Моддаи 1296. Ҳифзи мерос ва идораи он

Моддаи 1297. Идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулки меросӣ

Моддаи 1298. Хароҷоте, ки бояд ба таври афзалиятнок аз ҳисоби мерос пардохт карда шавад

Моддаи 1299. Ҷавобгарии меросгирон аз рӯйи қарзҳои меросгузор

Моддаи 1300. Муҳлати пешниҳоди талаботи кредиторон

## БОБИ 73. МЕРОСГИРИИ НАМУДҲОИ АЛОҲИДАИ МОЛУ МУЛК

Моддаи 1301. Меросгирии ҳуқуқҳо вобаста ба иштирок дар ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ ва кооперативҳо

Моддаи 1302. Меросгирии молу мулки узви хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)

Моддаи 1303. Меросгирии корхона

Моддаи 1304. Меросгирии ҳуқуқи истифодаи замин

Моддаи 1305. Меросгирии ашёе, ки муомилоташон маҳдуд мебошад

# ФАСЛИ VIII. ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ

## БОБИ 74. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Моддаи 1306. Ҳуқуқи дар муносибатҳои ҳуқуқии мадании дорои унсури хориҷӣ татбиқшаванда

Моддаи 1307. Бандубасти мафҳумҳои ҳуқуқӣ (бандубасти ҳуқуқӣ)

Моддаи 1308. Муқаррар намудани мазмуни меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ

Моддаи 1309. Ҳаволаи бозгашт ва ҳавола ба ҳуқуқи кишвари сеюм

Моддаи 1310. Татбиқи ҳуқуқи кишвари дорои якчанд низоми ҳуқуқӣ

Моддаи 1311. Татбиқи мутақобила (муносибати монанд, амали мутақобил)

Моддаи 1312. Тавзеҳот дар бораи тартиби оммавӣ (тартиботи оммавӣ)

Моддаи 1313. Татбиқи меъёрҳои императивӣ

Моддаи 1314. Маҳдудиятҳои ҷавобӣ (реторсияҳо)

## БОБИ 75. МЕЪЁРҲОИ КОЛЛИЗИОНӢ

### §1. Шахсон

Моддаи 1315. Қонуни шахсии шахси воқеӣ

Моддаи 1316. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии шахси воқеӣ

Моддаи 1317. Бедарак ғоибшуда ё вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ

Моддаи 1318. Номи шахси воқеӣ

Моддаи 1319. Бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон

Моддаи 1320. Эътирофи ҳуҷҷатҳое, ки мақомоти давлати хориҷӣ барои тасдиқи асноди ҳолати шаҳрвандӣ додаанд

Моддаи 1321. Қонуни шахсии шахси ҳуқуқӣ

Моддаи 1322. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии шахси ҳуқуқӣ

Моддаи 1323. Иштироки давлатҳо дар муносибатҳои ҳуқуқии мадании дорои унсури хориҷӣ

### §2. Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва ҳимояи онҳо

Моддаи 1324. Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва ҳимояи онҳо

### §3. Аҳд. Намояндагӣ. Муҳлати даъво

Моддаи 1325. Шакли аҳд

Моддаи 1326. Ваколатнома

Моддаи 1327. Муҳлати даъво

### §4. Ҳуқуқҳои ашё

Моддаи 1328. Муқаррароти умумӣ оид ба ҳуқуқе, ки нисбат ба ҳуқуқҳои ашё татбиқ карда мешавад

Моддаи 1329. Ба вуҷуд омадан ва қатъ гардидани ҳуқуқҳои ашё

Моддаи 1330. Ҳуқуқҳои ашё ба воситаҳои нақлиёт ва молу мулки дигар, ки бояд ба феҳристи давлатӣ ворид карда шаванд

Моддаи 1331. Ҳуқуқҳои ашё ба молу мулки манқули тибқи аҳд дар роҳ қарордошта

Моддаи 1332. Ҳимояи ҳуқуқҳои ашё

## §5. Ухдадориҳои шартномавӣ

Моддаи 1333. Интихоби ҳуқуқ аз ҷониби тарафҳои шартнома

Моддаи 1334. Ҳуқуқе, ки ҳангоми набудани созишномаи тарафҳо ба шартнома татбиқ карда мешавад

Моддаи 1335. Ҳуқуқе, ки нисбат ба шартномаи таъсиси шахси ҳуқуқӣ бо иштироки хориҷиён татбиқ мешавад

Моддаи 1336. Ҳуқуқе, ки нисбат ба гузашти ҳуқуқи талабкунӣ ва гузаронидани қарз татбиқ карда мешавад

Моддаи 1337. Доираи амали ҳуқуқи татбиқшаванда

Моддаи 1338. Ухдадорӣ аз аҳдҳои яктарафа

Моддаи 1339. Ҳуқуқи татбиқшаванда нисбат ба муносибатҳо оид ба пардохти фоизҳо

## §6.Ухдадориҳои ғайришартномавӣ

Моддаи 1340. Ухдадориҳое, ки дар натиҷаи расондани зарар ба миён меоянд

Моддаи 1341. Доираи амали ҳуқуқи татбиқшаванда нисбат ба ухдадориҳое, ки дар натиҷаи расондани зарар ба миён омадаанд

Моддаи 1342. Ҷавобгарӣ барои зарари ба истеъмолкунанда расондашуда

Моддаи 1343. Ҳуқуқи татбиқшаванда нисбат ба ухдадориҳое, ки дар натиҷаи рақобати бевиҷдонона ба миён меоянд

Моддаи 1344. Дорошавии беасос

## §7. Моликияти зеҳнӣ

Моддаи 1345. Ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ

## §8. Ҳуқуқи мерос

Моддаи 1346. Муносибатҳо оид ба меросгирӣ

Моддаи 1347. Қобилияти шахс оид ба тартиб додан ва бекор кардани васиятнома, шакли васиятнома ва санади бекор кардани он

Моддаи 1348. Меросгирии молу мулки ғайриманқул ва молу мулке, ки бояд ба феҳристи давлатӣ ворид карда шаванд

## §9. Васоят ва парасторӣ

Моддаи 1349. Васоят ва парасторӣ

## ФАСЛИ IX. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ
## БОБИ 76. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

Моддаи 1350. Аз эътибор соқит донистани баъзе санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

Моддаи 1351. Мавриди амал қарор додани ҳамин Кодекс

# ҚИСМИ I.

## ФАСЛИ I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

## ЗЕРФАСЛИ 1. МУҚАРРАРОТИ АСОСӢ

## БОБИ 1. ҚОНУНГУЗОРИИ МАДАНӢ

### Моддаи 1. Қонунгузории маданӣ

Қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

### Моддаи 2. Муносибатҳое, ки қонунгузории маданӣ танзим менамояд

1. Қонунгузории маданӣ муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиеро, ки ба баробарӣ, мухторияти ирода ва мустақилияти молумулкии иштирокдоронашон асос ёфтаанд, танзим менамояд.

2. Муносибатҳои оилавӣ, меҳнатӣ, оид ба заминистифодабарӣ, истифодаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зистро, ки дорои хусусиятҳои дар қисми 1 моддаи мазкур қайдшуда мебошанд, агар дар қонунгузории оила, меҳнат, замин ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, қонунгузории маданӣ танзим менамояд.

3. Иштирокдорони муносибатҳои бо қонунгузории маданӣ танзимшаванда шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ мебошанд. Муқаррароти ҳамин Кодекс, инчунин нисбати муносибатҳо бо иштироки давлати хориҷӣ, шаҳрванди хориҷӣ, шахси бешаҳрванд ва шахси ҳуқуқии хориҷӣ низ истифода мешаванд, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

4. Агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон нисбат ба қоидаҳои пешбининамудаи қонунгузории маданӣ қоидаҳои дигар пешбинӣ шуда бошанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон нисбат ба муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ мавриди татбиқ қарор дода мешаванд.

5. Қонунгузории маданӣ нисбати муносибатҳои молумулкие, ки ба тобеияти маъмурӣ ё тобеияти дигари ҳокимиятии як тараф ба тарафи дигар асос ёфтааст, татбиқ намешавад, агар дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

### Моддаи 3. Принсипҳои асосии қонунгузории мадании

1. Қонунгузории мадании ба принсипҳои баробарии иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқии мадании, дахлнопазирии моликият, озодии шартнома, номумкин будани дахолати худсаронаи ягон шахс ба корҳои хусусӣ, зарурати амалисозии бемонеаи ҳуқуқҳои мадании, таъмини барқарор намудани ҳуқуқҳои вайронгардидаи мадании ва ҳимояи судии ҳуқуқу манфиатҳо асос меёбад.

2. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқҳои маданиро бо ирода ва ба манфиати худ ба даст оварда, амалӣ менамоянд. Онҳо дар муқаррар намудани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои худ дар асоси шартнома ва муайян намудани шартҳои шартнома, ки хилофи қонунгузорӣ нестанд, озоданд.

3. Ҳангоми муқаррар, амалӣ ва ҳимоя намудани ҳуқуқҳои мадании ва иҷрои ӯҳдадориҳои мадании иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқии мадании бояд бовиҷдонона амал кунанд.

4. Ҳеҷ шахс ҳуқуқ надорад аз амали ғайриқонунӣ ё бевиҷдононаи худ бартарӣ ба даст орад.

5. Муомилоти мол, иҷрои кор, хизматрасонӣ ва воситаҳои молиявӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон озод мебошанд, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

6. Маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои мадании дар ҳолатҳои пешбининамудаи санади қонунгузорӣ имконпазир аст.

### Моддаи 4. Амали қонунгузории мадании дар замон

1. Қонунгузории мадании қувваи бозгашт надорад ва нисбат ба муносибатҳое татбиқ мешавад, ки пас аз мавриди амал қарор додани он ба миён омадаанд. Амали қонунгузории мадании нисбати муносибатҳои то мавриди амал қарор додани он пайдошуда танҳо дар ҳолате татбиқ мегардад, ки агар бевосита дар қонунгузорӣ пешбинӣ шуда бошад.

2. Қонунгузории мадании нисбат ба муносибатҳое, ки то мавриди амал қарор додани он ба миён омадаанд, танҳо нисбат ба он ҳуқуқу ӯҳдадориҳое татбиқ мегардад, ки баъди мавриди амал қарор додани он ба вуҷуд омадаанд. Муносибати тарафҳо тибқи шартномае, ки то мавриди амал қарор додани қонунгузории мадании баста шудаанд, мутобиқи моддаи 484 ҳамин Кодекс танзим карда мешавад.

### Моддаи 5. Одатҳои муомилоти корӣ

1. Одатҳои муомилоти корӣ, сарфи назар аз сабти онҳо дар ягон ҳуҷҷат, қоидаи рафтори дар қонунгузорӣ пешбининашудае эътироф мегардад, ки дар ягон соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ба вуҷуд омада, васеъ истифода мешавад.

2. Одатҳои муомилоти корӣ, ки хилофи муқаррароти санади қонунгузорӣ ё шартномаи барои иштирокдорони муносибати дахлдор ҳатмӣ мебошанд, татбиқ намешаванд.

### Моддаи 6. Татбиқи қонунгузории мадании аз рӯйи қиёс

1. Дар ҳолате, ки муносибатҳои пешбининамудаи моддаи 2 ҳамин Кодекс бевосита бо қонунгузорӣ ё созиши тарафҳо танзим нашудаанду одати муомилоти кории дар ин маврид татбиқшаванда вуҷуд надорад, нисбати чунин муносибатҳо то ҳадде, ки хилофи моҳияти онҳо набошад, меъёри қонунгузории мадании танзимкунандаи муносибати шабеҳ татбиқ мешавад (қиёси қонун).

2. Дар сурати номумкин будани истифодаи қиёси қонун дар ҳолатҳои зикргардида ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо бо назардошти асосҳои умумию моҳияти қонунгузории маданӣ ва талаботи бовиҷдонӣ, оқилӣ ва адолат муайян карда мешаванд (қиёси ҳуқуқ).

3. Аз рӯйи қиёс татбиқ намудани меъёрҳое, ки ҳуқуқи маданиро маҳдуд сохта, ҷавобгариро муқаррар менамоянд, манъ аст.

## БОБИ 2. АСОСҲОИ БА ВУҶУД ОМАДАНИ ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ МАДАНӢ, АМАЛИСОЗӢ ВА ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ МАДАНӢ

### Моддаи 7. Асосҳои ба вуҷуд омадани ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ

1. Ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ аз асосҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ, инчунин аз амалҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд, гарчанде дар қонунгузорӣ пешбинӣ нашуда бошанд ҳам, вале тибқи асосҳои умумӣ ва моҳияти қонунгузории маданӣ ҳуқуқу уҳдадориҳои маданиро ба вуҷуд меоранд.

2. Ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ:

- аз шартномаҳо ва аҳди дигари пешбининамудаи қонунгузорӣ, инчунин шартномаҳо ва аҳди дигар, ки дар қонунгузорӣ пешбинӣ нашуда бошанд ҳам, вале хилофи он нестанд;

- аз санадҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии худидоракунӣ, ки дар қонун ба сифати асоси ба вуҷуд омадани ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ пешбинӣ шудаанд;

- аз санадҳои судие, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои маданиро муқаррар намудаанд;

- дар натиҷаи ба даст овардани molу мулк тибқи асосҳои пешбининамудаи қонун;

- дар натиҷаи офаридани асарҳои илмӣ, адабӣ, санъат, ихтироот, натиҷаҳои дигари фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои фардикунонӣ;

- дар натиҷаи расондани зарар ба шахси дигар;

- дар натиҷаи дорошавии беасос;

- аз қарорҳои ташкилотҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун;

- дар натиҷаи амалҳои дигари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

- дар натиҷаи ҳодисаҳое, ки қонун ё санади дигари ҳуқуқӣ фаро расидани оқибатҳои ҳуқуқии маданиро вобаста медонад, ба вуҷуд меоянд.

3. Ҳуқуқ ба молу мулке, ки бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад, аз лаҳзаи бақайдгирии молу мулк ё ҳуқуқи дахлдор ба онҳо ба вуҷуд меояд, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

## Моддаи 8. Амалисозии ҳуқуқҳои маданӣ

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқҳои маданиашонро бо салоҳдиди худ амалӣ менамоянд.

2. Даст кашидани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз амалисозии ҳуқуқҳояшон боиси қатъи чунин ҳуқуқҳо намегардад, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

## Моддаи 9. Ҳадди амалисозии ҳуқуқҳои маданӣ

1. Ба амалисозии ҳуқуқҳои маданӣ бо нияти расондани зарар ба шахси дигар, инчунин суиистифода аз ҳуқуқ дар шакли дигар роҳ дода намешавад.

2. Ба истифодаи ҳуқуқҳои маданӣ бо мақсади маҳдуд намудани рақобат, инчунин суиистифода аз мавқеи ҳукмфармоии худ дар бозор роҳ дода намешавад.

3. Амалисозии ҳуқуқҳои маданӣ набояд ҳуқуқ ва манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи субъектҳои дигари ҳуқуқро вайрон намояд ва ба муҳити зист хисороти воқеӣ расонад.

4. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми амалисозии ҳуқуқҳояшон бояд оқилона, одилона ва бовиҷдонона талаботи қонунгузорӣ, принсипҳои ахлоқи ҷомеа, соҳибкорон бошанд, инчунин қоидаҳои одоби кориро риоя намоянд. Ӯҳдадориҳои мазкурро ба воситаи шартнома хориҷ ё маҳдуд кардан мумкин нест.

5. Амали оқилона, одилона ва бовиҷдононаи иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ дар назар дошта мешавад.

6. Дар ҳолати риоя накардани талаботи моддаи мазкур суд метавонад ҳимояи ҳуқуқи ба шахс тааллуқдоштаро пурра ё қисман рад намояд, инчунин дигар чораҳои пешбининамудаи қонунро татбиқ кунад.

## Моддаи 10. Ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ

1. Ҳимояи ҳуқуқҳои мадании вайронгардида ё мавриди баҳс қарордоштаро суд, суди иқтисодӣ, суди ҳакамӣ ё арбитраж (минбаъд - суд) тибқи тобеияти идоравии парвандаҳо, ки дар қонунгузории мурофиавӣ муқаррар гардидааст, амалӣ менамоянд.

2. Ҳуқуқҳои маданӣ бо тартиби маъмурӣ танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ҳимоя карда мешаванд.

## Моддаи 11. Тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ

Ҳуқуқҳои маданӣ бо тарзҳои зерин ҳимоя мешаванд:

- эътирофи ҳуқуқ;

- барқарор намудани ҳолате, ки то вайрон гардидани ҳуқуқ ҷой дошт ва пешгирӣ намудани амалҳое, ки ҳуқуқро вайрон мекунанд ё барои вайрон кардани он таҳдид менамоянд;

- беэътибор донистани аҳди баҳснок ва татбиқи оқибатҳои беэътибор донистани онҳо, татбиқи оқибатҳои беэътибор донистани аҳди беоқибат;

- беэътибор донистани санади мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ва ташкилотҳои дигар;

- худҳимоякунии ҳуқуқ;

- маҷбур намудан ба иҷрои ӯҳдадориҳо дар шакли асл;

- ҷуброни зиён;

- рӯёнидани ноустуворона;

- товони зарари маънавӣ;

- қатъ кардан ё тағйир додани муносибати ҳуқуқӣ;

- аз ҷониби суд татбиқ накардани санади хилофи қонунгузорӣ қабулнамудаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ва ташкилотҳои дигар;

- бо тарзҳои дигари пешбининамудаи қонунгузорӣ.

## Моддаи 12. Беэътибор донистани санади мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ва ташкилотҳои дигар

Суд метавонад санади ғайримеъёрии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ва ташкилотҳои дигарро, инчунин дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ санадҳои меъёриеро, ки ба қонунгузорӣ мувофиқ нестанд ва ҳуқуқҳои маданию манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи шахсони воқеӣ ё ҳуқуқиро вайрон мекунанд, беэътибор эътироф намояд. Ҳангоми аз ҷониби суд беэътибор дониста шудани санад, ҳуқуқи вайронгардида бояд барқарор карда шавад ё ба тарзҳои дигари дар моддаи 11 ҳамин Кодекс пешбинигардида ҳимоя гардад.

## Моддаи 13. Худҳимоякунии ҳуқуқҳои маданӣ

Худҳимоякунии ҳуқуқҳои маданӣ иҷозат дода мешавад. Тарзҳои худҳимоякунӣ бояд бо ҳуқуқвайронкунӣ мувофиқ бошад ва аз ҳадди амалҳое, ки барои пешгирӣ заруранд, набарояд.

## Моддаи 14. Ҷуброни зиён

1. Шахси ҳуқуқаш вайронгардида метавонад ҷуброни пурраи зиёни ба он расондашударо талаб намояд, агар дар қонун ё шартнома ҷуброни зиён ба андозаи камтар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Зиён хароҷотест, ки шахси ҳуқуқаш вайронгардида сарф намудааст ё бояд барои барқарор намудани ҳуқуқи вайронгардида сарф намояд, талаф ёфтан ё осеб дидани молу мулки он (хисороти воқеӣ), инчунин даромади гирифтанашудае, ки шахс, агар ҳуқуқаш вайрон намегардид, дар шароити

муқаррарии муомилоти мадани̣ метавонист ба даст оварад (фоидаи аздастрафта).

3. Агар шахси вайронкардаи ҳуқуқ даромад ба даст оварда бошад, шахсе, ки ҳуқуқаш вайрон гардидааст, ҳуқуқ дорад дар баробари зиёнҳои дигар фоидаи аздастрафтаро ба андозаи на камтар аз чунин даромад талаб намояд.

### Моддаи 15. Ҷуброни зиёни расондаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии худидоракунӣ

1. Зиёне, ки дар натиҷаи амал (беамалӣ)-и ғайриқонунии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ё шахсони мансабдори ин мақомот, аз ҷумла дар натиҷаи санади бар хилофи қонунгузорӣ қабулнамудаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ба шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ расонда шудааст, бояд аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мақомоти дахлдор ҷуброн карда шавад.

2. Дар ҳолатҳо ва бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ, хисороте, ки ба шахс ё молу мулки он дар натиҷаи амали қонунии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ё шахсони мансабдори ин мақомот расонда шудааст, ҷуброн мешавад.

### Моддаи 16. Товони зарари маънавӣ

Агар ба шахси воқеӣ дар натиҷаи амалҳои вайронкунандаи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиаш ё амалҳои суиқасдкунанда ба неъматҳои дигари ғайримолумулкиаш, инчунин дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонун зарари маънавӣ (азоби руҳӣ ё ҷисмонӣ) расонда шуда бошад, суд метавонад шахси вайронкардаро ба товони зарар уҳдадор кунад.

## ЗЕРФАСЛИ 2. СУБЪЕКТҲОИ ҲУҚУҚИ МАДАНӢ

## БОБИ 3. ШАХСОНИ ВОҚЕӢ

### Моддаи 17. Мафҳуми шахси воқеӣ

1. Таҳти мафҳуми шахси воқеӣ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрванди хориҷӣ, инчунин шахси бешаҳрванд фаҳмида мешавад.

2. Муқаррароти ҳамин Кодекс, агар дар қонунгузорӣ ё санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, нисбати ҳамаи шахсони воқеӣ татбиқ мегарданд.

### Моддаи 18. Қобилияти ҳуқуқдории шахси воқеӣ

1. Қобилияти доштани ҳуқуқу уҳдадории маданӣ (қобилияти ҳуқуқдории маданӣ) нисбати ҳамаи шахсони воқеӣ ба андозаи баробар эътироф карда мешавад.

2. Қобилияти ҳуқуқдории мадании шахси воқеӣ аз лаҳзаи таваллуд ба вуҷуд омада, ҳангоми вафоташ қатъ мегардад.

### Моддаи 19. Мазмуни қобилияти ҳуқуқдории шахси воқеӣ

Шахси воқеӣ метавонад ҳам дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам берун аз он дорои ҳуқуқи моликият ба молу мулк бошад; молу мулкро мерос гирад ва васият кунад; дар ҳудуди ҷумҳурӣ озодона ҳаракат карда, маҳалли истиқоматро интихоб намояд; озодона ҳудуди ҷумҳуриро тарк карда, ба он баргардад; ба фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳар гуна фаъолияти манънакардаи қонунгузорӣ машғул шавад; мустақилона ё якҷоя бо шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқии дигар шахси ҳуқуқӣ таъсис диҳад; ҳар гуна аҳди бо қонунгузорӣ манънашударо анҷом дода, дар уҳдадориҳо иштирок намояд; дорои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ бошад; ҷуброни зарари моддӣ ва товони зарари маънавиро талаб намояд; ҳуқуқҳои дигари молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ дошта бошад.

### Моддаи 20. Номи шахси воқеӣ

1. Шахси воқеӣ ҳуқуқу уҳдадориҳоро бо номи худ ба даст меорад ва амалӣ менамояд. Таҳти мафҳуми номи шахси воқеӣ насаб, ном ва, агар бошад, номи падар фаҳмида мешавад, агар дар қонунгузорӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Шахси воқеӣ метавонад номашро дар тамоми соҳаҳои фаъолият, аз ҷумла фаъолияти соҳибкорӣ, истифода намояд. Ба даст овардани ҳуқуқу уҳдадориҳо бо номи шахси дигар роҳ дода намешавад. Ҳангоми амалисозии ҳуқуқу уҳдадориҳои алоҳида мувофиқи қонунгузорӣ мумкин аст тахаллус истифода шавад ва ё ҳуқуқу уҳдадориҳо бе зикри ном ба даст оварда шаванд.

3. Шахси ба синни шонздаҳ расида ҳуқуқ дорад бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ номи худро иваз намояд.

4. Номи худро иваз кардани шахси воқеӣ барои қатъ ё тағйирёбии ҳуқуқу уҳдадориҳои бо номи қаблӣ бадастовардаи ӯ асос намегардад. Шахси воқеӣ уҳдадор аст барои огоҳ намудани қарздорону кредиторони худ дар хусуси дигар кардани номаш чораҳои зарурӣ андешад ва таваккали оқибатҳоеро ба зимма дорад, ки бо сабаби огоҳӣ надоштани ин шахсон дар бораи иваз кардани ном ба вуҷуд меоянд. Шахси воқеие, ки номашро иваз кардааст, метавонад аз ҳисоби худ ба ҳуҷҷатҳое, ки бо номи қаблии ӯ ба расмият дароварда шудаанд, ворид намудани тағйироти дахлдорро талаб намояд.

5. Номе, ки ба шахси воқеӣ пас аз таваллудаш гузошта шудааст, инчунин иваз намудани ном бояд бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ ба қайд гирифта шавад.

### Моддаи 21. Маҳалли истиқомати шахси воқеӣ

1. Маҳалли истиқомат ҷое эътироф мегардад, ки шахси воқеӣ доимӣ ё бештар дар он зиндагӣ мекунад. Шахси воқеие, ки ба кредиторон ё шахсони дигар дар бораи маҳалли истиқомати дигари худ маълумот додааст, таваккали оқибатҳои онро ба зимма дорад.

2. Маҳалли истиқоматиноболиғони то чордаҳсола ё шахси воқеие, ки таҳти васоят қарор дорад, маҳалли истиқомати намояндагони қонунии онҳо эътироф мегардад.

### Моддаи 22. Қобилияти амалкунии шахси воқеӣ

1. Қобилияти шахси воқеӣ барои бо амалҳои худ ба даст овардан ва амалисозии ҳуқуқҳои маданӣ, барои худ ба миён овардани уҳдадорӣ ва иҷро намудани он (қобилияти амалкунии маданӣ) дар ҳаҷми пурра бо фаро расидани балоғат, яъне ҳангоми расидан ба синни ҳаждаҳ ба вуҷуд меояд.

2. Агар қонун бастани ақди никоҳро то ба синни ҳаждаҳ расидан иҷозат диҳад, шахси воқеии ба синни ҳаждаҳ нарасида аз вақти бастани ақди никоҳ пурра қобилияти амалкуниро ба даст меорад.

3. Қобилияти амалкунии дар натиҷаи бастани ақди никоҳ бадастовардаи шахси воқеие, ки ба синни ҳаждаҳ нарасидааст, дар сурати бекор кардани ақди никоҳ низ пурра боқӣ мемонад.

4. Дар сурати беэътибор донистани ақди никоҳ суд метавонад дар хусуси аз лаҳзаи муайяннамудааш қобилияти пурраи амалкуниро аз даст додани ҳамсари ноболиғ қарор қабул намояд.

### Моддаи 23. Манъ будани маҳдуд ё маҳрум кардани қобилияти ҳуқуқдорӣ ё қобилияти амалкунии шахси воқеӣ

1. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии ҳеҷ кас маҳдуд ё маҳрум карда намешавад, ба истиснои ҳолатҳо ва тартиби муқаррарнамудаи қонун.

2. Риоя накардани шарт ва тартиби маҳдуд ё маҳрум кардани қобилияти амалкунии шахсони воқеӣ ё ҳуқуқи машғул шудани онҳо ба фаъолияти соҳибкорӣ ё фаъолияти дигар, ки қонун муқаррар намудааст, боиси беэътибор донистани санади мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти дигар мегардад, ки маҳдуд ё маҳрумкунии дахлдорро муқаррар кардааст.

3. Пурра ё қисман даст кашидани шахси воқеӣ аз қобилияти ҳуқуқдорӣ ё қобилияти амалкунӣ ва аҳди дигари ба маҳдуд ё маҳрум кардани қобилияти ҳуқуқдорӣ ё қобилияти амалкунӣ равонагардида, ба истиснои ҳолатҳое, ки чунин аҳдро қонун иҷозат додааст, беоқибат мебошанд.

### Моддаи 24. Фаъолияти соҳибкории шахсони воқеӣ

1. Шахсони воқеӣ метавонанд аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд, агар қонун тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошад. Тартиби бақайдгирии шахсони воқеие, ки бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мешаванд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мегардад.

2. Нисбати фаъолияти соҳибкории шахсони воқеӣ, ки бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ амалӣ мегардад, мутобиқан қоидаҳои ҳамин Кодекс, ки фаъолияти

ташкилотҳои тиҷоратиро танзим менамоянд, татбиқ мегарданд, агар аз қонунгузорӣ ё моҳияти муносибати ҳуқуқӣ тартиби дигар барнаояд.

3. Шахсони воқеӣ, ки фаъолияти соҳибкориро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, бо вайрон намудани қисми 1 моддаи мазкур амалӣ менамоянд, ҳуқуқ надоранд нисбат ба аҳди бастаашон истинод намоянд, ки онҳо соҳибкор намебошанд. Суд нисбат ба чунин аҳд қоидаҳои ҳамин Кодексро оид ба уҳдадориҳое, ки ба амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд мебошанд, татбиқ менамояд.

4. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)-ро ташкил намоянд.

### Моддаи 25. Ҷавобгарии молумулкии шахси воқеӣ

1. Шахси воқеӣ аз рӯйи уҳдадориҳои худ бо тамоми молу мулки ба ӯ тааллуқдошта ҷавобгар аст, ба истиснои молу мулке, ки мутобиқи қонунгузорӣ ба он рӯёниш нигаронида намешавад.

2. Номгӯйи молу мулки шахси воқеиеро, ки ба он рӯёниш нигаронида намешавад, қонунгузорӣ муқаррар менамояд.

### Моддаи 26. Муфлисшавии соҳибкори инфиродӣ

1. Соҳибкори инфиродие, ки барои қонеъ гардонидани талаботи кредиторон оид ба фаъолияти соҳибкорӣ қодир нест, бо санади судӣ мумкин аст муфлис эътироф гардад. Чунин санади судӣ асос барои бақайдгирии давлатии қатъ гардидани фаъолияти шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ мегардад.

2. Ҳангоми амалисозии расмиёти муфлис донистани соҳибкори инфиродӣ кредиторони ӯ инчунин метавонанд аз рӯйи уҳдадориҳое, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ вобаста нестанд, талаботи худро пешкаш намоянд. Талаботи кредиторони зикргардида, ки бо ҳамин тартиб арз нашудаанд, баъди ба анҷом расидани расмиёти муфлисшавии соҳибкори инфиродӣ эътибори худро нигоҳ медоранд.

3. Талаботи кредиторони соҳибкори инфиродӣ дар сурати муфлис эътироф гардидани он аз ҳисоби молу мулки ба ӯ тааллуқдоштае, ки мумкин аст бо тартиб ва навбати муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дар бораи муфлисшавӣ аз он маблағ рӯёнида шавад, қонеъ гардонда мешавад.

4. Пас аз ба охир расидани ҳисоббаробаркунӣ бо кредиторон соҳибкори инфиродии муфлис эътирофгардида аз иҷрои уҳдадориҳои боқимондаи оид ба фаъолияти соҳибкориаш ва талаботи дигар, ки ҷиҳати иҷро пешниҳод гардида, зимни муфлис эътироф кардани соҳибкор ба назар гирифта шудаанд, озод карда мешавад, ба истиснои иҷрои талаботи шаҳрвандоне, ки дар назди онҳо соҳибкори инфиродии муфлис эътирофгардида барои расондани зарар ба ҳаёт ва саломатӣ, инчунин талаботи дигари дорои хусусияти шахсӣ ҷавобгар аст.

5. Асос ва тартиби аз ҷониби суд муфлис эътироф кардани соҳибкорони инфиродӣ тибқи қонун муқаррар карда мешавад.

## Моддаи 27. Қобилияти амалкунии ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола

1. Ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола бо розигии хаттии намояндагони қонунии худ (падару модар, фарзандхондагон, парастор ва шахсони онҳоро ивазкунанда) аҳдро, ба истиснои аҳди дар қисми 2 моддаи мазкур пешбинишуда, анҷом медиҳанд. Аҳди анҷомдодаи чунин ноболиғон, ки бе розигии намояндагони қонунии онҳо анҷом дода шудаанд, ҳангоми минбаъд онро хаттӣ маъқул донистани намояндагони қонунии онҳо боэътибор мебошанд.

2. Ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола ҳуқуқ доранд бе розигии намояндагони қонунӣ:

- музди меҳнат, стипендия ва даромади дигари қонунии худро мустақилона ихтиёрдорӣ намоянд;

- ҳуқуқҳои муаллиф ба асари илмӣ, адабӣ, санъат, ихтироот ё натиҷаи дигари фаъолияти зеҳнии бо қонун ҳифзшавандаи худро амалӣ намоянд;

- мутобиқи қонунгузорӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ пасандоз ё амонат гузоранд ва онро ихтиёрдорӣ намоянд;

- аҳди хурди маишии дар қисми 3 моддаи 29 ҳамин Кодекс пешбинигардидаро анҷом диҳанд.

3. Ноболиғони ба синни шонздаҳрасида ҳуқуқ доранд мутобиқи қонунгузорӣ узви кооператив бошанд.

4. Ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола аз рӯйи аҳде, ки мутобиқи моддаи мазкур анҷом додаанд, мустақилона ҷавобгарии молумулкӣ доранд. Чунин ноболиғон барои зарари расондаашон мутобиқи ҳамин Кодекс ҷавобгар мебошанд.

5. Дар сурати мавҷуд будани асосҳои кофӣ суд метавонад бо дархости намояндагони қонунӣ ё мақомоти васояту парасторӣ ҳуқуқи мустақилона ихтиёрдорӣ намудани музди меҳнат, стипендия ё даромади дигари ноболиғи аз чордаҳ то ҳаждаҳсоларо маҳдуд ё аз он маҳрум кунад, ба истиснои ҳолатҳое, ки чунин ноболиғ мутобиқи қисми 2 моддаи 22 ё моддаи 28 ҳамин Кодекс қобилияти пурраи амалкуниро ба даст овардааст.

## Моддаи 28. Эмансипатсия

1. Агар ноболиғи ба синни шонздаҳрасида бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба фаъолияти меҳнатӣ ё бо розигии намояндагони қонунӣ ба соҳибкорӣ машғул шавад, мумкин аст дорои қобилияти пурраи амалкунӣ (эмансипатсия) эътироф карда шавад.

2. Дорои қобилияти пурраи амалкунӣ эътироф кардани ноболиғ бо розигии намояндагони қонунӣ бо қарори мақомоти васояту парасторӣ ё дар сурати набудани чунин розигӣ, бо санади судӣ сурат мегирад.

3. Намояндагони қонунӣ аз рӯйи уҳдадориҳои ноболиғи дорои қобилияти пурраи амалкунӣ эътирофшуда, аз ҷумла аз рӯйи уҳдадориҳое, ки дар натиҷаи расондани зарар ба вуҷуд омадаанд, ҷавобгар нестанд.

### Моддаи 29. Қобилияти амалкунии ноболиғони ба синни чордаҳ нарасида

1. Аҳдро аз номи ноболиғони ба синни чордаҳ нарасида (хурдсолон) танҳо намояндагони қонунии онҳо анҷом дода метавонанд, ба истиснои аҳди дар қисми 3 моддаи мазкур пешбинишуда.

2. Нисбати аҳди анҷомдодаи намояндагони қонунӣ вобаста ба молу мулки ноболиғон қоидаҳои дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи 38 ҳамин Кодекс пешбинигардида татбиқ мешаванд.

3. Ноболиғони аз шаш то чордаҳсола ҳуқуқи мустақилона бастани аҳди зеринро доранд:

- аҳди хурди маишӣ;

- аҳде, ки барои ройгон ба даст овардани нафъ равона гардида, тасдиқи нотариалӣ ё бақайдгирии давлатиро талаб намекунанд;

- аҳди ихтиёрдорӣ кардани воситаҳое, ки намояндагони қонунӣ ё бо розигии онҳо шахси сеюм барои мақсади муайян ё ихтиёрдории озодона додааст.

4. Аз рӯйи аҳди ноболиғи ба синни чордаҳ нарасида, аз ҷумла аҳде, ки ӯ мустақилона анҷом додааст, намояндагони қонунӣ ҷавобгарии молумулкӣ доранд, агар исбот накунанд, ки уҳдадорӣ на бо гуноҳи онҳо вайрон шудааст. Ин шахсон ҳамчунин тибқи қонунгузорӣ барои зарари расондаи ноболиғони ба синни чордаҳ нарасида ҷавобгар мебошанд.

### Моддаи 30. Ғайриқобили амал эътироф намудани шахси воқеӣ

1. Суд шахси воқеиеро, ки дар натиҷаи бемории руҳӣ ё сустақлӣ аҳаммияти амалҳои худро дарк ё идора карда наметавонад, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавӣ ғайриқобили амал эътироф карда метавонад. Ӯ таҳти васоят қарор дода мешавад.

2. Аз номи шахси воқеие, ки ғайриқобили амал эътироф гардидааст, аҳдро васӣ ба анҷом мерасонад.

3. Агар асосҳое, ки мутобиқи онҳо шахси воқеӣ ғайриқобили амал эътироф гардида буд, аз байн раванд, суд ӯро дорои қобилияти амалкунӣ эътироф мекунад ва дар асоси санади судӣ васояти нисбат ба ӯ муқарраргардида бекор карда мешавад.

4. Агар суд қонеъгардонии аризаи ғайриқобили амал эътироф кардани шахсро рад кунад ва муқаррар гардад, ки талабот бевиҷдонона арз шудааст, шахсе, ки дар натиҷаи чунин амалҳо зарари маънавӣ дидааст, ҳуқуқ дорад аз аризадиҳанда товони онро талаб намояд.

### Моддаи 31. Маҳдуд намудани қобилияти амалкунии шахси воқеӣ

1. Суд метавонад қобилияти амалкунии шахси воқеиеро, ки дар натиҷаи мубталои қиморбозӣ, суиистеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ ё маводи нашъаовар худ ё аъзои оилаи худро дар ҳолати вазнини моддӣ қарор медиҳад, бо тартиби

муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавӣ маҳдуд намояд. Ӯ таҳти парасторӣ қарор дода мешавад. ҳ

2. Шахси воқеие, ки қобилияти амалкуниаш маҳдуд карда шудааст, ҳуқуқ дорад мустақилона аҳди хурди маиширо анҷом диҳад. Ӯ танҳо бо розигии парастор метавонад аҳди дигарро анҷом диҳад, инчунин музди меҳнат, нафақа ё даромади дигар гирад ва онҳоро ихтиёрдорӣ намояд.

3. Шахси воқеие, ки қобилияти амалкуниаш маҳдуд карда шудааст, барои аҳди анҷомдода ва зарари расондааш мустақилона ҷавобгарии молумулкӣ дорад.

4. Агар асосҳое, ки мутобиқи онҳо қобилияти амалкунии шахси воқеӣ маҳдуд гардида буд, аз байн раванд, суд маҳдудияти қобилияти амалкунии ӯро бекор мекунад ва дар асоси санади судӣ парастории барои шахси воқеӣ муқарраргардида бекор карда мешавад.

## Моддаи 32. Васоят ва парасторӣ

1. Васояту парасторӣ барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони воқеии ғайриқобили амал ва қобилияти пурраи амалкунинадошта муқаррар мегарданд. Васояту парастории ноболиғон ҳамчунин бо мақсади тарбияи онҳо муқаррар карда мешаванд. Ҳуқуқу уҳдадориҳои васиёну парасторонро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

2. Васиёну парасторон бе ваколати махсус ҳуқуқу манфиатҳои шахсони таҳти васоят ё парасториашонро дар муносибат бо ҳама шахсон, аз ҷумла дар судҳо, ҳифз мекунанд.

3. Васояту парастории ноболиғон дар сурати надоштани падару модар (фарзандхондагон), аз ҳуқуқи падарумодарӣ маҳрум гаштан аз ҷониби суд, инчунин дар ҳолатҳое, ки чунин шахсони воқеӣ бо сабабҳои дигар бе парастории падару модар мондаанд, аз ҷумла дар сурати аз тарбия ё ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳояшон саркашӣ намудани падару модар, муқаррар карда мешаванд.

## Моддаи 33. Васоят

1. Васоят барои хурдсолон, инчунин шахсони воқеие муқаррар карда мешавад, ки суд онҳоро дар натиҷаи бемории рӯҳӣ ё сустақлиашон ғайриқобили амал эътироф намудааст.

2. Васиён намояндагони қонунии шахси таҳти васояташон буда, аз номи онҳо ва ба манфиаташон тамоми аҳди зарурира анҷом медиҳанд.

## Моддаи 34. Парасторӣ

1. Парасторӣ барои ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола, инчунин шахсони воқеие муқаррар карда мешавад, ки суд қобилияти амалкунии онҳоро бо сабаби мубталои қиморбозӣ, суиистеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ ва маводи нашъаовар маҳдуд намудааст.

2. Парасторон барои анҷом додани аҳде розигӣ медиҳанд, ки шахсони воқеии таҳти парасторӣ қарордошта барои мустақилона анҷом додани онҳо ҳуқуқ надоранд.

3. Парасторон ба шахси таҳти парасторӣ қарордошта барои амалисозии ҳуқуқ ва иҷрои уҳдадориҳояшон мусоидат менамоянд, инчунин онҳоро аз суиистифодаи шахсони сеюм ҳифз мекунанд.

## Моддаи 35. Мақомоти васояту парасторӣ

1. Мақомоти васояту парасториро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

2. Мақомоти васояту парастории маҳалли истиқомати шахси таҳти васояту парасторӣ қарордошта ба фаъолияти васиёну парасторони онҳо назорат мекунанд.

## Моддаи 36. Васиён ва парасторон

1. Васӣ ё парастор аз ҷониби мақомоти васояту парастории маҳалли истиқомати шахси муҳтоҷи васоят ё парасторӣ дар давоми як моҳ аз лаҳзае, ки мақомоти мазкур дар хусуси зарурати таҳти васоят ё парасторӣ қарор додани шахси воқеӣ огоҳӣ ёфтаанд, таъин карда мешавад. Дар сурати ҷой доштани ҳолатҳои қобили таваҷҷуҳ васӣ ё парасторро мақомоти васояту парастории маҳалли истиқомати васӣ (парастор) таъин карда метавонанд. Агар барои шахси воқеии муҳтоҷи васоят ё парасторӣ дар давоми як моҳ васӣ ё парастор таъин карда нашавад, иҷрои уҳдадориҳои васӣ ё парастор муваққатан ба зиммаи мақомоти васояту парасторӣ гузошта мешаванд. Шахсони манфиатдор метавонанд нисбати таъини васӣ ё парастор ба суд шикоят намоянд.

2. Танҳо шахсони воқеии ба балоғат расидаи дорои қобилияти пурраи амалкунӣ васӣ ё парастор таъин шуда метавонанд. Шахсони воқеие, ки аз ҳуқуқи падарумодарӣ маҳрум шудаанд, инчунин шахсони воқеие, ки тибқи қонунгузорӣ васӣ ё парастор шуданашон манъ карда шудааст, васӣ ё парастор таъин карда намешаванд.

3. Шахси воқеиро танҳо бо розигии худаш васӣ ё парастор таъин кардан мумкин аст. Зимнан бояд сифатҳои ахлоқӣ ва сифатҳои дигари шахсӣ, қобилияти иҷро кардани вазифаи васӣ ё парастор, агар имкон бошад, хоҳиши шахси таҳти васоят ё парасторӣ қарордошта, ба назар гирифта шаванд.

4. Васиён ва парасторони шахсони воқеии ба васоят ё парасторӣ муҳтоҷ, ки дар муассисаҳои дахлдори тарбиявӣ, табобатӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ё муассисаҳои дигари шабеҳ қарор доранд ё ҷойгир карда шудаанд, ҳамин муассисаҳо ба ҳисоб мераванд.

## Моддаи 37. Уҳдадории худро иҷро кардани васиён ва парасторон

1. Уҳдадориҳо оид ба васояту парасторӣ ба таври ройгон иҷро карда мешаванд, ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ.

2. Васиёну парасторони шахсони воқеии ноболиғ бояд бо шахси таҳти васоят (парасторӣ) қарордошта якҷоя зиндагӣ кунанд. Мақомоти васояту парасторӣ ҷудо зиндагӣ кардани парасторро бо шахси ба синни шонздаҳ расидаи таҳти парасторӣ қарордошта ба шарте иҷозат медиҳад, ки ин ба тарбия ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахси таҳти парасторӣ таъсири манфӣ нарасонад. Васиёну парасторон ухдадоранд, ки дар хусуси тағйир ёфтани маҳалли истиқоматашон мақомоти васояту парасториро хабар диҳанд.

3. Васиёну парасторон уҳдадоранд дар бораи тарбия, саломатӣ, инкишофи ҷисмонӣ, рӯҳӣ, ахлоқӣ, таҳсилоти умумӣ ва касбии шахси таҳти васоят ва парасторӣ қарордошта ғамхорӣ намоянд.

4. Уҳдадориҳои дар қисми 3 моддаи мазкур зикргардида ба зиммаи парасторони шахсони воқеии болиғе, ки суд қобилияти амалкуниашонро маҳдуд намудааст, гузошта намешаванд.

5. Агар асосҳое, ки мутобиқи онҳо шахси воқеӣ ғайриқобили амал ё дорои қобилияти маҳдуди амалкунӣ эътироф гардида буд, аз байн раванд, васӣ ё парастор уҳдадор аст дар хусуси дорои қобилияти амалкунӣ донистани шахси таҳти васоят (парасторӣ) қарордошта ва бекор кардани васоят ё парастории ӯ ба суд дархост пешниҳод намояд.

### Моддаи 38. Ихтиёрдории молу мулки шахси таҳти васоят ё парасторӣ қарордошта

1. Даромади шахси воқеии таҳти васоят ё парасторӣ қарордошта, аз ҷумла даромади аз ҳисоби идораи молу мулки ба ӯ тааллуқдоштаро, васӣ ё парастор бо розигии пешакии мақомоти васояту парасторӣ танҳо ба манфиати шахси таҳти васоят ё парасторӣ қарордошта сарф менамояд, ба истиснои молу мулке, ки шахси таҳти васоят ё парасторӣ қарордошта мустақилона ихтиёрдорӣ карда метавонад. Васӣ ё парастор ҳуқуқ дорад бе розигии пешакии мақомоти васояту парасторӣ аз ҳисоби маблағҳое, ки ба шахси таҳти васоят ё парасторӣ ҳамчун даромад тааллуқ дорад, хароҷоти заруриро ҷиҳати таъминоти шахси таҳти васоят ё парасторӣ анҷом диҳад.

2. Васӣ бе розигии пешакии мақомоти васояту парасторӣ барои анҷом додан ва парастор барои додани розигӣ ҷиҳати анҷом додани аҳд оид ба бегона кардан, аз ҷумла мубодила ё ҳадяи молу мулки шахси таҳти васоят ё парасторӣ қарордошта, ба иҷора ё истифодаи ройгон додан, ё ба гарав мондани он, аҳде, ки боиси аз даст додани ҳуқуқи шахси таҳти васоят ё парасторӣ қарордошта, тақсими молу мулки ӯ ё аз он ҷудо кардани ҳисса мегардад, инчунин ҳар гуна аҳди дигар, ки боиси кам шудани молу мулки шахси таҳти васоят ё парасторӣ қарордошта мешавад, ҳуқуқ надорад. Тартиби идораи молу мулки шахси таҳти васоят ё парасторӣ қарордошта тибқи қонунгузорӣ муайян карда мешавад.

3. Васӣ, парастор, ҳамсарон ва хешовандони наздики онҳо барои анҷоми аҳд бо шахси таҳти васоят ё парасторӣ қарордошта, инчунин барои намояндагӣ кардани шахси таҳти васоят ё парасторӣ қарордошта ҳангоми анҷоми аҳд ё пешбурди парвандаҳои судӣ байни шахси таҳти васоят ё парасторӣ қарордошта ва ҳамсари васӣ ё парастор ва хешовандони наздики

онҳо ҳуқуқ надоранд, ба истиснои ҳамчун ҳадя ё истифодаи ройгон додани молу мулк ба шахси таҳти васоят ё парасторӣ қарордошта.

### Моддаи 39. Идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулки шахси таҳти васоят ва парасторӣ қарордошта

1. Ҳангоми ҷой доштани зарурати идораи доимии молу мулки ғайриманқул ва манқули қиматноки шахси таҳти васоят ва парасторӣ қарордошта мақомоти васояту парасторӣ бо идоракунандае, ки ҳамин мақомот муайян кардаанд, дар хусуси идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк шартнома мебандад. Дар ин ҳолат васӣ ё парастор ваколати худро нисбати молу мулки шахси таҳти васоят ва парасторӣ қарордошта, ки ба идораи ба боварӣ асосёфта дода нашудааст, нигоҳ медорад. Ҳангоми ваколатҳои идораи молу мулки шахси таҳти васоят ва парасторӣ қарордоштаро иҷро кардани идоракунандаи ваколатдор, амали қоидаҳои пешбининамудаи қисмҳои 2 ва 3 моддаи 38 ҳамин Кодекс ба идоракунандаи ваколатдор дахл дорад.

2. Идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулки шахси таҳти васоят ва парасторӣ қарордошта аз рӯйи асосҳое, ки қонунгузорӣ барои қатъи шартномаи идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк пешбинӣ намудааст, инчунин дар сурати қатъи васояту парасторӣ қатъ мегардад.

### Моддаи 40. Аз иҷрои уҳдадорӣ озод ва дур кардани васиёну парасторон

1. Мақомоти васояту парасторӣ дар ҳолати баргардондани ноболиғ ба падару модараш ё фарзандхонд шудан васӣ ё парасторро аз иҷрои уҳдадориҳояш озод мекунанд. Ҳангоми ба муассисаи дахлдори тарбиявӣ, табобатӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ё муассисаҳои дигари шабеҳ ҷойгир кардани шахси таҳти васоят ё парасторӣ қарордошта мақомоти васояту парасторӣ васӣ ё парастори қаблан таъиншударо аз иҷрои уҳдадориҳояш озод мекунанд, ба шарте ки ин хилофи манфиатҳои шахси таҳти васоят ё парасторӣ қарордошта набошад.

2. Васӣ ё парастор мумкин аст бо хоҳиши худ аз иҷрои уҳдадориҳояш озод карда шавад.

3. Дар сурати уҳдадориҳояшро ба таври номатлуб иҷро кардани васӣ ё парастор, аз ҷумла дар ҳолати васоят ё парасториро ба мақсадҳои ғаразнок истифода кардани ӯ ё шахси таҳти васоят ё парасторӣ қарордоштаро бе назорат, бе ёрии зарурӣ гузоштанаш, инчунин дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти васояту парасторӣ метавонанд васӣ ё парасторро аз иҷрои ин уҳдадориҳо дур карда, ҷиҳати ба ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонунгузорӣ кашидани шахси воқеии гунаҳкор тадбирҳои зарурӣ андешанд.

### Моддаи 41. Қатъ гардидани васояту парасторӣ

1. Васояту парасторӣ нисбати шахсони воқеии болиғ дар ҳолатҳои аз ҷониби суд қабул гардидани санади судӣ дар бораи дорои қобилияти амалкунӣ эътироф намудани шахси таҳти васоят ё парасторӣ қарордошта ва ё бекор

кардани қобилияти маҳдуди амалкунии ӯ дар асоси аризаи васӣ, парастор ё мақомоти васояту парасторӣ қатъ мегарданд.

2. Ҳангоми ба синни чордаҳ расидани шахси таҳти васоят қарордошта васояти ӯ қатъ мегардад ва шахси воқеӣ, ки ухдадориҳои васиро амалӣ мекард, бе қарори иловагӣ дар ин хусус парастори ноболиғ мегардад.

3. Парастории ноболиғ ҳангоми ба синни ҳаждаҳ расидани шахси таҳти парасторӣ қарордошта, инчунин дар сурати бастани ақди никоҳ ва дар ҳолатҳои дигари то ба балоғат расидан дорои қобилияти пурраи амалкунӣ гардидани ӯ (қисми 2 моддаи 22 ва моддаи 28 ҳамин Кодекс) қатъ мегардад.

## Моддаи 42. Сарпарастии шахсони воқеии қобили амал (патронаж)

1. Бо хоҳиши шахси воқеии болиғи дорои қобилияти амалкунӣ, ки бо сабаби вазъи саломатиаш ҳуқуқҳои худро мустақилона амалӣ, ҳимоя ва ухдадориҳояшро иҷро карда наметавонад, мумкин аст барои ӯ парасторӣ дар шакли сарпарастӣ муқаррар карда шавад. Муқаррар намудани сарпарастӣ боиси маҳдудшавии ҳуқуқҳои шахси таҳти парасторӣ қарордошта намегардад.

2. Сарпарасти шахси воқеии болиғи дорои қобилияти амалкуниро мақомоти васояту парасторӣ танҳо бо розигии чунин шахси воқеӣ таъин карда метавонанд.

3. Сарпараст молу мулки шахси болиғи дорои қобилияти амалкунии таҳти парасторӣ қарордоштаро дар асоси шартномаи супориш ё идораи ба боварӣ асосёфта, ки бо шахси таҳти парасторӣ қарордошта баста шудааст, ихтиёрдорӣ мекунад. Аҳди маишӣ ва аҳди дигарро, ки ба таъмин ва қонеъ гардондани талаботи шахси таҳти парасторӣ қарордошта равона гардидаанд, сарпарасти ӯ бо розигии шахси таҳти парасторӣ қарордошта анҷом медиҳад.

4. Сарпарастии мутобиқи қисми 1 моддаи мазкур муқарраргардида барои шахсони воқеии болиғи дорои қобилияти амалкунӣ бо талаби шахси воқеии таҳти парасторӣ қарордошта қатъ мегардад. Сарпарасти шахси воқеии таҳти парасторӣ қарордошта дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 40 ҳамин Кодекс ё қатъ гардидани шартномаи супориш ё идораи ба боварӣ асосёфта, ки бо шахси таҳти парасторӣ қарордошта баста шудааст, аз иҷрои ухдадориҳои ба зиммааш гузошташуда озод карда мешавад.

## Моддаи 43. Бедарак ғоибшуда эътироф намудани шахси воқеӣ

1. Агар дар давоми як сол дар маҳалли истиқомати шахси воқеӣ дар хусуси маҳалли қарор доштани ӯ маълумоте набошад, суд бо аризаи шахси манфиатдор метавонад ӯро бедарак ғоибшуда эътироф намояд.

2. Дар сурати муқаррар карда натавонистани рӯзи расидани маълумоти охир дар хусуси шахси ғоибшуда, оғози ҳисоби мӯҳлат барои эътирофи бедарак ғоибшуда санаи аввали моҳе, ки пас аз моҳи расидани маълумоти охир дар хусуси шахси ғоибшуда фаро мерасад ва дар сурати муқаррар карда натавонистани ин моҳ, якуми январи соли минбаъда ҳисоб мешавад.

### Моддаи 44. Оқибатҳои бедарак ғоибшуда эътироф намудани шахси воқеӣ

1. Молу мулки шахси воқеии бедарак ғоибшуда эътирофгардида ҳангоми зарурати ҳифзи он дар асоси санади судӣ ба идораи ба боварӣ асосёфтаи шахсе супорида мешавад, ки аз ҷониби мақомоти васояту парасторӣ муайян гардида, дар асоси шартномаи бо ин мақомот басташуда дар бораи идораи ба боварӣ асосёфта амал мекунад.

2. Идоракунандаи молу мулки шахси воқеии бедарак ғоибшуда эътирофгардида ичрои уҳдадориҳои маданиро ба зимма гирифта, аз ҳисоби молу мулки шахси ғоибшуда қарзи ӯро пардохт менамояд ва ин молу мулкро ба манфиати чунин шахс идора мекунад. Ба шахсони воқеие, ки шахси бедарак ғоибшуда эътирофгардида бояд онҳоро таъмин мекард, бо аризаи шахсони манфиатдор таъминот дода мешавад.

3. Мақомоти васояту парасторӣ то гузаштани як соли пас аз расидани маълумот дар хусуси маҳалли қарор доштани шахси воқеии бедарак ғоибшуда эътирофгардида низ метавонанд барои ҳифзи молу мулки ӯ идоракунандаро таъин намоянд.

4. Оқибатҳои бедарак ғоибшуда эътироф гардидани шахсро, ки дар моддаи мазкур пешбинӣ нашудаанд, қонунгузорӣ муайян менамояд.

### Моддаи 45. Бекор кардани санади судӣ дар бораи бедарак ғоибшуда эътироф намудани шахси воқеӣ

1. Суд ҳангоми ҳозир шудани шахси воқеии бедарак ғоибшуда эътирофгардида ё муайян гардидани маҳалли қарор доштанаш санади судиро дар бораи бедарак ғоибшуда эътироф намудани ӯ бекор мекунад. Идораи молу мулки шахси воқеии мазкур дар асоси санади судӣ бекор карда мешавад.

2. Мақомоти васояту парасторӣ уҳдадоранд бо ариза оид ба вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ ба суд мурочиат кунанд, агар баъди се соли таъин кардани идоракунанда санади судӣ оид ба бедарак ғоибшуда эътироф намудани шахс бекор нагардида ё дар хусуси вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ ба суд мурочиат нашуда бошад.

### Моддаи 46. Вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ

1. Суд метавонад шахси воқеиеро, ки дар маҳалли истиқоматаш дар давоми се сол, инчунин агар ӯ дар ҳолате бедарак ғоиб шуда бошад, ки хатари марг ба ҳаёташ таҳдид мекард ё ба гумони аз ҳодисаи нохуши муайян ба ҳалокат расидани ӯ асос медиҳад, дар давоми шаш моҳ дар бораи маҳалли қарор доштанаш маълумоте набошад, вафоткарда эълон намояд.

2. Суд хизматчии ҳарбӣ ё шахсони воқеии дигари бо сабаби амалиёти ҷангӣ бедарак ғоибшударо танҳо баъди як соли пас аз анҷоми амалиёти ҷангӣ вафоткарда эълон карда метавонад.

3. Рӯзи вафоти шахси воқеие, ки вафоткарда эълон шудааст, рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани санади судӣ дар бораи вафоткарда эълон намудани ӯ

дониста мешавад. Ҳангоми вафоткарда эълон гардидани шахси воқеии дар ҳолати бедарак ғоибшуда, ки ба ҳаёти ӯ таҳдид мекард ё барои гумони дар натиҷаи ҳодисаи нохуши муайян вафот кардани ӯ асос медиҳад, суд метавонад рӯзи тахминии вафоти ӯро рӯзи вафоти ин шахси воқеӣ эътироф намояд.

4. Вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ нисбати ҳуқуқу уҳдадориҳои чунин шахси воқеӣ боиси ҳамон оқибатҳое мегарданд, ки аз вафоти ӯ бармеоянд.

### Моддаи 47. Оқибатҳои ҳозир шудани шахси воқеие, ки вафоткарда эълон шуда буд

1. Ҳангоми ҳозиршавӣ ё ошкор намудани ҷойи қарор доштани шахси воқеие, ки вафоткарда эълон шуда буд, суд санади судии дахлдорро бекор мекунад.

2. Шахси воқеӣ, сарфи назар аз вақти ҳозиршавӣ, метавонад аз ҳар шахс баргардондани молу мулки маҳфузмондаеро талаб намояд, ки пас аз вафоткарда эълон гардидани ӯ ройгон ба ин шахс гузаштаанд, ба истисноӣ ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 4 моддаи 275 ҳамин Кодекс.

3. Шахсоне, ки молу мулки шахси воқеии вафоткарда эълоншуда дар натиҷаи аҳди музднок ба онҳо гузаштаанд, агар исбот гардад, ки ҳангоми ба даст овардани молу мулк онҳо зинда будани шахси воқеии вафоткарда эълоншударо медонистанд, уҳдадоранд ин молу мулкро ба ӯ баргардонанд. Ҳангоми баргардонда натавонистани худи молу мулк арзиши онҳо пардохт карда мешавад.

4. Агар молу мулки шахси воқеии вафоткарда эълоншуда аз рӯйи ҳуқуқи меросгирӣ ба давлат гузашта, бо риояи шартҳои дар моддаи мазкур пешбинигардида фурӯхта шуда бошад, пас аз бекор кардани санади судӣ дар бораи вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ ба ӯ маблағи аз фурӯши молу мулк бадастомада баргардонда мешавад.

## БОБИ 4. ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ

## §1. Муқаррароти асосӣ

### Моддаи 48. Мафҳуми шахси ҳуқуқӣ

1. Ташкилоте шахси ҳуқуқӣ дониста мешавад, ки дар моликият, пешбурди хоҷагӣ ё идоракунии оперативӣ молу мулки алоҳида дошта, аз рӯйи уҳдадориҳои худ бо ин молу мулк ҷавобгар бошад, тавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро ба даст оварда, амалӣ намояд, уҳдадорӣ гирад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад.

2. Шахси ҳуқуқӣ бояд тавозун ва (ё) харҷномаи мустақил дошта бошад.

3. Муассисон (иштирокдорон)-и шахси ҳуқуқӣ вобаста ба иштирок дар ташкили молу мулки он метавонанд ҳуқуқи уҳдадорӣ нисбати ин шахси ҳуқуқӣ ё ҳуқуқи ашё ба молу мулки он дошта бошанд.

4. Ба шахсони ҳуқуқие, ки иштирокдоронашон нисбати онҳо ҳуқуқи уҳдадорӣ доранд, ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ ва кооперативҳо дохил мешаванд.

5. Ба шахсони ҳуқуқие, ки муассисонашон ба молу мулки онҳо ҳуқуқи моликият ё ҳуқуқи дигари ашё доранд, корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва муассисаҳо дохил мешаванд.

6. Ба шахсони ҳуқуқие, ки муассисонашон (иштирокдоронашон) нисбати онҳо ҳуқуқи молумулкӣ надоранд, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои динӣ, фондҳо ва иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо) ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун дигар шахсони ҳуқуқӣ дохил мешаванд.

## Моддаи 49. Қобилияти ҳуқуқдории шахси ҳуқуқӣ

1. Шахси ҳуқуқӣ метавонад мутобиқи мақсадҳои фаъолияти дар ҳуҷҷатҳои таъсисии он пешбинигардида ҳуқуқҳои маданӣ ва вобаста ба ин фаъолият уҳдадориҳо дошта бошад.

2. Ташкилотҳои тиҷоратӣ метавонанд ҳуқуқу уҳдадориҳои мадание дошта бошанд, ки барои амалисозии ҳама гуна намуди фаъолияти бо қонунгузорӣ манъношуда заруранд, ба истисноии корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва намудҳои дигари ташкилотҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ. Шахси ҳуқуқӣ намудҳои алоҳидаи фаъолиятеро, ки номгӯйи онҳо бо қонунгузорӣ муайян карда мешавад, танҳо дар асоси иҷозати махсус амалӣ карда метавонад.

3. Ҳуқуқҳои шахси ҳуқуқӣ танҳо дар ҳолатҳо ва бо тартиби пешбининамудаи қонун метавонанд маҳдуд карда шаванд. Аз болои қарори маҳдуд кардани ҳуқуқҳо ба суд шикоят овардан мумкин аст.

4. Қобилияти ҳуқуқдории шахси ҳуқуқӣ аз лаҳзаи таъсиси он (қисми 3 моддаи 51 ҳамин Кодекс) ба миён омада, дар лаҳзаи ба охир расидани барҳамдиҳии он (қисми 11 моддаи 64 ҳамин Кодекс) қатъ мегардад.

5. Ҳуқуқи шахси ҳуқуқӣ ҷиҳати амалисозии фаъолияте, ки барои анҷом додани он гирифтани иҷозати махсус зарур аст (қисми 2 моддаи мазкур), аз лаҳзаи гирифтани чунин иҷозат ё дар муҳлати дар он зикргардида ба вуҷуд омада, бо гузаштани муҳлати амали он қатъ мегардад, агар дар қонунгузорӣ тартиби дигар муқаррар нашуда бошад.

## Моддаи 50. Ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ

1. Ташкилотҳое шахси ҳуқуқӣ буда метавонанд, ки ба даст овардани фоидаро мақсади асосии фаъолияти худ қарор додаанд (ташкилотҳои тиҷоратӣ) ё чунин мақсади ба даст овардани фоидаро надошта, фоидаро байни иштирокдорон тақсим намекунанд (ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ).

2. Шахсони ҳуқуқие, ки ташкилотҳои тиҷоратӣ мебошанд, метавонанд дар шакли ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ, кооперативҳои тиҷоратӣ ва корхонаҳои воҳиди давлатӣ таъсис дода шаванд.

3. Шахсони ҳуқуқие, ки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мебошанд, метавонанд дар шакли кооперативҳои ғайритиҷоратӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё ташкилотҳои динӣ, муассисаҳо, фондҳо, инчунин дар шаклҳои дигари пешбининамудаи қонун таъсис дода шаванд.

4. Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ танҳо то ҳадде ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуда метавонанд, ки барои мақсадҳои оинномавии онҳо зарур аст.

5. Тартиби таъсисдиҳӣ ва фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратиро қонун муайян менамояд.

6. Таъсисдиҳии иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ дар шакли муқаррарнамудаи қонун иҷозат дода мешавад.

### Моддаи 51. Бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ

1. Шахси ҳуқуқӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ба қайди давлатӣ гирифта мешавад.

2. Асосҳои рад кардани бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ мувофиқи қонун муқаррар карда мешаванд. Рад кардани бақайдгирӣ бо асоси мувофиқи мақсад набудани таъсисдиҳии шахси ҳуқуқӣ манъ аст. Оид ба рад кардани бақайдгирии давлатӣ, инчунин саркашӣ кардан аз он, ба суд шикоят намудан мумкин аст.

3. Шахси ҳуқуқӣ аз лаҳзаи ба қайди давлатӣ гирифта шудан таъсисгардида дониста мешавад.

4. Шахси ҳуқуқӣ танҳо дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун аз нав ба қайд гирифта мешавад.

5. Маълумот дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ба феҳристи дахлдори давлатии шахсони ҳуқуқӣ ворид карда шуда, барои шиносоии умумӣ дастрас мебошад.

6. Шахсе, ки бовиҷдонона ба маълумоти феҳристи дахлдори давлатии шахсони ҳуқуқӣ бовар карда амал кардааст, ҳуқуқ дорад чунин маълумотро боэътимод ҳисоб кунад. Шахсони ҳуқуқӣ ҳуқуқ надоранд нисбат ба шахси истифодабурдаи маълумот аз феҳристи дахлдори давлатии шахсони ҳуқуқӣ баҳона пеш оранд, ки он маълумот ба феҳрист ворид нашудаанд ё нодуруст ворид шудаанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки чунин маълумоти нодуруст дар натиҷаи амалҳои ғайриқонунии шахсони дигар берун аз иродаи шахсони ваколатдори шахси ҳуқуқӣ ворид шуда бошанд.

7. Шахсони ҳуқуқӣ уҳдадоранд зиёнеро, ки дар натиҷаи пешниҳод накардан, нодуруст ё сари вақт пешниҳод накардани маълумот ба феҳристи дахлдори давлатии шахсони ҳуқуқӣ ба дигар иштирокдорони муомилоти маданӣ расондаанд, ҷуброн намоянд.

### Моддаи 52. Муассисони шахси ҳуқуқӣ

1. Шахси ҳуқуқиро як ё якчанд муассис таъсис дода метавонад.

2. Молик ё мақомоти ваколатдорнамудаи он, инчунин шахсони дигар, бо тартиби пешбиннамудаи қонун муассиси шахси ҳуқуқӣ шуда метавонанд.

### Моддаи 53. Ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқӣ

1. Шахси ҳуқуқӣ дар асоси оинннома ё шартномаи таъсисӣ ва оиннома ва ё танҳо шартномаи таъсисӣ амал мекунад. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун шахси ҳуқуқие, ки ташкилоти тиҷоратӣ намебошад, дар асоси низомномаи умумӣ оид ба чунин намуди ташкилотҳо амал карда метавонад.

2. Шартномаи таъсисии шахси ҳуқуқиро муассисон (иштирокдорон)-и он баста, оинномаро тасдиқ менамоянд.

3. Шахси ҳуқуқие, ки мутобиқи ҳамин Кодекс аз ҷониби як муассис таъсис ёфтааст, дар асоси оинномаи тасдиқнамудаи ин муассис амал мекунад.

4. Дар оиннома ва ҳуҷҷатҳои дигари таъсисии шахси ҳуқуқӣ бояд номи шахси ҳуқуқӣ, маҳалли ҷойгиршавии он, тартиби идораи фаъолияти шахси ҳуқуқӣ муайян карда шаванд, инчунин маълумоти дигари пешбининамудаи қонун нишон дода шавад.

5. Дар ҳуҷҷатҳои таъсисии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва корхонаҳои воҳиди давлатӣ, дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, инчунин ташкилотҳои тиҷоратии дигар, бояд мавзуъ ва мақсади фаъолияти шахси ҳуқуқӣ муайян карда шаванд. Дар ҳуҷҷатҳои таъсисии ташкилотҳои дигари тиҷоратӣ мумкин аст мавзуъ ва мақсади муайяни фаъолияти онҳо пешбинӣ карда шаванд.

6. Дар шартномаи таъсисӣ тарафҳо ҷиҳати таъсиси шахси ҳуқуқӣ ухдадорӣ қабул намуда, тартиби фаъолияти якҷоя дар мавриди таъсиси он, шартҳои ба он додани молу мулки худ ва иштирок дар фаъолияти онро муайян менамоянд. Дар шартнома инчунин шарту тартиби тақсими фоидаю зиён байни иштирокдорон, идоракунии фаъолияти шахси ҳуқуқӣ, аз ҳайати он баромадани иштирокдорон муайян карда мешаванд. Бо мувофиқаи тарафҳо ба шартномаи таъсисӣ мумкин аст шартҳои дигар низ дохил карда шаванд.

7. Тағйироти ба ҳуҷҷатҳои таъсисии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, фондҳо, инчунин ташкилотҳои динӣ воридкардашуда барои шахсони сеюм пас аз бақайдгирии давлатӣ эътибор пайдо мекунанд. Тағйирот ба ҳуҷҷатҳои таъсисии шахсони ҳуқуқӣ пас аз ворид намудани онҳо ба феҳристи дахлдори давлатии шахсони ҳуқуқӣ эътибор пайдо мекунанд.

### Моддаи 54. Мақомоти шахси ҳуқуқӣ

1. Шахси ҳуқуқӣ ба воситаи мақомоти дар асоси қонун ва ҳуҷҷатҳои таъсисӣ амалкунандааш ҳуқуқҳои маданиро ба даст оварда, ухдадориҳои маданиро ба зимма мегирад. Тартиби таъин ё интихоби мақомоти шахси ҳуқуқӣ тибқи қонун ва ҳуҷҷатҳои таъсисиаш муайян карда мешавад.

2. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун шахси ҳуқуқӣ метавонад ба воситаи иштирокдоронаш ҳуқуқҳои маданиро ба даст оварда, ухдадориҳои маданиро ба зимма гирад.

3. Шахсе, ки мутобиқи қонун ё ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқӣ аз номи он баромад мекунад, бояд ба манфиати шахси ҳуқуқии намояндагӣ мекардааш бовиҷдонона ва оқилона амал кунад. Чунин шахс уҳдадор аст бо талаби муассисон (иштирокдорон, аъзо)-и шахси ҳуқуқӣ зиёнеро, ки он ба шахси ҳуқуқӣ расондааст, ҷуброн намояд, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

## Моддаи 55. Ном ва маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ

1. Шахси ҳуқуқӣ номи худро дорад, ки дар он ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ба хусусияти фаъолияташ ишора карда мешавад.

2. Ба номи шахси ҳуқуқӣ дохил кардани ишора ба номи пурра ё мухтасари расмӣ (номи давлат), инчунин ворид намудани чунин нишондод ё унсурҳои рамзҳои давлатӣ дар унсурҳои ҳуҷҷатҳо ё маводи рекламавии шахси ҳуқуқӣ бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳ дода мешавад.

3. Маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ маҳалли бақайдгирии давлатии он ҳисоб меёбад.

4. Агар маълумоти муҳимми ҳуқуқӣ ба нишоние, ки дар феҳристи дахлдори давлатии шахсони ҳуқуқӣ зикр шудааст, ворид шуда бошанд, аммо шахси ҳуқуқӣ онро нагирифта бошад, пас таваккал бар зиммаи худи шахси ҳуқуқӣ вогузор карда мешавад. Маълумоте, ки ба нишонии дар феҳристи дахлдори давлатии шахсони ҳуқуқӣ зикршуда ворид шудаанд, аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ қабулгардида ҳисобида мешаванд, гарчанде шахси ҳуқуқӣ дар чунин нишонӣ воқеан ҷойгир нашуда бошад ҳам.

5. Ном ва маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ дар ҳуҷҷатҳои таъсисии он нишон дода мешаванд.

6. Шахси ҳуқуқие, ки ташкилоти тиҷоратӣ мебошад, бояд номи фирмавӣ дошта бошад.

7. Шахси ҳуқуқие, ки номи фирмавии он бо тартиби муқарраргардида ба қайд гирифта шудааст, барои истифодаи он ҳуқуқи истисноӣ дорад. Тартиби бақайдгирӣ ва истифодаи номи фирмавиро қонун муайян менамояд.

8. Шахсе, ки номи бақайдгирифташудаи фирмавии шахси дигарро ғайриқонунӣ истифода мебарад, бо талаби ҳуқуқдори номи фирмавӣ уҳдадор аст истифодаи онро қатъ карда, зиёни расондаашро ҷуброн намояд.

## Моддаи 56. Намояндагӣ ва филиалҳо

1. Намояндагӣ воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, манфиатҳои шахси ҳуқуқиро ҳимоя ва намояндагӣ намуда, аз номи он аҳд ва амалҳои дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ пешбинишударо анҷом медиҳад.

2. Филиал воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, тамоми вазифаҳо ё як қисми онҳоро, аз ҷумла вазифаи намояндагиро, иҷро мекунад.

3. Намояндагию филиалҳо шахси ҳуқуқӣ намебошанд. Онҳо аз ҷониби шахси ҳуқуқии таъсиснамудаашон бо молу мулк таъмин шуда, дар асоси низомномаи тасдиқнамудаи он амал мекунанд.

4. Роҳбарони намояндагию филиалҳо аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ таъин гардида, дар асоси ваколатномаи он амал мекунанд.

5. Намояндагӣ ва филиалҳо бояд дар ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқие, ки онҳоро таъсис додааст, нишон дода шаванд.

## Моддаи 57. Ҷавобгарии шахси ҳуқуқӣ

1. Шахсони ҳуқуқӣ, ғайр аз корхонаи махсус ва муассисаҳо, аз рӯйи уҳдадориҳои худ бо тамоми молу мулкашон ҷавобгар мебошанд.

2. Корхонаи махсус ва муассиса аз рӯйи уҳдадориҳои худ бо тартиб ва дар асоси шартҳои пешбининамудаи қисми 8 моддаи 121, моддаҳои 123, 128 ва 342 ҳамин Кодекс ҷавобгар мебошанд.

3. Муассис (иштирокдор)-и шахси ҳуқуқӣ ё молики он аз рӯйи уҳдадориҳои шахси ҳуқуқӣ, шахси ҳуқуқӣ бошад, аз рӯйи уҳдадориҳои муассис (иштирокдор) ё молик ҷавобгар намебошад, ба истисноӣ ҳолатҳои дар ҳамин Кодекс ё ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқӣ пешбинигардида.

4. Агар сабабгори муфлисшавии шахси ҳуқуқӣ муассисон (иштирокдорон), молики молу мулки шахси ҳуқуқӣ ё шахсони дигар бошанд, ки ҳуқуқи додани дастурҳои ҳатмиро ба шахси ҳуқуқӣ ё ба тариқи дигар имконияти муайян намудани амалҳои онро доранд, ба зиммаи чунин шахсон дар сурати кофӣ набудани молу мулки шахси ҳуқуқӣ мумкин аст аз рӯйи уҳдадориҳои он ҷавобгарии иловагӣ гузошта шавад.

## Моддаи 58. Азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ

1. Азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ (муттаҳидшавӣ, ҳамроҳшавӣ, тақсимшавӣ, ҷудошавӣ, табдилдиҳӣ) метавонад бо қарори муассисон (иштирокдорон)-и он ё мақомоти шахси ҳуқуқие, ки мутобиқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ дорои чунин ваколат мебошанд, анҷом дода шавад.

2. Бо мақсади маҳдуд сохтани фаъолияти инҳисорӣ дар қонун мумкин аст ҳолатҳо ва тартиби маҷбурии азнавташкилдиҳии ташкилотҳои тиҷоратӣ дар асоси санади судӣ пешбинӣ карда шавад. Агар муассисон (иштирокдорон)-и шахси ҳуқуқӣ, мақомоти ваколатдори онҳо ё мақомоти шахси ҳуқуқӣ, ки тибқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ барои азнавташкилдиҳии он ваколатдоранд, азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқиро дар муҳлати муқаррарнамудаи санади судӣ анҷом надиҳанд, суд мудири берунаи шахси ҳуқуқиро таъин намуда, ба ӯ супориш медиҳад, ки азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқиро анҷом диҳад. Аз лаҳзаи таъин гардидани мудири беруна ваколати идоракунии шахси ҳуқуқӣ ба зиммаи ӯ мегузарад. Мудири беруна аз номи шахси ҳуқуқӣ дар суд амал

мекунад ва тавозуни тақсимотро тартиб дода, онро якҷоя бо ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқии дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ бавуҷудоянда ҷиҳати тасдиқ ба суд месупорад. Аз ҷониби суд тасдиқ гардидани ҳуҷҷатҳои мазкур барои бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқии навтаъсис асос мебошад.

3. Дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ дар шакли муттаҳидшавӣ, ҳамроҳшавӣ ё табдилдиҳӣ танҳо бо розигии мақомоти давлатии ваколатдор анҷом дода мешавад.

4. Шахси ҳуқуқӣ, ба истиснои ҳолатҳои азнавташкилдиҳӣ дар шакли ҳамроҳшавӣ, аз лаҳзаи бақайдгирии шахси ҳуқуқии навтаъсис азнавташкилшуда дониста мешавад.

5. Дар сурати азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ дар шакли ба он ҳамроҳ шудани шахси ҳуқуқии дигар, шахсони ҳуқуқие, ки дар ҳамроҳшавӣ иштирок менамоянд, дар ин хусус бо тартиби муқарраршуда дар як вақт ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ барои ворид намудани маълумот ба феҳристи дахлдори давлатии шахсони ҳуқуқӣ ариза пешниҳод менамоянд. Шахси ҳуқуқӣ аз лаҳзаи ворид намудани маълумот дар бораи қатъ ёфтани шахси ҳуқуқии ҳамроҳшуда ва маълумот дар бораи тағйироти ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқӣ ба феҳристи дахлдори давлатии шахсони ҳуқуқӣ азнавташкилшуда ба ҳисоб меравад.

6. Азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ дар шакли табдилдиҳӣ пас аз ворид намудани маълумот ба феҳристи дахлдори давлатии шахсони ҳуқуқӣ дар бораи тағйирдиҳии шакли ташкилию ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ баанҷомрасида дониста мешавад.

7. Азнавташкилдиҳии ташкилотҳои қарзии молиявӣ тибқи ҳамин Кодекс ва қонунгузории бонкӣ сурат мегирад.

## Моддаи 59. Ворисии ҳуқуқӣ ҳангоми азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ

1. Ҳангоми муттаҳидшавии шахсони ҳуқуқӣ ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳар яки онҳо мутобиқи санади супоридан ба шахси ҳуқуқии навтаъсис мегузаранд.

2. Ҳангоми ҳамроҳшавии шахси ҳуқуқӣ ба шахси ҳуқуқии дигар ҳуқуқу уҳдадориҳои шахси ҳуқуқии ҳамроҳшуда мутобиқи санади супоридан ба шахси ҳуқуқии дигар мегузаранд.

3. Ҳангоми ҷудошавии шахси ҳуқуқӣ ҳуқуқу уҳдадориҳои он мутобиқи тавозуни тақсимот ба шахсони ҳуқуқии навтаъсис мегузаранд.

4. Ҳангоми аз ҳайати шахси ҳуқуқӣ ҷудо кардани як ё якчанд шахси ҳуқуқӣ ҳуқуқу уҳдадориҳои шахси ҳуқуқии азнавташкилшуда мутобиқи тавозуни тақсимот ба ҳар яки онҳо мегузаранд.

5. Ҳангоми табдилдиҳии як намуди шахси ҳуқуқӣ ба намуди дигари шахси ҳуқуқӣ (тағйир додани шакли ташкилию ҳуқуқӣ) ҳуқуқу уҳдадориҳои шахси ҳуқуқии азнавташкилшуда мутобиқи санади супоридан ба шахси ҳуқуқии навтаъсис гузаронда мешаванд.

## Моддаи 60. Санади супоридан ва тавозуни тақсимот

1. Санади супоридан ва тавозуни тақсимот бояд муқаррарот оид ба гузаштани ҳамаи ҳуқуқу уҳдадориҳои шахси ҳуқуқии азнавташкилшуда нисбати ҳамаи кредиторону қарздорони он, аз ҷумла уҳдадориҳои мавриди баҳси тарафҳо қарордоштаро ҳам, дар бар гиранд.

2. Санади супоридан ва ё тавозуни тақсимот аз ҷониби муассисон (иштирокдорон)-и шахси ҳуқуқӣ ё мақомоте, ки дар хусуси азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ қарор қабул намудааст, тасдиқ гардида, ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ барои бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқии навтаъсис ва барои ба феҳристи дахлдори давлатии шахсони ҳуқуқӣ ворид намудани маълумот дар бораи шахсони ҳуқуқии азнавташкилшуда пешниҳод карда мешаванд.

## Моддаи 61. Кафолатҳои ҳуқуқии кредиторони шахси ҳуқуқӣ ҳангоми азнавташкилдиҳии он

1. Муассисон (иштирокдорон)-и шахси ҳуқуқӣ ё мақомоте, ки дар хусуси азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ қарор қабул кардааст, бояд кредиторони шахси ҳуқуқии азнавташкилшавандаро ба таври хаттӣ огоҳ намоянд.

2. Кредитори шахси ҳуқуқии азнавташкилшаванда ҳуқуқ дорад қатъ ё пеш аз муҳлат иҷро шудани уҳдадориро, ки аз рӯйи он ҳамин шахси ҳуқуқӣ қарздор аст, инчунин ҷуброни зиёнро талаб намояд.

3. Агар тавозуни тақсимот барои муайян намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ворисони ҳуқуқии шахси ҳуқуқии азнавташкилшаванда имконият надиҳад, шахси ҳуқуқии навтаъсис аз рӯйи уҳдадориҳои шахси ҳуқуқии азнавташкилшуда дар назди кредиторони он ҷавобгарии муштарак дорад.

## Моддаи 62. Барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ

1. Барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ боиси қатъ гардидани он бе ба шахси дигар ба тариқи ворисии ҳуқуқӣ гузаштани ҳуқуқу уҳдадориҳояш мегардад.

2. Шахси ҳуқуқӣ дар ҳолатҳои зерин метавонад барҳам дода шавад:

- бо қарори муассисон (иштирокдорон) ё мақомоти шахси ҳуқуқие, ки мутобиқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ чунин ваколатро доранд, аз ҷумла бо сабаби гузаштани муҳлати таъсисдиҳии шахси ҳуқуқӣ ё ноил шудан ба мақсадҳои таъсис;

- бо санади судӣ ҳангоми дар таъсиси он роҳ додан ба вайронкунии дағалонаи қонунгузорӣ, агар чунин вайронкунӣ хусусияти ислоҳнопазир дошта бошад ё бе иҷозатномаи дахлдор машғул шудан ба фаъолият ё фаъолияти манънамудаи қонун, ё амалӣ намудани фаъолият бо вайрон кардани чандинкарата ва дағалонаи қонунгузорӣ ё аз тарафи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои динӣ ва фондҳо мунтазам амалӣ намудани фаъолияте, ки ба мақсадҳои оинномавиашон мухолиф мебошад, ҳангоми бозхонди иҷозатнома, ки амалӣ намудани амалиёти дар иҷозатнома пешбинишуда намуди ягонаи фаъолияти иҷозатдодашуда мебошад, инчунин дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

3. Талаби барҳамдиҳии шахси ҳуқуқиро тибқи асосҳои дар қисми 2 моддаи мазкур зикргардида мақомоти ваколатдори давлатие, ки мувофиқи қонун барои пешниҳоди чунин талаб ҳуқуқ доранд, ба суд пешниҳод карда метавонанд.

4. Бо санади судӣ дар бораи барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ мумкин аст уҳдадории барҳам додани шахси ҳуқуқӣ ба зиммаи муассисон (иштирокдорон)-и он ё мақомоти дар асоси ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқӣ ба барҳамдиҳии он ваколатдошта гузошта шавад.

5. Шахси ҳуқуқӣ бо сабаби муфлис эътироф шуданаш инчунин мутобиқи моддаи 66 ҳамин Кодекс барҳам дода мешавад.

6. Агар арзиши молу мулки шахси ҳуқуқӣ барои қонеъ гардондани талаботи кредиторон кофӣ набошад, онро ҳамчун муфлис танҳо бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 66 ҳамин Кодекс барҳам додан мумкин аст.

7. Агар дар қонунгузорӣ тартиби дигар муқаррар нашуда бошад, барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзии молиявӣ тибқи ҳамин Кодекс сурат мегирад.

### Моддаи 63. Уҳдадории шахсе, ки дар бораи барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ қарор қабул кардааст

1. Муассисон (иштирокдорон)-и шахси ҳуқуқӣ ё мақомоте, ки дар бораи барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ қарор қабул кардаанд, уҳдадоранд фавран дар ин бора мақомоти бақайдгирандаи шахси ҳуқуқиро ба таври хаттӣ огоҳ намоянд ва мақомоти бақайдгиранда ба феҳристи дахлдори давлатии шахсони ҳуқуқӣ дар бораи дар ҷараёни барҳамдиҳӣ қарор доштани шахси ҳуқуқӣ маълумот ворид карда, дар сомонаи худ ин маълумотро ҷойгир намоянд.

2. Муассисон (иштирокдорон)-и шахси ҳуқуқӣ ё мақомоте, ки дар бораи барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ қарор қабул кардаанд, комиссияи барҳамдиҳиро таъсис намуда, мутобиқи ҳамин Кодекс тартиб ва мӯҳлати барҳамдиҳиро муқаррар менамоянд.

3. Комиссияи барҳамдиҳӣ аз лаҳзаи таъсисёбӣ барои назорат кардани амали мақомоти шахси ҳуқуқӣ оид ба ихтиёрдории молу мулкаш ваколат ба даст меорад, аз ҷумла тамоми санадҳои мақомоти шахси ҳуқуқӣ, ки ба бегона кардани молу мулки он ё пардохти қарз равона гардидаанд, танҳо бо розигии комиссияи барҳамдиҳӣ иҷро карда мешаванд.

### Моддаи 64. Тартиби барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ

1. Комиссияи барҳамдиҳӣ дар матбуоти даврӣ ва сомонае, ки маълумоти бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ дар онҳо интишор мешавад, дар хусуси барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ ва тартибу мӯҳлати пешниҳоди талабот аз ҷониби кредиторони он эълонро интишор мекунад. Ин мӯҳлат набояд аз ду моҳи пас аз лаҳзаи нашри эълон дар бораи барҳамдиҳӣ камтар бошад.

2. Комиссияи барҳамдиҳӣ барои маълум кардани кредиторон ва гирифтани қарзи дебиторӣ тамоми чораҳои имконпазирро андешида, инчунин

кредиторонро дар бораи барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ ба таври хаттӣ огоҳ менамояд.

3. Пас аз ба охир расидани мухлати пешниҳоди талабот аз ҷониби кредиторон комиссияи барҳамдиҳӣ тавозуни барҳамдиҳии фосилавӣ тартиб медиҳад, ки дар он маълумот дар бораи таркиби молу мулки шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда, номгӯйи талаботи пешниҳоднамудаи кредиторон, инчунин маълумот дар бораи натиҷаи баррасии онҳо зикр меёбад.

4. Тавозуни барҳамдиҳии фосилавӣ аз ҷониби муассисон (иштирокдорон)-и шахси ҳуқуқӣ ё мақомоте, ки дар бораи барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ қарор қабул кардааст, тасдиқ карда мешавад.

5. Агар маблағи мавҷудаи шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда (ғайр аз корхонаи махсус ва муассисаҳо) барои қонеъ гардондани талаботи кредиторон кофӣ набошад, комиссияи барҳамдиҳӣ бо тартиби барои иҷрои санади судӣ муқarrargardida молу мулки шахси ҳуқуқиро аз тариқи савдои оммавӣ ба фурӯш мебарорад.

6. Комиссияи барҳамдиҳӣ ухдадор аст доир ба муфлис эълон кардани шахси ҳуқуқӣ бо ариза ба суд муроҷиат кунад, агар молу мулки шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда барои қонеъ гардондани талаботи кредиторон кофӣ набошад ё нишонаҳои муфлисшавӣ мавҷуд бошанд.

7. Пардохти маблағҳои пулӣ ба кредиторони шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда аз ҷониби комиссияи барҳамдиҳӣ аз рӯйи навбати дар моддаи 65 ҳамин Кодекс муқarrargardida мутобиқи тавозуни барҳамдиҳии фосилавӣ аз рӯзи тасдиқи он оғоз мегардад, ба истиснои кредиторони навбати чорум, ки маблағи пулӣ ба онҳо пас аз як моҳи баъди санаи тасдиқи тавозуни барҳамдиҳии фосилавӣ пардохт карда мешавад.

8. Пас аз ҳисоббаробаркунӣ бо кредиторон комиссияи барҳамдиҳӣ тавозуни барҳамдиҳиро тартиб медиҳад, ки онро муассисон (иштирокдорон)-и шахси ҳуқуқӣ ё мақомоте, ки дар бораи барҳам додани шахси ҳуқуқӣ қарор қабул кардаанд, тасдиқ менамоянд.

9. Ҳангоми кофӣ набудани воситаҳои пулии муассиса ва молу мулки корхонаҳои махсуси барҳамдодашаванда барои қонеъ гардондани талаботи кредиторон, онҳо ҳуқуқ доранд барои аз ҳисоби молики молу мулки ин муассиса ва корхонаҳои махсус қонеъ гардондани қисми боқимондаи талаботашон ба суд муроҷиат намоянд.

10. Молу мулки шахси ҳуқуқӣ, ки пас аз қонеъ гардондани талаботи кредиторон боқӣ мондааст, ба муассисон (иштирокдорон)-и он, ки дорои ҳуқуқи ашё ба ин молу мулк ё ҳуқуқи ухдадорӣ нисбати ин шахси ҳуқуқӣ мебошанд, супорида мешавад, агар дар қонун ё ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

11. Барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ баъди дар ин бора ворид намудани сабт ба феҳристи дахлдори давлатии шахсони ҳуқуқӣ баитмомрасида ва шахси ҳуқуқӣ барҳамдодашуда эътироф карда мешавад.

## Моддаи 65. Қонеъ гардондани талаботи кредиторон

1. Ҳангоми барҳам додани шахси ҳуқуқӣ талаботи кредиторони он бо навбати зерин қонеъ гардонда мешаванд:

- дар навбати аввал - талаботи кредиторони таъминшуда аз ҳисоби арзиши молу мулки ба сифати таъминот пешниҳодшуда бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин талаботи шаҳрвандоне, ки шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда дар назди онҳо барои расондани зарар ба ҳаёт ва саломатиашон масъулият дорад, бо роҳи ба сармоя табдил додани пардохтҳои дахлдори вақтбайъ;

- дар навбати дуюм - пардохти кумаки пулӣ барои аз кор рафтан ва музди меҳнати шахсоне, ки тибқи шартномаи меҳнатӣ, аз ҷумла қарордод кор мекунанд ва пардохти мукофоти пулӣ аз рӯйи шартномаҳои муаллиф;

- дар навбати сеюм - пардохти қарз аз рӯйи пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет;

- дар навбати чорум - ҳисобу китоби кредиторони дигар тибқи қонун.

2. Дар сурати барҳам додани ташкилотҳои қарзии молиявӣ, талаботи кредиторон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзии молиявӣ қонеъ гардонда мешаванд.

3. Талаби ҳар навбат пас аз пурра қонеъ гардондани талаби навбати пешина қонеъ гардонда мешавад.

4. Дар сурати кофӣ набудани молу мулки шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда, агар дар қонун тартиби дигар муқаррар нагардида бошад, ин молу мулк дар байни кредиторон мувофиқи қонунҳои амалкунанда тақсим карда мешаванд.

5. Агар комиссияи барҳамдиҳӣ қонеъ гардондани талаботи кредиторро рад ё аз баррасии он саркашӣ кунад, кредитор ҳуқуқ дорад то тасдиқ гардидани тавозуни барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ нисбати амали комиссияи барҳамдиҳӣ ба суд даъво намояд. Бо қарори суд талаби кредитор мумкин аст аз ҳисоби молу мулки боқимондаи шахси ҳуқуқии барҳамдодашуда қонеъ гардонда шавад.

6. Талаби кредитор, ки пас аз гузаштани муҳлати барои пешниҳоди он муқаррарнамудаи комиссияи барҳамдиҳӣ пешниҳод гардидааст, аз ҳисоби молу мулки шахси қарздор, ки пас аз қонеъ гардондани талаби сари вақт пешкашнамудаи кредиторон боқӣ мондааст, қонеъ гардонда мешавад.

7. Талаби кредиторон, ки бо сабаби нокифоя будани молу мулки шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда қонеъ гардонда нашудааст, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 68 ҳамин Кодекс, қонеъгардондашуда дониста мешавад. Талаби кредиторone, ки комиссияи барҳамдиҳӣ онҳоро эътироф накардааст, агар кредитор ба суд бо даъво муроҷиат накарда бошад, инчунин талабе, ки қонеъ гардонидани он бо қарори суд ба кредитор рад шудааст, ҳамчунин қонеъгардондашуда дониста мешаванд.

8. Молу мулки манқули шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда, ки ба сифати таъминот пешниҳод шудааст (гарав, лизинг ва тарзҳои дигари таъминот) ҷудо

карда шуда, барои фурӯш ба кредитори таъминшуда дода мешавад. Кредитори таъминшуда ухдадор аст бовиҷдонона барои ба амал баровардани фурӯши мавзуи таъминот тавре чораҳо андешад, ки он барои ҳамаи тарафҳои иштироккунанда бо назардошти шароити воқеӣ манфиатнок бошанд. Маблағҳои аз фурӯш бадастомада барои пардохти талаботе, ки бо молу мулки фурӯхташаванда таъмин гардиданд, равона мегарданд, маблағҳои аз фурӯш боқимонда бошанд, ба комиссияи барҳамдиҳӣ барои пардохт намудани дигар талаботи кредиторон бо тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс равона мегарданд. Агар маблағҳои аз фурӯш бадастомада барои пардохти ҳамаи талаботе, ки бо молу мулки фурӯхташаванда таъмин гардидаанд, кофӣ набошанд, қисми боқимондаи талабот аз молу мулки дигари шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда бо тартиби барои талаботи кредиторони таъминнашуда, ки ҳамин Кодекс муқаррар намудааст, пардохт мегардад.

### Моддаи 66. Муфлисшавии шахси ҳуқуқӣ

1. Шахси ҳуқуқӣ, ба истиснои корхонаи махсус, муассиса, фонд ва ташкилоти динӣ, метавонад бо санади судӣ муфлис эътироф гардад.

2. Асосҳои аз ҷониби суд муфлис эътироф гардидани шахси ҳуқуқӣ, тартиби барҳамдиҳии чунин шахси ҳуқуқӣ, инчунин навбати қонеъгардонии талаботи кредиторон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муфлисшавӣ" ва қонунҳои дигар муқаррар карда мешавад.

### Моддаи 67. Оқибати муфлис эътироф намудани шахси ҳуқуқӣ

1. Муфлис эътироф намудани шахси ҳуқуқӣ боиси барҳамхӯрии он мегардад.

2. Аз лаҳзаи муфлис эътироф шудани шахси ҳуқуқӣ:

- мухлати пардохти тамоми ухдадориҳои қарзии ин шахси ҳуқуқӣ, агар он пештар фаро нарасида бошад, фарорасида ҳисоб меёбад;

- зам кардани ноустуворона ва фоиз вобаста ба ҳамаи қарзҳои ин шахси ҳуқуқӣ қатъ мегардад;

- ҳамаи маҳдудиятҳои дар қонунгузорӣ пешбинигардида вобаста ба рӯёниш аз молу мулки шахси ҳуқуқӣ бардошта мешаванд;

- баҳсҳои молумулкӣ бо иштироки ин шахси ҳуқуқӣ ба сифати ҷавобгар қатъ мегардад, ба истиснои баҳсҳое, ки аз рӯйи онҳо қарорҳо эътибори қонунӣ пайдо кардаанд;

- ҳамаи талаботи молумулкӣ нисбати ин шахси ҳуқуқӣ танҳо дар ҷараёни истеҳсолоти озмунӣ пешниҳод шуда метавонанд.

3. Ҳангоми тибқи қарори муштарак бо кредиторон дар хусуси худро муфлисшуда эълон кардани шахси ҳуқуқӣ, қоидаҳои қисми 2 моддаи мазкур татбиқ карда мешаванд, агар дар созишнома бо кредиторон тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

### Моддаи 68. Нигаронидани рӯёниш ба молу мулки шахси ҳуқуқӣ пас аз барҳамдиҳии он

Агар баъди барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ исбот шавад, ки он бо мақсади озод шудан аз ҷавобгарӣ дар назди кредиторони худ ақаллан як қисми молу мулкашро ба шахси дигар додааст ё ба тариқи дигар қасдан пинҳон кардааст, кредитороне, ки талаботашон дар ҷараёни барҳамдиҳӣ пурра қонеъ нагардидаанд, ҳуқуқ доранд қисми пардохтанашудаи қарзашонро аз ҳисоби ин молу мулк рӯёнанд. Дар ин ҳолат мутобиқан қоидаҳои моддаи 276 ҳамин Кодекс татбиқ карда мешаванд. Шахсе, ки ба он молу мулк супорида шудааст, агар нияти шахси ҳуқуқиро дар бораи пинҳон кардани ин молу мулк медонист ё мебоист донад, шахси бевиҷдон дониста мешавад.

## §2. Муқаррароти умумӣ оид ба ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ

### Моддаи 69. Муқаррароти асосӣ оид ба ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ

1. Ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ ташкилотҳои тиҷоратие мебошанд, ки сармояи оинномавиашон (шариконаашон) ба ҳиссаҳо (саҳмҳо)-и муассисон (иштирокдорон) тақсим шудааст. Молу мулки аз ҳисоби саҳмҳои муассисон (иштирокдорон) бавуҷудомада, инчунин аз ҷониби ширкату ҷамъияти хоҷагӣ дар ҷараёни фаъолият истеҳсол ё бадастовардашуда моликияти онҳост.

2. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс ҷамъияти хоҷагӣ мумкин аст аз ҷониби як шахс таъсис дода шавад ва он иштирокдори ягонаи он мегардад.

3. Ширкатҳои хоҷагӣ мумкин аст дар шакли ширкати комил ё ширкати ба боварӣ асосёфта (ширкати коммандитӣ) таъсис дода шаванд.

4. Ҷамъиятҳои хоҷагӣ метавонанд дар шакли ҷамъиятҳои саҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ё иловагӣ таъсис дода шаванд.

5. Соҳибкорони инфиродӣ ва (ё) ташкилотҳои тиҷоратӣ метавонанд иштирокдорони ширкатҳои комил ва шарикони комили ширкатҳои ба боварӣ асосёфта бошанд.

6. Иштирокдорони ҷамъиятҳои хоҷагӣ ва саҳмгузорони ширкатҳои ба боварӣ асосёфта шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ шуда метавонанд.

7. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии худидоракунӣ, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, ҳуқуқи иштирокдорони ҷамъиятҳои хоҷагӣ ва саҳмгузорони ширкатҳои ба боварӣ асосёфта буданро надоранд.

8. Муассисаҳо бо иҷозати молик метавонанд иштирокдорони ҷамъиятҳои хоҷагӣ ва саҳмгузорони ширкатҳо бошанд, агар дар қонун тартиби дигар муқаррар нашуда бошад.

9. Иштироки гурӯҳҳои алоҳидаи шахсони воқеӣ дар ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ мумкин аст тибқи қонун манъ ё маҳдуд карда шавад.

10. Ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ метавонанд муассисон (иштирокдорон)-и ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагии дигар бошанд, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонун.

11. Саҳм дар молу мулки ширкат ё ҷамъияти хоҷагӣ метавонад пул, коғазҳои қиматнок, дигар ашё ё ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ё ҳуқуқҳои дигари дорои арзиши пулӣ бошад. Арзиши пулии саҳми иштирокдори ҷамъияти хоҷагӣ тибқи созиши муассисон (иштирокдорон)-и ҷамъият муайян гардида, дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ метавонад аз санҷиши экспертии мустақил гузаронда шавад.

12. Ширкатҳои хоҷагӣ, инчунин ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва иловагӣ барои баровардани саҳмия ҳуқуқ надоранд.

### Моддаи 70. Ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокдорони ширкат ё ҷамъияти хоҷагӣ

1. Иштирокдорони ширкат ё ҷамъияти хоҷагӣ ҳуқуқ доранд:

- дар идораи корҳои ширкат ё ҷамъият иштирок намоянд, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 2 моддаи 88 ҳамин Кодекс ва қонунгузорӣ дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ;

- бо тартиби муқаррарнамудаи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ дар бораи фаъолияти ширкат ё ҷамъият иттилоот гирифта, бо китобҳои муҳосибавию ҳуҷҷатгузории дигари он шинос шаванд;

- дар тақсимоти фоида иштирок намоянд;

- ҳангоми барҳамдиҳии ширкат ё ҷамъият пас аз ҳисоббаробаркунӣ бо кредиторон қисми боқимондаи молу мулк ё арзиши онро гиранд.

2. Иштирокдорони ширкат ё ҷамъияти хоҷагӣ уҳдадоранд:

- бо тартиб, андоза, тарз ва дар мӯҳлатҳое, ки ҳуҷҷатҳои таъсисӣ пешбинӣ намудаанд, саҳм гузоранд;

- иттилооти дастрасии маҳдудро дар хусуси фаъолияти ширкат ё ҷамъият фош накунанд.

3. Иштирокдорони ширкат ё ҷамъияти хоҷагӣ метавонанд ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои дигари дар ҳамин Кодекс, қонунҳо ва ҳуҷҷатҳои таъсисии дар бораи ширкат ё ҷамъиятҳои хоҷагӣ пешбинигардидаро дошта бошанд.

### Моддаи 71. Табдилдиҳии ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ

1. Ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагии як намуд бо тартиби муқаррарнамудаи қонун метавонанд ба намуди дигари ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ ё кооперативҳои тиҷоратӣ табдил дода шаванд.

2. Ҳангоми ба ҷамъият табдил додани ширкат ҳар шарики комиле, ки иштирокдор (саҳмдор)-и ҷамъият мегардад, дар давоми се сол аз рӯйи уҳдадориҳои аз ширкат ба ҷамъият гузашта бо ҳамаи молу мулки худ ҷавобгарии иловагӣ ба зимма мегирад. Аз ҷониби собиқ шарик бегона кардани ҳисса (саҳмия)-и ба он тааллуқдошта онро аз чунин ҷавобгарӣ озод намекунад.

Қоидаҳои дар ҳамин қисм зикргардида мутобиқан ҳангоми ба кооперативии тиҷоратӣ табдил додани ширкат татбиқ мегарданд.

## §3. Ширкати комил

### Моддаи 72. Муқаррароти асосӣ оид ба ширкати комил

1. Ширкате комил дониста мешавад, ки иштирокдорони он (шарикони комил) мутобиқи шартномаи байни онҳо имзошуда аз номи ширкат ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуда, аз рӯйи ӯҳдадориҳои он бо тамоми молу мулки ба онҳо тааллуқдошта ҷавобгарӣ доранд.

2. Шахс иштирокдори танҳо як ширкати комил буда метавонад.

3. Номи фирмавии ширкати комил бояд калимаҳои "ширкати комил" ва номи ҳамаи иштирокдорони он ё калимаҳои "ширкати комил" ва номи як ё якчанд иштирокдор бо илова кардани калимаҳои "ва компания"-ро дошта бошад.

### Моддаи 73. Шартномаи таъсисии ширкати комил

1. Ширкати комил дар асоси шартномаи таъсисӣ ташкил гардида, амал мекунад ва ин шартнома функсияи оинномаи ширкати комилро низ иҷро мекунад. Шартномаи таъсисиро ҳамаи иштирокдорони он имзо мекунанд.

2. Шартномаи таъсисии ширкати комил, ғайр аз маълумоти дар моддаи 53 ҳамин Кодекс зикргардида, инчунин бояд шартҳоро дар бораи андоза ва таркиби сармояи шариконаи ширкат; дар бораи андоза ва тартиби тағйир додани ҳиссаи ҳар иштирокдор дар сармояи шарикона; дар бораи андоза, таркиб, мӯҳлат ва тартиби саҳмгузории он; дар бораи ҷавобгарии иштирокдорон барои вайрон кардани ӯҳдадориҳои саҳмгузориро дар бар гирад.

### Моддаи 74. Идоракунии ширкати комил

1. Идоракунии фаъолияти ширкати комил бо созиши ҳамаи иштирокдорони он амалӣ карда мешавад. Дар шартномаи таъсисӣ мумкин аст ҳолатҳое пешбинӣ гарданд, ки қарор бо аксарияти овози иштирокдорон қабул карда мешавад.

2. Ҳар иштирокдори ширкати комил як овоз дорад, агар дар шартномаи таъсисӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

3. Ҳар иштирокдори ширкат, сарфи назар аз он ки барои пешбурди корҳои умумӣ ваколатдор аст ё не, ҳуқуқ дорад шахсан бо тамоми ҳуҷҷатҳои оид ба пешбурди кори ширкат шинос шавад. Рад кардани чунин ҳуқуқ ё маҳдуд кардани он, аз ҷумла дар асоси созишномаи иштирокдорони ширкат, беоқибат аст.

### Моддаи 75. Пешбурди кори ширкати комил

1. Ҳар иштирокдори ширкати комил ҳуқуқ дорад аз номи ширкат амал намояд, агар дар шартномаи таъсисӣ муқаррар нагардида бошад, ки ҳамаи

иштирокдорони ширкат пешбурди корро якҷоя анҷом медиҳанд ё пешбурди кор ба иштирокдори алоҳида супорида шудааст.

2. Ҳангоми пешбурди якҷояи корҳои ширкат аз ҷониби иштирокдорони он барои анҷоми ҳар аҳд розигии ҳамаи иштирокдорони ширкат зарур аст. Агар пешбурди кори ширкатро иштирокдорони он ба зиммаи як ё баъзе иштирокдор гузошта бошанд, иштирокдорони боқимонда барои аз номи ширкат анҷом додани аҳд бояд ваколатномаи иштирокдор (иштирокдорон)-ро дошта бошанд, ки пешбурди корҳои ширкат ба зиммааш гузошта шудааст.

3. Дар муносибат бо шахсони сеюм ширкат ҳуқуқ надорад ба он муқаррароти шартномаи таъсисӣ истинод орад, ки ваколатҳои иштирокдорони ширкатро маҳдуд менамоянд, ба истиснои ҳолатҳое, ки ширкат исбот намояд, ки шахси сеюм дар лаҳзаи анҷоми аҳд медонист ё баръало мебоист донад, ки иштирокдори ширкат ҳуқуқи аз номи ширкат амал карданро надошт.

4. Ваколати пешбурди кори ширкат, ки ба як ё якчанд иштирокдор дода шудааст, мумкин аст аз тарафи суд бо талаби як ё якчанд иштирокдори дигари ширкат дар мавриди ҷой доштани асосҳои ҷиддӣ, аз ҷумла дар ҳолати аз тарафи шахс (шахсон)-и ваколатдор иҷро накардани уҳдадориҳои он (онҳо) ё ба пешбурди оқилонаи кор қобилият надоштани он (онҳо), қатъ карда шавад. Дар асоси санади судӣ ба шартномаи таъсисии ширкат тағйирот ворид карда мешаванд.

## Моддаи 76. Уҳдадориҳои иштирокдори ширкати комил

1. Иштирокдори ширкати комил уҳдадор аст мутобиқи шартҳои шартномаи таъсисӣ дар фаъолияти он иштирок намояд.

2. Иштирокдори ширкати комил уҳдадор аст то бақайдгирии давлатии ширкат сад дарсади саҳми худро ба сармояи шариконаи ширкат гузаронад.

3. Иштирокдори ширкати комил ҳуқуқ надорад бе розигии иштирокдорони боқимонда аз ном ва ба манфиати худ ё ба манфиати шахси сеюм аҳдеро анҷом диҳад, ки ба аҳди мавзуи фаъолияти ширкат монананд.

4. Ҳангоми вайрон кардани қоидаи дар қисми 3 моддаи мазкур пешбинигардида ширкат ҳуқуқ дорад бо интихоби худ аз чунин иштирокдор ҷуброни зиёни ба ширкат расонда ё ба ширкат супоридани тамоми нафъи аз чунин аҳд бадастовардаашро талаб намояд.

## Моддаи 77. Тақсими фоида ва зиёни ширкати комил

1. Фоида ва зиёни ширкати комил байни иштирокдоронаш мутаносибан ба ҳиссаи онҳо дар сармояи шарикона тақсим карда мешаванд, агар дар шартномаи таъсисӣ ё созишномаи дигари иштирокдорон тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад. Ба бастани созишнома оид ба аз фоида ё зиён бартараф кардани ягон иштирокдори ширкат роҳ дода намешавад.

2. Агар дар натиҷаи расондани зиён ба ширкат арзиши дороиҳои софи он аз андозаи сармояи шарикона камтар шавад, фоидаи бадастовардаи ширкат то

замоне, ки арзиши дороиҳои соф аз андозаи сармояи шарикона зиёдтар нашавад, байни иштирокдорон тақсим карда намешавад.

### Моддаи 78. Ҷавобгарии иштирокдорони ширкати комил аз рӯйи уҳдадориҳо

1. Иштирокдорони ширкати комил ба таври муштарак аз рӯйи уҳдадориҳои ширкат бо тамоми молу мулки худ ҷавобгарии иловагӣ доранд.

2. Иштирокдори ширкати комил, ки муассиси он нест, аз рӯйи уҳдадориҳое, ки то ба ширкат дохил шуданаш ба миён омадаанд, баробари иштирокдорони дигар ҷавобгарӣ дорад.

3. Иштирокдори аз ширкат баромада ё хориҷшуда аз рӯйи уҳдадориҳои ширкат, ки то баромадан ё хориҷшавии он ба миён омадаанд, аз санаи тасдиқи ҳисобот дар бораи фаъолияти ширкат дар давоми соли аз ширкат баромадан ё хориҷ шуданаш баробари иштирокдорони боқимонда дар муҳлати се сол ҷавобгар мебошад.

4. Созишномаи иштирокдорони ширкат дар бораи маҳдуд ё бартараф намудани ҷавобгарии дар моддаи мазкур пешбинигардида беоқибат аст.

### Моддаи 79. Супоридани ҳиссаи иштирокдор ба сармояи шариконаи ширкати комил

1. Иштирокдори ширкати комил ҳуқуқ дорад бо розигии иштирокдорони боқимондаи он ҳиссаи худро дар сармояи шарикона ё як қисми онро ба иштирокдори дигари ширкат ва ё шахси сеюм супорад.

2. Ҳангоми ба шахси дигар супоридани ҳисса (қисми ҳисса) ба ӯ пурра ё як қисми дахлдори ҳуқуқҳое, ки ба иштирокдори ҳисса (як қисми ҳисса)-ро супорида тааллуқ доштанд, мегузарад. Шахсе, ки ба ӯ ҳисса (қисми ҳисса) супорида шудааст, бо тартиби муқаррарнамудаи қисми 2 моддаи 78 ҳамин Кодекс аз рӯйи уҳдадориҳои ширкат ҷавобгар мебошад.

3. Ҳиссаи худро пурра ба шахси дигар супоридани иштирокдори ширкат иштироки онро дар ширкат қатъ карда, барои он боиси оқибатҳое мегардад, ки дар қисми 3 моддаи 78 ҳамин Кодекс муқаррар шудаанд.

### Моддаи 80. Нигаронидани рӯёниш ба ҳиссаи иштирокдор дар сармояи шариконаи ширкати комил

1. Нигаронидани рӯёниш ба ҳиссаи иштирокдор дар сармояи шариконаи ширкати комил аз рӯйи қарзе, ки бо иштироки он дар ширкат алоқаманд нест (қарзи шахсӣ), танҳо дар сурате роҳ дода мешавад, агар молу мулки дигари ин иштирокдор барои пардохти қарзаш кофӣ набошад. Кредиторони чунин иштирокдор ҳуқуқ доранд аз ширкати комил пардохти арзиши молу мулки ширкат, ки ба ҳиссаи қарздор дар сармояи шарикона мувофиқ аст ё ҷудо кардани ин молу мулкро бо мақсади ба он нигаронидани рӯёниш талаб намоянд. Қисми молу мулки ширкат, ки бояд ҷудо карда шавад ё арзиши он мувофиқи тавозуни дар лаҳзаи аз ҷониби кредиторон пешкаш гардидани талаб тартибдодашуда муайян карда мешавад.

2. Нигаронидани рӯёниш ба тамоми ҳиссаи иштирокдор дар молу мулки ширкати комил иштироки онро дар ширкат қатъ карда, он боиси оқибатҳои дар қисми 3 моддаи 78 ҳамин Кодекс пешбинишуда мегардад.

## Моддаи 81. Аз ширкати комил баромадани иштирокдор

1. Иштирокдори ширкати комил ҳуқуқ дорад дар хусуси даст кашиданаш аз иштирок дар ширкат арз намуда, аз он бароянд.

2. Иштирокдор дар хусуси даст кашиданаш аз иштирок дар ширкати комиле, ки бе ишораи муҳлат таъсис гардидааст, бояд на камтар аз шаш моҳи то воқеан аз ширкат баромаданаш арз намояд. Пеш аз муҳлат даст кашидан аз иштирок дар ширкати комили барои муҳлати муайян таъсисгардида танҳо бо сабаби узрнок иҷозат дода мешавад.

3. Созишномаи иштирокдорони ширкат дар хусуси рад кардани ҳуқуқи аз ҳайати ширкат баромадан беоқибат аст.

## Моддаи 82. Аз ширкати комил хориҷ шудани иштирокдор

1. Дар ҳолатҳои вафот кардани иштирокдори ширкати комил, бедарак ғоибшуда, ғайриқобили амал ё дорои қобилияти маҳдуди амалкунӣ, ё муфлис эътироф гардидани он, бо санади судӣ оғоз гардидани расмиёти азнавташкилдиҳӣ, барҳамхӯрии ташкилоти тиҷоратии дар ширкат иштирокдошта, аз ҷониби кредиторон нигаронидани рӯёниш ба қисми молу мулке, ки ба ҳиссаи иштирокдор дар сармояи шарикона мувофиқ аст, бо қарори иштирокдорони боқимонда чунин иштирокдор аз ширкати комил хориҷ карда мешавад.

2. Иштирокдорони ширкати комил ҳуқуқ доранд бо тартиби судӣ аз ширкат хориҷ кардани яке аз иштирокдоронро бо қарори якдилонаи иштирокдорони боқимонда ва ҷой доштани асосҳои ҷиддӣ талаб намоянд, аз ҷумла дар натиҷаи иҷро накардани ӯҳдадориҳо ё ошкор гардидани надоштани қобилияти пешбурди оқилонаи корҳо.

## Моддаи 83. Оқибатҳои аз ширкати комил баромадан ё хориҷ шудани иштирокдор

1. Ба иштирокдори аз ширкати комил баромада ё хориҷшуда арзиши қисми молу мулки ширкат, ки ба ҳиссаи он дар сармояи шарикона мувофиқ аст, пардохт карда мешавад, агар дар шартномаи таъсисӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад. Тибқи мувофиқаи байни иштирокдори аз ширкат баромада ё хориҷшуда бо иштирокдорони боқимонда пардохти арзиши молу мулк мумкин аст бо додани молу мулк дар шакли асл иваз карда шавад.

2. Қисми молу мулки ширкат, ки бояд ба иштирокдори аз ширкат баромада ё хориҷшуда дода шавад ё арзиши он аз рӯйи тавозуни дар лаҳзаи баромадан ё хориҷ шудани он тартибдодашаванда муайян карда мешавад, ба истиснои ҳолатҳои дар моддаи 80 ҳамин Кодекс пешбинигардида.

3. Дар ҳолати аз ширкат баромадан ё хориҷ шудани яке аз иштирокдори он ҳиссаи иштирокдорони боқимонда дар сармояи шариконаи ширкат

мутаносибан зиёд мешавад, агар дар шартномаи таъсисӣ ё созишномаи иштирокдорон тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

4. Дар ҳолати аз ширкат баромадан ё хориҷ шудани яке аз иштирокдорон ширкат метавонад фаъолияти худро идома диҳад, агар дар шартномаи таъсисии ширкат ё созишномаи иштирокдорони боқимонда чунин тартиб пешбинӣ гардида бошад.

### Моддаи 84. Меросгирӣ ва ворисии ҳуқуқӣ дар ширкати комил

1. Дар сурати вафот кардани иштирокдори ширкати комил меросгири он танҳо бо розигии ҳамаи иштирокдорони дигар метавонад ба ширкати комил ворид шавад.

2. Ташкилоти тиҷоратие, ки вориси ҳуқуқии шахси ҳуқуқии азнавташкилшудаи дар ширкати комил иштирокдошта мебошад, сарфи назар аз розигии иштирокдорони ширкат, ҳуқуқ дорад ба ширкат шомил гардад, агар дар шартномаи таъсисии ширкат тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

3. Ҳисоббаробаркунӣ бо меросгир (вориси ҳуқуқӣ)-и иштирокдори ширкати комил, ки шомили ширкат нагардидааст, мутобиқи қисми 1 моддаи 83 ҳамин Кодекс анҷом дода мешавад.

4. Меросгир (вориси ҳуқуқӣ)-и иштирокдори ширкати комил аз рӯйи уҳдадориҳои ширкат дар назди шахси сеюм, ки иштирокдори баромада ё хориҷгардида мутобиқи қисми 3 моддаи 78 ҳамин Кодекс ҷавобгарӣ медошт, дар доираи молу мулки ба он гузаштаи иштирокдори баромада ё хориҷгардидаи ширкат ҷавобгарӣ дорад.

### Моддаи 85. Барҳамдиҳии ширкати комил

1. Ширкати комил бо асосҳои дар моддаҳои 62 ва 82 ҳамин Кодекс зикргардида, инчунин дар сурати боқӣ мондани танҳо як иштирокдор дар ширкат барҳам дода мешавад.

2. Иштирокдор ҳуқуқ дорад дар давоми шаш моҳи пас аз иштирокдори ягонаи ширкат шуданаш чунин ширкатро бо тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ба ҷамъияти хоҷагӣ табдил диҳад.

## §4. Ширкати ба боварӣ асосёфта

### Моддаи 86. Муқаррароти асосӣ дар бораи ширкати ба боварӣ асосёфта

1. Ширкати ба боварӣ асосёфта (ширкати коммандитӣ) ширкатест, ки дар он дар баробари иштирокдороне, ки аз номи ширкат фаъолияти соҳибкориро ба амал бароварда, аз рӯйи уҳдадориҳои ширкат бо молу мулки худ ҷавобгарӣ доранд (шарикони комил), як ё якчанд иштирокдори саҳмгузор (коммандистон)-е ҳастанд, ки таваккали зиёни оид ба фаъолияти ширкатро дар доираи маблағи саҳми гузоштаашон ба уҳда дошта, дар амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби ширкат иштирок намекунанд.

2. Ҳолати ҳуқуқии шарикони комиле, ки дар ширкати ба боварӣ асосёфта иштирок доранд ва ҷавобгарии онҳо аз рӯйи уҳдадориҳои ширкат мувофиқи

қоидаҳои ҳамин Кодекс дар бораи иштирокдорони ширкати комил муайян карда мешавад.

3. Шахс танҳо дар як ширкати ба боварӣ асосёфта шарики комил буда метавонад. Иштирокдори ширкати комил шарики комили ширкати ба боварӣ асосёфта буда наметавонад. Шарики комил дар ширкати ба боварӣ асосёфта иштирокдори ширкати комил буда наметавонад.

4. Номи фирмавии ширкати ба боварӣ асосёфта бояд аз калимаҳои "ширкати ба боварӣ асосёфта" ё "ширкати коммандитӣ" ва номи ҳамаи шарикони комил ва ё аз калимаҳои "ширкати ба боварӣ асосёфта" ё "ширкати коммандитӣ" ва номи на камтар аз як шарики комил бо иловаи калимаҳои "ва шариконаш" иборат бошад.

5. Нисбати ширкати ба боварӣ асосёфта қоидаҳои ҳамин Кодекс дар бораи ширкати комил то он дараҷае истифода мешаванд, ки онҳо хилофи қоидаҳои ҳамин Кодекс дар хусуси ширкати ба боварӣ асосёфта набошанд.

### Моддаи 87. Шартномаи таъсисии ширкати ба боварӣ асосёфта

1. Ширкати ба боварӣ асосёфта, дар асоси шартномаи таъсисӣ ташкил гардида, амал мекунад ва ин шартнома функсияи оинномаи ширкати ба боварӣ асосёфтаро низ иҷро мекунад. Шартномаи таъсисӣ аз ҷониби ҳамаи иштирокдорон ба имзо расонда мешавад.

2. Шартномаи таъсисии ширкати ба боварӣ асосёфта ғайр аз маълумоти дар моддаи 53 ҳамин Кодекс зикргардида, инчунин бояд шартҳоро дар бораи андоза ва таркиби сармояи шариконаи ширкат; дар бораи андоза ва тартиби тағйир додани ҳиссаи ҳар яке аз шарикони комил дар сармояи шарикона; дар бораи андоза, таркиб, мӯҳлат ва тартиби саҳм гузоштани онҳо, ҷавобгарии онҳо барои вайрон кардани ӯҳдадориҳои саҳмгузорӣ; дар бораи андозаи умумии саҳми гузоштаи саҳмгузорон дар бар гирад.

### Моддаи 88. Идоракунии ширкати ба боварӣ асосёфта ва пешбурди корҳои он

1. Фаъолияти ширкати ба боварӣ асосёфтаро шарикони комил идора мекунанд. Онҳо тартиби идора ва пешбурди кори чунин ширкатро аз ҷониби шарикони комили он тибқи қоидаҳои ҳамин Кодекс дар хусуси ширкати комил муқаррар менамоянд.

2. Саҳмгузорон ҳуқуқи иштирок карданро дар идора ва пешбурди корҳои ширкати ба боварӣ асосёфта надоранд ва аз номи он танҳо дар асоси ваколатнома амал карда метавонанд. Онҳо барои мавриди баҳс қарор додани амалҳои шарикони комил дар бобати идора ва пешбурди кори ширкат ҳуқуқ надоранд.

### Моддаи 89. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои саҳмгузори ширкати ба боварӣ асосёфта

1. Саҳмгузори ширкати ба боварӣ асосёфта ҳуқуқ дорад:

- бо тартиби пешбининамудаи шартномаи таъсисӣ қисми фоидаи ширкатро мансуб ба ҳиссааш дар сармояи шарикона гирад;

- бо ҳисоботи солона ва тавозуни ширкат шинос шавад;

- баъди анҷоми соли молиявӣ аз ширкат баромада, бо тартиби пешбининамудаи шартномаи таъсисӣ саҳми худро гирад;

- ҳиссаи худро дар сармояи шарикона ё як қисми онро ба саҳмгузори дигар ё шахси сеюм диҳад;

- бо тариқи афзалиятнок нисбат ба шахси сеюм ҳисса (қисми он)ро мувофиқи шартҳо ва тартиби пешбининамудаи қисмҳои 2 ва 3 моддаи 97 ҳамин Кодекс харад;

- тибқи шартномаи таъсисии ширкати ба боварӣ асосёфта ҳуқуқҳои дигар дошта бошад.

2. Саҳмгузори ширкати ба боварӣ асосёфта уҳдадор аст ба сармояи шариконаи ширкат саҳм гузорад. Гузоштани саҳмро шаҳодатномаи иштироки аз ҷониби ширкат ба саҳмгузор додашуда тасдиқ менамояд.

3. Дар ҳолати тамоми ҳиссаи худро ба шахси дигар додани саҳмгузор иштироки он дар ширкат қатъ мегардад.

### Моддаи 90. Барҳамдиҳии ширкати ба боварӣ асосёфта

1. Ширкати ба боварӣ асосёфта ҳангоми баромадани ҳамаи саҳмгузорони дар он иштирокдошта барҳам дода мешавад.

2. Шарикони комил ҳуқуқ доранд ширкати ба боварӣ асосёфтаро барҳам дода, онро ба ширкати комил табдил диҳанд.

3. Ширкати ба боварӣ асосёфта инчунин тибқи асосҳои барҳамдиҳии ширкати комил (моддаи 85 ҳамин Кодекс) барҳам дода мешавад.

4. Агар дар ширкати ба боварӣ асосёфта ақаллан як шарики комил ва як саҳмгузор монад, ширкати ба боварӣ асосёфта нигоҳ дошта мешавад.

5. Ҳангоми барҳамдиҳӣ, аз ҷумла муфлисшавии ширкати ба боварӣ асосёфта, саҳмгузорон пас аз қонеъ гардондани талаботи кредиторон барои гирифтани саҳм аз молу мулки боқимондаи ширкат нисбат ба шарикони комил ҳуқуқи афзалиятнок доранд. Молу мулки пас аз ин боқимондаи ширкат дар байни шарикони комил ва саҳмгузорон мутобиқи ҳиссаи онҳо дар сармояи шариконаи ширкат тақсим карда мешавад, агар дар шартномаи таъсисӣ ё созишномаи шарикони комилу саҳмгузорон тартиби дигар муқаррар нагардида бошад.

## §5. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд

### Моддаи 91. Муқаррароти асосӣ дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд

1. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд ҷамъияти аз ҷониби як ё якчанд шахс таъсисгардидаест, ки сармояи оинномавии он ба ҳиссаҳои баробар, ба

андозаи муайяннамудаи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ тақсим шудааст ва иштирокдорони он аз рӯйи ухдадориҳои ҷамъият ҷавобгар намебошанд ва зиёни таваккали оид ба фаъолияти ҷамъиятро дар доираи арзиши саҳми гузоштаашон ба зимма доранд.

2. Иштирокдорони ҷамъият, ки саҳми худро пурра нагузоштаанд, аз рӯйи ухдадориҳои он дар доираи арзиши қисми пардохтанашудаи саҳми ҳар иштирокдор ҷавобгарии муштарак доранд.

3. Номи фирмавии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд бояд калимаҳои "ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд" ва номи ҷамъиятро дар бар гирад.

4. Ҳолати ҳуқуқии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд ва ҳуқуқу ухдадориҳои иштирокдорони он бо ҳамин Кодекс ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд" муайян карда мешаванд.

5. Хусусиятҳои ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои қарзии молиявие, ки дар шакли ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд таъсис дода шудаанд ва ҳуқуқу ухдадориҳои иштирокдорони онҳо бо қонуни дахлдор низ танзим карда мешавад.

### Моддаи 92. Иштирокдорони ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд

1. Шумораи иштирокдорони ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд набояд аз сӣ нафар зиёд бошад. Дар акси ҳол, агар шумораи иштирокдорони он то ҳадди муқарраргардида кам карда нашавад, он бояд дар давоми сол ба ҷамъияти саҳомӣ ва ё кооперативи тиҷоратӣ табдил дода шавад, агар дар муҳлати мазкур ҷамъият аз нав таъсис дода нашавад, он бо тартиби судӣ бояд барҳам дода шавад.

2. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд ҷамъияти хоҷагии дигарро, ки аз як шахс иборат аст, ба сифати иштирокдори ягона дошта наметавонад.

### Моддаи 93. Ҳуҷҷатҳои таъсисии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд

1. Ҳуҷҷатҳои таъсисии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд шартномаи таъсисии аз ҷониби муассисони он имзогардида ва оинномаи тасдиқнамудаи онҳо ба ҳисоб мераванд. Агар ҷамъиятро як шахс таъсис диҳад, ҳуҷҷати таъсисии он оинномa мебошад.

2. Ҳуҷҷатҳои таъсисии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд, ғайр аз маълумоти дар моддаи 53 ҳамин Кодекс зикргардида, инчунин бояд шартҳоро дар бораи андоза, таркиб, муҳлат ва тартиби саҳмгузории иштирокдорон, ҷавобгарии онҳо барои вайрон кардани ухдадориҳо дар мавриди саҳмгузорӣ; дар бораи андозаи сармояи оинномавии ҷамъият; дар бораи ҳайат ва салоҳияти мақомоти идораи ҷамъият ва тартиби қарор қабул кардани онҳо, аз ҷумла доир ба масъалаҳое, ки аз рӯйи онҳо қарорҳо бо як овоз ё бо аксарияти мутлақи овозҳо қабул карда мешаванд, инчунин маълумоти дигари пешбининамудаи қонунро дошта бошанд.

### Моддаи 94. Сармояи оинномавии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд

1. Сармояи оинномавии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд аз арзиши саҳмҳои иштирокдорони он иборат аст.

2. Сармояи оинномавӣ андозаи ҳадди ақалли молу мулки ҷамъиятро муайян мекунад, ки манфиати кредиторони онро кафолат медиҳад. Андозаи сармояи оинномавӣ аз маблағи муайянкардаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд" камтар буда наметавонад.

3. Озод кардани иштирокдорони ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд аз уҳдадории саҳмгузорӣ ба сармояи оинномавии ҷамъият, аз ҷумла бо роҳи ба ҳисоб гирифтани талабот ба ҷамъият, роҳ дода намешавад.

4. Сармояи оинномавии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд аз ҷониби иштирокдорони он бояд дар муҳлат ва тартиби пешбининамудаи қонун пардохта шавад.

5. Агар баъди анҷоми соли дуюм ва ҳар соли минбаъдаи молиявӣ арзиши дороиҳои софи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд нисбат ба сармояи оинномавӣ камтар гардад, ҷамъият уҳдадор аст дар хусуси кам кардани сармояи оинномавии худ эълон намуда, дар ин бора бо тартиби муқарраршуда ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ барои ворид намудани маълумот ба феҳристи дахлдори давлатии шахсони ҳуқуқӣ ариза пешниҳод намояд. Дар сурати иҷро накардани ин уҳдадорӣ ё камтар шудани арзиши дороиҳои ҷамъият аз андозаи ҳадди аққали дар қонун муайяншудаи сармояи оинномавӣ ҷамъият бояд барҳам дода шавад.

6. Зиёд кардани сармояи оинномавии ҷамъият пас аз саҳмгузории пурраи тамоми иштирокдорони он иҷозат дода мешавад.

7. Кам кардани сармояи оинномавии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд танҳо пас аз огоҳ намудани тамоми кредиторони он иҷозат дода мешавад. Дар ин ҳолат кредиторон ҳуқуқ доранд қатъ ё иҷрои пеш аз муҳлати уҳдадориҳои дахлдор ва ҷуброни зиёнро талаб намоянд.

### Моддаи 95. Идоракунии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд

1. Мақоми олии идоракунии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд маҷлиси умумии иштирокдорони он мебошад.

2. Дар ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд мақомоти иҷроия (дастҷамъӣ ё инфиродӣ) таъсис дода мешавад, ки роҳбарии фаъолияти онро анҷом дода, ба маҷлиси умумии иштирокдорони он ҳисоботдиҳанда мебошад. Мақомоти идоракунии инфиродии ҷамъият метавонад инчунин на аз ҷумлаи иштирокдорони он интихоб гардад.

3. Салоҳияти мақомоти идоракунии ҷамъият, инчунин тартиби қабули қарор ва аз номи ҷамъият амал кардани онҳо мутобиқи ҳамин Кодекс, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд" ва оинномаи ҷамъият муайян карда мешаванд.

4. Ба салоҳияти истисноии маҷлиси умумии иштирокдорони ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд мансубанд:

- тағйир додани оинномаи ҷамъият ва андозаи сармояи оинномавии он;

- таъсис додани мақомоти иҷроияи ҷамъият ва пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколатҳои онҳо;

- тасдиқ кардани ҳисоботи солона ва тавозуни муҳосибии ҷамъият бо тақсимоти фоидаю зиёни он;

- қабул кардани қарор дар бораи азнавташкилдиҳӣ ё барҳамдиҳии ҷамъият;

- интихоб намудани комиссияи тафтишотӣ (ревизор)-и ҷамъият;

- амалӣ намудани ваколатҳои дигари муқаррарнамудаи қонун.

5. Масъалаҳое, ки ба салоҳияти истисноии маҷлиси умумии иштирокдорони ҷамъият мансуб донista шудаанд, барои ҳал ба мақомоти иҷроияи ҷамъият супорида намешаванд.

6. Ҷиҳати санҷиш ва тасдиқи дурустии ҳисоботи солонаи молиявии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд ҷамъият ҳуқуқ дорад ҳар сол аудитори касбиеро ҷалб намояд, ки бо ҷамъият ё иштирокдорони он бо манфиати молумулкӣ алоқа надорад (аудити беруна). Санҷиши аудитории ҳисоботи солонаи молиявӣ инчунин метавонад бо талаботи ҳар яке аз иштирокдорони он гузаронда шавад. Тартиби гузарондани санҷиши аудитории фаъолияти ҷамъият тибқи қонун ва оинномаи ҷамъият муайян карда мешавад.

7. Нашр намудани маълумот аз ҷониби ҷамъият дар бораи натиҷаи пешбурди корҳои он (ҳисоботи оммавӣ), ба ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд", зарур нест.

### Моддаи 96. Азнавташкилдиҳӣ ё барҳамдиҳии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд

1. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд метавонад ба таври ихтиёрӣ бо қарори якдилонаи иштирокдоронаш аз нав ташкил ё барҳам дода шавад. Асосҳои дигари азнавташкилдиҳӣ ё барҳамдиҳии ҷамъият, инчунин тартиби азнавташкилдиҳӣ ё барҳамдиҳии он бо ҳамин Кодекс ва қонунҳои дигар муайян карда мешаванд.

2. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд ҳуқуқ дорад ба ҷамъияти хоҷагии дигар ё кооперативи тиҷоратӣ табдил ёбад.

### Моддаи 97. Ба шахси дигар гузарондани ҳисса дар сармояи оинномавии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд

1. Иштирокдори ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд ҳуқуқ дорад ҳиссаи худро дар сармояи оинномавии ҷамъият ё як қисми онро ба як ё якчанд иштирокдори ҳамин ҷамъият фурӯшад ё ба тариқи дигар гузашт намояд.

2. Иштирокдори ҷамъият метавонад ҳиссаи худ (қисми он)-ро ба шахси сеюм бегона намояд, агар дар оинномаи ҷамъият тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

3. Иштирокдорони ҷамъият барои харидани ҳиссаи иштирокдор (қисми он) ҳуқуқи афзалиятнок доранд, агар дар оинномаи ҷамъият ё созишномаи иштирокдорони он тартиби дигари амалисозии ин ҳуқуқ пешбинӣ нагардида бошад. Агар иштирокдорони ҷамъият дар давоми як моҳи огоҳӣ ёфтанашон ё дар мӯҳлати дигари дар оинномаи ҷамъият ё созишномаи иштирокдорони он пешбинигардида аз ҳуқуқи афзалиятноки худ истифода набаранд, ҳиссаи иштирокдор мумкин аст ба шахси сеюм бегона карда шавад.

4. Агар мутобиқи оинномаи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд ба шахси сеюм бегона кардани ҳиссаи (қисми он) имконнопазир бошад ва иштирокдорони дигари ҷамъият аз харидани он даст кашанд, ҷамъият ӯҳдадор аст ба иштирокдор арзиши воқеии ҳисса ё қисми онро пардохт намояд ё молу мулки мувофиқ ба чунин арзишро дар шакли асл диҳад.

5. Ҳиссаи иштирокдори ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд метавонад то пардохти пурраи он танҳо дар қисме бегона карда шавад, ки он аллакай пардохт карда шудааст.

6. Агар ҳиссаи иштирокдор (қисми он) аз ҷониби худи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд ба даст оварда шавад, ҷамъият ӯҳдадор аст дар мӯҳлат ва бо тартиби пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд" ва ҳуҷҷатҳои таъсисии ҷамъият онро ба иштирокдорони дигар ё шахси сеюм фурӯшад ё сармояи оинномавии худро кам кунад.

7. Ҳисса дар сармояи оинномавии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд ба меросгирони шахсони воқеӣ ва ворисони ҳуқуқии шахсони ҳуқуқии иштирокдори ҷамъият мегузарад, агар дар ҳуҷҷатҳои таъсисии ҷамъият танҳо бо розигии иштирокдорони боқимондаи ҷамъият имконпазир будани чунин гузариш пешбинӣ нашуда бошад. Ба гузарондани ҳисса розӣ нашудани онҳо ҷамъиятро ӯҳдадор менамояд, ки бо тартиб ва шартҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд" ва ҳуҷҷатҳои таъсисии ҷамъият ба меросгирон (ворисони ҳуқуқӣ)-и иштирокдор арзиши онро пардохт кунад ё баробар ба он молу мулкро дар шакли асл диҳад.

## Моддаи 98. Аз ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд баромадани иштирокдор

1. Иштирокдори ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд, сарфи назар аз розигии иштирокдорони дигари ҷамъият, ҳуқуқ дорад ҳар вақт аз ҷамъият бароянд.

2. Тартиби аз ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд баромадани иштирокдори онро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд" муайян менамояд.

## Моддаи 99. Нигаронидани рӯёниш ба ҳиссаи иштирокдор дар молу мулки ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд

1. Нигаронидани рӯёниш ба ҳиссаи иштирокдор дар молу мулки ҷамъият барои пардохтани қарзи шахсиаш танҳо дар сурате роҳ дода мешавад, ки молу мулки дигари ин иштирокдор барои пӯшондани қарз кофӣ набошад. Кредиторони чунин иштирокдор ҳуқуқ доранд аз ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд мутобиқи ҳиссаи қарздор дар сармояи оинномавӣ пардохтани арзиши қисми молу мулки ҷамъият ё ҷудо кардани ин қисми молу мулкро бо мақсади нигаронидани рӯёниш ба он талаб намоянд.

2. Нигаронидани рӯёниш ба тамоми ҳиссаи иштирокдор дар молу мулки ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд иштироки ӯро дар ҷамъият қатъ месозад.

### Моддаи 100. Аз ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд хориҷ кардани иштирокдор

1. Иштирокдори ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд мумкин аст бо қарори маҷлиси умумии иштирокдорони ҷамъият, ки бо овози аз се ду ҳиссаи ҳамаи иштирокдоронаш қабул шудааст, аз ҷамъият хориҷ карда шавад, агар ӯ оинномаи ҷамъиятро дағалона вайрон карда, бо ҳамин ба манфиати он хисорот оварда бошад.

2. Нисбати қарори маҷлиси умумӣ дар бораи аз ҷамъият хориҷ кардани иштирокдор ба суд шикоят кардан мумкин аст.

### Моддаи 101. Ҳисоббаробаркунӣ ҳангоми аз ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд баромадан ё хориҷ гардидани иштирокдор

1. Ба иштирокдоре, ки аз ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд баромадааст ё хориҷ карда шудааст, мутобиқи ҳиссаи он дар сармояи оинномавии ҷамъият бо тарз ва дар мӯҳлати пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд" ё ҳуҷҷатҳои таъсисии ҷамъият арзиши қисми молу мулки ҷамъият пардохт карда мешавад.

2. Бо мувофиқаи иштирокдоре, ки аз ҷамъият мебарояд ё хориҷ мешавад, пардохти арзиши молу мулк мумкин аст бо додани молу мулк дар шакли асл иваз карда шавад.

3. Агар ба сифати саҳм ба сармояи оинномавии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд ҳуқуқи истифодаи молу мулк гузошта шуда бошад, ин молу мулк ба иштирокдори аз ҷамъият бароянда ё хориҷшаванда баргардонда мешавад. Дар ин ҳолат камшавии арзиши чунин молу мулк бо сабаби фарсудашавии муътадили он пардохт карда намешавад.

4. Ҳисоббаробаркунӣ бо меросгир ё вориси ҳуқуқии иштирокдори ҷамъият, ки шомили ҷамъият нашудааст, мутобиқи қоидаҳои моддаи мазкур ба амал бароварда мешавад.

## §6. Ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ

### Моддаи 102. Муқаррароти асосӣ дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ

1. Ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ ҷамъиятест, ки аз ҷониби як ё якчанд шахс таъсис дода шуда, сармояи оинномавии он мувофиқи андозаҳои дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ муайянгардида ба ҳиссаҳо тақсим мешавад ва иштирокдорони чунин ҷамъият аз рӯйи уҳдадориҳои он бо молу мулки худ ба андозаи барои ҳамаашон якхела, ки дар ҳуҷҷатҳои таъсисии ҷамъият бо карати арзиши саҳми гузоштаашон муайян карда мешавад, ҷавобгарии муштараки иловагӣ доранд.

2. Ҳангоми муфлисшавии яке аз иштирокдорон ҷавобгарии он аз рӯйи уҳдадориҳои ҷамъият байни иштирокдорони боқимонда мутаносибан ба саҳмҳояшон тақсим карда мешавад, агар дар ҳуҷҷатҳои таъсисии ҷамъият тартиби дигари тақсимоти ҷавобгарӣ пешбинӣ нагардида бошад.

3. Номи фирмавии ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ бояд калимаҳои "ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ" ва номи ҷамъиятро дар бар гирад.

4. Нисбати ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ қоидаҳои ҳамин Кодекс ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд" татбиқ карда мешаванд.

## §7. Ҷамъияти саҳомӣ

### Моддаи 103. Муқаррароти асосӣ дар бораи ҷамъияти саҳомӣ

1. Ҷамъияти саҳомӣ ҷамъиятест, ки сармояи оинномавии он ба миқдори муайяни саҳмияҳо тақсим шуда, иштирокдорони он (саҳмдорон) аз рӯйи уҳдадориҳои ҷамъият ҷавобгарӣ надоранд ва зиёни таваккали вобаста аз фаъолияти ҷамъиятро ба андозаи арзиши саҳмияҳои ба онҳо тааллуқдошта ба зимма мегиранд.

2. Саҳмдороне, ки арзиши саҳмияҳоро пурра напардохтаанд, аз рӯйи уҳдадориҳои ҷамъияти саҳомӣ дар доираи қисми пардохтанашудаи арзиши саҳмияҳояшон ҷавобгарии муштарак доранд.

3. Номи фирмавии ҷамъияти саҳомӣ бояд калимаҳои "ҷамъияти саҳомии пӯшида" ё "ҷамъияти саҳомии кушода" ва номи онро дар бар гирад.

4. Ҳуқуқу уҳдадориҳои саҳмдорон ва ҳолати ҳуқуқии ҷамъияти саҳомӣ мутобиқи ҳамин Кодекс ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" муайян карда мешаванд.

5. Хусусиятҳои ҳолати ҳуқуқии ҷамъиятҳои саҳомие, ки бо роҳи хусусигардонии корхонаҳои давлатӣ таъсис ёфтаанд, инчунин бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" муайян карда мешаванд.

6. Хусусиятҳои ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои қарзии молиявие, ки дар шакли ҷамъиятҳои саҳомӣ ташкил карда шудаанд, ҳуқуқу уҳдадориҳои саҳмдорони онҳо инчунин бо қонунгузорие, ки фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявиро танзим мекунад, муайян карда мешаванд.

### Моддаи 104. Ҷамъияти саҳомии кушода

1. Ҷамъияти саҳомие, ки иштирокдоронаш саҳмияҳои худро бе розигии саҳмдорони дигар бегона карда метавонанд, ҷамъияти саҳомии кушода эътироф мегардад. Чунин ҷамъияти саҳомӣ ҳуқуқ дорад мутобиқи шартҳои муқаррарнамудаи қонун ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ обунаи кушодаи саҳмияҳои мебаровардааш ва фурӯши озоди онҳоро амалӣ гардонад.

2. Ҷамъияти саҳомии кушода ҳар сол ҳисоботи солона, тавозуни муҳосибӣ ва ҳисоби фоидаю зиёнро барои маълумоти умум нашр мекунад.

### Моддаи 105. Ҷамъияти саҳомии пӯшида

1. Ҷамъияти саҳомие, ки саҳмияҳои он танҳо байни муассисонаш ё доираи шахсони дигари пешакӣ муайяншуда тақсим мешаванд, ҷамъияти саҳомии пӯшида дониста мешавад. Чунин ҷамъият барои обунаи кушодаи саҳмияҳои мебаровардааш ва ё ба тариқи дигар ба доираи номаҳдуди шахсон ҷиҳати харид пешниҳод кардани онҳо ҳуқуқ надорад. Саҳмдорони ҷамъияти саҳомии пӯшида барои харидани саҳмияҳои аз ҷониби саҳмдорони дигари ин ҷамъият фурӯхташаванда ҳуқуқи афзалиятнок доранд.

2. Шумораи иштирокдорони ҷамъияти саҳомии пӯшида набояд аз шумораи муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" бештар бошад, дар акси ҳол, он бояд дар давоми як сол ба ҷамъияти саҳомии кушода табдил дода шавад ва агар пас аз гузаштани ин муҳлат шумораи онҳо то ҳадди муқаррарнамудаи қонун кам нашавад, бояд бо тартиби судӣ барҳам дода шавад.

3. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" ҷамъияти саҳомии пӯшида метавонад барои ба маълумоти умум нашр намудани ҳуҷҷатҳои дар қисми 2 моддаи 104 ҳамин Кодекс зикргардида уҳдадор карда шавад.

### Моддаи 106. Таъсиси ҷамъияти саҳомӣ

1. Муассисони ҷамъияти саҳомӣ байни худ шартномае мебанданд, ки тартиби аз ҷониби онҳо анҷом додани фаъолияти якҷоя оид ба таъсиси ҷамъият, андозаи сармояи оинномавии ҷамъият, навъҳои саҳмияҳои баровардашаванда ва тартиби паҳн кардани онҳо, инчунин шартҳои дигарро, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" пешбинӣ кардааст, муайян менамояд. Шартномаи таъсисии ҷамъияти саҳомӣ ба таври хаттӣ баста мешавад.

2. Муассисони ҷамъияти саҳомӣ аз рӯйи уҳдадориҳои то бақайдгирии ҷамъият бамиёномада ҷавобгарии муштарак доранд. Ҷамъият аз рӯйи уҳдадориҳои муассисон, ки бо таъсиси он алоқаманданд, танҳо дар ҳолате ҷавобгарӣ дорад, ки амали онҳо минбаъд аз ҷониби маҷлиси умумии саҳмдорон маъқул дониста шавад.

3. Ҳуҷҷати таъсисии ҷамъияти саҳомӣ оинномаи аз ҷониби муассисони он тасдиқгардида мебошад. Оинномаи ҷамъияти саҳомӣ ғайр аз маълумоти дар моддаи 53 ҳамин Кодекс зикргардида, инчунин бояд шартҳоро дар бораи навъҳои саҳмияҳои мебаровардаи ҷамъият, арзиши номиналӣ ва миқдори

онҳо; дар бораи андозаи сармояи оинномавии ҷамъият; ҳуқуқи саҳмдорон; дар бораи ҳайат ва салоҳияти мақомоти идораи ҷамъият ва тартиби қабул намудани қарор, аз ҷумла доир ба масъалаҳое, ки аз рӯйи онҳо қарор якдилона ё бо аксарияти мутлақи овозҳо қабул мешавад, дар бар гирад. Дар оинномаи ҷамъияти саҳомӣ инчунин бояд маълумоти дигари пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" дарҷ гардад.

4. Тартиби анҷом додани амалҳои дигар оид ба таъсиси ҷамъияти саҳомӣ, аз ҷумла салоҳияти маҷлиси муассисон, бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" муайян карда мешавад.

5. Ҷамъияти саҳомӣ метавонад аз ҷониби як шахс таъсис дода шавад ё дар ҳолати тамоми саҳмияҳои ҷамъияти саҳомиро харидани як саҳмдор аз як шахс иборат бошад.

## Моддаи 107. Сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ

1. Сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ аз арзиши номиналии саҳмияҳои аз ҷониби саҳмдорон харидашудаи ҷамъият ташкил меёбад. Сармояи оинномавии ҷамъият андозаи ҳадди ақалли молу мулки ҷамъиятро муайян мекунад, ки манфиати кредиторони онро кафолат медиҳад. Он аз андозаи пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" камтар буда наметавонад.

2. Аз ӯҳдадории пардохти арзиши саҳмияҳои ҷамъият озод кардани саҳмдор, аз ҷумла бо роҳи баҳисобгирии талабот ба ҷамъият аз ин ӯҳдадорӣ озод кардани он роҳ дода намешавад.

3. Ба паҳнкунии озоди саҳмияҳои ҷамъияти саҳомӣ то лаҳзаи пардохти пурраи сармояи оинномавии он роҳ дода намешавад. Ҳангоми таъсиси ҷамъияти саҳомӣ тамоми саҳмияҳои он бояд байни муассисон тақсим карда шавад.

4. Агар баъди ба охир расидани соли дуюм ва ҳар соли минбаъдаи молиявӣ арзиши дороии софи ҷамъияти саҳомӣ аз сармояи оинномавӣ камтар гардад, ҷамъият ӯҳдадор аст дар хусуси кам кардани сармояи оинномавии худ то андозае, ки аз арзиши дороиҳои софи он зиёд намебошад, эълон кунад ва дар ин бора бо тартиби муқарраршуда ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ барои ворид намудани маълумот ба феҳристи дахлдори давлатии шахсони ҳуқуқӣ ариза пешниҳод намояд. Дар сурати иҷро нагардидани ӯҳдадориҳои мазкур ва ё агар арзиши дороиҳои софи ҷамъият аз андозаи ҳадди ақалли дар қонун муайянгардидаи сармояи оинномавӣ камтар гардад, ҷамъият бояд барҳам дода шавад.

5. Дар қонун ё оинномаи ҷамъият мумкин аст маҳдудиятҳо доир ба миқдор, арзиши номиналии умумии саҳмияҳо ё миқдори ҳадди аксари овозҳои як саҳмдор муқаррар карда шаванд.

## Моддаи 108. Зиёд кардани сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ

1. Ҷамъияти саҳомӣ ҳуқуқ дорад бо қарори маҷлиси умумии саҳмдорон сармояи оинномавиро бо роҳи баланд бардоштани арзиши номиналии саҳмияҳо ё баровардани саҳмияҳои иловагӣ зиёд кунад.

2. Зиёд кардани сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ пас аз пардохти пурраи арзиши он иҷозат дода мешавад. Зиёд кардани сармояи оинномавии ҷамъият барои пӯшонидани зиёни ба он расондашуда роҳ дода намешавад.

3. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" дар оинномаи ҷамъият мумкин аст ҳуқуқи афзалиятноки саҳмдорони саҳмияҳои одӣ ё саҳмияҳои дигари овоздор дар мавриди харидани саҳмияҳои иловагие, ки ҷамъият мебарорад, муқаррар гардад.

## Моддаи 109. Кам кардани сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ

1. Ҷамъияти саҳомӣ ҳуқуқ дорад бо қарори маҷлиси умумии саҳмдорон бо роҳи кам кардани арзиши номиналии саҳмияҳо ё харидани як қисми саҳмияҳо бо мақсади ихтисори миқдори умумии онҳо сармояи оинномавиро кам кунад. Кам кардани сармояи оинномавӣ баъди бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" огоҳ кардани ҳамаи кредиторони он роҳ дода мешавад. Дар ин сурат кредиторони ҷамъият ҳуқуқ доранд талаб намоянд, ки ҷамъият уҳдадориҳои дахлдорро пеш аз мӯҳлат қатъ ё иҷро карда, зиёнро ба онҳо ҷуброн намояд.

2. Кам кардани сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ бо роҳи харидан ва пардохтани арзиши қисми саҳмияҳо ба шарте роҳ дода мешавад, ки чунин имконият дар оинномаи ҷамъият пешбинӣ гардида бошад.

3. Дар натиҷаи кам кардани сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ аз андозаи ҳадди ақалли дар қонун муайяншуда (қисми 1 моддаи 107 ҳамин Кодекс) ҷамъияти саҳомӣ барҳам мехӯрад.

## Моддаи 110. Маҳдудиятҳо ҳангоми барориши коғазҳои қиматнок ва пардохти суди саҳмияи ҷамъияти саҳомӣ

1. Ҷамъияти саҳомӣ саҳмияҳои одӣ ва имтиёзнок мебарорад. Арзиши умумии номиналии саҳмияҳои имтиёзноки пахнкардашуда набояд аз бисту панҷ дарсади сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ бештар бошад.

2. Ҷамъияти саҳомӣ пас аз пардохти пурраи сармояи оинномавӣ барои баровардани вомбарг ба маблағи на бештар аз андозаи сармояи оинномавӣ ё андозаи таъминоти бо ин мақсад ба ҷамъият пешниҳодкардаи шахсони сеюм ҳуқуқ дорад. Дар сурати набудани таъминот баровардани вомбарг танҳо пас аз се соли фаъолияти ҷамъияти саҳомӣ ва ба шарти то ин вақт ба таври дахлдор тасдиқ кардани ду тавозуни солонаи ҷамъият мумкин аст.

3. Ҷамъияти саҳомӣ дар ҳолатҳои зерин ҳуқуқи эълон кардану пардохтани суди саҳмияро надорад:

- то пардохти пурраи тамоми сармояи оинномавӣ;

- агар арзиши дороиҳои софи ҷамъияти саҳомӣ аз сармояи оинномавӣ ва фонди эҳтиётии он камтар бошад ё дар натиҷаи пардохти суди саҳмияҳо аз андозаи онҳо камтар гардад;

- дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

### Моддаи 111. Идоракунии ҷамъияти саҳомӣ

1. Мақоми олии идораи ҷамъияти саҳомӣ маҷлиси умумии саҳмдорони он мебошад. Ба салоҳияти истисноии маҷлиси умумии саҳмдорон мансубанд:

- тағйир додани оинномаи ҷамъият, аз ҷумла тағйир додани андозаи сармояи оинномавии он;

- интихоб намудани аъзои шурои директорон (шурои нозирон) ва комиссияи тафтишотӣ (ревизор)-и ҷамъият ва пеш аз муҳлат қатъ намудани ваколатҳои онҳо;

- таъсис додани мақомоти иҷроияи ҷамъият ва пеш аз муҳлат қатъ намудани ваколатҳои онҳо, агар дар оинномаи ҷамъият ҳалли ин масъалаҳо ба салоҳияти шурои директорон (шурои нозирон) мансуб дониста нашуда бошад;

- тасдиқ намудани ҳисоботи солона, тавозуни муҳосибӣ, ҳисоби фоидаю зиёни ҷамъият ва тақсими фоидаю зиёни он;

- қарор дар бораи азнавташкилдиҳӣ ё барҳамдиҳии ҷамъият;

- ваколатҳои дигари муқаррарнамудаи қонун.

2. Ҳалли масъалаҳое, ки тибқи қонун ба салоҳияти истисноии маҷлиси умумии саҳмдорон мансуб дониста шудааст, ба мақомоти иҷроияи ҷамъият супорида намешавад.

3. Дар ҷамъияте, ки шумораи саҳмдоронаш аз панҷоҳ нафар бештар аст, шурои директорон (шурои нозирон) таъсис дода мешавад. Дар ҳолати таъсиси шурои директорон (шурои нозирон) мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" дар оинномаи ҷамъият бояд салоҳияти истисноии он муайян карда шавад. Шурои директорон (шурои нозирон) ҳалли масъалаҳоеро, ки тибқи оинннома ба салоҳияти истисноии он мансуб дониста шудааст, ба мақомоти иҷроияи ҷамъият супорида наметавонад.

4. Мақоми иҷроияи ҷамъият метавонад дастҷамъӣ (раёсат, маъмурият) ва ё инфиродӣ (директор, директори генералӣ) бошад. Он ба фаъолияти ҷамъият роҳбарӣ карда, ба шурои директорон (шурои нозирон) ва маҷлиси умумии саҳмдорони ҷамъият ҳисобот медиҳад.

5. Ҳалли тамоми масъалаҳое, ки тибқи қонун ё оинномаи ҷамъият ба салоҳияти истисноии мақомоти идоракунии дигари ҷамъият мансуб дониста нашудааст, ба салоҳияти мақомоти иҷроияи ҷамъият мансуб аст. Бо қарори маҷлиси умумии саҳмдорон ваколатҳои мақомоти иҷроияи ҷамъият мумкин аст тибқи шартнома ба ташкилоти тиҷоратии дигар ё соҳибкори инфиродӣ (идоракунанда) супорида шаванд.

6. Салоҳияти мақомоти идораи ҷамъияти саҳомӣ, инчунин тартиби қабул кардани қарор ва аз номи ҷамъият амал кардани онҳо мутобиқи ҳамин Кодекс,

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" ва оинномаи ҷамъият муайян карда мешаванд.

7. Ҷамъияти саҳомие, ки мутобиқи ҳамин Кодекс ё Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" барои нашри ҳуҷҷатҳои дар қисми 2 моддаи 104 ҳамин Кодекс зикргардида барои маълумоти умум ӯҳдадор аст, бояд барои санҷиш ва тасдиқи дурустии ҳисоботи солонаи молиявӣ ҳар сол аудитори касбиеро ҷалб намояд, ки бо ҷамъият ё иштирокдорони он манфиатҳои моддӣ надорад. Фаъолияти ҷамъияти саҳомӣ, аз ҷумла ҷамъияти саҳомие, ки барои нашри ҳуҷҷатҳои зикргардида ба маълумоти умум ӯҳдадор нест, бо талаби саҳмдороне, ки ҳиссаи умумиашон дар сармояи оинномавӣ даҳ дарсад ё зиёда аз онро ташкил медиҳад, бояд ҳар вақт таҳти санҷиши аудиторӣ қарор дода шавад.

8. Тартиби гузарондани санҷиши аудитории ҷамъияти саҳомӣ тибқи қонун ва оинномаи ҷамъият муайян карда мешавад.

### Моддаи 112. Азнавташкилдиҳӣ ё барҳамдиҳии ҷамъияти саҳомӣ

1. Ҷамъияти саҳомӣ бо қарори маҷлиси умумии саҳмдорон метавонад ихтиёран аз нав ташкил ё барҳам дода шавад.

2. Асосу тартиби дигари азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии ҷамъияти саҳомӣ бо ҳамин Кодекс ва қонунҳои дигар муайян карда мешаванд.

3. Ҷамъияти саҳомӣ ҳуқуқ дорад ба ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд ё кооперативи тиҷоратӣ табдил дода шавад.

## §8. Ҷамъиятҳои фаръӣ ва вобаста

### Моддаи 113. Ҷамъияти хоҷагии фаръӣ

1. Ҷамъияти хоҷагие фаръӣ дониста мешавад, ки агар дигар ҷамъият ё ширкати хоҷагӣ (асосӣ) бо сабаби иштироки афзалиятноки худ дар сармояи оинномавии он ё мутобиқи шартномаи байни онҳо ва ё ба тариқи дигар имконияти муайян намудани қарорҳои аз ҷониби чунин ҷамъият қабулшавандаро дошта бошад.

2. Ҷамъияти фаръӣ барои қарзҳои ҷамъият (ширкат)-и асосӣ ҷавобгарӣ надорад.

3. Ҷамъият (ширкат)-и асосие, ки ҳуқуқи ба ҷамъияти фаръӣ, аз ҷумла тибқи шартнома ба он додани дастурҳои барояш ҳатмиро дорад, аз рӯйи аҳде, ки ҷамъияти фаръӣ бо мақсади иҷрои чунин дастурҳо анҷом медиҳад, бо ин ҷамъият ҷавобгарии муштарак дорад.

4. Дар сурати бо гуноҳи ҷамъият (ширкат)-и асосӣ муфлис шудани ҷамъияти фаръӣ ҷамъият (ширкат)-и асосӣ аз рӯйи қарзҳои он ҷавобгарии иловагӣ дорад.

5. Иштирокдорон (саҳмдорон)-и ҷамъияти фаръӣ ҳуқуқ доранд аз ҷамъият (ширкат)-И асосӣ ҷуброни зиёни бо гуноҳи он ба ҷамъияти фаръӣ расидаро талаб намоянд, агар дар қонун тартиби дигар муқаррар нагардида бошад.

## Моддаи 114. Ҷамъияти хоҷагии вобаста

1. Ҷамъияти хоҷагие вобаста эътироф мешавад, ки агар ҷамъияти дигар (бартаридошта, иштироккунанда) бештар аз бист дарсади саҳмияҳои овоздори ҷамъияти саҳомӣ ё бист дарсади сармояи оинномавии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдудро дошта бошад.

2. Ҷамъияти хоҷагие, ки зиёда аз бист дарсади саҳмияҳои овоздори ҷамъияти саҳомӣ ё бист дарсади сармояи оинномавии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдудро ба даст овардааст, бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ дар бораи ҷамъиятҳои хоҷагӣ ӯҳдадор аст маълумотро дар ин хусус бетаъхир нашр намояд.

3. Ҳадди иштироки мутақобилаи ҷамъиятҳои хоҷагӣ дар сармояи оинномавии якдигар ва миқдори овозҳое, ки яке аз чунин ҷамъиятҳо дар маҷлиси умумии иштирокдорон ё саҳмдорони ҷамъияти дигар истифода карда метавонад, бо қонун муайян карда мешавад.

### §9. Кооперативи тиҷоратӣ

## Моддаи 115. Муқаррароти умумӣ оид ба кооперативи тиҷоратӣ

1. Кооперативи тиҷоратӣ ташкилоти тиҷоратӣ буда, мутобиқи оиннома асосан ба шахсони сеюм хизмат мерасонад.

2. Даромади софи кооперативи тиҷоратӣ метавонад дар байни аъзои он бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кооперативҳо" ва оинномаи кооператив тақсим карда шавад.

3. Аъзои кооперативи тиҷоратӣ аз рӯйи ӯҳдадориҳои кооператив ба андоза ва бо тартиби пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кооперативҳо" ва оинномаи кооператив ҷавобгар мебошанд.

4. Номи фирмавии кооперативи тиҷоратӣ бояд калимаҳои "кооперативи тиҷоратӣ" ва номи онро дар бар гирад.

5. Ҳолати ҳуқуқии кооперативҳои тиҷоратӣ ва ҳуқуқу ӯҳдадориҳои аъзои онҳо мутобиқи ҳамин Кодекс ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кооперативҳо" муайян карда мешаванд.

## Моддаи 116. Таъсиси кооперативи тиҷоратӣ

1. Ҳуҷҷати таъсисии кооперативи тиҷоратӣ оинномаи тасдиқнамудаи маҷлиси умумии аъзои он мебошад.

2. Оинномаи кооператив, ғайр аз маълумоти дар моддаи 53 ҳамин Кодекс пешбинигардида, бояд инчунин маълумоти зеринро дар бар гирад: дар бораи андозаи ҳаққи узвияти саҳмии аъзои кооператив; дар бораи ҳайат ва тартиби супоридани ҳаққи узвияти саҳмӣ аз ҷониби аъзои кооператив ва ҷавобгарии онҳо барои риоя накардани ӯҳдадорӣ дар мавриди супоридани ҳаққи узвияти саҳмӣ; дар бораи тартиби тақсим намудани фоида ва зиёни кооператив; дар бораи андоза ва шартҳои ҷавобгарии аъзои он барои қарзҳои кооператив; дар бораи ҳайат ва салоҳияти мақомоти идоракунии кооператив ва тартиби қарор

қабул кардани он, аз ҷумла оид ба масъалаҳое, ки доир ба онҳо қарор якдилона ё бо аксарияти мутлақи овозҳо қабул карда мешавад.

3. Кооператив аз ҷониби на камтар аз се шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ таъсис дода мешавад.

## Моддаи 117. Молу мулки кооперативи тиҷоратӣ

1. Молу мулке, ки моликияти кооперативи тиҷоратӣ аст, мутобиқи оинномаи кооператив ба саҳмҳои аъзои он тақсим карда мешавад.

2. Тибқи оинномаи кооператив мумкин аст муқаррар карда шавад, ки қисми муайяни молу мулки ба кооператив тааллуқдошта фондҳои тақсимнашаванда буда, онҳо барои мақсадҳои муайяннамудаи оинннома истифода мешаванд. Қарори таъсис додани фондҳои тақсимнашавандаро, агар дар оинномаи кооператив тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, аъзои кооператив якдилона қабул мекунанд.

3. Узви кооператив уҳдадор аст дар муддати як сол аз рӯзи бақайдгирии давлатии кооператив сад дарсади саҳми пулии худро супорад.

4. Кооператив барои баровардани саҳмияҳо ҳуқуқ надорад.

5. Молу мулке, ки пас аз барҳам додани кооператив ва қонеъ гардондани талаботи кредиторони он боқӣ мемонанд, дар байни аъзои он мутаносибан бо саҳмашон тақсим карда мешаванд.

## Моддаи 118. Идоракунии кооперативи тиҷоратӣ

1. Мақоми олии идоракунии кооператив маҷлиси умумии аъзои он мебошад.

2. Дар кооперативи дорои шумораи зиёда аз сад аъзо шурои нозирони кооператив таъсис дода мешавад, ки он фаъолияти раёсати кооперативро назорат мекунад.

3. Раёсати кооооператив ба фаъолияти ҳамарӯзаи кооператив роҳбарӣ карда, ба шурои нозирон ва маҷлиси умумии аъзои кооператив ҳисоботдиҳанда мебошад.

4. Аъзои шурои нозирон ва раёсати кооператив танҳо аъзои кооператив буда метавонад. Узви кооператив дар як вақт узви шурои нозирон ва узви раёсати кооператив буда наметавонад.

5. Салоҳияти мақомоти идоракунии кооператив ва тартиби қарор қабул кардани онҳо тибқи қонун ва оинномаи кооператив муайян карда мешаванд.

6. Ба салоҳияти истинoии маҷлиси умумии аъзои кооператив мансубанд:

- қабул ва тағйир додани оинномаи кооператив;

- таъсис додани шурои нозирон ва қатъ кардани ваколати аъзои он, инчунин таъсис додан ва қатъ намудани ваколати мақомоти иҷроияи кооператив, ба шарте ки ин ҳуқуқ мутобиқи оинномаи кооператив ба шурои нозирони он дода нашуда бошад;

- қабул ва хориҷ кардани аъзои кооператив;

- тасдиқ намудани ҳисоботи солонаю тавозуни муҳосибии кооператив ва тақсим кардани фоидаю зиёни он;

- қабул кардани қарори азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии кооператив;

- масъалаҳои дигаре, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кооперативҳо" ва оинномаи кооператив муқаррар менамоянд.

7. Маҷлиси умумӣ ё шурои нозирони кооператив ҳалли масъалаҳои мансуб ба салоҳияти истисноиашро ба мақомоти иҷроияи кооператив супорида наметавонад.

8. Узви кооператив ҳангоми қарор қабул кардани маҷлиси умумӣ як овоз дорад.

## Моддаи 119. Қатъ гардидани узвият дар кооперативи тиҷоратӣ ва гузаштани ҳаққи узвияти саҳмӣ

1. Узви кооператив ҳуқуқ дорад бо салоҳдиди худ аз ҳайати кооператив барояд. Дар ин сурат ба он бояд арзиши саҳми пардохта ё мутобиқи саҳми он молу мулк дода шаванд, инчунин маблағҳои дигари дар оинномаи кооператив пешбинигардида пардохт карда шаванд. Ҳаққи узвияти саҳмӣ ва молу мулки дигари узви хориҷшавандаи кооператив пас аз анҷоми соли молиявӣ ва тасдиқи тавозуни муҳосибии кооператив дода мешавад.

2. Ҳангоми иҷро накардан ё ба таври номатлуб иҷро кардани уҳдадориҳои тибқи оинннома ба зиммаи узви кооператив гузошташуда, инчунин дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонун ва оинномаи кооператив, бо қарори маҷлиси умумӣ он аз кооператив хориҷ карда мешавад.

3. Узви кооперативи тиҷоратӣ бо сабаби узви кооперативи шабеҳ буданаш метавонад бо қарори маҷлиси умумӣ аз кооператив хориҷ карда шавад.

4. Узви кооперативи аз ҳайати он хориҷшуда мутобиқи қисми 1 моддаи мазкур ба гирифтани ҳаққи узвияти саҳмӣ, пардохтҳои дигари дар оинномаи кооператив пешбинигардида ҳуқуқ дорад.

5. Узви кооператив, узви собиқ ё меросгири узви вафоткардаи кооператив метавонанд ҳаққи узвияти саҳмиро танҳо ба узви амалкунанда ё ояндаи кооператив гузашт кунанд, ба шарте ки чунин гузашткунӣ ба фоидаи кооператив бошад. Тартиби гузашт кардани ҳаққи узвияти саҳмӣ тибқи оинномаи кооператив муқаррар мегардад.

6. Агар дар оинномаи кооператив тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, ҳангоми вафот кардани узви кооперативи тиҷоратӣ меросгирони он метавонанд ба узвияти кооператив қабул карда шаванд. Дар акси ҳол кооператив ба меросгирон арзиши ҳаққи узвияти саҳмии узви вафоткардаи кооперативро медиҳад.

7. Рӯёнидани маблағ аз ҳисоби ҳаққи узвияти саҳмии узви кооперативи тиҷоратӣ аз рӯйи қарзи шахсии он бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ва

оинномаи кооператив танҳо дар сурати кофӣ набудани молу мулки дигари он барои пардохти чунин қарз роҳ дода мешавад.

### Моддаи 120. Азнавташкилдиҳӣ ё бархамдиҳии кооперативи тиҷоратӣ

1. Кооперативи тиҷоратӣ мумкин аст бо қарори маҷлиси умумии аъзои он ихтиёран аз нав ташкил ё барҳам дода шавад. Асосҳои дигар, тартиби азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии кооператив бо ҳамин Кодекс ва қонунҳои дигар муайян карда мешаванд.

2. Кооперативи тиҷоратӣ бо қарори якдилонаи аъзояш метавонад ба ширкат ё ҷамъияти хоҷагӣ табдил дода шавад.

## §10. Корхонаи воҳиди давлатӣ

### Моддаи 121. Муқаррароти асосӣ дар бораи корхонаи воҳиди давлатӣ

1. Корхонаи воҳиди давлатӣ ташкилоти тиҷоратиест, ки ба молу мулки ба он вобастакардаи молик ҳуқуқи моликиятро надорад.

2. Корхонаҳои воҳиди давлатӣ дар намуди корхонаи воҳид бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ ва корхонаи махсус бо ҳуқуқи идораи оперативӣ вуҷуд дошта метавонанд.

3. Вобаста ба намуди моликияти давлатӣ корхонаҳои воҳиди давлатӣ ба корхонаҳои воҳиде, ки таҳти моликияти ҷумҳуриявӣ қарор доранд (корхонаҳои воҳиди давлатии ҷумҳуриявӣ) ва корхонаҳои воҳиде, ки таҳти моликияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ қарор доранд (корхонаҳои воҳиди давлатии маҳаллӣ), ҷудо мешаванд.

4. Молу мулки корхонаҳои воҳиди давлатӣ тақсимнашаванда буда, ба саҳмҳо (ҳиссаҳо), аз ҷумла байни кормандони корхона, тақсим карда намешаванд.

5. Номи фирмавии корхонаи воҳиди давлатӣ бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ бояд калимаҳои "корхонаи воҳиди давлатӣ" ва номи онро дар бар гирад. Номи фирмавии корхонаи воҳиди давлатӣ бо ҳуқуқи идораи оперативӣ бояд калимаҳои "корхонаи махсус" ва номи онро дар бар гирад.

6. Мақомоти корхонаи воҳиди давлатӣ роҳбари он мебошад, ки аз ҷониби молик ё мақомоти ваколатдори он таъин шуда, ба онҳо ҳисоботдиҳанда аст.

7. Корхонаи воҳиди давлатӣ бо қарори мақомоти ваколатдори давлатӣ таъсис, аз нав ташкил ва барҳам дода мешавад.

8. Корхонаи воҳиди давлатӣ тибқи ӯҳдадориҳояш бо тамоми молу мулкаш ҷавобгар буда, аз рӯйи ӯҳдадориҳои молик ҷавобгар нест.

9. Ҳолати ҳуқуқии корхонаи воҳиди давлатӣ бо ҳамин Кодекс ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи корхонаҳои давлатӣ" муайян карда мешавад.

### Моддаи 122. Корхонаи воҳиди давлатӣ бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ

1. Корхонаи воҳиди давлатӣ бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ дар асоси қарори мақомоти ба он ваколатдори давлатӣ таъсис дода мешавад.

2. Ҳуҷҷати таъсисии корхонаи воҳиди давлатӣ бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ оинномаи аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ тасдиқнамудаи он мебошад.

3. Андозаи фонди оинномавии корхонаи воҳиди давлатӣ бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ набояд аз маблағи муайяннамудаи қонун камтар бошад.

4. Фонди оинномавии корхонаи воҳиди давлатӣ бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ бояд аз ҷониби молик то бақайдгирии давлатии он пурра пардохт карда шавад.

5. Агар баъди анҷоми соли молиявӣ арзиши дороиҳои софи корхонаи воҳиди давлатӣ бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ аз андозаи фонди оинномавии дар оинномаи корхона пешбинигардида камтар шавад, мақомоте, ки ваколати таъсис додани чунин корхонаҳоро дорад, уҳдадор аст, ки бо тартиби муқарраргардида фонди оинномавиро кам кунад. Агар арзиши дороиҳои соф аз андозаи дар қонун муайянгардида (қисми 3 моддаи мазкур) камтар гардад, корхонаи воҳиди давлатӣ бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ бо санади судӣ барҳам дода мешавад.

6. Дар сурати қабул намудани қарор дар бораи кам кардани фонди оинномавӣ корхонаи воҳиди давлатӣ бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ уҳдадор аст дар ин хусус кредиторони худро ба таври хаттӣ огоҳ созад. Кредитори корхонаи воҳиди давлатӣ бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ метавонад қатъ ё иҷрои пеш аз мӯҳлати уҳдадориҳоеро, ки ин корхона аз рӯйи онҳо қарздор мебошад, инчунин ҷуброни зиёнро талаб намояд.

7. Корхонаи воҳиди давлатӣ бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ метавонад бо розигии молик ба сифати шахси ҳуқуқӣ корхонаи фаръиро бо тартиби пешбининамудаи қонун таъсис диҳад.

8. Молик аз рӯйи уҳдадориҳои корхонаи воҳиди давлатӣ бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ ва корхонаи фаръӣ, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қисмҳои 3 ва 4 моддаи 57 ҳамин Кодекс ва қонунҳои дигар, ҷавобгар намебошад.

### Моддаи 123. Корхонаи махсус

1. Корхонаи воҳиди давлатие, ки молу мулки давлатиро бо ҳуқуқи идораи оперативӣ дорад, корхонаи махсус мебошад.

2. Корхонаи махсус бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъсис дода мешавад.

3. Ҳуҷҷати таъсисии корхонаи махсус оинномаи он мебошад, ки аз ҷониби муассис тасдиқ мегардад.

4. Ҷумҳурии Тоҷикистон ё воҳиди маъмурию ҳудудӣ аз рӯйи уҳдадориҳои корхонаи махсус ҷавобгарии иловагӣ доранд.

## §11. Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ

### Моддаи 124. Кооперативи ғайритиҷоратӣ

1. Кооперативи ғайритиҷоратӣ ташкилоти ғайритиҷоратӣ буда, мутобиқи оинномаи кооператив асосан ба аъзои худ хизмат мерасонад. Даромади софи кооперативи ғайритиҷоратӣ, ки дар натиҷаи хизматрасонӣ ба шахсони сеюм ба даст оварда шудааст, дар байни аъзои он тақсим нашуда, барои рушди минбаъдаи он сарф карда мешавад. Дар сурати асосан ба шахсони сеюм хизмат расондани кооперативи ғайритиҷоратӣ, он бояд ба кооперативи тиҷоратӣ табдил дода шавад.

2. Оинномаи кооперативи ғайритиҷоратӣ, ба ғайр аз маълумоти дар моддаи 53 ҳамин Кодекс зикргардида, инчунин бояд маълумот дар бораи андозаи ҳаққи узвияти саҳмии аъзои кооператив; дар бораи таркиб ва тартиби супоридани ҳаққи узвияти саҳмӣ аз ҷониби аъзои кооператив ва ҷавобгарии онҳо барои вайрон кардани уҳдадорӣ дар мавриди супоридани ҳаққи узвияти саҳмӣ; дар бораи ҳайату салоҳияти мақомоти идораи кооператив ва тартиби қарор қабул кардани онҳо, аз ҷумла доир ба масъалаҳое, ки аз рӯйи онҳо қарор якдилона ё бо аксарияти мутлақи овозҳо қабул карда мешавад; дар бораи тартиби пӯшондани зиёни ба кооператив расондашуда аз ҷониби аъзои кооперативро дар бар гирад.

3. Номи кооперативи ғайритиҷоратӣ бояд калимаи "кооператив" ва ишора ба мақсади асосии фаъолияти онро дар бар гирад.

4. Ҳолати ҳуқуқии кооперативҳои ғайритиҷоратӣ ва намудҳои алоҳидаи он, ҳуқуқу уҳдадориҳои аъзои он бо ҳамин Кодекс, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кооперативҳо" ва қонунҳои дигар танзим мешаванд.

### Моддаи 125. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои динӣ

1. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои динӣ ташкилотҳое эътироф карда мешаванд, ки дар онҳо шахсони воқеӣ бо тартиби муқарраргардида дар асоси умумияти манфиатҳояшон барои қонеъ гардондани талаботи маънавӣ ё талаботи дигари ғайримолумулкӣ ихтиёран муттаҳид гардидаанд.

2. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои динӣ ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мебошанд. Онҳо танҳо барои ноил шудан ба мақсадҳои оинномавиашон ҳуқуқ доранд фаъолияти истеҳсолӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ анҷом диҳанд.

3. Иштирокдорон (аъзо)-и иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои динӣ ба молу мулке, ки ба моликияти ин ташкилотҳо гузарондаанд, аз ҷумла ба ҳаққи узвият, ҳуқуқашонро нигоҳ намедоранд. Онҳо аз рӯйи уҳдадориҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои диние, ки дар онҳо ба сифати аъзо иштирок менамоянд, ҷавобгарӣ надоранд, ташкилотҳои мазкур бошанд, аз рӯйи уҳдадориҳои аъзои худ ҷавобгар нестанд.

4. Хусусиятҳои ҳолати ҳуқуқии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои динӣ ҳамчун иштирокдорони муносибатҳои бо ҳамин Кодекс танзимшаванда тибқи қонун муайян карда мешаванд.

### Моддаи 126. Фонд

1. Фонд ташкилоти ғайритиҷоратии беузвият эътироф карда мешавад, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ дар асоси пардохтҳои ихтиёрии молумулкӣ таъсис гардида, мақсади хайриявӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, таълимӣ ё мақсади дигари умумии муфидро пеш гирифтааст.

2. Молу мулке, ки муассисон (муассис)-и фонд ба он супоридаанд, моликияти фонд мебошанд. Муассисон аз рӯйи ӯҳдадориҳои фонди таъсисдодаашон ҷавобгарӣ надоранд, фонд бошад, аз рӯйи ӯҳдадориҳои муассисони худ ҷавобгар нест.

3. Фонд молу мулкро барои мақсадҳое, ки дар оинномааш муайян гардидаанд, истифода менамояд. Фонд ҳуқуқ дорад ҷиҳати ноил шудан ба мақсадҳои умумии муфиде, ки фонд барои он таъсис гардидааст, ба фаъолияти соҳибкории ба ин мақсадҳо муносиб машғул шавад. Барои ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ фонд ҳуқуқ дорад ҷамъиятҳои хоҷагӣ таъсис диҳад ё дар онҳо иштирок намояд.

4. Фонд ӯҳдадор аст ҳар сол дар хусуси истифодаи молу мулкаш ҳисобот нашр кунад.

5. Тартиби идораи фонд ва ташкил намудани мақомоти он тибқи оинномаи аз ҷониби муассисон тасдиқгардида муайян карда мешавад.

6. Дар оинномаи фонд, ғайр аз маълумоти дар моддаи 53 ҳамин Кодекс зикргардида бояд маълумоти зерин дарҷ гардида бошад: номи фонд, ки калимаи "фонд"-ро дар бар гирифтааст; маълумот дар бораи мақсади фонд; маълумот дар бораи мақомоти фонд, аз ҷумла дар бораи шурои парасторон, ки ба фаъолияти фонд назорат мекунад; тартиби таъин намудани шахсони мансабдори фонд ва озод кардани онҳо; маҳалли ҷойгиршавии фонд; тақдири молу мулки фонд дар сурати барҳам дода шудани он.

## Моддаи 127. Тағйир додани оинннома ва барҳам додани фонд

1. Оинномаи фонд метавонад аз ҷониби мақоми олии фонд тағйир дода шавад, ба шарте агар дар оинннома бо ҳамин тартиб тағйир додани он пешбинӣ гардида бошад.

2. Агар бетағйир мондани оинннома боиси оқибатҳое гардад, ки ҳангоми таъсиси фонд онҳоро пешбинӣ намудан ғайриимкон буда, имконияти тағйир додани он дар оинннома пешбинӣ нашуда бошад ё шахсони ваколатдор онро тағйир надиҳанд, дар асоси аризаи мақоми олии фонд ворид намудани тағйирот ба он тариқи судӣ сурат мегирад.

3. Қарори барҳамдиҳии фондро танҳо суд дар асоси аризаи шахси манфиатдор қабул карда метавонад.

4. Фонд дар ҳолатҳои зерин мумкин аст барҳам дода шавад:

- агар молу мулки фонд барои амалисозии мақсадҳояш кофӣ набуда, имконияти ба даст овардани молу мулки зарурӣ ғайривоқеӣ бошад;

- агар ноил шудан ба мақсадҳои фонд номумкин ва тағйир додани мақсадҳои фонд ғайриимкон бошад;

- дар сурати аз мақсади дар оиннома пешбинигардида берун баромадани фаъолияти фонд;

- дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонун.

5. Дар сурати барҳамдиҳии фонд молу мулки пас аз қонеъгардонии талаботи кредиторон боқимондаи он ба шахсони дар оинномаи фонд зикргардида дода мешавад.

### Моддаи 128. Муассиса

1. Ташкилоте, ки молик барои амалӣ гардондани вазифаҳои идоракунӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва ё вазифаҳои дигари дорои хусусияти ғайритиҷоратӣ таъсис дода, онро пурра ё қисман маблағгузорӣ мекунад, муассиса дониста мешавад.

2. Муассиса мумкин аст аз тарафи шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ (муассисаи хусусӣ) ва ё аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ (муассисаи давлатӣ) таъсис дода шавад.

3. Ҳуқуқи муассиса ба молу мулке, ки ба он вобаста шудааст ё ба даст овардааст, мутобиқи моддаҳои 337 ва 339 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад.

4. Муассиса аз рӯйи уҳдадориҳои худ бо маблағи пулии дар ихтиёраш буда ҷавобгарӣ дорад. Дар сурати нокифоя будани ин маблағ молики молу мулки дахлдор аз рӯйи уҳдадориҳои он ҷавобгарии иловагӣ дорад.

5. Хусусиятҳои ҳолати ҳуқуқии намудҳои алоҳидаи муассисаҳои давлатӣ ё муассисаҳои дигар тибқи қонун муайян карда мешаванд.

### Моддаи 129. Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (ассотсиатсия ва иттифоқ)

1. Ассотсиатсия (иттифоқ) иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ ва (ё) воқеӣ мебошад, ки ба узвияти ихтиёрӣ ё дар ҳолатҳои муқарраркардаи қонун ба узвияти ҳатмӣ асос ёфта, барои намояндагӣ ва ҳимояи манфиатҳои умумӣ, аз ҷумла манфиатҳои касбӣ ва ноил шудан ба мақсадҳои муфиди ҷамъиятӣ, инчунин дигар мақсадҳое, ки хилофи қонун нестанд ва хусусияти ғайритиҷоратӣ доранд, таъсис дода шудааст.

2. Агар бо қарори иштирокдорон ба зиммаи ассотсиатсия (иттифоқ) амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ гузошта шавад, чунин ассотсиатсия (иттифоқ) бояд бо тартиби пешбининамудаи ҳамин Кодекс ба ҷамъият ё ширкати хоҷагӣ табдил дода шавад. Барои татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ ассотсиатсия (иттифоқ) ҳуқуқ дорад ҷамъияти хоҷагӣ таъсис диҳад ё дар онҳо иштирок намояд.

3. Ташкилоти ҷамъиятӣ ва ташкилоти дигари ғайритиҷоратӣ, аз ҷумла муассисаҳо ва шахсони воқеӣ, метавонанд ихтиёран дар ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо)-и ин ташкилотҳо муттаҳид шаванд.

4. Ассотсиатсия (иттифоқ) шахси ҳуқуқӣ мебошад.

5. Аъзои ассотсиатсия (иттифоқ) мустақилият ва вазъи ҳуқуқии худро нигоҳ медоранд.

6. Ассотсиатсия (иттифоқ) аз рӯйи ухдадориҳои аъзои худ ҷавобгарӣ надорад, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. Аъзои ассотсиатсия (иттифоқ) аз рӯйи ухдадориҳои он ба андоза ва бо тартиби дар қонун ва ё ҳуҷҷатҳои таъсисии ассотсиатсия (иттифоқ) пешбинигардида ҷавобгарии иловагӣ дошта метавонанд.

7. Номи ассотсиатсия (иттифоқ) бояд ишора ба мақсади асосии фаъолияти онро бо иловаи калимаи "ассотсиатсия" ё "иттифоқ" дар бар гирад.

8. Хусусиятҳои ҳолати ҳуқуқии намудҳои алоҳидаи ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) тибқи қонун муайян карда мешаванд.

### Моддаи 130. Ҳуҷҷатҳои таъсисии ассотсиатсия (иттифоқ)

1. Ҳуҷҷатҳои таъсиси ассотсиатсия (иттифоқ) шартномаи таъсисии аз ҷониби аъзои он имзогардида ва оинномаи тасдиқнамудаи онҳо мебошад.

2. Дар ҳуҷҷатҳои таъсисии ассотсиатсия (иттифоқ), ғайр аз маълумоти дар моддаи 53 ҳамин Кодекс зикргардида, бояд маълумот дар бораи ҳайат ва салоҳияти мақомоти идораи ассотсиатсия (иттифоқ) ва тартиби қарор қабул кардани онҳо, аз ҷумла доир ба масъалаҳое, ки қарор аз рӯйи онҳо якдилона ё бо аксарияти мутлақи овози аъзои ассотсиатсия (иттифоқ) қабул карда мешавад ва дар бораи тақсими молу мулке, ки пас аз барҳам додани ассотсиатсия (иттифоқ) боқӣ мондааст, дарҷ гарданд.

### Моддаи 131. Ҳуқуқу ухдадориҳои аъзои ассотсиатсия (иттифоқ)

1. Аъзои ассотсиатсия (иттифоқ) ҳуқуқ доранд аз хизматрасонии он ба таври ройгон истифода намоянд, ба шарте ки дар ҳуҷҷатҳои таъсиси ассотсиатсия (иттифоқ) тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад ва аз хусусияти хизматрасонӣ барнаояд.

2. Узви ассотсиатсия (иттифоқ) ҳуқуқ дорад пас аз хотимаи соли молиявӣ бо салоҳдиди хеш аз ҳайати ассотсиатсия (иттифоқ) барояд. Дар ин сурат он аз рӯйи ухдадориҳои ассотсиатсия (иттифоқ) дар давоми ду соли пас аз хориҷ шуданаш мутаносибан ба ҳаққи узвияти худ ҷавобгарии иловагӣ бар дӯш дорад.

3. Узви ассотсиатсия (иттифоқ) дар ҳолатҳо ва бо тартиби дар ҳуҷҷатҳои таъсисии ассотсиатсия (иттифоқ) муқарраргардида мумкин аст бо қарори иштирокдорони боқимонда аз он хориҷ карда шавад. Дар мавриди ҳаққи узвияти молумулкӣ ва ҷавобгарии узви хориҷшудаи ассотсиатсия (иттифоқ) қоидаҳо оид ба баромадан аз ҳайати ассотсиатсия (иттифоқ) истифода мешаванд.

4. Бо розигии аъзои ассотсиатсия (иттифоқ) ба он метавонад узви нав шомил шавад. Ба ассотсиатсия (иттифоқ) узв шудани иштирокдори нав метавонад бо шарти ба зимма гирифтани ҷавобгарии иловагӣ аз рӯйи

уҳдадориҳои ассотсиатсия (иттифоқ), ки то аъзошавии он ба миён омадааст, сурат гирад.

## БОБИ 5. ИШТИРОКИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ВОҲИДҲОИ МАЪМУРИЮ ҲУДУДӢ ДАР МУНОСИБАТҲОЕ, КИ ҚОНУНГУЗОРИИ МАДАНӢ ТАНЗИМ МЕНАМОЯД

### Моддаи 132. Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои бо қонунгузории маданӣ танзимшаванда ҳамчун шахси ҳуқуқӣ бо иштирокдорони дигари ин муносибатҳо дар асосҳои баробар иштирок менамояд, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

2. Мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияташон тибқи талаботи қонунгузорӣ, ки вазъи мақомоти мазкурро муайян менамояд, метавонанд аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо амалҳои худ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро ба даст оварда, амалӣ намоянд ва дар суд баромад кунанд.

3. Дар ҳолатҳо ва бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ бо супориши махсуси Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номи он дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ амал карда метавонанд.

4. Баҳсҳои ҳуқуқии маданӣ бо иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби суд ҳал карда мешаванд.

5. Нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои субъекти мазкур меъёрҳое, ки иштироки шахсони ҳуқуқиро дар муносибатҳои бо қонунгузории маданӣ танзимшаванда муайян мекунанд, татбиқ карда мешаванд, агар дар қонунгузорӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

### Моддаи 133. Иштироки воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ

1. Воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ дар муносибатҳои бо қонунгузории маданӣ танзимшаванда ҳамчун шахси ҳуқуқӣ бо иштирокдорони ин муносибатҳо дар асосҳои баробар иштирок менамоянд, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

2. Мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи маҳаллӣ дар доираи салоҳияташон тибқи талаботи қонунгузорӣ, ки вазъи мақомоти мазкурро муайян менамоянд, метавонанд аз номи воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ бо амалҳои худ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро ба даст оварда, амалӣ намоянд ва дар суд баромад кунанд.

3. Дар ҳолатҳо ва бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ, шахси ҳуқуқӣ ва воқеӣ метавонанд бо супориши махсус аз номи воҳиди маъмурию ҳудудӣ баромад кунанд.

4. Дар ҳолатҳои муайяннамудаи қонунгузорӣ воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ метавонанд аз номи давлат амал намоянд.

5. Ба воҳиди маъмурию ҳудудӣ ва мақомоти он муқаррароти ҳамин Кодекс дар хусуси иштироки давлат ва мақомоти он дар муносибатҳои бо қонунгузории маданӣ танзимшаванда паҳн мегарданд, агар дар қонунгузорӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

6. Баҳсҳои ҳуқуқии маданӣ бо иштироки воҳиди маъмурию ҳудудӣ аз ҷониби суд ҳал карда мешаванд.

7. Нисбат ба воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ бо назардошти хусусиятҳои субъекти мазкур меъёрҳое татбиқ карда мешаванд, ки иштироки шахсони ҳуқуқиро дар муносибатҳои бо қонунгузории маданӣ танзимшаванда муайян мекунанд, агар дар қонунгузорӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

### Моддаи 134. Ҷавобгарӣ аз рӯйи уҳдадориҳои давлат ва воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ

1. Давлат ё воҳиди маъмурию ҳудудӣ аз рӯйи уҳдадориҳои худ бо молу мулки дар асоси ҳуқуқи моликият ба онҳо тааллуқдошта, ғайр аз молу мулке, ки танҳо дар моликияти давлат буда метавонанд ё ба шахси ҳуқуқии таъсисдодаи онҳо бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ ё идораи оперативӣ вобаста карда шудаанд, ҷавобгар мебошанд.

2. Шахси ҳуқуқие, ки аз ҷониби давлат ё воҳиди маъмурию ҳудудӣ таъсис дода шудааст, аз рӯйи уҳдадориҳои онҳо ҷавобгар нест.

3. Давлат ва воҳиди маъмурию ҳудудӣ, ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, аз рӯйи уҳдадориҳои шахси ҳуқуқии аз ҷониби онҳо таъсисдодашуда ҷавобгар нестанд.

4. Давлат аз рӯйи уҳдадориҳои воҳиди маъмурию ҳудудӣ ҷавобгар нест.

5. Воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ аз рӯйи уҳдадориҳои якдигар, инчунин аз рӯйи уҳдадориҳои давлат, ҷавобгар нестанд.

6. Муқаррароти қисмҳои 2-5 моддаи мазкур ба ҳолатҳое, ки давлат дар асоси шартномаи бастаашон аз рӯйи уҳдадориҳои воҳиди маъмурию ҳудудӣ ё шахси ҳуқуқӣ замонат (кафолат) додааст ё субъектҳои мазкур аз рӯйи уҳдадориҳои давлат замонат (кафолат) додаанд, дахл надоранд.

### Моддаи 135. Хусусиятҳои ҷавобгарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ

Хусусиятҳои ҷавобгарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ бо иштироки субъектони дигари ҳуқуқи маданӣ, аз ҷумла шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ, инчунин дигар давлатҳо, мутобиқи қонун муайян карда мешаванд.

## ЗЕРФАСЛИ 3. ОБЪЕКТҲОИ ҲУҚУҚҲОИ МАДАНӢ

## БОБИ 6. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

## Моддаи 136. Намудҳои объектҳои ҳуқуқҳои мадании

1. Объектҳои ҳуқуқҳои маданӣ метавонанд неъмату ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ бошанд.

2. Ба неъмату ҳуқуқҳои молумулкӣ (молу мулк) инҳо дохил мешаванд: ашё (пули нақд, аз ҷумла асъори хориҷӣ, коғазҳои қиматноки ҳуҷҷатӣ ва ғайра), натиҷаи кор ва хизматрасонӣ, иттилооти ҳифзшаванда, натиҷаҳои ҳифзшавандаи фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои фардикунонӣ (моликияти зеҳнӣ), ҳуқуқҳои молумулкӣ ва молу мулки дигар, аз ҷумла воситаҳои пулии ғайринақдӣ ва коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат.

3. Ба неъмату ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ инҳо дохил мешаванд: ҳаёт, саломатӣ, эътибори шахс, шаъну шараф, номи нек, эътибори корӣ, дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ, сирри шахсӣ ва оилавӣ, ҳуқуқ ба ном, ҳуқуқи муаллифӣ, ҳуқуқи дахлнопазирии асар ва дигар неъмату ҳуқуқҳои ғайримолумулкӣ, ки қонун танзим менамояд.

## Моддаи 137. Муомилотпазирии объектҳои ҳуқуқҳои маданӣ

1. Объектҳои ҳуқуқҳои маданӣ метавонанд бо тартиби ворисии ҳуқуқии умумӣ ва ё бо тарзи дигар озодона бегона карда шаванд ё аз як шахс ба шахси дигар гузаранд, агар муомилоти онҳо манъ ё маҳдуд нашуда бошад.

2. Намудҳои объектҳои ҳуқуқҳои мадание, ки дар муомилот будани онҳо роҳ дода намешавад (объектҳое, ки аз муомилот бароварда шудаанд), бояд бевосита дар қонун нишон дода шаванд.

3. Намудҳои объектҳои ҳуқуқҳои мадание, ки танҳо ба иштирокдорони муайяни муомилот тааллуқ дошта метавонанд ё дар муомилот қарор доштани онҳо танҳо бо иҷозати махсус имконпазир аст (объектҳое, ки муомилоташон маҳдуд аст), бо тартиби муқаррарнамудаи қонун муайян карда мешаванд.

4. Неъмат ва ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиро бегона намудан ва бо тарзҳои дигар додан мумкин нест, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун муқаррар намудааст.

# БОБИ 7. АШЁ

## Моддаи 138. Ашёи ғайриманқул ва манқул

1. Ба ашёи ғайриманқул (молу мулки ғайриманқул, ғайриманқула) инҳо дохил мешаванд: қитъаи замин, бино (истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ), иншоот ва объектҳои сохтмонашон нотамом, дарахтҳои бисёрсола ва молу мулки дигар, ки бо замин алоқамандии мустаҳкам доранд, яъне объектҳое, ки ҷойивазкуниашон бе расондани хисороти воқеии номутаносиб ба таъиноташон имконнопазир аст.

2. Ба ашёи ғайриманқул инчунин киштиҳои ҳавоӣ ва баҳрӣ, киштиҳои дар дохили кишвар шинокунанда, киштиҳои кайҳонӣ, истгоҳҳои кайҳонӣ, радифҳои масну ва объектҳои дигари кайҳонӣ, ки бояд ба қайди давлатӣ

гирифта шаванд, баробар эътироф карда мешаванд. Мувофиқи қонун ашёи дигарро низ ба ҷумлаи молу мулки ғайриманқул нисбат додан мумкин аст.

3. Ашёе, ки ба молу мулки ғайриманқул дохил намешавад, аз ҷумла пул ва коғазҳои қиматнок, ашёи манқул дониста мешавад. Бақайдгирии ҳуқуқ ба ашёи манқул зарур нест, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

## Моддаи 139. Бақайдгирии давлатии ашёӣ ғайриманқул

1. Ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқи дигари ашё ба ашёи ғайриманқул, маҳдудиятҳои ин ҳуқуқҳо, пайдоиш, гузаштан ва қатъ гардидани онҳо бояд аз ҷониби мақомоти махсуси ваколатдори давлатии муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар феҳристи ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он ба қайди давлатӣ гирифта шаванд. Ҳуқуқи моликият, ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ, ҳуқуқи идораи оперативӣ, ҳуқуқи соҳибии якумраи меросӣ, ҳуқуқи истифодаи бемуҳлат, ипотека, сервитутҳо, инчунин ҳуқуқҳои дигар дар ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс ва қонунҳои дигар бояд ба қайди давлатӣ гирифта шаванд.

2. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун дар баробари бақайдгирии давлатӣ мумкин аст намудҳои алоҳидаи молу мулки ғайриманқул махсус ба қайд ё ба ҳисоб гирифта шаванд.

3. Мақомоте, ки молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба онро ба қайди давлатӣ мегиранд, уҳдадоранд бо дархости ҳуқуқдор ҷиҳати тасдиқи бақайдгирии давлатии анҷомдодашуда ҳуҷҷати дахлдорро пешниҳод намоянд.

4. Мақомоте, ки бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ё ҳуқуқҳо ба онро анҷом додаанд, уҳдадоранд дар асоси дархост ба ҳар шахс дар бораи бақайдгирии анҷомдода ва ҳуқуқҳои бақайдгирифташуда иттилоот диҳанд. Иттилоот, сарфи назар аз маҳалли бақайдгирӣ, дар ҳар мақомоти бақайдгирандаи молу мулки ғайриманқул дода мешавад.

5. Нисбат ба рад кардани ба қайди давлатӣ гирифтани молу мулки ғайриманқул ё ҳуқуқҳо ба он ё аз бақайдгирӣ саркашӣ кардани мақомоти дахлдор ба суд шикоят кардан мумкин аст.

6. Тартиби бақайдгирии давлатӣ ва асосҳои рад кардани он мутобиқи қонун муқаррар карда мешаванд.

## Моддаи 140. Корхона

1. Корхона ҳамчун объекти ҳуқуқ маҷмаи ғайриманқули молумулкие эътироф карда мешавад, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода мегардад.

2. Корхона дар маҷмуъ ё як қисми он метавонад объекти хариду фурӯш, гарав, иҷора ва аҳди дигар оид ба муқаррар намудан, тағйир додан ё қатъ кардани ҳуқуқҳои ашё бошад.

3. Ба таркиби корхона ҳамчун маҷмаи молумулкӣ тамоми намудҳои молу мулки барои фаъолияти он таъингардида, аз ҷумла ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, бино, иншоот, таҷҳизот, асбобу анҷом, ашёи хом, маҳсулот, ҳуқуқи

талабкунӣ, қарзҳо, инчунин ҳуқуқ ба воситаҳои фардикунонии корхона, маҳсулоти он, кору хизматрасонӣ (номи фирмавӣ, тамғаи молӣ, тамғаи хизматрасонӣ) ва ҳуқуқҳои дигари истисноӣ дохил мешаванд, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

## Моддаи 141. Маҷмуаи томи ғайриманқул

1. Ашёи ғайриманқуле, ки дар муомилот ҳамчун объекти том истифода мешавад, мумкин аст маҷмуаи томи ғайриманқул бошадмаҷмуи бино, иншоот ва ашёи дигари бо таъиноти ягона муттаҳидшуда, ки ҷисман ва ё аз лиҳози технологӣ ба ҳам робитаи ногусастанӣ доранд, аз ҷумла объектҳои хаттӣ (роҳи оҳан, хатти интиқоли барқ, хатти қубур ва ғайра) ё дар ҳудуди як қитъаи замин ҷойгиршуда, агар маҷмуи объектҳои мазкур дар шакли том ҳамчун як ашёи ғайриманқул ба қайд гирифта шуда бошад.

2. Ба маҷмуаи томи ғайриманқул қоидаҳо оид ба ашёи тақсимнашаванда татбиқ карда мешаванд.

## Моддаи 142. Ашёи тақсимшаванда

Ашёи тақсимшаванда ашёест, ки қисмҳои он дар натиҷаи тақсимкунӣ хусусиятҳои таъинотӣ (функсия)-и худро аз даст намедиҳанд.

## Моддаи 143. Ашёи тақсимнашаванда

1. Ашёе, ки дар шакли асл тақсим намудани он бе вайрон кардан, осеб расондан ё тағйир додани таъиноти он имконнопазир аст ва дар муомилот ҳамчун объекти томи ҳуқуқҳои ашё амал мекунад, тақсимнашаванда дониста мешавад, инчунин агар он қисмҳои таркибӣ дошта бошад.

2. Иваз намудани қисмҳои таркибии ашёи тақсимнашаванда бо дигар қисмҳои таркибӣ боиси ба вуҷуд омадани дигар ашё намегардад, агар хосияти муҳимми ашё нигоҳ дошта шуда бошад.

3. Нигаронидани рӯёниш ба ашёи тақсимнашаванда танҳо дар маҷмуъ мумкин аст, агар қонун ё санади судӣ имконияти аз ашё ҷудо кардани қисми таркибиро, аз ҷумла бо мақсади алоҳида фурӯхтани он, муқаррар накарда бошад.

4. Муносибатҳо вобаста ба ҳисса дар ҳуқуқи моликият ба ашёи тақсимнашаванда бо қоидаҳои боби 24 ва моддаи 1295 ҳамин Кодекс танзим карда мешаванд.

## Моддаи 144. Ашёи мураккаб

1. Агар ашёи ҳархела ашёи ягонаи томи бо таъиноти умумӣ истифодашавандаро ташкил намоянд, онҳо ҳамчун як ашё (ашёи мураккаб) арзёбӣ мешаванд.

2. Амали аҳд дар мавриди ашёи мураккаб ба ҳамаи қисмҳои таркибии он дахл дорад, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

### Моддаи 145. Ашёи асосӣ ва мансуб

Ашёе, ки барои хизматрасонии ашёи дигар (ашёи асосӣ) пешбинӣ гардида, бо он аз рӯйи таъиноти умумӣ алоқаманд мебошад (ашёи мансуб), ба тақдири ашёи асосӣ вобаста аст, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

### Моддаи 146. Самара, маҳсулот ва даромад

Самара, маҳсулот ва даромад, ки дар натиҷаи истифодаи ашё ба даст оварда шудаанд, сарфи назар аз истифодабаранда, ба молики ашё тааллуқ доранд, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад ва ё аз моҳияти муносибатҳо ҳолати дигар барнаояд.

### Моддаи 147. Ҳайвонот

1. Нисбати ҳайвонот қоидаҳои умумӣ дар хусуси молу мулк истифода мешаванд, агар дар қонунгузорӣ тартиби дигар муқаррар нагардида бошад.

2. Ҳангоми амалисозии ҳуқуқ, муносибати бераҳмона ба ҳайвонот, ки ба принсипи инсондӯстӣ мухолиф аст, роҳ дода намешавад.

### Моддаи 148. Ашёи хоса ва ашёи бо нишонаи навъ муайяншаванда

1. Ашёе хоса дониста мешавад, ки аз ашёи дигар бо нишонаҳои танҳо ба он хос фарқ мекунад. Ашёи хоса ивазнашаванда мебошад.

2. Ашёи бо нишонаи навъ муайяншаванда он ашёе дониста мешавад, ки нишонаҳои ба ҳамаи ашёи ҳамин навъ хосро дошта, бо миқдор, вазн ва андоза муайян карда мешавад. Ашёи бо нишонаҳои навъ муайяншаванда ивазшаванда мебошад.

### Моддаи 149. Пул (асъор)

1. Асъори миллии Тоҷикистон воситаи қонунии пардохт ба шумор меравад, ки қабули он аз рӯйи арзиши эътибории худ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмист.

2. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт бо роҳи ҳисоббаробаркунии нақдӣ ва ғайринақдӣ сурат мегирад.

### Моддаи 150. Арзишҳои асъорӣ

1. Намудҳои молу мулке, ки арзишҳои асъорӣ эътироф карда мешаванд ва тартиби бо онҳо анҷом додани аҳд тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" муайян карда мешаванд.

2. Ҳуқуқ ба арзишҳои асъорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи асосҳои умумӣ ҳимоя мешавад.

## БОБИ 8. КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК

### Моддаи 151. Коғазҳои қиматнок

1. Коғазҳои қиматнок ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки бо риояи шакли муқаррарнамудаи қонун ва унсурҳои ҳатмӣ ҳуқуқҳои молумулкиеро тасдиқ менамоянд, ки амалисозӣ ё додани онҳо танҳо дар сурати манзур намудан имконпазир аст (коғазҳои қиматноки ҳуҷҷатӣ).

2. Коғазҳои қиматнок инчунин ҳуқуқҳои уҳдадорӣ ва ҳуқуқҳои дигаре дониста мешаванд, ки дар қарор доир ба баровардан ё санади дигари шахсе, ки коғазҳои қиматнокро тибқи талаботи қонунгузорӣ баровардааст, мустаҳкам гардидаанд ва амалисозию додани онҳо танҳо бо риояи қоидаҳои баҳисобгирии ин ҳуқуқҳо тибқи моддаи 158 ҳамин Кодекс имконпазир мебошад (коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат).

## Моддаи 152. Намудҳои коғазҳои қиматнок

1. Ба коғазҳои қиматнок мансубанд: саҳмия, вомбарг, вексел, чек, сертификати бонкӣ, коносамент ва ҳуҷҷатҳои дигар, ки мутобиқи қонунгузорӣ дар бораи коғазҳои қиматнок ё бо тартиби муқаррарнамудаи онҳо ба ҷумлаи коғазҳои қиматнок мансуб дониста шудаанд. Низоми ҳуқуқии намудҳои алоҳидаи коғазҳои қиматнокро қонунгузорӣ муқаррар менамояд.

2. Коғазҳои қиматнок метавонанд номӣ, манзурӣ ва ордерӣ бошанд.

3. Ҳуқуқи тасдиқнамудаи коғази қиматноки номӣ ба шахси дар он зикршуда тааллуқ дорад.

4. Ҳуқуқи тасдиқнамудаи коғази қиматноки манзурӣ ба шахси манзуркунандаи коғази қиматнок тааллуқ дорад.

5. Ҳуқуқи тасдиқнамудаи коғази қиматноки ордерӣ ба шахси дар он номбаршуда ва дар сурати бо тартиби пешбининамудаи қисми 4 моддаи 154 ҳамин Кодекс ин ҳуқуқро гузашт кардани он ба шахси ваколатдор тааллуқ дорад.

6. Мутобиқи қонунгузорӣ мумкин аст барои баровардани навъи муайяни коғазҳои қиматнок ба сифати номӣ ё ба сифати манзурӣ ва ё ба сифати ордерӣ имконият дода нашавад. Дар қонунгузорӣ инчунин мумкин аст имконияти баровардани коғазҳои қиматноки дорои нишонаи намудҳои гуногуни коғазҳои қиматнок пешбинӣ карда шавад.

## Моддаи 153. Талабот нисбат ба коғазҳои қиматноки ҳуҷҷатӣ

1. Намудҳои ҳуқуқҳои дар коғазҳои қиматноки ҳуҷҷатӣ тасдиқшаванда, унсурҳои ҳатмии коғазҳои қиматнок, талабот нисбати шакли коғазҳои қиматнок ва талаботи дигари зарурӣ тибқи қонун ё бо тартиби муқаррарнамудаи он муайян карда мешаванд.

2. Набудани унсурҳои ҳатмии коғази қиматноки ҳуҷҷатӣ ё ба шакли барои чунин коғазҳо муқаррааргардида мутобиқат накардани он боиси беоқибатии чунин коғази қиматнок мегардад, вале ҳамчун далели хаттӣ аҳаммият дорад.

## Моддаи 154. Додани ҳуқуқ аз рӯйи коғази қиматноки ҳуҷҷатӣ

1. Дар баробари додани коғази қиматноки ҳуҷҷатӣ дар маҷмуъ тамоми ҳуқуқҳои тасдиқнамудаи он мегузарад.

2. Барои ба шахси дигар додани ҳуқуқи тасдиқнамудаи коғази қиматноки манзурӣ ба ин шахс супоридани коғази қиматнок кифоя аст.

3. Ҳуқуқи тасдиқнамудаи коғази қиматноки номӣ бо тартиби барои гузашткунии талабот муқарраргардида дода мешавад. Шахсе, ки ҳуқуқашро аз рӯйи коғази қиматнок медиҳад, мутобиқи моддаи 449 ҳамин Кодекс барои беэътибории талаботи дахлдор ҷавобгар аст, на барои иҷро нашудани он.

4. Ҳуқуқ аз рӯйи коғази қиматноки ордерӣ бо роҳи дар ин коғаз сабт кардани навиштаҷоти интиқолӣ (индоссамент) дода мешавад. Индоссант на танҳо барои мавҷудияти ҳуқуқ, инчунин барои амалигардии он низ ҷавобгар мебошад.

5. Индоссаменти дар коғази қиматнок анҷомёфта ҳамаи ҳуқуқҳои тасдиқнамудаи коғази қиматнокро ба шахсе (индоссат) медиҳад, ки ба он ё фармони он ҳуқуқҳо аз рӯйи коғази қиматнок дода шудааст. Индоссамент бланкӣ (бе зикри шахсе, ки талаботи он бояд иҷро шавад) ё ордерӣ (бо зикри шахсе, ки талабот ё фармони он бояд иҷро гардад) буда метавонад.

6. Индоссамент метавонад танҳо бо супориши амалисозии ҳуқуқҳои дар коғази қиматнок тасдиқшуда бе додани ин ҳуқуқ ба индоссат (индоссаменти супоришӣ) маҳдуд карда шавад. Дар ин ҳолат индоссат ба сифати намоянда амал мекунад.

## Моддаи 155. Иҷро аз рӯйи коғази қиматноки ҳуҷҷатӣ

1. Шахсе, ки коғази қиматнокро додааст ва тамоми шахсоне, ки онро индоссатсия кардаанд, дар назди соҳиби қонуниаш ҷавобгарии муштарак доранд. Дар сурати қонеъ гардондани талаботи соҳиби қонунии коғази қиматнок дар мавриди иҷрои уҳдадориҳои дар он тасдиқгардида аз ҷониби як ё якчанд шахс аз ҷумлаи шахсоне, ки аз рӯйи коғази қиматнок то он ҷавобгарӣ гирифта буданд, онҳо нисбати шахси боқимондае, ки аз рӯйи коғази қиматнок уҳдадорӣ қабул кардаанд, ҳуқуқи пешниҳод кардани талаботи аксро соҳиб мешаванд.

2. Саркашӣ аз иҷрои уҳдадории тасдиқнамудаи коғази қиматнок бо истинод ба асос надоштани уҳдадорӣ ё беэътибор будани он роҳ дода намешавад.

3. Дорандаи коғази қиматнок, ки иваз ё сохтакории коғази қиматнокро ошкор намудааст, ҳуқуқ дорад аз шахси коғазро ба он супорида иҷрои матлуби уҳдадориҳои тасдиқнамудаи коғази қиматнок ва ҷуброни зиёнро талаб намояд.

4. Ҳуқуқ аз рӯйи коғази қиматноке, ки дар дасти соҳиби ғайриқонунӣ аст, амалӣ карда намешавад.

## Моддаи 156. Барқарор намудани коғази қиматноки ҳуҷҷатӣ

Ҳуқуқ аз рӯйи коғазҳои қиматноки манзурӣ ва коғазҳои қиматноки ордерии гумшударо суд бо тартиби дар қонунгузории мурофиавӣ пешбинигардида барқарор менамояд.

## Моддаи 157. Муқаррароти умумӣ оид ба коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат

1. Шахсони масъул оид ба иҷрои коғази қиматноки беҳуҷҷат шахсонеанд, ки коғазҳои қиматнокро баровардаанд, инчунин шахсоне, ки таъмини иҷрои ухдадории дахлдорро пешниҳод кардаанд. Шахсони масъул оид ба иҷрои коғази қиматноки беҳуҷҷат бояд дар қарор оид ба баровардани он ё дар дигар санади пешбининамудаи қонун аз ҷониби шахсе, ки коғази қиматнокро баровардааст, нишон дода шуда бошанд.

2. Ҳуқуқи аз шахси масъул талаб намудани иҷро аз рӯйи коғази қиматноки беҳуҷҷат ба шахсе, ки дар сабтҳои баҳисобгирӣ ҳамчун ҳуқуқдор нишон дода шудааст ё ба шахси дигар, ки тибқи қонун ҳуқуқ аз рӯйи коғази қиматнокро амалӣ менамояд, тааллуқ дорад.

3. Баҳисобгирии ҳуқуқҳо ба коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат бо роҳи ворид намудани сабтҳо аз рӯйи суратҳисобҳо аз ҷониби шахсе, ки бо супориши шахси аз рӯйи коғази қиматнок ухдадор амал мекунад ё шахсе, ки дар асоси шартнома бо ҳуқуқдор ё шахси дигаре, ки мувофиқи қонун ҳуқуқҳоро аз рӯйи коғази қиматнок амалӣ менамояд, анҷом дода мешавад. Пешбурди сабтҳо дар бораи баҳисобгирии чунин ҳуқуқҳо аз ҷониби шахсе, ки иҷозатномаи дар қонун пешбинишударо доро мебошад, амалӣ карда мешавад. Бо талаби ҳуқуқдор чунин шахс бояд ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҳуқуқҳои мустаҳкамшударо диҳад.

4. Ихтиёрдорӣ, аз ҷумла додан, гарав, гаронӣ нисбат ба коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат бо дигар тарзҳо, инчунин маҳдудиятҳои ихтиёрдории онҳо танҳо бо роҳи муроҷиат ба шахсе, ки баҳисобгирии ҳуқуқҳо ба коғазҳои қиматноки беҳуҷҷатро анҷом медиҳад, ҷиҳати ворид намудани сабти дахлдор амалӣ шуда метавонад.

5. Шахсе, ки коғази қиматноки беҳуҷҷатро баровардааст ва шахсе, ки бо супориши он баҳисобгирии ҳуқуқҳо ба чунин коғазҳои қиматнокро амалӣ менамояд, барои зиёне, ки дар натиҷаи вайрон кардани тартиби баҳисобгирии чунин ҳуқуқҳо, тартиби анҷом додани амалиёт бо суратҳисобҳо, гум кардани маълумоти баҳисобгирӣ ва пешниҳод кардани иттилооти беэътимод оид ба маълумоти баҳисобгирӣ расондааст, ҷавобгарии муштарак доранд, агар исбот накунанд, ки вайронкунӣ дар натиҷаи неруи рафънопазир рух додааст.

6. Шахси барои иҷрои коғази қиматноки беҳуҷҷат масъул, барои зиёни дар натиҷаи вайрон кардани тартиби баҳисобгирии ҳуқуқҳо аз ҷониби шахсоне, ки дар асоси шартнома бо ҳуқуқдор ё шахси дигаре, ки мувофиқи қонун ҳуқуқ ба коғази қиматнокро амалӣ менамояд, расондашуда ҷавобгар нест.

## Моддаи 158. Иҷро аз рӯйи коғази қиматноки беҳуҷҷат

1. Иҷрои матлуб аз рӯйи коғази қиматноки беҳуҷҷат иҷрое дониста мешавад, ки аз ҷониби шахсони уҳдадори дар қисми 2 моддаи 157 ҳамин Кодекс зикршуда сурат гирифтааст.

2. Дар қонун мумкин аст ҳолатҳое муқаррар гарданд, ки дар санаи муайян номгӯйи шахсоне сабт карда мешаванд, ки ҳуқуқи талаби иҷроро аз рӯйи коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат доранд. Иҷрое, ки аз ҷониби чунин шахсон сурат гирифтааст, матлуб дониста мешавад.

3. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун иҷро аз ҷониби шахсони дигаре, ки дар қисмҳои 1 ва 2 моддаи мазкур нишон дода нашудаанд, матлуб дониста мешавад.

4. Қоидаҳои дар моддаи 155 ҳамин Кодекс пешбинишуда нисбат ба муносибатҳое, ки бо иҷро аз рӯйи коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат алоқамананданд, татбиқ карда мешаванд, агар ин бо моҳияти чунин коғазҳои қиматнок мухолиф набошад.

### Моддаи 159. Гузариши ҳуқуқ ба коғази қиматноки беҳуҷҷат ва ба вуҷуд омадани гаронӣ нисбат ба коғази қиматноки беҳуҷҷат

1. Додани ҳуқуқ ба коғази қиматноки беҳуҷҷат ба бадасторанда бо роҳи аз ҳисоб баровардани коғази қиматноки беҳуҷҷат аз суратҳисоби шахсе, ки бегонакунии онро анҷом додааст ва ба ҳисоб гирифтани он ба суратҳисоби бадасторанда дар асоси фармоиши шахсе, ки бегонакуниро анҷом додааст, амалӣ карда мешавад. Дар қонун ё шартномаи ҳуқуқдор бо шахсе, ки баҳисобгирии ҳуқуқҳоро ба коғази қиматноки беҳуҷҷат амалӣ менамояд, метавонад дигар асосҳо ва шартҳои аз ҳисоб баровардани коғазҳои қиматнок ва ба ҳисоб гирифтани онҳо, аз ҷумла имконияти бе пешниҳоди фармоиш аз ҳисоб баровардани коғази қиматнок аз суратҳисоби шахсе, ки бегонакуниро анҷом додааст, пешбинӣ карда шаванд.

2. Ҳуқуқҳо ба коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат аз лаҳзаи ворид намудани сабти дахлдор ба суратҳисоби бадасторанда аз ҷониби шахсе, ки баҳисобгирии ҳуқуқҳо ба коғазҳои қиматнокро амалӣ менамояд, ба бадасторанда мегузаранд.

3. Гарав, гаронӣ нисбат ба коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат, инчунин маҳдудиятҳои ихтиёрдории онҳо баъди аз ҷониби шахсе, ки баҳисобгирии ҳуқуқҳоро амалӣ менамояд, ворид намудани сабти дахлдор оид ба гарав, гаронӣ ё маҳдудият ба суратҳисоби бадасторанда ё дар ҳолатҳои муқарраркардаи қонун ба суратҳисоби шахси дигар ба вуҷуд меоянд. Гаронӣ нисбат ба коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат ҳамчунин метавонад аз лаҳзаи ба ҳисоб гирифтани онҳо ба суратҳисобе, ки мувофиқи қонун дар он ҳуқуқҳо ба коғазҳои қиматноки дорои гаронӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд, ба вуҷуд ояд.

4. Ворид намудани сабтҳо оид ба гарав ё дигар гаронӣ нисбат ба коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат дар асоси фармоиши ҳуқуқдор (фармоиши гаравӣ ва ғайра) сурат мегирад, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. Сабтҳо оид ба тағйир додани шартҳои гаронӣ ва қатъи он дар асоси фармоиши ҳуқуқдор дар сурати ҷой доштани розигии хаттии шахсе, ки ба манфиати он

гаронӣ муқаррар шудааст, ё бе чунин фармоиш дар ҳолатҳое, ки бо қонун, ё созишномаи ҳуқуқдор бо шахсе, ки баҳисобгирии ҳуқуқҳо ба коғази қиматноки беҳуҷҷатро амалӣ менамояд ва шахсе, ки ба манфиати он гаронӣ муқаррар шудааст, ворид карда мешаванд.

5. Ҳангоми саркашӣ намудани шахсе, ки бегонакуниро анҷом додааст ё шахсе, ки коғази қиматнокро ҷиҳати таъмини иҷрои уҳдадорӣ пешниҳод кардааст, аз пешниҳоди фармоиш оид ба гузарондани амалиёт аз рӯйи суратҳисоб ба шахсе, ки баҳисобгирии ҳуқуқҳо ба коғази қиматноки беҳуҷҷатро амалӣ менамояд, бадасторанда ё шахсе, ки ба манфиати он гаронӣ нисбат ба коғази қиматнок муқаррар карда мешавад, ҳуқуқ доранд бо тартиби судӣ ворид намудани сабтҳоро дар хусуси гузариши ҳуқуқҳо ба коғази қиматнок ё муқаррар намудани гаронӣ нисбат ба онҳо тибқи шартҳое, ки дар шартнома бо шахси бегонакуниро анҷомдода ё бо шахси коғазҳои қиматнокро ҷиҳати таъмини иҷрои уҳдадорӣ пешниҳодкарда пешбинӣ шудаанд, талаб намоянд.

6. Ҳангоми мавҷуд будани якчанд шахс, ки ба манфиаташон уҳдадорӣ оид ба додан ё гаронии ҳуқуқҳо ба ҳамон як коғази қиматноки беҳуҷҷат муқаррар шудааст, дар сурате ки амалиёт оид ба додан ё муқаррар намудани гаронӣ ҳоло амалӣ нашудааст, шахсе бартарӣ дорад, ки ба манфиати он уҳдадорӣ пештар ба вуҷуд омадааст, агар ин ҳолатро муқаррар намудан имконнопазир бошад, шахсе бартарӣ дорад, ки якум шуда даъворо пешниҳод кардааст.

7. Барасмиятдарории гузариши ҳуқуқҳо ба коғази қиматноки беҳуҷҷат бо тартиби меросгирӣ дар асоси шаҳодатнома оид ба ҳуқуқ ба мероси пешниҳодкардаи меросгир сурат мегирад.

8. Гузариши ҳуқуқҳо ба коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат ҳангоми фурӯши чунин коғазҳои киматнок дар сурати нигаронидани рӯёниш ба онҳо дар асоси фармоиши шахсе ба расмият дароварда мешавад, ки барои фурӯши молу мулки ҳуқуқдор ваколатдор аст.

9. Барасмиятдарории додани ҳуқуқҳо ба коғази қиматноки беҳуҷҷат мувофиқи санади судӣ аз ҷониби шахсе, ки баҳисобгирии ҳуқуқҳоро дар асоси санади суд ё дар асоси санади шахсе, ки иҷрои санади судиро амалӣ менамояд, сурат мегирад

10. Саркашӣ ё рад намудани гузарондани амалиётро вобаста ба суратҳисоб аз ҷониби шахсе, ки баҳисобгирии ҳуқуқҳо ба коғазҳои қиматноки беҳуҷҷатро амалӣ менамояд, дар суд мавриди баҳс қарор додан мумкин аст.

### Моддаи 160. Ҳимояи ҳуқуқҳои вайроншудаи ҳуқуқдор

1. Ҳуқуқдоре, ки аз суратҳисобаш ғайриқонунӣ коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат аз ҳисоб бароварда шудаанд, ҳуқуқ дорад аз шахсе, ки дар суратҳисобаш коғазҳои қиматнок ба ҳисоб гирифта шудаанд, баргардондани ҳамин миқдор коғази қиматноки дахлдорро талаб намояд.

2. Коғазҳои қиматноки беҳуҷҷате, ки танҳо ҳуқуқи талаби пулиро тасдиқ мекунанд, ҳамчунин коғазҳои қиматноки беҳуҷҷате, ки дар ташкилоти савдо

ба даст оварда шудаанд, сарфи назар аз намуди ҳуқуқе, ки тасдиқ мекунанд, аз бадасторандаи бовиҷдон наметавонанд талаб карда гирифта мешаванд.

3. Агар коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат аз шахсе, ки ҳуқуқи бегона кардани онро надошт, ройгон ба даст оварда шуда бошанд, ҳуқуқи талаби чунин коғази қиматнокро ҳуқуқдор дар ҳама ҳолат дорад.

4. Агар коғазҳои қиматноки беҳуҷҷате, ки ҳуқуқдор ҳуқуқ дорад онҳоро талаб намояд, ба дигар коғази қиматнок табдил дода шуда бошанд, ҳуқуқдор коғази қиматнокеро, ки коғазҳои қиматноки аз суратҳисобаш аз ҳисоб баровардашуда ба онҳо табдил дода шудааст, ҳуқуқ дорад талаб намояд.

5. Ҳуқуқдоре, ки аз суратҳисобаш коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат ғайриқонунӣ аз ҳисоб бароварда шудаанд, ҳангоми ҷой доштани имконияти ба даст овардани ҳамин гуна коғазҳои қиматнок дар ташкилоти савдо бо интихоби худ ҳуқуқ дорад аз шахсоне, ки дар наздаш барои расондани зиён дар натиҷаи чунин амалҳо ҷавобгар мебошанд, ба даст овардани чунин коғазҳои қиматнокро аз ҳисоби онҳо ё ҷуброни ҳамаи хароҷоти зарурӣ вобаста ба бадастории чунин коғазҳои қиматнокро талаб намояд.

6. Дар ҳолати қонеъ гардидани талаби ҳуқуқдор дар хусуси баргардондани коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат мувофиқи қисмҳои 1, 3 ё 4 моддаи мазкур ҳуқуқдор нисбат ба шахсоне, ки аз суратҳисоби онҳо коғазҳои қиматнок баргардонда шудаанд, ҳуқуқҳоеро доро мебошанд, ки дар моддаи 276 ҳамин Кодекс пешбинӣ шудаанд.

### Моддаи 161. Оқибати гум кардани сабтҳои баҳисобгирие, ки ҳуқуқ ба коғазҳои қиматноки беҳуҷҷатро тасдиқ мекунанд

1. Ҳангоми гум кардани сабтҳои баҳисобгирие, ки ҳуқуқ ба коғазҳои қиматноки беҳуҷҷатро тасдиқ мекунанд, шахсе, ки баҳисобгирии ҳуқуқҳоро амалӣ менамояд, уҳдадор аст фавран иттилоотро дар ин бора дар воситаҳои ахбори оммае, ки дар онҳо маълумот дар бораи муфлисшавӣ интишор мегардад, интишор кунад ва ба суд бо ариза дар хусуси барқарор намудани маълумоти баҳисобгирии ҳуқуқ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавӣ муроҷиат намояд.

2. Талабот дар хусуси барқарор намудани маълумоти баҳисобгирии ҳуқуқҳо ба коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат метавонад аз ҷониби ҳама гуна шахси манфиатдор пешниҳод карда шавад. Барқарор намудани маълумоти баҳисобгирии ҳуқуқҳо бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории мурофиавӣ амалӣ карда мешавад. Ҳангоми барқарор намудани маълумоти баҳисобгирии ҳуқуқҳо ба коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат сабтҳо оид ба ҳуқуқдорон дар асоси санади судӣ ворид карда мешаванд.

3. Иттилоот дар хусуси барқароркунии маълумоти баҳисобгирии ҳуқуқҳо ба коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат барои маълумоти умум дар асоси санади судӣ ва аз ҳисоби шахсе, ки чунин баҳисобгириро дар лаҳзаи гум шудани маълумоти баҳисобгирии сабтҳое, ки ҳуқуқҳо ба коғазҳои қиматноки беҳуҷҷатро тасдиқ мекунанд, амалӣ менамуд, дар воситаҳои ахбори оммае, ки

дар онҳо маълумот дар бораи муфлисшавӣ интишор мегардад, интишор карда мешавад.

4. Сабтҳо дар хусуси баҳисобгирии ҳуқуқҳо ба коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат аз лаҳзае, ки шахси амаликунандаи баҳисобгирии ҳуқуқҳо сабтҳои баҳисобгириро гум кардааст, то рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани санади судӣ дар хусуси барқароркунии маълумоти баҳисобгирии ҳуқуқҳо эътибор надоранд.

## БОБИ 9. ДИГАР ОБЪЕКТҲОИ ҲУҚУҚҲОИ МАДАНӢ

### Моддаи 162. Амал (беамалӣ)

Амал (беамалӣ) дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун метавонад объекти мустақили ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ бошад.

### Моддаи 163. Иттилоот

1. Иттилоот дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун метавонад объекти мустақили ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ бошад.

2. Иттилоот дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ ва бо тартиби муқаррарнамудаи он ҳифз карда мешавад.

### Моддаи 164. Моликияти зеҳнӣ

Дар ҳолатҳо ва бо тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс, қонунҳо моликияти зеҳнӣ эътироф ва ҳифз карда мешавад.

### Моддаи 165. Сирри тиҷоратӣ

1. Қонунгузории маданӣ иттилооти дорои сирри тиҷоратиро ҳимоя менамояд, ба шарте ки он бинобар ба шахсони сеюм маълум набуданаш арзиши воқеӣ ё имконпазири тиҷоратӣ дошта, дар асоси қонун барои истифодаи озодона дастрас набошад ва дорандаи иттилоот ҷиҳати махфӣ (конфиденсиалӣ) нигоҳ доштани он тадбирҳо андешад.

2. Шахсоне, ки бо усулҳои ғайриқонунӣ чунин иттилооти дастрасиаш маҳдудро ба даст овардаанд, инчунин кормандоне, ки хилофи шартномаи меҳнатӣ ё тарафҳои шартнома, ки хилофи шартномаи ҳуқуқи маданӣ сирри тиҷоратиро фош кардаанд, бояд зиёни расондашударо ҷуброн намоянд.

### Моддаи 166. Неъмат ва ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ

1. Неъматҳои ғайримолумулкӣ объекти ҳуқуқҳои маданӣ буда, мазмуни иқтисодӣ надоранд ва аз шахсият ҷудонопазир мебошанд. Ба неъматҳои ғайримолумулкӣ мансубанд: ҳаёт, саломатӣ, шаъну шараф, эътибори корӣ, ном ва дигар неъматҳое, ки муносибатҳои вобаста ба онҳоро қонунгузории маданӣ танзим мекунад.

2. Ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкӣ ҳуқуқи субъективӣ буда, нисбат ба неъматҳои ғайримолумулкӣ ба вуҷуд омада, мазмуни иқтисодӣ надошта, бо

шахсияти инсон робитаи ногусастанӣ дошта, ба муайянсозӣ ва инкишофи фардият равона шуда, хусусиятҳои хоси бавуҷудоӣ ва қатъшавӣ дорад.

3. Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ бо шахсияти шахси воқеӣ робитаи ногусастанӣ доранд. Шахси воқеӣ наметавонад аз ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ даст кашад, инчунин аз ин ҳуқуқҳо маҳрум гардад.

4. Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ба шахси воқеӣ аз лаҳзаи таваллуд то вафот тааллуқ доранд, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

5. Номгӯйи неъмату ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ маҳдуд набуда, дар ҳамин Кодекс ва қонунҳои дигар намудҳои дигари онҳо пешбинӣ шуда метавонанд.

6. Муқаррарот доир ба неъмату ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ мувофиқан ҳангоми ҳимояи ҳуқуқҳои шахсони ҳуқуқӣ низ истифода мешаванд, агар аз қонун ё моҳияти ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ тартиби дигар барнаояд.

## ЗЕРФАСЛИ 4. АҲД. НАМОЯНДАГӢ

## БОБИ 10. АҲД

### §1. Мафҳум, намудҳо ва шакли аҳд

#### Моддаи 167. Мафҳуми аҳд

Амали шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба муқаррар намудан, тағйир додан ё қатъ кардани ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ равона гардидааст, аҳд дониста мешавад.

#### Моддаи 168. Намудҳои аҳд

1. Аҳд метавонад яктарафа, дутарафа ё бисёртарафа (шартномаҳо) бошад.

2. Аҳде яктарафа дониста мешавад, ки барои анҷоми он мутобиқи қонунгузорӣ ё созишномаи тарафҳо ифодаи иродаи як тараф зарур ё кифоя мебошад.

3. Барои анҷом додани шартнома ифодаи иродаи мувофиқашудаи ду тараф (аҳди дутарафа) ё се тараф ва ё бештар аз он (аҳди бисёртарафа) зарур аст.

#### Моддаи 169. Уҳдадорӣ аз рӯйи аҳди яктарафа

Аҳди яктарафа барои шахси анҷомдодаи аҳд уҳдадориҳоро ба миён меорад. Он уҳдадориҳоро барои шахси дигар танҳо дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун ё созишнома бо ин шахсон ба миён оварда метавонад.

#### Моддаи 170. Танзими ҳуқуқии аҳди яктарафа

Нисбати аҳди яктарафа мутобиқан муқаррароти умумӣ дар бораи уҳдадориҳо ва шартномаҳо истифода мешаванд, агар он хилофи қонунгузорӣ, табиат ва моҳияти аҳд набошад.

### Моддаи 171. Аҳди бо шарт анҷомёфта

1. Агар тарафҳо ба миён омадани ҳуқуқу уҳдадориро аз шарте вобаста донанд, ки фаро расидан ё нарасидани он маълум нест, аҳд бо шарти таъхирнок анҷомёфта эътироф карда мешавад.

2. Агар тарафҳо қатъи ҳуқуқу уҳдадориро ба шарте вобаста карда бошанд, ки фаро расидан ё нарасидани он маълум нест, аҳд бо шарти бекоркунӣ анҷомёфта эътироф карда мешавад.

3. Агар ба фаро расидани шарт тарафе бевиҷдонона монеъ шуда бошад, ки фаро расидани он ба манфиаташ нест, шарт фаророрасида эътироф карда мешавад. Агар ба фаро расидани шарт тарафе бевиҷдонона мусоидат карда бошад, ки фаро расидани он ба манфиаташ аст, шарт фаронарасида эътироф карда мешавад.

### Моддаи 172. Шакли аҳд

1. Аҳд ба таври шифоҳӣ ё хаттӣ (одӣ ё нотариалӣ) баста мешавад.

2. Аҳде, ки мумкин аст шифоҳӣ баста шавад, инчунин дар он сурат анҷомёфта дониста мешавад, агар рафтори шахс ба иродаи бастани аҳд шаҳодат диҳад.

3. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ ё созишномаи тарафҳо сукут ифодаи иродаи бастани аҳд дониста мешавад.

4. Агар дар қонун тартиби дигар муқаррар нагардида бошад, аҳде, ки бо додани нишона, билет ё аломати дигари одатан қабулшуда тасдиқ гардидааст, шифоҳӣ анҷомёфта эътироф карда мешавад.

### Моддаи 173. Аҳди шифоҳӣ

1. Аҳде, ки дар қонунгузорӣ ё созишномаи тарафҳо барои он шакли хаттӣ (одӣ ё нотариалӣ) муқаррар нагардидааст, метавонад ба таври шифоҳӣ баста шавад.

2. Агар дар созишномаи тарафҳо тартиби дигар муқаррар нагардида бошад, ҳамаи аҳди ҳангоми анҷом додан иҷрошаванда, ба истиснои аҳде, ки барои он шакли нотариалӣ муқаррар шудааст ва аҳде, ки бинобар риоя накардани шакли хаттии одӣ беэътибор мегарданд, метавонанд ба таври шифоҳӣ баста шаванд.

3. Аҳд бо мақсади иҷрои шартномаи дар шакли хаттӣ басташуда бо созиши тарафҳо мумкин аст шифоҳӣ баста шавад, агар он хилофи қонунгузорӣ ё шартнома набошад.

### Моддаи 174. Шакли хаттии аҳд

1. Аҳди хаттӣ бояд бо тартиб додани ҳуҷҷате баста шавад, ки мазмуни онро ифода карда, аз ҷониби шахс ё шахсони анҷомдодаи аҳд ё шахси ба тариқи дахлдор ваколатдорнамудаи онҳо имзо шудааст.

2. Дар қонунгузорӣ ва созишномаи тарафҳо мумкин аст талаботи иловагие, ки шакли аҳд бояд ба он мутобиқат намояд (дар бланки дорои шакли муайян анҷом додан, муҳр гузоштан ва ғайра), муқаррар гардида, оқибати риоя накардани ин талабот пешбинӣ карда шавад. Агар дар қонунгузорӣ ё созишномаи тарафҳо чунин оқибат пешбинӣ нагардида бошад, пас оқибати риоя накардани шакли хаттии одии аҳд истифода мешавад.

3. Ҳангоми анҷом додани аҳд истифодаи акси айнии имзо бо ёрии воситаҳои нусхабардории механикӣ ё воситаи дигар, имзои электронӣ ё шакли дигари имзои шахсӣ дар ҳолатҳо ва бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ ё созишномаи тарафҳо роҳ дода мешавад.

4. Агар дар қонун ё созишномаи тарафҳо тартиби дигар муқаррар нагардида бошад, мубодилаи мактуб, барқия, барқияи телефонӣ, телетайп, факс ва ҳуҷҷатҳои дигари муайянкунандаи субъектҳо ва мазмуни ифодаи иродаашон ба анҷоми аҳд дар шакли хаттӣ баробар карда мешавад.

5. Агар шахси воқеӣ бо сабаби иллати ҷисмонӣ, беморӣ ё бесаводӣ шахсан имзо гузошта натавонад, бо хоҳиши ӯ аҳдро шахси воқеии дигар имзо карда метавонад. Имзои ин шахси воқеӣ бояд аз ҷониби нотариус ё шахси мансабдори дигари барои анҷоми чунин амали нотариалӣ ҳуқуқдошта бо зикри сабабҳое, ки шахси анҷомдиҳандаи аҳд бо дасти худ имзо карда натавонистааст, тасдиқ карда шавад. Ҳамзамон ҳангоми анҷоми аҳди дар қисми 5 моддаи 202 ҳамин Кодекс зикргардида ва додани ваколатнома барои анҷоми онҳо имзои шахсе, ки аҳдро имзо мекунад, инчунин мумкин аст аз ҷониби ташкилоте, ки дар он шахси воқеии бо дасти худ имзо карда наметавониста кор мекунад ё аз ҷониби маъмурияти ташкилоти табобатии статсионарие, ки ӯ дар он табобат мееёбад, тасдиқ карда шавад.

## Моддаи 175. Аҳде, ки дар шакли хаттии одӣ анҷом дода мешавад

1. Аҳди зерин, ба истиснои аҳде, ки тасдиқи нотариалиро талаб мекунад, бояд дар шакли хаттии одӣ анҷом дода шавад:

- аҳди шахсони ҳуқуқӣ байни худ ва бо шахсони воқеӣ;

- аҳди байни шахсони воқеӣ ба маблағе, ки аз бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо бештар аст ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, сарфи назар аз маблағи аҳд.

2. Барои аҳде, ки мутобиқи моддаи 173 ҳамин Кодекс метавонад ба таври шифоҳӣ анҷом дода шавад, риояи шакли одии хаттӣ талаб карда намешавад.

## Моддаи 176. Оқибати риоя накардани шакли одии аҳди хаттӣ

1. Риоя накардани шакли одии аҳди хаттӣ тарафҳоро аз ҳуқуқи дар мавриди баҳс ҷиҳати тасдиқи аҳд ва шартҳои он аз истинод ба нишондоди шоҳидон маҳрум месозад, вале онҳоро аз ҳуқуқи овардани далелҳои хаттӣ ва далелҳои дигар маҳрум намесозад.

2. Дар ҳолатҳои бевосита дар қонун ё созишномаи тарафҳо зикргардида риоя накардани шакли одии аҳди хаттӣ боиси беэътибории он мегардад.

## Моддаи 177. Тасдиқи нотариалии аҳд

1. Тасдиқи нотариалии аҳд бо роҳи сабт кардани навиштаҷоти тасдиқкунанда аз ҷониби нотариус ё шахси мансабдори барои чунин амали нотариалӣ ҳуқуқдошта дар ҳуҷҷати ба талаботи моддаи 174 ҳамин Кодекс ҷавобгуй анҷом дода мешавад.

2. Тасдиқи нотариалии аҳд дар ҳолати зерин ҳатмист:

- дар ҳолатҳое, ки дар қонунгузорӣ зикр гардидааст;

- бо талаби ҳар яке аз тарафҳо, гарчанде дар қонунгузорӣ барои аҳди намуди мазкур чунин шакл пешбинӣ нашуда бошад.

## Моддаи 178. Бақайдгирии давлатии аҳд

1. Аҳд бо молу мулки ғайриманқул (бегона кардан, ипотека, иҷораи дарозмуддат ва ғайра) бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад. Тартиби бақайдгирии аҳд бо молу мулки ғайриманқул ва тартиби пешбурди феҳристи дахлдор бо қонунгузорӣ муайян карда мешавад.

2. Дар қонунгузорӣ мумкин аст бақайдгирии давлатии аҳд вобаста бо намудҳои муайяни молу мулки манқул ва дигар аҳд муқаррар карда шавад.

3. Аҳде, ки бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад (аз ҷумла ворид намудани тағйиру иловаҳо ба онҳо), баъди чунин бақайдгирӣ оқибати ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад.

## Моддаи 179. Оқибати риоя накардани шакли нотариалӣ ё талаботи бақайдгирии аҳд

1. Риоя накардани шакли нотариалӣ ё талаботи бақайдгирии давлатии аҳд боиси беэътибории он мегардад. Чунин аҳд беоқибат дониста мешавад.

2. Агар яке аз тарафҳо аҳдеро, ки тасдиқи нотариалиро талаб мекунад, пурра ё қисман иҷро карда, тарафи дигар аз барасмиятдарории аҳд саркашӣ намояд, суд ҳуқуқ дорад бо талаби тарафи иҷронамудаи аҳд чунин аҳдро боэътибор донад. Дар ин ҳолат тасдиқи минбаъдаи нотариалии аҳд зарур нест.

3. Агар аҳде, ки бақайдгирии давлатиро талаб мекунад, дар шакли дахлдор анҷом ёфта бошад, вале яке аз тарафҳо аз бақайдгирии он саркашӣ намояд, суд ҳуқуқ дорад бо талаби тарафи дигар дар хусуси ба қайд гирифтани он санади судӣ қабул кунад. Дар ин ҳолат аҳд мутобиқи санади судӣ ба қайд гирифта мешавад.

4. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисмҳои 2 ва 3 моддаи мазкур тарафе, ки беасос аз тасдиқи нотариалӣ ё бақайдгирии давлатии аҳд саркашӣ менамояд, бояд ба тарафи дигар зиёни аз таъхири бастани аҳд ва бақайдгирӣ расидаро ҷуброн намояд.

## Моддаи 180. Хабарҳои дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ

1. Ариза, огоҳинома, хабарнома, талабот ё дигар хабарҳои дорои аҳаммияти ҳуқуқие, ки қонун ё аҳд бо онҳо оқибатҳои ҳуқуқи маданиро барои

шахси дигар вобаста менамояд, барои шахси мазкур аз лаҳзаи расондани хабари дахлдор ба он ё намояндааш ин гуна оқибатҳоро фаро мерасонад.

2. Хабар инчунин дар ҳолатҳое расондашуда ҳисоб меёбад, ки он ба қабулкунандаи хабар (унвонӣ) расида бошад, лекин бинобар ҳолатҳои ба унвонӣ вобаста хабар ба он супорида нашудааст ё унвонӣ бо хабар шинос нашудааст.

3. Қоидаҳои моддаи мазкур дар сурате татбиқ мешаванд, ки агар дар қонун ё шартҳои аҳд, ё одатҳо, ё таҷрибаи муносибатҳои мутақобилаи байни тарафҳо тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

## §2. Аҳди беэътибор ва оқибатҳои ҳуқуқии он

### Моддаи 181. Аҳди баҳснок ва беоқибат

1. Аҳд бо асосҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс бо сабаби онро беэътибор донистани суд (аҳди баҳснок) ё сарфи назар аз чунин эътироф (аҳди беоқибат) беэътибор дониста мешавад.

2. Талаби беэътибор донистани аҳди баҳснок мумкин аст аз ҷониби тарафи аҳд ё шахси дигари дар қонунгузорӣ зикргардида пешниҳод карда шавад. Агар аҳди баҳснок ҳуқуқу манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи шахсеро, ки аҳдро мавриди баҳс қарор медиҳад, вайрон кунад, аз ҷумла оқибатҳои ногуворро барои он ба вуҷуд оварда бошад, метавонад беэътибор дониста шавад. Дар ҳолате, ки мувофиқи қонун аҳд ба манфиати шахсони сеюм мавриди баҳс қарор дода мешавад, чунин аҳд метавонад беэътибор дониста шавад, агар ҳуқуқу манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи ҳамин шахсони сеюмро вайрон кунад. Тарафе, ки аз рафтораш маълум аст иродаи нигоҳдории эътибори аҳдро дорад, ҳуқуқ надорад аҳдро бо асосе, ки ҳангоми ифодаи иродааш ин тараф медонист ё мебоист донад, мариди баҳс қарор диҳад.

3. Талаби татбиқи оқибатҳои аҳди беоқибатро тарафи аҳд ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ инчунин шахсони дигар ҳуқуқ доранд пешниҳод кунанд. Талаби беэътибор донистани аҳди беоқибат, новобаста ба татбиқи оқибатҳои беэътибории он, метавонад қонеъ карда шавад, агар шахсе, ки чунин талабро пешниҳод намудааст, манфиати бо қонун ҳифзшаванда доир ба беэътибор эътироф намудани чунин аҳдро дошта бошад.

4. Муроҷиат оид ба беэътибории аҳд аҳаммияти ҳуқуқӣ надорад, агар шахсе, ки ба беэътибории аҳд истинод меорад, бевиҷдонона амал намояд, аз ҷумла агар рафтори он баъди бастани аҳд аз он шаҳодат диҳад, ки шахсони дигар ба эътиборнокии аҳд эътимод доштанд.

### Моддаи 182. Муқаррароти умумӣ дар бораи оқибатҳои беэътибории аҳд

1. Аҳди беэътибор, ба истисноИ оқибатҳое, ки бо беэътибории он алоқаманд аст, боиси оқибати ҳуқуқӣ намегардад ва аз лаҳзаи баста шуданаш беэътибор мебошад.

2. Дар сурати беэътибории аҳд, агар дар қонун оқибатҳои дигари беэътиборӣ пешбинӣ нагардида бошанд, ҳар тараф ӯҳдадор аст ба тарафи

дигар тамоми чизеро, ки аз рӯйи аҳд ба даст овардааст, баргардонад ва агар дар шакли асл баргардондани он имконнопазир бошад (аз ҷумла дар ҳолате, ки он дар истифодаи молу мулк, кори иҷрошуда ё хизматрасонӣ ифода гардида бошад), арзиши онро бо пул пардохт намояд.

3. Агар аз мазмуни аҳди баҳснок маълум гардад, ки он танҳо дар оянда метавонад қатъ карда шавад, суд аҳдро беэътибор дониста, амали онро барои оянда қатъ менамояд.

4. Суд ҳуқуқ дорад оқибатҳои аҳди беэътиборро татбиқ накунад, агар татбиқи он хилофи асосҳои тартиботи ҳуқуқӣ ё ахлоқ бошад.

## Моддаи 183. Беэътибории аҳди хилофи қонунгузорӣ

1. Ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 2 моддаи мазкур ва қонунҳои дигар аҳде, ки талаботи қонунгузориро вайрон мекунад, баҳснок мебошад, агар аз қонун барнаояд, ки бояд оқибатҳои дигари вайронкунӣ, ки бо беэътибории аҳд вобаста нестанд, татбиқ карда мешаванд.

2. Аҳде, ки талаботи қонунгузориро вайрон карда, ҳамзамон ба манфиатҳои оммавӣ ё ба ҳуқуқ ва манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи шахсони сеюм суиқасд мекунад, беоқибат мебошад, агар аз қонун барнаояд, ки чунин аҳд баҳснок мебошад ё бояд оқибатҳои дигари вайронкунӣ, ки бо беэътибории аҳд вобаста нестанд, татбиқ карда мешаванд.

## Моддаи 184. Беэътибории аҳди бар хилофи асосҳои тартиботи ҳуқуқӣ ё ахлоқ анҷомёфта

Аҳде, ки ошкоро бар хилофи асосҳои тартиботи ҳуқуқӣ ё ахлоқ анҷом дода шудааст, беоқибат мебошад ва боиси оқибатҳое мегардад, ки дар моддаи 182 ҳамин Кодекс пешбинӣ гардидаанд. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ суд метавонад ба фоидаи давлат тамоми он чизеро, ки аз рӯйи чунин аҳд тарафҳои қасдан амалкунанда ба даст овардаанд, рӯёнад ё дигар оқибатҳои дар қонунгузорӣ муқарраркардаро татбиқ намояд.

## Моддаи 185. Беэътибории аҳди рӯякӣ ва қалбакӣ

1. Аҳди рӯякӣ, яъне аҳде, ки танҳо рӯякӣ, бе нияти барои он бунёд намудани оқибатҳои дахлдори ҳуқуқӣ анҷом дода шудааст, беоқибат мебошад.

2. Аҳди қалбакӣ, яъне аҳде, ки бо мақсади рӯйпӯш намудани аҳди дигар анҷом дода шудааст, беоқибат мебошад. Нисбати аҳде, ки тарафҳо воқеан дар назар дошта буданд, бо назардошти хусусияти аҳд, қоидаҳои ба он дахлдор татбиқ мешаванд.

## Моддаи 186. Беэътибории аҳди аз ҷониби шахси воқеии ғайриқобили амал эътирофгардида анҷомдодашуда

1. Аҳди аз ҷониби шахси воқеии ғайриқобили амал эътирофгардида анҷомдодашуда беоқибат мебошад. Ҳар яке аз тарафҳои чунин аҳд уҳдадор аст ба тарафи дигар тамоми чизи гирифтаашро дар шакли асл баргардонад ва

дар сурати имконнопазирии дар шакли асл баргардондан, арзиши онро пардохт намояд. Агар тарафи дорои қобилияти амалкунӣ ғайриқобили амал будани тарафи дигарро дониста бошад ё мебоист донад, ухдадор аст, ки ба тарафи дигар хисороти воқеии ба он расондашударо ҷуброн намояд.

2. Аҳди анҷомдодаи шахси воқеӣ, ки ғайриқобили амал эътироф гардидааст, бо талаби намояндаи қонунии ӯ мумкин аст аз тарафи суд боэътибор эътироф карда шавад, агар чунин аҳд ба нафъи ӯ баста шуда бошад.

### Моддаи 187. Беэътибории аҳде, ки ноболиғи то чордаҳсола анҷом додааст

1. Аҳде, ки ноболиғи ба синни чордаҳ нарасида (хурдсол) анҷом додааст, беоқибат мебошад. Нисбати чунин аҳд қоидаҳои дар қисми 1 моддаи 186 ҳамин Кодекс пешбинигардида татбиқ мешаванд.

2. Агар аҳди анҷомдодаи хурдсол ба манфиаташ бошад, суд метавонад бо талаби намояндаи қонунии ӯ чунин аҳдро боэътибор эътироф намояд.

3. Қоидаҳои моддаи мазкур ба аҳди хурди маишӣ ва аҳди дигари хурдсолон, ки мутобиқи моддаи 29 ҳамин Кодекс ба мустақилона анҷом додани онҳо ҳуқуқ доранд, дахл надорад.

### Моддаи 188. Беэътибории аҳди шахси ҳуқуқӣ, ки бар хилофи мақсади фаъолияташ анҷом додааст

Агар аҳди шахси ҳуқуқӣ хилофи мақсади фаъолияти дар ҳуҷҷатҳои таъсисии он дақиқан маҳдудгардида анҷом додааст, бо даъвои ин шахси ҳуқуқӣ, муассис (иштирокдор)-и он, инчунин шахсоне, ки ба манфиати онҳо чунин маҳдудият муқаррар шудааст, суд метавонад беэътибор эътироф намояд, агар исбот шуда бошад, ки тарафи дигари аҳд маҳдудияти мазкурро медонист ё баръало мебоист донад.

### Моддаи 189. Беэътибории аҳде, ки бе розигии шахси сеюм, мақомоти шахси ҳуқуқӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ё мақомоти давлатӣ анҷом дода шудааст

1. Аҳде, ки бе розигии шахси сеюм, мақомоти шахси ҳуқуқӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ё мақомоти давлатӣ анҷом дода шудааст, агар чунин розигӣ тибқи қонун зарур бошад, баҳснок мебошад, агар аз қонун барнаояд, ки он беоқибат аст ё барои шахсе, ки ваколати додани розигиро дорад, ҳангоми набудани розигиаш оқибатҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд намеорад. Он аз рӯйи даъвои шахсони мазкур ё шахсони дигари дар қонун зикршуда беэътибор дониста мешавад.

2. Аҳди баҳсноке, ки бе розигии шахси сеюм, мақомоти шахси ҳуқуқӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ё мақомоти давлатӣ анҷом дода шудааст, беэътибор дониста мешавад, агар исбот шавад, ки тарафи дигари аҳд дар вақти анҷом додани он дар хусуси набудани розигии зарурии чунин шахс медонист ё мебоист донад, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ.

3. Шахсе, ки розигии зарурии бо қонун пешбинишударо барои анҷоми аҳди баҳснок додааст, наметавонад онро бо асосҳое, ки дар лаҳзаи изҳори розигӣ медонист ё мебоист донад, мавриди баҳс қарор диҳад.

## Моддаи 190. Оқибатҳои маҳдуд кардани ваколат барои анҷом додани аҳд

1. Агар ваколати шахс барои анҷом додани аҳд бо шартнома ё низомномаи филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқӣ, ё ваколатҳои мақомоти шахси ҳуқуқӣ, ки бе ваколатнома аз номи он амал мекунад, бо ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ё дигар ҳуҷҷати танзимкунандаи фаъолияти он дар муқоиса бо ваколатҳои дар ваколатнома ё қонун муайяншуда маҳдуд гардида бошанд ё вобаста ба шароити анҷом додани аҳд баръало донистани он мумкин бошад ва чунин шахс ё мақомот аз доираи ин маҳдудиятҳо барояд, суд бо даъвои шахсе, ки маҳдудиятҳо ба манфиати он муқаррар гардидаанд, танҳо дар ҳолате метавонад аҳдро беэътибор эътироф намояд, ки тарафи дигари аҳд дар хусуси маҳдудиятҳои мазкур медонист ё мебоист донад.

2. Аҳде, ки аз ҷониби намоянда ё мақомоти шахси ҳуқуқӣ, ки бе ваколатнома аз номи он амал мекунад, бар зарари манфиатҳои вакилкунанда ё манфиатҳои шахси ҳуқуқӣ анҷом дода шудааст, бо даъвои вакилкунанда ё шахси ҳуқуқӣ, дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун бошад, бо даъвои шахси дигар ё мақомоти дигар, ки ба манфиати вакилкунанда ё шахси ҳуқуқӣ пешниҳод шудааст, беэътибор дониста мешавад, агар тарафи дигар дар хусуси зарари баръало барои вакилкунанда ё шахси ҳуқуқӣ медонист ё мебоист донад ё ҳолатҳое ҷой дошта бошад, ки аз мавҷудияти забоняккунӣ ё дигар амалҳои якҷояи намоянда ё мақомоти шахси ҳуқуқӣ ва тарафи дигари аҳд ба хисороти манфиатҳои вакилкунанда ё шахси ҳуқуқӣ шаҳодат медиҳад.

## Моддаи 191. Беэътибории аҳд нисбат ба молу мулки ихтиёрдориаш маҳдуд ё манъшуда

1. Аҳди анҷомёфта бо вайронкунии мамнуият ё маҳдудияти ихтиёрдории молу мулке, ки аз қонунгузорӣ, аз ҷумла аз қонунгузорӣ дар бораи муфлисшавӣ, бармеояд, дар қисмате, ки ихтиёрдории чунин молу мулкро пешбинӣ менамояд, беоқибат аст (моддаи 197 ҳамин Кодекс).

2. Аҳди бо вайронкунии мамнуият ба ихтиёрдории молу мулки қарздор анҷомёфта, ки бо тартиби судӣ ё тартиби дигари бо қонунгузорӣ пешбинишуда ба манфиати кредитор ё шахси ваколатдори дигар муқаррар гардидааст, наметавонад барои амалишавии ҳуқуқи кредитори мазкур ва шахсони дигари ваколатдор нисбат ба чунин молу мулк монеъ шавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки бадастоварандаи молу мулк доир ба мамнуият намедонист ва намебоист донад.

## Моддаи 192. Беэътибории аҳде, ки ноболиғи аз чордаҳ то ҳаждаҳсола анҷом додааст

1. Аҳде, ки ноболиғи аз чордаҳ то ҳаждаҳсола бе розигии падару модар, фарзандхондагон ё парасторони худ анҷом додааст, агар чунин розигӣ мутобиқи моддаи 27 ҳамин Кодекс зарур бошад, мумкин аст бо даъвои падару

модар, фарзандхондагон ё парасторон аз ҷониби суд беэътибор дониста шавад. Агар чунин аҳд беэътибор дониста шавад, мутобиқан қоидаҳои дар қисми 1 моддаи 186 ҳамин Кодекс пешбинигардида татбиқ мешаванд.

2. Қоидаҳои моддаи мазкур нисбат ба аҳди ноболиғоне, ки дорои қобилияти пурраи амалкунӣ мебошанд (қисми 2 моддаи 22, моддаи 28 ҳамин Кодекс), татбиқ намегарданд.

### Моддаи 193. Беэътибории аҳде, ки шахси воқеии қобилияти амалкуниаш аз ҷониби суд маҳдудгардида анҷом додааст

1. Аҳди ихтиёрдории молу мулкро, ки шахси воқеии қобилияти амалкуниаш аз ҷониби суд маҳдудгардида (моддаи 31 ҳамин Кодекс) бе розигии парастораш анҷом додааст, суд метавонад бо даъвои парастор беэътибор эътироф намояд. Агар чунин аҳд беэътибор дониста шавад, мутобиқан қоидаҳои дар қисми 1 моддаи 186 ҳамин Кодекс пешбинигардида татбиқ мешаванд.

2. Қоидаҳои моддаи мазкур нисбат ба аҳде, ки шахси воқеии қобилияти амалкуниаш маҳдудгардида мутобиқи моддаи 31 ҳамин Кодекс ҳуқуқ дорад мустақилона анҷом диҳад, татбиқ намегарданд.

### Моддаи 194. Беэътибории аҳди анҷомдодаи шахси воқеие, ки қобилияти дарки аҳаммияти амали худ ё идора кардани онро надошт

1. Суд метавонад аҳди шахси воқеиеро, ки дорои қобилияти амалкунӣ бошад ҳам, вале дар лаҳзаи анҷом додани он дар ҳолате қарор дошт, ки амалҳои худро дарк намекард ё ба идораи онҳо қобилият надошт, бо даъвои ин шахси воқеӣ ё шахси дигар, ки ҳуқуқ ё манфиати қонунан ҳифзшавандаашон дар натиҷаи анҷом додани он вайрон гардидаанд, беэътибор донад.

2. Агар исбот гардад, ки дар лаҳзаи анҷом додани аҳд шахси воқеӣ барои дарки аҳаммияти амали худ ё идораи он қодир набуд, суд метавонад аҳди анҷомдодаи шахси воқеиеро, ки баъдан ғайриқобили амал эътироф гардидааст, бо даъвои васии ӯ беэътибор донад.

3. Агар аҳд дар асоси моддаи мазкур беэътибор дониста шавад, мутобиқан қоидаҳои дар қисми 1 моддаи 186 ҳамин Кодекс пешбинигардида татбиқ мешаванд.

### Моддаи 195. Беэътибории аҳде, ки дар натиҷаи гумроҳӣ анҷом дода шудааст

1. Суд метавонад аҳди дар натиҷаи гумроҳӣ анҷомдодашударо бо даъвои тарафе, ки бар асари гумроҳӣ амал кардааст, беэътибор эътироф намояд, агар гумроҳӣ то он дараҷае ҷиддӣ бошад, ки тарафи аҳд агар ҳақиқати ҳолро медонист, ба он оқилона ва холисона баҳо дода, чунин аҳдро анҷом намедод.

2. Ҳангоми мавҷудияти шартҳои дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинишуда, гумроҳӣ аз ҷумла дар ҳолатҳои зерин ҷиддӣ дар назар дошта мешавад, агар:

- тараф дар тавзеҳот, мазмуни матн, ифодаи он ва ғайра ба хато роҳ дода бошад;

- тараф вобаста ба мавзуи аҳд, аз ҷумла он сифатҳое, ки дар муомилот муҳим мебошанд, гумроҳ шуда бошад;

- тараф вобаста ба табиати аҳд гумроҳ шуда бошад;

- тараф нисбати шахсе, ки бо он аҳд мебандад ё шахси дигаре, ки бо аҳд алоқаманд аст, гумроҳ шуда бошад;

- тараф ҳангоми анҷоми аҳд нисбати ҳолате, ки он дар изҳори иродааш қайд намудааст ё бинобар мавҷудияти чунин ҳолат амал намудааст, ки ба тарафи дигар баръало маълум аст, гумроҳ шуда бошад.

3. Гумроҳӣ нисбати ангезаи аҳд барои беэътибор эътироф намудани аҳд кофӣ дониста намешавад.

4. Аҳд бо асосҳои пешбининамудаи моддаи мазкур беэътибор эътироф карда намешавад, агар тарафи дигар доир ба амали аҳд вобаста ба шартҳое, ки тарафи гумроҳшуда дар назар дошт, розӣ бошад. Дар чунин ҳолат суд талаби беэътибории аҳдро рад намуда, дар санади судӣ чунин шартҳои аҳдро нишон медиҳад.

5. Агар аҳд ҳамчун аҳди дар натиҷаи гумроҳии ҷиддӣ басташуда беэътибор дониста шавад, мутобиқан қоидаҳои дар қисми 2 моддаи 182 ҳамин Кодекс пешбинигардида татбиқ мешаванд.

6. Тарафе, ки бо даъвои он аҳд беэътибор эътироф шудааст, уҳдадор аст хисороти воқеии дар натиҷаи он ба тарафи дигар расондаро ҷуброн намояд, ба истиснои ҳолатҳое, ки тарафи дигар дар хусуси гумроҳӣ медонист ё мебоист донад, аз ҷумла агар гумроҳӣ дар натиҷаи ҳолатҳои ба он вобаста ба вуҷуд омада бошад.

7. Тарафе, ки бо даъвояш аҳд беэътибор эътироф шудааст, ҳуқуқ дорад аз тарафи дигар ҷуброни зиёни ба он расондаро талаб кунад, агар исбот намояд, ки гумроҳӣ дар натиҷаи ҳолатҳое ба вуҷуд омадааст, ки тарафи дигар барои он ҷавобгар буд.

### Моддаи 196. Беэътибории аҳде, ки бо фиреб, зӯроварӣ, таҳдид, созиши бадқасдонаи намояндаи як тараф бо тарафи дигар ё шароити вазнин анҷом дода шудааст

1. Суд метавонад аҳдеро, ки бо фиреб, зӯроварӣ, таҳдид, созиши бадқасдонаи намояндаи як тараф бо тарафи дигар анҷом дода шудааст, инчунин аҳдеро, ки шахс бо сабаби шароити вазнин бо шартҳои барояш тамоман бенафъ маҷбуран анҷом додааст ва тарафи дигар онро истифода намудааст (аҳди асоратовар), бо даъвои ҷабрдида беэътибор донад.

2. Дониста хомӯш будан доир ба ҳолатҳое, ки шахс бояд бовиҷдонона ба тарафи дигар тибқи шартҳои муомилот хабар мерасонд, фиреб ҳисобида мешавад. Аҳде, ки таҳти таъсири фиреби ҷабрдида аз ҷониби шахси сеюм анҷом дода шудааст, метавонад бо даъвои ҷабрдида беэътибор эътироф шавад,

агар тарафи дигар ё шахсе, ки аҳд яктарафа ба он равона карда шудааст, дар бораи фиреб огоҳ бошад ё мебоист огоҳ бошад. Тараф аз ҷумла аз фиреб огоҳ дониста мешавад, агар шахси сеюми дар фиреб гунаҳгор намоянда ё корманди он бошад ва ё барои анҷоми аҳд ба он мусоидат карда бошад.

3. Агар аҳд бо яке аз асосҳои пешбининамудаи моддаи мазкур беэътибор дониста шавад, мутобиқан қоидаҳои дар қисми 2 моддаи 182 ҳамин Кодекс пешбинигардида татбиқ мешаванд. Ҳамчунин тарафи дигар зиёни ба ҷабрдида расондаро ҷуброн менамояд ва таваккали нобудшавии мавзуи аҳдро ба зимма дорад.

### Моддаи 197. Оқибати беэътибории як қисми аҳд

Агар тахмин кардан мумкин бошад, ки аҳд бе дохил кардани қисми беэътибори он ҳам метавонист анҷом дода шавад, аз ин қисмҳои дигари аҳд беэътибор намегарданд.

### Моддаи 198. Муҳлати даъво аз рӯйи аҳди беэътибор

1. Даъво дар бораи татбиқи оқибати беэътибории аҳди беоқибат метавонад дар давоми се соли пас аз оғози иҷрои он пешниҳод карда шавад. Дар сурати пешниҳод шудани даъво аз ҷониби шахсе, ки тарафи аҳд нест, муҳлати даъво аз рӯзе, ки шахси мазкур доир ба саршавии иҷрои чунин аҳд медонист ё мебоист донад, оғоз мегардад. Зимнан муҳлати даъво барои шахсе, ки тарафи аҳд нест, дар ҳар сурат наметавонад аз рӯзи оғози иҷрои аҳд бештар аз даҳ сол бошад.

2. Даъво дар бораи беэътибор донистани аҳди баҳснок ва истифодаи оқибати беэътибории он дар давоми се соли пас аз қатъ гардидани зӯроварӣ ё таҳдиде, ки аҳд таҳти таъсири он баста шуда буд (қисми 1 моддаи 196 ҳамин Кодекс) ва ё аз рӯзе, ки даъвогар дар хусуси шароити дигар, ки асоси беэътибор донистани аҳд мебошад, хабар ёфтааст ё мебоист хабар ёбад, мумкин аст пешниҳод карда шавад.

## БОБИ 11. НАМОЯНДАГӢ. ВАКОЛАТНОМА

### Моддаи 199. Намояндагӣ

1. Аҳде, ки як шахс (намоянда) аз номи шахси дигар (вакилкунанда) дар асоси ваколати бо ваколатнома, қонун ё санади мақомоти ваколатдори давлатӣ ё мақомоти маҳаллии худидоракунӣ асосёфта анҷом додааст, ҳуқуқу уҳдадориҳои мадании вакилкунандаро бевосита ба вуҷуд меорад, тағйир медиҳад ё қатъ мекунад.

2. Ваколат инчунин метавонад вобаста ба ҳолате пайдо гардад, ки намоянда дар он амал мекунад (фурӯшанда дар савдои чакана, хазинадор ва ғайра).

3. Шахсоне, ки ба манфиати дигарон, вале аз номи худ амал мекунанд (миёнаравони тиҷоратӣ, мудирони озмун ҳангоми муфлисӣ, иҷрокунандагони васиятнома ҳангоми меросгирӣ ва ғайра), инчунин шахсоне, ки барои анҷоми

гуфтушунид дар мавриди аҳди дар оянда имкондошта ваколатдор шудаанд, намоянда намебошанд.

4. Намоянда аз номи вакилкунанда ба манфиати худ ё ба манфиати шахси дигар, ки ҳамзамон намояндаи он низ мебошад, аҳдро анҷом дода наметавонад, ба истисноӣ ҳолатҳои намояндагии тиҷоратӣ ва дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ.

5. Аҳде, ки бо вайрон кардани қоидаҳои муқаррарнамудаи қисми 4 моддаи мазкур анҷом дода шудааст ва ба он вакилкунанда розигӣ надодааст, метавонад бо даъвои вакилкунанда беэътибор эътироф карда шавад, агар чунин аҳд манфиатҳояшро вайрон намояд. Вайрон кардани манфиати вакилкунанда дар назар дошта мешавад, агар ҳолати дигар исбот нашавад.

6. Ба воситаи намоянда анҷом додани аҳде, ки бо хусусияти худ метавонад танҳо шахсан баста шавад, инчунин аҳди дигари дар қонун зикргардида, роҳ дода намешавад.

## Моддаи 200. Бастани аҳд аз ҷониби шахси ваколатдорнагардида

1. Ҳангоми набудани ваколати амал кардан аз номи шахси дигар ё баромадан аз доираи чунин ваколат, агар шахси дигар (вакилкунанда) минбаъд чунин аҳдро бевосита маъқул надонад, аҳд аз номи шахси анҷомдодаи он (шахси ваколатдорнагардида) ва ба манфиати он басташуда эътироф карда мешавад.

2. То маъқул донистани аҳд аз ҷониби вакилкунанда, тарафи дигар тавассути муроҷиат ба шахси аҳдро анҷомдода (шахси ваколатдорнагардида) ё вакилкунанда ҳуқуқ дорад яктарафа аз он даст кашад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки агар ҳангоми анҷом додани аҳд он дар бораи надоштани ваколат ё аз доираи ваколат берун баромадани шахси анҷомдодаи аҳд медонист ё мебоист донад. Дар чунин ҳолат тарафи дигар метавонад аз шахси ваколатдорнагардида ҷуброни зиёнро талаб кунад.

3. Аз ҷониби вакилкунанда минбаъд маъқул дониста шудани аҳд барои он ҳуқуқу уҳдадориҳои маданиро аз рӯйи ин аҳд аз лаҳзаи анҷом дода шуданаш ба вуҷуд меорад, тағйир медиҳад ва қатъ мекунад.

## Моддаи 201. Намояндагии тиҷоратӣ

1. Намояндаи тиҷоратӣ шахсе мебошад, ки мунтазам ва мустақилона аз номи соҳибкорон ҳангоми бастани шартнома дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ намояндагӣ мекунад.

2. Намояндагии тиҷоратии тарафҳои мухталифи аҳд бо розигии ин тарафҳо ва дар ҳолатҳои дигари дар қонунгузорӣ пешбинигардида роҳ дода мешавад.

3. Намояндаи тиҷоратӣ ҳуқуқ дорад аз тарафҳои шартнома ба ҳиссаҳои баробар пардохтани подоши мувофиқашуда ва пардохти маблағи ҳангоми иҷрои супориш харҷкардаашро, агар дар созишномаи байни онҳо тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, талаб намояд.

4. Намояндагии тиҷоратӣ дар асоси шартномаи дар шакли хаттӣ басташуда, ки маълумот оид ба ваколати намояндаро дар бар мегирад ва дар сурати набудани чунин маълумот, инчунин дар асоси ваколатнома ба амал бароварда мешавад.

5. Намояндаи тиҷоратӣ уҳдадор аст маълумоти барояш маълумгардидаи аҳди тиҷоратиро пас аз иҷрои супориши гирифтааш низ махфӣ (конфиденсиалӣ) нигоҳ дорад.

6. Хусусиятҳои намояндагии тиҷоратӣ дар соҳаҳои алоҳидаи фаъолияти соҳибкорӣ бо қонунгузорӣ муқаррар карда мешаванд.

## Моддаи 202. Ваколатнома

1. Ваколатнома аз ҷониби як шахс ба шахси дигар додани ваколати хаттӣ барои намояндагӣ дар назди шахси сеюм дониста мешавад. Вакилкунанда метавонад ваколатномаро барои анҷом додани аҳд аз тарафи намоянда бевосита ба шахси сеюми дахлдор диҳад.

2. Ваколатномаро аз номи шахсони воқеии то синни чордаҳ (моддаи 29 ҳамин Кодекс) ва аз номи шахсони ғайриқобили амал (моддаи 30 ҳамин Кодекс) намояндагони қонунии онҳо медиҳанд.

3. Ваколатнома барои анҷом додани аҳде, ки шакли нотариалиро талаб мекунад, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, бояд бо тартиби нотариалӣ тасдиқ карда шавад.

4. Ба ваколатномаҳои бо тариқи нотариалӣ тасдиқшуда ваколатномаҳои зерин баробар карда мешаванд:

- ваколатномаи хизматчиёни ҳарбӣ ва шахси дигари дар госпиталҳо, санаторияҳо ва ташкилотҳои дигари ҳарбии табобатӣ муолиҷашаванда, ки аз ҷониби сардори чунин ташкилот, муовини ӯ оид ба қисми тиббӣ, сардухтур ё духтури навбатдор тасдиқ шудааст;

- ваколатномаи хизматчиёни ҳарбӣ ва дар маҳалҳои ҷойгиршавии қисмҳо, ҷузъу томҳо, муассисаву таълимгоҳҳои ҳарбӣ, ки идораҳои нотариалӣ ва мақомоти дигари анҷомдиҳандаи амалҳои нотариалӣ надоранд, инчунин ваколатномаи коргарону хизматчиён, аъзои оилаҳои онҳо ва аъзои оилаҳои хизматчиёни ҳарбӣ, ки аз ҷониби командир (сардор)-и ин қисм, ҷузъу том, муассиса ё таълимгоҳ тасдиқ шудаанд;

- ваколатномаи шахсони дар маҳалҳои маҳрум сохтан аз озодӣ қарордошта, ки аз ҷониби сардори муассисаи дахлдори маҳалли маҳрум сохтан аз озодӣ тасдиқ кардааст;

- ваколатномаи шахсони воқеииболиғи дорои қобилияти амалкунии дар муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ қарордошта, ки аз ҷониби маъмурияти ин муассиса ё роҳбари мақомоти дахлдори ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (муовини ӯ) тасдиқ гардидааст.

5. Ваколатнома барои гирифтани музди меҳнат ва пардохтҳои дигар оид ба муносибатҳои меҳнатӣ, подоши муаллифону ихтироъкорон, нафақаю

кумаки пулӣ ва стипендия, пасандози шахсони воқеӣ дар бонкҳо ва барои гирифтани муросилот, аз ҷумла муросилоти пулӣ ва молумулкӣ, аз ҷониби ташкилоте, ки вакилкунанда дар он кор ё таҳсил мекунад, ташкилоти идораи манзили маҳалли истиқомати ӯ ва маъмурияти муассисаи муолиҷавии статсионарие, ки дар он ӯ муолиҷа мегардад, тасдиқ шуда метавонад.

6. Ваколатномае, ки бо истифодаи намудҳои гуногуни алоқа фиристода мешавад, агар ирсоли ҳуҷҷатҳо аз ҷониби корманди алоқа анҷом дода шавад, аз тарафи ташкилотҳои алоқа тасдиқ мегардад.

7. Ваколатнома аз номи шахси ҳуқуқӣ бо имзои роҳбари он ё шахси дигари тибқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ба он ваколатдор ва гузоштани муҳри ин ташкилот дода мешавад.

8. Ваколатнома аз номи шахси ҳуқуқии ба моликияти давлатӣ асосёфта барои гирифтан ё додани пул ва арзишҳои дигари молумулкӣ инчунин бояд аз ҷониби сармуҳосиби ин ташкилот имзо карда шавад.

9. Дар ҳолате, ки ваколатнома ба якчанд намоянда дода мешавад, ҳар яке аз онҳо ваколатҳоеро доранд, ки дар ваколатнома зикр шудааст, агар дар ваколатнома пешбинӣ нашуда бошад, ки намояндаҳо якҷоя амал менамоянд.

10. Қоидаҳои моддаи мазкур мутобиқан дар ҳолатҳое, ки якчанд шахс якҷоя ваколатнома додаанд, татбиқ мешаванд.

### Моддаи 203. Мӯҳлати ваколатнома

1. Агар дар ваколатнома муҳлат нишон дода нашуда бошад, он эътибори худро дар давоми як соли пас аз санаи дода шуданаш нигоҳ медорад.

2. Ваколатномае, ки санаи дода шуданаш зикр наёфтааст, беоқибат аст.

3. Ваколатномаи тариқи нотариалӣ тасдиқшудае, ки барои анҷоми амалҳо дар хориҷа пешбинӣ гардида, дар хусуси муҳлати эътибори он ишорае надорад, то аз ҷониби шахси ваколатномадода бекор карда шуданаш эътибор дорад.

### Моддаи 204. Вогузоштани ваколат

1. Шахсе, ки ба он ваколатнома дода шудааст, амалҳоеро, ки барои иҷрояшон ваколатдор шудааст, бояд шахсан анҷом диҳад.

2. Намоянда ваколаташро ба шахси сеюм танҳо дар асоси розигии хаттии вакилкунанда вогузор карда метавонад. Дар сурати иҷро накардани ин ӯҳдадорӣ, шахси ваколаташро вогузоркарда барои амалҳои шахсе, ки ба он ваколат дода шудааст, ҳамчун амалҳои худ ҷавобгар мебошад.

3. Ваколатномае, ки бо тартиби ба шахси дигар вогузор намудани ваколат дода шудааст, бояд бо тариқи нотариалӣ тасдиқ карда шавад, ба истиснои ваколатномаҳое, ки аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ, роҳбари филиал ва намояндагии шахсони ҳуқуқӣ бо тартиби вогузор намудани ваколат дода мешаванд.

4. Вогузор намудани ваколат дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 5 моддаи 202 ҳамин Кодекс иҷозат дода намешавад.

5. Намояндае, ки бо тариқи вогузор намудани ваколат ба шахси дигар ваколаташро додааст, аз ваколатҳои дахлдор маҳрум намегардад, агар ҳолати дигар дар ваколатнома ё дар қонун пешбинӣ нагардида бошад.

6. Додани ваколат ба шахсе, ки ин ваколатро бо тартиби вогузор намудани ваколат қабул кардааст (вогузории минбаъдаи ваколат), иҷозат дода намешавад, агар дар ваколатномаи аввала ё дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

7. Муҳлати амали ваколатномаи бо тартиби ба шахси дигар вогузор намудани ваколат додашуда набояд аз муҳлати амали ваколатномае, ки дар асоси он дода шудааст, зиёдтар бошад.

## Моддаи 205. Қатъи ваколатнома

1. Амали ваколатнома дар ҳолатҳои зерин қатъ мегардад:

- иҷрои амалҳое, ки дар ваколатнома пешбинӣ гардидаанд;

- гузаштани муҳлати ваколатнома;

- ваколатномаро бекор кардани шахс ё яке аз шахсоне, ки якҷоя онро додаанд;

- даст кашидани шахсе, ки ба он ваколатнома дода шудааст;

- қатъ гардидани фаъолияти шахси ҳуқуқие, ки аз номи он ё ба он ваколатнома дода шудааст;

- вафот кардани шахси воқеӣ, ки ваколатнома додааст, ғайриқобили амал, дорои қобилияти маҳдуди амалкунӣ ё бедарак ғоибшуда эътироф гардидани ӯ;

- дар ҳолате, ки вакилкунанда ё намоянда дар ҷараёни муфлисшавие бошанд, ки дар он ҳолат онҳо ҳуқуқи мустақилона додан ва амалӣ кардани ваколатномаро аз даст медиҳанд.

2. Шахсе, ки ваколатнома додааст, метавонад ҳар вақт ваколатнома ё ба шахси дигар вогузор намудани ваколатро бекор кунад ва шахсе, ки ба он ваколатнома дода шудааст, метавонад аз он даст кашад, ба истисноси ҳолатҳои дар моддаи 206 ҳамин Кодекс пешбинигардида. Созишнома дар бораи даст кашидан аз ин ҳуқуқ беоқибат аст.

3. Бо қатъи ваколатнома ба шахси дигар вогузор намудани ваколат низ эътиборашро гум мекунад.

## Моддаи 206. Ваколатномаи бозхонднашаванда

1. Бо мақсади иҷро ё таъмини иҷрои уҳдадории вакилкунанда дар назди намоянда ё шахсе, ки аз ном ё ба манфиати онҳо намоянда амал мекунад, дар ҳолате, ки ин уҳдадорӣ бо амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд аст, вакилкунанда метавонад дар ваколатномае, ки ба намоянда медиҳад, қайд намояд, ки ин ваколатнома то анҷоми муҳлати амали он бекор шуда наметавонад, ё танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи ваколатнома метавонад

бекор карда шавад (ваколатномаи бозхонднашаванда). Чунин ваколатнома метавонад ҳар вақт баъди қатъ шудани уҳдадориҳое, ки барои таъмин ё иҷрои он ваколатнома дода шуда буд, инчунин дар сурати суиистифодаи намоянда аз ваколатҳояш ё пайдо шудани ҳолатҳое, ки баръало шаҳодат медиҳанд, ки чунин суиистифода ба амал омаданаш мумкин аст, бекор карда шавад.

2. Ваколатномаи бозхонднашаванда бояд бо тариқи нотариалӣ тасдиқ шавад ва дар он бевосита ҳолатҳои маҳдуд кардани бекоркунии ваколатнома, ки дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинӣ шудааст, зикр гардад.

3. Ба шахсе, ки ваколатномаи бозхонднашаванда дода шудааст, наметавонад иҷрои амалҳое, ки дар ваколатнома ба он бовар карда шудааст, ба шахси дигар вогузор намояд, агар дар ваколатнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

### Моддаи 207. Оқибати қатъи ваколатнома

1. Шахсе, ки ваколатнома дода, минбаъд онро бекор кардааст, уҳдадор аст дар хусуси бекор кардани он шахсеро, ки ба он ваколатнома дода шудааст, инчунин ба шахсони сеюми ба он маълуме, ки ваколатнома барои намояндагӣ дар наздашон дода шудааст, огоҳ созад. Дар сурати бо асосҳои дар сархатҳои панҷум ва шашуми қисми 1 моддаи 205 ҳамин Кодекс зикргардида қатъ гардидани ваколатнома, чунин уҳдадорӣ ба зиммаи ворисони ҳуқуқӣ (меросгирон)-и шахси ваколатномадода гузошта мешавад.

2. Ҳуқуқу уҳдадориҳое, ки дар натиҷаи амали шахси ваколатномагирифта ба миён омадааст, то лаҳзае ки ин шахс дар хусуси қатъ гардидани он огоҳӣ ёфтааст ё мебоист огоҳӣ ёбад, барои шахси ваколатномаро дода ва ворисони ҳуқуқӣ (меросгирон)-и он нисбати шахси сеюм эътибор доранд. Агар шахси сеюм қатъ шудани ваколатномаро дониста бошад ё бояд медонист, ин қоидаҳо истифода намешаванд.

3. Пас аз қатъ шудани ваколатнома шахсе, ки онро гирифтааст ё ворисони ҳуқуқӣ (меросгирон)-и он уҳдадоранд ваколатномаро фавран баргардонанд.

## ЗЕРФАСЛИ 5. МУҲЛАТ. ҲИСОБ КАРДАНИ МУҲЛАТ. МУҲЛАТИ ДАЪВО

## БОБИ 12. МУАЙЯН ВА ҲИСОБ НАМУДАНИ МУҲЛАТ

### Моддаи 208. Муайян намудани муҳлат

1. Муҳлати дар қонун, санади дигари ҳуқуқӣ ё аҳд муқаррargардида, ё аз ҷониби суд таъингардида бо санаи тақвимӣ ё гузаштани давраи вақте муайян мегардад, ки бо сол, моҳ, ҳафта, рӯз ё соат ҳисоб карда мешавад.

2. Муҳлат мумкин аст ҳамчунин бо ишора ба ҳодисае, ки бояд ҳатман фаро расад, муайян карда шавад.

### Моддаи 209. Оғози муҳлати бо давраи вақт муайянгардида

Ҷараёни мухлати бо давраи вақт муайянгардида дар рӯзи дигари пас аз санаи тақвимӣ ё фаро расидани ҳодисае оғоз меёбад, ки бо он муайян шудааст.

### Моддаи 210. Анҷоми муҳлати бо давраи вақт муайянгардида

1. Муҳлате, ки бо солҳо ҳисоб карда мешавад, дар моҳу санаи дахлдори соли охири мухлат анҷом меёбад.

2. Нисбати мухлате, ки ним сол муайян шудааст, қоидаҳои барои мухлати бо моҳҳо ҳисобшаванда истифода мешаванд.

3. Ба мухлате, ки бо семоҳаҳои сол ҳисоб карда мешавад, қоидаҳо барои мухлати бо моҳҳо ҳисобшаванда истифода бурда мешаванд. Дар айни замон ҳисоби семоҳа аз аввали сол шуруъ мешавад.

4. Муҳлате, ки бо моҳҳо ҳисоб карда мешавад, дар санаи дахлдори моҳи охири мухлат анҷом меёбад.

5. Мухлате, ки ним моҳ муайян шудааст, ҳамчун мухлати бо рӯз ҳисобшаванда шуморида шуда, баробар ба понздаҳ рӯз дониста мешавад.

6. Агар анҷоми муҳлати бо моҳ ҳисобшаванда ба моҳе рост ояд, ки санаи дахлдор надорад, пас мухлат дар рӯзи охирини ҳамин моҳ хотима меёбад.

7. Мухлате, ки бо ҳафта ҳисоб карда мешавад, дар рӯзи дахлдори ҳафтаи охирини мухлат анҷом меёбад.

### Моддаи 211. Анҷоми муҳлат дар рӯзи ғайрикорӣ

Агар рӯзи охирини мухлат ба рӯзи ғайрикорӣ рост ояд, рӯзи анҷоми мухлат рӯзи наздиктарини кории баъди он фарорасида ба ҳисоб меравад.

### Моддаи 212. Тартиби анҷом додани амалҳо дар рӯзи охирини муҳлат

1. Агар барои анҷоми ягон амал мухлат муайян шуда бошад, онро то соати бисту чори рӯзи охирини мухлат анҷом додан мумкин аст. Агар чунин амал дар ягон ташкилот бояд анҷом дода шавад, пас мухлат дар ҳамон соате ба охир мерасад, ки амалиёти дахлдор дар ин ташкилот бо тартиби муқарраргардида қатъ мешавад.

2. Аризаҳои хаттӣ ва огоҳиномаҳое, ки ба ташкилотҳои алоқа то соати бисту чори рӯзи охирини мухлат супорида шудаанд, сари вақт супоридашуда ба ҳисоб меравад.

## БОБИ 13. ДАВОМИЯТИ МУҲЛАТИ ДАЪВО

### Моддаи 213. Мафҳуми мухлати даъво

1. Мухлати даъво мухлате мебошад, ки дар давоми он бо даъвои шахс ҳуқуқҳои вайронгардидааш ҳимоя мегарданд.

2. Мухлати даъво ва тартиби ҳисоби онро бо созиши тарафҳо тағйир додан мумкин нест.

3. Асосҳои боздошт ё канда шудани муҳлати даъворо ҳамин Кодекс ва қонунҳои дигар муқаррар мекунанд.

### Моддаи 214. Муҳлати умумии даъво

Муҳлати умумии даъво се сол аст.

### Моддаи 215. Муҳлати махсуси даъво

1. Барои навъҳои алоҳидаи талабот қонун метавонад муҳлати махсуси даъворо муқаррар намояд, ки нисбат ба муҳлати умумӣ камтар ё зиёдтар бошад.

2. Қоидаҳои моддаҳои 213, 216-223 ҳамин Кодекс инчунин ба муҳлатҳои махсуси даъво низ паҳн мегардад, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

### Моддаи 216. Татбиқи муҳлати даъво

1. Талабот оид ба ҳимояи ҳуқуқи вайронгардидаро, сарфи назар аз гузашти муҳлати даъво, суд ҷиҳати баррасӣ қабул мекунад.

2. Давомияти муҳлати даъворо суд танҳо тибқи аризаи тарафи баҳс, ки то баровардани санади судӣ арз шудааст, татбиқ менамояд.

3. Гузаштани муҳлати даъво, ки тарафи баҳс доир ба татбиқи он арз кардааст, асос барои аз ҷониби суд баровардани санади судӣ дар хусуси рад намудани даъво мебошад.

4. Бо гузаштани муҳлати даъво оид ба талаби асосӣ инчунин муҳлати даъво оид ба талаби иловагӣ (дар бораи рӯёнидани ноустуворона, оид ба ҷавобгарии зомин ва ғайра) низ мегузарад.

5. Амалҳои яктарафа (баҳисобгирӣ, бе аксепт аз ҳисоб баровардани воситаҳои пулӣ, рӯёнидан бо тартиби ғайрисудӣ аз ҳисоби молу мулки ба гарав гузошташуда ва ғайра) ҷиҳати амалисозии ҳуқуқҳое, ки муҳлати даъво барои ҳимояи онҳо гузаштааст, иҷозат дода намешавад.

### Моддаи 217. Баҳисобгирӣ ва оғози ҷараёни муҳлати даъво

1. Тартиби баҳисобгирии муҳлати даъво мутобиқи қоидаҳои умумии баҳисобгирии муҳлатҳо, ки ҳамин Кодекс пешбинӣ намудааст, муайян карда мешавад.

2. Ҷараёни муҳлати даъво аз рӯзе, ки шахс аз вайрон гардидани ҳуқуқаш ё дар бораи кӣ будани ҷавобгари муносиб вобаста ба даъвои ҳимояи ин ҳуқуқ огоҳ гардидааст ё мебоист огоҳӣ ёбад, оғоз мегардад, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

3. Ҷараёни муҳлати даъво нисбати ӯҳдадориҳои дорои муҳлати иҷро баъди хатми муҳлати иҷро оғоз мегардад.

4. Нисбати ӯҳдадориҳое, ки муҳлати иҷрои онҳо муайян нашудааст ё бо лаҳзаи пасталабкунӣ муайян гардидааст, ҷараёни муҳлати даъво аз лаҳзае оғоз

меёбад, ки кредитор ҳуқуқи пешниҳоди талаботи иҷрои уҳдадориро пайдо мекунад ва агар ба қарздор барои иҷрои чунин талаб муҳлати имтиёзнок дода шавад, баҳисобгирии муҳлати даъво пас аз анҷоми иҷрои муҳлати мазкур оғоз меёбад.

5. Дар мавриди уҳдадориҳои акс ҷараёни муҳлати даъво аз лаҳзаи иҷрои уҳдадориҳои асосӣ оғоз меёбад.

### Моддаи 218. Муҳлати даъво ҳангоми иваз шудани шахс дар уҳдадорӣ

Иваз шудани шахс дар уҳдадорӣ боиси тағйир ёфтани муҳлати даъво ва тартиби баҳисобгирии он шуда наметавонад.

### Моддаи 219. Боздошти ҷараёни давомияти муҳлати даъво

1. Ҷараёни давомияти муҳлати даъво дар ҳолатҳои зерин боздошта мешавад:

- агар барои арзи даъво дар шароити мавҷуда ҳолатҳои фавқулода ё пешгиринашаванда (неруи рафънопазир) халал расонда бошад;

- агар даъвогар ё ҷавобгар дар ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳ, ки ба ҳолати ҷангӣ гузаронда шудааст, қарор дошта бошад;

- тибқи қонун аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудани ба таъхир гузоштани муҳлати иҷрои уҳдадорӣ (мораторий);

- ҳангоми боздошти амали қонун ё дигар санади ҳуқуқӣ, ки муносибатҳои дахлдорро танзим менамояд;

- агар шахси ғайриқобили амал намояндаи қонунӣ надошта бошад.

2. Ҷараёни давомияти муҳлати даъво ба шарте боздошта мешавад, агар ҳолатҳои дар қисми 1 моддаи мазкур зикршуда дар шаш моҳи охири давомияти муҳлати даъво ба миён омада бошанд ё идома доштанд ва агар ин муҳлат ба шаш моҳ баробар ё аз шаш моҳ камтар бошад, дар ҷараёни давомияти муҳлати даъво боздошта мешавад.

3. Агар тарафҳо расмиёти бо қонун пешбинишудаи ҳалли баҳс бо тартиби ғайрисудиро истифода намуда бошанд, ҷараёни давомияти муҳлати даъво ба муҳлати гузаронидани чунин расмиёти дар қонун пешбинишуда, агар чунин муҳлат дар қонун пешбинӣ нашуда бошад, он гоҳ ба муҳлати шаш моҳ аз рӯзи оғоз шудани расмиёти дахлдор боздошта мешавад.

4. Аз рӯзи қатъ гардидани ҳолате, ки барои боздошти давомияти муҳлати даъво сабаб гардидааст, ҷараёни давомияти муҳлати он идома меёбад. Қисми боқимондаи муҳлат то шаш моҳ дароз карда мешавад ва агар давомияти муҳлати даъво баробари шаш моҳ ё аз ин камтар бошад, он гоҳ баробари чунин давомияти муҳлати даъво дароз карда мешавад.

### Моддаи 220. Канда шудани ҷараёни давомияти муҳлати даъво

1. Ҷараёни давомияти муҳлати даъво ҳангоми тибқи тартиби муқарраргардида пешниҳод кардани даъво, инчунин ҳангоми аз ҷониби шахси

уҳдадор анҷом додани амале, ки оид ба эътирофи қарз ё дигар уҳдадориҳо далолат мекунад, канда мешавад.

2. Пас аз канда шудани давомияти муҳлати даъво ҷараёни он аз нав оғоз меёбад ва муҳлати сипаришуда то канда шудани давомияти муҳлати даъво дар муҳлати нав ба ҳисоб гирифта намешавад.

### Моддаи 221. Ҷараёни давомияти муҳлати даъво дар мавриди бе баррасӣ гузоштани даъво

1. Агар суд даъворо бе баррасӣ гузошта бошад, пас ҷараёни давомияти муҳлати даъво, ки то арзи даъво оғоз ёфта буд, бо тартиби умумӣ идома меёбад.

2. Агар суд даъворо, ки вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ арз шудааст, бе баррасӣ монда бошад, пас ҷараёни давомияти муҳлати даъво, ки то арзи даъво оғоз шуда буд, то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукм, ки мутобиқи он даъво бе баррасӣ гузошта шудааст, боздошта мешавад. Дар чунин ҳолат вақте, ки дар давоми он давомияти муҳлати даъво боздошта шуда буд, ба муҳлати даъво ҳисоб карда намешавад. Дар айни замон агар қисми боқимондаи муҳлат камтар аз шаш моҳ бошад, он то шаш моҳ дароз карда мешавад.

### Моддаи 222. Барқарор намудани муҳлати даъво

1. Дар ҳолатҳое, ки суд сабаби гузарондани муҳлати даъворо вобаста ба шахсияти даъвогар (бемории вазнин, ҳолати оҷизона, бесаводӣ ва ғайра) узрнок эътироф кунад, ҳуқуқи вайронгардидаи шахси воқеӣ бояд ҳимоя гардад.

2. Сабабҳои гузарондани муҳлати даъворо ҳангоме узрнок эътироф кардан мумкин аст, ки агар онҳо дар шаш моҳи охири давомияти муҳлат ва агар ин муҳлат баробар ба шаш моҳ ё аз шаш моҳ камтар бошад, дар ҷараёни давомияти муҳлати даъво ҷой дошта бошанд.

### Моддаи 223. Иҷрои уҳдадорӣ пас аз гузашти муҳлати даъво

Қарздор ё шахси дигари уҳдадор, ки уҳдадориашро баъди гузаштани муҳлати даъво иҷро кардааст, ҳуқуқ надорад уҳдадории иҷрокардаашро пас талаб намояд, ҳарчанд дар лаҳзаи иҷро шахси мазкур аз гузаштани муҳлати даъво огоҳ набошад.

### Моддаи 224. Талаботе, ки нисбат ба онҳо муҳлати даъво татбиқ намегардад

Ба талаботи зерин муҳлати даъво татбиқ намегардад:

- талабот оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва дигар неъматҳои ғайримолумулкӣ, ба ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи қонун;

- талаботи пасандозгузор ба бонк оид ба додани пасандозҳо;

- талабот дар бораи ҷуброни зараре, ки ба ҳаёт ё саломатии шахси воқеӣ расонда шудааст. Аммо талаботе, ки бо гузаштани се сол аз лаҳзаи ба вуҷуд

омадани ҳуқуқ ба талаби ҷуброни зарар пешниҳод шудааст, барои давраи гузашта на бештар аз се соли пеш аз пешниҳоди даъво қонеъ карда мешавад;

- талаботи молик ё дигар соҳиб оид ба рафъи ҳама гуна вайронкунии ҳуқуқи он, ҳарчанд ин вайронкуниҳо бо маҳрум кардан аз соҳибӣ алоқаманд намебошанд (моддаи 277 ҳамин Кодекс);

- талаботи молик ё шахсони дигар дар бораи беэътибор донистани санади мақомоти давлатӣ ё худидоракунии маҳаллӣ, ки ҳуқуқи шахси зикршударо ба соҳибият, истифода ва ихтиёрдории молу мулки марбути онҳо вайрон мекунад;

- талаботи дигар дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун.

# ФАСЛИ II. ҲУҚУҚҲОИ ШАХСИИ ҒАЙРИМОЛУМУЛКӢ

## БОБИ 14. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 225. Мазмуни ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ

Мазмуни ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиро имконияти шахси воқеӣ дар хусуси озодона ва бо салоҳдиди худ тибқи қонунгузорӣ муайян намудани рафтор дар муносибатҳои маданӣ ташкил медиҳад.

### Моддаи 226. Амалисозии ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ

1. Шахси воқеӣ ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиашро мустақилона амалӣ мекунад.

2. Ба манфиати ноболиғон, инчунин болиғоне, ки бо сабаби вазъи саломатӣ наметавонанд ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии худро мустақилона амалӣ намоянд, падару модар ё намояндагони дигари қонунӣ ҳуқуқҳои онҳоро амалӣ месозанд.

3. Дар ҳолатҳо ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии шахси вафоткардаро хешовандони наздик ва шахсони дигари ваколатдорнамудаи онҳо амалӣ ва ҳимоя карда метавонанд. Агар аз қонунҳо тартиби дигар барнаояд, таҳти мафҳуми хешовандони наздик падару модар, ҳамсар, фарзандон, бародару хоҳар, бобою бибӣ ва набераҳо фаҳмида мешавад.

### Моддаи 227. Таъмини амалисозии ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ

1. Мақомоти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии худидоракунӣ дар доираи ваколаташон амалисозии ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии шахсони воқеиро таъмин мекунанд.

2. Мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ, шахсони мансабдори онҳо, шахсони ҳуқуқӣ, кормандони он ва шахсони дигар, ки фаъолияти касбиашон ба ҳуқуқҳои шахсони воқеӣ алоқаманд аст, ӯҳдадоранд аз амал ва ё беамалие, ки ба вайронкунии ин ҳуқуқҳо оварда мерасонанд, худдорӣ намоянд.

3. Фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ набояд ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиро вайрон кунанд.

### Моддаи 228. Маҳдудсозии ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ

Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии шахсони воқеӣ танҳо дар ҳолатҳо ва бо тартиби пешбининамудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳо маҳдуд карда мешаванд.

### Моддаи 229. Ҳимояи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ

1. Шахси воқеӣ ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиро аз ҳама гуна дахолати зиддиҳуқуқӣ ҳимоя карда метавонад.

2. Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ дар ҳолатҳо ва бо тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ва қонунҳои дигар то он ҳадде ҳимоя мешаванд, ки истифодаи тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ (моддаи 11 ҳамин Кодекс) аз моҳияти ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкии вайронгардида ва хусусияти оқибатҳои ин вайронкунӣ бармеояд.

3. Дар ҳолатҳое, ки манфиати шахси воқеӣ талаб менамояд, ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ҳамчунин бо роҳи эътирофи ҳолати вайроншавии ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ пешгирӣ ё манъи амалҳое, ки ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиро вайрон мекунанд ва ё барои вайронкунӣ таҳдид мекунанд, бо тартиби судӣ ҳимоя шуда метавонанд.

4. Агар ба шахси воқеӣ дар натиҷаи вайрон кардани ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиаш зарар расонда шуда бошад, он бояд ҷуброн карда шавад.

5. Ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкӣ, сарфи назар аз гуноҳи шахси вайроннамудаи ҳуқуқ, ҳимоя карда мешавад. Шахсе, ки ҳимояи ҳуқуқро талаб кардааст, бояд ҳолати вайрон гардидани ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкиашро исбот кунад.

6. Шахсе, ки ҳуқуқи ғайримолумулкиаш вайрон гардидааст, метавонад бо хоҳиши худ рафъи оқибати онро аз шахси гунаҳгор талаб намояд ё аз ҳисоби гунаҳгор мустақилона амалҳои заруриро анҷом диҳад ва ё иҷрои онҳоро ба шахси сеюм супорад.

### Моддаи 230. Манъи паҳн намудани иттилооте, ки ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиро вайрон мекунанд

1. Агар дар шабакаи интернет, рӯзнома, китоб, филм, барномаи телевизионӣ, радио, лавҳа ва ғайра иттилооте ҷойгир шавад (ё омодагӣ гирифта шавад), ки ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиро вайрон мекунанд (ё карда метавонанд), суд метавонад паҳн намудани иттилооти дахлдорро манъ намояд.

2. Агар иттилооти дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинишуда дастраси умум шуда бошад, суд метавонад минбаъд паҳн намудани онро манъ намояд.

3. Дар сурати имконнопазир будани бартарафсозии вайронкуниҳо ҳомили дахлдор гирифта шуда, бе ҷуброн нобуд карда мешавад. Дар ҳолате, ки агар

иттилооти мазкур баъди паҳншавӣ дар шабакаи интернет дастрас гардида бошад, шахси гунаҳгор бояд онро бо тарзе, ки дастрасии раддияро ба истифодабарандагони интернет таъмин мекунад, рад намояд.

## Моддаи 231. Рад намудани иттилооти беэътимод

1. Ҳама гуна иттилооти манфии паҳнгашта дар бораи шахси воқеӣ иттилооти беэътимод дониста мешавад, агар ҳолати дигар исбот нашавад.

2. Шахси воқеие, ки дар натиҷаи паҳн намудани иттилооти беэътимод дар бораи ӯ ва ё аъзои оилааш ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиаш вайрон гардидаанд, ҳуқуқи ҷавоб гардонданро дорад ва метавонад рад намудани ин иттилоотро талаб кунад.

3. Ҳуқуқ ба ҷавоб, инчунин рад намудани иттилооти беэътимод нисбат ба шахси вафоткарда ба хешовандони наздик ва шахсони дигари манфиатдор мансуб мебошад.

4. Рад намудани иттилооти беэътимод аз ҷониби шахсе, ки онро паҳн намудааст, сурат мегирад. Агар шахси воқеӣ бинобар иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ иттилооти беэътимодро паҳн намуда бошад, паҳнкунандаи иттилоот шахси ҳуқуқии дахлдор дониста мешавад. Агар шахси паҳнкунандаи иттилооти беэътимод номаълум бошад, шахси манфиатдор метавонад ба суд оид ба муқаррар кардани ҳолати беэътимод будани иттилоот ва рад намудани он муроҷиат намояд.

5. Агар иттилооти беэътимод дар ҳуҷҷатҳои шахси ҳуқуқӣ ҷойгир шуда бошад, ин ҳуҷҷат бояд бекор ё ислоҳ карда шавад.

6. Шахси воқеие, ки ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиаш дар воситаҳои ахбори омма вайрон шудааст, ҳуқуқи ҷавоб гардонданро дорад ва метавонад рад намудани иттилооти беэътимодро бо тартиби муайянкардаи қонун дар ҳамон воситаи ахбори омма талаб намояд. Агар ҷавоб ё раддия дар ҳамон воситаи ахбори омма бинобар қатъ шудани фаъолияти он имконнопазир бошад, ҷавоб ё раддия бояд дар дигар воситаи ахбори омма аз ҳисоби шахсе, ки ин иттилоотро паҳн кардааст, сурат гирад. Раддияи иттилооти беэътимод бо ҳамон тарзе, ки паҳн шуда буд, амалӣ карда мешавад.

7. Тартиби раддияи иттилооти беэътимодро дар ҳолатҳои дигар суд муқаррар менамояд.

8. Раддияи иттилооти беэътимод новобаста аз гуноҳи шахсе, ки онро паҳн кардааст, амалӣ карда мешавад.

9. Шахсе, ки дар бораи ӯ иттилооти беэътимод паҳн шудааст, дар баробари ҷавоб ва раддия метавонад ҷуброни зарарро, ки дар натиҷаи паҳн кардани ин иттилоот расонда шудааст, талаб намояд.

10. Меъёрҳои моддаи мазкур дар мавриди ҳимояи шаъну шараф ва эътибори кории шахси воқеӣ, инчунин мутобиқан ҳангоми ҳимояи эътибори кории шахси ҳуқуқӣ дар қисми раддияи иттилооти беэътимод, ҷавоб, беэътимод эътироф намудани иттилоот ва ҷуброни зиён низ татбиқ мешаванд.

## БОБИ 15. ҲУҚУҚҲОИ ШАХСИИ ҒАЙРИМОЛУМУЛКИЕ, КИ МАВҶУДИЯТИ ТАБИИИ ШАХСИ ВОҚЕИРО ДАР МУНОСИБАТҲОИ МАДАНӢ ТАЪМИН МЕКУНАНД

### Моддаи 232. Ҳуқуқ ба ҳаёт

1. Ҳаёти инсон аз лаҳзаи обистан шудан дар батни модар то марги ӯ ҳифз карда мешавад.

2. Ҳуқуқ ба ҳаёт ҳуқуқи ҷудонашавандаи инсон буда, ҳеҷ кас бе асоси қонунӣ аз ҳаёт маҳрум карда намешавад.

3. Қонеъ намудани хоҳиши инсон оид ба қатъи ҳаёт манъ аст.

### Моддаи 233. Ҳуқуқ ба саломатӣ

1. Ҳар шахс ҳуқуқ ба саломатӣ ва ҳифзи онро дорад. Ҳифзи саломатӣ бо маҷмуи чораҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда мешавад.

2. Мавриди озмоиши тиббӣ, илмӣ ва дигар намуди озмоишҳо қарор додани шахси ноболиғ манъ аст. Гузарондани озмоиши тиббӣ, илмӣ ва дигар намуди озмоишҳо нисбат ба шахси болиғи дорои қобилияти пурраи амалкунӣ танҳо бо розигии ӯ иҷозат дода мешавад.

3. Тартиби безуриётсозӣ ва қатъи сунъии ҳамлро қонун муайян мекунад.

### Моддаи 234. Ҳуқуқ ба рафъи хавфе, ки ба ҳаёт ва саломатӣ таҳдид мекунад

1. Шахси воқеӣ ҳуқуқ дорад рафъи хавфero, ки ба ҳаёт ва саломатиаш таҳдид мекунад, талаб намояд.

2. Шахси воқеӣ ҳуқуқ дорад ҳаёт ва саломатии худ, инчунин ҳаёт ва саломатии дигаронро аз суиқасди ғайриқонунӣ бо тарзҳои манънакардаи қонун ҳимоя намояд.

### Моддаи 235. Ҳуқуқ ба ёрии тиббӣ

1. Шахси воқеӣ ба ёрии тиббӣ ҳуқуқ дорад.

2. Агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, шахси воқеӣ ҳуқуқ дорад аз муолиҷа даст кашад.

3. Дар ҳолатҳои таъхирнопазир, ҳангоми ҷой доштани таҳдид ба ҳаёти шахси воқеӣ, ёрии тиббӣ бе розигии ӯ ва ё намояндагони қонуниаш расонда мешавад.

4. Шахси воқеӣ дар ҳолатҳои пешбиникардаи қонунгузорӣ уҳдадор аст аз муоинаи тиббӣ гузарад.

### Моддаи 236. Ҳуқуқ ба иттилоот дар бораи вазъи саломатӣ

1. Шахс ба гирифтани маълумоти зарурӣ оид ба вазъи саломатии худ ҳуқуқ дорад. Падару модар ва дигар намояндаи қонунӣ дар бораи вазъи саломатии

кӯдак ё дигар шахсе, ки таҳти парасториашон мебошанд, ҳуқуқ ба иттилоот доранд.

2. Шахси воқеӣ ба сирри вазъи саломатӣ, ҳолати муроҷиат ба ёрии тиббӣ, ташхис, инчунин маълумоте, ки ҳангоми муоинаи тиббӣ ба даст омадааст, ҳуқуқ дорад.

3. Шахси воқеие, ки бинобар иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ ё аз дигар манбаъҳо дар бораи вазъи саломатии шахси дигар иттилоотро ба даст овардааст, уҳдадор аст аз паҳн намудани он худдорӣ намояд.

4. Дар ҳолати марги шахси воқеӣ хешовандони наздик ё шахси дигари ваколатдорнамудаи онҳо ҳуқуқ доранд дар тадқиқи сабаби марг иштирок намуда, бо тамоми ҳуҷҷатҳои марбутаи он шинос шаванд, ҳамчунин хулосаҳо нисбат ба сабаби маргро дар суд мавриди баҳс қарор диҳанд.

## Моддаи 237. Ҳуқуқ ба озодӣ

Шахси воқеӣ ҳуқуқ ба озодӣ дорад ва метавонад мувофиқи иродаи худ бе ягон маҳдудият амал намояд. Озодии шахси воқеӣ набояд ҳуқуқ ва озодиҳои дигаронро халалдор ва маҳдуд созад.

## Моддаи 238. Ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсият

1. Шахси воқеӣ ба дахлнопазирии шахсият ҳуқуқ дорад.

2. Ҳар шахси воқеӣ ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҷисмонӣ дорад.

3. Вайрон намудани дахлнопазирии руҳӣ тавассути фишори маҷбурии ғайриҷисмонӣ, таъсир ба ирода ва шуури шахси воқеӣ бо роҳи таҳдид, гипноз ва истифодаи воситаҳои махсус манъ аст.

## Моддаи 239. Ҳуқуқ ба донорӣ

1. Шахси болиғи дорои қобилияти пурраи амалкунӣ метавонад донори хун, ҷузъҳои он, узву бофтаҳои маводи пайвандсозӣ, инчунин бофтаҳои репродуктивӣ бошад.

2. Гирифтан ва додани хун, ҷузъҳои он, узву бофта, дигар маводи пайвандсозӣ, инчунин бофтаҳои репродуктивӣ мувофиқи қонун амалӣ карда мешаванд.

## Моддаи 240. Ҳуқуқ ба оила

1. Шахси воқеӣ ҳуқуқ ба оила дорад.

2. Шахси воқеӣ набояд хилофи иродааш аз оила ҷудо карда шавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст.

## Моддаи 241. Ҳуқуқ ба муҳити зисти барои ҳаёт ва саломатӣ бехатар

1. Шахси воқеӣ ҳуқуқ ба муҳити зисти барои ҳаёт ва саломатӣ бехатар, иттилооти боэътимод дар бораи вазъи муҳити зист, сифати маҳсулоти хӯрокворӣ ва маводи маишӣ дорад.

2. Шахси воқеӣ ба маҳсулоти хӯрокворӣ ва маводи маишии бехатар ҳуқуқ дорад.

## БОБИ 16. ҲУҚУҚҲОИ ШАХСИИ ҒАЙРИМОЛУМУЛКИЕ, КИ МАВҶУДИЯТИ ИҶТИМОИИ ШАХСИ ВОҚЕИРО ДАР МУНОСИБАТҲОИ МАДАНӢ ТАЪМИН МЕКУНАНД

### Моддаи 242. Ҳуқуқ ба ном

1. Шахси воқеӣ ҳуқуқ ба ном дорад.

2. Шахси воқеӣ ҳуқуқ дорад сабти дуруст ва мувофиқро ба талаффузи номаш талаб намояд. Дар ҳолати таҳриф шудани ном он бояд ислоҳ карда шавад. Агар ном дар ҳуҷҷатҳои расмӣ таҳриф шуда бошад, ин ҳуҷҷат бояд иваз карда шавад. Дар сурати имконнопазирии иваз намудани ҳуҷҷат бояд маълумотномаи тасҳеҳӣ дода шавад. Агар ном дар воситаҳои ахбори омма таҳриф шуда бошад, он бояд дар ҳамин воситаи ахбори омма ислоҳ карда шавад. Сабт ва навишти ном мувофиқи ҳуруфот ва хусусиятҳои забони тоҷикӣ таҳрифи ном ба ҳисоб намеравад.

### Моддаи 243. Ҳуқуқ ба эҳтироми шаъну шараф ва эътибори корӣ

1. Шахси воқеӣ ҳуқуқ ба эҳтироми шаъну шараф ва эътибори корӣ дорад.

2. Шаъну шараф ва эътибори кории шахси воқеӣ дахлнопазиранд. Ба амалҳое, ки бевосита ва ё бавосита ба паст задани шаъну шараф равона шудаанд, роҳ дода намешавад.

### Моддаи 244. Эҳтиром ба шахси вафоткарда

Хешовандони шахси вафоткарда ҳуқуқ доранд эҳтиром ба шахси вафоткардаро талаб намоянд.

### Моддаи 245. Ҳуқуқ ба фардият

1. Шахси воқеӣ ҳуқуқ ба фардият дорад.

2. Шахси воқеӣ ҳуқуқ ба нигоҳ доштани фардияти худро дорад.

### Моддаи 246. Ҳуқуқ ба ҳаёти хусусӣ ва сирри он

1. Шахси воқеӣ ҳуқуқ ба ҳаёти хусусӣ ва дахлнопазирии онро дорад.

2. Шахси воқеӣ ҳуқуқ ба нигоҳ доштани сирри ҳолатҳои ҳаёти хусусиро дорад. Ҳама гуна амале, ки ба бевосита ё бавосита фош намудани он равона шудаанд, манъ мебошанд. Бе розигии шахси воқеӣ ифшо намудани сирри ҳаёти хусусии ӯ мумкин нест.

### Моддаи 247. Ҳуқуқ ба иттилоот

1. Шахси воқеӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ҳуқуқи озодона ҷамъ овардан, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн намудани иттилоотро дорад.

2. Ҷамъ овардан, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн намудани иттилоот дар бораи ҳаёти хусусӣ бе розигии шахси воқеӣ иҷозат дода намешавад, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонун.

### Моддаи 248. Ҳуқуқ ба сабти шахсӣ

1. Сабтҳои шахсӣ (ҳуҷҷатҳо, аксҳо, дафтари хотира, дигар сабтҳо, маводи бойгонии шахсӣ ва ғайра) дахлнопазир буда, сарфи назар аз арзиши молумулкию ғайримолумулкӣ ҳифз карда мешаванд.

2. Шинос шудан бо сабтҳои шахсӣ ва истифодаи онҳо танҳо бо иҷозати ҳуқуқдор сурат гирифта метавонад.

### Моддаи 249. Ҳуқуқ ба маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти дигар

1. Шахси воқеӣ ҳуқуқ ба маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти дигарро дорад. Мактуб ва дигар ҳомиле, ки дар натиҷаи мухобирот ба даст оварда шудаанд, ба шахси унвонӣ мансуб мебошанд.

2. Бо мактуб ва дигар ҳомиле, ки дар натиҷаи мухобирот ба даст оварда шудаанд, бе розигии шахси унвонӣ ва шахси ирсолнамуда шинос шудан ва истифода намудан манъ аст.

3. Маҳдуд кардани ҳуқуқ ба маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти дигар танҳо тибқи қонун ва бо иҷозати суд сурат мегирад.

### Моддаи 250. Ҳуқуқ ба тасвир

1. Истифодаи тасвири шахси воқеӣ (аз ҷумла акси ӯ, асари санъати тасвирӣ, ки дар он шахс тасвир ёфтааст), ҳамчунин сабти видеоӣ, телевизионӣ ва ғайра танҳо бо розигии ӯ сурат гирифта метавонад.

2. Ҳангоми сабти ошкоро дар кӯчаю хиёбонҳо, ҷаласаҳо, гирдиҳамоиҳо, конфронсҳо ва дигар чорабиниҳои дорои хусусияти оммавӣ розигии шахс дар назар дошта мешавад, ба истиснои ҳолате, ки тасвири шахс объекти асосии истифода мебошад.

3. Сабти шахси воқеӣ бе розигии ӯ танҳо дар ҳолатҳои пешбиникардаи қонун иҷозат дода мешавад. Барои сабт дар биною иншоот, мағоза, роҳҳо ва ғайра, ки бо мақсади таъмини амният амалӣ мешавад, розигии шахси воқеӣ талаб карда намешавад, ба шарте маводи сабт ба шахсони дигар дастрас набошад ва дар хусуси сабт шахси воқеӣ аз навиштаҷот ва ё бо тартиби дигар огоҳ гардида бошад.

4. Агар шахси воқеӣ барои тасвир ёфтан дар акс ва ё дигар асари санъат подош гирифта бошад, барои таҷдид, ба таври оммавӣ намоиш додан ва паҳн намудани он минбаъд розигии ӯ талаб карда намешавад.

### Моддаи 251. Ҳуқуқ ба озодии эҷодиёт

1. Шахси воқеӣ ҳуқуқ ба озодии эҷодиётро дорад.

2. Шахси воқеӣ ҳуқуқ дорад озодона соҳа, мазмун ва шакли эҷодиётро муайян намояд.

3. Муаллифӣ ҳуқуқи бегонанашаванда мебошад.

### Моддаи 252. Ҳуқуқ ба маҳалли истиқомат ва озодии мусофират

1. Шахси воқеӣ ҳуқуқ ба маҳалли истиқомат дорад.

2. Шахси воқеӣ ҳуқуқ ба озодии мусофират, интихоби маҳалли истиқомат, иваз кардани он, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба онро дорад, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонун.

3. Шахси воқеие, ки ба синни ҳаждаҳ нарасидааст, танҳо бо розигии падару модар ё шахсони дигари ивазкунандаи онҳо ва ҳамроҳи онҳо ё шахси дигари ваколатдорнамудаи онҳо ҳуқуқ ба тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба онро дорад.

### Моддаи 253. Ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил

1. Манзили шахси воқеӣ дахлнопазир аст.

2. Агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, таҳти мафҳуми манзил дар муносибатҳои маданӣ хонаи истиқоматӣ бо биноҳои инфиродии муайян ва иморату қисматҳои истифодабарии ёрирасон, новобаста ба шакли моликият ва ба фонди манзил дохилшаванда, ки барои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ мувофиқ аст, ҳамчунин дигар бино ё иншооти ба фонди манзил дохилнашаванда, вале барои истиқомати муваққатӣ таъингардида ва ҳудуди назди хона, ба шарте бо ягон аломат мансубияти он баръало маълум бошад, фаҳмида мешавад.

3. Дар ҳолатҳои таъхирнопазир, ки ба наҷот додани ҳаёти одамон ва молу мулк алоқаманд мебошанд ва дигар ҳолатҳо қонун тартиби бе розигӣ ворид шудан ба манзили шахси воқеиро пешбинӣ карда метавонад.

### Моддаи 254. Ҳуқуқ ба интихоби касбу кор

1. Шахси воқеӣ ҳуқуқ ба интихоби касбу корро дорад.

2. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун машғул шудан ба касбу кори муайян ё ишғоли вазифаи муайян метавонад маҳдуд карда шавад.

## ФАСЛИ III. ҲУҚУҚИ АШЁ

## БОБИ 17. МАФҲУМ ВА НАМУДҲОИ СОҲИБӢ

### Моддаи 255. Мафҳуми соҳибӣ

1. Соҳибӣ ҳукмфармоии воқеии шахс нисбат ба объекти соҳибишаванда (моддаи 257 ҳамин Кодекс) мебошад, ки то мавҷуд будани дастрасии озоди соҳиб ба ин объект нигоҳ дошта мешавад.

2. Вайрон гардидани соҳибӣ боиси аздастрафта дониста шудани он намегардад, ба шарте шахс бо тартиби муқарраршуда аз ҳимояи соҳибӣ истифода намуда бошад.

3. Соҳибӣ метавонад дар асоси ҳуқуқ ба объекти соҳибӣ амалӣ карда шавад, ки ваколати соҳибиро дар бар мегирад.

4. Ба даст овардани ҳуқуқ ба объекти соҳибӣ (моддаи 258 ҳамин Кодекс) маънои ба даст овардани соҳибии ин объектро надорад, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

5. Додани объекти соҳибӣ ба шахси дигар аз ҷониби шахсе, ки ҳуқуқи дарбаргирандаи ваколати соҳибӣ ба ин объект ба ӯ мансуб аст, боиси қатъ гардидани ин ҳуқуқ намегардад, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

6. Агар нисбат ба объекти соҳибӣ якчанд ҳуқуқ ҷой дошта бошад, ки ваколати соҳибиро дар бар гирад, соҳиб шахсе дониста мешавад, ки ҳукмфармоии воқеиро нисбати объекти соҳибӣ амалӣ менамояд.

7. Соҳибии ашё ба қайди давлатӣ гирифта намешавад.

## Моддаи 256. Субъектҳои соҳибӣ

1. Соҳибӣ ба ҳар шахс дастрас аст.

2. Аз ҷониби якчанд шахс ҳамзамон соҳибӣ намудани як объект иҷозат дода намешавад, агар аз қонун, шартнома ё моҳияти муносибати байни ин шахсон тартиби дигар барнаояд.

3. Иштирокдорони моликияти умумӣ метавонанд ҳамзамон объекти ба онҳо мансубро соҳибӣ намоянд.

4. Шахсоне, ки бинобар муносибатҳои хешӣ ё меҳнатӣ бо соҳиб ба объекти соҳибӣ дастрасӣ доранд, аз ҷумла кормандони шахси ҳуқуқии соҳиби ин объект, соҳиб намебошанд.

## Моддаи 257. Объектҳои соҳибӣ

1. Объектҳои соҳибӣ ашё, аз ҷумла пули накд ва коғазҳои қиматноки ҳуҷҷатӣ, мебошанд.

2. Ашёи бо нишонаи навъ муайяншаванда дар сурати фардикунонӣ объекти соҳибӣ дониста мешаванд.

3. Ашёе, ки дар ҷараёни бунёд қарор доранд, мумкин аст объекти соҳибӣ дониста шаванд.

4. Ашёи муомилоти маданиашон маҳдуд, ки танҳо ба иштирокдорони муайяни муомилот мансуб мебошанд, метавонанд дар соҳибии шахсони дигар қарор дошта бошанд, агар дар қонун тартиби дигар муқаррар нашуда бошад.

5. Соҳибӣ ба қисми ашёи ғайриманқул иҷозат дода мешавад, агар муайян намудани қисми он имконпазир бошад.

## Моддаи 258. Ба даст овардани соҳибӣ

1. Соҳибӣ бо муқаррар кардани ҳукмфармоии воқеӣ нисбат ба ашё, аз ҷумла дар натиҷаи супоридани он ба бадасторанда ё бо тарзи дигар ба соҳибӣ ворид шудани ашё, ба даст оварда мешавад.

2. Соҳибӣ мумкин аст бо ҳаракатҳои яктарафаи бадасторанда ба даст оварда шавад, агар соҳиб шароитро барои бадасторанда ҷиҳати озодона дастрас намудани объекти соҳибӣ фароҳам оварда бошад.

3. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун дастрасии бадасторанда ба объекти соҳибӣ мумкин аст аз ҷониби суд ё дигар мақомоти ваколатдори давлатӣ таъмин карда шавад.

4. Ба даст овардани соҳибӣ мумкин аст бо тартиб додани санади супоридан ё ҳуҷҷати дигари тасдиқкунандаи бадастории соҳибӣ тасдиқ карда шавад. Шахси дар чунин санад ё ҳуҷҷат номбаршуда то замоне, ки аз ҷониби суд ҳолати дигар муқаррар нагардад, соҳиб дониста мешавад.

5. Бадастории соҳибӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ё созишнома ва ё аз моҳияти муносибати тарафҳо бароянда мумкин аст бо доштани аломат (рамз)-и объекти соҳибӣ тасдиқ карда шавад.

6. Ҳолати ба даст овардан ё аз даст додани соҳибӣ бо тартиби судӣ муайян карда мешавад.

### Моддаи 259. Соҳибӣ дар асоси қонун

1. Соҳибӣ қонунӣ дониста мешавад, агар он дар асосҳои зерин амалӣ карда шавад:

- ҳуқуқи моликият ё дигар ҳуқуқи ашё, ки ваколати соҳибиро дар бар мегирад;

- созишнома бо молик ё дорандаи дигар ҳуқуқҳои ашё, ки ваколати соҳибиро дар бар мегирад.

2. То замоне, ки ҳолати дигар аз ҷониби суд муқаррар нагардида бошад, соҳибӣ қонунӣ дониста мешавад.

### Моддаи 260. Соҳибии бовиҷдонона

1. Соҳибие, ки ҳангоми ҷой надоштани асосҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи 259 ҳамин Кодекс амалӣ карда мешавад, бовиҷдонона дониста мешавад, агар соҳиб намедонист ва наметавонист донад, ки соҳибиро ғайриқонунӣ ба даст оварда истодааст ва ё асоси қонунии соҳибӣ аз байн рафтааст.

2. То замоне, ки ҳолати дигар аз ҷониби суд муқаррар нагардида бошад, соҳибӣ бовиҷдонона дониста мешавад.

## БОБИ 18. ҲИМОЯИ СОҲИБӢ

### Моддаи 261. Ҳуқуқ ба ҳимояи соҳибӣ

1. Ҳимояи соҳибӣ бо роҳи баргардондани ашё ба шахсе, ки аз он маҳрум шудааст, амалӣ мегардад.

2. Ҳуқуқ ба ҳимояи соҳибиро ҳар як соҳиб (қонунӣ ва ғайриқонунӣ) новобаста ба доштани ҳуқуқ ба объекти соҳибӣ, ки ваколати соҳибиро дар бар мегирад, доро мебошад. Дар ҳолатҳои муайяннамудаи қонун аз ҳимояи соҳибӣ шахсони дигаре, ки соҳиб намебошанд, истифода бурда метавонанд.

3. Ҳимояи соҳибӣ мумкин аст аз ҷониби соҳиб мустақилона (худҳимоякунӣ), бо роҳи мурожиат ба мақомоти ваколатдори давлатӣ ё мақомоти маҳаллии худидоракунӣ, инчунин бо тартиби судӣ амалӣ карда шавад.

4. Худҳимоякунии соҳибӣ бо тарзи дилхоҳе, ки ба моддаи 13 ҳамин Кодекс мухолифат надорад, амалӣ шуда метавонад.

5. Ҷиҳати ҳимояи соҳибӣ бо тартиби судӣ шахсоне, ки ба синни чордаҳ расидаанд, аз ҷумла шахсоне, ки аз ҷониби суд дорои қобилияти маҳдуди амалкунӣ эътироф шудааст, мурожиат карда метавонанд.

6. Соҳиб ҳуқуқ дорад беэътибор донистани санади ғайримеъёрии мақомоти давлатӣ ё мақомоти маҳаллии худидоракуниро, ки соҳибии онро вайрон мекунад, талаб намояд.

7. Соҳиб ҳуқуқ дорад аз шахсе, ки бо ҳаракатҳои худсаронааш соҳибиро вайрон кардааст, ҷуброни зарари расидаро талаб намояд.

8. Ворисӣ ҳуқуқӣ ҳангоми ворисии ҳуқуқии умумӣ ҳуқуқ ба ҳимояи соҳибиро низ, ки ҳуқуқдори пешина гум кардааст, ба даст меорад.

### Моддаи 262. Талаби ҳимояи соҳибӣ

1. Талаби соҳиб оид ба ҳимояи соҳибӣ аз ҷониби суд қонеъ карда мешавад, агар муқаррар гардад, ки ашё аз соҳибии он бар хилофи иродааш дар натиҷаи тасарруф, худсарӣ ё роҳи дигар баромадаанд.

2. Талаби ҳимояи соҳибӣ аз ҷониби шахсе, ки соҳибиро охирин гум кардааст, пешниҳод карда мешавад.

3. Талаби ҳимояи соҳибӣ ба шахсе, ки ашё воқеан дар ихтиёраш қарор доранд, пешниҳод карда мешавад.

4. Соҳибе, ки соҳибии ашёро нигоҳ доштааст, ҳуқуқ дорад аз шахсоне, ки ҳаракатҳояшон барои маҳрум кардани соҳибии ашё ё монеа ба соҳибӣ равона шудаанд, қатъ намудани чунин ҳаракатҳоро талаб намояд.

### Моддаи 263. Тақсими гаронии исбот ҳангоми ҳимояи соҳибӣ

1. Шахсе, ки талабот оид ба ҳимояи соҳибиро пешниҳод кардааст, бояд исбот кунад, ки ӯ ашёи мазкурро на кам аз як сол то вайронкуние, ки асос барои пешниҳоди чунин талабот шудааст, соҳибӣ мекард.

2. Қоидаҳои дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинишуда ҳамчунин ҳангоми пешниҳоди талабот аз ҷониби соҳиб мувофиқи қисми 6 моддаи 261 ҳамин Кодекс татбиқ карда мешаванд.

3. Соҳиби қонунӣ (моддаи 259 ҳамин Кодекс) ва соҳиби бовиҷдон (моддаи 261 ҳамин Кодекс) ҳуқуқ доранд ҳимояи соҳибии худро, сарфи назар аз вақти соҳибии ашё, талаб намоянд.

4. Ҳимояи соҳибӣ мумкин аст рад карда шавад, агар шахсе, ки ба ӯ талаби дахлдор пешниҳод шудааст, исбот намояд, ки соҳибии ашё бо иродаи соҳиб гум шуда буд.

### Моддаи 264. Норозигӣ ба талабот оид ба ҳимояи соҳибӣ

1. Шахсе, ки ба он талабот оид ба ҳимояи соҳибӣ пешниҳод шудааст, наметавонад ба нишони норозигӣ ба он ҳавола намояд, ки ба ӯ ҳуқуқ ба объекти соҳибӣ мансуб аст, вале ҳуқуқ дорад талаботи мутақобилро оид ба ҳимояи ҳуқуқи ашё ба ин ашё ба шарти пешакӣ супоридани ашёи баҳснок ба соҳибии шахсе, ки суд муайян кардааст (секвестр), пешниҳод кунад.

2. Ҳамаи хароҷоти вобаста ба талаботи мутақобилро, сарфи назар аз натиҷаи баррасии он, шахсе ба зимма дорад, ки онро пешниҳод кардааст, ба истиснои ҳолатҳое, ки талабот оид ба ҳимояи соҳибӣ аз ҷониби суд беасос дониста шудааст.

3. Аз ҷониби шахси сеюм пешниҳод шудани талабот оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои ашё ба шахсе, ки нисбати он талабот оид ба ҳимояи соҳибӣ пешниҳод шудааст, баррасии талабот оид ба ҳимояи соҳибиро боз намедорад.

### Моддаи 265. Муҳлати даъво аз рӯйи талаботи ҳимояи соҳибӣ

Муҳлати даъво аз рӯйи талаботи ҳимояи соҳибӣ як сол мебошад. Ҷараёни муҳлати даъво аз рӯйи талаби мазкур аз рӯзи гум кардани соҳибӣ ва дар ҳолати дар қисми 4 моддаи 262 ҳамин Кодекс қайдшуда аз рӯзи анҷом додани ҳаракатҳое, ки барои маҳрум кардан аз соҳибӣ ё монеаи соҳибӣ равона шудаанд, оғоз мегардад.

### Моддаи 266. Ҳисоббаробаркунӣ ҳангоми қонеъ намудани талабот оид ба ҳимояи соҳибӣ

Агар суд санади судӣ оид ба баргардондани объекти соҳибӣ ба даъвогарро қабул кунад, ҳамзамон бояд масъалаи ҳисоббаробаркунӣ ҳангоми баргардондани объекти соҳибиро аз рӯйи қоидаи моддаи 276 ҳамин Кодекс ҳал намояд.

## БОБИ 19. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ ОИД БА ҲУҚУҚҲОИ АШЁ

### Моддаи 267. Мафҳуми ҳуқуқи ашё

1. Ҳуқуқи ашё ба шахс ҳукмфармоии бевоситаро ба ашё медиҳад ва асос барои дар якҷоягӣ ва ё алоҳидагӣ амалӣ намудани ваколатҳои соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории он дар доираи муқаррарнамудаи қонунгузорӣ мебошад.

2. Ҳуқуқи ашё бевосита нисбати ашё гарониро ба вуҷуд оварда, ашёро пайгирӣ менамояд.

3. Ҳуқуқи ашё муҳлати амал надорад, агар дар қонун тартиби дигар муқаррар нашуда бошад.

4. Аз даст додани соҳибии ашё ҳуқуқи ашёро ба он қатъ намегардонад.

5. Ҳуқуқи ашё аз вайронкунии ҳама гуна шахс ҳимоя карда мешавад.

6. Ҳуқуқҳои ашё ҳуқуқҳое мебошанд, ки бо ҳамин Кодекс ва қонунҳои дигар эътироф карда шудаанд.

7. Субъектҳо, объектҳо, мазмун ва амалисозии ҳуқуқҳои ашё, асосҳои ба вуҷуд омадан ва қатъ шудани ҳуқуқҳои ашё, ҳамчунин қоидаҳои ҳимояи онҳо бо ҳамин Кодекс ва қонунҳои дигар муқаррар карда мешаванд.

### Моддаи 268. Объектҳои ҳуқуқҳои ашё

1. Ашё объекти ҳуқуқҳои ашё мебошад. Ашёи бо нишонаи навъ муайяншаванда дар сурати фардикунонӣ объекти ҳуқуқҳои ашё мешаванд.

2. Дар ҳолати ба даст овардани ашёи мураккаб ҳуқуқи ашё ба ҳар як ашёи таркибии он ба вуҷуд меояд.

3. Тақсим ва васли ашё, ки нисбаташон ҳуқуқҳои ашё мавҷуданд, боиси қатъи ин ҳуқуқҳо намегарданд, агар аз қонун ва ё созишномаи дахлдор тартиби дигар барнаояд.

4. Тақсими ашёе, ки нисбаташон ҳуқуқи маҳдуди ашёи дорои ваколати соҳибӣ мавҷуд аст, аз ҷумла бо мақсади дар шакли асл ҷудо намудани ҳисса дар ҳуқуқи моликияти умумӣ ба ин ашё, иҷозат дода намешавад.

### Моддаи 269. Намудҳои ҳуқуқҳои ашё

1. Ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқҳои маҳдуди ашё ҳуқуқҳои ашё ба ҳисоб мераванд. Ҳуқуқҳои маҳдуди ашё ба ашёе, ки дар моликияти шахси дигар қарор доранд, муқаррар карда мешаванд.

2. Ба ҳуқуқҳои маҳдуди ашё мансубанд:

- ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ;

- ҳуқуқи идораи оперативӣ;

- сервитути ашёи ғайриманқул;

- ҳуқуқҳои дигари ашё.

3. Нисбати муносибатҳо вобаста ба тааллуқ доштани як ҳуқуқи маҳдуди ашё ба ду ва ё якчанд шахс мувофиқан қоидаҳои моликияти умумӣ татбиқ мегарданд, агар ҳамин Кодекс тартиби дигарро муқаррар накарда бошад ва ё аз моҳияти ҳуқуқи маҳдуди ашё тартиби дигар барнаояд. Тақсими ашё, ки нисбати онҳо ин ҳуқуқ муқаррар карда шудааст, бо талаби ин шахсон аз он ҳиссаро дар шакли асл ҷудо намудан иҷозат дода намешавад.

### Моддаи 270. Ба даст овардан ва муқаррар намудани ҳуқуқҳои ашё

Ҳуқуқҳои ашё тибқи асосҳо ва қоидаҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ва қонунҳои дигар, ки намудҳои алоҳидаи ҳуқуқҳои ашёро танзим менамоянд, ба даст оварда мешаванд.

### Моддаи 271. Амалисозии ҳуқуқҳои ашё

1. Ҳуқуқҳои ашё бо риояи ҳуқуқу манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи шахсони дигар амалӣ карда мешаванд.

2. Шахсе, ки дар ҳамсоягӣ молу мулки ғайриманқулро соҳибӣ мекунад, ҳангоми амалисозии ҳуқуқҳои ашёи ба он тааллуқдошта бояд маҳдудиятҳои бо қонунгузорӣ муқарраргардидаро ба манфиати ҳамсоя риоя намояд (ҳуқуқи ҳамсоягӣ), ҳамчунин ашёи ғайриманқули худро дар ҳолати муносиб нигоҳ дорад.

3. Ваколатҳои шахси дорои ҳуқуқи маҳдуди ашё нисбат ба ваколатҳои дахлдори молик ба таври афзалиятнок амалӣ мегарданд.

4. Ҳангоми бархӯрди ваколатҳои соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ, ки ба мазмуни ҳуқуқҳои маҳдуди ашё ба як ашё дохиланд, бартарӣ ба ҳуқуқи маҳдуди ашёи пештар пайдошуда дода мешавад, агар дар қонунгузорӣ тартиби дигар муқаррар нашуда бошад.

## БОБИ 20. ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ АШЁ

### Моддаи 272. Тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои ашё

1. Ҳимояи ҳуқуқҳои ашё тавассути тарзҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс амалӣ карда мешавад, аз ҷумла:

- эътирофи ҳуқуқи ашё тибқи муқаррароти моддаи 273 ҳамин Кодекс;

- талаб карда гирифтани ашё аз соҳибии ғайриқонунӣ (даъвои виндикатсионӣ) тибқи моддаҳои 274-276 ҳамин Кодекс;

- бартараф намудани вайронкуниҳои ҳуқуқи ашёе, ки ба маҳрум кардан аз соҳибӣ алоқаманд намебошанд (даъвои негаторӣ), тибқи моддаи 277 ҳамин Кодекс;

- аз ҳабс озод кардани ашё ва ё дигар объекти ҳуқуқи ашё (аз рӯйхат баровардан) тибқи моддаи 278 ҳамин Кодекс.

2. Молик ҳуқуқи талаб карда гирифтани ашёро аз соҳибии шахсе, ки дорои ҳуқуқи маҳдуди ашёи фарогири ваколати соҳибӣ ба чунин ашё мебошад, надорад, агар дар ҳамин Кодекс ва қонунҳои дигар тартиби дигар муқаррар нашуда бошад.

3. Шахсе, ки барои ҳимояи ҳуқуқи ашё муроҷиат намудааст, уҳдадор аст исбот намояд, ки ҳуқуқи мазкур ба он тааллуқ дорад.

### Моддаи 273. Эътирофи ҳуқуқи ашё

1. Бо мақсади ҳимояи ҳуқуқи ашёи баҳсшаванда талаботро оид ба эътирофи ҳуқуқи ашё пешниҳод кардан мумкин аст.

2. Ҷавобгар тибқи даъво оид ба эътирофи ҳуқуқи ашё шахсест, ки бо эътирофи чунин ҳуқуқи ашёи даъвогар ҳуқуқҳои он халалдор мегарданд. Агар ҷавобгарро аз рӯйи даъво оид ба эътирофи ҳуқуқи ашё муайян кардан ғайриимкон бошад, даъво метавонад бе нишон додани ҷавобгар пешниҳод карда шавад.

3. Даъвогар уҳдадор аст иттилоот дар бораи пешниҳоди даъво оид ба эътирофи ҳуқуқи ашёро дар воситаҳои ахбори омма интишор намояд.

### Моддаи 274. Талаб карда гирифтани ашё аз соҳибии ғайриқонунӣ

1. Молик ҳуқуқ дорад ашёро аз соҳибии ғайриқонунии шахси бегона талаб карда гирад (даъвои виндикатсионӣ).

2. Шахси дорандаи ҳуқуқи маҳдуди ашёи фарогири ваколати соҳибӣ ҳуқуқ дорад ашёро аз соҳибии ғайриқонунии шахси бегона тибқи ҳамон асосҳо ва қоидаҳое, ки молики ашё дорад (моддаҳои 274-276 ҳамин Кодекс), талаб карда гирад.

3. Молик ҳамчунин ҳуқуқи талаб карда гирифтани ашёро аз соҳибии ғайриқонунии шахси бегона ба манфиати ҳуқуқдори маҳдуди ашёи фарогири ваколати соҳибӣ, ки аз ин ҳуқуқаш истифода накардааст, дорад.

4. Қонеъ гардондани даъвои виндикатсионӣ нисбати шахсе, ки ҳуқуқи он ба қайд гирифта шудааст, барои бекор намудани сабти ҳуқуқи чунин шахс ва ба қайд гирифтани ҳуқуқи шахсе, ки ашёро аз соҳибии ғайриқонунии шахси бегона талаб кардааст, асос шуда метавонад.

### Моддаи 275. Талаб карда гирифтани ашё аз бадасторандаи бовиҷдон

1. Агар ашё ба таври музднок аз шахсе ба даст оварда шуда бошад, ки ҳуқуқи бегона кардани онро надошт ва бадасторанда аз ин огоҳ набуд ва огоҳ буда ҳам наметавонист (бадасторандаи бовиҷдон), молик дар ҳолате ҳуқуқ дорад онро аз бадасторанда талаб карда гирад, ки агар чунин ашёро молик ё шахсе, ки молик ба он барои соҳибӣ додааст, гум карда бошад ё аз яке аз онҳо тасарруф шуда бошад ё бо роҳи дигар бе иродаи онҳо аз соҳибиашон баромада бошад.

2. Агар ашё аз шахсе, ки ба бегона кардани он ҳуқуқ надошт, ба таври ройгон гирифта шуда бошад, молик дар ҳама ҳолат ба талаб карда гирифтани он ҳуқуқ дорад.

3. Агар ашёи ғайриманқул аз шахсе ба даст оварда шавад, ки ин ҳуқуқаш ба қайд гирифта нашуда буд, молик ҳуқуқи талаб карда гирифтани ин гуна ашёро дар ҳама ҳолат доро мебошад.

4. Аз бадасторандаи бовиҷдон талаб карда гирифтани пул ва коғазҳои қиматноки манзурӣ мумкин нест, ҳатто агар онҳо аз соҳибии молик ё шахсе, ки ба соҳибиаш онҳо дода шуда буданд, бе иродаашон баромада бошанд.

### Моддаи 276. Ҳисоббаробаркунӣ ҳангоми баргардондани ашё аз соҳибии ғайриқонунӣ

1. Ҳангоми талаб карда гирифтани ашё аз соҳибии ғайриқонунии шахси бегона молик ҳамчунин ҳуқуқ дорад аз шахсе, ки медонист ё бояд медонист, ки соҳибиаш ғайриқонунӣ мебошад (бадасторандаи бевиҷдон), баргардондан ё пардохти ҳамаи даромадеро, ки чунин шахс ба даст овардааст ё мебоист дар тамоми давраи соҳибиаш ба даст орад, талаб намояд.

2. Ҳангоми талаб карда гирифтани ашё аз соҳибии ғайриқонунии шахси бегона, аз бадасторандаи бовиҷдон талаб намудани баргардондан ё пардохти даромаде, ки бадасторандаи бовиҷдон ба даст овардааст ё мебоист ба даст орад, аз лаҳзаи огоҳ гардидан ё лаҳзае, ки мебоист аз соҳибии ғайриқонуниаш огоҳ гардад ва ё аз лаҳзаи гирифани хабарномаи суд вобаста ба даъвои виндикатсионии молик нисбати он, мумкин аст.

3. Бадасторандаи бовиҷдон дар навбати худ ҳуқуқ дорад аз молик пардохти хароҷоти заруриашро нисбати ашё аз лаҳзае, ки молик ҳуқуқи даромад аз ашёро ба даст меорад, талаб намояд.

4. Бадасторандаи бовиҷдон ҳуқуқ дорад беҳбудиҳои анҷомдодаашро дар ихтиёри худ нигоҳ дорад, агар ҷудо карда гирифтани онҳо бе расондани осеб ба ашё имконпазир бошад. Агар чунин ҷудо карда гирифтани беҳбудиҳо имконнопазир бошад, бадастоварандаи бовиҷдон ҳуқуқ дорад пардохти хароҷотро барои беҳбудӣ талаб намояд, вале на бештар аз андозаи арзиши афзудаи ашё.

### Моддаи 277. Бартараф намудани вайронкуниҳои ҳуқуқи ашёе, ки ба маҳрум кардан аз соҳибӣ алоқаманд намебошанд

1. Молик ва ё шахсе, ки дорои ҳуқуқи маҳдуди ашё мебошад, ҳуқуқ дорад бартараф намудани ҳама гуна вайронкунии ҳуқуқашро, ки ба маҳрум кардан аз соҳибӣ алоқаманд намебошад, талаб намояд (даъвои негаторӣ).

2. Молики ашё ҳуқуқ дорад даъвои негаториро ба дорандагони ҳуқуқҳои маҳдуди ашё нисбат ба ҳамин ашё пешниҳод намояд, агар онҳо ҳуқуқҳои худро амалӣ намуда, аз ҳадди муқарраршуда берун баромада бошанд.

3. Шахсе, ки ҳуқуқи маҳдуди ашё дорад, метавонад ба молик ва ё дигар дорандаи ҳуқуқи маҳдуди ашё даъвои негаторӣ пешниҳод намояд, агар молик ё чунин шахс ҳуқуқи ҳимояшавандаи ашёро вайрон намояд.

### Моддаи 278. Аз ҳабс озод кардани ашё (аз рӯйхат баровардан)

1. Талабот дар бораи аз ҳабс озод кардани ашё (аз рӯйхат баровардан) метавонад аз ҷониби шахсе пешниҳод карда шавад, ки ҳуқуқи ашёи он дар натиҷаи ҳабс гузоштан ба ашё вайрон карда шудааст.

2. Талабот дар бораи аз ҳабс озод кардани ашё ба шахсе, ки ба манфиати он ашё ба ҳабс гузошта шудаанд, ҳамчунин ба шахси қарздор ва ё шахси дигаре, ки тибқи талабот нисбати он ашё ба ҳабс гузошта шудаанд, пешниҳод карда мешавад.

3. Ҳангоми пешниҳод намудани талабот дар бораи аз ҳабс озод намудани ашё суд метавонад фурӯши маҷбурии онҳоро боздорад.

4. Қоидаҳои моддаи мазкур ҳангоми мавриди баҳс қарор додани ҳабсе, ки бо мақсади таъмини талабот ба худи молики ашё ё шахси дорандаи ҳуқуқи маҳдуди ашё ба чунин ашё гузошта шудааст, паҳн намегардад.

## БОБИ 21. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ ОИД БА ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТ

### Моддаи 279. Мафҳум ва мазмуни ҳуқуқи моликият

1. Ҳуқуқи моликият ҳуқуқи бо қонунгузорӣ эътирофгардида ва ҳифзшавандаи субъект ҷиҳати ба салоҳдиди худ соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани ашёе мебошад, ки ба он мансубанд.

2. Ҳуқуқи соҳибӣ имконияти бо ҳуқуқ таъминшудаи амалигардонии воқеии доштани ашё мебошад.

3. Ҳуқуқи истифодаи ашё имконияти бо ҳуқуқ таъминшудаи аз ашё ба даст овардани хосиятҳои табиии фоиданоки он ва ҳамчунин аз он фоида гирифтан аст. Фоида метавонад ҳамчун даромад, афзоиш, самара, насл ё шаклҳои дигар ба даст ояд.

4. Ҳуқуқи ихтиёрдорӣ имконияти бо ҳуқуқ таъминшудаи муайян намудани тақдири ҳуқуқии ашё мебошад.

5. Молик ҳуқуқ дорад мутобиқи салоҳдиди худ нисбати ашё ҳама гуна амалро раво бинад, аз ҷумла онро ба шахсони дигар бегона намояд, худ молик монаду ваколатҳояшро дар мавриди соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ кардани ашё ба онҳо диҳад, ашёро ба гарав гузорад ва бо тарзҳои дигар гаронӣ ё маҳдудият муайян намояд ё онро ба таври дигар ихтиёрдорӣ кунад.

6. Аз ҷониби молик амалӣ намудани ваколатҳояш набояд ҳуқуқ ва манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи шахсони дигарро вайрон кунад (аз ҷумла бо роҳи суиистифода аз вазъи инҳисорӣ ва ҳукмфармоии молик ва шаклҳои дигар).

7. Молик уҳдадор аст барои пешгирии хисороти воқеӣ, ки ҳангоми амалисозии ҳуқуқҳояш ба саломатии шахсони воқеӣ ва муҳити атроф расидааст, тадбирҳо андешад.

8. Ҳуқуқи моликият бемуҳлат мебошад.

9. Ҳуқуқи моликият ба ашё мумкин аст танҳо тибқи асосҳо, ки ҳамин Кодекс ва ё қонунҳои дигар пешбинӣ намудаанд, маҷбуран қатъ карда шавад.

10. Тибқи ҳолатҳо, шарт ва ҳадди пешбининамудаи қонунгузорӣ молик уҳдадор аст ба шахсони дигар истифодаи маҳдуди ашёи худро иҷозат диҳад.

### Моддаи 280. Гаронии нигаҳдории ашё

1. Молик масъулияти нигаҳдории ашёи худро ба уҳда дорад ва наметавонад якҷониба ин масъулиятро ба зиммаи шахси сеюм вогузорад, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс ё қонунҳои дигар ба молик метавонад ухдадории нигаҳдории ашёи ба он тааллуқдошта дар ҳолати муносиб ва хароҷоти вобаста ба он вогузор карда шавад.

## Моддаи 281. Таваккали тасодуфан нобуд ё тасодуфан вайрон шудани ашё

1. Таваккали тасодуфан нобуд ё тасодуфан вайрон шудани ашё ба зиммаи молик гузошта мешавад, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Таваккали тасодуфан нобуд ё тасодуфан вайрон шудани ашёи бегонашаванда ҳамзамон бо пайдо шудани ҳуқуқи моликият ба бадасторанда мегузарад, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

3. Агар шахси бегонакунандаи ашё дар гузаштани мухлати додани ашё гунаҳгор бошад ё бадасторанда дар гузаштани мухлати қабули он гунаҳгор бошад, таваккали тасодуфан нобуд ё тасодуфан вайрон шудани ашё ба зиммаи тарафе гузошта мешавад, ки мухлатро гузарондааст, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

## Моддаи 282. Субъектҳои ҳуқуқи моликият

1. Субъектҳои ҳуқуқи моликият дар Тоҷикистон шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, давлат ва мақомоти маҳаллии худидоракунӣ мебошанд.

2. Қонун намудҳои ашёеро, ки танҳо дар моликияти давлатӣ буда метавонанд, муайян менамояд.

## Моддаи 283. Шаклҳои моликият

1. Моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар шаклҳои хусусӣ ва давлатӣ вуҷуд дошта бошад.

2. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дахлнопазирӣ ва имконоти амалисозии ҳуқуқи моликияти ҳар як молик, рушди шаклҳои гуногуни моликият шароити зарурии баробар фароҳам меоварад ва ҳимояи онҳоро таъмин мекунад.

## Моддаи 284. Мафҳум ва намудҳои моликияти хусусӣ

1. Моликияти хусусӣ дар намуди моликияти шахсони воқеӣ ё моликияти шахсони ҳуқуқии ғайридавлатӣ буда метавонад.

2. Ба моликияти хусусӣ метавонанд ҳама гуна молу мулк, ба ғайр аз намудҳои алоҳидаи ашё, ки мутобиқи қонун наметавонанд ба шахсони воқеӣ ё шахсони ҳуқуқӣ тааллуқ дошта бошанд, дохил шаванд.

3. Теъдод ва арзиши молу мулке, ки таҳти моликияти хусусӣ қарор доранд, маҳдуд карда намешавад, ба истисноι ҳолатҳои пешбининамудаи қонун.

## Моддаи 285. Ҳуқуқи моликияти давлатӣ

1. Моликияти давлатӣ дар намудҳои моликияти ҷумҳуриявӣ ва моликияти коммуналӣ (моликияти воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва шаҳраку деҳот) вуҷуд дошта метавонад.

2. Моликияти ҷумҳуриявӣ аз хазинаи ҷумҳуриявӣ ва молу мулке, ки мутобиқи қонун ба шахси ҳуқуқии давлатии ҷумҳуриявӣ вобаста карда шудаанд, иборат мебошад.

3. Воситаҳои буҷети ҷумҳурӣ, захираи давлатии тиллову асъор, объектҳои моликияти истисноии давлат ва дигар молу мулки давлатӣ, ки ба шахси ҳуқуқии давлатӣ вобаста карда нашудаанд, хазинаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд.

4. Моликияти коммуналӣ аз хазинаи маҳаллӣ ва молу мулке, ки мутобиқи қонун ба шахси ҳуқуқии коммуналӣ вобаста шудаанд, иборат мебошад.

5. Воситаҳои буҷети маҳаллӣ ва молу мулки дигари коммуналӣ, ки ба шахси ҳуқуқии коммуналӣ вобаста карда нашудаанд, хазинаи маҳаллиро ташкил медиҳанд.

6. Ашёе, ки таҳти моликияти давлат қарор доранд, ба шахси ҳуқуқии давлатӣ дар асоси ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ ё идораи оперативӣ вобаста карда мешаванд.

### Моддаи 286. Моликияти истисноии давлат

1. Замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ ва олами набототу ҳайвонот, боигарии табиии дигар моликияти истисноии давлат мебошанд.

2. Хусусиятҳои амалисозии ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқҳои дигари ашё ба замин ва боигарии табиии дигарро ҳамин Кодекс ва қонунгузории дигар муқаррар менамоянд.

### Моддаи 287. Хусусиятҳои ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқҳои дигари ашё ба молу мулки ғайриманқул

Хусусиятҳои амалисозии ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқҳои дигари ашё ба молу мулки ғайриманқулро ҳамин Кодекс ва қонунҳои дигар муайян мекунанд.

## БОБИ 22. БА ДАСТ ОВАРДАНИ ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТ

### Моддаи 288. Асосҳои ба даст овардани ҳуқуқи моликият

1. Ҳуқуқи моликият ба ашёи наве, ки шахс барои худ бо риояи қонунгузорӣ тайёр кардааст ё ба вуҷуд овардааст, аз ҷониби ҳамин шахс ба даст оварда мешавад.

2. Ҳуқуқи моликият ба самара, маҳсулот ва даромаде, ки аз истифодаи ашё ба вуҷуд омадааст, дар асоси моддаи 146 ҳамин Кодекс ба даст оварда мешавад.

3. Ҳуқуқи моликиятро ба ашёе, ки молик дорад, шахси дигар дар асоси шартномаи хариду фурӯш, мубодила, ҳадия ё аҳди дигари бегонакунии чунин ашё ба даст оварда метавонад.

4. Дар сурати вафоти шахси воқеӣ ҳуқуқи моликият ба ашёи ӯ тибқи васиятнома ё қонун чун мерос ба шахсони дигар мегузарад.

5. Дар сурати азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ ҳуқуқи моликияташ ба ашё ба вориси ҳуқуқии он мегузарад.

6. Бе иродаи молик бегона кардани ашё ба шахси дигар манъ аст, ба ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс ва қонунҳои дигар .

7. Шахс тибқи ҳолатҳо ва тартиби пешбининамудаи ҳамин Кодекс ва ё қонунҳои дигар метавонад ба молу мулке, ки молик надорад, ба молу мулке, ки моликаш номаълум аст ё ба молу мулке, ки моликаш аз он даст кашидааст ё бо дигар асосҳои пешбининамудаи қонун ҳуқуқи моликиятро аз даст додааст, ҳуқуқи моликият пайдо кунад.

8. Аъзои кооперативҳои манзил, сохтмони манзил, бӯстонсаро, гараж ё кооперативи дигари ғайритиҷоратӣ, шахсони дигар, ки ба ҳаққи узвияти захирашаванда ҳуқуқ дошта, ҳаққи узвияти худро барои манзил, бӯстонсаро, гараж ё бинои дигари аз тарафи ҳамин кооператив ба онҳо ҷудокарда пурра пардохтаанд, ба ашёи зикргардида ҳуқуқи моликият пайдо мекунанд.

### Моддаи 289. Бовиҷдонона ба даст овардан

1. Дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ҳуқуқи моликият ба ашё мумкин аст аз ҷониби бадастоварандаи бовиҷдон ба даст оварда шавад.

2. Бадастоварандаи бовиҷдон дар сурате молик эътироф мешавад, ки ашёи манқули тибқи аҳд бадастовардааш бо асосҳои пешбининамудаи моддаҳои 274 ва 275 ҳамин Кодекс наметавонад аз он талаб карда гирифта шавад. Ҳангоми мавҷуд будани баҳси судӣ ҳуқуқи моликияти бадастоварандаи бовиҷдон дар ҳолати рад кардани даъвои молик оид ба талаб карда гирифтани ашёи манқул аз соҳибии бадастоварандаи бовиҷдон ба вуҷуд омада, аз лаҳзаи ба даст овардани ашё бавуҷудомада ҳисобида мешавад.

3. Бадастоварандаи бовиҷдон аз лаҳзаи ба қайди давлатӣ гирифтани ҳуқуқи моликият ба ашёи ғайриманқули тибқи аҳд бадастовардааш молик эътироф карда мешавад, агар ин ашёро бо асосҳои пешбининамудаи моддаҳои 274 ва 275 ҳамин Кодекс аз он талаб карда гирифтан мумкин набошад. Ҳангоми мавҷуд будани баҳси судӣ ҳуқуқи моликияти чунин бадастоварандаи бовиҷдон дар ҳолати рад кардани даъвои молик оид ба талаб карда гирифтани ашёи ғайриманқул аз соҳибии бадастоварандаи бовиҷдон ба вуҷуд омада, аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ бавуҷудомада ҳисобида мешавад. Агар ҳуқуқи моликияти бадастоварандаи бовиҷдон ба ашёи ғайриманқул ба қайди давлатӣ гирифта нашуда бошад, чунин санади судӣ барои ба қайди давлатӣ гирифтани он асос мегардад.

### Моддаи 290. Ҳуқуқи моликият ба молу мулки ғайриманқули аз нав бунёдшаванда

Ҳуқуқи моликият ба бино, иншоот ва дигар молу мулки ғайриманқули аз нав бунёдшаванда, ки бояд аз қайди давлатӣ гузарад, аз лаҳзаи чунин бақайдгирӣ ба миён меояд.

### Моддаи 291. Коркард

1. Ҳуқуқи моликият ба ашёи нави манқул, ки шахс бо роҳи коркард аз масолеҳи ба он тааллуқнадошта тайёр кардааст, аз тарафи соҳиби масолеҳ ба даст оварда мешавад, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. Вале дар сурати аз арзиши масолеҳ хеле баланд будани арзиши коркард ҳуқуқи моликият ба ашёи навро шахсе пайдо мекунад, ки бовиҷдонона амал карда, коркардро ба манфиати худ анҷом додааст.

2. Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, молики масолеҳе, ки ба ашёи аз он тайёркардашуда ҳуқуқи моликият пайдо кардааст, уҳдадор мебошад арзиши коркардро ба шахси ин амалро анҷомдода пардохт кунад, аммо дар ҳолати ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба ашёи нав аз ҷониби шахси коркардро анҷомдода чунин шахс уҳдадор мебошад, ки ба молики масолеҳ арзиши онро пардохт намояд.

3. Молики масолеҳ, ки дар натиҷаи амали бевиҷдононаи шахси коркардро анҷомдода аз он маҳрум шудааст, ҳуқуқ дорад ба моликияташ ашёи нав ва ҷуброни зиёни расидаро талаб намояд.

### Моддаи 292. Ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба ашёе, ки ҷамъоварии он дастраси умум мебошад

Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, бо иҷозати умумие, ки молик додааст ё мутобиқи одатҳо дар ҷангалзор, обанбор ё дигар ҳудуд ҷамъоварии ҳосили меваҷот, моҳигирӣ, шикори ҳайвонот ё ҷамъоварии ашёи дигари дастраси умум иҷозат дода шудааст, ҳуқуқи моликиятро ба ашёи дахлдор шахсе пайдо мекунад, ки онро ҷамъоварӣ ё шикор кардааст.

### Моддаи 293. Сохтмони худсарона

1. Сохтмони худсарона сохтмоне (хонаи истиқоматӣ, биною иншоот ё дигар молу мулки ғайриманқул, аз ҷумла таҷдиди онҳо) мебошад, ки дар қитъаи замини бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ барои чунин мақсад ҷудонашуда ё бе гирифтани иҷозати зарурӣ ё ба таври назаррас вайрон кардани меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ бунёд шудааст.

2. Шахсе, ки сохтмони худсаронаро анҷом додааст, ба он ҳуқуқи моликият пайдо намекунад. Он ҳуқуқ надорад чунин сохтмонро ихтиёрдорӣ кунад, аз ҷумла фурӯшад, ҳадя намояд, ба иҷора супорад ва вобаста ба он аҳди дигарро анҷом диҳад.

3. Сохтмони худсарона тибқи даъвои шахсе, ки ҳуқуқаш вайрон шудааст ё мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд аз тарафи шахси онро сохта ё аз ҳисоби он, ба ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи қисмҳои 5 ва 6 моддаи мазкур, вайрон карда шавад. Агар сохтмони худсарона дар қитъаи замини бо мақсади сохтмон тибқи тартиби муқарраргардида ҷудошуда бо розигии

заминистифодабарандаи якумдарача сурат гирифта бошад, чунин заминистифодабаранда ҳуқуқ надорад вайрон кардани онро талаб намояд. Агар сохтмон дар қитъаи замини худсарона ишғолшуда анҷом дода шуда бошад, он бояд бо қарори мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вайрон карда шавад.

4. Шахсе, ки сохтмони худсаронаро бевиҷдонона анҷом додааст, ҳуқуқ ба ҷуброни зиёнро надорад, вале метавонад маводи сохтмонро ихтиёрдорӣ намояд. Ихтиёран вайрон накардани сохтмони худсарона дар муҳлати муқарраршуда ё муҳлати дигари оқилона маънои даст кашидан аз ҳуқуқи моликият ба маводи сохтмонро дорад.

5. Ҳуқуқи моликияти шахси сохтмони худсаронаро анҷомдода бо талаби он аз ҷониби суд ба шарте эътироф карда мешавад, агар қитъаи замин бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ ба ин шахс барои сохтмон дода шуда бошад. Дар сурати вафоти шахсе, ки сохтмони худсаронаро анҷом додааст, бо талаби меросгирони ӯ ҳуқуқи моликияти шахси вафоткарда эътироф шуда метавонад.

6. Ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсаронаи аз ҷониби шахси дигар анҷомдодашуда аз тарафи суд бо талаби шахсе, ки қитъаи замин ба он барои сохтмон дода шудааст, эътироф шуда метавонад. Дар ин ҳолат шахсе, ки ҳуқуқи моликияташ ба сохтмони худсарона эътироф шудааст, ба шахси сохтмонро анҷомдода арзиши хароҷоташро, ки андозаи онро суд муайян менамояд, пардохт мекунад, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

7. Агар нигоҳ доштани сохтмони худсарона ҳуқуқ ва манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи шахсони дигарро вайрон кунад ё ба ҳаёт ва саломатии онҳо ё бехатарии объектҳои дар атрофи ин сохтмон ҷойгиршуда таҳдид намояд, ба муҳити зист зарар расонад, инчунин дар дигар ҳолатҳои ба таври назаррас вайрон кардани қоидаҳои шаҳрсозӣ ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона эътироф карда намешавад.

8. Дар ҳолати куллан ба лоиҳа мувофиқ набудани сохтмон, ки ба манфиатҳои ҷомеа мухолифат дорад ё ҳуқуқи шахсони дигарро вайрон менамояд, ё вайронгардии ҷиддии меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмонӣ ҷой дорад, суд дар асоси даъвои мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти маҳаллии худидоракунӣ метавонад қарор қабул намуда, шахси сохтмонкардаро ухдадор намояд, ки азнавсозии сохтмонро тибқи талабот анҷом диҳад.

## Моддаи 294. Лаҳзаи бавуҷудоии ҳуқуқи моликияти бадасторанда тибқи шартнома

1. Ҳуқуқи моликияти бадасторандаи ашё тибқи шартнома аз лаҳзаи додани он пайдо мешавад, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Агар шартнома оид ба бегона кардани молу мулкро ба қайди давлатӣ гирифтан зарур бошад, ҳуқуқи моликияти бадасторанда аз лаҳзаи бақайдгирии он ба вуҷуд меояд.

### Моддаи 295. Додани ашё

1. Супоридани ашё ба бадастдароранда додани ашё эътироф карда мешавад. Ҳангоми бегонакунии ашё бе уҳдадории расондан ба бадасторанда он аз лаҳзаҳои зерин додашуда ҳисоб мешавад:

- ба боркашон супоридани ашё барои фиристодан ба бадасторанда;

- ба ташкилоти алоқа супоридани ашё барои ба бадасторанда ирсол намудан.

2. Ашё аз лаҳзаи воқеан ворид шудан ба соҳибии бадасторанда ё шахси таъинкардаи он ба бадасторанда супоридашуда ҳисоб меёбад.

3. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ё шартнома ва ё ҳолатҳое, ки аз моҳияти муносибатҳои байни тарафаҳо бармеоянд, ашё аз лаҳзаи додани рамзӣ (додани калид, нишонаҳо, ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунанда ва ғайра) ба бадасторанда додашуда ҳисобида мешавад.

4. Агар дар лаҳзаи бастани шартнома оид ба бегона кардани ашё он таҳти соҳибии бадасторанда қарор дошта бошад, аз ҳамин лаҳза ашё ба он додашуда эътироф мегардад.

5. Додани коносамент ё дигар ҳуҷҷати ихтиёрдорӣ намудани мол бо додани ашё баробар дониста мешавад.

### Моддаи 296. Ашёи бесоҳиб

1. Ашёе, ки молик надорад ё моликаш номаълум аст ё ашёе, ки моликаш аз ҳуқуқи моликият ба он даст кашидааст, бесоҳиб дониста мешавад, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Ҳуқуқи моликият ба ашёи бесоҳиби манқул мумкин аст дар асоси давомнокии мӯҳлати ба даст овардан (моддаи 305 ҳамин Кодекс) пайдо шавад, агар он мутобиқи қоидаҳои ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба ашёе, ки аз он молик даст кашидааст (моддаи 297 ҳамин Кодекс), бозёфт (моддаҳои 298 ва 299 ҳамин Кодекс), ҳайвоноти беназорат (моддаҳои 301 ва 302 ҳамин Кодекс) ва ганҷина (моддаи 304 ҳамин Кодекс) истисно нашуда бошад.

3. Ашёи ғайриманқули бесоҳиб аз ҷониби мақомоте, ки молу мулки ғайриманқулро ба қайди давлатӣ мегирад, тибқи аризаи мақомоти дахлдори давлатӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

4. Пас аз гузаштани як сол аз рӯзи ба ҳисоб гирифтани ашёи ғайриманқули бесоҳиб мақоми ваколатдори давлатӣ метавонад ба суд бо талабот дар мавриди моликияти давлатӣ эътироф кардани ин ашё муроҷиат кунад.

5. Ашёи ғайриманқули бесоҳиб, ки бо санади судӣ ба моликияти давлатӣ қабулгардида эътироф нашудааст, метавонад аз тарафи молики онро гузошта аз нав барои соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ қабул гардад ва ё тибқи

давомнокии мухлати ба даст овардан (моддаи 305 ҳамин Кодекс) таҳти ҳуқуқи моликият қарор дода шавад.

### Моддаи 297. Ашёи манқуле, ки молик аз онҳо даст кашидааст

1. Ашёи манқулеро, ки молик партофтааст ё ба тарзи дигар бо мақсади даст кашидан аз ҳуқуқи моликият мондааст (ашёи партофташуда), шахси дигар метавонад бо тартиби пешбининамудаи қисми 2 моддаи мазкур таҳти моликияти худ қарор диҳад.

2. Шахсе, ки таҳти моликият, соҳибӣ ё истифодааш қитъаи замин, обанбор ё дигар объект мебошад ва дар он ашёи партофташудаи дорои арзиши баръало камтар аз даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё партовҳои партофташудаи металл, маҳсулоти нуқсондор, боқимондаҳои хӯла, хоктӯдаҳои кон ё партове, ки ҳангоми истихроҷи канданиҳои фоиданок ба вуҷуд омадаанд, партови истеҳсолот ё партовҳои дигар мавҷуд аст, ҳуқуқ дорад бо роҳи шуруъ намудани истифода аз он ё анҷом додани амали дигар, ки аз воридшавии ашё ба моликият гувоҳӣ медиҳад, чунин ашёро таҳти моликияти худ қарор диҳад.

3. Ашёи дигари партофташуда моликияти шахсе мегардад, ки ба соҳибии он гузаштааст, агар тибқи аризаи чунин шахс ашёи партофташударо суд бесоҳиб эътироф карда бошад.

### Моддаи 298. Бозёфт

1. Шахсе, ки ашёи гумшударо ёфтааст, уҳдадор аст шахси гумкардаи ашё ё шахси дигари ба он шиносро, ки ҳуқуқи гирифтани ашёро дорад, огоҳ созад ва ба ин шахс ашёро баргардонад.

2. Агар ашё дар бино ё нақлиёт ёфт шуда бошад, он бояд ба соҳиби ин бино ё воситаи нақлиёт (ё намояндаи он) дода шавад. Шахсе, ки ба он ашёи ёфташуда дода шудааст, ҳуқуқ ва уҳдадории шахси ашёёфтаро пайдо мекунад.

3. Агар шахсе, ки ҳуқуқи талаб кардани ашёи ёфташударо дорад, номаълум бошад ё маконаш дақиқ набошад, шахси ашёёфта уҳдадор аст ба мақомоти дахлдори давлатӣ хабар диҳад.

4. Шахсе, ки ашёро ёфтааст, ҳуқуқ дорад онро худаш нигоҳ дорад, барои нигаҳдошт ба мақомоти дахлдори давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ё шахси муайяннамудаи онҳо супорад.

5. Шахсе, ки ашёро ёфтааст, метавонад ашёи зудвайроншаванда ё ашёеро, ки хароҷоти нигаҳдориаш нисбат ба арзиши он хеле гаронтар аст, фурӯшад ва оид ба маблағи фурӯш далели хаттии тасдиқкунанда гирад. Маблағе, ки аз фурӯши ашёи ёфташуда ба даст омадааст, ҳамчун ашёи ёфташуда ҳисобида мешавад.

6. Шахсе, ки ашёро ёфтааст, барои гум кардан ё осеб расондан ба он танҳо дар ҳолатҳои қасд ё беэҳтиётии дағалона дар доираи арзиши ашё ҷавобгар мебошад.

### Моддаи 299. Ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба бозёфт

1. Агар дар тӯли шаш моҳи арз кардан ба мақомоти дахлдори давлатӣ оид ба ёфтани ашё (қисми 3 моддаи 298 ҳамин Кодекс) шахси ба гирифтани ашё ҳуқуқдошта муайян нагардад ва аз ҳуқуқи худ ба ашё ба шахсе, ки ашёро ёфтааст ё мақомоти дахлдор арз накунад, шахсе, ки ашёро ёфтааст, ба он ҳуқуқи моликият пайдо мекунад.

2. Агар шахсе, ки ашёро ёфтааст, бадастории ҳуқуқи моликият ба ашёи ёфташударо рад намояд, он ба моликияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мегузарад.

### Моддаи 300. Пардохти хароҷоти бозёфт ва подоши ёбандаи ашё

1. Шахсе, ки ашёро ёфта, ба шахси барои гирифтани он ҳуқуқдошта баргардондааст, барои аз он ва дар ҳолати ба моликияти давлат гузаштани ашё аз мақомоти дахлдори давлатӣ ба пардохти хароҷоти зарурии вобаста ба нигаҳдошт, баргардондан ё фурӯши ашё, ҳамчунин пардохти хароҷоти муайян кардани шахси ба гирифтани ашё ҳуқуқдошта ҳуқуқ дорад.

2. Шахсе, ки ашёро ёфтааст, ҳуқуқ дорад аз шахсе, ки ба гирифтани ашё ҳуқуқдошта шудааст, барои бозёфт то андозаи бист дарсади арзиши ашё подош талаб кунад.

3. Агар ҳуҷҷат ё ашёи дигари ёфташуда танҳо барои шахси ба гирифтани он ҳуқуқдошта дорои арзиш бошад, андозаи подош тибқи созишномаи байни онҳо ва дар ҳолати ба созиш наомадан, аз ҷониби суд муайян карда мешавад.

4. Агар шахси ба талаб карда гирифтани ашё ҳуқуқдошта ба таври оммавӣ барои баргардондани ашёи гумшуда подош эълон карда бошад, подош мутобиқи шарти ба таври оммавӣ эълон кардани мукофот пардохт карда мешавад.

5. Шахсе, ки ашёро ёфтааст, ҳуқуқ дорад то лаҳзаи пардохти подош, ба ғайр аз ҳуҷҷате, ки танҳо аз ҷониби шахси ба талаб карда гирифтани он ҳуқуқдошта истифода шуданаш мумкин аст, ашёи ёфтаашро нигоҳ дорад (моддаи 416 ҳамин Кодекс).

6. Агар шахсе, ки ашёро ёфтааст, дар хусуси бозёфт арз накарда бошад ё барои пинҳон доштанаш кӯшиш карда бошад, ҳуқуқ ба подош ба миён намеояд.

### Моддаи 301. Ҳайвоноти беназорат

1. Шахсе, ки чорвои беназорат ё бесоҳиб ё дигар ҳайвоноти хонагии беназоратро боздоштааст, уҳдадор аст онҳоро ба моликаш баргардонад ва агар ҳайвонот молик надошта бошанд ё маконашон маълум набошад, дар давоми на дертар аз се рӯзи боздошти онҳо ба мақомоти дахлдори давлатӣ, ки барои кофтукови моликашон тадбирҳо меандешанд, арз намояд.

2. Дар тӯли кофтукови молики ҳайвонот онҳоро шахси боздоранда метавонад худаш нигоҳбонӣ кунад ва истифода барад ё барои нигоҳбонӣ ва истифода ба шахси дигаре, ки шароити зарурӣ дорад, супорад. Мувофиқи хоҳиши шахсе, ки ҳайвоноти беназоратро боздоштааст, мақомоти дахлдори

давлатӣ шахси шароити зарурӣ доштаеро, ки ба он барои нигоҳбонӣ чунин ҳайвонот дода мешаванд, дарёфт мекунад.

3. Шахсе, ки ҳайвоноти беназоратро боздоштааст ва шахсе, ки ба он чунин ҳайвонот барои нигоҳбонӣ ва истифода дода шудаанд, уҳдадоранд онҳоро дуруст нигоҳбонӣ кунанд ва ҳангоми бо гуноҳи онҳо вафот кардан ва осеб дидани ҳайвонот дар доираи арзиши ҳайвонот ҷавобгар мебошанд.

## Моддаи 302. Ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба ҳайвоноти беназорат

1. Агар дар давоми шаш моҳ аз лаҳзаи арз кардан аз боздошти ҳайвоноти беназорати хонагӣ молики онҳо муайян нагардад ва аз ҳуқуқи худ ба онҳо арз накунад, ҳуқуқи моликият ба чунин ҳайвонот ба шахсе мегузарад, ки онҳо таҳти нигоҳбонӣ ва истифодааш қарор доранд.

2. Ҳангоми рад кардани бадастории ҳуқуқи моликият аз ҷониби шахсе, ки ҳайвонот таҳти нигоҳбониаш қарор доранд, онҳо ба моликияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мегузаранд ва бо тартиби муайяннамудаи мақомоти дахлдори давлатӣ истифода мешаванд.

3. Ҳангоми ҳозир шудани молики пештара баъди ба моликияти шахси дигар гузаштани ҳайвонот, молики пештара ҳуқуқ дорад ҳангоми эҳсоси пайвастагии ҳайвон нисбат ба ӯ ё огоҳ шудан аз муносибати бераҳмона ё номуносиби молики нав ба ҳайвонот дар асоси шартҳои созишнома бо молики нав ва агар ба мувофиқа нарасанд, бо тартиби судӣ баргардондани онҳоро талаб кунад.

## Моддаи 303. Пардохти хароҷоти нигоҳбонии ҳайвоноти беназорат ва подош барои онҳо

1. Ҳангоми баргардондани ҳайвоноти беназорати хонагӣ ба молик шахсе, ки ҳайвонотро боздоштааст ва шахсе, ки ҳайвонот таҳти нигоҳбонӣ ва истифодааш қарор доштанд, бо назардошти нафъи аз истифодаи ҳайвонот бадастоварда, вобаста ба нигоҳбонии ҳайвонот ба пардохти хароҷоти зарурӣ аз ҷониби молик ҳуқуқ доранд.

2. Шахсе, ки ҳайвоноти хонагии беназоратро боздоштааст, ҳуқуқ дорад мутобиқи муқаррароти қисмҳои 2-6 моддаи 300 ҳамин Кодекс аз молики онҳо подош талаб намояд.

## Моддаи 304. Ганҷина

1. Ганҷина пул ё чизу чораи қиматноке мебошад, ки дар замин гӯр ё дар шакли дигар пинҳон карда шудаанд.

2. Дар сурати пайдо кардани ганҷина аз тарафи истифодабарандаи қитъаи замин, соҳиби иморат ва ғайра, ки ба ӯ марбутанд ва инчунин шахсоне, ки ганҷина ё ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангиро ёфтаанд, уҳдадоранд онҳоро ба давлат супоранд. Дар айни замон истифодабарандаи қитъаи замин ё молики молу мулки дигар, ки дар он ганҷина пинҳон карда шудааст ва шахсе, ки онро ёфтааст, ба гирифтани подош ба андозаи панҷоҳ дарсади арзиши он ҳуқуқ

доранд. Подош байни онҳо мутобиқи созишномаи тарафҳо ва дар сурати ба мувофиқа наомаданашон аз тарафи суд тақсим карда мешавад.

3. Шахсе, ки ганҷинаи ба ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ алоқамандро ёфтааст, ҳуқуқ дорад то пардохти подош ин молу мулкро нигоҳ дорад (моддаи 416 ҳамин Кодекс).

4. Шахсе, ки бе розигии молик ё соҳиби дигари қонунии қитъаи замин ё дигар молу мулке, ки дар он ганҷина пинҳон карда шудааст, ҳафриёт ё ҷустуҷӯро гузарондааст, ҳуқуқ ба подош надорад.

5. Қоидаҳои моддаи мазкур нисбат ба шахсоне, ки дар доираи уҳдадориҳои меҳнатӣ ва хизматӣ барои дарёфти ганҷина ҳафриёт ё ҷустуҷӯ мегузаронанд, татбиқ намешаванд.

### Моддаи 305. Давомнокии муҳлати бадасторӣ

1. Шахсе, ки молики ашё намебошад, вале бовиҷдонона, ошкоро ва бефосила ба мисли молу мулки худ ашёи ғайриманқулро дар тӯли понздаҳ сол ё дигар ашёро дар тӯли панҷ сол соҳибӣ кардааст, ба ин ашё ҳуқуқи моликият пайдо мекунад (давомнокии муҳлати бадасторӣ).

2. Ҷараёни муҳлати ба даст овардан аз лаҳзаи оғози соҳибии ашё тибқи қисми 1 моддаи мазкур оғоз меёбад. Шахсе, ки давомнокии соҳибиашро асос менамояд, метавонад ба муҳлати соҳибии худ тамоми муҳлати соҳибии шахси пештараро ҳамроҳ кунад, агар соҳибӣ бо иродаи чунин шахс ба даст оварда шуда бошад.

3. Ҳуқуқи моликияти шахс дар асоси давомнокии муҳлати бадасторӣ нисбат ба ашёи ғайриманқул ё дигар ашёе, ки бояд ба қайди давлатӣ гирифта шаванд, аз лаҳзаи чунин бақайдгирӣ ба миён меояд.

4. То пайдо кардани ҳуқуқи моликият ба ашё дар асоси давомнокии муҳлати бадастории шахсе, ки ашёро чун ашёи худ соҳибӣ мекард, ҳуқуқи соҳибии худро метавонад аз шахсони сеюме, ки молики ашёи мазкур намебошанд, инчунин ба ин ашё бо дигар асосҳои пешбининамудаи қонун ё шартнома ҳуқуқи соҳибӣ надоранд, ҳимоя намояд.

5. Молики ашё ё шахсе, ки ҳуқуқи маҳдуди ашё дорад, метавонад ашёро тибқи моддаи мазкур дар сурати ҷой доштани шартҳое, ки дар ҳамин Кодекс пешбинӣ шудаанд, дар давоми муҳлате, ки дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинӣ карда шудааст, талаб карда гирад.

6. Муҳлати ба даст овардан, ки дар қисми 1 моддаи мазкур муқаррар шудааст, баъди ба итмом расидани муҳлати даъво оғоз мегардад.

## БОБИ 23. ҚАТЪИ ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТ

### Моддаи 306. Асосҳо барои қатъи ҳуқуқи моликият

1. Ҳуқуқи моликият ҳангоми аз ҷониби молик ба шахси дигар бегона кардани ашё, даст кашидани молик аз ҳуқуқи моликият, нобуд шудан ё нест

кардани ашё ва аз даст додани ҳуқуқи моликият ба ашё ва дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонун қатъ мегардад.

2. Маҷбуран гирифтани ашёи молик манъ аст, ба ғайр аз ҳолатҳои зерин:

- нигаронидани рӯёниш ба молу мулк вобаста ба уҳдадориҳои молик;

- маҷбуран бегона кардани ашёе, ки дар асоси қонун ба шахси мазкур тааллуқ дошта наметавонад;

- реквизитсия;

- мусодира;

- бегона кардани ашёи ғайриманқул вобаста ба гирифтани қитъаи замин;

- харидани сарватҳои фарҳангӣ ё таърихии бенизом нигоҳдошташаванда;

- дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи ҳамин Кодекс ва қонунҳои дигар.

3. Тибқи ҳолатҳо, шарт ва тартиби пешбининамудаи қонун оид ба хусусигардонии ашёе, ки моликияти давлатӣ мебошанд, онҳо ба моликияти хусусии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бегона карда мешаванд.

4. Дар ҳолати қабули қонун дар бораи ба моликияти давлатӣ табдил додани ашёи хусусии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (милликунонӣ) зиёни расонда бо тартиби муқарраршуда ҷуброн карда мешавад.

### Моддаи 307. Даст кашидан аз ҳуқуқи моликият

1. Шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ метавонад аз ҳуқуқи моликият нисбат ба ашё даст кашад ва дар ин хусус эълон намояд ё амали дигарро анҷом диҳад, ки баръало аз барканор гардиданаш аз соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории ашё бе нияти нигоҳ доштани ягон ҳуқуқ ба чунин ашё гувоҳӣ диҳад.

2. Даст кашидан аз ҳуқуқи моликият то лаҳзаи ба ин ашё ҳуқуқи моликият ба даст овардани шахси дигар боиси қатъи ҳуқуқу уҳдадориҳои молик нисбат ба ашёи дахлдор намегардад.

3. Шахсе, ки аз ҳуқуқи моликият ба ашё даст кашидааст, уҳдадор аст хароҷоти зарурирo барои безараргардонии онҳо пардохт намояд, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

### Моддаи 308. Нигаронидани рӯёниш ба молу мулк вобаста ба уҳдадориҳои молик

1. Нигаронидани рӯёниш ба молу мулк вобаста ба уҳдадориҳои молик дар асоси санадҳои судӣ сурат мегирад, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигари рӯёниш пешбинӣ нашуда бошад.

2. Ҳуқуқи моликият ба молу мулки рӯёнидашаванда аз лаҳзаи ба ин молу мулк ҳуқуқи моликият пайдо намудани шахси дигар қатъ мегардад.

### Моддаи 309. Қатъи ҳуқуқи моликияти шахс ба ашёе, ки ба он тааллуқ дошта наметавонад

1. Агар бо асосҳои иҷозатдодаи қонун дар моликияти шахс ашёе қарор дошта бошанд, ки аз рӯйи қонун ба он тааллуқ дошта наметавонад, чунин ашё бояд аз ҷониби ин шахс дар давоми як сол аз лаҳзаи пайдо шудани ҳуқуқи моликият нисбат ба ашё бегона карда шаванд, агар қонун мӯҳлатҳои дигарро муқаррар накарда бошад.

2. Агар молик дар муҳлати муайяннамудаи қисми 1 моддаи мазкур ашёро бегона накарда бошад, чунин ашё бо назардошти хусусият ва таъиноташон бо санади судӣ, ки мутобиқи аризаи мақомоти дахлдори давлатӣ бароварда шудааст, бояд ба таври маҷбурӣ фурӯхта шуда, маблағи онҳо ба молики мазкур дода шавад ё ашё ба моликияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гузаронда шуда, арзиши муайяннамудаи суд ба собиқ молик пардохт карда шавад. Дар ин ҳолат маблағи хароҷот вобаста ба бегона кардани ашё аз маблағи ба собиқ молик пардохташаванда кам карда мешавад.

3. Агар таҳти моликияти шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ тибқи асосҳои иҷозатдодаи қонун ашёе қарор гиранд, ки барои ба даст овардани онҳо иҷозати махсус зарур аст, вале додани онҳо ба молик рад шудааст, чунин ашё бо тартиби муқарраршуда барои ашёе, ки наметавонанд ба молики мазкур тааллуқ дошта бошанд, бегона карда мешаванд.

### Моддаи 310. Қатъи ҳуқуқи моликият ба ашёи ғайриманқул бинобар гирифтани қитъаи замин ва захираҳои табиии дигар

1. Қатъи ҳуқуқи моликият ба ашёи ғайриманқул вобаста ба қарори мақомоти давлатӣ, ки мақсади бевосита гирифтани ашёро аз молик надорад, аз ҷумла қарори гирифтани қитъаи замин, ки дар он хона, сохтмони дигар ва дарахтзори молик ҷойгир шудаанд, танҳо тибқи ҳолат ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонун сурат гирифта, ба молик ашёи баробарарзиш дода мешавад ва дигар зиёни расида ба он ҷуброн мегардад ё тамоми зиёне, ки вобаста ба қатъи ҳуқуқи моликият расонда шудааст, дар ҳаҷми пурра ҷуброн карда мешавад.

2. Ҳангоми норозӣ будани молик аз қароре, ки боиси қатъи ҳуқуқи моликият мегардад, он то замони бо тартиби судӣ ҳал шудани баҳс амалӣ карда намешавад. Ҳангоми баррасии баҳс инчунин ҳамаи масъалаҳо вобаста ба ҷуброни зиёни расонда ба молик бояд ҳал гарданд.

3. Қоидаҳои моддаи мазкур мувофиқан ҳангоми қатъи ҳуқуқи моликият ба ашёи ғайриманқул вобаста ба қарори мақомоти давлатӣ дар мавриди гирифтани қитъаи кӯҳӣ, қитъаҳои акваторӣ ва қитъаҳои дигар, ки дар онҳо ашё воқеанд, татбиқ мегарданд.

### Моддаи 311. Харидани сарватҳои таърихӣ ё фарҳангии бенизом нигаҳдошташаванда

1. Агар молики сарватҳои фарҳангӣ ё таърихие, ки мутобиқи қонунгузорӣ ба гурӯҳи сарватҳои дорои арзиши махсус ва аз тарафи давлат ҳифзшаванда дохил гардидаанд, онҳоро бенизом нигоҳ дорад, ки дар натиҷа ба онҳо хавфи гум кардани аҳаммияташон таҳдид намояд, чунин сарватҳоро давлат тибқи

санади судӣ метавонад аз молик харида гирад ё дар савдои оммавӣ ба фурӯш монад.

2. Ҳангоми харида гирифтани сарватҳои фарҳангӣ ё таърихӣ ба молик арзиши онҳо ба андозаи муқаррарнамудаи созишномаи тарафҳо ва дар сурати баҳс ба андозаи муайяннамудаи суд пардохт карда мешавад. Ҳангоми фурӯш дар савдои оммавӣ ба молик ба ҷуз хароҷоти савдои оммавӣ тамоми маблағи боқимонда пардохт карда мешавад.

### Моддаи 312. Реквизитсия

1. Дар ҳолатҳои офати табиӣ, садама, эпидемия, эпизоотия ва ҳолатҳои дигари дорои хусусияти фавқулода, молу мулк тибқи қарори мақомоти ваколатдори давлатӣ метавонад аз молик бо тартиб ва тибқи шартҳои муқаррарнамудаи қонун ба моликияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба манфиати ҷомеа гирифта шуда, ба молик арзиши молу мулк пардохт карда шавад (реквизитсия).

2. Нархе, ки мутобиқи он ба молик арзиши молу мулки реквизитсияшуда пардохт карда мешавад, дар суд мавриди баҳс қарор гирифта метавонад.

3. Шахсе, ки молу мулки он реквизитсия шудааст, ҳуқуқ дорад баъди қатъи ҳолате, ки вобаста ба он молу мулк реквизитсия шуда буд, баргардондани молу мулки боқимондаашро талаб намояд ва дар ҳолати радди он ба суд муроҷиат кунад.

### Моддаи 313. Мусодира

1. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун молу мулки моликро мутобиқи санади судӣ ҳамчун намуди ҷазо барои содир намудани ҷиноят ё дигар ҳуқуқвайронкунӣ мусодира кардан мумкин аст.

2. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун мусодираро бо тартиби маъмурӣ анҷом додан мумкин аст. Нисбат ба қарори бо тартиби маъмурӣ қабулгардида дар бораи мусодираи молу мулк ба суд шикоят кардан мумкин аст.

### Моддаи 314. Милликунонӣ

Бо роҳи милликунонӣ аз моликияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба моликияти давлатӣ табдил додани молу мулк мутобиқи қонун бо ҷуброни арзиши молу мулк ва дигар зиёне, ки вобаста ба милликунонӣ ба шахс расонда мешавад, иҷозат дода мешавад.

### Моддаи 315. Нархгузории молу мулк ҳангоми қатъи ҳуқуқи моликият

Ҳангоми қатъи ҳуқуқи моликият молу мулк бо назардошти арзиши бозории он нархгузорӣ мешавад.

## БОБИ 24. МОЛИКИЯТИ УМУМӢ ВА НАМУДҲОИ ОН

### Моддаи 316. Мафҳум ва асосҳои пайдоиши моликияти умумӣ

1. Молу мулке, ки таҳти моликияти ду ё якчанд шахс қарор дорад, моликияти умумии онҳо мебошад.

2. Молу мулк метавонад бо муайян намудани ҳиссаи ҳар як молик дар моликият (моликияти ҳиссагӣ) ё бе муайян намудани чунин ҳисса (моликияти якҷоя) таҳти моликияти умумӣ қарор гирад.

3. Моликияти умумӣ ба молу мулк ҳиссагӣ мебошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун ташаккули моликияти якҷояро ба молу мулк пешбинӣ менамояд.

4. Моликияти умумӣ ҳангоми ба моликияти ду ё зиёда шахс ворид шудани молу мулке, ки он бе тағйир додани таъиноташ тақсимнопазир аст (ашёи тақсимнашаванда) ё аз рӯйи қонун онро тақсим кардан мумкин нест, пайдо мегардад.

5. Молу мулки тақсимшаванда дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ё шартнома моликияти умумӣ мешавад.

6. Мутобиқи созишномаи иштирокдорони моликияти якҷоя ва дар сурати ба мувофиқа нарасидан - бо санади судӣ нисбат ба молу мулки умумӣ моликияти ҳиссагии чунин шахсонро муқаррар кардан мумкин аст.

## Моддаи 317. Муайян намудани ҳисса дар ҳуқуқи моликияти ҳиссагӣ

1. Агар андозаи ҳиссаи иштирокдорони моликияти ҳиссагӣ дар асоси қонун муқаррар ва бо созишномаи ҳамаи иштирокдорони он муайян нашуда бошад, ҳисса баробар ҳисобида мешавад.

2. Бо созишномаи байни ҳамаи иштирокдорони моликияти ҳиссагӣ тартиби муқаррар ва тағйир додани ҳиссаи онҳоро вобаста ба саҳми ҳар кадомашон дар ташкил, ба даст овардан ва афзун гардондани молу мулки умумӣ муайян кардан мумкин аст.

3. Иштирокдори моликияти ҳиссагӣ, ки аз ҳисоби худ бо риояи тартиби муқарраргардидаи истифодаи моликияти умумӣ ба он беҳбудии ҷудонашавандаро анҷом додааст, ҳуқуқи мутаносибан зиёд кардани ҳиссаи худро дар ҳуқуқ ба молу мулки умумӣ дорад, агар дар созишномаи иштирокдорони моликияти ҳиссагӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. Беҳбудии ҷудошавандаи молу мулки ҳиссагӣ, агар дар созишномаи иштирокдорони моликияти ҳиссагӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, ба моликияти иштирокдоре мегузарад, ки ин беҳбудиро анҷом додааст.

## Моддаи 318. Соҳибӣ ва истифодаи молу мулке, ки таҳти моликияти ҳиссагӣ қарор дорад

1. Соҳибӣ ва истифодаи моликияти ҳиссагӣ тибқи созиши ҳамаи иштирокдорон амалӣ гардида, дар сурати ба созиш наомадани онҳо бо тартиби судӣ муайян карда мешаванд.

2. Иштирокдори моликияти ҳиссагӣ ба соҳибӣ ва истифодаи қисми молу мулки умумӣ баробар ба андозаи ҳиссааш ҳуқуқ дорад. Дар ҳолати

имконнопазирии он аз дигар иштирокдорон, ки ҳиссаи онро соҳибӣ ва истифода мебаранд, ҳуқуқ дорад ҷуброни дахлдорро талаб намояд.

### Моддаи 319. Ихтиёрдории молу мулке, ки таҳти моликияти ҳиссагӣ қарор дорад

1. Ихтиёрдории молу мулки таҳти моликияти ҳиссагӣ қарордошта мутобиқи созишномаи байни ҳамаи иштирокдорони он ба амал бароварда мешавад, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Иштирокдори моликияти ҳиссагӣ ҳуқуқ дорад мутобиқи салоҳдиди худ ҳиссаи худро фурӯшад, ҳадия намояд, васият кунад, ба гарав гузорад ё бо тарзи дигар бо риояи қоидаҳои бегонакунии музднок, ки моддаи 322 ҳамин Кодекс пешбинӣ намудааст, ихтиёрдорӣ намояд.

### Моддаи 320. Самара, маҳсулот ва даромади бадастомада аз истифодаи молу мулке, ки таҳти моликияти ҳиссагӣ қарор дорад

1. Самара, маҳсулот ва даромад аз истифодаи молу мулке, ки таҳти моликияти ҳиссагӣ қарор дорад, ба таркиби молу мулки ҳиссагӣ дохил мешаванд.

2. Тақсимоти минбаъдаи самара, маҳсулот ва даромад байни иштирокдорони моликияти ҳиссагӣ, агар созишномаи байни онҳо тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошад, баробар ба андозаи ҳиссаашон сурат мегирад.

### Моддаи 321. Хароҷоти нигаҳдории молу мулки таҳти моликияти ҳиссагӣ қарордошта

1. Ҳар як иштирокдори моликияти ҳиссагӣ ӯҳдадор аст мувофиқан ба ҳиссаи худ дар пардохти андоз, боҷу хироҷ ва дигар пардохтҳо оид ба молу мулки умумӣ, инчунин оид ба хароҷоти нигаҳдорӣ ва муҳофизати онҳо, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, иштирок намояд.

2. Хароҷоте, ки зарурӣ нестанд ва аз ҷониби яке аз иштирокдорон бе розигии дигарон анҷом дода шудаанд, ба зиммаи худаш вогузошта мешавад. Баҳсҳои дар ин ҳолат бамиёномада бо тартиби судӣ ҳал карда мешаванд.

### Моддаи 322. Ҳуқуқи афзалиятноки хариди ҳисса дар ҳуқуқи моликияти умумӣ

1. Ҳангоми фурӯши ҳисса дар ҳуқуқи моликияти умумӣ ба шахсони ғайр иштирокдорони боқимондаи моликияти ҳиссагӣ барои харидани ҳиссаи фурӯшӣ мутобиқи нарх ва шартҳои дигари баробаре, ки он фурӯхта мешавад, ҳуқуқи афзалиятнок доранд, ба ғайр аз фурӯш дар савдои оммавӣ.

2. Савдои оммавӣ барои фурӯши ҳисса дар ҳуқуқи моликияти умумӣ, ҳангоми розӣ набудани ҳамаи иштирокдорони моликияти ҳиссагӣ, метавонад дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 331 ҳамин Кодекс ва ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонун баргузор карда шавад.

3. Фурӯшандаи ҳисса уҳдадор аст иштирокдорони дигари моликияти ҳиссагиро аз нияти худ оид ба фурӯхтани ҳиссааш ба шахсони дигар хаттӣ огоҳ намуда, нарх ва шартҳои дигари фурӯшро нишон диҳад. Агар иштирокдорони дигари моликияти ҳиссагӣ барои харидани ҳисса розӣ набошанд, ҳиссаи фурӯхташавандаро ба молу мулки ғайриманқул дар давоми як моҳ ва молу мулки дигар дар давоми даҳ рӯз аз лаҳзаи огоҳ шудан ба даст наоранд, фурӯшанда ҳуқуқ дорад ҳиссаи худро ба шахси дигар фурӯшад.

4. Ҳангоми фурӯши ҳисса бо вайрон кардани ҳуқуқи афзалиятноки хариди ҳисса, ҳар як иштирокдори моликияти ҳиссагӣ ҳуқуқ дорад дар давоми се моҳ ба суд дар хусуси ба он гузашт намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои харидор талабот арз намояд.

5. Гузашт кардани ҳуқуқи афзалиятноки хариди ҳисса иҷозат дода намешавад.

6. Қоидаҳои моддаи мазкур инчунин ҳангоми бегонакунии ҳисса аз рӯйи шартномаи мубодила низ татбиқ мегарданд, агар аз моҳияти шартнома тартиби дигар барнаояд.

## Моддаи 323. Лаҳзаи гузаштани ҳисса дар ҳуқуқи моликияти умумӣ ба шахсе, ки онро тибқи шартнома ба даст овардааст

1. Агар дар созишномаи тарафҳо тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, ҳисса дар ҳуқуқи моликияти умумӣ тибқи шартнома аз лаҳзаи бастани шартнома ба бадасторанда мегузарад.

2. Лаҳзаи гузариши ҳисса дар ҳуқуқи моликияти умумӣ тибқи шартномае, ки бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад, мутобиқи қисми 2 моддаи 294 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад.

## Моддаи 324. Тақсими молу мулке, ки таҳти моликияти ҳиссагӣ қарор дорад ва аз он ҷудо намудани ҳисса

1. Молу мулке, ки таҳти моликияти ҳиссагӣ қарор дорад, мутобиқи созишнома байни иштирокдорони он тақсим шуданаш мумкин аст, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Иштирокдори моликияти ҳиссагӣ ҳуқуқ дорад аз молу мулки умумӣ ҷудо кардани ҳиссаи худро талаб намояд, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

3. Ҳангоми ба мувофиқа наомадани иштирокдорони моликияти ҳиссагӣ оид ба тарз ва шартҳои тақсими молу мулки умумӣ ё ҷудо кардани ҳиссаи яке аз онҳо иштирокдори молу мулки ҳиссагӣ ҳуқуқ дорад дар шакли асл ҷудо кардани ҳиссаи худро дар молу мулки умумӣ бо тартиби судӣ талаб намояд.

4. Агар дар шакли асл ҷудо кардани ҳиссаро қонун иҷозат надиҳад ё бо сабаби расидани хисороти номутаносиб ба молу мулки таҳти моликияти умумӣ қарордошта имконнопазир бошад, молики ҷудошаванда ба пардохти арзиши ҳиссааш аз ҷониби дигар иштирокдорони моликияти ҳиссагӣ ҳуқуқ дорад.

5. Агар молу мулке, ки дар шакли асл дар асоси моддаи мазкур ба иштирокдори моликияти ҳиссагӣ дода мешавад, бо ҳисса дар ҳуқуқи моликияти умумӣ мувофиқ наояд, он тавассути пардохти маблағи муайян ё ҷуброни дигар бартараф карда мешавад.

6. Пардохти ҷуброн ба иштирокдори моликияти ҳиссагӣ ба ивази ҷудо кардани ҳиссааш дар шакли асл аз ҷониби моликони дигар бо розигии ӯ иҷозат дода мешавад. Дар ҳолате, ки ҳиссаи молик ночиз аст, ба таври воқеӣ дар асл ҷудо кардани он имконнопазир аст ва молик барои истифодаи молу мулки умумӣ манфиати назаррас надошта бошад, суд метавонад бе розигии ин молик низ дигар иштирокдорони моликияти ҳиссагиро барои пардохти ҷуброн уҳдадор намояд.

7. Молик баъди мутобиқи моддаи мазкур гирифтани ҷуброн ҳуқуқи худро ба ҳисса дар моликияти умумӣ гум мекунад.

## Моддаи 325. Соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории молу мулке, ки таҳти моликияти якҷоя қарор дорад

1. Иштирокдорони моликияти якҷоя, агар дар созишномаи онҳо тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, молу мулки умумиро бо розигии мутақобила соҳибӣ ва истифода мекунанд.

2. Молу мулки таҳти моликияти якҷоя қарордошта бо розигии ҳамаи иштирокдорон ихтиёрдорӣ карда мешавад. Сарфи назар аз он ки кадоме аз иштирокдорон аҳд оид ба ихтиёрдории молу мулкро анҷом додааст, розигии ҳамаи иштирокдорон дар назар дошта мешавад.

3. Ҳар як иштирокдори моликияти якҷоя ҳуқуқ дорад оид ба ихтиёрдории молу мулки умумӣ, агар дар созишномаи ҳамаи иштирокдорон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, аҳдро анҷом диҳад. Аҳди ихтиёрдорӣ кардани молу мулки умумӣ, ки яке аз иштирокдори моликияти якҷоя анҷом додааст, метавонад бо талаби иштирокдорони дигар бо ангезаи ваколати зарурӣ надоштани иштирокдоре, ки аҳдро анҷом додааст, танҳо дар сурати исбот гардидани он, ки тарафи дигари аҳд дар ин хусус медонист ё мебоист донад, беэътибор дониста шавад (қисми 2 моддаи 190 ҳамин Кодекс).

4. Қисмҳои 1-3 моддаи мазкур ҳангоме татбиқ мегарданд, ки агар ҳамин Кодекс ва қонунҳои дигар барои намудҳои алоҳидаи моликияти якҷоя тартиби дигарро муқаррар накарда бошад.

## Моддаи 326. Тақсими молу мулке, ки таҳти моликияти якҷоя қарор дорад ва аз он ҷудо намудани ҳисса

1. Тақсими молу мулки умумӣ байни иштирокдорони моликияти якҷоя, инчунин аз он ҷудо кардани ҳиссаи яке аз онҳо ба шарте мумкин аст, ки пешакӣ ҳиссаи ҳар як иштирокдор дар ҳуқуқ ба молу мулки умумӣ муайян карда шавад.

2. Ҳангоми тақсими молу мулки умумӣ ва аз он ҷудо кардани ҳисса, агар бо қонун ё созишномаи тарафҳо тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, ҳиссаи онҳо баробар дониста мешавад.

3. Асос ва тартиби тақсими молу мулки умумӣ ва аз он ҷудо кардани ҳисса мутобиқи қоидаҳои муайяннамудаи моддаи 324 ҳамин Кодекс муқаррар мегарданд, агар барои намудҳои алоҳидаи моликияти якҷоя бо ҳамин Кодекс ва қонунҳои дигар тартиби дигар муқаррар нашуда бошад ва аз моҳияти муносибати иштирокдорони моликияти якҷоя барнаояд.

## Моддаи 327. Моликияти якҷояи ҳамсарон

1. Молу мулке, ки ҳамсарон дар давоми акди никоҳ ба даст овардаанд, моликияти якҷояи онҳо ба ҳисоб меравад, агар қонун ё шартномаи байни онҳо низоми дигари ин молу мулкро муайян накарда бошад.

2. Молу мулке, ки қабл аз акди никоҳ ба ҳар кадоме аз ҳамсарон тааллуқ дошт, инчунин молу мулке, ки яке аз онҳо ҳангоми акди никоҳ чун ҳадия ё мерос гирифтааст, моликияти ӯ мебошад.

3. Молу мулки истифодаи шахсӣ (либос, пойафзол ва ғайра), ба ғайр аз ҷавоҳирот ва дигар асбобу анҷоми зебу зинат, ҳарчанд дар давраи акди никоҳ аз ҳисоби воситаҳои умумии онҳо ба даст оварда шудаанд, моликияти он ҳамсаре ба ҳисоб меравад, ки онро истифода бурдааст.

4. Молу мулки ҳар як ҳамсар моликияти якҷояи онҳо эътироф карда мешавад, агар муайян карда шавад, ки дар давоми акди никоҳ аз ҳисоби молу мулки умумии онҳо ё молу мулки яке аз ҳамсарон саҳмгузорие шудааст, ки арзиши онро хеле баланд кардааст (таъмири асосӣ, азнавсозӣ, азнавтаҷҳизонӣ ва ғайра). Агар дар шартномаи байни ҳамсарон тартиби дигар пешбинӣ гардида бошад, ин қоида татбиқ намегардад.

5. Ҳуқуқҳои молумулкии моликияти зеҳнӣ ба молу мулки умумии ҳамсарон ворид карда намешаванд, аммо даромаде, ки аз онҳо гирифта мешавад, молу мулки якҷояи ҳамсарон ба ҳисоб меравад, агар дар шартномаи байни онҳо тартиби дигар муқаррар нашуда бошад.

6. Нигаронидани рӯёниш ба ухдадориҳои яке аз ҳамсарон танҳо ба молу мулке, ки дар моликияти ӯ мебошад, инчунин ба ҳиссаи ӯ дар молу мулки умумии ҳамсарон, ки ҳангоми тақсим аз ӯ шуда метавонад, мумкин аст.

7. Тартиби муайян намудани ҳиссаи ҳамсарон дар молу мулки умумӣ ҳангоми тақсими он ва тартиби чунин тақсимотро Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

## Моддаи 328. Моликияти хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)

1. Молу мулки хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ба аъзои он ба ҳуқуқи моликияти якҷоя мансуб аст, агар тибқи қонун ё шартномаи байни онҳо тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Дарахтзори қитъаи замин, иморатҳои хоҷагӣ ва иморати дигар, иншооти мелиоративӣ ва иншооти дигар, ҳайвоноти маҳсулдиҳанда ва корӣ, паранда, техникаи кишоварзӣ ва техникаю таҷҳизоти дигар, воситаҳои нақлиёт, асбобу анҷом ва молу мулки дигар, ки аз воситаҳои умумии аъзои он ба даст оварда

шудаанд, моликияти якҷояи аъзои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ба ҳисоб мераванд.

3. Самара, маҳсулот ва даромаде, ки дар натиҷаи фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ба даст омадаанд, молу мулки умумии аъзои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) буда, мутобиқи созишномаи байни онҳо истифода мегардад.

## Моддаи 329. Тақсими молу мулки хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)

1. Ҳангоми қатъи фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) вобаста ба хориҷ шудани ҳамаи аъзои он ё бо асосҳои дигар, молу мулки умумӣ бояд бо тартиби пешбининамудаи моддаҳои 324 ва 326 ҳамин Кодекс тақсим карда шавад.

2. Воситаҳои истеҳсолот, ки марбути хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) мебошанд, ҳангоми аз хоҷагӣ хориҷ шудани яке аз аъзои он тақсим карда намешаванд. Шахсе, ки аз хоҷагӣ баромадааст, барои гирифтани товони пулии баробар ба ҳиссааш дар моликияти умумӣ ба ин молу мулк ҳуқуқ дорад.

3. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисмҳои 1 ва 2 моддаи мазкур ҳиссаи аъзои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) дар ҳуқуқи моликияти якҷоя ба молу мулки хоҷагӣ баробар ҳисобида мешавад, агар мутобиқи созишномаи байни онҳо тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

4. Муносибатҳо вобаста ба қитъаи замини хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) бо қонунгузории замин танзим мегарданд.

## Моддаи 330. Ҳуқуқи аъзои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ба молу мулки умумӣ ҳангоми дар заминаи он ташкил шудани шахси ҳуқуқӣ

Ҳангоми дар заминаи молу мулки умумии аъзои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) тибқи қонунгузорӣ ташкил шудани шахси ҳуқуқӣ, аъзои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ба ин молу мулк ҳуқуқи уҳдадорӣ пайдо менамоянд.

## Моддаи 331. Нигаронидани рӯёниш ба ҳисса дар молу мулки умумӣ

1. Ҳангоми нокифоя будани молу мулки дигар иштирокдори моликияти ҳиссагӣ ё якҷоя кредитор ҳуқуқ дорад оид ба ҷудо кардани ҳиссаи қарздор аз молу мулки умумӣ барои нигаронидани рӯёниш талабот пешниҳод кунад. Агар дар чунин ҳолатҳо ҷудо кардани ҳисса дар шакли асл ғайриимкон бошад ё иштирокдорони дигари моликияти ҳиссагӣ ё якҷоя ба он норозигӣ кунанд, кредитор ҳуқуқ дорад аз қарздор талаб намояд, ки ҳиссаи худро ба иштирокдорони дигари моликияти умумӣ фурӯшад ва маблағи аз фурӯш бадастомадаро барои пардохти қарз диҳад.

2. Ҳангоми харидани ҳиссаи қарздорро рад намудани иштирокдорони дигари моликияти умумӣ кредитор ҳуқуқ дорад бо тартиби судӣ талаб намояд, ки ба ҳиссаи қарздор дар моликияти умумӣ бо фурӯши ин ҳисса дар савдои оммавӣ рӯёниш нигаронида шавад.

3. Қоидаҳои моддаи мазкур дар муносибат ба нигаронидани рӯёниш ба ҳисса дар моликияти якҷоя бо назардошти хусусиятҳое, ки дар қонун пешбинӣ шудаанд, татбиқ мешавад.

## БОБИ 25. ҲУҚУҚҲОИ МАҲДУДИ АШЁ

### §1. Ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ

#### Моддаи 332. Ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ

Корхонаи воҳиди давлатие, ки ба он молу мулк бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ тааллуқ дорад, ин молу мулкро дар доираи муайяннамудаи ҳамин Кодекс соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ менамояд.

#### Моддаи 333. Объекти ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ

Объекти ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ ҳама гуна молу мулк буда метавонад, агар қонунгузорӣ тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошад.

#### Моддаи 334. Ба даст овардан ва қатъи ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ

1. Ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ ба молу мулке, ки моликаш дар хусуси вобаста кардани он ба корхонаи воҳиди давлатии таъсисдодааш қарор қабул кардааст, нисбати ин корхона аз лаҳзаи ба тавозуни мустақилаш гузарондани молу мулк пайдо мешавад, агар дар қонунгузорӣ ё қарори молик тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

2. Самара, маҳсулот ва даромад аз истифодаи молу мулк, ки таҳти ҳуқуқи пешбурди хоҷагии корхонаи воҳиди давлатӣ қарор доранд, инчунин молу мулки дигар, ки он мутобиқи шартнома ё асосҳои дигар ба даст овардааст, бо тартиби муқарраргардидаи қонунгузорӣ барои ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба пешбурди хоҷагии корхона дохил мешаванд.

3. Ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ ба молу мулк бо асос ва тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ барои қатъи ҳуқуқи моликият, инчунин дар ҳолати ба таври қонунӣ бо қарори молик гирифтани молу мулки корхона қатъ мегардад.

#### Моддаи 335. Ҳуқуқи молик ба молу мулки таҳти ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ қарордошта

1. Молики молу мулки таҳти ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ қарордошта мутобиқи қонун масъалаҳои таъсиси корхона, муайян намудани мавзуъ, мақсади фаъолияти он, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии онро ҳал намуда, директор (роҳбар)-и корхонаро таъин менамояд, мутобиқи таъинот истифода ва нигаҳдории молу мулки марбути корхонаро таҳти назорат мегирад.

2. Молик ба гирифтани як қисми фоида аз истифодаи молу мулки таҳти ҳуқуқи пешбурди хоҷагии корхона қарордошта ҳуқуқ дорад.

#### Моддаи 336. Шартҳои амалисозии ҳуқуқҳои молумулкӣ аз ҷониби корхонаи воҳиди давлатӣ

1. Корхонаи воҳиди давлатӣ, ки фаъолияти худро дар асоси ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ амалӣ месозад, ҳуқуқ надорад бе розигии молик ё мақомоти давлатии аз ҷониби он ваколатдоршуда амалҳои зеринро анҷом диҳад:

- биною иншоот, таҷҳизот ва фондҳои асосии дигари корхонаро, ки ба он тааллуқ доранд, фурӯшад ё ба шахсони дигар диҳад, аз ҷумла ҳамчун саҳм дар сармояи оинномавии ҷамъиятҳои хоҷагӣ ё сармояи шариконаи ширкатҳои хоҷагӣ гузорад, иваз намояд, ба иҷора ё ба истифодаи муваққатии ройгон диҳад ва ё дар шакли дигар ихтиёрдорӣ намояд;

- филиалҳо ва корхонаҳои фаръӣ ташкил намояд;

- аз рӯйи уҳдадориҳои шахсони сеюм замонат ё кафолат диҳад.

2. Корхонаи воҳиди давлатӣ метавонад молу мулки манқули дар асоси ҳуқуқи хоҷагӣ ба он вобасташударо мустақилона ихтиёрдорӣ намояд, агар дар қонунҳо тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

## §2. Ҳуқуқи идораи оперативӣ

### Моддаи 337. Ҳуқуқи идораи оперативӣ

Корхонаи махсус, инчунин муассиса ба молу мулки дар ихтиёрашон гузошташуда дар доираи муайяннамудаи қонун, мутобиқи мақсади фаъолияташон, супоришҳои молик ё мақомоти ваколатдорнамудаи он ва таъиноти молу мулк ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдориро доранд.

### Моддаи 338. Ихтиёрдории молу мулки корхонаи махсус

1. Корхонаи махсус ҳуқуқ дорад молу мулки ба он вобасташударо танҳо бо розигии молики ин молу мулк бегона кунад ё бо тарзи дигар онро ихтиёрдорӣ намояд.

2. Корхонаи махсус иҷрои кор ва хизматрасониро амалӣ намуда, моли истеҳсолкардаашро мустақилона мефурӯшад, агар қонунгузорӣ тартиби дигар пешбинӣ накарда бошад.

3. Тартиби тақсими даромади корхонаи махсусро молики молу мулки он муайян мекунад.

### Моддаи 339. Ихтиёрдории молу мулки муассиса

1. Муассиса ҳуқуқ надорад молу мулки ба он вобасташуда ё молу мулки аз ҳисоби воситаҳои тибқи харҷнома бадастовардаашро фурӯшад ё онро бо тарзи дигар ихтиёрдорӣ намояд.

2. Агар мутобиқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ба муассиса иҷозат дода шуда бошад, ки ба фаъолияти даромаднок машғул шавад, дар он сурат даромад аз чунин фаъолият ва молу мулке, ки аз ҳисоби чунин даромад ба даст оварда шудааст, пурра ба ихтиёри муассиса гузашта, дар тавозуни алоҳида ба ҳисоб гирифта мешаванд.

### Моддаи 340. Ба даст овардани ҳуқуқи идораи оперативӣ ва қатъи он

1. Ҳуқуқи идораи оперативии молу мулке, ки молик онро ба корхонаи махсус ё муассиса вобаста намудааст, нисбати ин корхона ё муассиса аз лаҳзаи ба тавозуни мустақили онҳо гузарондани молу мулк пайдо мешавад, агар дар қонунгузорӣ ё қарори молик тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Самара, маҳсулот ва даромад аз истифодаи молу мулк, ки таҳти ҳуқуқи идоракунии оперативии корхонаи махсус ва муассиса қарор доранд, инчунин молу мулки дигар, ки онҳо мутобиқи шартнома ё асосҳои дигар ба даст овардаанд, бо тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ва қонунгузории дигар барои ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба ҳуқуқи идораи оперативии корхонаи махсус ё муассиса дохил мешаванд.

3. Ҳуқуқи идораи оперативии молу мулк тибқи қонунгузорӣ қатъ мегардад.

### Моддаи 341. Ҳуқуқи молик ба гирифтан ва азнавтақсимкунии молу мулке, ки ба идораи оперативӣ дода шудааст

Молики молу мулк ҳуқуқ дорад молу мулки зиёдатӣ, таҳти истифода қарорнадошта ва ё мутобиқи мақсад истифоданашавандаи корхонаи махсус ё муассисаро пас гирад ва мутобиқи салоҳдиди худ истифода барад, агар дар қонунгузорӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

### Моддаи 342. Нигаронидани рӯёниш ба молу мулке, ки ба идораи оперативӣ дода шудааст

1. Нигаронидани рӯёниш ба молу мулке, ки таҳти идораи оперативии корхонаи махсус ё муассиса қарор дорад, дар асоси тартиби умумӣ мутобиқи қонунгузорӣ анҷом дода мешавад, агар ҳамин Кодекс ва қонунҳо тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошад.

2. Агар муассиса аз фаъолияти хоҷагӣ даромад ба даст оварда бошад, нигаронидани рӯёниш аввал ба маблағҳои чунин даромад анҷом дода мешавад.

3. Дар сурати нокифоя будани маблағи корхонаи махсус ё муассиса молики молу мулки дахлдор аз рӯйи уҳдадориҳои он ҷавобгарии иловагӣ дорад.

### Моддаи 343. Нигоҳ доштани ҳуқуқи идоракунии оперативӣ ба молу мулк ҳангоми ба молики дигар гузаштани корхонаи махсус ё муассиса

Ҳангоми гузаштани ҳуқуқи моликият ба корхонаи махсус ё муассиса ба молики дигар ҳуқуқи идораи оперативӣ ба молу мулк нигоҳ дошта мешавад.

## §3. Сервитути ашёи ғайриманқул

### Моддаи 344. Ҳуқуқи маҳдуди истифодаи ашёи ғайриманқули бегона

Ҳуқуқи маҳдуди истифодаи ашёи ғайриманқул ин ҳуқуқи шахс ва (ё) шахсон ба истифодаи қисми ашёи ғайриманқули дар моликият ва ё истифодаи шахси дигар қарордошта мебошад, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта мешавад.

### Моддаи 345. Намудҳои сервитут

Намудҳои алоҳидаи сервитут тибқи ҳамин Кодекс ва қонун муқаррар карда мешаванд.

### Моддаи 346. Сервитути ихтиёрӣ ва маҷбурӣ

1. Сервитути ихтиёрӣ бо розигии тарафҳо муқаррар карда мешавад.

2. Сервитути маҷбурӣ дар асоси қарори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳрҳо ва ноҳияҳо, ё аз ҷониби суд аз рӯйи даъвои шахс тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

### Моддаи 347. Ҳуқуқи маҳдуди истифодаи қитъаи замини бегона

Ҳуқуқи маҳдуди истифодаи қитъаи замини бегона тибқи қонунгузории замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровара мешавад.

### Моддаи 348. Нигоҳ доштани сервитут ҳангоми додан ё гузаштани ҳуқуқи моликият ба бино ва иншоот

1. Сервитут ҳангоми ба шахси дигар додан ё гузаштани ҳуқуқи моликият ба бино ва иншоот, ки сервитут ба он дахл дорад, нигоҳ дошта мешавад.

2. Сервитут мавзуи мустақили хариду фурӯш ва ё гарав буда наметавонад, ё бо ягон роҳи дигар ба шахсе, ки молики бино ва ё иншоот намебошад, дода намешавад.

### Моддаи 349. Қатъ шудани сервитут

1. Сервитут метавонад ҳангоми аз байн рафтани асосе, ки тибқи он сервитут аз ҷониби мақомоти давлатӣ ё суд муқаррар гардида буд, қатъ шавад.

2. Асосҳои дигари қатъ шудани сервитутро қонун муайян менамояд.

## §4. Дигар ҳуқуқҳои маҳдуди ашё

### Моддаи 350. Ҳуқуқҳои маҳдуди ашё нисбат ба молу мулки дигар

Ҳуқуқҳои маҳдуди ашё ба молу мулк инчунин дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонун ба миён омада метавонанд.

# ФАСЛИ IV. ҲУҚУҚИ УҲДАДОРӢ

## ЗЕРФАСЛИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ ОИД БА УҲДАДОРИҲО

## БОБИ 26. МАФҲУМ, АСОСҲОИ БА ВУҶУД ОМАДАН, ТАРАФҲО ВА НАМУДҲОИ УҲДАДОРӢ

### Моддаи 351. Мафҳуми уҳдадорӣ ва асосҳои ба вуҷуд омадани он

1. Мувофиқи уҳдадорӣ як шахс (қарздор) бояд ба манфиати шахси дигар (кредитор) амали муайянеро анҷом диҳад, чунончи молу мулкро диҳад, корро иҷро кунад, хизмат расонад, пул супорад ва ғайра, ё аз иҷрои ягон амал

худдорӣ намояд ва кредитор бошад, ҳуқуқ дорад аз қарздор ичрои уҳдадориҳояшро талаб намояд.

2. Уҳдадориҳо дар асоси шартномаҳо, расондани зарар ва асосҳои дигари пешбининамудаи қонунгузорӣ ба вуҷуд меоянд.

## Моддаи 352. Тарафҳои уҳдадорӣ

1. Дар уҳдадорӣ ба сифати тарафҳо (кредитор ё қарздор) метавонанд як ё ҳамзамон якчанд шахс иштирок намоянд.

2. Беэътибории талаботи кредитор ба яке аз шахсоне, ки дар уҳдадорӣ ҳамчун қарздор иштирок мекунад ва ё гузаштани мӯҳлати даъво аз рӯйи талабот ба чунин шахс нисбати талабот ба қарздорони дигар дахл надорад.

3. Агар ҳама гуна тараф дар уҳдадорӣ ҳам ҳуқуқ ва ҳам уҳдадорӣ дошта бошад, он дар масъалаи анҷом додани уҳдадорӣ ба манфиати тарафи дигар қарздор ҳисобида шуда, ҳамзамон дар масъалаи ҳуқуқи талабкунӣ нисбати ҳамон тараф кредитор мебошад.

4. Уҳдадорӣ барои шахсоне, ки дар он ҳамчун тараф иштирок надоранд (барои шахси сеюм), уҳдадориҳоро ба вуҷуд намеорад. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ ё созишномаи тарафҳо уҳдадорӣ метавонад ҳуқуқро барои шахси сеюм нисбат ба як ё ҳар ду тарафи уҳдадорӣ ба вуҷуд орад.

5. Кредиторе, ки талаботи он ба қарздор бо гарав, нигоҳ доштан ё усулҳои дигар, ки бартариро дар назди кредиторони дигар оид ба таъмини талаботи худ аз ҳисоби молу мулки муайяни қарздор ё шахсони сеюм медиҳад, таъмин шудааст, кредитори таъминшуда мебошад.

## Моддаи 353. Уҳдадории алтернативӣ

1. Уҳдадории алтернативӣ уҳдадориест, ки тибқи он қарздор уҳдадор аст аз ду ё якчанд амал якеро бо интихоби худ анҷом диҳад (аз анҷоми амал худдорӣ намояд).

2. Дар асоси қонунгузорӣ ё шартнома мумкин аст ҳуқуқи интихоб ба кредитор ё ба шахси сеюм дода шавад. Аз лаҳзае, ки қарздор (кредитор, шахси сеюм) интихобро амалӣ намуд, уҳдадорӣ алтернативӣ ҳисобида намешавад.

## Моддаи 354. Уҳдадории фаръӣ

1. Уҳдадории фаръӣ уҳдадориест, ки тибқи он қарздор ҳуқуқ дорад иҷрои асосиро бо иҷрои дигари фаръӣ, ки дар шартҳои уҳдадорӣ пешбинӣ гардидааст, иваз намояд.

2. Дар ҳолате, ки қарздор ҳуқуқи худро оид ба иваз намудани иҷрои бо шартҳои уҳдадорӣ пешбинигардида амалӣ менамояд, кредитор уҳдадор аст аз қарздор иҷрои дахлдорро аз рӯйи уҳдадорӣ қабул намояд.

## Моддаи 355. Уҳдадории воқеӣ

1. Ухдадорие, ки мутобиқи он талаботи кредитор таҳти ҳимояи судӣ қарор намегирад, уҳдадории воқеӣ ба ҳисоб меравад.

2. Қарздоре, ки уҳдадории воқеиро иҷро кардааст, ҳуқуқи талаби баргардондани иҷроро надорад.

3. Асосҳои пайдоиши уҳдадориҳои воқеӣ, аз ҷумла шарт ва тартиби рад намудани ҳимояи судии талаботи кредитор, тибқи ҳамин Кодекс ва қонунҳои дигар муайян карда мешаванд.

4. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ё шартнома, агар иҷро ба фаъолияти соҳибкории тарафҳои он алоқаманд бошад, талаботи кредитор оид ба уҳдадории воқеӣ мумкин аст таҳти ҳимояи судӣ қарор гирад.

5. Шартномае, ки дар қисми 4 моддаи мазкур пешбинӣ гардидааст, мумкин аст аз ҷониби тарафҳо танҳо баъди фаро расидани мухлати иҷрои уҳдадорӣ баста шавад.

## БОБИ 27. ИҶРОИ УҲДАДОРИҲО

### Моддаи 356. Муқаррароти умумӣ оид ба иҷрои уҳдадориҳо

1. Уҳдадориҳо бояд ба таври матлуб мутобиқи шартҳои уҳдадорӣ ва талаботи қонунгузорӣ иҷро карда шаванд ва ҳангоми набудани чунин шарту талабот мутобиқи одатҳои муомилоти корӣ (моддаи 5 ҳамин Кодекс) ё талаботи маъмулан пешниҳодшуда анҷом дода шаванд.

2. Ҳангоми иҷрои уҳдадориҳо тарафҳо уҳдадоранд бовиҷдонона амал карда, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҳамдигарро ба назар гиранд, барои ноил шудан ба мақсади уҳдадорӣ мусоидат намуда, инчунин иттилооти зарурииро ба ҳамдигар пешниҳод созанд.

### Моддаи 357. Норавоии яктарафа рад кардани иҷрои уҳдадорӣ

1. Яктарафа рад кардани иҷрои уҳдадорӣ ва яктарафа тағйир додани шартҳои он иҷозат дода намешаванд, ба ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи қонун.

2. Яктарафа рад кардани иҷрои уҳдадорӣ ва яктарафа тағйир додани шартҳои он, ки ба фаъолияти соҳибкории тарафҳо алоқаманданд, инчунин дар ҳолатҳои пешбининамудаи шартнома иҷозат дода мешавад, агар аз қонун ё моҳияти уҳдадорӣ тартиби дигар барнаояд.

### Моддаи 358. Иҷрои қисм ба қисми уҳдадорӣ

Кредитор ҳуқуқ дорад иҷрои қисм ба қисми уҳдадориро қабул накунад, ба шарте аз қонунгузорӣ, шартҳои уҳдадорӣ, одатҳои муомилоти корӣ ё моҳияти уҳдадорӣ тартиби дигар барнаояд.

### Моддаи 359. Иҷрои уҳдадорӣ ба шахси матлуб

Агар аз созишномаи тарафҳо, одатҳои муомилоти корӣ ё моҳияти уҳдадорӣ тартиби дигар барнаояд, қарздор ҳангоми иҷрои уҳдадорӣ ҳуқуқ

дорад дар мавриди он, ки уҳдадориро маҳз кредитор ё шахси ба он ваколатдор қабул мекунад, далел талаб намояд ва барои пешниҳод накардани чунин талабот таваккали оқибати онро ба ухда дорад.

### Моддаи 360. Иҷрои уҳдадорӣ аз ҷониби шахси сеюм

1. Қарздор иҷрои уҳдадориро ба зиммаи шахси сеюм вогузошта метавонад, агар аз қонунгузорӣ, шарти уҳдадорӣ ё моҳияти он аз ҷониби қарздор уҳдадории шахсан иҷро намудани уҳдадорӣ барнаояд. Дар ин ҳолат кредитор бояд иҷрои уҳдадориро, ки ба ҷойи қарздор шахси сеюм пешниҳод кардааст, қабул кунад.

2. Агар дар қонун ва шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад ё аз моҳияти муносибатҳои қарздор ва шахси сеюм тартиби дигар барнаояд, шахси сеюм, ки нисбат ба иҷрои уҳдадории пулии қарздор манфиати қонунӣ дорад ва он ба фаъолияти соҳибкории тарафҳо алоқаманд аст, метавонад иҷрои ин уҳдадориро дар назди кредитор бе розигии қарздор иҷро намояд.

3. Шахси сеюме, ки ба он хатари аз даст додани ҳуқуқи худ ба молу мулки қарздор (ҳуқуқи иҷора, гарав ва ғайра) дар натиҷаи нигаронидани рӯёниш аз ҷониби кредитор ба ин молу мулк таҳдид мекунад, метавонад аз ҳисоби худ бе розигии қарздор талаби кредиторро қонеъ гардонад.

4. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисмҳои 2 ва 3 моддаи мазкур ҳуқуқи кредитор аз рӯйи уҳдадорӣ ба шахси сеюме, ки уҳдадории қарздорро иҷро кардааст, бо тартиби пешбининамудаи моддаҳои 440-445 ҳамин Кодекс мегузарад.

### Моддаи 361. Муҳлати иҷрои уҳдадорӣ

1. Агар уҳдадорӣ рӯзи иҷро ё давраи муҳлатеро, ки дар ҷараёни он уҳдадорӣ бояд иҷро шавад, пешбинӣ намуда бошад ё барои муайян намудани он имкон диҳад, уҳдадорӣ бояд дар ҳамон рӯз ё мувофиқан дар лаҳзаи ҳамон давра иҷро карда шавад.

2. Дар ҳолатҳое, ки уҳдадорӣ муҳлати иҷроро пешбинӣ накунад ва шартҳои муайян кардани чунин муҳлатро надошта бошад, он бояд дар муҳлати оқилонаи баъди ба вуҷуд омадани уҳдадорӣ иҷро карда шавад.

3. Уҳдадорие, ки дар муҳлати оқилона иҷро карда нашудааст, ҳамчунин уҳдадориеро, ки муҳлати иҷрои он бо лаҳзаи пешниҳоди талабот муайян шудааст, қарздор уҳдадор аст дар давоми ҳафт рӯз аз рӯзи талаб кардани кредитор иҷро намояд, агар дар муҳлати дигар иҷро кардани уҳдадорӣ аз қонунгузорӣ, шарти уҳдадорӣ, одатҳои муомилоти корӣ ё моҳияти уҳдадорӣ барнаояд.

### Моддаи 362. Талаби иҷрои мунтазам

Уҳдадорие, ки иҷрояш мунтазам пешбинӣ шудааст, бояд бо назардошти давраҳои оқилона барои иҷрои чунин уҳдадорӣ (рӯз, даҳа, моҳ, семоҳа ва ғайра) иҷро карда шавад, агар аз қонунгузорӣ, шартҳои уҳдадорӣ, одатҳои муомилоти корӣ ё моҳияти уҳдадорӣ тартиби дигар барнаояд.

## Моддаи 363. Ичрои уҳдадорӣ пеш аз муҳлат

Қарздор ҳуқуқ дорад уҳдадории худро то фаро расидани муҳлат ичро намояд, агар аз қонунгузорӣ, шартҳои уҳдадорӣ ё моҳияти он тартиби дигар барнаояд. Вале ичрои пеш аз муҳлати уҳдадорие, ки бо фаъолияти соҳибкории тарафҳои он алоқаманд мебошад, танҳо дар сурате иҷозат дода мешавад, ки имконияти пеш аз муҳлат ичро намудани уҳдадориро қонунгузорӣ ё шарти уҳдадорӣ пешбинӣ намудааст ва ё он аз одатҳои муомилоти корӣ ё моҳияти уҳдадорӣ бармеояд.

## Моддаи 364. Иттилоот оид ба чораёни ичрои уҳдадорӣ

Уҳдадории қарздор ҷиҳати расондани иттилоот ба кредитор ё шахси муайяннамудаи он доир ба чораёни ичрои уҳдадорӣ мумкин аст дар қонунгузорӣ ё шартҳои уҳдадорӣ пешбинӣ карда шавад.

## Моддаи 365. Ҷойи ичрои уҳдадорӣ

1. Уҳдадорӣ бояд дар ҷойе, ки дар қонунгузорӣ ё созишномаи тарафҳо муайян карда шудааст ва ё аз одатҳои муомилоти корӣ ё моҳияти уҳдадорӣ бармеояд, ичро карда шавад.

2. Агар ҷойи ичрои уҳдадорӣ муайян нагардида бошад, он бояд ба таври зерин ичро карда шавад:

- аз рӯйи уҳдадории додани молу мулки ғайриманқул - дар ҷойи ҷойгиршавии молу мулки ғайриманқул;

- аз рӯйи уҳдадории додани мол ё дигар молу мулке, ки ҳамлу нақли онҳо пешбинӣ шудааст - дар ҷойи супоридани молу мулк ба боркашони якум ҷиҳати расондани онҳо ба кредитор;

- аз рӯйи дигар уҳдадориҳои қарздор ҷиҳати додани мол ё дигар молу мулк - дар ҷойи тайёр намудани онҳо ё нигаҳдошти молу мулк, ба шарте ин маҳал дар лаҳзаи ба вуҷуд омадани уҳдадорӣ ба кредитор маълум бошад;

- аз рӯйи уҳдадории пулӣ оид ба пардохти маблағҳои пулии нақд - дар маҳалли истиқомати кредитор ё агар кредитор шахси ҳуқуқӣ бошад, дар маҳалли ҷойгиршавии он дар лаҳзаи ба миён омадани уҳдадорӣ; агар кредитор то лаҳзаи ичрои уҳдадорӣ маҳалли истиқомат ё ҷойгиршавиашро иваз карда, қарздорро аз ин огоҳонида бошад, пас дар маҳалли нави истиқомат ё ҷойгиршавии кредитор бо аз ҳисоби кредитор баровардани ҳамаи хароҷоти вобаста ба ивази ҷойи ичро;

- аз рӯйи уҳдадории пулӣ оид ба пардохти маблағҳои пулии ғайринақдӣ - дар маҳалли ҷойгиршавии бонк (воҳидҳои сохтории он), ки дар он барои кредитор суратҳисоби бонкӣ кушода шудааст;

- аз рӯйи уҳдадориҳои дигар - дар маҳалли истиқомати қарздор ва агар қарздор шахси ҳуқуқӣ бошад - дар маҳалли ҷойгиршавии он.

3. Дар ҳолати мавҷуд будани шубҳа оид ба маҳалли ичрои уҳдадории пулӣ уҳдадорӣ бояд дар маҳалли ҷойгиршавии кредитор (маҳалли истиқомати шахси воқеӣ ё маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ) ичро шавад.

4. Агар дар маҳал ё кишваре, ки пардохт анҷом дода мешавад, кредитор барои интиқоли маблағ суратҳисоби бонкӣ дошта бошад, қарздор ҳуқуқ дорад дар мавриди норозигӣ надоштани кредитор ӯҳдадории пулии худро бо роҳи ба ин суратҳисоб гузарондани маблағ иҷро намояд.

## Моддаи 366. Иҷрои ӯҳдадориҳои пулӣ

1. Ӯҳдадории пулӣ бояд бо пули миллӣ ифода ва пардохт карда шавад.

2. Истифодаи асъори хориҷӣ, инчунин ҳуҷҷатҳои пардохт бо асъори хориҷӣ ҳангоми анҷом додани ҳисоббаробаркунӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ӯҳдадориҳо мувофиқи ҳолат, тартиб ва шартҳои муайяннамудаи қонун иҷозат дода мешавад.

3. Агар то фаро расидани мӯҳлати пардохт қурби пул боло ё паст шуда ё асъор тағйир ёфта бошад, қарздор аз рӯйи қурбе маблағро пардохт менамояд, ки ба рӯзи иҷрои воқеии ӯҳдадорӣ мувофиқ бошад, агар дар ҳамин Кодекс ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

4. Ҳангоми дигар шудани асъор муносибатҳои мубодилавӣ бояд бо қурби дар рӯзи тағйирёбии асъор мавҷудбудаи воҳидҳои пулӣ анҷом дода шаванд.

## Моддаи 367. Зиёдшавии маблағе, ки барои таъминоти шахси воқеӣ пардохт карда мешавад

Маблағе, ки аз рӯйи ӯҳдадории пулӣ бевосита барои таъмини шахсони воқеӣ пардохт карда мешавад (ҷиҳати ҷуброни зарари ба ҳаёт ва саломатӣ расида, тибқи шартномаи таъминоти якумрӣ бо саробонӣ ва ҳолатҳои дигари бо қонун пешбинишуда), бо зиёд шудани андозаи маоши ҳадди ақал мутаносибан меафзояд, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

## Моддаи 368. Навбати пардохти талаб аз рӯйи ӯҳдадории пулӣ

Маблағи пардохтшуда, ки барои иҷрои пурраи ӯҳдадории пулӣ нокифоя мебошад, ҳангоми мавҷуд набудани созишномаи дигар, пеш аз ҳама барои пӯшондани хароҷоти кредитор оид ба гирифтани иҷро, сипас барои пардохти фоизи қарз ва қисми боқимонда барои пардохти маблағи асосии қарз равона карда мешавад.

## Моддаи 369. Иҷрои ӯҳдадориҳои алтернативӣ ва фаръӣ

1. Қарздоре, ки ӯҳдадор аст ба кредитор ин ё он молу мулкро диҳад, аз якчанд амал якеро анҷом диҳад, агар аз қонунгузорӣ ё шарти ӯҳдадорӣ тартиби дигар барнаояд, ҳуқуқи интихоб карданро дорад.

2. Агар қарздор аз рӯйи ӯҳдадории алтернативӣ (моддаи 353 ҳамин Кодекс) дар мӯҳлати муайянгардида иҷрои ӯҳдадориро интихоб накунад, аз ҷумла бо роҳи иҷрои ӯҳдадорӣ, кредитор ҳуқуқ дорад бо интихоби худ аз қарздор иҷрои амали дахлдорро талаб намояд.

3. Агар қарздор аз рӯйи уҳдадории фаръӣ (моддаи 354 ҳамин Кодекс) дар муҳлати муайянгардида ба иҷрои асосӣ оғоз накунад, кредитор ҳуқуқ дорад иҷрои асосии уҳдадориро талаб намояд.

## Моддаи 370. Иҷрои уҳдадорие, ки дар он якчанд кредитор ё қарздор иштирок доранд

Агар дар уҳдадорӣ якчанд кредитор ё якчанд қарздор иштирок намоянд, пас ҳар кредитор ҳуқуқ дорад иҷрои уҳдадориро талаб намояд ва ҳар қарздор уҳдадор аст ба ҳиссаи баробар бо дигарон уҳдадориро иҷро кунад, агар аз қонунгузорӣ ё шарти уҳдадорӣ тартиби дигар барнаояд.

## Моддаи 371. Уҳдадориҳои муштарак

1. Уҳдадорӣ (ҷавобгарӣ)-и муштарак ё талаби муштарак ҳангоме ба миён меояд, ки агар уҳдадории муштарак ё талаби муштарак дар шартнома ё қонун (аз ҷумла ҳангоми тақсимнопазирии мавзуи уҳдадорӣ) муқаррар шуда бошад.

2. Уҳдадории якчанд қарздор, ҳамчунин талаби якчанд кредитор дар уҳдадорие, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд мебошад, уҳдадории муштарак ҳисобида мешавад, агар дар қонунгузорӣ ё шартҳои уҳдадорӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

## Моддаи 372. Ҳуқуқи кредитор ҳангоми уҳдадории муштарак

1. Ҳангоми уҳдадории муштараки қарздорон кредитор ҳуқуқ дорад иҷрои онро аз ҳамаи қарздорон якҷоя ё аз ҳар кадоми онҳо дар алоҳидагӣ, ҳамчунин пурра ё қисман талаб намояд.

2. Кредиторе, ки талаби худро аз ҷониби яке аз қарздорони муштарак пурра қонеъ накардааст, ҳуқуқ дорад иҷрои қисми қонеънашударо аз қарздорони муштараки дигар талаб намояд.

3. То лаҳзаи пурра иҷро намудани уҳдадорӣ қарздорони муштарак уҳдадор боқӣ мемонанд.

## Моддаи 373. Норозигӣ муқобили талаботи кредитор ҳангоми уҳдадории муштарак

Дар ҳолати уҳдадории муштарак қарздор ҳуқуқ надорад ба муқобили талаби кредитор норозигиеро баён кунад, ки ба чунин муносибати байни қарздорони дигар бо кредитор асос ёфта, қарздори мазкур дар он иштирок надорад.

## Моддаи 374. Иҷрои уҳдадории муштарак аз ҷониби яке аз қарздорон

1. Аз ҷониби яке аз қарздорон пурра иҷро намудани уҳдадории муштарак қарздорони дигарро аз иҷрои уҳдадорӣ дар назди кредитор озод мекунад.

2. Агар аз муносибати байни қарздорони муштарак тартиби дигар барнаояд:

- қарздоре, ки уҳдадории муштаракро иҷро кардааст, ҳуқуқи талаби аксро нисбат ба қарздорони боқимонда ба ҳиссаҳои баробар бо баровардани ҳиссае, ки ба худаш мувофиқ меояд, дорад;

- қисми напардохтаи яке аз қарздорони муштарак ба қарздоре, ки уҳдадории муштаракро иҷро кардааст, ба таври баробар ба зиммаи ҳамон қарздор ва қарздорони дигар гузошта мешавад.

3. Қоидаҳои моддаи мазкур мувофиқан ҳангоми қатъи уҳдадории муштарак тавассути баҳисобгирии талаби мутақобилаи яке аз қарздорон татбиқ мегарданд.

## Моддаи 375. Талаботи муштарак

1. Ҳангоми талаботи муштарак ҳар кадоме аз кредитори муштарак ҳуқуқ дорад ба қарздор дар ҳаҷми пурра талабот пешниҳод намояд.

2. То пешниҳод гардидани талабот аз ҷониби яке аз кредиторони муштарак қарздор ҳуқуқ дорад мутобиқи салоҳдиди худ уҳдадориро дар назди ҳар кадоме аз онҳо иҷро кунад.

3. Қарздор ҳуқуқ надорад ба муқобили талаби яке аз кредиторони муштарак, ки ба чунин муносибати қарздор бо кредиторони муштараки дигар асос ёфтааст ва дар он кредитори мазкур иштирок надорад, норозигӣ намояд.

4. Аз ҷониби қарздор пурра иҷро намудани уҳдадорӣ дар назди яке аз кредиторони муштарак онро аз иҷрои уҳдадорӣ дар назди кредиторони боқимонда озод мекунад.

5. Кредитори муштарак, ки иҷрои уҳдадории қарздорро қабул кардааст, уҳдадор аст ҳиссаи ба кредиторони дигар тааллуқдоштаро ба онҳо ба андозаи баробар пардохт намояд, агар аз муносибати байни онҳо тартиби дигар барнаояд.

## Моддаи 376. Иҷрои уҳдадориҳои иловагӣ

Дар қонунгузорӣ ё шартҳои уҳдадории байни кредитору қарздор метавонад пешбинӣ шавад, ки ҳангоми аз тарафи қарздори асосӣ қонеъ накардани талаботи кредитор оид ба иҷрои уҳдадорӣ, чунин талабот дар қисми иҷронашуда ба қарздори дигар (қарздори иловагӣ) арз карда мешавад.

## Моддаи 377. Тасдиқи иҷрои уҳдадорӣ

1. Кредитор иҷрои уҳдадориро қабул намуда, уҳдадор аст бо талаби қарздор ба он оид ба пурра ё қисман иҷро шудани уҳдадорӣ забонхат диҳад.

2. Агар қарздор ба кредитор барои тасдиқи уҳдадорӣ ҳуҷҷати қарздориро дода бошад, пас кредитор иҷрои уҳдадориро қабул намуда, бояд ҳуҷҷатро ба қарздор баргардонад. Ҳангоми имконнопазирии баргардондани ҳуҷҷати мазкур кредитор уҳдадор аст дар забонхати додааш ба он ишора кунад.

3. Ба ҷойи забонхат мумкин аст дар ҳуҷҷати қарздорие, ки ба қарздор баргардонда мешавад, тасдиқи иҷрои уҳдадорӣ сабт гардад.

4. Дар ихтиёри қарздор қарор доштани ҳуҷҷати қарздорӣ қатъи уҳдадориро тасдиқ мекунад, агар ҳолати дигар исбот нагардад.

5. Ҳангоми аз тарафи кредитор надодани забонхат оид ба иҷрои уҳдадории анҷомёфта, барнагардондани ҳуҷҷати қарздорӣ ё сабт оид ба имконнопазирии баргардондани он дар забонхат қарздор ҳуқуқ дорад иҷроро ба таъхир гузорад. Дар ин ҳолат аз ҷониби кредитор муҳлат гузаронда ҳисобида мешавад.

## Моддаи 378. Иҷрои уҳдадорӣ тавассути ба амонат гузарондани қарз

1. Қарздор ҳуқуқ дорад пул ё коғазҳои қиматнокеро, ки бояд диҳад, ба амонат (депозит)-и нотариус ва дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун ба амонат (депозит)-и суд гузаронад, ба шарте қарздор бо сабабҳои зерин уҳдадориро иҷро карда натавонад:

- агар дар маҳалле, ки уҳдадорӣ бояд иҷро гардад, кредитор ё шахси ваколатдоршуда ҷиҳати қабули иҷрои уҳдадорӣ ҳузур надошта бошад;

- ғайриқобили амал будани кредитор ва намоянда надоштани он;

- баръало аён набудани он, ки кадом шахс оид ба уҳдадорӣ кредитор мебошад, аз ҷумла вобаста ба баҳси байни кредитор ва шахсони дигар дар ҳамин маврид;

- саркашӣ намудани кредитор аз қабули иҷрои уҳдадорӣ ё ба тарзи дигар гузарондани муҳлат аз ҷониби он.

2. Ба амонат (депозит)-и нотариус ё суд гузарондани маблағ ё коғазҳои қиматнок иҷрои уҳдадорӣ ҳисобида мешавад.

3. Нотариус ё суде, ки ба амонат (депозит) маблағи пулӣ ё коғазҳои қиматнокро қабул намудааст, дар ин бора кредиторро огоҳ менамояд.

## Моддаи 379. Иҷрои мутақобилаи уҳдадориҳо

1. Иҷрои мутақобила аз ҷониби яке аз тарафҳо иҷро намудани уҳдадорие ба ҳисоб меравад, ки шарти аз ҷониби тарафи дигар иҷро намудани уҳдадориҳои худ мебошад.

2. Дар ҳолати аз тарафи уҳдадор пешниҳод нагардидани иҷрои уҳдадорӣ тибқи шартнома ё мавҷуд будани ҳолате, ки ошкоро аз иҷро нашудани он дар муҳлати муайян гувоҳӣ медиҳад, тарафи иҷрои мутақобилаи уҳдадориро базиммадошта ҳуқуқ дорад иҷрои уҳдадории худро боздорад ё аз иҷрои он даст кашад ва ҷуброни зиёнро талаб намояд.

3. Агар уҳдадории дар шартнома зикршуда дар ҳаҷми пурра иҷро нашуда бошад, тарафи иҷрои мутақобилаи уҳдадориро базиммадошта ҳуқуқ дорад иҷрои уҳдадориашро боздорад ё иҷрои он қисмеро рад кунад, ки баробар ба ҳаҷми иҷрои пешниҳоднашуда аст.

4. Сарфи назар аз пешниҳод накардани иҷрои уҳдадории дар шартнома зикргардида аз тарафи дигар, агар иҷрои мутақобилаи уҳдадорӣ анҷом дода шавад, тарафи дигар уҳдадор аст чунин иҷроро пешниҳод кунад.

5. Агар дар шартнома ё қонун тартиби дигар муайян нашуда бошад, қоидаҳои пешбининамудаи қисмҳои 2, 3 ва 4 моддаи мазкур татбиқ карда мешаванд.

## БОБИ 28. ТАЪМИНИ ИҶРОИ УҲДАДОРӢ

### §1. Муқаррароти умумӣ

#### Моддаи 380. Тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ

1. Иҷрои уҳдадорӣ метавонад ба воситаи ноустуворона, гарав, нигоҳ доштани ашёи қарздор, замонат, кафолат, байъона ва дигар тарзҳои пешбининамудаи қонун ё шартнома таъмин карда шавад.

2. Беэътибории созишнома оид ба таъмини иҷрои уҳдадорӣ боиси беэътибор гардидани ин уҳдадорӣ (уҳдадории асосӣ) шуда наметавонад.

3. Беэътибории уҳдадории асосӣ боиси беэътибор гардидани уҳдадории таъминкунандаи он мегардад, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

4. Қатъи уҳдадории асосӣ боиси қатъ гардидани уҳдадории таъминкунандаи он мегардад, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

5. Дар сурати ба таъминот додани молу мулк аз ҷониби шахсе, ки ин ҳуқуқро надошт, чунин таъминот нисбати ҳамин молу мулк:

- қатъ мегардад, агар кредитор медонист ё мебоист донад, ки таъминот аз ҷониби шахси ваколатдорнашуда пешниҳод шудааст. Дар баробари ин, кредитор пас аз эътибори қонунӣ пайдо намудани санади судӣ оид ба гирифтани чунин молу мулк ҳуқуқи талаб кардани иҷрои пеш аз муҳлати уҳдадориҳо ва ё иваз кардани мавзуи таъминотро дорад;

- то иҷрои уҳдадории таъминшуда нигоҳ дошта мешавад, агар кредитор намедонист ё намебоист донад, ки молу мулк аз ҷониби шахси ваколатдорнашуда (кредитори бовиҷдон) пешниҳод шудааст. Дар ин маврид молик дар назди кредитор танҳо бо молу мулки зикршуда ҷавоб медиҳад.

6. Дар феҳристи ягонаи давлатии уҳдадориҳои таъминшуда мавҷуд набудани маълумот дар бораи ҳуқуқи шахси дигар ба молу мулк барои бовиҷдон эътироф кардани кредитор асос дониста мешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки ин молу мулкро молик ё шахсе, ки молик барои соҳибӣ додааст, гум карда бошад ё аз яке аз онҳо тасарруф шуда бошад ё бо усули дигар бе ихтиёри онҳо аз соҳибиашон баромада бошад.

### §2. Ноустуворона

#### Моддаи 381. Мафҳуми ноустуворона

1. Ноустуворона (ҷарима, пеня) маблағе мебошад, ки тибқи қонун ё шартнома муайян гардидааст ва қарздор уҳдадор аст ҳангоми иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ онро ба кредитор пардохт кунад. Зимни талаби

пардохти ноустуворона кредитор ухдадор нест зиёни ба он расондашударо исбот кунад.

2. Андозаи ноустуворона бо маблағи пулии дақиқ (ҷарима) ё бо фоизи муайян (пеня) аз маблағи иҷронашуда ё ба таври номатлуб иҷрошуда муайян карда мешавад.

### Моддаи 382. Шакли созишнома оид ба ноустуворона

1. Созишнома оид ба ноустуворона, сарфи назар аз шакли ухдадории асосӣ, бояд дар шакли хаттӣ баста шавад.

2. Риоя накардани шакли хаттӣ боиси беэътибор шудани созишнома оид ба ноустуворона мегардад.

### Моддаи 383. Ноустуворона дар асоси қонун

1. Кредитор ҳуқуқ дорад пардохти ноустуворонаи муайяннамудаи қонун (ноустуворона дар асоси қонун)-ро, сарфи назар аз он ки дар созишнома ухдадории пардохти он пешбинӣ шудааст ё не, талаб намояд.

2. Андозаи ноустуворона дар асоси қонун бо созишномаи тарафҳо метавонад зиёд карда шавад, агар онро қонун манъ накунад.

### Моддаи 384. Кам кардани ноустуворона

1. Агар ноустуворонаи пардохтшаванда ба оқибати вайрон кардани ухдадорӣ баръало нобаробар бошад, суд ҳуқуқ дорад бо талаби қарздор ноустуворонаро кам кунад.

2. Қоидаҳои моддаи мазкур ба ҳуқуқи қарздор ҷиҳати кам кардани андозаи ҷавобгарии он дар асоси моддаи 465 ҳамин Кодекс ва ҳуқуқи кредитор барои ҷуброни зиён дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 454 ҳамин Кодекс дахл надоранд.

3. Кам кардани ноустуворонаи пардохтшаванда ба шахсе, ки фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳад, дар ҳолатҳои истисноӣ иҷозат дода мешавад, агар исбот гардад, ки рӯёниши андозаи ноустуворонаи дар шартнома пешбинигардида ба нафъи беасоси кредитор оварда мерасонад.

## §3. Гарав

### Моддаи 385. Мафҳум ва асосҳои ба миён омадани гарав

1. Гарав тарзи таъмини иҷрои ухдадорӣ мебошад, ки тибқи он кредитор дар ухдадории бо гарав таъминшуда (гаравгир) ҳангоми аз ҷониби қарздор иҷро нашудани чунин ухдадорӣ, барои қонеъ намудани талаботаш, аз арзиши молу мулки ба гаравгузоштаи шахсе, ки ин молу мулк ба он тааллуқ дорад (гаравдеҳ), нисбат ба кредиторони дигар ҳуқуқи афзалиятнокро доро мебошад, ба истиснои ҳолатҳои дар қонун муқарраршуда.

2. Ба гарав гузоштани корхона, бино, иншоот, манзили истиқоматӣ ва молу мулки ғайриманқули дигар (ипотека) бо қонун дар бораи ипотека танзим карда

мешавад. Қоидаҳои умумӣ оид ба гарав, ки дар ҳамин Кодекс зикр шудаанд, дар ҳолате татбиқ карда мешаванд, ки дар ҳамин Кодекс ё қонун дар бораи ипотека қоидаҳои дигар муқаррар нагардида бошанд.

3. Гарав дар асоси шартнома ба миён меояд. Гарав инчунин дар асоси қонун ҳангоми фаро расидани ҳолатҳои муайяннамудаи он ба миён меояд, агар дар қонун пешбинӣ гардида бошад, ки кадом молу мулк ва барои таъмини иҷрои кадом уҳдадорӣ ба гарав мондашуда ба ҳисоб меравад.

4. Қоидаҳои ҳамин Кодекс оид ба гарав, ки дар асоси шартнома ба миён меоянд, мувофиқан нисбат ба гараве татбиқ мегарданд, ки дар асоси қонун ба миён омадааст, ба шарте ки дар қонун тартиби дигар муайян нашуда бошад.

### Моддаи 386. Гаравдеҳ

1. Гаравдеҳ метавонад ҳам худи қарздор ва ҳам шахси сеюм бошад.

2. Шахсе, ки дорои ҳуқуқи моликият ё ҳуқуқи дигари ашё ба мавзуи гарав мебошад, гаравдеҳ шуда метавонад, аз ҷумла худи қарздор аз рӯйи уҳдадории бо гарав таъминшуда ва ё шахси сеюм, ки дар ин уҳдадорӣ иштирок намекунад.

3. Гаравдеҳи ҳуқуқ шахсе буда метавонад, ки ҳуқуқи багаравгузоранда ба он тааллуқ дорад.

4. Шахсе, ки ашё тибқи ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ ба он тааллуқ дорад, дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 2 моддаи 336 ҳамин Кодекс ҳуқуқ дорад онро бе розигии молик ба гарав гузорад.

5. Ба гарав гузоштани ҳуқуқи иҷора ё ҳуқуқи дигар ба молу мулки бегона бе иҷозати молики онҳо ё шахсе, ки ҳуқуқи пешбурди хоҷагиро дорад, роҳ дода намешавад, агар дар қонун ё шартнома бегона кардани ин ҳуқуқ бе розигии ин шахсон манъ карда шуда бошад.

### Моддаи 387. Гарави молу мулке, ки барои бегона кардани он розигӣ ё иҷозати шахси дигар ё мақомоти ваколатдор талаб карда мешавад

1. Агар мавзуи гарав молу мулке бошад, ки барои бегона кардани он розигӣ ё иҷозати шахси дигар ё мақомоти ваколатдор талаб карда мешавад, чунин розигӣ ё иҷозат барои гарави ин молу мулк зарур мебошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки гарав дар асоси қонун ба вуҷуд меояд.

2. Молу мулке, ки таҳти моликияти умумӣ қарор дорад, танҳо бо розигии ҳамаи моликон ба гарав гузошта шуданаш мумкин аст. Ҳуқуқ ба ҳисса дар молу мулки умумӣ метавонад мавзуи мустақили гарав бошад.

### Моддаи 388. Мавзуи гарав

1. Мавзуи гарав ҳама гуна молу мулк, аз ҷумла ашё ва ҳуқуқҳои молумулкӣ (талабот), буда метавонад, ба истиснои талаботе, ки бо шахсият робитаи ногусастанӣ дорад, аз ҷумла талабот оид ба алимент, ҷуброни зараре, ки ба ҳаёт ва саломатӣ расонда шудааст ва ҳуқуқҳои дигар, ки гузашт кардани онҳо ба шахсони дигар тибқи қонунгузорӣ манъ шудааст.

2. Ашё ё ҳуқуқе, ки дар оянда ба вуҷуд омада метавонанд, аз ҷумла захираҳои минбаъдаи маҳсулоти истеҳсолнамудаи гаравдеҳ, бунёди ашёи ғайриманқул ё қарзи дебиторӣ мавзуи гарав шуда метавонанд. Гарав нисбат ба молу мулке, ки дар оянда ба моликият (ё соҳибият)-и гаравдеҳ мегузаранд, аз лаҳзаи аз ҷониби гаравдеҳ ба даст овардани ҳуқуқ ба чунин молу мулк ба вуҷуд меояд.

3. Гарави намудҳои алоҳидаи молу мулк, аз ҷумла молу мулки шахсони воқеие, ки аз ҳисоби он рӯёнидан иҷозат дода намешавад, тибқи қонунгузорӣ манъ ё маҳдуд карда мешавад.

## Моддаи 389. Намудҳои гарав

1. Гарав мумкин аст дар намуди ипотека, гарави додашуда, гарав бо мондани ашёи ба гарав гузошташуда дар ихтиёри гаравдеҳ, гарави ҳуқуқ, гарави воситаҳои пулӣ, гарави молу мулки дар муомилотбуда, гарави ашё дар гаравхона бошад.

2. Ипотека намуди гаравест, ки молу мулки ба гарав гузошташуда дар соҳибӣ ва истифодаи гаравдеҳ ё шахси сеюм боқӣ мемонад. Мавзуи ипотека корхонаҳо, иморатҳо, бино, иншоот, хона, объектҳои кайҳонӣ ва молу мулки дигари ғайриманқуле, ки аз муомилоти маданӣ гирифта нашудаанд, буда метавонанд. Қоидаҳои ипотекаро нисбат ба гарави ҳуқуқ ба молу мулки ғайриманқул дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун татбиқ намудан мумкин аст.

3. Ҳангоми ба гарав гузоштани коғази қиматноки ҳуҷҷатӣ қоидаҳо оид ба гарави ашё татбиқ мегарданд, агар аз қонунҳо ё моҳияти коғази қиматноки дахлдор тартиби дигар барнаояд.

4. Ҳангоми ба гарав гузоштани коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат қоидаҳо оид ба гарави ҳуқуқи уҳдадорӣ татбиқ мегарданд, агар аз қонунҳо ё моҳияти коғази қиматноки дахлдор тартиби дигар барнаояд.

5. Хусусиятҳои гарави додашуда, гарав бо мондани ашёи ба гарав гузошташуда дар ихтиёри гаравдеҳ, гарави ҳуқуқ, гарави воситаҳои пулӣ, гарави молу мулки дар муомилотбуда, гарави ашё дар гаравхона ва намудҳои дигари гарави молу мулки манқул бо ҳамин Кодекс ва қонун муайян карда мешаванд.

## Моддаи 390. Гарав бе додан ва бо додани молу мулки ба гарав гузошташуда ба гаравгир

1. Молу мулки ба гарав гузошташуда дар назди гаравдеҳ боқӣ мемонад, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. Молу мулке, ки таҳти ипотека қарор дорад, ба гаравгир дода намешавад.

2. Молу мулки ба гарав гузошташуда мумкин аст дар назди гаравдеҳ зери қулф ва муҳри гаравгир вогузошта шавад. Мавзуи гаравро метавон дар назди гаравдеҳ бо сабти аломат гузошт, ки ба гарав гузоштани молу мулк далолат мекунад (гарави қатъӣ).

3. Молу мулки гарав, ки аз тарафи гаравдеҳ муваққатан барои соҳибӣ ё истифода ба шахси сеюм дода шудааст, дар назди гаравдеҳ қарордошта ба ҳисоб меравад.

4. Молу мулки гарав метавонад аз ҷониби гаравгир муваққатан барои соҳибӣ ё истифода ба шахси сеюм дода шавад. Дар ин маврид мавзуи гарав дар назди гаравгир қарордошта ба ҳисоб меравад.

5. Ҳангоми ба гарав гузоштани ҳуқуқи молу мулке, ки бо коғази қиматнок собит шудааст, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, ба гаравгир ё амонат (депозит)-и нотариус дода мешавад.

### Моддаи 391. Талаботе, ки бо гарав таъмин карда мешавад

1. Гарав талаботро танҳо дар ҳаҷме таъмин мекунад, ки чунин талабот дар лаҳзаи воқеан қонеъ намудан мавҷуданд, аз ҷумла фоизи қарз, ҷуброни зиёне, ки аз гузарондани муҳлат расидааст, ноустуворона (ҷарима, пеня), хароҷоти зарурӣ барои нигаҳдории молу мулки ба гарав гузошташуда, инчунин пардохти хароҷот барои рӯёниш ва фурӯши мавзуи гарав, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Гарав нисбати талаботе, ки метавонанд дар оянда ба вуҷуд оянд, муқаррар шуданаш мумкин аст, агар тарафҳо оид ба андозаи бо гарав таъмин намудани чунин талабот ба мувофиқа расанд.

### Моддаи 392. Суғуртаи молу мулки ба гарав гузошташуда

1. Мутобиқи шартнома ё қонун уҳдадории суғурта кардани молу мулки ба гарав гузошташударо ба зиммаи шахсони зерин гузоштан мумкин аст:

- ба зиммаи гаравгир, ба шарте ки молу мулки ба гарав гузошташуда ба соҳибии он дода шуда бошад;

- ба зиммаи гаравдеҳ, ба шарте ки молу мулки ба гарав гузошташуда дар истифодаи он боқӣ монда бошад.

2. Агар шартномаи гарав ба зиммаи гаравдеҳ уҳдадории суғуртаи молу мулки ба гарав гузошташударо вогузор намояд, гарав ба ҳама гуна ҳуқуқи гаравдеҳ аз рӯйи ҳамин полиси суғуртавӣ паҳн мегардад ва гаравгир барои қонеъ гардондани талаботи таъминшудааш аз ҳама гуна маблағи аз ҳисоби пардохти суғуртавӣ воридшаванда бевосита аз суғуртакунанда ва бе розигии гаравдеҳ ҳуқуқи имтиёзнок дорад.

3. Ҳангоми фаро расидани ҳодисаи суғуртавӣ ҳуқуқи талабкунӣ аз рӯйи шартномаи суғуртаи молу мулки ба гарав гузоштаи гаравдеҳ танҳо дар сурати аз ҳуқуқи худ мутобиқи қисми 2 моддаи мазкур даст кашидани гаравгир ба миён меояд.

4. Агар маблағи ҷуброни суғурта аз маблағи уҳдадорие, ки бо гарав таъмин гардидааст, бештар бошад, гаравгир уҳдадор аст дар давоми се рӯзи бонкӣ аз лаҳзаи гирифтани он фарқияти маблағро ба ҳисоби гаравдеҳ гузаронад.

5. Агар молу мулк бо гуноҳи гаравгир гум шавад ё осеб дида бошад, он аз ҳуқуқи аз ҳисоби пардохти суғуртавӣ қонеъ намудани талаботи худ маҳрум мегардад.

### Моддаи 393. Шартномаи гарав, шакл ва бақайдгирии он

1. Дар шартномаи гарав бояд мавзуи гарав ва нархи он, моҳият, андоза ва муҳлати иҷрои уҳдадории бо гарав таъминшуда дар назди кадоме аз тарафҳо қарор гирифтани молу мулки ба гарав гузошташуда ва дигар шарту талаботе, ки бо қонун пешбинӣ шудаанд, ифода гарданд.

2. Шартномаи гарав бояд дар шакли хаттӣ баста шавад. Шартномаҳои омехтае, ки мутобиқи қисми 3 моддаи 483 ҳамин Кодекс баста шудаанд ва унсурҳои шартномаи гаравро дар бар гирифтаанд, бояд ба талаботи моддаи мазкур мувофиқат намоянд.

3. Шартномаи гарав ҷиҳати таъмини иҷрои уҳдадорӣ аз рӯйи шартномае, ки шакли хаттии нотариалӣ дорад, бояд бо тариқи нотариалӣ тасдиқ карда шавад.

4. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун шартномаи гарав ба қайд гирифта мешавад.

5. Риоя накардани қоидаҳои дар қисмҳои 2, 3 ва 4 моддаи мазкур зикршуда шартномаи гаравро беэътибор мегардонад.

### Моддаи 394. Молу мулке, ки ба он ҳуқуқи гаравгир паҳн мегардад

1. Ҳуқуқи гаравгир (ҳуқуқи гарав) ба ашёе, ки мавзуи гарав мебошанд, ба ашёи мансуб низ паҳн мегардад, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, ҳуқуқи гаравгир (ҳуқуқи гарав) ба ашёе, ки мавзуи гарав мебошад, ба самара, маҳсулот ва даромади дар натиҷаи истифодаи молу мулки ба гарав гузошташуда бадастомада паҳн мегардад.

3. Ҳангоми ипотекаи корхона ё маҷмаи молумулкии дигар ҳуқуқи гарав дар маҷмуъ ба тамоми молу мулки ба таркиби он дохилшаванда (молу мулки манқул, молу мулки ғайриманқул, ҳуқуқҳои талабкунӣ, ҳуқуқҳои истисноии мавҷуда ва дар давраи ипотека бадастовардашуда) паҳн мегардад, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

4. Дар шартномаи гарав ё дар қонун (агар гарав дар асоси қонун ба вуҷуд омада бошад) метавонад гарави ашё ва ҳуқуқҳои молумулкие, ки гаравдеҳ дар оянда ба даст меорад, пешбинӣ карда шаванд.

### Моддаи 395. Ба вуҷуд омадани ҳуқуқи гарав

1. Ҳуқуқи гарав ҳангоми дар як вақт мавҷуд будани шартҳои зерин ба миён меояд:

- соҳиб будани гаравдеҳ ба ҳуқуқи моликият ё ҳуқуқи дигари ашё ба мавзуи гарав ва ё ҳуқуқи дигари молумулкӣ;

- мавҷуд будани шартнома дар бораи гарав мутобиқи талаботи моддаи 393 ҳамин Кодекс ё асосҳои дигари пешбининамудаи қонун.

2. Агар дар шартномаи гарав тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, ҳуқуқи гарав нисбат ба гарави молу мулке, ки бояд ба гаравгир дода шавад, аз лаҳзаи додани ин молу мулк ба миён меояд.

3. Ҳуқуқи гарав ба молҳои дар муомилотбуда мутобиқи қоидаҳои моддаи 411 ҳамин Кодекс ба миён меояд.

4. Ҳуқуқи гарав ба молу мулке, ки гаравдеҳ дар оянда ба даст меорад, аз лаҳзаи ба даст овардани ҳуқуқи дахлдор ё ворид шудани ашёи дахлдор ба моликияти гаравдеҳ ба миён меояд.

### Моддаи 396. Гарави минбаъда ва муайян кардани навбати гаравгирон

1. Молу мулке, ки аз рӯйи шартномаи гарав ҷиҳати таъмини иҷрои як ухдадорӣ (гарави ибтидоӣ) ба гарав гузошта шудааст, метавонад барои таъмини иҷрои ухдадории дигар (гарави минбаъда) ба гарав гузошта шавад.

2. Гарави минбаъда, агар бо шартномаҳои ибтидоии гарави ҳамон молу мулк манъ нашуда бошад, ба истисноии ҳолатҳои пешбининамудаи қонун иҷозат дода мешавад.

3. Навбати гаравгирон ба ҳамон як молу мулки мавзуи гарав аз рӯйи санаи дар феҳристи ягонаи давлатии ухдадориҳои таъминшуда ё феҳристи ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он бақайдгирифташуда, ба истисноии ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, муқаррар карда мешавад.

4. Гаравгире, ки дар навбат бартарӣ дорад, кредитори таъминшудаи ибтидоӣ номида мешавад. Гаравгирони дигар кредиторони таъминшудаи минбаъда мебошанд.

5. Гаравдеҳ ухдадор аст ба ҳар як гаравгири минбаъда оид ба ҳамаи гаравҳои молу мулки мазкур, ки дар қисми 1 моддаи 393 ҳамин Кодекс пешбинӣ шудааст, маълумот диҳад ва он барои зиёне, ки ба гаравгирон бинобар иҷро накардани ин ухдадорӣ расондааст, ба истисноии ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, ҷавобгар мебошад.

6. Талаботи гаравгири минбаъда аз арзиши мавзуи ба гарав гузошташуда баъди қонеъ гардондани талаботи кредиторони таъминшудаи ибтидоӣ қонеъ карда мешаванд.

7. Навбати қонеъ гардондани талабот мумкин аст бо созишномаи хаттии кредиторони таъминшуда тағйир дода шавад.

### Моддаи 397. Нигаҳдорӣ ва эмин нигоҳ доштани молу мулки ба гарав гузошташуда

1. Гаравдеҳ ё гаравгир вобаста ба он ки молу мулки ба гарав гузошташуда дар назди кадоме аз онҳо қарор дорад (моддаи 390 ҳамин Кодекс), агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, ухдадор аст:

- молу мулки гаравро аз ҳисоби гаравдеҳ бо арзиши пуррааш аз таваккали гум шудан ё осеб дидан суғурта намояд ва агар арзиши пурраи молу мулк аз андозаи талаби бо гарав таъмингардида зиёд шавад, ба маблағи на камтар аз андозаи талаб суғурта кунад;

- барои эмин нигоҳ доштани молу мулки ба гарав гузошташуда, аз ҷумла барои ҳимоя аз суиқасд ва талабҳои шахсони сеюм, тадбирҳои зарурӣ андешад;

- тарафи дигарро фавран ҳангоми хавфи гумшавӣ ё осеб дидани молу мулки ба гарав гузошташуда огоҳ созад.

2. Гаравгир ва гаравдеҳ ҳуқуқ доранд тибқи ҳуҷҷат ва воқеан мавҷуд будани молу мулк, миқдор, ҳолат ва шароити нигаҳдошти молу мулки ба гарав гузошташударо, ки дар тарафи дигар қарор дорад, санҷанд.

3. Ҳангоми аз ҷониби гаравгир дағалона вайрон кардани уҳдадориҳои дар қисми 1 моддаи мазкур зикрёфта, ки дар натиҷа ба молу мулки ба гарав гузошташуда хавфи гумшавӣ ё осеб дидан таҳдид мекунад, гаравдеҳ ҳуқуқ дорад қатъи пеш аз муҳлати гаравро талаб намояд.

4. Ҳангоми аз ҷониби гаравдеҳ дағалона вайрон кардани уҳдадориҳои дар қисми 1 моддаи мазкур зикрёфта, ки дар натиҷа ба молу мулки ба гарав гузошташуда хавфи гумшавӣ ё осеб дидан таҳдид мекунад, гаравгир ҳуқуқ дорад иҷрои пеш аз муҳлати уҳдадориеро, ки бо гарав таъмин шудааст, талаб намояд ва агар он иҷро нашавад, ҷиҳати нигаронидани рӯёниш ба молу мулки ба гарав гузошташуда муроҷиат намояд.

### Моддаи 398. Оқибатҳои гум кардан ё осеб дидани молу мулки ба гарав гузошташуда

1. Гаравдеҳ таваккали тасодуфан нобуд гардидан ё осеб дидани молу мулки ба гарав гузошташударо ба уҳда дорад, агар дар шартномаи гарав тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Гаравгир барои пурра ё қисман гум шудан ё осеб дидани молу мулки мавзуи гарави ба он додашуда ҷавобгар мебошад, агар он мутобиқи моддаи 462 ҳамин Кодекс аз ҷавобгарӣ озод буданашро исбот карда натавонад.

3. Гаравгир барои гум кардани молу мулки ба гарав гузошташуда ба андозаи арзиши бозории он ва барои осеб расидан ба андозаи маблағе, ки арзиши он коҳиш ёфтааст, сарфи назар аз он ки ҳангоми додани он ба гаравдеҳ чи қадар нархгузорӣ шуда буд, ҷавобгар мебошад.

4. Гаравдеҳ ҳуқуқ дорад аз мавзуи гарав даст кашад ва барои аз даст додани он ҷуброн талаб кунад, агар дар натиҷаи осеб мавзуи гарав он қадар тағйир ёфта бошад, ки мутобиқи таъиноти аслиаш истифода бурдани он имконнопазир аст. Дар шартнома уҳдадории гаравгир оид ба ҷуброни зиёни дигар, ки дар натиҷаи гум шудан ё осеб дидани молу мулки ба гарав гузошташуда ба гаравдеҳ расонда мешавад, пешбинӣ шуданаш мумкин аст.

5. Гаравдеҳе, ки доир ба уҳдадории бо гарав таъминшуда қарздор мебошад, ҳуқуқ дорад талаб ба гаравгирро оид ба ҷуброни зиёне, ки аз сабаби

гум шудан ё осеб дидани молу мулки ба гарав гузошташуда расонда шудааст, дар пардохти уҳдадории бо гарав таъминшуда ба ҳисоб гирад.

### Моддаи 399. Иваз ва барқарор намудани мавзуи гарав

1. Иваз намудани мавзуи гарав бо розигии гаравгир иҷозат дода мешавад, агар дар шартнома ё қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Агар мавзуи гарав нобуд шавад ё осеб дида бошад ва ё ҳуқуқи моликият ё ҳуқуқи дигари молумулкӣ ба он тибқи асосҳои муқаррарнамудаи қонун қатъ гардида бошад, гаравдеҳ ҳуқуқ дорад дар мухлати оқилона мавзуи гаравро барқарор кунад ё онро бо молу мулки баробарарзиш иваз намояд, ба шарте ки дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. Дар қонун ё шартнома асосҳои дигари иваз ё барқарор намудани мавзуи гарав пешбинӣ шуда метавонанд.

### Моддаи 400. Истифода ва ихтиёрдории мавзуи гарав

1. Гаравдеҳ ҳуқуқ дорад молу мулки ба гарав гузошташударо тибқи таъиноташон истифода барад, аз ҷумла аз самара, маҳсулот ва даромади онҳо баҳравар гардад, агар аз шартнома ё моҳияти гарав тартиби дигар барнаояд.

2. Гаравдеҳ танҳо бо розигии гаравгир ҳуқуқ дорад молу мулки ба гарав гузошташударо бегона кунад, онро ба иҷора ё истифодаи ройгон ба шахси дигар диҳад, ё онро бо тарзи дигар ихтиёрдорӣ намояд, агар аз қонун, шартнома ё моҳияти гарав тартиби дигар барнаояд. Созишномае, ки ҳуқуқи гаравдеҳро барои васият намудани молу мулки ба гарав гузошташуда маҳдуд месозад, беоқибат аст.

3. Гаравгир ҳуқуқ дорад танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи шартнома аз молу мулки ба гарав гузошташуда истифода барад ва мунтазам ба гаравдеҳ оид ба истифодаи он ҳисобот диҳад. Мутобиқи шартнома гаравгир мумкин аст уҳдадор карда шавад, ки аз мавзуи гарав ба мақсади иҷрои уҳдадории асосӣ ё ба манфиати гаравдеҳ самара, маҳсулот ва даромадро гирад.

### Моддаи 401. Аз ҷониби гаравгир ҳимоя намудани ҳуқуқҳои худ ба мавзуи гарав

1. Гаравгир, ки мавзуи гарав дар наздаш гузошта шудааст ё мебоист дар наздаш гузошта шавад, аз лаҳзаи пайдо шудани ҳуқуқи гарав ҳуқуқ дорад онро аз соҳибии ғайриқонунии шахси бегона, аз ҷумла аз соҳибии гаравдеҳ, талаб карда гирад (моддаҳои 274-276 ҳамин Кодекс).

2. Дар ҳолате, ки тибқи шартҳои шартнома ба гаравгир ҳуқуқ дода шудааст аз мавзуи гарави дар наздаш қарордошта истифода барад, он метавонад аз шахси дигар, аз ҷумла аз гаравдеҳ, рафъи ҳама гуна вайрон кардани ҳуқуқҳояшро талаб намояд, ҳарчанд чунин вайронкуниҳо бо маҳрум сохтан аз соҳибӣ алоқаманд намебошанд (моддаи 277 ҳамин Кодекс).

3. Гаравгир метавонад аз ҳабс озод кардани молу мулки ба гарав гузошташуда (аз рӯйхат баровардани он)-ро талаб намояд (моддаи 278 ҳамин Кодекс).

### Моддаи 402. Асосҳои нигаронидани рӯёниш ба молу мулки ба гарав гузошташуда

1. Нигаронидани рӯёниш ба молу мулки ба гарав гузошташуда ҷиҳати қонеъ намудани талаботи гаравгир (кредитор) дар сурати иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадории бо гарав таъминшуда аз тарафи қарздор, ки барояшон он ҷавобгар мебошад, мумкин аст.

2. Агар вайронкунии уҳдадории бо гарав таъминшуда аз ҷониби қарздор хеле ночиз ва андозаи талаботи гаравгир дар натиҷаи он ба арзиши молу мулки ба гарав гузошташуда тамоман номутаносиб бошад, талаби нигаронидани рӯёниш ба молу мулки ба гарав гузошташуда рад карда шуданаш мумкин аст. Вайронкунии роҳдодаи қарздор хеле ночиз ва андозаи талаботи гаравгир ба арзиши молу мулки ба гарав гузошташуда тамоман номутаносиб дониста мешавад, агар андозаи талаботи гаравгир на зиёда аз даҳ фоизи уҳдадориҳои бо гарав таъминшударо ташкил диҳад.

### Моддаи 403. Тартиб ва шартҳои нигаронидани рӯёниш ба мавзуи гарав

Тартиб ва шартҳои нигаронидани рӯёниш ба мавзуи гарав бо қонун муқаррар карда мешавад.

### Моддаи 404. Фурӯши молу мулки ба гарав гузошташуда

Тартиби фурӯши молу мулки ба гарав гузошташуда бо қонун муқаррар карда мешавад.

### Моддаи 405. Пеш аз мӯҳлат иҷро намудани уҳдадории бо гарав таъминшуда ва нигаронидани рӯёниш ба молу мулки ба гарав гузошташуда

1. Гаравгир ҳуқуқ дорад пеш аз мӯҳлат иҷро намудани уҳдадории бо гарав таъминшударо дар ҳолатҳои зерин талаб намояд:

- агар бар хилофи шартҳои шартнома аз соҳибии гаравдеҳ мавзуи гарави дар наздаш қарордошта баромада бошад;

- аз ҷониби гаравдеҳ вайрон карда шудани қоидаҳои иваз намудани мавзуи гарав (моддаи 399 ҳамин Кодекс);

- гум кардани мавзуи гарав мутобиқи ҳолатҳое, ки барои он гаравгир ҷавобгар намебошад, агар гаравдеҳ аз ҳуқуқи пешбининамудаи қисми 2 моддаи 398 ҳамин Кодекс истифода набурда бошад;

- агар арзиши мавзуи гарав хеле паст шавад ва гаравдеҳ талаботи иваз намудани мавзуи гаравро иҷро накунад;

- дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонун ё шартнома.

2. Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, гаравгир ҳуқуқ дорад иҷрои пеш аз мӯҳлати уҳдадории бо гарав таъминшударо талаб кунад ва агар талаби он қонеъ карда нашавад, дар ҳолатҳои зерин нигаронидани рӯёнишро ба мавзуи гарав истифода барад:

- ҳангоми аз ҷониби гаравдеҳ иҷро нашудани уҳдадориҳои пешбининамудаи сархатҳои якум ва дуюми қисми 1 ва қисми 2 моддаи 397 ҳамин Кодекс;

- дар сурати аз ҷониби гаравдеҳ вайрон кардани қоидаҳои ихтиёрдории молу мулки ба гарав гузошташуда (қисми 2 моддаи 400 ҳамин Кодекс).

### Моддаи 406. Қатъи гарав

1. Гарав дар ҳолатҳои зерин қатъ мегардад:

- бо қатъи уҳдадории бо гарав таъминшуда;

- бо талаби гаравдеҳ ё гаравгир, ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳои пешбининамудаи қисмҳои 3 ва 4 моддаи 397 ҳамин Кодекс;

- дар сурати нобуд шудани ашёи ба гарав гузошташуда ё қатъи ҳуқуқи ба гарав гузошташуда, агар гаравдеҳ аз ҳуқуқҳои пешбининамудаи қисми 2 моддаи 399 ҳамин Кодекс истифода набурда бошад;

- ҳангоми фурӯши молу мулки ба гарав гузошташуда;

- бо асосҳои дигари пешбининамудаи қонун ё шартнома.

2. Қатъи гарав бояд дар феҳристе сабт гардад, ки дар он шартномаи гарав ба қайд гирифта шуда буд.

3. Ҳангоми қатъи гарав дар натиҷаи иҷро намудани уҳдадории бо гарав таъминшуда ё мувофиқи талаби гаравдеҳ (қисми 3 моддаи 397 ҳамин Кодекс) гаравгир, ки молу мулки ба гарав гузошташуда ба он супорида шуда буд, бояд фавран онро ба гаравдеҳ баргардонад.

### Моддаи 407. Нигоҳ доштани эътибори гарав ҳангоми ба шахси дигар гузаштани ҳуқуқ ба молу мулки ба гарав гузошташуда

1. Дар сурати гузаштани ҳуқуқи моликият ба молу мулки ба гарав гузошташуда ё ҳуқуқи пешбурди хоҷагии он аз гаравдеҳ ба шахси дигар дар натиҷаи бо музд ё ройгон бегона кардани ин молу мулк, ё ин ки бо тартиби ворисии ҳуқуқии умумӣ, ҳуқуқи гарав эътибори худро нигоҳ медорад, ба истиснои ҳолатҳое, ки кредитор барои гузаштани ҳуқуқи моликият ба молу мулки ба гарав гузошташуда бе нигоҳ доштани гарав розӣ мебошад.

2. Ба ҳамаи молу мулке, ки гаравдеҳ дар натиҷаи бегона кардани молу мулки ба гарав гузошташуда ба даст овардааст, ҳуқуқи гарави гаравгир паҳн мегардад, агар дар қонун ва шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

3. Дар мавриди нигоҳ доштани гарав вориси ҳуқуқии гаравдеҳ ҷойи гаравдеҳро ишғол менамояд ва тамоми уҳдадориҳои гаравдеҳро ба зимма мегирад, агар дар созишнома бо гаравгир тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

4. Агар молу мулки гаравдеҳ, ки мавзуи гарав мебошад, бо тартиби ворисии ҳуқуқӣ ба якчанд шахс гузашта бошад, ҳар як вориси ҳуқуқӣ (бадастоварандагони молу мулк) оқибатҳоеро, ки аз натиҷаи бо гарав таъмин намудани уҳдадорӣ бармеоянд, ба андозаи баробар ба ҳиссаи молу мулки

зикргардидаи ба онҳо гузашта ба зимма доранд. Аммо ҳангоме, ки мавзуи гарав тақсимнашаванда аст ё бо асосҳои дигар таҳти моликияти умумии ворисони ҳуқуқӣ мебошад, онҳо дар доираи арзиши молу мулки ба онҳо гузашта ба гаравдеҳони муштарак (моддаи 371 ҳамин Кодекс) табдил меёбанд.

### Моддаи 408. Оқибати маҷбуран гирифтани молу мулки ба гарав гузошташуда

Агар ҳуқуқи моликияти гаравдеҳ ба молу мулке, ки мавзуи гарав мебошад, дар натиҷаи гирифтан (харида гирифтан) барои эҳтиёҷоти давлатӣ, реквизитсия ё милликунонӣ бо тартиби пешбининамудаи қонун қатъ гардад ва ба гаравдеҳ молу мулки дигар дода шавад, ё ҷуброни дахлдор сурат гирад, ҳуқуқи гарав ба молу мулке, ки ба ивази онҳо дода мешавад, паҳн мегардад ё мувофиқан гаравгир барои қонеъ намудани талаботи худ аз маблағи барои ҷуброни гаравдеҳ додашаванда ҳуқуқи афзалиятнок пайдо мекунад. Гаравгир инчунин метавонад иҷрои пеш аз муҳлати уҳдадории бо гарав таъминшударо талаб намояд.

### Моддаи 409. Гузашт кардани ҳуқуқу уҳдадориҳо вобаста ба шартномаи гарав

1. Гаравгир ҳуқуқ дорад ҳуқуқу уҳдадориҳои худро вобаста ба шартномаи гарав бо риояи қоидаҳои гузашт кардани ҳуқуқи талабкунӣ ва гузарондани қарз (боби 29 ҳамин Кодекс) ба шахси дигар диҳад.

2. Аз ҷониби гаравгир гузашт кардани ҳуқуқу уҳдадориҳои худ вобаста ба шартномаи гарав ба шахси дигар ҳамон вақт қобили эътибор аст, агар ба ҳамон шахс ҳуқуқи талабкунӣ ба қарздор оид ба уҳдадории асосии бо гарав таъминшуда низ гузашт карда шуда бошад.

### Моддаи 410. Гузарондани қарз вобаста ба уҳдадории бо гарав таъминшуда

Бо гузарондани қарз вобаста ба уҳдадории бо гарав таъминшуда ба шахси дигар гарав қатъ мегардад, агар дар созишномаи байни кредитор ва гаравдеҳ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

### Моддаи 411. Ба гарав гузоштани молҳои дармуомилотбуда

1. Гарави молҳои дармуомилотбуда гарави моле эътироф карда мешавад, ки дар ихтиёри гаравдеҳ монда шуда, ба он ҳуқуқ дода мешавад, ки таркиб ва шакли аслии молу мулк (захираҳои молӣ, ашёи хом, мавод, маҳсулоти нимтайёр, маҳсулоти тайёр ва ғайра)-и ба гарав гузошташударо тағйир диҳад, ба шарте арзиши умумии онҳо аз арзиши дар шартномаи гарав муайяншудаи ин молу мулк камтар нагардад.

2. Арзиши молҳои дармуомилотбударо баробари андозаи қисми иҷрошудаи уҳдадории бо гарав таъминшуда кам кардан мумкин аст, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

3. Молҳои дармуомилотбуда, ки аз ҷониби гаравдеҳ бегона карда шудаанд, аз лаҳзаи ба моликият, пешбурди хоҷагӣ ё идораи оперативии бадасторанда гузаштанашон дигар мавзуи гарав намебошанд. То пурра кардани мавзуи гарав, ки молҳои дармуомилотбуда ба сифати он баромад менамоянд, маблағи аз фурӯши ин молҳо бадастомада ба сифати мавзуи гарав ҳисоб карда мешавад.

4. Молҳои дармуомилотбудае, ки гаравдеҳ онҳоро аз рӯйи шартҳои шартномаи гарави молҳои дармуомилотбуда ба даст овардааст, аз лаҳзаи ба ҳуқуқи моликият ё ҳуқуқи молумулкии дигари гаравдеҳ гузаштанашон мавзуи гарав қарор мегиранд.

5. Гаравдеҳи молҳои дармуомилотбуда бояд дафтари сабти гаравҳоеро дошта бошад, ки дар он шарти ба гарав гузоштани молҳо, амалиёти дигар, ки боиси тағйир додани таркиб ва ё шакли аслии молҳои ба гарав гузошташуда гардидаанд, аз ҷумла коркарди онҳоро дар рӯзи охирини амалиёт сабт намояд, агар дар шартномаи гарав тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

6. Ҳангоми аз ҷониби гаравдеҳ вайрон карда шудани шарти ба гарав гузоштани молҳои дармуомилотбуда гаравгир ҳуқуқ дорад бо роҳи ба рӯи молҳои мазкур гузоштани аломату мuҳри худ то бартараф намудани норасоиҳо амалиётро бо ин молҳо боздорад.

## Моддаи 412. Ба гарав гузоштани мол дар гаравхона

1. Ташкилоти махсусгардондашуда - гаравхона ба сифати фаъолияти соҳибкорӣ метавонад ба додани қарзи кутоҳмуҳлат бар ивази гарави молу мулки манқули шаҳрвандон, инчунин нигаҳдории молу мулки манқули шахсони воқеӣ машғул шавад.

2. Шартномаи гарави ашё дар гаравхона бо додани билети гарав аз тарафи гаравхона ва дигар ҳуҷҷатҳои қарздиҳӣ ва нигаҳдорӣ ба расмият дароварда мешавад.

3. Ашёи багаравгузошта ба гаравхона дода мешавад. Гаравхона уҳдадор аст ашёи ба гарав гирифтаашро ба манфиати гаравдеҳ аз ҳисоби худ, бо арзиши пуррааш, мутобиқи нархи чунин намуд ва сифати ашё, ки одатан дар савдо дар лаҳзаи ба гарав гирифтан муайян карда мешавад, суғурта намояд. Ба истисноӣ ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, гаравхона ҳуқуқ надорад ашёи ба гарав гузошташударо истифода ва ихтиёрдорӣ намояд.

4. Гаравхона барои гум шудан ё осеб дидани ашёи ба гарав гузошташуда ҷавобгар мебошад, агар исбот карда натавонад, ки ашё бинобар неруи рафънопазир гум шудааст ё осеб дидааст.

5. Ҳангоми дар муҳлати муайяншуда барнагардондани қарзи бо гарави ашё дар гаравхона таъминшуда гаравхона ҳуқуқ дорад бо гузаштани як моҳи имтиёзнок ин ашёро бо тартиби муқаррарнамудаи қонун фурӯшад. Пас аз ин талаботи гаравхона нисбати гаравдеҳ (қарздор) қонеъгашта ҳисоб мешавад, ҳарчанд маблағи фурӯши ашёи ба гарав гузошташуда барои пурра қонеъ намудани талабот нокифоя бошад.

6. Қоидаҳои ба шахсони воқеӣ додани қарзи кутоҳмуҳлат бар ивази гарави молу мулки манқул, инчунин нигаҳдории молу мулки манқули шахсони воқеӣ дар гаравхона бо қонун ва ҳамин Кодекс муқаррар карда мешаванд.

7. Шартҳои шартномаи гарави ашё дар гаравхона, ки ҳуқуқи гаравдеҳро дар муқоиса ба ҳуқуқҳои додаи ҳамин Кодекс ё қонунҳои дигар маҳдуд месозанд, беоқибат мебошанд. Бар ивази чунин шартҳо муқаррароти дахлдори қонун татбиқ карда мешаванд.

## Моддаи 413. Гарави ҳуқуқи уҳдадорӣ

1. Мавзуи гарав метавонанд ҳуқуқҳои молумулкӣ (талабот)-е бошанд, ки аз уҳдадории гаравдеҳ бармеоянд.

2. Гаравдеҳи ҳуқуқ шахсе буда метавонад, ки дар уҳдадорие, ки ҳуқуқи ба гарав гузошташуда аз он бармеояд, кредитор мебошад (ҳуқуқдор).

3. Агар дар қонун ё шартномаи гарав тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, мавзуи гарав тамоми ҳуқуқҳои ба гаравдеҳ тааллуқдоштае мебошанд, ки аз уҳдадории дахлдор бармеоянд ва метавонанд мавзуи гарав бошанд.

4. Мавзуи гарав метавонад ҳуқуқе бошад, ки дар оянда аз уҳдадории мавҷуда ё аз уҳдадории оянда ба вуҷуд ояд.

5. Агар аз қонун ё шартнома, ё аз моҳияти уҳдадорӣ тартиби дигар барнаояд, мавзуи гарав метавонад қисми талабот, талаботи алоҳида ё якчанд талабот, ки аз шартнома ё дигар уҳдадорӣ бармеоянд, бошанд.

6. Мавзуи гарав аз рӯйи як шартномаи гарав метавонад маҷмуи ҳуқуқҳо (талабот)-е бошанд, ки ҳар яки онҳо аз уҳдадории алоҳида, аз ҷумла маҷмуи ҳуқуқҳои оянда, инчунин маҷмуи ҳуқуқҳои мавҷуда ва оянда бармеоянд.

7. Агар ҳуқуқи ба гарав гузошташуда бо сабаби ба охир расидани муҳлати амали он то нигаронидани рӯёниш ба он аз тарафи гаравгир қатъ гардад, гаравгир ҳуқуқи талаб намудани иҷрои пеш аз муҳлати уҳдадории асосиеро, ки бо гарави ҳуқуқ таъмин карда шудааст, надорад.

8. Дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун ё шартнома ҳангоми нигаронидани рӯёниш ба ҳуқуқи ба гарав гузошташуда ва фурӯши он ба харидор якҷоя бо ҳуқуқ уҳдадориҳои ба он вобаста низ мегузаранд.

## Моддаи 414. Хусусиятҳои гарави ҳуқуқ

1. Барои ба гарав мондани ҳуқуқ розигии қарздори ҳуқуқдор талаб карда намешавад, ба истисноӣ ҳолатҳои дар қонун ё шартнома пешбинигардида.

2. Дар ҳолате, ки дар созишнома байни ҳуқуқдор ва қарздори он гузашт кардани ҳуқуқ манъ карда шудааст ё ғайриимкон будани гузашт кардан аз моҳияти уҳдадорӣ бармеояд, гарави ҳуқуқ иҷозат дода намешавад, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

3. Гарави ҳуқуқ дар ҳолатҳои зерин танҳо бо розигии қарздори ҳуқуқдор иҷозат дода мешавад, агар:

- дар асоси қонун ё созишномаи байни ҳуқуқдор бо қарздор барои гузашт кардани ҳуқуқ (талабот) розигии қарздор лозим бошад;

- ҳангоми нигаронидани рӯёниш ба ҳуқуқи ба гарав гузошташуда ва фурӯши он ба бадасторандаи ҳуқуқ бояд якҷоя бо ҳуқуқу уҳдадориҳои ба он вобаста гузарад.

4. Ҳуқуқи бо мухлат муайяншуда танҳо то лаҳзаи гузаштани муҳлати амали он мавзуи гарав буда метавонад.

5. Қарздори гаравдеҳ, ки ба ҳуқуқи ба гарав гузошташуда муносибат дорад, бояд аз гарав огоҳ карда шавад.

6. Хусусиятҳои дигари гарави ҳуқуқ ва нигаронидани рӯёниш ба он бо қонун муқаррар мегарданд.

### Моддаи 415. Гарави ҳуқуқҳои молумулкии моликияти зеҳнӣ

1. Ҳуқуқҳои молумулкии моликияти зеҳнӣ то ҳадде, ки ҳамин Кодекс ва қонунҳои дигар ихтиёрдорӣ кардани онҳоро иҷозат медиҳанд, мумкин аст мавзуи гарав бошанд.

2. Дар ҳолатҳое, ки мувофиқи муқаррароти ҳамин Кодекс ва қонунҳои дигар ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ бақайдгирии давлатиро талаб менамояд, гарави ҳуқуқҳои молумулкии моликияти зеҳнӣ низ бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад ва ҳуқуқи гарав аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ пайдо мегардад.

3. Нисбат ба шартномаи гарави ҳуқуқҳои молумулкии моликияти зеҳнӣ муқаррароти умумӣ оид ба гарав татбиқ карда мешаванд, агар аз ҳамин Кодекс, қонунҳои дигар ва моҳияти ин ҳуқуқҳо тартиби дигар барнаояд.

4. Гаравдеҳ аз рӯйи шартномаи гарави ҳуқуқҳои молумулкии моликияти зеҳнӣ ҳуқуқ дорад дар давоми муҳлати шартномаи мазкур чунин ҳуқуқҳои молумулкиро бе иҷозати гаравгир истифода ва ихтиёрдорӣ намояд, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

5. Ҳангоми нигаронидани рӯёниш ба ҳуқуқҳои молумулкии моликияти зеҳнӣ, ки аз ҷониби муаллиф ба гарав монда шудаанд, ба бадасторанда уҳдадориҳои ба ҳуқуқ вобаста низ мегузаранд.

## §4. Нигоҳ доштан

### Моддаи 416. Асосҳо барои нигоҳ доштан

1. Кредитор ашёро, ки дар ихтиёр дорад ва онҳоро бояд ба қарздор ё шахси муайяннамудаи қарздор супорад, дар сурати аз ҷониби қарздор дар муҳлати муайяншуда иҷро накардани уҳдадории пардохти ҳаққи ин ашё ё ҷуброни хароҷоти дигари вобаста ба онҳо ё зиёни дигар ҳақ дорад то иҷро гардидани уҳдадориҳои дахлдор онҳоро нигоҳ дорад

2. Бо нигоҳ доштани ашё ҳамчунин талаботе қонеъ гардонда мешавад, ки ба пардохти ашё ё ҷуброни хароҷоти онҳо ва зиёнҳои дигари аз уҳдадорӣ бароянда, ки тарафҳои ин уҳдадорӣ ҳамчун соҳибкор амал мекунанд, алоқаманд нестанд.

3. Кредитор, сарфи назар аз он, ки баъди соҳиб шуданаш ба ин молҳо шахси сеюм ба онҳо ҳуқуқ пайдо кардааст, ашёро нигоҳ дошта метавонад.

4. Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, қоидаҳои моддаи мазкур татбиқ мегарданд.

### Моддаи 417. Қонеъ намудани талабот аз ҳисоби ашёи нигаҳдошташуда

Талаботи кредиторе, ки бо нигаҳдории ашё таъмин шудааст, аз ҳисоби арзиши он бо бартарӣ аз тамоми талаботи боқимондае, ки иҷрои онҳо бо худи ҳамин ашё таъмин шудааст, қонеъ гардонда мешавад.

## §5. Замонат

### Моддаи 418. Шартномаи замонат

1. Тибқи шартномаи замонат зомин уҳдадор мешавад, ки дар назди кредитори шахси дигар барои пурра ё қисман иҷро намудани уҳдадориҳои он ҷавобгар бошад.

2. Шартномаи замонат инчунин ҷиҳати таъмини уҳдадорие, ки дар оянда ба вуҷуд меояд, баста мешавад.

3. Танҳо талаботи воқеӣ метавонад бо замонат таъмин карда шавад.

### Моддаи 419. Шакли шартномаи замонат

Шартномаи замонат бояд хаттӣ анҷом дода шавад. Риоя накардани шакли хаттии шартномаи замонат боиси беэътибории он мегардад.

### Моддаи 420. Ҷавобгарии зомин

1. Ҳангоми иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадории бо замонат таъминшуда зомин ва қарздор дар назди кредитор ҷавобгарии муштарак доранд, агар қонун ва ё шартномаи замонат ҷавобгарии иловагии зоминро пешбинӣ накарда бошанд.

2. Агар дар шартномаи замонат тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, зомин дар назди кредитор баробари қарздор, аз ҷумла дар пардохти фоиз, пардохти хароҷоти судӣ оид ба рӯёнидани қарз ва зиёни дигаре, ки ба кредитор дар натиҷаи уҳдадориро иҷро накардан ё номатлуб иҷро кардани қарздор расидааст, ҷавобгар мебошад.

3. Шахсоне, ки якҷоя замонат додаанд, дар назди кредитор ҷавобгарии муштарак доранд, агар дар шартномаи замонат тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

### Моддаи 421. Норозигии зомин ва қарздор

1. Зомин ҳуқуқи норозигиеро, ки қарздор метавонист нисбат ба талаботи кредитор пешниҳод намояд, дорад, агар аз шартномаи замонат тартиби дигар барнаояд.

2. Зомин ҳатто дар ҳолате, ки қарздор аз норозигӣ даст кашидааст ё қарзи худро эътироф кардааст, ҳуқуқи норозигӣ карданро нигоҳ медорад.

3. Зомин то қонеъ намудани талаботи кредитор уҳдадор аст қарздорро аз ин огоҳ намояд ва агар нисбат ба зомин даъво пешниҳод шуда бошад, қарздорро барои иштирок дар парванда ҷалб намояд.

4. Агар зомин уҳдадориҳои дар қисми 3 моддаи мазкур нишондодашударо иҷро накарда бошад, қарздор ҳуқуқ дорад ба муқобили талаботи акси зомин норозигиеро пешниҳод намояд, ки он ба муқобили кредитор дошт.

## Моддаи 422. Ҳуқуқи зомине, ки уҳдадориашро иҷро кардааст

1. Ба зомини уҳдадориашро иҷронамуда ҳамаи ҳуқуқҳои кредитор оид ба ин уҳдадорӣ, аз ҷумла ҳуқуқҳое, ки иҷрои онро таъмин мекарданд, дар он ҳаҷме, ки зомин талаботи кредиторро қонеъ намудааст, мегузаранд. Зомин ҳамчунин ҳуқуқ дорад аз қарздор пардохти фоизи маблағи ба кредитор додашуда ва ҷуброни зиёни дигари вобаста ба ҷавобгарии қарздор ба он расидаро талаб намояд.

2. Ҳангоми аз ҷониби зомин иҷро гардидани уҳдадорӣ кредитор уҳдадор аст ба зомин ҳуҷҷатҳоеро супорад, ки талаботро нисбати қарздор тасдиқ мекунанд ва ҳуқуқҳоеро диҳад, ки ин талаботро таъмин мекунанд.

3. Агар дар қонунгузорӣ ё шартномаи байни зомин ва қарздор тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад ва аз муносибати байни онҳо тартиби дигар барнаояд, қоидаҳои муқаррарнамудаи моддаи мазкур татбиқ карда мешаванд.

## Моддаи 423. Огоҳондани зомин

1. Қарздоре, ки аз ҷониби зомин доир ба талаби пешниҳоднамудаи кредитор огоҳ шудааст ё зомин онро барои иштирок дар парванда ҷалб намудааст, уҳдадор аст зоминро доир ба ҳама гуна норозигиаш муқобили ин талабот ва ҳамаи далелҳои тасдиқкунандаи он пешниҳод намояд. Дар акси ҳол қарздор аз ҳуқуқи норозигӣ муқобили талаботи зомин (моддаи 421 ҳамин Кодекс), ки метавонист муқобили талаботи кредитор арз намояд, маҳрум мегардад, агар аз созишномаи байни зомин ва қарздор тартиби дигар барнаояд.

2. Қарздоре, ки уҳдадории бо замонат таъминшударо иҷро кардааст, уҳдадор аст фавран зоминро аз ин огоҳ созад. Дар акси ҳол, зомине, ки уҳдадориҳояшро дар навбати худ иҷро кардааст, ҳуқуқ дорад аз кредитор он чизеро, ки беасос ба даст овардааст, рӯёнад ё ба қарздор талаботи акс пешниҳод намояд. Дар ҳолати ба қарздор пешниҳод гардидани талаботи акс қарздор ҳуқуқ дорад аз кредитор танҳо он чизеро, ки беасос ба даст овардааст, рӯёнад.

## Моддаи 424. Қатъи замонат

1. Замонат бо қатъи уҳдадорие, ки ҷиҳати таъмини иҷрои он равона шудааст, инчунин дар ҳолати бе розигии зомин тағйир ёфтани ин уҳдадорӣ, ки боиси афзудани ҷавобгарӣ ё дигар оқибатҳои номусоид ба зомин мегарданд, қатъ меёбад.

2. Замонат ҳангоми ба шахси дигар гузарондани қарз аз рӯйи уҳдадории бо замонат таъминшуда қатъ мегардад, агар зомин ба кредитор розигӣ надода бошад, ки ба ҷойи қарздори нав ҷавоб медиҳад.

3. Замонат ҳангоме, ки кредитор қабули иҷрои матлуби пешниҳоднамудаи қарздор ё зоминро рад мекунад, қатъ мегардад.

4. Замонат бо гузашти мӯҳлати дар шартномаи замонат зикршуда, ки он барои ҳамин мӯҳлат дода шудааст, қатъ мегардад. Агар мӯҳлат муайян нашуда бошад, он ҳангоме қатъ мегардад, ки кредитор дар ҷараёни як сол аз рӯзи фаро расидани иҷрои уҳдадории бо замонат таъминшуда ба зомин даъво пешниҳод накарда бошад. Ҳангоме, ки мӯҳлати иҷрои уҳдадории асосӣ нишон дода нашудааст ва муайян намудани он имконнопазир аст ё бо лаҳзаи пасталабкунӣ муайян карда шуда бошад, агар кредитор ба зомин дар тӯли ду сол аз рӯзи бастани шартномаи замонат даъво пешниҳод накарда бошад, замонат қатъ мегардад.

## §6. Кафолат

### Моддаи 425. Мафҳуми кафолат

1. Дар асоси кафолат кафил бо хоҳиши шахси дигар (принсипал) уҳдадориро ба зимма мегирад, ки ба шахси сеюми нишондодаи он (бенефитсиар) маблағи пулии муайянро мувофиқи шартҳои уҳдадории додаи кафил, сарфи назар аз воқеияти уҳдадории бо кафолат таъминшуда, диҳад.

2. Кафолат аз тарафи ташкилоти тиҷоратӣ дода мешавад. Нисбат ба уҳдадории шахсони дигар, ки кафолат додаанд, қоидаҳо оид ба шартномаи замонат татбиқ карда мешаванд.

### Моддаи 426. Талабот нисбат ба шакли кафолат

1. Кафолат дар шакли хаттии дилхоҳ, ки ба дақиқ муайян намудани шартҳои кафолат ва тасдиқ намудани сарчашмаи аслии он бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ, одатҳои муомилоти корӣ ё созишномаи кафил бо бенефитсиар имконият медиҳад, дода мешавад.

2. Дар кафолат бояд нишон дода шаванд:

- санаи додан;

- принсипал;

- бенефитсиар;

- кафил;

- уҳдадории асосӣ, ки иҷрои он бо кафолат таъмин карда мешавад;

- маблағи пулие, ки бояд пардохта шавад;

- санаи анҷоми мӯҳлати амали кафолат;

- ҳолатҳое, ки ҳангоми фаро расидани онҳо талабот пешниҳод шуда, бояд маблағи кафолат пардохта шавад;

- мухлати иҷрои кафолат ва шартҳои дигар, ки тарафҳо зарур мешуморанд.

3. Дар кафолат мумкин аст шарте пешбинӣ шавад, ки ҳангоми фаро расидани мухлат ё ҳодисаи муайян маблағи кафолат кам ё зиёд мегардад.

### Моддаи 427. Мустақилияти кафолат аз ухдадории асосӣ

1. Ухдадории кафил дар назди бенефитсиар, ки дар кафолат пешбинӣ шудааст, дар муносибати байни онҳо аз ухдадории асосие, ки ҷиҳати таъмини иҷрои он дода шудааст, аз муносибати байни принсипал ва кафил, инчунин аз дигар ухдадориҳо вобаста намебошад, ҳатто агар дар кафолат ба онҳо ишора ҳам шуда бошад.

2. Кафил ҳуқуқ надорад ба муқобили талаботи бенефитсиар норозигиеро пешниҳод намояд, ки аз ухдадории асосие, ки ҷиҳати таъмини иҷрои он дода шудааст, инчунин аз ухдадории дигар, аз ҷумла аз созишнома оид ба додани кафолат, бармеоянд.

3. Кафил ҳуқуқ надорад дар норозигии худ ба муқобили талаботи бенефитсиар оид ба иҷрои кафолат ба ҳолатҳое ҳавола намояд, ки дар кафолат нишон дода нашудаанд.

4. Кафил ҳуқуқ надорад ба бенефитсиар ҷиҳати баҳисобгирӣ талаботеро пешниҳод намояд, ки аз ҷониби принсипал ба кафил гузашт карда шудааст, агар дар кафолат ё созишномаи кафил бо бенефитсиар тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

### Моддаи 428. Бозхонд ва тағйир додани кафолат

1. Кафолат аз ҷониби кафил бозхонд ё тағйир дода намешавад, агар дар он тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Дар ҳолатҳое, ки мувофиқи шартҳои кафолат бозхонд ё тағйир додани он аз ҷониби кафил иҷозат дода шудааст, чунин бозхонд ё тағйирдиҳӣ дар шакле, ки кафолат дода шуда буд, анҷом дода мешавад, агар шакли дигар дар кафолат пешбинӣ нашуда бошад.

3. Агар мувофиқи шартҳои кафолат имконияти бозхонд ё тағйир додани он аз ҷониби кафил бо розигии бенефитсиар иҷозат дода шуда бошад, ухдадории кафил аз лаҳзаи гирифтани розигии бенефитсиар аз ҷониби кафил қатъшуда ё тағйирёфта дониста мешавад.

4. Тағйир ёфтани ухдадории кафил ба ҳуқуқ ва ухдадориҳои принсипал дахл намекунад, агар он ба тағйири дахлдор иҷозат надода бошад.

### Моддаи 429. Додани ҳуқуқ вобаста ба кафолат

1. Бенефитсиар вобаста ба кафолат ҳуқуқ надорад ба шахси дигар ҳуқуқи талабкуниро нисбат ба кафил диҳад, агар дар кафолат тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Додани ҳуқуқ вобаста ба кафолат аз ҷониби бенефитсиар дар сурате иҷозат дода мешавад, ки дар як вақт ба ҳамон шахс ҳуқуқҳо вобаста ба ухдадории асосӣ гузашт карда шавад.

3. Дар сурате, ки аз рӯйи шартҳои кафолат аз ҷониби бенефитсиар додани ҳуқуқи талабкунӣ нисбат ба кафил иҷозат дода шудааст, додани чунин ҳуқуқ танҳо бо розигии кафил имконпазир аст, агар дар кафолат тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

### Моддаи 430. Эътибор пайдо намудани кафолат

1. Кафолат аз рӯзи дода шуданаш эътибор пайдо менамояд, агар дар он тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Кафолат аз лаҳзаи равон намудан аз тарафи кафил додашуда ҳисобида мешавад.

### Моддаи 431. Пешниҳоди талаб вобаста ба кафолат

1. Талаби бенефитсиар дар хусуси пардохти маблағи пулӣ вобаста ба кафолат бояд ба кафил дар шакли хаттӣ ва бо замима намудани ҳуҷҷатҳои дар кафолат зикргардида дар ҷойи дода шудани кафолат ё дар ҷои дигар, ки дар кафолат нишон дода шудааст, пешниҳод карда шавад. Дар талаб ё замимаи он бенефитсиар бояд ҳолатҳоеро, ки фарорасии онҳо боиси пардохт аз рӯйи кафолат мегарданд, зикр намояд.

2. Талаби бенефитсиар ба кафил бояд то қатъи муҳлати амали кафолат пешниҳод гардад.

### Моддаи 432. Ӯҳдадории кафил ҳангоми баррасии талаби бенефитсиар

1. Ҳангоми гирифтани талаби бенефитсиар кафил бояд фавран дар ин хусус принсипалро огоҳ намуда, нусхаи талабро бо ҳамаи ҳуҷҷатҳои марбута диҳад.

2. Кафил бояд талаби бенефитсиарро бо ҳуҷҷатҳои замимагардида дар муҳлати панҷ рӯз (агар муҳлати дигар дар шарти кафолат пешбинӣ нашуда бошад) аз лаҳзаи гирифтани талаб бо ҳама ҳуҷҷатҳои марбута баррасӣ намояд ва агар талаб ба таври дахлдор пешниҳод шуда бошад, пардохтро анҷом диҳад.

3. Кафил мувофиқати талаби бенефитсиарро ба шартҳои кафолат санҷида, инчунин аз рӯйи аломатҳои зоҳирӣ ҳуҷҷатҳои ба он замимагардидаро баҳо медиҳад.

### Моддаи 433. Ҷавобгарии бенефитсиар

Бенефитсиар ӯҳдадор аст ба кафил ё принсипал зиёнеро ҷуброн намояд, ки бинобар беэътимод будани ҳуҷҷатҳо ва беасос будани талаби пешниҳодкардааш расонда шудааст.

### Моддаи 434. Рад кардани қонеъгардонии талаби бенефитсиар аз ҷониби кафил

1. Агар талаби бенефитсиар ё ҳуҷҷатҳои ба он замимашуда ба шартҳои кафолат мутобиқ набошанд ё ба кафил пас аз хотимаи муҳлати амали кафолат пешниҳод гардида бошанд, кафил қонеъ намудани талаби бенефитсиарро рад

мекунад. Кафил бояд бенефитсиарро дар ин хусус дар муҳлате, ки дар қисми 2 моддаи 432 ҳамин Кодекс пешбинӣ шудааст, бо зикри сабаби рад огоҳ намояд.

2. Кафил ҳуқуқ дорад пардохти маблағро ба муҳлати то ҳафт рӯз боздорад, агар он барои чунин тахминҳо асоси оқилона дошта бошад:

- ягон ҳуҷҷати пешниҳодшуда беэътимод бошад;

- ҳолат ё таваккале, ки дар сурати фарорасии онҳо кафолат манфиати бенефитсиарро таъмин мекард, ба вуҷуд наомада бошад;

- уҳдадории асосии принсипал, ки бо кафолат таъмин шудааст, беэътибор мебошад, агар аз рӯйи шартҳои кафолат ин ҳолатро таваккале, ки дар сурати фарорасии он кафолат дода шудааст, дар бар нагирад;

- иҷро аз рӯйи уҳдадории асосии принсипал аз ҷониби бенефитсиар бе ягон норозигӣ қабул шуда бошад.

3. Дар сурати боздоштани пардохт кафил уҳдадор аст фавран бенефитсиар ва принсипалро дар хусуси сабаб ва муҳлати боздошти пардохт огоҳ намояд.

4. Кафил дар назди бенефитсиар ва принсипал барои беасос боздоштани пардохт ҷавобгар мебошад.

5. Бо гузаштани муҳлати дар қисми 2 моддаи мазкур пешбинишуда ва набудани асос барои рад намудани қонеъгардонии талаботи бенефитсиар (қисми 1 моддаи мазкур) кафил уҳдадор аст пардохтро анҷом диҳад.

## Моддаи 435. Ҳадди уҳдадориҳои кафил

1. Уҳдадории бо кафолат пешбинишудаи кафил дар назди бенефитсиар бо пардохти маблағе, ки ба он кафолат дода шудааст, маҳдуд мебошад.

2. Ҷавобгарии кафил дар назди бенефитсиар барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ аз рӯйи кафолат бо маблағе, ки ба он кафолат дода шудааст, маҳдуд намебошад, агар дар кафолат тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

## Моддаи 436. Қатъи кафолат

1. Уҳдадории кафил дар назди бенефитсиар оид ба кафолат дар ҳолатҳои зерин қатъ мегардад:

- ба бенефитсиар пардохтани маблағе, ки ба он кафолат дода шудааст;

- бо хотима ёфтани муҳлати дар кафолат муайяншуда, ки барои ҳамон муҳлат кафолат дода шудааст;

- дар натиҷаи даст кашидани бенефитсиар аз ҳуқуқҳои худ вобаста ба кафолат;

- дар натиҷаи бастани созишномаи кафил бо бенефитсиар дар хусуси қатъи уҳдадорӣ.

2. Дар кафолат, инчунин созишномаи кафил бо бенефитсиар мумкин аст пешбинӣ карда шавад, ки барои қатъи уҳдадории кафил дар назди

бенефитсиар баргардондани кафолати додаи кафил зарур мебошад. Қатъи ухдадории кафил вобаста ба асосҳое, ки дар сархатҳои якум ва дуюми қисми 1 моддаи мазкур нишон дода шудаанд, аз баргардондани кафолат вобаста намебошад.

3. Кафиле, ки барояш қатъи кафолат маълум шудааст, бояд фавран дар ин хусус принсипалро огоҳ намояд.

### Моддаи 437. Ба кафил ҷуброн кардани маблағе, ки вобаста ба кафолат пардохтааст

1. Принсипал уҳдадор аст ба кафил маблағҳои пулии мувофиқи шартҳои кафолат пардохташударо ҷуброн намояд, агар дар созишномаи додани кафолат тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Кафил ҳуқуқ надорад аз принсипал ҷуброни маблағеро, ки ба бенефитсиар бе риояи шартҳои кафолат ё бо вайрон кардани уҳдадории кафил дар назди бенефитсиар пардохта шудааст, талаб намояд, ба истисноии ҳолатҳое, ки дар созишномаи кафил бо принсипал тартиби дигар пешбинӣ шудааст, ё ин ки принсипал барои пардохт вобаста ба кафолат розигӣ додааст.

## §7. Байъона

### Моддаи 438. Мафҳуми байъона. Шакли созишнома оид ба байъона

1. Байъона маблағи пулие эътироф карда мешавад, ки ҳамчун далели бастани шартнома ва таъмини иҷрои он дода мешавад, ки он аз ҳисоби маблағҳои тибқи шартнома пардохтшавандаи як тарафи шартнома ба тарафи дигар сурат мегирад.

2. Созишнома оид ба байъона, сарфи назар аз маблағи байъона, бояд дар шакли хаттӣ баста шавад.

3. Ҳангоми шубҳа нисбати ҳолате, ки маблағи додашуда аз ҳисоби маблағҳои пардохтшавандаи тибқи шартнома аз ҷониби тарафи шартнома байъона аст ё не, аз ҷумла дар натиҷаи риоя накардани қоидаҳои муайяннамудаи қисми 2 моддаи мазкур, ин маблағ, агар ҳолати дигар исбот нашуда бошад, ба сифати пешпардохт эътироф карда мешавад.

### Моддаи 439. Оқибати қатъ гаштан ва иҷро накардани уҳдадории бо байъона таъминшуда

1. Агар уҳдадорӣ то оғози иҷрояш бо созишномаи тарафҳо ё дар натиҷаи имконнопазирии иҷро (моддаи 478 ҳамин Кодекс) қатъ гардад, байъона бояд баргардонда шавад.

2. Агар барои иҷро нашудани шартнома тарафи байъонадиҳанда ҷавобгар бошад, байъона дар ихтиёри тарафи дигар мемонад.

3. Агар барои иҷро нашудани шартнома тарафе ҷавобгар бошад, ки байъонаро гирифтааст, он бояд ба тарафи дигар маблағи дукаратаи байъонаро супорад. Бар замми ин, тарафе, ки барои иҷро нашудани шартнома ҷавобгар

аст, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, бояд ба тарафи дигар зиёнро бо баҳисобгирии маблағи байъона ҷуброн намояд.

## БОБИ 29. ИВАЗ ШУДАНИ ШАХС ДАР УҲДАДОРӢ

### §1. Гузаштани ҳуқуқи кредитор ба шахси дигар

#### Моддаи 440. Асос ва тартиби гузаштани ҳуқуқи кредитор ба шахси дигар

1. Ҳуқуқ (талабот)-е, ки дар асоси уҳдадорӣ ба кредитор тааллуқ дорад, мумкин аст тибқи аҳд ба шахси дигар дода шавад (гузашт кардани ҳуқуқи талабкунӣ) ё дар асоси қонун ба шахси дигар гузарад. Қоидаҳои гузаштани ҳуқуқи кредитор ба шахси дигар дар мавриди талаботи акс татбиқ карда намешаванд.

2. Агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, барои гузаштани ҳуқуқи кредитор ба шахси дигар розигии қарздор талаб карда намешавад.

3. Агар қарздор ба таври хаттӣ доир ба амали анҷомдодашудаи ба шахси дигар гузаштани ҳуқуқи кредитор огоҳ нашуда бошад, кредитори нав вобаста ба ин таваккали ба вуҷуд омадани оқибати номусоидро ба уҳда дорад. Дар чунин ҳолат иҷрои уҳдадорӣ дар назди кредитори пешина қобили қабул аст ва ҳамчун иҷрои уҳдадорӣ дар назди кредитори муносиб эътироф карда мешавад.

4. Кредитори пешина ва нав барои пардохти хароҷоти қарздор вобаста ба гузаштани ҳуқуқ уҳдадории муштарак доранд.

5. Дар ҳолати гарав, гузашти ҳуқуқ (талабот) ё ба таври дигар додани он ба якчанд шахс, навбати қонеъгардонии талаботи онҳо мутобиқи қонунгузорӣ муайян карда мешавад.

#### Моддаи 441. Ҳуқуқҳое, ки ба шахси дигар гузашта наметавонанд

Ба шахси дигар гузаштани ҳуқуқҳо, ки ба шахсияти кредитор робитаи ногусастанӣ доранд, аз ҷумла талабот оид ба алимент ва ҷуброни зараре, ки ба ҳаёт ва саломатӣ расидааст, манъ аст.

#### Моддаи 442. Ҳаҷми ҳуқуқҳои кредитор, ки ба шахси дигар мегузаранд

1. Ҳуқуқи кредитори пешина ба кредитори нав ба андоза ва мутобиқи шартҳое мегузарад, ки дар лаҳзаи гузаштани ҳуқуқ мавҷуд буд, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. Ба кредитори нав инчунин ҳуқуқҳое, ки иҷрои уҳдадориро таъмин мекунанд, ҳамчунин дигар ҳуқуқҳои вобаста ба талабот, аз ҷумла ҳуқуқ ба фоизҳо, мегузаранд.

2. Агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, ҳуқуқ ба қабули иҷро метавонад ба шахси дигар қисман гузарад, ба шарте уҳдадории мазкур тақсимшаванда бошад ва қисман гузашт кардан барои қарздор ҷиҳати иҷрои уҳдадориаш гаронии назарраси бештарро ба вуҷуд наорад.

### Моддаи 443. Далелҳои ҳуқуқи кредитори нав

1. Кредитор уҳдадор аст талаботи ба шахси дигар гузашткардаашро бо ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқи талабкунӣ таъмин намояд ва маълумоти барои амалисозии ин талабот муҳимро ба он дастрас намояд.

2. Қарздор ҳуқуқ дорад то аз ҷониби кредитори нав пешниҳод кардани далелҳо оид ба гузаштани ҳуқуқи талабот уҳдадориашро нисбати ин шахс иҷро накунад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки аз кредитори пешина оид ба гузаштани ҳуқуқ огоҳии хаттӣ гирифтааст.

### Моддаи 444. Норозигии қарздор нисбати талаботи кредитори нав

1. Қарздор ҳуқуқ дорад ба муқобили талаботи кредитори нав норозигиеро, ки он нисбат ба кредитори пешина то лаҳзаи гирифтани огоҳинома оид ба гузаштани ҳуқуқ аз рӯйи уҳдадорӣ ба кредитори нав дошт, арз намояд.

2. Агар қарздор доир ба иваз шудани кредитор дар уҳдадорӣ ба таври хаттӣ огоҳ нашуда бошад, он ҳуқуқ дорад муқобили талаботи кредитори нав норозигие намояд, ки чунин норозигиро муқобили кредитори пешина дар лаҳзаи ба он пешниҳод гардидани талабот аз тарафи кредитори нав ё дар лаҳзаи иҷрои он дошт, агар қарздор уҳдадории худро бо пешниҳод кардани талабот аз ҷониби кредитори нав иҷро карда бошад.

### Моддаи 445. Гузаштани ҳуқуқҳои кредитор ба шахси дигар дар асоси қонун

Ҳуқуқҳои кредитор оид ба уҳдадорӣ ба шахси дигар дар асоси қонун ва фаро расидани ҳолатҳои дар он нишондодашуда мегузаранд:

- дар натиҷаи ворисии ҳуқуқии умумии ҳуқуқҳои кредитор;

- бо санади судӣ ба шахси дигар гузарондани ҳуқуқҳои кредитор, дар сурате, ки имконияти чунин гузарондан дар қонун пешбинӣ гардида бошад;

- дар натиҷаи иҷро намудани уҳдадории қарздор аз ҷониби зоминаш ё гаравдеҳаш, ки аз рӯйи ин уҳдадорӣ қарздор намебошанд;

- ҳангоми суброгатсияи ҳуқуқи кредитор аз тарафи суғуртакунанда ба қарздоре, ки барои фаро расидани ходисаи суғурта ҷавобгарӣ дорад;

- дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонун.

### Моддаи 446. Шартҳои гузашт кардани ҳуқуқи талабкунӣ

1. Ба шахси дигар гузашт кардани ҳуқуқи талабкунӣ аз ҷониби кредитор иҷозат дода мешавад, агар он хилофи қонунгузорӣ ё шартнома набошад.

2. Гузашт кардани ҳуқуқи талабкунӣ аз рӯйи уҳдадорие, ки шахсияти кредитор барои қарздор дорои аҳамияти назаррас мебошад, бе розигии қарздор иҷозат дода намешавад.

3. Ҳуқуқи талабкунӣ ба шахси дигар аз лаҳзаи бастани шартномае, ки дар асоси он гузашт сурат мегирад, мегузарад, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

4. Бе розигии қарздор гузашт кардани ҳуқуқи талабкунӣ аз рӯйи уҳдадории дар қисми 2 моддаи мазкур пешбинишуда онро аз иҷрои ин талабот, ки ба ин шахс гузашт карда шудааст, озод наменамояд.

### Моддаи 447. Гузашт кардани ҳуқуқи талабкунӣ аз рӯйи уҳдадорие, ки дар оянда ба вуҷуд меояд

1. Ҳуқуқи талабкунӣ аз рӯйи уҳдадорие, ки дар оянда ба вуҷуд меояд, мумкин аст гузашт карда шавад, агар гузашт кардан дар асоси аҳде сурат гирад, ки ба фаъолияти соҳибкории тарафҳо алоқаманд мебошад.

2. Ҳуқуқи талабкунии оянда, аз ҷумла ҳуқуқи талабкунӣ вобаста ба уҳдадорӣ аз шартномае, ки дар оянда баста мешавад, бояд дар созишнома оид ба гузашт кардан тавре муайян карда шавад, ки барои айниятдиҳии ин ҳуқуқ дар лаҳзаи бавуҷудоии он ё гузаштан ба шахси дигар имкон диҳад.

3. Ҳуқуқи талабкунии оянда ба шахси дигар аз лаҳзаи ба вуҷуд омаданаш мегузарад, агар дар қонун ва шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. Дар созишнома мумкин аст пешбинӣ карда шавад, ки талаботи оянда дертар мегузарад.

### Моддаи 448. Шакли гузашт кардани ҳуқуқи талабкунӣ

1. Гузашт кардани ҳуқуқи талабкунӣ, ки ба аҳди хаттии одӣ ё нотариалӣ асос ёфтааст, бояд ба тарзи дахлдори хаттӣ анҷом дода шавад.

2. Гузашт кардани ҳуқуқи талабкунӣ аз рӯйи аҳде, ки бақайдгирии давлатиро тақозо мекунад, бояд бо тартиби бақайдгирии чунин аҳди пешбинишуда ба қайд гирифта шавад, агар дар қонун тартиби дигар муқаррар нашуда бошад.

3. Гузашт кардани ҳуқуқи талабкунӣ аз рӯйи коғази қиматноки интиқолӣ бо роҳи индоссамент ба ин коғази қимматнок (қисми 4 моддаи 154 ҳамин Кодекс) анҷом дода мешавад.

### Моддаи 449. Ҷавобгарии кредиторе, ки ҳуқуқи талабкуниашро гузашт кардааст

Кредитори пешина, ки ҳуқуқи талабкуниашро гузашт кардааст, барои беэътибории чунин ҳуқуқ дар назди кредитори нав ҷавобгар буда, вале барои иҷро нагардидани ин ҳуқуқ аз ҷониби қарздор, ба ғайр аз ҳолате, ки кредитори пешина дар назди кредитори нав уҳдадории бо замонат таъминшудаи қарздорро ба уҳда гирифтааст, ҷавобгар намебошад.

## §2. Гузарондани қарз

### Моддаи 450. Шарт ва шакли гузарондани қарз

1. Аз ҷониби қарздор ба шахси дигар гузарондани қарз танҳо бо розигии кредитор иҷозат дода мешавад.

2. Гузарондани қарз аз қарздор ба шахси дигар бо созишномаи байни қарздори пешина ва қарздори нав сурат мегирад. Дар сурати набудани розигии кредитор созишнома беоқибат аст.

3. Ба шакли гузарондани қарз мувофиқан қоидаҳо оид ба шакли гузаштани ҳуқуқи талабкунӣ татбиқ мегарданд.

4. Қарз метавонад аз қарздор ба шахси дигар тибқи асосҳои пешбининамудаи қонун гузарад. Ҳангоми гузариши қарз тибқи қонун розигии кредитор талаб карда намешавад, агар аз қонун ё ухдадорӣ тартиби дигар барнаояд.

### Моддаи 451. Норозигии қарздори нав ба муқобили талаботи кредитор

Қарздори нав ҳуқуқ дорад муқобили талаботи кредитор, ки ба муносибати байни он ва қарздори пешина асос ёфтаанд, норозигӣ кунад, вале наметавонад нисбат ба кредитор ҳуқуқи баҳисобгирии талаби мутақобилаеро, ки қарздори пешина дорад, амалӣ намояд.

## БОБИ 30. ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ВАЙРОН КАРДАНИ УҲДАДОРӢ

### Моддаи 452. Мафҳуми вайрон кардани ухдадорӣ

1. Тахти мафҳуми вайрон кардани ухдадорӣ иҷро накардан ё иҷрои номатлуб (сари вақт иҷро накардан, иҷро бо норасоиҳои мол, кор ва хизматрасониҳо, иҷро бо вайрон кардани дигар шартҳое, ки дар мазмуни ухдадорӣ муайян шудааст) дар назар дошта шудааст. Қарздор ҳангоми пеш омадани ҳолате, ки иҷрои матлуби ухдадориро ғайриимкон мегардонад, ухдадор аст фавран оид ба ин ҳолат кредиторро огоҳ созад.

2. Ба ҷавобгарӣ ҷалб намудани қарздор барои вайрон кардани ухдадорӣ тибқи талаби кредитор анҷом дода мешавад.

### Моддаи 453. Ҷуброни зиёне, ки дар натиҷаи вайрон кардани ухдадорӣ расонда шудааст

1. Қарздоре, ки ухдадориро вайрон кардааст, бояд ба кредитор зиёни (моддаи 14 ҳамин Кодекс) дар натиҷаи вайрон кардани ухдадорӣ расондаро пардохт намояд. Ҷуброни зиён оид ба ухдадориҳое, ки бо ноустуворона таъмин шудааст, мутобиқи қоидаҳои пешбининамудаи моддаи 454 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад.

2. Созишномаи то вайрон кардани ухдадорӣ қабулнамудаи тарафҳо оид ба озод кардани қарздор аз ҷуброни зиёне, ки дар натиҷаи вайрон кардан расонда мешавад, беэътибор мебошад, вале тарафҳо бо розигии ҳамдигар метавонанд танҳо рӯёнидани хисороти воқеии ба молу мулк расондашударо пешбинӣ намоянд.

3. Ҳангоми муайян кардани зиён нархҳои маҳалле, ки ухдадорӣ мебоист дар он ҷо ба иҷро расонда шавад, дар рӯзи ихтиёран қонеъ намудани талаби кредитор аз ҷониби қарздор ба эътибор гирифта мешавад, вале агар талабот ихтиёран қонеъ карда нашуда бошад, он гоҳ нархҳои дар рӯзи пешниҳод

намудани даъво амалкунанда ба инобат гирифта мешаванд, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. Суд метавонад тибқи талаби кредитор бо назардошти ҳолатҳо талаби ҷуброни зиёнро бо ба инобат гирифтани нархҳое, ки дар рӯзи баровардани санади судӣ амал мекунанд, қонеъ намояд.

4. Ҳангоми муайян кардани андозаи даромади аздастрафта тадбирҳои андешидаи кредитор барои гирифтани он ва тайёрии барои чунин мақсад анҷомдода ба инобат гирифта мешаванд.

5. Кредитор ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки ҳама гуна амали қарздор беэътибор дониста шавад, агар исбот намояд, ки он бо мақсади саркашӣ кардан аз ҷавобгарӣ барои вайрон кардани уҳдадорӣ анҷом дода шудааст.

6. Агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, аз ҷониби кредитор истифода намудани тарзҳои дигари ҳимояи ҳуқуқҳои вайроншуда, ки қонун ё шартнома муқаррар намудааст, онро аз ҳуқуқи талаб намудани ҷуброни зиёни расондашуда дар натиҷаи иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ маҳрум наменамояд.

### Моддаи 454. Зиён ва ноустуворона

1. Агар барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ ноустуворона муқаррар гардида бошад, пас зиён дар қисми бо ноустуворона пӯшониданашуда ҷуброн карда мешавад. Дар қонунгузорӣ ё шартнома ҳолатҳои зерин пешбинӣ шуда метавонанд:

- танҳо рӯёнидани ноустуворона, на зиён;

- зиёда аз ноустуворона рӯёнидани зиён дар ҳаҷми маблағи пурра;

- тибқи интихоби кредитор рӯёнидани ноустуворона ё зиён.

2. Дар ҳолатҳое, ки барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ ҷавобгарии маҳдуд муқаррар карда шуда бошад, зиёне, ки бояд ҷуброн карда шавад, дар қисми бо ноустуворона пӯшониданашуда, барзиёд ё ба ҷойи он мумкин аст то ҳадди чунин маҳдудияти муқарраршуда рӯёнида шавад.

### Моддаи 455. Товони зарари маънавӣ, ки дар натиҷаи вайрон кардани уҳдадорӣ расонда шудааст

Зарари маънавӣ, ки ба шахси воқеӣ дар натиҷаи вайрон кардани уҳдадорӣ расонда шудааст, бар замми зиёни пешбининамудаи моддаи 453 ҳамин Кодекс товон карда мешавад.

### Моддаи 456. Ҷавобгарӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳои пулӣ

1. Барои ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағ дар натиҷаи иҷро накардани уҳдадории пулӣ, ғайриқонунӣ нигоҳ доштан, гузарондани муҳлати пардохти он ё аз ҳисоби шахси дигар беасос гирифтан ё боздошти онҳо бояд фоизи ин маблағ пардохта шавад. Андозаи фоиз бо назардошти меъёри бозтамвил, ки Бонки миллии Тоҷикистон муайян кардааст, ба ҳисоб гирифта

мешавад. Ин қоидаҳо, агар дар қонун ё шартнома андозаи дигари фоиз муқаррар нашуда бошад, татбиқ мегарданд.

2. Фоизи истифодаи маблағ бо ба ҳисоб гирифтани рӯзи пардохти ин маблағ ба кредитор рӯёнида мешавад, агар дар қонунгузорӣ ё шартнома барои ҳисоби фоиз мӯҳлати нисбатан кутоҳтар муайян нагардида бошад.

3. Агар зиёни дар натиҷаи истифодаи ғайриқонунии маблағҳои пулии кредитор расондашуда аз маблағи фоизи дар асоси қисми 1 моддаи мазкур додашаванда бештар бошад, он ҳуқуқ дорад аз қарздор ҷуброни зиёнро ба андозаи қисме, ки аз ин маблағ бештар аст, талаб намояд.

4. Зам кардани фоиз ба фоиз, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки қонун дохил кардани фоизи соли гузаштаро ба маблағи асосии қарз пешбинӣ намудааст, манъ мебошад.

## Моддаи 457. Ҷавобгарӣ ва иҷрои ӯҳдадорӣ дар шакли асл

1. Пардохти ноустуворона ва ҷуброни зиён дар сурати иҷрои номатлуби ӯҳдадорӣ қарздорро аз иҷрои ӯҳдадорӣ дар шакли асл озод намекунад, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Ҷуброни зиён дар ҳолати иҷро накардани ӯҳдадорӣ ва пардохти ноустуворона барои иҷро накардани он қарздорро аз иҷрои ӯҳдадорӣ дар шакли асл озод мекунад, агар дар қонун ва ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

3. Аз ҷониби кредитор рад кардани қабули иҷрои ӯҳдадорӣ, ки дар натиҷаи гузарондани мӯҳлат барои он аҳамияташро гум кардааст (қисми 2 моддаи 466 ҳамин Кодекс), инчунин пардохти ноустуворона ба сифати ҳуқуқи дасткашӣ (моддаи 471 ҳамин Кодекс) қарздорро аз иҷрои ӯҳдадорӣ дар шакли асл озод мекунад.

## Моддаи 458. Иҷрои ӯҳдадорӣ аз ҳисоби қарздор

Ҳангоми аз ҷониби қарздор иҷро накардани ӯҳдадорӣ оид ба тайёр кардан ва ба моликият, пешбурди хоҷагӣ ё идоракунии оперативӣ додани ашё, ё ин ки додани ашё ба истифодаи кредитор, ё барои он иҷро намудани кори муайян ё хизматрасонӣ ба он кредитор ҳуқуқ дорад иҷрои ӯҳдадориро дар мӯҳлати оқилона бо нархи муносиб ба шахси сеюм супорад ё онро бо қувваи худ иҷро кунад, агар аз қонун, шартнома ё моҳияти ӯҳдадорӣ тартиби дигар барнаояд ва аз қарздор ҷуброни хароҷоти зарурии сарфшуда ва зиёни дигарро талаб намояд.

## Моддаи 459. Оқибати иҷро накардани ӯҳдадорӣ оид ба додани ашёи хоса

1. Дар сурати иҷро накардани ӯҳдадорӣ оид ба додани ашёи хоса ба моликият, пешбурди хоҷагӣ, идоракунии оперативӣ ё истифодаи музднок ба кредитор, кредитор ҳуқуқ дорад дар асоси шартҳои пешбининамудаи ӯҳдадорӣ аз қарздор гирифтани чунин ашё ва ба кредитор додани онро талаб намояд. Агар ашё аллакай ба шахси сеюме дода шуда бошанд, ки ҳуқуқи моликият, пешбурди хоҷагӣ ё идоракунии оперативиро дорад, ин ҳуқуқ аз

байн меравад. Агар ашё ҳанӯз дода нашуда бошанд, он кредиторе бартарӣ дорад, ки ба манфиати он уҳдадорӣ пештар ба миён омадааст ва агар муайян намудани ин ғайриимкон бошад, ҳамоне бартарӣ дорад, ки барвақттар даъво пешниҳод кардааст.

2. Кредитор ҳуқуқ дорад ба ивази талаби додани ашёе, ки мавзуи уҳдадорӣ мебошад, ҷуброни зиёнро талаб намояд.

## Моддаи 460. Ҷавобгарии иловагӣ

1. То пешниҳоди талабот ба шахсе, ки мутобиқи қонунгузорӣ ё шартҳои уҳдадорӣ иловатан ба ҷавобгарии шахси дигар, ки қарздори асосӣ аст, ҷавобгар мебошад (ҷавобгарии иловагӣ), кредитор бояд ба қарздори асосӣ талабот пешниҳод намояд. Агар қарздори асосӣ талаботи кредиторро қонеъ нагардонад ё аз қонеъгардонии он саркашӣ намояд, чунин талаботро ба шахсе, ки ҷавобгарии иловагиро ба зимма дорад, пешниҳод кардан мумкин аст.

2. Агар талаботи кредитор бо роҳи баҳисобгирии талаботи мутақобила ба қарздори асосӣ ё бо тартиби бебаҳс рӯёнидани маблағ аз ҳисоби қарздори асосӣ қонеъ гардонда шуданаш имконпазир бошад, он ҳуқуқ надорад қонеъ намудани чунин талаботро аз шахсе талаб кунад, ки ҷавобгарии иловагиро ба зимма дорад.

3. Шахсе, ки ҷавобгарии иловагиро ба зимма дорад, метавонад нисбат ба қарздори асосӣ талабот пешниҳод намояд, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

4. Шахсе, ки ҷавобгарии иловагиро ба зимма дорад, бояд то қонеъ намудани талаботи аз ҷониби кредитор пешниҳодшуда қарздори асосиро огоҳ созад ва агар ба чунин шахс даъво пешниҳод шуда бошад, қарздори асосиро барои иштирок дар парванда ҷалб намояд. Дар акси ҳол қарздори асосӣ ҳуқуқ дорад ба муқобили талаботи акси шахси дорои ҷавобгарии иловагӣ норозигиеро, ки нисбат ба кредитор дошт, пешниҳод намояд.

5. Қоидаҳои моддаи мазкур дар ҳолатҳое татбиқ мешаванд, ки агар дар ҳамин Кодекс ё қонунҳои дигар тартиби дигари ба ҷавобгарии иловагӣ ҷалб намудан пешбинӣ нашуда бошад.

## Моддаи 461. Маҳдуд кардани андозаи ҷавобгарӣ аз рӯйи уҳдадорӣ

1. Аз рӯйи намудҳои алоҳидаи уҳдадорӣ ва уҳдадорие, ки ба навъҳои муайяни фаъолият алоқаманд мебошанд, қонун ҳуқуқи ҷуброни пурраи зиёнро маҳдуд карда метавонад (ҷавобгарии маҳдуд).

2. Созишномаи маҳдуд кардани андозаи ҷавобгарии қарздор дар шартномаи ҳамроҳшавӣ ё дигар шартномае, ки дар он кредитор шахси воқеие мебошад, ки ба сифати истеъмолкунанда баромад менамояд, оқибат надорад, агар қонун андозаи ҷавобгариро барои ҳамин намуди уҳдадорӣ ё ҳамин вайронкуниро муайян карда бошад ва агар созишнома то фаро расидани ҳолате баста шуда бошад, ки барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ боиси ҷавобгарӣ мегардад.

### Моддаи 462. Асосҳои ҷавобгарӣ барои вайрон кардани уҳдадорӣ

1. Шахсе, ки уҳдадориро иҷро накардааст ё онро номатлуб иҷро кардааст, ҳангоми мавҷуд будани гуноҳ (қасд ё беэҳтиётӣ), ба ғайр аз ҳолатҳое, ки қонун ё шартнома асосҳои дигари ҷавобгариро пешбинӣ намудааст, ҷавобгар мебошад.

2. Шахс ҳангоме бегуноҳ дониста мешавад, агар бо вуҷуди ҳама гуна ғамхорӣ ва мулоҳизакорие, ки вобаста ба хусусияти уҳдадорӣ ва шарти муомилот аз он талаб карда мешавад, ҷиҳати иҷрои матлуби уҳдадорӣ ҳамаи тадбирҳоро андешида бошад.

3. Исботи бегуноҳӣ ба зиммаи шахсе гузошта мешавад, ки уҳдадориро вайрон кардааст.

4. Агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, шахсе, ки ҳангоми анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ уҳдадориро иҷро накардааст ё номатлуб иҷро кардааст, агар исбот накунад, ки иҷрои матлуби уҳдадорӣ дар натиҷаи неруи рафънопазир, яъне дар ҳамон шароити фавқулода ва пешгиринашаванда имконнопазир гаштааст, ҷавобгарӣ ба зимма дорад. Ба чунин ҳолатҳо аз ҷумла вайрон кардани уҳдадорӣ аз тарафи контрагентҳои қарздор, дар бозор мавҷуд набудани молҳои барои иҷро зарурӣ, маблағи зарурӣ надоштани қарздор дохил намешаванд.

5. Дар шартнома ё қонун метавонанд шартҳои дигари аз ҷавобгарӣ озод намудан пешбинӣ карда шаванд.

6. Созишномаи қаблан басташуда доир ба бартараф ё маҳдуд намудани ҷавобгарӣ барои қасдан вайрон кардани уҳдадорӣ беоқибат аст.

### Моддаи 463. Ҷавобгарии қарздор барои кормандони худ

Амали кормандони қарздор ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои он амали қарздор эътироф карда мешавад. Қарздор барои ин амал ҷавобгар аст, агар чунин амал боиси иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ гардида бошад.

### Моддаи 464. Ҷавобгарии қарздор барои амали шахсони сеюм

1. Қарздор дар ҳолатҳое, ки сабаби вайрон кардани уҳдадорӣ амал ё беамалии шахсони сеюм оид ба уҳдадориҳояшон дар назди қарздор гаштааст, дар назди кредитор ҷавобгар мебошад.

2. Агар дар қонунгузорӣ муайян нашуда бошад, ки ҷавобгарӣ ба зиммаи иҷрокунандаи бевосита гузошта мешавад, қарздор инчунин барои амал ё беамалии шахсони сеюм, ки ба онҳо қарздор иҷрои уҳдадориашро дар назди кредитор вогузошта буд, дар назди кредитор ҷавобгар аст.

3. Қарздор аз ҷавобгарӣ барои вайрон кардани уҳдадорӣ, ки аз амал ё беамалии шахсони сеюм бармеояд, мумкин аст озод карда шавад, ба шарте бегуноҳии онҳоро исбот карда тавонад.

4. Ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ қарздор аз ҷавобгарӣ барои вайрон кардани уҳдадорӣ, ки аз амал ё беамалии шахсони сеюм

бармеояд, мумкин аст озод карда шавад, ба шарте он бо неруи рафънопазир алоқаманд бошад (қисми 4 моддаи 462 ҳамин Кодекс).

5. Ҳангоми вайрон кардани уҳдадорӣ, ки бо гаронии мавзуи уҳдадорӣ бо ҳуқуқҳои шахсони сеюм алоқаманд аст, қарздор танҳо дар сурате аз ҷавобгарӣ озод карда мешавад, агар чунин гаронӣ то бастани шартнома бо кредитор ба вуҷуд омада бошад ва кредитор ҳангоми бастани шартнома аз ин огоҳонида шуда буд.

6. Қонун ё шартнома шартҳои дигари ҷавобгарии қарздорро барои амали шахсони сеюм пешбинӣ карда метавонад.

## Моддаи 465. Оқибатҳои вайрон кардани уҳдадорӣ бо гуноҳи кредитор

1. Агар иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ бо гуноҳи ҳар ду тараф сурат гирифта бошад, суд мувофиқан андозаи ҷавобгарии қарздорро кам мекунад. Агар кредитор қасдан ё аз беэҳтиётӣ дар натиҷаи иҷро накардан ё иҷрои номатлуб ба зиёд шудани андозаи зиён мусоидат карда бошад ё барои кам кардани андозаи он тадбирҳои оқилона наандешида бошад, суд инчунин ҳуқуқ дорад андозаи ҷавобгарии қарздорро кам кунад.

2. Қоидаҳои қисми 1 моддаи мазкур мувофиқан дар ҳолатҳое низ татбиқ мегарданд, ки қарздор дар асоси қонун ё шартнома, сарфи назар аз гуноҳи худ, барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ ҷавобгарӣ дошта бошад.

## Моддаи 466. Мӯҳлатгузаронии қарздор

1. Дар мӯҳлати муқарраршуда аз ҷониби қарздор иҷро накардани уҳдадорӣ мӯҳлатгузаронии қарздор эътироф карда мешавад.

2. Қарздоре, ки мӯҳлати иҷрои уҳдадориро гузарондааст, дар назди кредитор барои зиёни аз гузарондани мӯҳлат расонда ва барои оқибати тасодуфан ҳангоми мӯҳлатгузаронӣ бавуҷудомадаи имконнопазирии иҷро ҷавобгар мебошад.

3. Агар дар натиҷаи гузарондани мӯҳлат аз ҷониби қарздор иҷрои уҳдадорӣ барои кредитор аҳамияташро гум карда бошад, он метавонад аз қабули иҷрои уҳдадорӣ даст кашад ва ҷуброни зиёнро талаб намояд.

4. То замоне, ки иҷрои уҳдадорӣ бо сабаби мӯҳлатро гузарондани кредитор имконнопазир аст, қарздор мӯҳлатро гузаронда ҳисоб намешавад.

## Моддаи 467. Мӯҳлатгузаронии кредитор

1. Агар кредитор қабули иҷрои матлуби пешниҳоднамудаи қарздорро рад карда бошад ё амали дар қонунгузорӣ ё шартнома пешбинишуда ё аз одатҳои муомилоти корӣ ё аз моҳияти уҳдадорӣ бармеомадаро анҷом надода бошад, ки то анҷом додани он қарздор наметавонист уҳдадории худро иҷро кунад, он мӯҳлатро гузаронда ба ҳисоб меравад. Кредитор инчунин дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 5 моддаи 377 ҳамин Кодекс мӯҳлатро гузаронда ба ҳисоб меравад.

2. Қарздор ҳуқуқ дорад, ки ҷуброни зиёни аз сабаби мӯҳлатгузаронии кредитор расондашударо талаб намояд, агар кредитор исбот карда натавонад, ки гузарондани мӯҳлат мутобиқи ҳолатҳое ба миён омадааст, ки барои он на худи кредитор ва на шахсони дигари ба зиммаашон қабули иҷрои ӯҳдадорӣ тибқи қонун ё супориши кредитор гузошташуда ҷавобгар намебошанд.

3. Ба зиммаи кредиторе, ки ба мӯҳлатгузаронӣ роҳ додааст, ҳамаи оқибатҳои номусоиди дар давраи мӯҳлатгузаронӣ тасодуфан бамиёномадаи имконнопазирии иҷрои ӯҳдадорӣ гузошта мешавад.

4. Мутобиқи ӯҳдадории пулӣ қарздор ӯҳдадор намебошад, ки барои мӯҳлатгузаронии кредитор фоиз пардохт намояд.

### Моддаи 468. Таваккал дар ӯҳдадорӣ

Агар дар ӯҳдадорӣ додани мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ пешбинӣ гардида бошанд, таваккали имконнопазирӣ ё мувофиқи мақсад набудани истифодаи онҳо ба зиммаи кредитор гузошта мешавад. Шахсе, ки ӯҳдадориро ба таври матлуб иҷро намудааст, ҳуқуқ дорад мутаносибан ба дараҷаи иҷро пардохтро гирад, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки дар шартнома тақсими дигари таваккал пешбинӣ нагардида бошад.

## БОБИ 31. ҚАТЪИ ӮҲДАДОРӢ

### Моддаи 469. Асосҳо барои қатъи ӯҳдадорӣ

1. Ӯҳдадорӣ аз рӯйи асосҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс, қонунгузорӣ ё шартнома қисман ё пурра қатъ мегардад.

2. Қатъи ӯҳдадорӣ бо талаби яке аз тарафҳо танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ё шартнома мумкин аст.

### Моддаи 470. Қатъи ӯҳдадорӣ бинобар иҷрои он

Иҷрои матлуби ӯҳдадорӣ ӯҳдадориро қатъ месозад.

### Моддаи 471. Ҳаққи дасткашӣ

Мутобиқи созишномаи байни тарафҳо ӯҳдадорӣ бо додани ҳаққи дасткашӣ (пардохти пул ё додани дигар молу мулк) метавонад қатъ гардад. Андоза, мӯҳлат ва тартиби додани ҳаққи дасткашӣ аз ҷониби тарафҳо муқаррар карда мешаванд.

### Моддаи 472. Қатъи ӯҳдадорӣ бо баҳисобгирӣ

1. Ӯҳдадорӣ бо баҳисобгирии талаботи якхелаи мутақобила, ки мӯҳлаташ фаро расидааст ё нишон дода нашудааст ё бо лаҳзаи пас талабидан муайян карда шудааст, пурра ё қисман қатъ мегардад. Барои баҳисобгирӣ муроҷиати як тараф кифоя аст. Аз лаҳзаи гирифтани чунин муроҷиат аз тарафи дигар ӯҳдадорӣ қатъшуда ҳисобида мешавад.

2. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун баҳисобгирии талаботи якхелаи мутақобила, ки мӯҳлаташ фаро нарасидааст, иҷозат дода мешавад.

### Моддаи 473. Ҳолатҳои номумкин будани баҳисобгирӣ

Баҳисобгирӣ нисбат ба талаботи зерин иҷозат дода намешавад:

- агар ба талабот мӯҳлати даъво татбиқшаванда бошад ва ин мӯҳлат гузашта бошад;

- оид ба ҷуброни зараре, ки ба ҳаёт ё саломатӣ расонда шудааст;

- оид ба рӯёнидани алимент;

- оид ба таъминоти якумра бо саробонӣ;

- оид ба ӯҳдадориҳои аслӣ;

- дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонун ё шартнома.

### Моддаи 474. Баҳисобгирӣ ҳангоми гузашт кардани ҳуқуқи талабкунӣ

1. Дар ҳолати гузашт кардани ҳуқуқи талабкунӣ қарздор ба муқобили талаботи кредитори нав ҳуқуқ дорад талаботи мутақобилаи худро ба кредитори пешина ба ҳисоб гирад.

2. Агар талабот тибқи асосҳое, ки дар лаҳзаи гирифтани огоҳинома дар бораи гузашт кардани ҳуқуқи талабкунӣ аз ҷониби қарздор ҷой доштанд, ба вуҷуд омада бошад ва мӯҳлати талабот то гирифтани он фаро расида бошад ё чунин мӯҳлат зикр нашуда бошад ё бо лаҳзаи пасталабкунӣ муайян гардида бошад, баҳисобгирӣ амалӣ карда мешавад.

### Моддаи 475. Қатъи ӯҳдадорӣ ҳангоми дар як шахс зоҳир гардидани қарздор ва кредитор

Дар ҳолати дар як шахс зоҳир гардидани қарздор ва кредитор ӯҳдадорӣ қатъ мегардад, агар аз қонун ё моҳияти ӯҳдадорӣ тартиби дигар барнаояд.

### Моддаи 476. Қатъи ӯҳдадорӣ бо сабаби нав шудани он

1. Ӯҳдадорӣ бо созишномаи байни тарафҳо доир ба иваз шудани ӯҳдадории аввалаи байни онҳо мавҷудбуда ба дигар ӯҳдадории байни ҳамон шахсон (новатсия) қатъ мегардад, агар аз қонун ё моҳияти ӯҳдадорӣ тартиби дигар барнаояд.

2. Нав кардани ӯҳдадорӣ ӯҳдадории иловагиро, ки ба ӯҳдадории аввала алоқаманд аст, қатъ менамояд, агар дар созишномаи байни тарафҳо тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

### Моддаи 477. Бахшидани қарз

Ҳангоми аз ҷониби кредитор озод кардани қарздор аз ӯҳдадориҳои ба зиммааш гузошташуда ӯҳдадорӣ қатъ мегардад, агар ин ҳуқуқи шахсони дигарро дар муносибат ба молу мулки кредитор вайрон накунад. Ӯҳдадорӣ аз лаҳзаи гирифтани огоҳиномаи кредитор аз ҷониби қарздор қатъшуда дониста мешавад, агар қарздор дар мӯҳлати оқилона муқобили бахшидани қарз норозигӣ равон накунад.

### Моддаи 478. Қатъи уҳдадорӣ ҳангоми имконнопазирии иҷро

1. Агар иҷрои уҳдадорӣ бо ҳолатҳои баъди ба вуҷуд омадани уҳдадорӣ фарорасида имконнопазир гардад, ки барояш ҳеҷ кадоме аз тарафҳо ҷавобгар намебошанд, он қатъ мешавад.

2. Дар ҳолати имконнопазир будани иҷрои уҳдадории қарздор бинобар амали гунаҳкоронаи кредитор, кредитор ҳуқуқ надорад баргардондани иҷрояшро аз рӯйи уҳдадорӣ талаб намояд.

### Моддаи 479. Қатъи уҳдадорӣ дар асоси санади мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти маҳаллии худидоракунӣ

1. Агар дар натиҷаи қабули санади мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти маҳаллии худидоракунӣ пурра ё қисман иҷро намудани уҳдадорӣ имконнопазир гардад, уҳдадорӣ пурра ё дар қисми дахлдори он қатъ мегардад. Тарафҳое, ки дар натиҷаи ин зиён дидаанд, ҳуқуқ доранд мутобиқи моддаҳои 12 ва 15 ҳамин Кодекс ҷуброни онро талаб намоянд.

2. Уҳдадорӣ қатъ намегардад, агар сабаби қабул намудани санади мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти маҳаллии худидоракунӣ, ки боиси ғайриимкон гардидани иҷрои уҳдадорӣ гардидааст, амал (беамалӣ)-и ғайриҳуқуқии худи қарздор бошад.

3. Дар ҳолати бо тартиби муқарраргардида бекор кардан ё беэътибор эътироф намудани санади мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти маҳаллии худидоракунӣ уҳдадорӣ қатъшуда ҳисобида намешавад, агар аз созишномаи тарафҳо ё моҳияти уҳдадорӣ тартиби дигар барнаояд ва ё агар кредитор дар муҳлати оқилона аз иҷрои уҳдадорӣ даст накашида бошад.

### Моддаи 480. Қатъи уҳдадорӣ бинобар вафоти шахси воқеӣ

1. Уҳдадорӣ бинобар вафоти қарздор қатъ мегардад, агар иҷрои уҳдадорӣ бе иштироки шахсии қарздор номумкин бошад ё уҳдадорӣ ба тариқи дигар бо шахсияти қарздор робитаи ногусастанӣ дошта бошад.

2. Уҳдадорӣ бинобар вафоти кредитор қатъ мегардад, агар иҷрои уҳдадорӣ маҳз барои кредитор таъин шуда бошад ё ин ки уҳдадорӣ бо тариқи дигар бо шахсияти кредитор робитаи ногусастанӣ дошта бошад.

### Моддаи 481. Қатъи уҳдадорӣ бинобар барҳам додани шахси ҳуқуқӣ

Уҳдадорӣ бинобар барҳам додани шахси ҳуқуқӣ (қарздор ё кредитор) қатъ мегардад, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки қонунгузорӣ иҷрои уҳдадории шахси ҳуқуқии барҳамдодашударо ба зиммаи шахси дигар гузоштааст.

## ЗЕРФАСЛИ 2. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ ОИД БА ШАРТНОМА

## БОБИ 32. МАФҲУМ ВА ШАРТҲОИ ШАРТНОМА

### Моддаи 482. Мафҳуми шартнома

1. Шартнома созиши ду ё якчанд шахс барои ба вуҷуд овардан, тағйир додан ё қатъи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маданӣ мебошад.

2. Нисбат ба шартнома қоидаҳо оид ба аҳди дуҷониба ва бисёрҷониба, ки дар боби 10 ҳамин Кодекс пешбинӣ гардидаанд, татбиқ мегарданд.

3. Нисбати уҳдадориҳое, ки аз шартнома бармеоянд, муқаррароти умумӣ оид ба уҳдадориҳо (моддаҳои 351-481 ҳамин Кодекс) татбиқ мегарданд, агар дар қоидаҳои ҳамин боб ва қоидаҳо оид ба навъҳои алоҳидаи шартномаҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс тартиби дигар муқаррар нашуда бошад.

4. Нисбати шартномаҳое, ки зиёда аз ду тараф мебанданд, муқаррароти умумӣ оид ба шартнома татбиқ мегарданд, агар ин ба хусусияти бисёрҷонибаи чунин шартномаҳо мухолиф набошад.

## Моддаи 483. Озодии бастани шартнома

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар бастани шартнома озод мебошанд. Маҷбур кардан ба бастани шартнома иҷозат дода намешавад, ба истисноии ҳолатҳое, ки уҳдадории бастани шартнома дар ҳамин Кодекс, қонун ё уҳдадории ихтиёран қабулгардида пешбинӣ шудааст.

2. Тарафҳо метавонанд шартномаҳои бо қонунгузорӣ пешбинишуда ва пешбининашударо низ банданд. Нисбати шартномаи бо қонунгузорӣ пешбининашуда ҳангоми набудани аломатҳои дар қисми 3 моддаи мазкур нишондодашуда, қоидаҳо оид ба навъҳои алоҳидаи шартномаҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ татбиқ намегарданд. Ин ҳолат имконияти татбиқи қоидаҳо оид ба қиёси қонунро нисбати муносибатҳои алоҳидаи тарафҳо истисно наменамояд.

3. Тарафҳо метавонанд шартномае банданд, ки он унсурҳои шартномаҳои мухталифи пешбиникардаи қонунгузориро дар бар гирифта бошад (шартномаи омехта). Нисбат ба муносибати тарафҳо оид ба шартномаи омехта, дар қисматҳои дахлдор қоидаҳои шартномае, ки унсурҳои он дар шартномаи омехта мавҷуданд, татбиқ мегарданд, агар аз созишномаи тарафҳо ё моҳияти шартномаи омехта тартиби дигар барнаояд.

4. Шартҳои шартнома бо салоҳдиди тарафҳо муайян карда мешаванд, ба истисноии ҳолатҳое, ки мазмуни шартҳои дахлдор дар қонунгузорӣ зикр шудааст (моддаи 484 ҳамин Кодекс).

5. Дар ҳолатҳое, ки шарти шартнома мутобиқи меъёр то ҳадде татбиқ мешавад, ки дар созишномаи байни тарафҳо тартиби дигар пешбинӣ нашудааст (меъёри диспозитивӣ), тарафҳо метавонанд бо созишномаи худ татбиқи онро истисно кунанд ё шартеро ба миён гузоранд, ки аз шарти пешбинигардида фарқ дошта бошад. Ҳангоми мавҷуд набудани чунин созишнома шартҳои шартнома тибқи меъёри диспозитивӣ муайян карда мешаванд.

6. Агар шарти шартнома аз ҷониби тарафҳо ё меъёри диспозитивӣ муайян нашуда бошад, шартҳои дахлдор бо одатҳои муомилоти корӣ, ки нисбати тарафҳо татбиқ мегарданд, муайян карда мешаванд.

## Моддаи 484. Шартнома ва қонун

1. Шартнома бояд ба қоидаҳои барои тарафҳо ҳатмие мутобиқ бошад, ки бо қонунгузории амалкунанда (меъёрҳои императивӣ) дар лаҳзаи бастани шартнома муқаррар карда шудаанд.

2. Агар пас аз бастани шартнома қонуне қабул гардад, ки барои тарафҳо нисбат ба қоидаҳои ҳангоми бастани шартнома амалкунанда қоидаҳои ҳатмии дигарро муқаррар намояд, шартҳои шартномаи басташуда эътибори худро нигоҳ медоранд, ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун доир ба он ки амали қонун ба муносибатҳои аз шартномаи қаблан басташуда бавуҷудомада паҳн мегардад.

## Моддаи 485. Шартномаҳои музднок ва ройгон

1. Шартномае, ки мутобиқи он як тараф бояд барои иҷрои ӯҳдадориаш пардохт ё пешниҳоди дигари мутақобиларо гирад, музднок ба ҳисоб меравад.

2. Шартномае, ки мутобиқи он як тараф ӯҳдадор мешавад бе гирифтани пардохт ё пешниҳоди дигари мутақобила ба тарафи дигар ягон чизе диҳад, ройгон эътироф карда мешавад.

3. Шартнома музднок ҳисобида мешавад, агар аз қонунгузорӣ, мазмун ё моҳияти шартнома тартиби дигар барнаояд.

## Моддаи 486. Нарх дар шартнома

1. Нарх дар шартнома бо созиши тарафҳо озодона муқаррар ва тағйир дода мешавад, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

2. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун нархҳои муқаррар ё танзимнамудаи мақомоти ваколатдори давлатӣ истифода мешаванд.

3. Агар дар шартномаи музднок нарх пешбинӣ нагардида бошад ва он аз шартҳои шартнома муайян шуда натавонад, иҷрои шартнома бояд бо нархе пардохта шавад, ки дар чунин ҳолатҳо одатан барои ин гуна мол, кор ва хизматрасонӣ гирифта мешавад.

## Моддаи 487. Амали шартнома

1. Шартнома аз лаҳзаи баста шуданаш эътибор пайдо мекунад ва барои тарафҳо ҳатмӣ мегардад, агар дар шартнома ё қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Тарафҳо ҳуқуқ доранд муқаррар кунанд, ки шартҳои шартномаи бастаи онҳо ба муносибатҳои то бастани шартнома бамиёномада низ татбиқ мегарданд, агар аз қонун ё моҳияти муносибати дахлдор тартиби дигар барнаояд.

3. Дар қонун ё шартнома пешбинӣ шуда метавонад, ки хотимаи мӯҳлати амали шартнома боиси қатъи ӯҳдадории тарафҳо оид ба шартнома мегардад. Шартномае, ки дар он чунин шарт гузошта нашудааст, то лаҳзаи дар шартнома муайяншудаи анҷоми иҷрои ӯҳдадории тарафҳо амалкунанда эътироф карда мешавад.

4. Қатъи муҳлати амали шартнома тарафҳоро аз ҷавобгарӣ барои вайрон кардани он озод намекунад.

### Моддаи 488. Шартномаи оммавӣ

1. Шартномаи оммавӣ шартномае мебошад, ки аз ҷониби шахси амаликунандаи фаъолияти соҳибкорӣ баста шуда, дар он уҳдадории чунин шахс доир ба фурӯши мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ, ки мувофиқи хусусиятҳои фаъолияташ бояд нисбати ҳар як муроҷиаткунанда анҷом диҳад (савдои чакана, мусофиркашонӣ дар нақлиёти истифодаи умум, хизматрасонии алоқа, таъминоти барқ, хизматрасонии тиббӣ, меҳмонхонаҳо ва ғайра), муайян гардидааст.

2. Шахсе, ки фаъолияти соҳибкориро амалӣ менамояд, дар бастани шартномаи оммавӣ ҳуқуқ надорад як шахсро нисбат ба дигар авлотар шуморад, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ.

3. Нархи мол, кор ва хизматрасонӣ, инчунин дигар шартҳои шартномаи оммавӣ барои ҳамаи истеъмолкунандагон якхела мебошанд, ба истисноি ҳолатҳое, ки қонун додани имтиёзҳоро барои гурӯҳи алоҳидаи истеъмолкунандагон пешбинӣ менамояд.

4. Рад кардани бастани шартнома аз ҷониби шахси фаъолияти соҳибкориро анҷомдиҳанда ҳангоми мавҷуд будани имконияти бастани шартномаи оммавӣ ҷиҳати ба истеъмолкунандагон расондани моли дахлдор, хизматрасонӣ ва барои онҳо анҷом додани кори дахлдор иҷозат дода намешавад. Дар сурати беасос аз бастани шартномаи оммавӣ саркашӣ кардани шахси фаъолияти соҳибкориро анҷомдиҳанда муқаррароти пешбининамудаи қисми 4 моддаи 511 ҳамин Кодекс татбиқ мегарданд.

5. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад қоидаҳое қабул намояд, ки барои тарафҳо ҳангоми бастан ва иҷрои шартномаҳои оммавӣ ҳатмӣ мебошанд.

6. Шартҳои шартномаи оммавӣ, ки ба талаботи муқаррароти қисмҳои 3 ва 5 моддаи мазкур мутобиқ нестанд, беоқибат мебошанд.

### Моддаи 489. Шартҳои намунавии шартнома

1. Дар шартнома пешбинӣ гардиданаш мумкин аст, ки шартҳои алоҳидаи он бо шартҳои намунавии барои намуди шартномаҳои дахлдор таҳия ва дар матбуот нашргардида ё дар интернет ҷойгиршуда муайян карда мешаванд.

2. Агар дар шартнома ба шартҳои намунавӣ ишора набошад, чунин шартҳои намунавӣ дар муносибати байни тарафҳо ба сифати одатҳои муомилоти корӣ истифода мегарданд, ба шарте ки онҳо ба талаботи муқаррарнамудаи моддаи 5 ва қисми 6 моддаи 483 ҳамин Кодекс мувофиқ бошанд.

3. Шартҳои намунавӣ мумкин аст дар шакли шартномаи намунавӣ ё дигар ҳуҷҷате, ки ин шартҳоро дар бар гирифтааст, инъикос ёбанд.

## Моддаи 490. Шартномаи ҳамроҳшавӣ

1. Шартномаи ҳамроҳшавӣ шартномаест, ки шартҳои онро як тараф дар шакли муайян ё дигар шакли стандартӣ пешниҳод намудааст ва онро тарафи дигар танҳо бо роҳи пурра ҳамроҳ шудан ба шартномаи пешниҳодгардида қабул мекунад.

2. Тарафи ба шартнома ҳамроҳгардида ҳуқуқ дорад бекор ё тағйир додани онро талаб намояд, агар шартномаи ҳамроҳшавӣ гарчанде хилофи қонунгузорӣ набошад ҳам, вале ин тарафро аз ҳуқуқҳое маҳрум месозад, ки одатан мутобиқи чунин намуди шартномаҳо дода мешаванд, ҷавобгарии тарафи дигарро дар ҳолати риоя накардани уҳдадорӣ истисно ё маҳдуд мекунад ё шартҳои барои тарафи ҳамроҳшуда баръало вазнинро дар бар мегирад, ки тараф онҳоро бо назардошти дарки оқилонаи манфиатҳои худ ҳангоми мавҷуд будани имконияти иштирок дар муайян кардани шартҳои шартнома ҳаргиз қабул намекард.

## Моддаи 491. Шартномаи муштарӣ

1. Шартнома бо иҷро аз рӯйи талабот (шартномаи муштарӣ) шартномае эътироф мешавад, ки дар он анҷом додани пешниҳоди муайян (аз ҷумла пешниҳоди давравӣ, пардохтҳо ва ғайра) аз ҷониби як тараф (муштарӣ) барои аз тарафи дигар (иҷрокунанда) ҳуқуқи талаб кардани анҷом додани иҷрои дар шартнома пешбинишуда тибқи теъдод (ҳаҷм) ва дигар шартҳое, ки муштарӣ муайян мекунад, пешбинӣ мешавад.

2. Муштарӣ уҳдадор аст пардохт ё пешниҳоди иҷрои дигарро аз рӯйи шартномаи муштарӣ анҷом диҳад, сарфи назар аз он ки иҷрои мутобиқро аз иҷрокунанда талаб кардааст ё не, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

## Моддаи 492. Опсион ва шартнома опсион

1. Бо созишнома оид ба пешниҳоди опсион барои бастани шартнома (опсион барои бастани шартнома), як тараф, тавассути офертаи бозхонднашаванда ба тарафи дигар ҳуқуқи бастани як ва ё якчанд шартномаҳоро тибқи шартҳои дар опсион пешбинишуда медиҳад. Тарафи дигар ҳуқуқ дорад тавассути аксепти чунин оферта бо тартиб, дар мӯҳлат ва бо шартҳои пешбининамудаи опсион шартномаро бандад. Дар опсион барои бастани шартнома метавонад пешбинӣ шавад, ки аксепт танҳо ҳангоми ба миён омадани ҳолатҳои муайяннамудаи чунин опсион, аз ҷумла бо иродаи яке аз тарафҳо вобастабуда, имконпазир аст.

2. Опсион барои бастани шартнома музднок ва ё бо пешниҳоди дигари мутақобила пешниҳод карда мешавад, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

3. Агар дар опсион барои бастани шартнома мӯҳлати аксепти офертаи бозхонднашаванда муқаррар нашуда бошад, он ба як сол баробар дониста мешавад, агар аз моҳияти шартнома ё одатҳои муомилоти корӣ тартиби дигар барнаояд.

4. Агар дар опсион барои бастани шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, пардохт аз рӯйи он ба ҳисоби маблағҳои тибқи шартномае, ки дар асоси офертаи бозхонднашаванда баста мешавад, ба ҳисоб гирифта намешавад ва дар ҳолати аксепт нашудан баргардонда намешавад.

5. Опсион барои бастани шартнома бояд шартҳоеро, ки барои муайян кардани мавзуъ ва шартҳои дигари муҳимми шартнома имконият медиҳанд, дар бар гирад. Мавзуи шартномаи басташаванда метавонад бо дилхоҳ тартибе, ки муайян намудани онро дар лаҳзаи аксепти офертаи бозхонднашаванда имконият медиҳад, дарҷ карда шавад.

6. Опсион барои бастани шартнома дар шакле, ки барои шартномаи басташаванда муқаррар шудааст, баста мешавад.

7. Опсион барои бастани шартнома метавонад ба шартномаи дигар дохил карда шавад, агар аз моҳияти ин шартнома тартиби дигар барнаояд.

8. Ҳуқуқҳо аз рӯйи опсион барои бастани шартнома метавонанд ба шахси дигар гузашт карда шаванд, агар аз ин созишнома ва ё аз моҳияти шартнома тартиби дигар барнаояд.

9. Хусусиятҳои намудҳои гуногуни опсион барои бастани шартнома метавонанд бо қонун муқаррар карда шаванд.

10. Аз рӯйи шартномаи опсион як тараф тибқи шартҳои пешбининамудаи ҳамин шартнома ҳуқуқ дорад дар муҳлати муайяннамудаи шартнома аз тарафи дигар иҷро намудани амалҳои пешбининамудаи шартномаи опсионро талаб намояд (ҳамчунин маблағҳои пулиро пардохт намояд, молро қабул кунад ва ё супорад), зимнан агар тарафи ваколатдор дар муҳлати муайянгардида талаб арз накунад, шартномаи опсион қатъ мегардад. Дар шартномаи опсион метавонад пешбинӣ шавад, ки талаб аз рӯйи шартномаи опсион ҳангоми ба миён омадани ҳолатҳои муайяннамудаи чунин шартнома арзшуда ҳисобида мешавад.

11. Барои ҳуқуқи арзи талаб аз рӯйи шартномаи опсион тараф маблағи пешбининамудаи чунин шартномаро пардохт менамояд, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар бо шартномаи опсион ройгон будани он пешбинӣ шуда бошад ва ё агар бастани чунин шартнома бо дигар уҳдадорӣ ва ё манфиати бо қонун ҳифзшаванда, ки аз муносибати тарафҳо бармеояд, алоқаманд бошад.

12. Ҳангоми қатъ намудани шартномаи опсион пардохти пешбининамудаи қисми 11 моддаи мазкур баргардонда намешавад, агар дар шартномаи опсион тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

### Моддаи 493. Шартномаи пешакӣ

1. Мутобиқи шартномаи пешакӣ тарафҳо уҳдадор мешаванд дар оянда шартнома доир ба додани молу мулк, иҷрои кор ё хизматрасонӣ (шартномаи асосӣ) тибқи шартҳои пешбининамудаи шартномаи пешакӣ банданд.

2. Шартномаи пешакӣ мутобиқи шакли барои шартномаи асосӣ муқарраршуда баста мешавад ва агар шакли шартномаи асосӣ муайян нашуда

бошад, шартномаи пешакӣ хаттӣ баста мешавад. Риоя накардани қоидаҳо доир ба шакли шартномаи пешакӣ онро беоқибат мегардонад.

3. Шартномаи пешакӣ бояд шартҳоеро дар бар гирад, ки барои муайян намудани мавзуъ, инчунин дигар шартҳои муҳимми шартномаи асосӣ имконият диҳанд.

4. Дар шартномаи пешакӣ муҳлате нишон дода мешавад, ки тарафҳо уҳдадоранд дар он шартномаи асосиро банданд. Агар чунин муҳлат дар шартномаи пешакӣ муайян нагардида бошад, шартномаи асосӣ бояд дар давоми як сол аз лаҳзаи ба имзо расидани шартномаи пешакӣ баста шавад, агар аз моҳияти ин шартнома тартиби дигар барнаояд.

5. Дар ҳолатҳое, ки тарафи шартномаи пешакиро баста аз бастани шартномаи асосӣ саркашӣ менамояд, муқаррароти пешбининамудаи қисми 4 моддаи 511 ҳамин Кодекс татбиқ карда мешаванд. Талабот оид ба маҷбуркунии бастани шартномаи асосӣ мумкин аст дар давоми шаш моҳ аз лаҳзаи иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба бастани шартнома пешниҳод карда шаванд. Дар ҳолати ба миён омадани ихтилофи назар байни тарафҳо оид ба шартҳои шартномаи асосӣ, ин шартҳо аз ҷониби суд муайян карда мешаванд.

6. Уҳдадориҳои пешбининамудаи шартномаи пешакӣ қатъ мегарданд, агар то охири муҳлате, ки тарафҳо бояд шартнома банданд, ба имзо нарасад ё яке аз тарафҳо ба тарафи дигар доир ба бастани шартнома пешниҳод ирсол накунад.

7. Ҳама гуна созишнома оид ба ниятҳо шартномаи пешакӣ ҳисобида намешавад ва боиси оқибатҳои мадании ҳуқуқӣ намегардад, агар дар чунин созишнома, ки ба шакли хаттӣ баста шудааст, хоҳиши тарафҳо дар бораи ҳамчун шартномаи пешакӣ ҳисобидани он бевосита инъикос нагардида бошад.

## Моддаи 494. Шартномаи қолабӣ

1. Шартномаи қолабӣ шартномае эътироф мешавад, ки дар он шартҳои умумии робитаи тарафҳо доир ба уҳдадорӣ муайян мегарданд ва тарафҳо метавонанд чунин шартҳоро тавассути бастани шартномаҳои алоҳида, додани дархост аз ҷониби яке аз тарафҳо ва ё роҳҳои дигар дар асос ё ҷиҳати иҷрои шартномаи қолабӣ мушаххас ва дақиқ намоянд.

2. Нисбат ба муносибати тарафҳо, ки бо шартномаҳои алоҳида танзим нашудааст, аз ҷумла дар ҳолати аз ҷониби тарафҳо набастани чунин шартномаҳо, шартҳои умумии шартномаи қолабӣ татбиқ карда мешаванд.

## Моддаи 495. Шартнома ба манфиати шахси сеюм

1. Шартнома ба манфиати шахси сеюм шартномае мебошад, ки дар он тарафҳо муқаррар намудаанд, ки қарздор бояд на дар назди кредитор, балки дар назди шахси сеюми дар шартнома зикршуда ё зикрнашуда, ки ҳуқуқ дорад аз қарздор иҷрои уҳдадориро ба манфиати худ талаб намояд, уҳдадориро иҷро кунад.

2. Тарафҳо аз лаҳзаи ба қарздор аз ҷониби шахси сеюм баён шудани нияти истифодаи ҳуқуқи худ оид ба шартнома бе розигии шахси сеюм шартномаи басташударо бекор ё тағйир дода наметавонанд, агар дар қонунгузорӣ ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

3. Қарздор ҳуқуқ дорад дар шартнома ба талаби шахси сеюм норозигие баён кунад, ки метавонист ба муқобили кредитор пешниҳод намояд.

4. Дар сурати даст кашидани шахси сеюм аз ҳуқуқи мутобиқи шартнома ба он додашуда, кредитор метавонад аз ин ҳуқуқ истифода барад, агар ин хилофи қонунгузорӣ ё шартнома набошад.

## Моддаи 496. Тавзеҳи шартнома

1. Ҳангоми тавзеҳи шартнома суд маънои аслии калима ва ифодаҳои дар он зикршударо ба инобат мегирад. Ҳангоми нофаҳмо будани маънои аслии шартҳои шартнома он бо роҳи муқоиса бо шартҳои дигар ва мазмуни шартнома дар маҷмуъ муқаррар карда мешавад.

2. Агар қоидаҳои дар қисми 1 моддаи мазкур муқарраргардида барои муайян кардани мазмуни шартнома имконият надиҳанд, бояд иродаи ҳақиқии умумии тарафҳо бо назардошти мақсади шартнома дақиқ карда шавад. Дар ин маврид ҳамаи ҳолатҳои дахлдор, аз ҷумла гуфтушуниду мукотибот, таҷрибаи муносибатҳои мутақобилаи тарафҳо, ки то бастани шартнома сурат гирифтааст, одатҳои муомилоти корӣ ва рафтори минбаъдаи тарафҳо, ба инобат гирифта мешаванд.

## Моддаи 497. Беэътибории шартнома

1. Муқаррароти ҳамин Кодекс оид ба беэътибории аҳд (моддаҳои 181-198 ҳамин Кодекс) ба шартномаҳо низ татбиқ карда мешаванд, агар дар қоидаҳо оид ба намудҳои алоҳидаи шартнома ва моддаи мазкур тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

2. Шартнома бо талаби яке аз тарафҳои шартнома ё шахсе, ки дар ҳамин Кодекс ё қонуни дигар зикр шудааст, метавонад аз ҷониби суд беэътибор дониста шавад.

3. Талабот оид ба беоқибат донистани шартнома ва (ё) оид ба татбиқи оқибати беэътибории шартномаи беоқибат метавонад аз тарафи ҳар як шахси манфиатдор пешниҳод гардад, ба шарте далелҳои вайрон гардидани ҳуқуқ ва манфиатҳои бо қонун ҳифзшудаи онҳо дар натиҷаи бастани шартномаи мазкур пешниҳод гарданд.

4. Суд наметавонад оқибати беэътибории шартномаи беоқибатро бо ташаббуси худ татбиқ намояд.

5. Тарафе, ки аз контрагент иҷроро тибқи шартномае, ки ба фаъолияти соҳибкории тарафҳо алоқаманд аст, қабул намудааст ва дар баробари ин қисман ё пурра уҳдадории худро иҷро накардааст, ҳуқуқи талаби беэътибор донистани шартномаро надорад, ба истиснои ҳолатҳои беэътибор эътироф

намудани шартнома бо асосҳои пешбининамудаи моддаҳои 188, 195 ва 196 ҳамин Кодекс.

## БОБИ 33. БАСТАНИ ШАРТНОМА

### Моддаи 498. Муқаррароти умумӣ оид ба бастани шартнома

1. Шартнома бо фиристодани оферта (пешниҳод барои бастани шартнома), аз ҷониби як тараф ва аксепти он (қабули пешниҳод), аз ҷониби тарафи дигар, баста мешавад.

2. Шартнома басташуда дониста мешавад, агар байни тарафҳо мувофиқи шакле, ки дар ҳолатҳои дахлдор талаб карда мешавад, аз рӯйи ҳамаи шартҳои муҳимми шартнома созиш ба вуҷуд омада бошад.

3. Шартҳо оид ба мавзуи шартнома, шартҳое, ки дар қонунгузорӣ барои шартномаи намуди мазкур муҳим номбар шудаанд ё заруранд, инчунин ҳамаи он шартҳое, ки нисбат ба онҳо тибқи аризаи яке аз тарафҳо бояд созиш ба даст ояд, шартҳои муҳим ба ҳисоб меравand. Агар тарафҳо доир ба шартҳои муҳимми шартнома ба созиш наоянд, шартнома бастанашуда ҳисоб мегардад.

4. Тарафе, ки аз тарафи дигар иҷрои шартномаро пурра ё қисман қабул кардааст ё бо тарзи дигар амали шартномаро тасдиқ намудааст, ҳуқуқ надорад бастанашуда эътироф намудани шартномаро талаб намояд, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

5. Дар ҳолате, ки шартнома бастанашуда эътироф мегардад, нисбат ба муносибатҳои тарафҳо вобаста ба иҷрои ин шартнома қоидаҳои ҳамин Кодекс оид ба уҳдадориҳо дар натиҷаи дорошавии беасос татбиқ мегарданд, агар дар қонун ё созишномаи тарафҳо тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

### Моддаи 499. Лаҳзаи бастани шартнома

1. Шартнома аз лаҳзаи аз ҷониби шахси фиристодаи оферта гирифтани аксепти он басташуда ба ҳисоб меравад.

2. Агар барои бастани шартнома тибқи қонун инчунин додани молу мулк зарур бошад, шартнома аз лаҳзаи додани молу мулки дахлдор (моддаи 295 ҳамин Кодекс) басташуда ба ҳисоб меравад.

3. Агар тибқи қонун барои бастани шартнома шарти тасдиқи нотариалии он ҳатмӣ бошад, шартнома аз лаҳзаи татбиқи ин шарт басташуда ба ҳисоб меравад.

4. Шартномае, ки бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад, аз лаҳзаи ба қайд гирифта шуданаш басташуда ба ҳисоб меравад, агар дар қонун тартиби дигар муқаррар нашуда бошад.

### Моддаи 500. Шакли шартнома

1. Шартномаро дар ҳама гуна шакле, ки барои анҷом додани аҳд пешбинӣ шудааст, бастан мумкин аст, агар дар қонун шакли муайян барои шартномаи намуди мазкур муқаррар нашуда бошад. Агар тарафҳо барои дар шакли

муайян бастани шартнома ба созиш омада бошанд, ҳарчанд тибқи қонун барои чунин намуди шартнома ин шакл талаб карда нашавад, баъди дар шакли мувофиқашуда пешниҳод карда шуданаш шартнома басташуда ба ҳисоб меравад.

2. Шартнома дар шакли хаттӣ бо роҳи тартиб додани як ҳуҷҷати имзокардаи тарафҳо, инчунин бо роҳи мубодилаи мактуб, барқия ва дигар ҳуҷҷатҳо, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои электронӣе, ки тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ фиристода шуда, имконияти аз ҷониби тарафи шартнома фиристода шуданашро боэътимод тасдиқ менамояд, баста мешавад.

3. Агар пешниҳоди хаттӣ дар хусуси бастани шартнома бо тартиби пешбининамудаи қисми 3 моддаи 504 ҳамин Кодекс қабул гардида бошад, шакли хаттии шартнома риоягардида ба ҳисоб меравад.

4. Шартнома дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ё созишномаи тарафҳо дар шакли хаттӣ танҳо бо роҳи тартиб додани як ҳуҷҷате, ки тарафҳои шартнома имзо кардаанд, баста шуда метавонад.

## Моддаи 501. Гуфтушунид оид ба бастани шартнома

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар гузарондани гуфтушунид оид ба бастани шартнома озод буда, мустақилона хароҷоти онро ба зимма доранд ва барои ба созиш наомадан ҷавобгарӣ надоранд, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Тарафе, ки гуфтушунид оид ба бастани шартномаро бевиҷдонона анҷом медиҳад ё қатъ мекунад, уҳдадор аст ба тарафи дигар зиёни вобаста ба ин расондаро ҷуброн намояд. Ҳангоми анҷом додан ё қатъ кардани гуфтушунид оид ба бастани шартнома амалҳои зерин бевиҷдонона дар назар дошта мешаванд:

- баръало бе нияти бастани созишнома бо тарафи дигар гузарондани гуфтушунид ё идомаи он аз ҷониби тараф;

- тарафи дигарро оид ба хусусият ва шартҳои шартномаи эҳтимолӣ гумроҳ кардан, аз ҷумла бо роҳи додани маълумоти бардурӯғ ё ин ки хомӯш истодан оид ба ҳолатҳое, ки мувофиқи хусусияти шартнома бояд ба маълумоти тарафи дигар расонда шавад;

- ногаҳон ва беасос қатъ намудани гуфтушунид оид ба бастани шартнома бе огоҳ кардани тарафи дигар;

- ҳолатҳои дигари дар қонун пешбинигардида.

3. Зиёне, ки тарафи бевиҷдон бояд ҷуброн намояд, хароҷоте дониста мешавад, ки тарафи дигар бинобар гузарондани гуфтушунид оид ба бастани шартнома, инчунин бинобар аз байн рафтани имконияти бастани шартнома бо шахси сеюм, кардааст.

4. Агар дар рафти гуфтушунид оид ба бастани шартнома тараф маълумотеро ба даст орад, ки аз ҷониби тарафи дигар ба сифати маълумоти махфӣ (конфиденсиалӣ) дода шуда буд, пас он уҳдадор аст, сарфи назар аз

баста шудани шартнома, ин маълумотро ошкор накунад ва бо мақсадҳои худаш ба таври ғайридахлдор истифода набарад. Ҳангоми вайрон кардани ин ухдадорӣ тараф бояд зиёнеро ки дар натиҷаи ошкор намудани маълумоти махфӣ (конфиденсиалӣ) ё истифодаи он бо мақсадҳои худ расондааст, ба тарафи дигар ҷуброн намояд.

5. Қоидаҳои дар қисмҳои 2-4 моддаи мазкур муқарраршуда дар сурате татбиқ карда мешаванд, ки агар бо созишномаи тарафҳо тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

## Моддаи 502. Оферта

1. Оферта ин пешниҳоди равонашуда ба як ё якчанд шахси мушаххас мебошад, ки ба таври кофӣ муайян буда, нияти шахси пешниҳодкардаро дар хусуси аз ҷониби худ басташуда ҳисобидани шартнома бо гирандаи пешниҳод, ки онро қабул мекунад, ифода менамояд. Оферта бояд шартҳои муҳимми шартномаро дар бар гирад.

2. Оферта шахси фиристодаи онро аз лаҳзаи аз ҷониби қабулкунанда гирифтани он алоқаманд месозад. Агар огоҳинома дар хусуси бозхонди оферта барвақттар аз оферта ё ҳамзамон бо он расида бошад, оферта гирифтанашуда ҳисоб меёбад.

3. Офертаи гирифтаи қабулкунанда дар давоми мӯҳлате, ки барои аксепти он муқаррар карда шудааст, бозхонд карда намешавад, агар аз худи оферта, моҳияти пешниҳод ё ҳолати анҷом додани оферта тартиби дигар барнаояд.

4. Рекламаи тиҷоратӣ ё пешниҳоди дигаре, ки ба доираи шахсони номуайян манзур шудааст, ҳамчун даъват ба оферта эътироф мешавад, агар дар пешниҳод тартиби дигар дақиқ инъикос наёфта бошад.

## Моддаи 503. Офертаи оммавӣ

Пешниҳоде, ки тамоми шартҳои муҳимми шартномаро фаро гирифтааст ва аз он нияти шахси манзурнамудаи пешниҳод дар хусуси бастани шартнома тибқи шартҳои дар пешниҳод манзургардида бо ҳар шахсе, ки ҷавоб медиҳад, муайян мегардад, чун офертаи оммавӣ эътироф карда мешавад.

## Моддаи 504. Аксепт

1. Аксепт ин ҷавоби шахс дар хусуси қабули оферта аст, ки ба он фиристода шудааст. Аксепт бояд пурра ва бечунучаро бошад.

2. Агар аз қонун, созишномаи тарафҳо, одатҳои муомилоти корӣ ё муносибати қаблии кории байни тарафҳо тартиби дигар барнаояд, сукут аксепт ба ҳисоб намеравад.

3. Агар дар қонунгузорӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад ва ё дар оферта зикр нашуда бошад, дар мӯҳлати барои аксепт муқарраршуда аз ҷониби шахсе, ки офертаро гирифтааст, анҷом додани амалҳо оид ба иҷрои шартҳои шартномаи дар оферта зикршуда (борфиристонӣ, хизматрасонӣ, иҷрои кор, пардохти маблағи дахлдор ва ғайра) аксепт ба ҳисоб меравад.

### Моддаи 505. Бозхонди аксепт

Агар огоҳиномаи бозхонди аксепт ба шахсе, ки офертаро фиристодааст, пештар аз аксепт ё ҳамзамон бо он расида бошад, аксепт гирифтанашуда ба ҳисоб меравад.

### Моддаи 506. Бастани шартнома дар асоси офертае, ки барои аксепти он муҳлат муайян шудааст

Дар сурате, ки дар оферта муҳлат барои аксепти он муайян шуда бошад ва агар аксепт аз ҷониби шахси фиристодаи оферта дар муҳлати дар он зикршуда гирифта шуда бошад, шартнома басташуда ба ҳисоб меравад.

### Моддаи 507. Бастани шартнома дар асоси офертае, ки дар он муҳлат барои аксепт муайян нашудааст

1. Агар дар офертаи хаттӣ муҳлат барои аксепти он муайян нашуда бошад ва аксепт аз ҷониби шахси офертаро фиристода то анҷоми муҳлати муайяннамудаи қонунгузорӣ ва агар чунин муҳлат муайян нашуда бошад, дар ҷараёни вақти оқилона гирифта шуда бошад, шартнома басташуда ба ҳисоб меравад.

2. Агар оферта шифоҳӣ ва бе нишон додани муҳлат барои аксепт баён шуда, тарафи дигар фавран дар мавриди аксепти он изҳор карда бошад, шартнома басташуда ҳисобида мешавад.

### Моддаи 508. Аксепте, ки дер гирифта шудааст

1. Дар ҳолате, ки огоҳиномаи аксепти сари вақт фиристодашуда дер дастрас шуда, тарафи офертаро фиристода фавран тарафи дигарро аз дер гирифтани аксепт огоҳ насозад, аксепт дер гирифташуда ҳисобида намешавад.

2. Агар тарафи офертаро фиристода фавран тарафи дигарро дар мавриди аксепти гирифтааш, ки дер дастрас шудааст, огоҳ созад, шартнома басташуда ба ҳисоб меравад.

### Моддаи 509. Аксепт бо шартҳои дигар

Ҷавоб дар хусуси розигӣ ба бастани шартнома бо шартҳои дигар аксепт ҳисобида намешавад.Чунин ҷавоб радди аксепт эътироф гардида, ҳамзамон офертаи нав эътироф мешавад.

### Моддаи 510. Маҳалли бастани шартнома

Агар дар шартнома маҳалли бастани он муайян нагардида бошад, шартнома дар маҳалли истиқомати шахси воқеӣ ё маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ, ки офертаро фиристодааст, басташуда эътироф мегардад.

### Моддаи 511. Бо тартиби ҳатмӣ бастани шартнома

1. Дар ҳолатҳое, ки мутобиқи ҳамин Кодекс ё қонунҳои дигар барои тарафе, ки оферта (лоиҳаи шартнома) фиристода шудааст, бастани шартнома

ҳатмӣ мебошад, ин тараф бояд ба тарафи дигар дар давоми сӣ рӯзи гирифтани оферта огоҳинома оид ба аксепт ё радди аксепт ё оид ба аксепти оферта бо шартҳои дигар (протоколи ихтилофи назар ба лоиҳаи шартнома) фиристад. Тарафи офертафиристода, аз тарафе, ки барояш бастани шартнома ҳатмӣ мебошад, дар бораи аксепти он бо шартҳои дигар огоҳинома гирифтааст (протоколи ихтилофи назар ба лоиҳаи шартнома), ҳуқуқ дорад ихтилофоти ҳангоми бастани шартнома бамиёномадаро дар давоми сӣ рӯзи гирифтани чунин огоҳинома ё гузаштани муҳлати аксепт ба баррасии суд пешниҳод намояд.

2. Дар ҳолатҳое, ки мутобиқи ҳамин Кодекс ё қонунҳои дигар барои тарафе, ки оферта (лоиҳаи шартнома)-ро фиристодааст, бастани шартнома ҳатмӣ мебошад ва ба он дар давоми сӣ рӯз протоколи ихтилофи назар ба лоиҳаи шартнома фиристода шудааст, ин тараф бояд дар давоми сӣ рӯзи гирифтани протоколи ихтилофи назар тарафи дигарро аз қабули шартномаи таҳриршуда ё оид ба радди протоколи ихтилофи назар огоҳ созад. Ҳангоми рад кардани протоколи ихтилофи назар ё дар муҳлати зикршуда нагирифтани огоҳинома оид ба натиҷаи баррасии он, тарафе, ки протоколи ихтилофи назарро фиристодааст, ҳуқуқ дорад ихтилофи назари ҳангоми бастани шартнома бамиёномадаро ба баррасии суд пешниҳод намояд.

3. Агар тибқи қонунгузорӣ муҳлати дигар муайян нагардида бошад ё муҳлат аз ҷониби тарафҳо мувофиқа нашуда бошад, қоидаҳо оид ба муҳлатҳои пешбининамудаи қисмҳои 1 ва 2 моддаи мазкур истифода бурда мешаванд.

4. Агар тарафе, ки барои он мутобиқи ҳамин Кодекс ё қонуни дигар бастани шартнома ҳатмӣ мебошад, аз бастани шартнома саркашӣ намояд, тарафи дигар ҳуқуқ дорад ба суд ҷиҳати маҷбуран бастани шартнома муроҷиат намояд. Тараф метавонад аз тарафи дигар, ки аз бастани шартнома беасос саркашӣ кардааст, пардохти хароҷоти кардаашро барои бастани шартнома талаб намояд.

### Моддаи 512. Баҳсҳои пеш аз шартнома

Агар ихтилофоте, ки ҳангоми бастани шартнома ба миён омадаанд, дар асоси моддаи 511 ҳамин Кодекс ё тибқи созишномаи байни тарафҳо ба баррасии суд пешниҳод карда шаванд, шартҳои шартнома, ки нисбат ба онҳо тарафҳо ихтилофи назар доштанд, мутобиқи санади судӣ муайян карда мешаванд.

### Моддаи 513. Бастани шартнома бо роҳи гузарондани савдо

1. Шартномаро бо роҳи гузарондани савдо бастан мумкин аст, агар аз моҳияти шартнома тартиби дигар барнаояд. Шартнома бо шахсе баста мешавад, ки дар савдо ғолиб омадааст.

2. Ташкилкунандаи савдо молики ашё ё ҳуқуқдори молумулкӣ ё ин ки ташкилоти махсус буда метавонад. Ташкилоти махсус дар асоси шартнома бо молики ашё ё ҳуқуқдори молумулкӣ амал карда, аз номи онҳо ё аз номи худ баромад мекунад, агар аз қонун тартиби дигар барнаояд.

3. Дар ҳолатҳои муайяннамудаи ҳамин Кодекс ё қонунҳои дигар шартномаҳо дар мавриди фурӯши ашё ё ҳуқуқҳои молумулкӣ мумкин аст танҳо бо роҳи гузарондани савдо баста шаванд.

4. Савдо (аз ҷумла савдои электронӣ) дар шакли музояда, озмун ё шакли дигари муқаррарнамудаи қонун, гузаронда мешавад. Дар музояда шахсе, ки нархи баландтарро пешниҳод кардааст, ғолиб дониста мешавад. Дар озмун бошад, шахсе, ки мутобиқи хулосаи комиссияи озмунии қаблан аз ҷониби ташкилкунандаи савдо таъингардида шартҳои беҳтарро пешниҳод намудааст, ғолиб дониста мешавад. Агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, шакли савдоро молики ашё, ташкилоти махсус ё ҳуқуқдори молу мулки фурӯхташаванда муайян мекунад.

5. Агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, қоидаҳои муқаррарнамудаи моддаҳои 514 ва 515 ҳамин Кодекс нисбат ба савдои оммавӣ, ки ҷиҳати иҷрои санадҳои суд баргузор мегардад, татбиқ карда мешаванд.

6. Музояда ва озмун, ки дар онҳо танҳо як нафар иштирок намудааст, баргузорнашуда эътироф мегардад. Асосҳои дигари баргузорнашуда эътироф намудани савдо бо қонун муқаррар карда мешаванд.

7. Қоидаҳои муқаррарнамудаи моддаҳои 514 ва 515 ҳамин Кодекс инчунин нисбати савдое, ки бо мақсади бастани шартномаҳои ба даст овардани мол, иҷрои кор, хизматрасонӣ ё ба даст овардани ҳуқуқҳои молумулкӣ татбиқ мегарданд, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад ва ё аз моҳияти шартнома барнаояд.

### Моддаи 514. Ташкил ва тартиби гузарондани савдо

1. Музояда ва озмун кушода ё пӯшида буда метавонанд. Дар музояда ё озмуни кушода ҳар шахс метавонад иштирок намояд. Дар музояда ё озмуни пӯшида танҳо шахсоне, ки махсус барои ин мақсад даъват шудаанд, иштирок мекунанд.

2. Агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, огоҳинома дар мавриди гузарондани савдо бояд аз ҷониби ташкилкунанда сӣ рӯз пеш аз баргузор шудани он интишор шавад. Дар огоҳинома бояд маълумот оид ба вақт, маҳал, шакли савдо, мавзуъ ва тартиби гузарондани он, аз ҷумла мавриди ба расмият даровардани иштирок дар савдо, муайян намудани шахси ғолиб дар савдо, инчунин оид ба нархи ибтидоӣ дарҷ шавад. Дар ҳолате, ки мавзуи савдо танҳо ҳуқуқи бастани шартнома мебошад, дар огоҳиномаи савдои баргузоршаванда бояд мухлати барои он муайянгардида зикр карда шавад.

3. Агар дар қонун ё огоҳинома дар мавриди гузарондани савдо тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, ташкилкунандаи савдои кушода, ки огоҳинома додааст, ҳуқуқ дорад ҳар вақт, вале на дертар аз се рӯз то фаро расидани мухлати баргузор шудани музояда, ҳангоми гузарондани озмун бошад, на дертар аз сӣ рӯз то баргузор шудани озмун, аз гузарондани он даст кашад. Дар ҳолатҳои аз савдои кушода даст кашидани ташкилкунанда бо

вайрон кардани ин муҳлатҳо, он уҳдадор аст ба иштирокдорон хисороти воқеии расондаро ҷуброн намояд.

4. Ташкилкунандаи музояда ё озмуни пӯшида ба иштирокдорони даъватшуда, сарфи назар аз муҳлати даст кашидан аз гузарондани савдо, баъд аз фиристодани огоҳинома уҳдадор аст хисороти воқеиро ҷуброн намояд.

5. Иштирокдорони савдо бояд тибқи андоза, муҳлат ва тартибе, ки дар огоҳиномаи гузарондани савдо дарҷ шудаанд, байъона диҳанд. Агар савдо баргузор нагардида бошад, байъона бояд баргардонда шавад. Байъона ҳамчунин ба шахсоне, ки дар савдо иштирок доштанду вале дар он ғолиб наомадаанд, баргардонда мешавад. Ҳангоми бастани шартнома бо шахсе, ки дар савдо ғолиб омадааст, маблағи ҳамчун байъона додааш дар иҷрои уҳдадорӣ оид ба шартномаи басташуда ба ҳисоб гирифта мешавад.

6. Шахсе, ки дар савдо ғолиб омадааст ва ташкилкунандаи савдо дар рӯзи гузарондани музояда ё озмун протокол оид ба натиҷаҳои савдоро имзо мекунанд, ки он аҳаммияти ҳуқуқмуайянкунанда дорад. Шахсе, ки дар савдо ғолиб омадааст, дар ҳолати аз имзои протокол саркашӣ кардан аз байъонаи додааш маҳрум мегардад. Ташкилкунандаи савдо, ки аз имзои протокол саркашӣ мекунад, уҳдадор аст байъонаро дар ҳаҷми дукарата баргардонад, инчунин ба шахси дар савдо ғолибомада хисороти дар натиҷаи иштирок дар савдо расондашударо дар қисме, ки аз андозаи маблағи байъона бештар аст, ҷуброн кунад.

7. Агар мавзуи савдо танҳо ҳуқуқи бастани шартнома бошад, чунин шартнома аз ҷониби тарафҳо бояд баъди анҷоми савдо ва тартиб додани протокол дар давоми бист рӯз ё муҳлати дигари дар огоҳинома муайяншуда баста шавад. Дар сурати аз бастани шартнома саркашӣ кардани яке аз тарафҳо тарафи дигар ҳуқуқ дорад ба суд дар хусуси маҷбур кардан ба бастани шартнома, инчунин пардохти хисороти аз рад кардани бастани шартнома расондашуда муроҷиат намояд.

### Моддаи 515. Оқибати вайрон кардани қоидаҳои гузарондани савдо

1. Савдое, ки бо вайрон кардани қоидаҳои муқаррарнамудаи қонун гузаронда шудааст, тибқи даъвои шахси манфиатдор аз ҷониби суд мумкин аст беэътибор дониста шавад.

2. Беэътибор донистани савдо боиси беэътибории шартномаи бо шахси дар савдо ғолибомада басташуда мегардад.

## БОБИ 34. ТАҒЙИР ДОДАН ВА БЕКОР КАРДАНИ ШАРТНОМА

### Моддаи 516. Асосҳои тағйир додан ё бекор кардани шартнома

1. Шартномаро бо созиши тарафҳо тағйир додан ё бекор кардан мумкин аст, агар дар ҳамин Кодекс, қонунҳои дигар ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

2. Шартномаро бо талаби яке аз тарафҳо танҳо дар ҳолатҳои зерин бо роҳи судӣ тағйир додан ё бекор кардан мумкин аст:

- ҳангоми шартномаро ба таври ҷиддӣ вайрон кардани тарафи дигар;

- дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи ҳамин Кодекс, қонунҳои дигар ё шартнома.

3. Вайронкунии шартнома аз ҷониби яке аз тарафҳо, ки боиси ба тарафи дигар расондани хисорот мегардад ва онро то дараҷаи назаррас аз ба даст овардани чизе, ки ҳангоми бастани шартнома дар назар дошта метавонист, маҳрум мекунад, ҷиддӣ дониста мешавад.

4. Ҳангоми яктарафа рад намудани иҷрои пурра ё қисми шартнома, агар чунин радкуниро қонун ё созишномаи тарафҳо иҷозат диҳад, шартнома мувофиқан бекоршуда ё тағйирёфта ба ҳисоб меравад.

5. Агар асоси яктарафа рад намудани иҷрои шартнома иҷозати махсус надоштани тараф барои машғул шудан ба фаъолияти дахлдор гардида бошад, тарафи дигар ҳуқуқ дорад аз иҷрои шартнома даст кашад ва ҷуброни зиёнро талаб намояд.

## Моддаи 517. Тағйир додан ва бекор кардани шартнома ҳангоми ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтани ҳолат

1. Ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтани ҳолат, ки тарафҳо ҳангоми бастани шартнома онро ба инобат гирифта буданд, барои тағйир додан ё бекор кардани он асос буда метавонад, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад ва ё аз моҳияти он барнаояд. Тағйир ёфтани ҳолат ҳангоме ҷиддӣ эътироф карда мешавад, ки агар тарафҳо чунин тағйир ёфтани ҳолатро оқилона пешбинӣ карда метавонистанд, умуман шартномаро намебастанд ё он бо шартҳои ба таври назарраси дигар баста мешуд.

2. Агар тарафҳо дар мавриди ба ҳолати ба таври ҷиддӣ тағйирёфта мутобиқ гардонидани шартнома ё бекор кардани он ба мувофиқа нарасида бошанд, суд бо талаби тарафи манфиатдор ҳангоми ҳамзамон ҷой доштани шартҳои зерин шартномаро бекор карда ва тибқи асосҳои пешбининамудаи қисми 4 моддаи мазкур тағйир дода метавонад:

- агар дар лаҳзаи бастани шартнома тарафҳо онро ба асос гирифта бошанд, ки чунин тағйирёбии ҳолат ба миён намеояд;

- агар ҳолат бо сабабҳое тағйир ёфта бошад, ки тарафи манфиатдор пас аз рух доданаш онро ба ҳадди ғамхорӣ ва мулоҳизакорие, ки вобаста ба хусусияти шартнома ва шартҳои муомилот аз он талаб карда мешавад, бартараф карда наметавонист;

- агар иҷрои шартнома бе тағйир додани шартҳо таносуби ба шартнома мувофиқи манфиати молумулкии байни тарафҳоро то андозае вайрон кунад ва ба тарафи манфиатдор зиёне расонад, ки онро то дараҷаи назаррас аз ба даст овардани чизе, ки ҳангоми бастани шартнома дар назар дошта метавонист, маҳрум мекунад;

- агар аз одатҳои муомилоти корӣ ё моҳияти шартнома барнаояд, ки таваккали тағйир ёфтани ҳолат ба зиммаи тарафи манфиатдор аст.

3. Ҳангоми бекор кардани шартнома бинобар ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтани ҳолат суд бо талаби ҳар кадоме аз тарафҳо оқибати бекор кардани шартномаро бо назардошти зарурати тақсими одилонаи хароҷоте, ки дар натиҷаи иҷрои ин шартнома масраф шудааст, муайян мекунад.

4. Тағйир додани шартнома бинобар ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтани ҳолат бо санади судӣ дар ҳолатҳои истисноӣ иҷозат дода мешавад, агар бекор кардани шартнома ба манфиатҳои ҷамъиятӣ мухолиф бошад ё ба тарафҳо хисороте расонад, ки аз хароҷоти зарурии иҷрои шартнома баъди тағйир додани шартҳо аз ҷониби суд хеле зиёд бошад.

### Моддаи 518. Тартиби тағйир додан ва бекор кардани шартнома

1. Созишномаи тағйир додан ё бекор кардани шартнома дар ҳамон шакле, ки шартнома дорад, анҷом дода мешавад, агар аз қонунгузорӣ, шартнома ё одатҳои муомилоти корӣ тартиби дигар барнаояд.

2. Талаби тағйир додан ё бекор кардани шартномаро тараф танҳо баъди гирифтани раддияи тарафи дигар оид ба тағйир додан ё бекор кардани шартнома ё ин ки дар мухлати дар пешниҳод ё дар қонун ва ё дар шартнома муқарраршуда ва дар сурати набудани он дар муддати сӣ рӯз нагирифтани ҷавоб ба суд пешниҳод карда метавонад.

### Моддаи 519. Оқибати тағйир додан ё бекор кардани шартнома

1. Ҳангоми тағйир додани шартнома ӯҳдадориҳои тарафҳо дар шакли тағйирёфта нигоҳ дошта мешаванд.

2. Ҳангоми бекор кардани шартнома ӯҳдадориҳои тарафҳо қатъ мегарданд, агар аз қонун, шартнома ё моҳияти ӯҳдадорӣ тартиби дигар барнаояд.

3. Агар аз созишнома ё моҳияти шартнома тартиби дигар барнаояд, дар ҳолати тағйир додан ё бекор кардани шартнома ӯҳдадориҳо аз лаҳзаи бастани созишномаи тарафҳо дар мавриди тағйир додан ё бекор кардани шартнома ва ҳангоми тағйир додан ё бекор кардани шартнома тибқи тартиби судӣ бошад, аз рӯзи мурочиат ба суд дар бораи тағйир додан ё бекор кардани шартнома тағйирёфта ё бекоршуда дониста мешаванд.

4. Агар дар қонун ё созишномаи тарафҳо тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, тарафҳо ҳуқуқ надоранд баргардондани чизеро, ки онҳо мутобиқи ӯҳдадорӣ то лаҳзаи тағйир додан ё бекор кардани шартнома иҷро кардаанд, талаб намоянд. Дар ҳолате, ки то тағйир додан ё бекор кардани шартнома як тараф аз тарафи дигар иҷрои ӯҳдадориро аз рӯйи шартнома гирифта, ӯҳдадории худро иҷро накардааст ё ба тарафи дигар иҷрои номутобиқро пешниҳод кардааст, нисбат ба муносибатҳои тарафҳо қоидаҳои ҳамин Кодекс оид ба ӯҳдадориҳо дар натиҷаи дорошавии беасос татбиқ мегарданд, агар дар қонун ё шартномаи тарафҳо тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

5. Агар аз ҷониби яке аз тарафҳо ба таври ҷиддӣ вайрон кардани шартнома барои тағйир додан ё бекор кардани шартнома асос шуда бошад, тарафи дигар ҳуқуқ дорад ҷуброни зиёни аз тағйир додан ё бекор кардани шартнома расидаро талаб намояд.

### Моддаи 520. Дароз кардани муҳлати амали шартнома

Тарафҳо ҳуқуқ доранд амали шартномаро ба муҳлати нав дароз кунанд. Муҳлати амали шартнома тибқи қоидаҳои моддаҳои 506 ва 507 ҳамин Кодекс дароз карда мешавад.

## ҚИСМИ II.

## ФАСЛИ V. НАМУДҲОИ АЛОҲИДАИ УҲДАДОРӢ

## БОБИ 35. ХАРИДУ ФУРӮШ

### §1. Муқаррароти умумии хариду фурӯш

### Моддаи 521. Шартномаи хариду фурӯш

1. Мутобиқи шартномаи хариду фурӯш як тараф (фурӯшанда) уҳдадор мешавад, ки молро ба моликияти тарафи дигар (харидор) диҳад ва харидор уҳдадор мешавад ин молро қабул карда, бар ивазаш маблағи муайяни пулӣ супорад.

2. Нисбат ба фурӯши коғазҳои қиматнок ва арзишҳои асъорӣ, агар дар қонун қоидаҳои махсуси фурӯши онҳо муайян нагардида бошанд, муқаррароти пешбининамудаи ҳамин параграф истифода бурда мешаванд.

3. Муқаррароти пешбининамудаи ҳамин параграф нисбат ба фурӯши ҳуқуқҳои молумулкӣ, аз ҷумла ҳуқуқҳои рақамӣ, татбиқ карда мешаванд, агар аз мuҳтаво ё хусусияти ин ҳуқуқҳо тартиби дигар барнаояд.

4. Хусусиятҳои намудҳои алоҳидаи шартномаи хариду фурӯш (хариду фурӯши чакана, маҳсулотсупорӣ, хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ, хариди маҳсулоти кишоварзӣ барои коркард ё фурӯш, таъмини энергия, фурӯши молу мулки ғайриманқул, фурӯши корхона)-ро ҳамин Кодекс ва қонунгузорӣ муқаррар менамоянд.

### Моддаи 522. Шакли шартномаи хариду фурӯш

Шакли шартномаи хариду фурӯшро ҳамин Кодекс ва қонун муайян менамоянд.

### Моддаи 523. Шартҳои шартнома оид ба мол

1. Ба сифати мол дар шартномаи хариду фурӯш бо риояи қоидаҳои моддаи 137 ҳамин Кодекс ҳама гуна ашё шуда метавонад.

2. Шартномаи хариду фурӯш ба моли нақд, инчунин моле, ки дар оянда ба вуҷуд меояд, агар дар ҳамин Кодекс ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, мумкин аст баста шавад.

3. Шартҳои шартномаи хариду фурӯш оид ба мол мувофиқашуда ҳисобида мешавад, агар аз шартнома муайян кардани номгӯй ва миқдори мол имконпазир бошад.

### Моддаи 524. Уҳдадории фурӯшанда оид ба супоридани мол

1. Фурӯшанда уҳдадор аст моли дар шартномаи хариду фурӯш пешбинишударо ба харидор супорад.

2. Агар дар шартномаи хариду фурӯш тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, фурӯшанда уҳдадор аст ҳамзамон бо супоридани мол ба харидор ашёи мансуби он, инчунин ҳуҷҷатҳои ба он тааллуқдошта (шиносномаи техникӣ, гувоҳномаи сифат ва ғайра)ро, ки қонунгузорӣ ё шартнома пешбинӣ намудааст, супорад.

### Моддаи 525. Муҳлати иҷрои уҳдадории супоридани мол

1. Муҳлати аз ҷониби фурӯшанда иҷро кардани уҳдадории ба харидор супоридани мол тибқи шартномаи хариду фурӯш муайян карда мешавад. Дар ҳолатҳое, ки аз шартномаи мазкур муайян кардани муҳлат имконнопазир бошад, муҳлат тибқи қоидаҳои пешбининамудаи моддаи 361 ҳамин Кодекс муқаррар карда мешавад.

2. Шартномаи хариду фурӯш ба шарти иҷрои он дар муҳлати қатъӣ муайянгардида басташуда эътироф мегардад, агар аз шартнома баръало маълум бошад, ки ҳангоми вайрон кардани ин муҳлат харидор нисбат ба иҷрои шартнома манфиатдории худро гум мекунад.

3. Фурӯшанда ҳуқуқ надорад бе розигии харидор чунин шартномаро то фарорасӣ ё баъди гузаштани муҳлати дар он муқарраршуда, инчунин дар ҳолате, ки харидор иҷрои шартномаро рад накардааст, иҷро намояд.

### Моддаи 526. Лаҳзаи иҷрои уҳдадории фурӯшанда оид ба супоридани мол

1. Агар дар шартномаи хариду фурӯш тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, уҳдадории фурӯшанда оид ба супоридани мол ба харидор дар лаҳзаи зерин иҷрошуда ба ҳисоб меравад:

- ба харидор ё ба шахси аз ҷониби ӯ муайянгардида супоридани мол, агар дар шартнома уҳдадории фурӯшанда вобаста ба расондани мол пешбинӣ гардида бошад;

- ба ихтиёри харидор пешниҳод кардани мол, агар мол бояд ба харидор ё шахси муайянгардидаи ӯ дар маҳалли ҷойгиршавии мол супорида шавад.

2. Мол ба ихтиёри харидор пешниҳодшуда ҳисобида мешавад, агар дар муҳлати пешбининамудаи шартнома мол барои супоридан дар ҷойи таъиншуда омода бошад ва харидор мутобиқи шартҳои шартнома оид ба омода будани мол ҷиҳати супоридан огоҳ бошад. Агар мол барои мақсадҳои шартнома бо роҳи рақамгузорӣ, тамғагузорӣ ва ё бо дигар тартиб ҳаммонанд нашуда бошад, он барои супоридан омодашуда эътироф карда намешавад.

3. Дар ҳолатҳое, ки аз шартномаи хариду фурӯш уҳдадории фурӯшанда дар мавриди расондани мол ё дар маҳалли ҷойгиршавии мол супоридани он ба харидор барнаояд ва агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, уҳдадории фурӯшанда аз лаҳзаи ба боркашон ҷиҳати ҳамлу нақл ё ба ташкилоти алоқа супоридани мол ба харидор иҷрогардида ба ҳисоб меравад.

## Моддаи 527. Ухдадории фурӯшанда оид ба эмин нигоҳ доштани молу мулки фурӯхташуда

1. Ҳангоме, ки ҳуқуқи моликият ба харидор қабл аз супоридани молу мулк мегузарад, фурӯшанда ухдадор аст то супоридани он молу мулкро эмин нигоҳ дорад ва ба бесифат шудани он роҳ надиҳад.

2. Агар дар созишномаи байни тарафҳо тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, харидор бояд хароҷоти барои ин кор заруриро ба фурӯшанда ҷуброн намояд.

## Моддаи 528. Гузаштани таваккали тасодуфан нобуд шудани мол

1. Агар дар шартномаи хариду фурӯш тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, таваккали тасодуфан нобуд шудан ё тасодуфан осеб дидани мол аз лаҳзае ба харидор мегузарад, ки мутобиқи қонун ё шартнома ухдадории фурӯшанда оид ба супоридани мол ба харидор иҷрошуда ҳисобида мешавад.

2. Таваккали тасодуфан нобуд шудан ё тасодуфан осеб дидани моле, ки ҳангоми дар роҳ будани он (ҳамлу нақли он) фурӯхта шудааст, агар дар шартномаи тарафҳо ё одатҳои муомилоти корӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, аз лаҳзаи бастани шартномаи хариду фурӯш ба харидор мегузарад.

3. Шарти шартнома дар бораи таваккали тасодуфан нобуд шудан ё осеб дидани мол, ки аз лаҳзаи ба боркашони аввалин супоридани он ба харидор мегузарад, тибқи талаби харидор аз ҷониби суд мумкин аст беэътибор эътироф карда шавад, агар дар лаҳзаи бастани шартнома фурӯшанда медонист ё мебоист донад, ки мол нобуд шудааст ё осеб дидааст, вале ба харидор хабар надодааст.

## Моддаи 529. Ухдадории фурӯшанда вобаста ба супоридани моли аз ҳуқуқи шахси сеюм озод

1. Фурӯшанда ухдадор аст ба харидор моли аз ҳама гуна ҳуқуқи шахси сеюм озодро, ба истиснои ҳолате, ки харидор розӣ шудааст моли дорои гаронии ҳуқуқи шахси сеюмро қабул кунад, супорад. Аз ҷониби фурӯшанда иҷро накардани чунин ухдадорӣ, ба истиснои ҳолатҳои исботи он, ки харидор дар мавриди ҳуқуқҳои шахси сеюм медонист ва ё мебоист донад, ба харидор ҳуқуқ медиҳад, ки паст кардани арзиши хариди мол ё бекор кардани шартномаи хариду фурӯш ва ҷуброни зиёнро талаб намояд.

2. Қоидаҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи мазкур мувофиқан ҳамчунин дар ҳолатҳое истифода мешаванд, ки нисбат ба ҳамин мол дар лаҳзаи супоридани он ба харидор талаботи шахси сеюм вуҷуд дошт ва харидор огоҳ буд ва агар ин талабот минбаъд бо тартиби муқарраршуда қонунӣ эътироф гардида бошанд.

## Моддаи 530. Ҷавобгарии фурӯшанда ҳангоми аз харидор гирифтани мол

1. Ҳангоми аз ҷониби шахси сеюм гирифтани мол аз харидор бо асосҳое, ки то иҷрои шартномаи хариду фурӯш ба миён омадаанд, ба истиснои

ҳолатҳое, ки харидор оид ба мавҷуд будани чунин ҳолатҳо медонист ва ё мебоист донад, фурӯшанда уҳдадор аст зиёни ба харидор расондашударо ҷуброн намояд.

2. Созишномаи тарафҳо дар бораи аз ҷавобгарӣ озод намудани фурӯшанда ё маҳдуд кардани он ҳангоми аз ҷониби шахси сеюм талаб карда гирифтани моли бадастовардаи харидор эътибор надорад.

### Моддаи 531. Оқибатҳои аз ҷониби фурӯшанда рад кардани супоридани мол

1. Агар фурӯшанда ба харидор додани моли фурӯхтаашро рад намояд, харидор ҳуқуқ дорад аз иҷрои шартномаи хариду фурӯш даст кашад.

2. Ҳангоми аз супоридани ашёи хоса даст кашидани фурӯшанда, харидор ҳуқуқ дорад нисбат ба фурӯшанда талаботи пешбининамудаи моддаи 459 ҳамин Кодексро пешниҳод кунад.

### Моддаи 532. Оқибатҳои иҷро накардани уҳдадории супоридани ашёи мансуб ва ҳуҷҷатҳои марбути мол

1. Агар фурӯшанда ба харидор ашёи мансуб ё ҳуҷҷатҳои марбути молро насупорад ё супоридани онҳоро, ки бояд мутобиқи қонунгузорӣ ё шартнома (қисми 2 моддаи 524 ҳамин Кодекс) анҷом диҳад, рад намояд, харидор ҳуқуқ дорад барои супоридани онҳо мӯҳлати оқилона муқаррар намояд.

2. Дар ҳолате, ки ашёи мансуб ё ҳуҷҷатҳои марбути мол дар мӯҳлати муқарраршуда аз ҷониби фурӯшанда супорида нашаванд, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, харидор ҳуқуқ дорад аз қабули мол даст кашад.

### Моддаи 533. Теъдоди мол

1. Теъдоди моли ба харидор супоридашаванда дар шартномаи хариду фурӯш бояд бо воҳидҳои ченаки дахлдор ё дар шакли пулӣ инъикос карда шавад. Шартҳо оид ба теъдоди мол мумкин аст бо роҳи дар шартнома пешбинӣ намудани тартиби муайянкунии он мувофиқа карда шаванд.

2. Агар шартномаи хариду фурӯш имконият надиҳад, ки теъдоди моли супоридашаванда муайян гардад, шартнома басташуда ба ҳисоб намеравад.

### Моддаи 534. Оқибатҳои вайрон кардани шартҳои шартнома вобаста ба теъдод

1. Ҳангоме, ки фурӯшанда шартҳои шартномаро вайрон карда, ба харидор нисбат ба теъдоди дар шартнома нишондода камтар мол месупорад, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, харидор ҳуқуқ дорад ё теъдоди боқимондаи молро талаб кунад ё аз молҳои супоридашуда ё аз пардохти маблағи онҳо даст кашад ва агар маблағи онҳо пардохта шуда бошад, баргардондани маблағи пардохтшуда ва товони зарарро талаб намояд.

2. Агар фурӯшанда нисбат ба теъдоди моли дар шартномаи хариду фурӯш зикргардида ба харидор теъдоди бештарро дода бошад, харидор уҳдадор аст дар ин хусус бо тартиби пешбининамудаи қисми 1 моддаи 551 ҳамин Кодекс фурӯшандаро огоҳ созад. Агар дар муҳлати оқилона баъди огоҳии харидор фурӯшанда қисми дахлдори молро ихтиёрдорӣ накунад, харидор ҳуқуқ дорад ҳамаи молро қабул намояд, агар дар шартнома ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад.

3. Дар сурате, ки харидор нисбат ба теъдоди моли дар шартномаи хариду фурӯш зикргардида теъдоди бештари молро қабул намояд (қисми 2 моддаи мазкур), арзиши моли иловатан қабулнамуда бо нархе, ки барои моли тибқи шартнома қабулшуда муайян гардидааст, пардохт карда мешавад, агар нархи дигар бо созиши тарафҳо муқаррар нашуда бошад.

## Моддаи 535. Гурӯҳи навъҳо (ассортимент)-и мол

1. Агар тибқи шартномаи хариду фурӯш супоридани мол бояд бо таносуби муайян, вобаста ба навъ, намуна, андоза, ранг ва нишонаҳо (гурӯҳи навъҳо)-и дигар сурат гирад, фурӯшанда уҳдадор аст ба харидор молро тибқи гурӯҳи навъҳо, ки байни тарафҳо мувофиқа шудааст, супорад.

2. Агар гурӯҳи навъҳои мол дар шартномаи хариду фурӯш муайян нашуда бошанд ва дар шартнома тартиби муайян кардани онҳо муқаррар нагардида бошад, вале аз моҳияти уҳдадорӣ чунин бароядд, ки мол ба харидор бояд тибқи гурӯҳи навъҳо супорида шавад, фурӯшанда ҳуқуқ дорад ба харидор молро бо гурӯҳи навъҳое, ки ба талаботи харидор мутобиқанд ва ба фурӯшанда ҳангоми бастани шартнома маълум гардида буданд, супорад ва ё аз иҷрои шартнома даст кашад.

## Моддаи 536. Оқибатҳои вайрон кардани шартҳои шартнома вобаста ба гурӯҳи навъҳои мол

1. Ҳангоми аз ҷониби фурӯшанда тибқи шартномаи хариду фурӯш супоридани мол бо гурӯҳи навъҳое, ки ба шартнома мутобиқат намекунад, харидор ҳуқуқ дорад аз қабул ва пардохти он даст кашад ва агар арзиши он пардохта шуда бошад, баргардондани маблағи пардохтшударо талаб намояд.

2. Агар фурӯшанда дар баробари моле, ки гурӯҳи навъҳои он ба шартномаи хариду фурӯш мувофиқ аст, ба харидор моли хилофи шартҳои шартнома оид ба гурӯҳи навъҳоро супорад, харидор мувофиқи интихоби худ ҳуқуқ дорад:

- молҳои ба шарти шартнома оид ба гурӯҳи навъҳо мувофиқро қабул намояд ва аз молҳои дигар даст кашад;

- аз ҳамаи молҳои супоридашуда даст кашад;

- иваз намудани молҳои ба шарти гурӯҳи навъҳои мол ва молҳои ба гурӯҳи навъҳои пешбининамудаи шартнома мувофиқнабударо талаб намояд;

- тамоми молҳои супоридашударо қабул кунад.

3. Ҳангоми радди қабули молҳои гурӯҳи навъашон ба шартҳои шартномаи хариду фурӯш номувофиқ ё пешниҳоди талаб оид ба иваз намудани молҳое,

ки ба шарти гурӯҳи навъҳо мувофиқ намебошанд, харидор ҳамчунин ҳуқуқ дорад аз пардохти онҳо даст кашад ва агар арзиши онҳо пардохта шуда бошад, баргардондани маблағи пардохтшударо талаб намояд.

4. Молҳое, ки ба шартҳои шартномаи хариду фурӯш оид ба гурӯҳи навъҳо мутобиқ нестанд, қабулшуда ҳисобида мешаванд, агар харидор дар мӯҳлати оқилона баъди гирифтани онҳо ба фурӯшанда оид ба рад кардани қабули онҳо хабар надиҳад.

5. Агар харидор аз молҳои гурӯҳи навъашон ба шартҳои шартномаи хариду фурӯш номувофиқ даст накашад, он ӯҳдадор аст арзиши онҳоро тибқи нархи бо фурӯшанда мувофиқашуда пардохт намояд. Дар ҳолате, ки аз ҷониби фурӯшанда чораҳои зарурӣ оид ба мувофиқакунонии нарх дар мӯҳлати оқилона андешида намешаванд, харидор пардохти молҳоро аз рӯйи нархҳое анҷом медиҳад, ки дар лаҳзаи бастани шартнома одатан аз рӯйи ҳолатҳои муқоисашаванда барои молҳои монанд ситонида мешаванд.

6. Қоидаҳои моддаи мазкур татбиқ мешаванд, агар шартҳои дигар дар шартномаи хариду фурӯш пешбинӣ нашуда бошанд.

### Моддаи 537. Сифати мол

1. Фурӯшанда ӯҳдадор аст ба харидор молеро супорад, ки сифати он ба шартҳои шартномаи хариду фурӯш мувофиқат мекунад.

2. Агар дар шартномаи хариду фурӯш шартҳо оид ба сифати мол пешбинӣ нашуда бошанд, фурӯшанда ӯҳдадор аст ба харидор молеро супорад, ки он ба мақсадҳое, ки одатан чунин мол истифода мешавад, мувофиқ бошад. Агар фурӯшанда зимни бастани шартнома аз ҷониби харидор доир ба мақсадҳои мушаххаси истифодаи мол огоҳонида шуда бошад, фурӯшанда ӯҳдадор аст ба харидор молеро супорад, ки он ҷиҳати истифода намудан барои ҳамин мақсадҳо мувофиқ аст.

3. Ҳангоми тибқи намуна ва (ё) тавсиф фурӯхтани мол фурӯшанда ӯҳдадор аст ба харидор молеро супорад, ки ба намуна ва (ё) тавсиф мувофиқ аст.

4. Агар бо тартиби муқаррарнамудаи қонун нисбат ба сифати моли фурӯхташаванда талаботи ҳатмӣ пешниҳод гардида бошанд, дар ин сурат фурӯшандае, ки фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳад, ӯҳдадор аст ба харидор моли ба ин талабот мувофиқро супорад.

5. Мутобиқи созишномаи байни фурӯшанда ва харидор мумкин аст моли дорои талаботи бештар нисбат ба моле, ки ба талаботи ҳатмии бо тартиби муқаррарнамудаи қонун пешбинишуда ҷавобгӯ мебошад, дода шавад.

### Моддаи 538. Кафолати сифати мол

1. Моле, ки фурӯшанда ӯҳдадор аст ба харидор супорад, бояд дар лаҳзаи супоридани он ба харидор ба талаботи пешбининамудаи моддаи 537 ҳамин Кодекс мутобиқ бошад, агар лаҳзаи дигари муайян кардани мутобиқат ба ин талабот дар шартномаи хариду фурӯш пешбинӣ нашуда бошад ва дар давоми

муҳлати оқилона барои мақсадҳое, ки чунин намуди молҳо одатан истифода мешаванд, мувофиқ бошад.

2. Агар дар шартномаи хариду фурӯш аз ҷониби фурӯшанда додани кафолати сифати мол пешбинӣ гардида бошад, фурӯшанда уҳдадор аст дар давоми муҳлати муайяни дар шартнома муқарраргардида (муҳлати кафолатӣ) ба харидор молеро супорад, ки ба талаботи моддаи 537 ҳамин Кодекс мувофиқат намояд.

3. Кафолати сифати мол, агар дар шартномаи хариду фурӯш тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, нисбат ба ҳамаи ҷузъҳои таркибии он (асбобу анҷоми таркибӣ) татбиқ мешавад.

## Моддаи 539. Тартиби ҳисоб намудани муҳлати кафолат

1. Муҳлати кафолат, агар дар шартномаи хариду фурӯш тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, аз лаҳзаи ба харидор супоридани мол (моддаи 525 ҳамин Кодекс) оғоз мегардад.

2. Агар харидор аз имконияти истифодаи моле, ки нисбат ба он бо шартнома муҳлати кафолат муқаррар гардидааст, бо сабаби ҷой доштани ҳолатҳое, ки аз фурӯшанда вобастаанд, маҳрум шуда бошад, ҷараёни муҳлати кафолат то бартараф намудани ҳолатҳои дахлдор аз ҷониби фурӯшанда, боздошта мешавад.

3. Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, муҳлати кафолат ба муддате дароз карда мешавад, ки дар давоми он истифодаи мол бо сабаби норасоиҳои дар он ошкоршуда ғайриимкон буд, ба шарте, ки агар фурӯшанда оид ба норасоиҳои мол бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 551 ҳамин Кодекс огоҳонида шуда бошад.

4. Агар дар шартномаи хариду фурӯш тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, муҳлати кафолат ба асбобу анҷоми таркибӣ ба муҳлати кафолат ба асбобу анҷоми асосӣ баробар дониста шуда, ҷараёни ин муҳлат якҷоя бо ҷараёни муҳлати кафолат ба асбобу анҷоми асосӣ оғоз меёбад.

5. Ҳангоми иваз намудани мол (асбобу анҷоми таркибӣ) муҳлати кафолат аз нав оғоз мегардад, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

## Моддаи 540. Муҳлати коршоямии мол

1. Мутобиқи қонун ва ё бо тартиби муқаррарнамудаи он мумкин аст уҳдадорӣ оид ба муайян кардани муҳлате пешбинӣ карда шавад, ки пас аз гузаштани он мол барои аз рӯйи таъинот истифода бурдан корношоям эътироф гардад (муҳлати коршоямӣ).

2. Молеро, ки барои он муҳлати коршоямӣ муқаррар гардидааст, фурӯшанда уҳдадор аст ба харидор, бо назардошти ба ҳисоб гирифтани имконияти истифодаи он аз рӯйи таъинот, то ба итмом расидани муҳлати коршоямии он супорад, агар тартиби дигар дар шартнома пешбинӣ нашуда бошад.

## Моддаи 541. Ҳисоб кардани муҳлати коршоямии мол

Муҳлати коршоямии мол бо давраи вақте, ки аз рӯзи истеҳсоли он ҳисоб карда шуда, дар давоми он мол барои истифода коршоям мебошад ё бо санае, ки то фаро расидани он мол барои истифода коршоям аст, муайян карда мешавад.

## Моддаи 542. Санҷиши сифати мол

1. Санҷиши сифати мол мутобиқи қонунгузорӣ, талаботи ҳатмии стандартҳои давлатӣ ва ё шартнома анҷом дода мешавад.

2. Дар ҳолатҳое, ки стандартҳои давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими техникӣ вобаста ба санҷиши сифат талаботи ҳатмӣ муқаррар карда бошанд, санҷиши сифат бояд мутобиқи талаботи дар онҳо зикргардида анҷом дода шавад.

3. Агар бо тартиби муқаррарнамудаи қисми 1 моддаи мазкур шарти санҷиши сифат пешбинӣ нагардида бошад, он гоҳ санҷиши сифат мутобиқи одатҳои муомилоти корӣ ё шартҳои дигари санҷиши одатан истифодашаванда нисбат ба моле, ки тибқи шартнома бояд супорида шавад, анҷом дода мешавад.

4. Агар қонунгузорӣ талаботи ҳатмии стандартҳои давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими техникӣ ё шартнома уҳдадории фурӯшандаро оид ба санҷиши сифати моли ба харидор фурӯхташаванда (озмоиш, таҳлил, азназаргузаронӣ ва ғайра) пешбинӣ намуда бошанд, фурӯшанда бояд мутобиқи талаби харидор далелҳои анҷом дода шудани санҷиши сифати молро пешниҳод намояд.

5. Санҷиши сифати мол аз ҷониби фурӯшанда ва харидор бояд мутобиқи ҳамон як шартҳо анҷом дода шавад.

## Моддаи 543. Оқибатҳои супоридани моли дорои сифати номатлуб

1. Агар норасоиҳои мол аз ҷониби фурӯшанда қайду шарт нашуда бошад, харидоре, ки ба он моли дорои сифати номатлуб супорида шудааст, ҳуқуқ дорад бо салоҳдиди худ аз фурӯшанда талаб намояд, ки:

- ба андозаи муносиб нархи харидро паст кунад;

- дар муҳлатҳои оқилона норасоиҳои молро ройгон бартараф созад;

- хароҷоти вобаста ба рафъи норасоиҳои молро ҷуброн намояд.

2. Дар ҳолати ба таври ҷиддӣ вайрон кардани талабот нисбат ба сифати мол (ошкор намудани норасоиҳои рафънопазир, норасоиҳое, ки бе хароҷоти номутаносиб ё масрафи вақт бартараф кардани онҳо ғайриимкон аст ё чандин маротиба ошкор гардидаст ё баъди бартараф намудан боз такрор меёбад ва дигар норасоиҳои монанд) харидор ҳуқуқ дорад тибқи салоҳдиди худ:

- аз иҷрои шартномаи хариду фурӯш даст кашад ва баргардондани маблағи барои харидории мол пардохтаро талаб намояд;

- талаб намояд, ки моли бесифатро ба моли мувофиқи шартнома иваз намояд.

3. Дар сурати дорои сифати номатлуб будани қисми моле, ки ба маҷмуа (комплект)-и молҳо (моддаи 547 ҳамин Кодекс) шомиланд, харидор метавонад нисбат ба чунин мол ҳуқуқҳои пешбининамудаи қисмҳои 1 ва 2 моддаи мазкурро истифода барад.

## Моддаи 544. Норасоиҳои мол, ки барои он фурӯшанда ҷавобгар аст

1. Фурӯшанда барои норасоиҳои мол ҷавобгар аст, агар харидор исбот карда тавонад, ки норасоиҳои мол то ба харидор супоридани он ё бо сабабҳои то ин лаҳза бамиёномада пайдо шудаанд.

2. Фурӯшанда нисбат ба моле, ки барои он кафолати сифат додааст, агар исбот карда натавонад, ки норасоиҳои мол баъди ба харидор супоридани он дар натиҷаи аз ҷониби харидор риоя накардани қоидаҳои истифодаи мол ё нигаҳдорӣ ё таъсири шахси сеюм ё неруи рафънопазир ба миён омадаанд, ҷавобгар мебошад.

## Моддаи 545. Муҳлати ошкор намудани норасоиҳои моли супоридашуда

1. Агар дар қонун ё шартномаи хариду фурӯш тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, харидор ҳуқуқ дорад вобаста ба норасоиҳои мол, ба шарте ин норасоиҳо дар муҳлатҳои муайяннамудаи моддаи мазкур ошкор карда шуда бошанд, талабот пешниҳод намояд.

2. Агар ба мол муҳлати кафолат ё муҳлати коршоямӣ муқаррар нагардида бошад, аз ҷониби харидор талаботи вобаста ба норасоиҳо ба шарте пешниҳод карда мешавад, ки агар норасоиҳои мол дар муҳлати оқилона, вале дар давоми ду сол аз рӯзи ба харидор супоридани мол ошкор гардида бошанд ва агар қонун ё шартномаи хариду фурӯш муҳлати бештареро пешбинӣ накарда бошад. Муҳлат барои ошкор кардани норасоиҳои моле, ки бояд интиқол дода шавад ё таҳти ирсоли почта қарор гирад, аз рӯзи расондани мол ба ҷойи таъиншуда ба ҳисоб гирифта мешавад.

3. Агар барои мол муҳлати кафолат муқаррар гардида бошад, харидор ҳуқуқ дорад ҳангоми ошкор намудани камбудии вобаста ба норасоии мол дар давоми муҳлати кафолат талабот пешниҳод намояд.

4. Агар дар шартномаи хариду фурӯш ба асбобу анҷоми таркибӣ нисбат ба асбобу анҷоми асосӣ муҳлати кутоҳтари кафолат муқаррар гардида бошад, харидор ҳуқуқ дорад талаботи ба норасоии асбобу анҷоми таркибӣ алоқамандро ҳангоми ошкор намудани онҳо дар давоми муҳлати кафолат барои маҳсулоти асосӣ пешниҳод намояд.

5. Агар дар шартномаи хариду фурӯш ба асбобу анҷоми таркибӣ нисбат ба асбобу анҷоми асосӣ муҳлати бештари кафолат муқаррар гардида бошад ва норасоиҳои асбобу анҷоми таркибӣ дар ҷараёни муҳлати кафолат ошкор гардида бошанд, сарфи назар аз гузаштани муҳлати кафолат ба асбобу анҷоми асосӣ, харидор ҳуқуқ дорад оид ба норасоии мол талабот пешниҳод намояд.

6. Нисбат ба моле, ки барои он мухлати коршоямӣ муқаррар гардидааст, харидор ҳуқуқ дорад оид ба норасоии мол, агар он дар давоми мухлати коршоямӣ ошкор гардида бошад, талабот пешниҳод намояд.

7. Агар мухлати кафолати пешбининамудаи шартнома аз ду сол камтар бошад ва норасоиҳои мол пас аз гузаштани мухлати кафолат, вале дар давоми ду сол аз рӯзи ба харидор супоридани мол ошкор шуда бошанд, фурӯшанда ҷавобгариро ба ухда дорад, агар харидор исбот намояд, ки норасоии мол то ба харидор супоридани он ва ё бо сабабҳои то ин лаҳза ба вуҷудомада пайдо шудаанд.

## Моддаи 546. Мукаммалии мол

1. Фурӯшанда ухдадор аст ба харидор молеро супорад, ки ба шартҳои шартномаи хариду фурӯш оид ба мукаммалии мол мувофиқ мебошад.

2. Ҳангоми дар шартномаи хариду фурӯш муайян карда нашудани мукаммалии мол фурӯшанда уҳдадор аст ба харидор молеро фурӯшад, ки мукаммалии он тибқи одатҳои муомилоти корӣ ё талаботи дигари одатан пешниҳодшаванда муайян мегардад.

## Моддаи 547. Маҷмуа (комплект)-и мол

1. Агар шартномаи хариду фурӯш ухдадории фурӯшандаро ба харидор дар маҷмуъ супоридани номгӯйи муайяни мол (маҷмуаи мол) пешбинӣ карда бошад, ухдадорӣ аз лаҳзаи ба харидор супоридани ҳамаи моле, ки ба маҷмуа дохил гардидааст, иҷрошуда ба ҳисоб меравад.

2. Агар дар шартномаи хариду фурӯш тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад ва аз моҳияти ухдадорӣ барнаояд, фурӯшанда ухдадор аст ба харидор дар як вақт ҳамаи молҳои ба маҷмуа дохилшавандаро супорад.

## Моддаи 548. Оқибати супоридани моли номукаммал

1. Дар сурати супоридани моли номукаммал (моддаи 547 ҳамин Кодекс) харидор ҳуқуқ дорад бо салоҳдиди худ аз фурӯшанда талаб намояд, ки:

- мутаносибан нархро паст кунад;

- дар мухлатҳои оқилона молро мукаммал намояд.

2. Агар фурӯшанда дар мухлати оқилона талаби харидорро дар мавриди мукаммал намудани мол иҷро накунад, харидор ҳуқуқ дорад бо салоҳдиди худ:

- иваз намудани моли номукаммалро ба моли мукаммал талаб намояд;

- аз иҷрои шартномаи хариду фурӯш даст кашад ва баргардондани маблағи барои онҳо пардохтшуда, инчунин ҷуброни зиёнро талаб намояд.

3. Оқибатҳои пешбининамудаи қисмҳои 1 ва 2 моддаи мазкур, агар дар шартномаи хариду фурӯш тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад ва аз моҳияти ухдадорӣ барнаояд, инчунин дар ҳолатҳои аз ҷониби фурӯшанда вайрон кардани ухдадории ба харидор супоридани маҷмуаи мол (моддаи 547 ҳамин Кодекс) истифода бурда мешаванд.

### Моддаи 549. Зарф ва борпеч

1. Агар дар шартномаи хариду фурӯш тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад ва аз моҳияти ӯҳдадорӣ барнаояд, фурӯшанда ӯҳдадор аст ба харидор молро, ба истиснои молҳое, ки мувофиқи хосияти худ зарф ва (ё) борпечро тақозо намекунанд, дар зарф ва (ё) таҳти борпеч супорад.

2. Агар дар шартномаи хариду фурӯш талабот нисбат ба зарф ё борпеч муайян нагардида бошанд, мол бояд бо усули одатан барои чунин навъ муқарраршуда дар зарф ҷойгир ё борпеч карда шавад ва дар сурати набудани чунин имкон бо усуле, ки ҳангоми ҳамлу нақл ҳифзи чунин навъи молро дар шароити муқаррарии нигаҳдорӣ ва интиқол таъмин менамояд, анҷом дода шавад.

3. Агар бо тартиби муқаррарнамудаи қонун нисбат ба зарф ва (ё) борпеч талаботи ҳатмӣ пешбинӣ гардида бошанд, дар он сурат фурӯшандае, ки фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳад, ӯҳдадор аст ба харидор молро дар зарф ва (ё) таҳти борпече, ки ба ин талабот ҷавобгӯ мебошад, супорад.

### Моддаи 550. Оқибатҳои бе зарф ва (ё) борпеч ё дар зарф ва (ё) таҳти борпечи номатлуб супоридани мол

1. Дар ҳолатҳое, ки агар молҳои дар зарф ҷойгиршаванда ва (ё) борпечдошта ба харидор бе зарф ва (ё) борпеч ё дар зарф ва (ё) таҳти борпечи номатлуб супорида мешаванд, агар аз шартнома, моҳияти ӯҳдадорӣ ё хосияти мол тартиби дигар барнаояд, харидор ҳуқуқ дорад аз фурӯшанда дар зарф ҷой додан ё борпеч кардани мол ё иваз намудани зарф ва (ё) борпечи номатлуби молро талаб намояд.

2. Бар ивази ба фурӯшанда пешниҳод намудани талаби дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинишуда харидор ҳуқуқ дорад нисбат ба фурӯшанда инчунин дигар талаботеро, ки аз супоридани молҳои дорои сифати номатлуб (моддаи 543 ҳамин Кодекс) бармеоянд, пешниҳод кунад.

### Моддаи 551. Огоҳ намудани фурӯшанда дар хусуси номатлуб иҷро кардани шартномаи хариду фурӯш

1. Харидор ӯҳдадор аст фурӯшандаро дар хусуси вайрон кардани шартҳои шартномаи хариду фурӯш оид ба теъдод, гурӯҳи навъҳо, сифат, мукаммалӣ, зарф ва (ё) борпеч дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ё шартномаи хариду фурӯш ва агар чунин муҳлат муқаррар нагардида бошад, дар муҳлати оқилона, пас аз он, ки вайрон кардани шартҳои дахлдори шартнома дар асоси хусусият ва таъиноти мол бояд ошкор мешуданд, огоҳ намояд.

2. Дар ҳолати аз ҷониби харидор иҷро накардани ӯҳдадориҳои дар қисми 1 моддаи мазкур зикргардида фурӯшанда ҳуқуқ дорад қонеъ намудани талаботи харидорро дар бораи ба харидор супоридани теъдоди нокифояи мол, ивази моли ба шарти шартнома оид ба сифат ва гурӯҳи навъҳо номувофиқ, дар бораи бартараф намудани норасоии мол, мукаммал намудани мол ва ё иваз намудани моли номукаммал ба моли мукаммал, дар бораи дар зарф ҷойгир ва (ё) борпеч кардан ё иваз намудан зарф ва борпечи номувофиқ, пурра ё қисман

рад намояд, агар исбот кунад, ки иҷро накардани ин қоида аз ҷониби харидор боиси ғайриимкон гардидани иҷрои талаботи харидор гардидааст ва ё барои фурӯшанда боиси хароҷоти номутаносиб нисбат ба хароҷоте гардидааст, ки агар ӯ оид ба вайрон шудани шартҳои шартнома сари вақт огоҳ мегардид, масраф мекард.

3. Агар фурӯшанда медонист ё мебоист донад, ки молҳои ба харидор супоридашуда ба шартҳои шартномаи хариду фурӯш мувофиқ нестанд, ӯ ҳуқуқ надорад талаботи харидорро дар асоси муқаррароти пешбининамудаи қисмҳои 1 ва 2 моддаи мазкур рад намояд.

### Моддаи 552. Ӯҳдадории харидор оид ба қабули мол

1. Харидор ӯҳдадор аст моли ба ӯ супоридашударо, ба истиснои ҳолатҳое, ки ӯ ҳуқуқ дорад иваз намудани молро талаб кунад ё аз иҷрои шартномаи хариду фурӯш даст кашад, қабул кунад.

2. Дар ҳолатҳое, ки харидор бо вайрон кардани қонунгузорӣ ё шартномаи хариду фурӯш молро қабул намекунад ё қабули онро рад менамояд, фурӯшанда ҳуқуқ дорад аз харидор қабули молро талаб кунад ё аз иҷрои шартнома даст кашад.

3. Агар бо қонунгузорӣ ва ё шартномаи хариду фурӯш тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, харидор ӯҳдадор аст амалҳоеро иҷро намояд, ки мутобиқи талаботи одатан пешниҳодшаванда бояд аз ҷониби ӯ барои таъмини супоридан ва қабули моли дахлдор иҷро карда шаванд.

### Моддаи 553. Ӯҳдадории харидор оид ба пардохти нархи мол

1. Харидор ӯҳдадор аст арзиши молро тибқи нархе, ки бо шартномаи хариду фурӯш пешбинӣ шудааст, пардохт намояд ва агар нарх бо шартнома пешбинӣ нашуда бошад ва аз шартҳои шартнома муайян кардани он ғайриимкон бошад, бо нархе, ки мувофиқи моддаи 486 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад, пардохт намояд, инчунин аз ҳисоби худ амалҳоеро анҷом диҳад, ки тибқи қонунгузорӣ, шартнома ё талаботи одатан пешниҳодшаванда барои пардохт зарур мебошанд.

2. Ҳангоми вобаста ба вазни мол муқаррар гардидани нарх, агар дар шартномаи хариду фурӯш тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, он тибқи вазни холис муайян карда мешавад.

3. Агар шартномаи хариду фурӯш пешбинӣ намояд, ки нархи мол бояд вобаста ба нишондиҳандаҳое, ки нархи молро қайду шарт менамоянд (арзиши аслӣ, хароҷот ва ғайра), тағйир ёбад, вале ҳамзамон роҳи аз нав арзёбӣ намудани нарх муайян нагардида бошад, нарх бо назардошти мутаносибии ин нишондиҳандаҳо дар лаҳзаи иҷрои ӯҳдадорӣ вобаста ба супоридани мол муайян карда мешавад.

4. Қоидаҳои пешбининамудаи қисми 3 моддаи мазкур, агар ҳамин Кодекс ва қонунҳо тартиби дигарро муқаррар накарда бошанд ё аз моҳияти ӯҳдадорӣ барнаояд, истифода мешаванд.

## Моддаи 554. Пардохт барои мол

1. Агар аз шартҳои шартнома ва қонунгузорӣ ӯҳдадории дар муҳлати муайян пардохт барои мол барнаояд, харидор ӯҳдадор аст онро баъди супоридани мол аз ҷониби фурӯшанда ё додани ҳуҷҷатҳои ихтиёрдорӣ ба ин мол бетаъхир пардохт намояд.

2. Агар дар шартномаи хариду фурӯш пардохти давра ба давраи моли супоридашуда пешбинӣ нагардида бошад, харидор ӯҳдадор аст ба фурӯшанда маблағро вобаста ба ҳаҷми пурраи нархи моли супоридашуда пардохт намояд.

3. Агар харидор сари вақт барои моли тибқи шартномаи хариду фурӯш супоридашуда маблағ пардохт накунад, фурӯшанда ҳуқуқ дорад бо салоҳдиди худ пардохт барои мол ва пардохти фоизҳоро мутобиқи моддаи 456 ҳамин Кодекс талаб намояд.

4. Агар харидор хилофи шартномаи хариду фурӯш аз қабули мол ва пардохти он даст кашад, фурӯшанда ҳуқуқ дорад бо салоҳдиди худ пардохт барои молро талаб кунад ё аз иҷрои шартнома даст кашад.

## Моддаи 555. Пешпардохт барои мол

1. Дар ҳолатҳое, ки агар дар шартномаи хариду фурӯш ӯҳдадории харидор дар мавриди то аз ҷониби фурӯшанда супоридани мол пурра ё қисман пардохт барои мол (пешпардохт) пешбинӣ гардида бошад, харидор ӯҳдадор аст дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи шартнома ва агар дар шартнома чунин муҳлат муқаррар нагардида бошад, дар муҳлатҳои тибқи моддаи 361 ҳамин Кодекс муайянгардида онро пардохт намояд.

2. Дар ҳолати ӯҳдадориҳои пешбининамудаи шартномаи хариду фурӯшро дар хусуси пешпардохт барои мол иҷро накардани харидор қоидаҳои пешбининамудаи моддаи 379 ҳамин Кодекс татбиқ карда мешаванд.

3. Дар ҳолатҳое, ки агар фурӯшанда маблағи пешпардохтро гирифта, ӯҳдадории худро вобаста ба супоридани мол (моддаи 525 ҳамин Кодекс) анҷом надиҳад, харидор ҳуқуқ дорад супоридани молҳои арзишашон пардохтшуда ё баргардондани пешпардохти барои молҳои аз ҷониби фурӯшанда супориданашударо бо ҳисоб кардани фоиз аз рӯзе, ки мебоист супоридани мол сурат гирад, то рӯзи супоридани мол ба харидор ё ба ӯ баргардондани пешпардохтро талаб кунад.

4. Дар шартнома ӯҳдадории фурӯшанда оид ба пардохти фоиз ба маблағи пешпардохт аз лаҳзаи аз харидор гирифтани ин маблағ мумкин аст пешбинӣ карда шавад.

## Моддаи 556. Пардохт барои молҳое, ки ба қарз фурӯхта шудаанд

1. Дар ҳолате, ки тибқи шартномаи хариду фурӯш пардохт барои мол пас аз муддати муайяни баъди супоридани он ба харидор (фурӯши мол ба қарз) пешбинӣ шудааст, харидор бояд пардохтро дар муҳлати дар шартнома пешбинигардида ва агар чунин муҳлат дар шартнома пешбинӣ нагардида

бошад, дар муҳлатҳои мутобиқи моддаи 361 ҳамин Кодекс муайяншуда пардохт намояд.

2. Дар ҳолати аз ҷониби фурӯшанда иҷро нагардидани уҳдадории супоридани мол қоидаҳои пешбининамудаи моддаи 379 ҳамин Кодекс татбиқ мешаванд.

3. Дар ҳолате, ки агар харидор молро гирифта уҳдадориашро вобаста ба пардохти он иҷро накунад, фурӯшанда ҳуқуқ дорад пардохт барои мол ё баргардондани молҳои пардохтнашударо талаб намояд.

4. Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, ҳангоми дар муҳлати муайянгардида аз ҷониби харидор иҷро накардани уҳдадориҳо оид ба пардохт барои моли супоридашуда, аз рӯзе, ки мол мебоист пардохт карда шавад, то рӯзи пардохти он аз ҷониби харидор ба маблағи муҳлаташ гузаронидашуда мутобиқи моддаи 456 ҳамин Кодекс бояд фоиз пардохт карда шавад.

5. Дар шартнома уҳдадории харидор дар мавриди аз рӯзи гирифтани мол супоридани фоизе, ки ба нархи мол мутаносиб мебошад, мумкин аст пешбинӣ карда шавад.

6. Фурӯши мол ба қарз тибқи нархҳои дар рӯзи фурӯш амалкунанда анҷом дода мешавад. Тағйирёбии минбаъдаи нарх ба молҳои ба қарз фурӯхташуда, агар дар қонунгузорӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, боиси бозҳисобӣ намегардад.

### Моддаи 557. Пардохти давра ба давра барои мол

Шартномаи хариду фурӯши мол ба қарз бо шарти пардохти давра ба давра, агар дар он ҳамзамон бо шартҳои дигари муҳимми шартномаи хариду фурӯш нархи мол, тартиб, муҳлат ва андозаи пардохт зикр гардида бошанд, басташуда эътироф мегардад.

### Моддаи 558. Суғуртаи мол

1. Агар дар шартномаи хариду фурӯш уҳдадории фурӯшанда ё харидор дар мавриди суғуртаи мол пешбинӣ гардида, вале ҳамзамон шартҳои суғурта ва маблағи ҳадди ақалле, ки ба он мол суғурта карда мешавад, зикр нагардида бошад, маблағи суғурта, ки шартномаи суғурта пешбинӣ намудааст, наметавонад аз арзиши мол камтар бошад.

2. Ҳангоми аз ҷониби тарафи анҷомдиҳандаи суғурта тибқи шартҳои шартнома анҷом надодани суғурта тарафи дигар ҳуқуқ дорад молро суғурта намуда, аз тарафи уҳдадор ҷуброни хароҷоти вобаста ба суғуртаро талаб намояд ё аз иҷрои уҳдадорӣ даст кашад.

### Моддаи 559. Нигоҳ доштани ҳуқуқи моликияти фурӯшанда

1. Ҳангоми дар шартномаи хариду фурӯш пешбинӣ гардидани он ки ҳуқуқи моликият ба моли ба харидор супоридашуда то пардохти он ё фаро расидани ҳолатҳои дигар ба фурӯшанда нигоҳ дошта мешавад, агар дар

қонунгузорӣ ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад ё аз таъинот ва хосияти мол барнаояд, харидор ҳуқуқ надорад то лаҳзаи ба ӯ гузаштани ҳуқуқи моликият молро бегона намояд ё ба таври дигар онро ихтиёрдорӣ кунад.

2. Ҳангоми дар мухлати пешбининамудаи шартнома пардохт нашудани арзиши моли супоридашуда ё ҳолатҳои дигаре, ки вобаста ба он ҳуқуқи моликият ба харидор мегузарад, фаро намерасанд, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, фурӯшанда ҳуқуқ дорад аз харидор баргардондани молро талаб намояд.

## §2. Хариду фурӯши чакана

### Моддаи 560. Шартномаи хариду фурӯши чакана

1. Тибқи шартномаи хариду фурӯши чакана фурӯшандае, ки фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳад, уҳдадор мешавад ба харидор молҳоеро диҳад, ки одатан барои истифодаи шахсӣ, маишӣ ё навъи дигари истифода таъин гардидаанд ва ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд нестанд.

2. Шартномаи хариду фурӯши чакана оммавӣ (моддаи 488 ҳамин Кодекс) мебошад.

3. Муносибатҳои хариду фурӯши чакана бо иштироки харидоршахси воқеӣ, ки бо ҳамин Кодекс пурра танзим нашудаанд, бо қонунгузорӣ танзим мешаванд.

### Моддаи 561. Офертаи оммавии мол

1. Пешниҳоди мол, ки тамоми шартҳои муҳимми шартномаи хариду фурӯши чаканаи моли дар рекламаи мол, феҳраст (каталог) зикргардидаро дар бар гирифтааст, инчунин навъи дигари мол, ки ба доираи номуайяни шахсон нигаронида шудааст, офертаи оммавӣ эътироф карда мешавад (моддаи 503 ҳамин Кодекс).

2. Ба тамошо гузоштан, намоиши намунаҳои мол ё додани маълумот оид ба молҳои фурӯшӣ (тавсиф, феҳрастҳо, аксҳо ва ғайра) дар ҷойи фурӯши мол, сарфи назар аз он, ки нарх ва дигар шартҳои муҳимми шартномаи хариду фурӯш зикр гардидааст ё не, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки фурӯшанда барои фурӯш таъин нагардидани молҳои дахлдорро дақиқ муайян кардааст, офертаи оммавӣ эътироф карда мешавад.

### Моддаи 562. Ба харидор пешниҳод намудани иттилоъ оид ба мол

1. Фурӯшанда уҳдадор аст ба харидор оид ба моли барои фурӯш пешниҳодгардида иттилои боэътимодро пешниҳод намояд, ки ба талаботи муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ё одатан дар савдои чакана пешниҳодшавандаи вобаста ба мазмун ва тарзи пешниҳоди он мувофиқ мебошад.

2. Харидор ҳуқуқ дорад то бастани шартнома молро аз назар гузаронад ва агар ин вобаста ба хосияти мол истисно нагардида бошад ва хилофи қоидаҳои

дар савдои чакана қабулгардида набошад, дар ҳузури он анҷом додани санҷиши хусусияти мол ё намоиши истифодаи молро талаб кунад.

3. Агар ба харидор имконияти бетаъхир дар ҷойи фурӯш ба даст овардани иттилоъ оид ба мол, ки дар қисмҳои 1 ва 2 моддаи мазкур зикр гардидааст, фароҳам оварда нашуда бошад, ӯ ҳуқуқ дорад аз фурӯшанда ҷуброни зиёни вобаста ба саркашии беасос аз бастани шартномаи хариду фурӯши чакана (қисми 4 моддаи 511 ҳамин Кодекс) ба он расондашударо талаб намояд ва агар шартнома баста шуда бошад, дар мӯҳлати оқилона аз иҷрои шартнома даст кашад, баргардондани маблағи барои мол пардохтшуда ва ҷуброни зиёни дигарро талаб намояд.

## Моддаи 563. Фурӯши мол бо истифодаи воситаҳои худкор

1. Дар ҳолатҳое, ки фурӯши мол бо истифодаи воситаҳои худкор сурат мегирад, соҳибони воситаҳои худкор уҳдадоранд ба харидорон бо усули дар воситаи худкор ҷойгир намудани иттилоъ оид ба фурӯшандаи мол ё бо усули дигар дар бораи номи фурӯшанда (номи фирмавӣ), макони ҷойгиршавии он, реҷаи кор, инчунин оид ба амале, ки бояд харидор барои гирифтани мол анҷом диҳад, иттилооти боэътимод пешкаш намоянд.

2. Шартномаи хариду фурӯши чакана бо истифодаи воситаҳои худкор аз лаҳзаи аз ҷониби харидор анҷом додани амале, ки барои харидани мол зарур мебошад, басташуда ҳисобида мешавад.

3. Агар ба харидор моли арзишаш пардохтшуда дода нашавад, фурӯшанда уҳдадор аст фавран ба харидор дастрас шудани молро таъмин намояд ё маблағи пардохтнамудаи ӯро баргардонад. Дар сурати иҷро накардани ин уҳдадорӣ харидор ҳуқуқ дорад аз фурӯшанда ҷуброни зиёни расондашударо талаб намояд.

## Моддаи 564. Шартнома бо шарти ба харидор расондани мол

1. Дар ҳолатҳое, ки шартномаи хариду фурӯши чакана бо шарти ба харидор расондани мол баста шудааст, фурӯшанда уҳдадор аст дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи шартнома молро ба ҷойи зикрнамудаи харидор ва агар ҷойи супоридани молро харидор зикр накарда бошад, ба маҳалли истиқомати шахси воқеӣ ё макони ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ, ки харидор мебошад, расонад.

2. Шартномаи хариду фурӯши чакана, агар қонунгузорӣ ё шартнома тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошанд ё аз моҳияти уҳдадорӣ барнаояд, аз лаҳзаи ба харидор ва дар сурати набудани он ба ҳар шахси пешниҳодкардаи расид ё дигар санади тасдиққунандаи бастани шартнома ё ба расмият даровардани супоридани мол аз ҷониби фурӯшанда, иҷрогардида ба ҳисоб меравад.

## Моддаи 565. Шартнома бо шарти аз ҷониби харидор дар мӯҳлати муайян гирифтани мол

1. Тарафҳо метавонанд бо шарти аз ҷониби харидор дар муҳлати муайян гирифтани мол, ки дар давоми он ин мол ба харидори дигар фурӯхта намешавад, шартномаи хариду фурӯши чакана банданд.

2. Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, ҳозир нашудани харидор ё дар муҳлати муқаррарнамудаи шартнома барои гирифтани мол анҷом надодани амали дигари заруриро фурӯшанда метавонад ҳамчун аз ҷониби харидор рад намудани иҷрои шартнома арзёбӣ намояд.

3. Хароҷоти иловагии фурӯшанда вобаста ба таъмини супоридани мол ба харидор дар муҳлати муайяннамудаи шартнома, агар дар қонунгузорӣ ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, ба нархи мол илова карда мешавад.

## Моддаи 566. Фурӯши мол тибқи намунаҳо

1. Тарафҳо метавонанд оид ба фурӯши мол тибқи намуна (тасвир, феҳраст ва ғайра) шартномаи хариду фурӯши чаканаро ба имзо расонанд.

2. Агар дар қонунгузорӣ ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, чунин шартнома аз лаҳзаи расидани бор ба ҷойи дар шартнома зикргардида ва агар ҷойи супоридани мол дар шартнома зикр нагардида бошад, аз лаҳзаи расондани бор ба маҳалли истиқомати шахси воқеӣ ё маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ иҷрогардида ба ҳисоб меравад.

3. Харидор, бо шарти ба фурӯшанда ҷуброн намудани хароҷоти оқилонае, ки бо анҷом додани амали дахлдор оид ба иҷрои шартнома сарф намудааст, метавонад то додани мол аз иҷрои шартномаи хариду фурӯши чакана даст кашад.

## Моддаи 567. Нарх ва пардохти мол

1. Агар дар қонунгузорӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад ва аз моҳияти ӯҳдадорӣ барнаояд, харидор ӯҳдадор аст пардохти нархи молро мувофиқи нархе, ки фурӯшанда ҳангоми бастани шартномаи хариду фурӯши чакана эълон намудааст, пардохт намояд.

2. Дар ҳолате, ки шартномаи хариду фурӯши чакана пешпардохт барои молро (моддаи 555 ҳамин Кодекс) пешбинӣ намудааст, агар дар шартномаи байни тарафҳо тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, аз ҷониби харидор дар муҳлати муқаррарнамудаи шартнома напардохтани нархи мол ҳамчун аз ҷониби харидор рад намудани шартнома эътироф карда мешавад.

3. Нисбат ба шартномаҳои хариду фурӯши чакана ба қарз, аз ҷумла ба шарти аз ҷониби харидор давра ба давра пардохтани нархи мол, қоидаҳои пешбининамудаи моддаи 557 ҳамин Кодекс татбиқ карда намешаванд.

4. Фурӯшанда ҳуқуқ дорад нархи молро ҳар вақт дар доираи муҳлати таъхирандозии моли он, ки дар шартнома муқаррар шудааст, пардохт намояд.

## Моддаи 568. Иваз кардани моли дорои сифати матлуб

1. Харидор ҳуқуқ дорад дар давоми чордаҳ рӯз аз лаҳзаи ба он супоридани моли ғайриозуқаворӣ, агар фурӯшанда муҳлати бештареро эълон накарда бошад, моли харидаашро дар маҳалли харид ё ҷойҳои дигар, ки фурӯшанда эълон кардааст, ба моли якхелаи дорои андозаи дигар, шакл, навъ, ранг, маҷмуа (комплектатсия)-и дигари мол ва ғайра иваз кунад ва дар сурати фарқияти нарх бо фурӯшанда ҳисоббаробаркунии заруриро анҷом диҳад.

2. Агар фурӯшанда барои иваз моли заруриро надошта бошад, харидор ҳуқуқ дорад моли харидаашро баргардонад ва маблағи пардохтаашро пас гирад.

3. Талаби харидор дар мавриди иваз ё баргардондани маблағ, агар мол истифода нашуда бошад, хусусияти истеъмолии худро гум накарда бошад, дорои далелҳое бошад, ки аз ҳамин фурӯшанда харида шудааст, бояд аз ҷониби фурӯшанда қонеъ гардонда шавад.

4. Номгӯйи молҳое, ки бо асосҳои дар моддаи мазкур зикргардида иваз ё баргардонда намешаванд, мувофиқи қонунгузорӣ муқаррар карда мешавад.

## Моддаи 569. Ҳуқуқҳои харидор дар ҳолатҳои ба ӯ фурӯхтани моли дорои сифати номатлуб

1. Харидоре, ки ба он моли дорои сифати номатлуб фурӯхта шудааст, агар норасоиҳои он бо фурӯшанда қайду шарт нагардида бошанд, ҳуқуқ дорад бо салоҳдиди худ талаб кунад:

- иваз намудани моли дорои сифати номатлуб ба моли хушсифат;
- бе таъхир, ба таври ройгон бартараф намудани норасоиҳои мол;
- ҷуброни хароҷот вобаста ба бартараф намудани норасоиҳои мол;
- мутаносибан кам кардани нархи харид.

2. Дар ҳолати ба таври ҷиддӣ вайрон кардани талаботи сифат нисбат ба моли аз нигоҳи техникӣ мураккаб ва гаронарзиш (қисми 2 моддаи 543 ҳамин Кодекс) харидор ҳуқуқ дорад иваз кардани онро талаб намояд.

3. Дар ҳолати ошкор намудани норасоиҳои моле, ки хусусияти он барои бартараф намудани ин норасоиҳо имконият намедиҳад (молҳои озуқаворӣ, маҳсулоти химиявии маишӣ ва ғайра), харидор ҳуқуқ дорад бо интихоби худ иваз намудани чунин молро ба моли босифат ё мутаносибан кам кардани нархи харидро талаб намояд.

4. Бар ивази пешниҳоди талаботи дар қисмҳои 1 ва 2 моддаи мазкур зикргардида харидор ҳуқуқ дорад моли дорои сифати номатлубро ба фурӯшанда баргардонда, додани маблағи пардохтшуда ва ҷуброни зиёни дигарро талаб кунад.

5. Ҳангоми баргардондани маблағи харидор, ки барои мол пардохт шуда буд, фурӯшанда ҳуқуқ надорад аз он қисмеро барои пурра ё қисман истифода шудани мол, аз даст додани сифати молӣ ва ғайра, ки боиси кам кардани нархи он гаштааст, нигоҳ дорад.

### Моддаи 570. Рӯёниши фарқи нарх ҳангоми ивази мол, кам кардани нархи харид ва баргардондани моли дорои сифати номатлуб

1. Ҳангоми ивази моли бесифат ба моли мувофиқи шартномаи хариду фурӯши чакана дорои сифати матлуб, фурӯшанда ҳуқуқ надорад рӯёниши фарқияти нархи моли дар шартнома муқарраршуда ва нархи моли ҳангоми ивази мол ё ҳангоми баровардани санади судӣ дар хусуси иваз намудани мол мавҷудбударо талаб кунад.

2. Ҳангоми ивази моли бесифат ба моли шабеҳ, вале моли аз ҷиҳати андоза, шакл ва навъ ва ғайра фарқкунанда, фарқи байни нархи моли ивазшаванда дар лаҳзаи ивази мол ва нархи моли бар ивази моли бесифат додашаванда бояд пардохт карда шавад.

3. Агар талаби харидор аз ҷониби фурӯшанда қонеъ нагардида бошад, ин нархҳо вобаста ба нархҳои аз лаҳзаи қабул намудани санади судӣ оид ба ивази мол муайян карда мешаванд.

4. Ҳангоми пешниҳоди талабот оид ба мутаносибан кам кардани нархи хариди мол, нархи мол дар лаҳзаи пешниҳоди талабот оид ба кам кардани нарх ва агар талаби харидор ихтиёран қонеъ нашуда бошад, аз лаҳзаи аз ҷониби суд баровардани санади дахлдор оид ба мутаносибан кам кардани нархи мол ба ҳисоб гирифта мешавад.

5. Ҳангоми ба фурӯшанда баргардондани моли бесифат харидор ҳуқуқ дорад пардохтани фарқияти байни нархи моли дар шартномаи хариду фурӯши чакана пешбинигардида ва нархи моли дахлдор дар лаҳзаи ихтиёран қонеъ кардани талаботи ӯ мавҷудбударо ва агар талабот қонеъ гардонида нашуда бошад, дар лаҳзаи баровардани санади судӣ мавҷудбударо талаб намояд.

### Моддаи 571. Ҷавобгарии фурӯшанда ва дар шакли асл иҷро намудани ӯҳдадорӣ

Ҳангоми аз ҷониби фурӯшанда иҷро накардани ӯҳдадории шартномаи хариду фурӯши чакана ҷуброни зиён ва пардохти ноустуворона фурӯшандаро аз ӯҳдадории дар шакли асл иҷро намудани он озод намекунанд.

### Моддаи 572. Товони зарари маънавӣ ба истеъмолкунанда

Зарари маънавие, ки ба истеъмолкунанда дар натиҷаи аз ҷониби фурӯшанда вайрон кардани ҳуқуқҳои ӯ расонда шудааст, ҳангоми мавҷуд будани гуноҳ аз ҷониби шахсе, ки зарар расондааст, товон карда мешавад. Андозаи товони зарари маънавии расондашуда, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, аз ҷониби суд муқаррар карда мешавад.

## §3. Шартномаи маҳсулотсупорӣ

### Моддаи 573. Шартномаи маҳсулотсупорӣ

Мутобиқи шартномаи маҳсулотсупорӣ фурӯшанда (маҳсулотсупор) ӯҳдадор мешавад, ки дар мӯҳлати шартшуда ё мӯҳлатҳои истеҳсол, ё мӯҳлатҳои аз ҷониби он харидани мол барои харидор ҷиҳати истифода дар

фаъолияти соҳибкорӣ, ё мақсадҳои дигар, ки бо истифодаи шахсӣ, оилавӣ ва истифодаи ба онҳо монанд иртибот надорад, молро ба харидор супорад.

### Моддаи 574. Муҳлати амали шартномаи маҳсулотсупорӣ

1. Шартномаи маҳсулотсупориро ба муҳлати як сол, бештар аз як сол (шартномаи дарозмуддат) ё ба муҳлати дигари дар созишномаи тарафҳо пешбинигардида бастан мумкин аст. Агар дар шартнома муҳлати амали он муайян нагардида бошад, шартнома ба муҳлати як сол басташуда эътироф карда мешавад.

2. Агар дар шартномаи дарозмуддат теъдоди моли супоридашаванда ё дигар шартҳои шартнома барои як сол, ё ба муҳлати камтар аз он муайян гардида бошад, дар шартнома бояд тартиби аз ҷониби тарафҳо ба мувофиқа расондани ин шартҳо барои муҳлатҳои минбаъда то қатъ гардидани муҳлати амали шартнома муайян карда шаванд. Ҳангоми дар шартнома мавҷуд набудани чунин тартиб, шартнома ба муҳлати як сол ё ба муҳлате, ки дар шартҳои шартнома мувофиқа шудааст, басташуда эътироф карда мешавад.

3. Ҳангоми аз ҷониби яке аз тарафҳои шартномаи дарозмуддат рад кардан ё саркашӣ аз мувофиқаи теъдоди маҳсулоти супоридашаванда, ё шартҳои дигари шартнома барои давраи минбаъда, ки бо тартиби муайяннамудаи шартнома муқаррар гардидаанд, тарафи дигар ҳуқуқ дорад бо талаботи муайян намудани шартҳои маҳсулотсупорӣ барои давраҳои дахлдор, ё бекор кардани шартнома ба суд муроҷиат намояд.

### Моддаи 575. Бастани шартномаи маҳсулотсупорӣ

1. Агар пешниҳоди як тараф дар хусуси бастани шартномаи маҳсулотсупорӣ дар шакли лоиҳаи шартнома ба тарафи дигар фиристода шавад ва тарафи дигар розӣ бошад, ки тибқи шартҳои дигар шартномаро имзо кунад, дар муҳлати на дертар аз сӣ рӯзи баъди гирифтани лоиҳа протоколи ихтилофи назар таҳия намуда, онро бо шартномаи ба имзо расондашуда бармегардонад. Тарафе, ки протоколи ихтилофи назарро гирифтааст, уҳдадор аст дар муҳлати сӣ рӯз ҷиҳати ба мувофиқа расондани он (дар сурати имконпазир якҷоя бо тарафи дигар) тадбирҳо андешад.

2. Агар дар муҳлати муайяншуда тарафи лоиҳаи шартномаро гирифта чораҳои оид ба бастани шартномаро наандешида бошад, шартнома бастанашуда ба ҳисоб меравад.

### Моддаи 576. Ҳалли ихтилофи назар ҳангоми бастани шартномаи маҳсулотсупорӣ

1. Агар ҳангоми бастани шартномаи маҳсулотсупорӣ оид ба шартҳои алоҳида байни тарафҳо ихтилофи назар ба вуҷуд ояд, тарафе, ки бастани шартномаро пешниҳод намуда, оид ба мувофиқаи шартҳо пешниҳоди тарафи дигарро гирифтааст, бояд дар муҳлати сӣ рӯз аз рӯзи гирифтани ин пешниҳод, агар дар қонунгузорӣ муҳлати дигар муқаррар нагардида бошад ё бо тарафҳо мувофиқа нагардида бошад, дар хусуси ба мувофиқа расондани шартҳои

дахлдори шартнома тадбирҳо андешад ё ба таври хаттӣ тарафи дигарро оид ба радди бастани шартнома огоҳ созад.

2. Тарафе, ки оид ба шартҳои дахлдори шартнома пешниҳод гирифта, вале барои мувофиқаи шартҳои шартномаи маҳсулотсупорӣ тадбирҳо наандешидааст ва тарафи дигарро дар мавриди радди бастани шартнома дар муҳлати пешбининамудаи қисми 1 моддаи мазкур огоҳ накардааст, бояд зиёни вобаста ба радди шартҳои шартнома расондашударо ҷуброн намояд.

## Моддаи 577. Давраҳои маҳсулотсупорӣ

1. Агар тарафҳо дар давоми муҳлати амали шартномаи маҳсулотсупорӣ қисм ба қисм супоридани маҳсулотро пешбинӣ карда бошанд ва муҳлати расондани микдори алоҳида (давраҳои маҳсулотсупорӣ) дар он муайян нашуда бошад, дар он сурат мол бояд ҳар моҳ ба миқдори баробар расонда шавад, агар аз қонунгузорӣ ё одатҳои муомилоти корӣ, ё моҳияти уҳдадорӣ тартиби дигар барнаояд.

2. Дар баробари муайян кардани давраҳои маҳсулотсупорӣ дар шартнома ҷадвали маҳсулотсупориро (ҳар даҳрӯза, шабонарӯзӣ, соат ба соат ва ғайра) муқаррар кардан мумкин аст.

3. Маҳсулотсупории пеш аз муҳлат танҳо бо розигии харидор анҷом дода мешавад.

4. Моли пеш аз муҳлат супоридашуда ва аз ҷониби харидор қабулгардида ба ҳисоби теъдоди моле, ки бояд дар давраи минбаъда расонда шавад, ба ҳисоб гирифта мешавад.

## Моддаи 578. Тартиби маҳсулотсупорӣ

1. Маҳсулотсупорӣ тибқи шартнома аз ҷониби маҳсулотсупор ба харидор ё шахси дар шартнома ба сифати харидор зикргардида бо роҳи бор карда фиристодан (супоридан)-и мол ва бо шартҳои муайяншуда анҷом дода мешавад.

2. Агар дар шартнома ҳуқуқи харидор оид ба маҳсулотсупор додани супориш дар хусуси фиристодани бор ба молгирандагон (таъиноти борфиристӣ) пешбинӣ гардида бошад, фиристодан (супоридан)-и мол аз ҷониби маҳсулотсупор ба молгирандагони дар таъиноти борфиристӣ зикргардида анҷом дода мешаванд. Мазмуни таъиноти борфиристӣ ва муҳлатҳои аз ҷониби харидор ба маҳсулотсупор фиристодани он тибқи шартнома муайян карда мешавад. Агар муҳлати фиристодани таъиноти борфиристӣ дар шартнома муайян нагардида бошад, он бояд ба маҳсулотсупор дар муҳлати на камтар аз сӣ рӯзи то фаро расидани давраи маҳсулотсупорӣ ирсол гардад.

3. Аз ҷониби харидор дар муҳлати муайяншуда пешниҳод накардани таъиноти борфиристӣ, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, ба маҳсулотсупор ҳуқуқ медиҳад, ки аз иҷрои шартнома даст кашад.

## Моддаи 579. Молрасонӣ

1. Молрасонӣ аз ҷониби маҳсулотсупор бо роҳи борфиристӣ (ҳамлу нақл) тавассути нақлиёте, ки дар шартнома пешбинӣ шудааст ва бо шартҳои муайяннамудаи он ба амал бароварда мешавад. Агар дар шартнома тавассути кадом навъи нақлиёт ва бо кадом шарт интиқол додани мол муайян нагардида бошанд, ҳуқуқи интихоби навъи нақлиёт ё муайян кардани шарти ҳамлу нақл ба маҳсулотсупор мегузарад, агар аз қонунгузорӣ, одатҳои муомилоти корӣ ё моҳияти уҳдадорӣ тартиби дигар барнаояд.

2. Тибқи шартномаи маҳсулотсупорӣ мумкин аст аз ҷониби харидор (боргиранда) дар ҷойи ҷойгиршавии маҳсулотсупор гирифтани мол (интихоби мол) пешбинӣ карда шавад. Агар мӯҳлати интихоби мол дар шартнома пешбинӣ нагардида бошад, интихоби мол аз ҷониби харидор (молгиранда) бояд дар мӯҳлатҳои оқилона, пас аз гирифтани огоҳиномаи маҳсулотсупор дар мавриди омода намудани мол анҷом дода шавад.

## Моддаи 580. Пурра намудани моли кам супоридашуда

1. Маҳсулотсупоре, ки дар давраи муайяни маҳсулотсупорӣ ба кам супоридани мол роҳ додааст, уҳдадор аст, ки теъдоди моли кам супоридашударо барои давра (давраҳо)-и минбаъда, дар доираи мӯҳлати амали шартнома, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, пурра намояд.

2. Дар ҳолатҳое, ки маҳсулотсупор ҳамзамон ба якчанд молгирандаи дар шартнома ё дар таъиноти борфиристии харидор зикргардида мол мефиристад, моле, ки ба як молгиранда зиёда аз теъдоди дар шартнома ё таъиноти борфиристӣ пешбинигардида фиристода шудааст, барои пӯшонидани моли кам супоридашуда ба молгирандаи дигар ба ҳисоб гирифта намешавад ва агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, бояд аз ҷониби маҳсулотсупор пурра карда шавад.

3. Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, харидор ҳуқуқ дорад маҳсулотсупорро огоҳ намуда, аз қабули моле, ки мӯҳлати расондани он гузаштааст, даст кашад. Харидор уҳдадор аст молеро, ки то аз ҷониби маҳсулотсупор гирифтани огоҳинома расидааст, қабул ва маблағи онро пардохт намояд.

## Моддаи 581. Гурӯҳи навъҳои мол ҳангоми пурра намудани моли кам супоридашуда

1. Гурӯҳи навъҳои моли кам супоридашудае, ки бояд пурра карда шавад, тибқи созишномаи тарафҳо муайян мегардад. Ҳангоми мавҷуд набудани чунин созишнома маҳсулотсупор уҳдадор аст теъдоди моли кам супоридашударо тибқи гурӯҳи навъҳои моли барои ҳамон давра муайяншуда, ки дар он ба кам супоридани мол роҳ дода шуда буд, пурра намояд.

2. Нисбат ба теъдоди пешбининамудаи шартнома супоридани теъдоди зиёди як номгӯйи мол барои пурра намудани номгӯйи моли дигари кам супоридашуда, ки ба ҳамон як гурӯҳи навъҳои мол дохил мешаванд, ба ҳисоб гирифта намешавад ва он бояд пурра карда шавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки

чунин маҳсулотсупорӣ бо розигии хаттии пешакии харидор анҷом дода шудааст.

### Моддаи 582. Қабули мол аз ҷониби харидор

1. Харидор (молгиранда) уҳдадор аст барои таъмини қабули моли тибқи шартнома расида тамоми амалиётҳои заруриро анҷом диҳад.

2. Моле, ки харидор гирифтааст, бояд аз ҷониби ӯ дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ, шартнома ё одатҳои муомилоти корӣ аз назар гузаронда шавад. Харидор уҳдадор аст дар ҳамин муҳлат теъдод ва сифати молҳои қабулшударо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ, шартнома ё одатҳои муомилоти корӣ санҷида, дар мавриди номутобиқатиҳои ошкоргардида ва норасоиҳои мол бетаъхир дар шакли хаттӣ маҳсулотсупорро огоҳ намояд.

3. Дар сурати аз ташкилоти нақлиётӣ гирифтани молҳои расондашуда харидор уҳдадор аст мутобиқати молро ба иттилои дар ҳуҷҷатҳои нақлиётӣ ва ҳамроҳикунанда зикргардида санҷида, инчунин бо риояи қоидаҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ дар соҳаи нақлиёт ин молҳоро аз ташкилоти нақлиётӣ қабул кунад.

### Моддаи 583. Нигаҳдории масъулиятноки моле, ки харидор қабул накардааст

1. Ҳангоме, ки харидор (молгиранда) мутобиқи қонунгузорӣ ё шартномаи маҳсулотсупорӣ аз моли фиристодаи маҳсулотсупор даст мекашад, ӯ уҳдадор аст эмин нигоҳ доштани мол (нигаҳдории масъулиятнок)-ро таъмин намуда, фавран маҳсулотсупорро огоҳ созад.

2. Маҳсулотсупор уҳдадор аст моли таҳти нигаҳдории масъулиятнок гирифтаи харидорро баровард ё онро дар муҳлати оқилона ихтиёрдорӣ намояд. Агар маҳсулотсупор дар ҳамин муҳлат молро ихтиёрдорӣ накунад, харидор ҳуқуқ дорад онро фурӯшад ё ба маҳсулотсупор баргардонад.

3. Хароҷоти зарурии харидор вобаста ба қабули моли таҳти нигаҳдории масъулиятнок, фурӯш ё баргардондани он ба маҳсулотсупор бояд аз ҷониби маҳсулотсупор ҷуброн карда шавад. Ҳамзамон маблағи аз фурӯши мол гирифташуда, бо нигоҳ доштани маблағи ба харидор тааллуқдошта, ба маҳсулотсупор гузаронда мешавад.

### Моддаи 584. Интихоби мол

1. Агар дар шартнома дар ҷойи ҷойгиршавии маҳсулотсупор ба харидор (молгиранда) супоридани мол (интихоби мол) пешбинӣ гардида бошад (қисми 2 моддаи 579 ҳамин Кодекс), харидор (молгиранда) бояд моли ба ӯ супоридашавандаро аз назар гузаронад. Ҳангоми ошкор намудани номутобиқатии мол ба шартнома ӯ ҳуқуқ дорад аз қабули он даст кашад.

2. Интихоб карда нагирифтани мол аз ҷониби харидор (молгиранда) дар муҳлати муқаррарнамудаи шартнома ва агар муҳлат муайян нагардида бошад, дар муҳлатҳои оқилонаи баъди гирифтани огоҳиномаи маҳсулотсупор дар

хусуси тайёр будани мол, ба маҳсулотсупор ҳуқуқ медиҳад, ки аз иҷрои шартнома даст кашад ё аз харидор пардохт барои молро талаб кунад.

### Моддаи 585. Ҳисоббаробаркунӣ барои моли расондашаванда

1. Харидор пардохт барои моли расондашавандаро бо риояи тартиб ва шакли ҳисоббаробаркуние, ки дар шартнома пешбинӣ гардидаанд, анҷом медиҳад.

2. Ҳангоми дар шартнома қисм ба қисм расондани бор пешбинӣ гардида бошад, ки ба маҷмуа (комплект) дохил мешавад, аз ҷониби харидор пардохти он баъди фиристодани қисми охирини ин мол (интихоби мол)-е, ки ба маҷмуа (комплект) дохил мегардад, анҷом дода мешавад, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

3. Агар дар шартнома пешбинӣ гардида бошад, ки пардохт аз ҷониби молгиранда (пардохткунанда) анҷом дода мешавад ва охирин бе асос аз пардохт даст кашад ё дар муҳлати муқарраршуда пардохтро анҷом надиҳад, маҳсулотсупор ҳуқуқ дорад аз харидор пардохт барои моли расондашударо талаб кунад.

### Моддаи 586. Зарф ва борпеч ҳангоми маҳсулотсупорӣ

Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, харидор (молгиранда) уҳдадор аст ба маҳсулотсупор дар муҳлатҳои тибқи қонунгузорӣ ё шартнома муайяншуда зарф ва борпечи истифодаи бисёркаратаро баргардонад.

### Моддаи 587. Оқибатҳои расондани молҳои дорои сифати номатлуб

1. Харидоре, ки барояш моли дорои сифати номатлуб фиристода шудааст, ҳуқуқ дорад ба маҳсулотсупор талаботи пешбининамудаи моддаи 543 ҳамин Кодексро, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар маҳсулотсупор огоҳиномаи харидорро оид ба норасоиҳои молҳои расондашуда гирифта, бе таъхир молҳои дорои сифати номатлубро ба молҳои хушсифат иваз карда бошад, пешниҳод намояд.

2. Харидоре, ки молҳои ба он расондашударо чакана мефурӯшад, агар дар шартномаи маҳсулотсупорӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, ҳуқуқ дорад дар муҳлати оқилона иваз кардани моли дорои сифати номатлуберо, ки истеъмолкунанда баргардондааст, талаб намояд.

### Моддаи 588. Оқибатҳои фиристодани молҳои номукаммал

1. Харидоре, ки ба он бар хилофи шартҳои шартномаи маҳсулотсупорӣ, талаботи қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, талаботи маъмулии барои мукаммалии мол пешниҳодшаванда мол расонда шудааст, ҳуқуқ дорад ба маҳсулотсупор, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар маҳсулотсупор огоҳиномаи харидорро оид ба номукаммалии мол гирифта, фавран онро мукаммал сохтааст ё онро ба моли мукаммал иваз кардааст, талаботи пешбининамудаи моддаи 548 ҳамин Кодексро пешниҳод кунад.

2. Харидоре, ки молҳои ба ӯ расондашударо чакана мефурӯшад, агар дар шартномаи маҳсулотсупорӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, ҳуқуқ дорад дар муҳлатҳои мувофиқ иваз кардани моли номукаммалро, ки истеъмолкунанда баргардондааст, талаб намояд.

### Моддаи 589. Ҳуқуқи харидор дар ҳолати кам супоридани мол, иҷро накардани талабот дар бораи рафъи норасоии мол ё дар хусуси мукаммал сохтани мол

Агар маҳсулотсупор теъдоди дар шартнома пешбинишудаи молро надода бошад ё талаби харидорро дар мавриди иваз кардани моли бесифат ё дар мавриди мукаммал сохтани мол дар муҳлатҳои муайян иҷро накунад, харидор (молгиранда) ҳуқуқ дорад аз пардохт барои моли дорои сифати номатлуб ва номукаммал даст кашад ва агар он пардохт шуда бошад, то замони рафъи норасоӣ ва ё такмил, ё иваз кардани он баргардондани маблағи пардохтшударо талаб кунад.

### Моддаи 590. Ноустуворона барои кам супоридани мол ё гузарондани муҳлати маҳсулотсупорӣ

Ноустуворонае, ки қонун ё шартнома барои кам супоридани мол ё гузарондани муҳлати маҳсулотсупорӣ муқаррар намудааст, агар тартиби дигари ситонидани ноустуворона тибқи қонун ё шартнома муқаррар нагардида бошад, аз маҳсулотсупор то иҷрои воқеии уҳдадорӣ дар доираи муҳлати амали шартнома (моддаи 580 ҳамин Кодекс) ситонида мешавад.

### Моддаи 591. Пӯшондани уҳдадориҳои якхела оид ба якчанд шартномаи маҳсулотсупорӣ

1. Дар ҳолатҳои ба харидор супоридани молҳои якхела аз ҷониби маҳсулотсупор, ки ҳамзамон вобаста ба якчанд шартномаи маҳсулотсупорӣ анҷом дода мешавад ва теъдоди моли супоридашаванда барои пӯшондани уҳдадории маҳсулотсупор оид ба ҳамаи шартномаҳо нокифоя мебошад, молҳои супоридашуда бояд ба ҳисоби иҷрои шартномае, ки маҳсулотсупор ҳангоми маҳсулотсупорӣ ё ин ки бетаъхир пас аз маҳсулотсупорӣ муайян намудааст, ба ҳисоб гирифта шаванд.

2. Агар харидор ба маҳсулотсупор маблағи молҳои якхелаи оид ба якчанд шартномаи маҳсулотсупорӣ гирифтаашро пардохта бошад ва маблағи супоридашуда барои пӯшондани уҳдадории харидор вобаста ба ҳамаи шартномаҳо нокифоя бошад, маблағи пардохтшуда бояд ба ҳисоби иҷрои шартномае, ки харидор ҳангоми пардохт барои мол ё бе таъхир пас аз пардохт барои мол муайян намудааст, ба ҳисоб гирифта шавад.

3. Агар маҳсулотсупор ё харидор аз ҳуқуқҳои ба онҳо мувофиқан фароҳамовардаи қисмҳои 1 ва 2 моддаи мазкур истифода набурда бошад, иҷрои уҳдадорӣ ба ҳисоби пӯшондани уҳдадории шартномае ба ҳисоб гирифта мешавад, ки муҳлати иҷрои он зудтар фаро расидааст. Агар муҳлати иҷрои уҳдадорӣ оид ба якчанд шартнома ҳамзамон фаро расида бошад, иҷрои

пешниҳодгардида мутаносибан барои пӯшондани уҳдадорӣ вобаста ба ҳамаи шартномаҳо ба ҳисоб гирифта мешавад.

## Моддаи 592. Радди яктарафаи иҷрои шартномаи маҳсулотсупорӣ

1. Радди яктарафаи иҷрои шартномаи маҳсулотсупорӣ (пурра ё қисман) ё яктарафа тағйир додани он дар сурати аз ҷониби як тараф ба таври ҷиддӣ вайрон кардани шартнома (моддаи 516 ҳамин Кодекс) роҳ дода мешавад.

2. Ҳолатҳои зерин метавонанд вайронкунии ҷиддии шартнома аз ҷониби маҳсулотсупор дониста шаванд:

- расондани моли дорои сифати номатлуб бо норасоиҳое, ки наметавонанд дар мӯҳлатҳои барои харидор муносиб бартараф гарданд;

- якчанд маротиба вайрон кардани мӯҳлати маҳсулотсупорӣ.

3. Ҳолатҳои зерин метавонанд вайронкунии ҷиддии шартнома аз ҷониби харидор дониста шаванд:

- якчанд маротиба вайрон кардани мӯҳлати пардохт барои мол;

- якчанд маротиба интихоб карда нагирифтани мол.

4. Дар созишномаи тарафҳо мумкин аст асосҳои дигари яктарафа рад кардани иҷрои шартномаи маҳсулотсупорӣ ё яктарафа тағйир додани он пешбинӣ карда шаванд.

5. Шартномаи маҳсулотсупорӣ аз лаҳзаи аз ҷониби як тараф гирифтани огоҳиномаи тарафи дигар дар хусуси яктарафа рад кардани иҷрои шартнома, агар мӯҳлати дигари бекор кардан ё тағйир додани шартнома дар огоҳинома пешбинӣ нагардида бошад ё дар созишномаи тарафҳо муайян нашуда бошад, мувофиқан тағйирёфта ё бекоркардашуда ба ҳисоб меравад.

## Моддаи 593. Баҳисобгирии зиён ҳангоми бекор кардани шартнома

1. Агар харидор дар мӯҳлати оқилонаи баъди бекор кардани шартнома дар натиҷаи аз ҷониби маҳсулотсупор вайрон кардани уҳдадориҳо аз шахси дигар бо нархи нисбатан баландтар, вале бо нархи муносиб бар ивази моли дар шартнома пешбинишуда мол ба даст оварда бошад, он метавонад ба фурӯшанда дар мавриди ҷуброни зиён дар шакли фарқи байни нархи дар шартнома муқарраргардида ва нархе, ки дар аҳди бар ивази он анҷомдодашуда мавҷуд аст, талабот пешниҳод кунад.

2. Агар маҳсулотсупор дар мӯҳлати оқилонаи баъди бекор кардани шартнома дар натиҷаи аз ҷониби харидор вайрон кардани уҳдадориҳо молро ба шахси дигар бо нархи нисбатан арзонтар нисбат ба оне, ки дар шартнома пешниҳод шудааст, вале бо нархи муносиб фурӯхта бошад, фурӯшанда метавонад ба харидор дар мавриди ҷуброни зиён дар шакли фарқи байни нархи дар шартнома муқарраргардида ва нархе, ки дар аҳди бар ивази он анҷомдодашуда мавҷуд аст, талабот пешниҳод кунад.

3. Қонеъгардонии талаботе, ки қисмҳои 1 ва 2 моддаи мазкур пешбинӣ намудаанд, тараферо, ки уҳдадориро иҷро накардааст ё номатлуб иҷро

кардааст, аз ҷуброни дигар зиёне, ки дар асоси моддаи 14 ҳамин Кодекс ба тарафи дигар расонда шудааст, озод намекунад.

## §4. Маҳсулотсупорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ

### Моддаи 594. Асосҳои маҳсулотсупорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ

1. Маҳсулотсупорӣ барои эҳтиёҷоти давлат дар асоси шартнома баъд аз анҷоми расмиёти дахлдори хариди давлатӣ амалӣ карда мешавад.

2. Нисбат ба маҳсулотсупорӣ барои эҳтиёҷоти давлат, агар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хариди давлатӣ қоидаҳои дигар пешбинӣ нашуда бошанд, қоидаҳои ҳамин Кодекс татбиқ мегарданд.

## §5. Таъмини энергия

### Моддаи 595. Шартномаи таъмини энергия

1. Тибқи шартномаи таъмини энергия ташкилоти таъминкунандаи энергия уҳдадор мешавад тавассути шабакаи васлшуда энергия диҳад ва мизоҷ бошад, уҳдадор мегардад энергияи қабулкардаашро пардохт намояд, инчунин риҷаи истифодаи онро, ки дар шартнома пешбинӣ шудааст, риоя намояд, таъмини бехатарии истифодаи шабакаҳои энергетикии таҳти ихтиёраш қарордошта, инчунин дастгоҳ ва таҷҳизоти мавриди истифодаашро вобаста ба истифодаи энергия дар ҳолати коршоям нигоҳ дорад.

2. Нисбат ба муносибатҳои шартномаи таъмини энергия, ки ҳамин Кодекс танзим накардааст, қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ татбиқ мешаванд.

### Моддаи 596. Бастани шартнома

1. Шартномаи таъмини энергия бо мизоҷ ҳангоми мавҷуд будани таҷҳизоти энергетикие, ки ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ мебошад ва дар шабакаҳои ташкилоти таъмини энергия бо тартиби муқаррарнамуда васл шудаанд, инчунин мавҷуд будани таҷҳизот ва дастгоҳҳои дахлдори баҳисобгирии истифодаи энергия баста мешавад.

2. Агар ба сифати мизоҷ тибқи шартномаи таъмини энергия шахси воқеие амал кунад, ки энергияро барои истифодаи маишӣ ба кор мебарад, шартнома аз лаҳзаи бо тартиби муқарраршуда бори аввал воқеан пайваст намудани мизоҷ ба шабака басташуда эътироф мегардад. Дар чунин ҳолат шартнома ба муҳлати номуайян басташуда ба ҳисоб меравад ва мумкин аст тибқи асосҳои дар моддаи 603 ҳамин Кодекс зикргардида тағйир ё бекор карда шавад.

### Моддаи 597. Микдори энергия

1. Ташкилоти таъминкунандаи энергия уҳдадор аст ба мизоҷ тавассути шабакаи васлгардида ба ҳамон миқдоре, ки дар шартнома пешбинӣ гардидааст, бо риояи реҷаи додани он, ки аз ҷониби тарафҳо мувофиқа шудааст, энергия диҳад. Миқдори энергияи аз ҷониби ташкилоти таъминкунандаи энергия додашуда ва қабулнамудаи мизоҷ тибқи нишондоди дастгоҳи баҳисобгирии энергия муайян карда мешаванд.

2. Дар шартнома ҳуқуқи мизоҷ дар мавриди тағйир додани миқдори энергияи дар шартнома муайяншуда ба шарти ҷуброни хароҷоти ташкилоти таъминкунандаи энергия, ки вобаста ба интиқоли энергия тибқи миқдори дар шартнома пешбинишуда масраф намудааст, мумкин аст пешбинӣ гардад.

3. Дар ҳолатҳои ба сифати мизоҷ тибқи шартномаи таъмини энергия амал кардани шахси воқеӣ, ки энергияро барои истеъмоли маишӣ истифода мебарад, ӯ ҳуқуқ дорад энергияро ба миқдори барояш зарурӣ истифода барад.

## Моддаи 598. Оқибатҳои вайрон кардани шартҳои шартнома оид ба миқдори энергия

Агар ташкилоти таъминкунандаи энергия тавассути шабакаи васлгардида нисбат ба он, ки дар шартнома пешбинӣ шудааст, ба мизоҷ камтар энергия дода бошад ва дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад ё аз моҳияти уҳдадорӣ барнаояд, қоидаҳои пешбининамудаи моддаи 534 ҳамин Кодекс татбиқ карда мешаванд.

## Моддаи 599. Сифати энергия

1. Сифати энергияе, ки ташкилоти таъминкунандаи энергия таъмин менамояд, бояд ба талаботи муқаррарнамудаи стандартҳои давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ оид ба талаботи техникӣ ё талаботи пешбининамудаи шартнома мутобиқат намояд.

2. Дар ҳолати аз ҷониби ташкилоти таъминкунандаи барқ вайрон кардани талаботе, ки ба сифати энергия пешниҳод мегардад, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад ё аз моҳияти уҳдадорӣ барнаояд, қоидаҳои пешбининамудаи моддаи 543 ҳамин Кодекс татбиқ карда мешаванд.

## Моддаи 600. Уҳдадории мизоҷ оид ба таъмин ва истифодаи шабакаҳо, асбоб ва таҷҳизот

1. Мизоҷ уҳдадор аст ҳолати дахлдори техникӣ ва бехатарии шабакаҳои энергетикии истифодашаванда, асбоб ва таҷҳизотро нигоҳ дорад, реҷаи муқарраршудаи истифодаи энергияро риоя карда, инчунин ба ташкилоти таъминкунандаи энергия дар бораи садамаҳо, сӯхтор, норасоиҳои асбоби баҳисобгирии энергия ва вайроншавиҳои дигар, ки ҳангоми истифодаи энергия рух додаанд, фавран иттилоъ диҳад.

2. Дар ҳолатҳое, ки оид ба шартномаи таъмини энергия ба ҳайси мизоҷ шахси воқеие амал кунад, ки энергияро барои эҳтиёҷоти маишӣ истифода мебарад, уҳдадории таъмини ҳолати муносиби техникӣ ва бехатарии шабакаҳои энергетикӣ, инчунин асбоби баҳисобгирии истифодаи энергия ба зиммаи ташкилоти таъминкунандаи энергия гузошта мешавад, агар дар қонунгузорӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

3. Талабот нисбат ба ҳолати техникӣ ва истифодаи шабакаҳои энергия, асбоб ва таҷҳизот, инчунин тартиби татбиқи назорати риояи он тибқи қонунгузорӣ муайян карда мешаванд.

### Моддаи 601. Пардохти энергия

Агар дар қонунгузорӣ ё созишномаи тарафҳо тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, пардохти энергия барои миқдори воқеии энергияи истифоданамудаи мизоҷ, ки мутобиқи моддаи 597 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад, сурат мегирад.

### Моддаи 602. Аз ҷониби мизоҷ ба шахси дигар додани энергия

1. Мизоҷ метавонад энергияеро, ки ӯ аз ташкилоти таъминкунандаи энергия гирифтааст, тавассути шабакаи васлгардида танҳо бо розигии ташкилоти таъминкунандаи энергия ба мизоҷи фаръӣ интиқол диҳад.

2. Нисбат ба шартнома дар мавриди аз ҷониби мизоҷ ба мизоҷи фаръӣ интиқол додани энергия, агар дар қонунгузорӣ ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, қоидаҳои ҳамин параграф истифода мешаванд.

3. Ҳангоми интиқоли энергия ба мизоҷи фаръӣ, агар дар қонун тартиби дигар муқаррар нагардида бошад, дар назди ташкилоти таъминкунандаи энергия мизоҷ ҷавобгар мебошад.

### Моддаи 603. Тағйир додан ва бекор кардани шартномаи таъмини энергия

1. Дар ҳолатҳое, ки ба ҳайси мизоҷ оид ба шартномаи таъмини энергия шахси воқеие амал мекунад, ки энергияро барои эҳтиёҷоти маишӣ истифода мебарад, он ҳуқуқ дорад ба шарти огоҳ намудани ташкилоти таъминкунандаи энергия ва пурра пардохтани энергияи истифодашуда яктарафа шартномаро бекор кунад.

2. Дар ҳолатҳое, ки ба ҳайси мизоҷ оид ба шартномаи таъмини энергия шахси ҳуқуқӣ амал мекунад, ташкилоти таъминкунандаи энергия ҳуқуқ дорад яктарафа дар асосҳои пешбининамудаи моддаи 592 ҳамин Кодекс, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузорӣ муқаррар намудааст, аз иҷрои шартнома даст кашад.

3. Танаффус дар интиқоли энергия, қатъ ё маҳдуд кардани интиқоли энергия тибқи созишномаи тарафҳо, ба истиснои ҳолатҳои тасдиқнамудаи мақомоти назорати давлатии энергетикӣ, ки вазъи ғайриқаноатбахши таҷҳизоти мизоҷ дорои таҳдиди садама мебошад ё ба ҳаёт ва амнияти шаҳрвандон хатар ба миён меоварад, иҷозат дода мешавад. Дар мавриди танаффуси интиқоли энергия, қатъ ё маҳдуд кардани интиқоли он ташкилоти таъминкунандаи энергия бояд мизоҷро огоҳ созад.

4. Танаффус дар интиқоли энергия, қатъ ё маҳдуд сохтани интиқоли он бе мувофиқаи мизоҷ ва бе огоҳонии дахлдор танҳо дар ҳолатҳои зарурати андешидани тадбирҳои таъхирнопазир ҷиҳати пешгирӣ ё рафъи садама дар низоми ташкилоти таъминкунандаи энергия ба шарти фавран огоҳ намудани мизоҷ иҷозат дода мешавад.

### Моддаи 604. Ҷавобгарӣ аз рӯйи шартномаи таъмини энергия

1. Дар ҳолати ичро накардан ё ичрои номатлуби уҳдадориҳои вобаста ба шартномаи таъмини энергия ташкилоти таъминкунандаи энергия ва мизоҷ уҳдадоранд хисороти воқеии (қисми 2 моддаи 14 ҳамин Кодекс) ба ин васила расондашударо ҷуброн намоянд.

2. Агар танаффус дар интиқоли энергия дар натиҷаи аз ҷониби ташкилоти таъминкунандаи энергия танзим намудани речаи истифодаи энергия ҳангоми нокифоя будани иқтидор ва неруи энергия бошад, ки дар асоси қонунгузорӣ анҷом дода шудааст, ташкилоти таъминкунандаи энергия танҳо дар сурати мавҷуд будани гуноҳи он вобаста ба ичро накардан ё ичрои номатлуби уҳдадориҳои шартнома ҷавобгар мебошад.

## Моддаи 605. Татбиқи қоидаҳои шартномаи таъмини энергия нисбат ба муносибатҳои дигар оид ба таъминот тавассути шабакаи васлгардида

1. Нисбат ба муносибатҳо оид ба таъмини қувваи гармӣ тавассути шабакаи васлгардида, агар дар қонунгузорӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, қоидаҳои ҳамин параграф татбиқ мешаванд.

2. Нисбат ба муносибатҳо оид ба таъмини об, газ, нафт ва маҳсулоти нафтӣ ва дигар молҳо тавассути шабакаи васлгардида, агар дар қонунгузорӣ ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад ё аз моҳияти уҳдадорӣ барнаояд, қоидаҳои параграфи мазкур татбиқ мешаванд.

## §6. Хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул

## Моддаи 606. Шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул

1. Тибқи шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул фурӯшанда уҳдадор мешавад ба моликияти харидор бино, иншоот, хона ё молу мулки дигари ғайриманқулро (моддаи 138 ҳамин Кодекс) супорад.

2. Қоидаҳои пешбининамудаи ҳамин параграф вобаста ба хариду фурӯши корхона татбиқ мешаванд, агар дар моддаҳои 615-622 ҳамин Кодекс тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

## Моддаи 607. Шакли шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул

1. Шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул дар шакли хаттӣ бо роҳи тартиб додани як ҳуҷҷате, ки тарафҳо имзо намудаанд (қисми 2 моддаи 500 ҳамин Кодекс), баста шуда, ба тариқи нотариалӣ тасдиқ карда мешавад.

2. Риоя накардани шакли шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул боиси беэътибории он мегардад.

## Моддаи 608. Бақайдгирии давлатии гузаштани ҳуқуқи моликият ба молу мулки ғайриманқул

1. Тибқи шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул ба харидор гузаштани ҳуқуқи моликият ба молу мулки ғайриманқул бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад.

2. Иҷрои шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул аз ҷониби тарафҳо то лаҳзаи ба қайди давлатӣ гирифтани гузаштани ҳуқуқи моликият барои тағйир додани муносибати онҳо бо шахси сеюм асос буда наметавонад.

3. Дар ҳолате, ки агар яке аз тарафҳо аз бақайдгирии давлатии гузаштани ҳуқуқи моликият ба молу мулки ғайриманқул саркашӣ намояд, суд ҳуқуқ дорад бо талаби тарафи дигар дар мавриди бақайдгирии давлатии гузаштани ҳуқуқи моликият қарор барорад. Тарафе, ки аз бақайдгирии давлатии гузаштани ҳуқуқи моликият беасос саркашӣ намудааст, бояд ба тарафи дигар зиёни дар натиҷаи ба таъхир андохтани бақайдгирӣ расондашударо ҷуброн намояд.

### Моддаи 609. Ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ҳангоми фурӯши бино, иншоот ё дигар молу мулки ғайриманқули дар он ҷойгиршуда

Мувофиқи шартномаи хариду фурӯши бино, иншоот ё дигар молу мулки ғайриманқул ба харидор ҳамзамон бо додани ҳуқуқи моликият ба чунин молу мулки ғайриманқул, инчунин ҳуқуқи истифодаи он қисмати қитъаи замине, ки дар он ин молу мулки ғайриманқул ҷойгиранд ва барои истифодаи онҳо зарур мебошад, мегузарад.

### Моддаи 610. Муайян намудани мавзуи шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул

1. Дар шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул бояд иттилое қайд шавад, ки имконият диҳад ба таври дақиқ молу мулки ғайриманқули ба харидор тибқи шартнома супоридашаванда муайян гардад, аз ҷумла иттилое, ки тарзи ҷойгиршавии молу мулки ғайриманқулро дар қитъаи замини дахлдор ё дар таркиби дигар молу мулки ғайриманқул муқаррар намояд.

2. Ҳангоми дар шартнома мавҷуд набудани чунин иттилоъ шартҳо оид ба молу мулки ғайриманқуле, ки бояд супорида шавад, аз тарафи ҷонибҳо ба мувофиқа расондашуда ҳисобида намешаванд ва шартномаи дахлдор басташуда эътироф намегардад.

### Моддаи 611. Нарх дар шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул

1. Шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул бояд нархи ин молу мулкро пешбинӣ намояд.

2. Ҳангоми дар шартнома мавҷуд набудани нархи молу мулки ғайриманқуле, ки аз ҷониби тарафҳо дар шакли хаттӣ мувофиқа шудааст, шартномаи хариду фурӯши он басташуда ҳисоб намеёбад. Дар айни замон қоидаҳои муайян намудани нархе, ки қисми 3 моддаи 486 ҳамин Кодекс пешбинӣ намудааст, татбиқ намегарданд.

### Моддаи 612. Супоридани молу мулки ғайриманқул

1. Супоридани молу мулки ғайриманқул аз ҷониби фурӯшанда ва қабули он аз ҷониби харидор тибқи санади супоридан бо имзои тарафҳо ё дигар ҳуҷҷат оид ба супоридан анҷом дода мешавад.

2. Агар дар қонунгузорӣ ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, уҳдадории фурӯшанда оид ба супоридани молу мулки ғайриманқул ба харидор пас аз супоридани ин молу мулк ба харидор ва аз ҷониби тарафҳо имзо намудани санади дахлдор оид ба супоридани молу мулк иҷрогардида ба ҳисоб меравад.

3. Аз имзои санади супоридани молу мулки ғайриманқул тибқи шартҳои пешбининамудаи шартнома саркашӣ кардани яке аз тарафҳо мувофиқан ҳамчун аз ҷониби фурӯшанда рад кардани иҷрои уҳдадории супоридани молу мулк ва аз ҷониби харидор уҳдадории қабули молу мулк ҳисобида мешавад.

4. Аз ҷониби харидор қабул намудани молу мулки ғайриманқуле, ки ба шартҳои шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул мувофиқ намебошанд, аз ҷумла дар ҳолатҳое, ки чунин номутобиқатӣ дар санади супоридани молу мулк қайду шарт гардидааст, барои фурӯшандаро аз ҷавобгарӣ озод кардан асос шуда наметавонад.

### Моддаи 613. Оқибатҳои супоридани молу мулки ғайриманқули дорои сифати номатлуб

Дар ҳолати аз ҷониби фурӯшанда ба харидор супоридани молу мулки ғайриманқуле, ки ба шартҳои шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул вобаста ба сифати он мутобиқат намекунанд, ба истисноиьмуқаррарот оид ба ҳуқуқи харидор дар мавриди талаб кардани ивази моли дорои сифати номатлуб ба моле, ки ба шартнома мувофиқат мекунад, қоидаҳои моддаи 543 ҳамин Кодекс татбиқ мешаванд.

### Моддаи 614. Хусусиятҳои хариду фурӯши манзили истиқоматӣ

1. Шарти муҳимми шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ ё қисми он, ки дар онҳо шахсоне зиндагӣ мекунанд, ки мутобиқи қонун ҳуқуқи истифодаи ин манзили истиқоматиро баъди аз ҷониби харидор ба даст овардани он нигоҳ медоранд, номгӯйи ин шахсон бо зикри ҳуқуқҳои онҳо барои истифодаи манзили истиқоматии фурӯхташуда мебошад.

2. Шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ ё қисми он бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад ва аз лаҳзаи чунин бақайдгирӣ басташуда ба ҳисоб меравад.

## §7. Хариду фурӯши корхона

### Моддаи 615. Шартномаи хариду фурӯши корхона

1. Тибқи шартномаи хариду фурӯши корхона фурӯшанда уҳдадор мешавад корхонаро пурра ҳамчун маҷмуи молу мулк (моддаи 140 ҳамин Кодекс) ба

моликияти харидор супорад, ба истисноИ ҳуқуқ ва уҳдадориҳое, ки фурӯшанда ҳуқуқ надорад ба шахси дигар супорад.

2. Ҳуқуқи истифодаи номи фирмавӣ, тамғаҳои мол, тамғаи хизматрасонӣ ва воситаҳои дигари фардикунонии фурӯшанда ва маҳсулоти он, иҷрои кор ва хизматрасонӣ, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, ба харидор мегузарад.

3. Ҳуқуқи фурӯшанда, ки дар натиҷаи иҷозат (иҷозатнома) барои машғул шудан ба фаъолияти дахлдор гирифта шудааст, агар дар қонунгузорӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, ба харидори корхона намегузарад. Ба таркиби уҳдадориҳое, ки тибқи шартнома ба корхона мегузаранд ва иҷрои онҳо ҳангоми дар он мавҷуд набудани чунин иҷозат (иҷозатнома) аз ҷониби харидор имконнопазир аст, фурӯшандаро аз уҳдадориҳои дахлдор дар назди кредиторон озод намекунад. Барои иҷро накардани чунин уҳдадорӣ фурӯшанда ва харидор дар назди кредитор ҷавобгарии муштарак доранд.

## Моддаи 616. Шакли шартномаи хариду фурӯши корхона ва бақайдгирии давлатии он

1. Шартномаи хариду фурӯши корхона дар шакли хаттӣ бо роҳи таҳияи як ҳуҷҷате, ки тарафҳо имзо намудаанд (қисми 2 моддаи 500 ҳамин Кодекс), бо замимаи ҳатмии ҳуҷҷате, ки дар қисми 2 моддаи 617 ҳамин Кодекс зикр гардидаанд, баста мешавад.

2. Риоя накардани шакли шартномаи хариду фурӯши корхона боиси беэътибории он мегардад.

3. Шартномаи хариду фурӯши корхона бояд ба қайди давлатӣ гирифта шуда, аз лаҳзаи чунин бақайдгирӣ басташуда ба ҳисоб меравад.

## Моддаи 617. Муқаррар намудани таркиб ва баҳодиҳии арзиши корхонаи фурӯхташаванда

1. Таркиб ва баҳодиҳии арзиши корхонаи фурӯхташаванда дар асоси барӯйхатгирии пурраи корхона, ки тибқи қоидаҳои муқарраршудаи чунин барӯйхатгирӣ гузаронда мешавад, муайян мегарданд.

2. То ба имзо расондани шартномаи хариду фурӯши корхона бояд аз ҷониби тарафҳо санади барӯйхатгирӣ, тавозуни муҳосибавӣ, хулосаи аудитори мустақим оид ба таркиб ва арзиши корхона, ҳамчунин номгӯйи ҳамаи қарзҳо (уҳдадорҳо)-и шомили таркиби корхона бо зикри кредиторон, хусусият, андоза ва муҳлати талаботи онҳо таҳия ва мавриди баррасӣ қарор дода шаванд.

3. Молу мулк, ҳуқуқ ва уҳдадориҳое, ки дар ҳуҷҷати зикршуда сабт гардидаанд, агар аз моддаи 615 ҳамин Кодекс тартиби дигар барнаояд ва дар шартнома муқаррар нашуда бошад, бояд аз ҷониби фурӯшанда ба харидор супорида шаванд.

## Моддаи 618. Ҳуқуқи кредиторҳо ҳангоми фурӯши корхона

1. Кредиторҳо оид ба ухдадориҳое, ки ба таркиби корхонаи фурӯхташаванда дохиланд, бояд аз ҷониби фурӯшанда дар шакли хаттӣ дар бораи фурӯши корхона то лаҳзаи фурӯши он ба харидор огоҳ карда шаванд.

2. Кредиторе, ки дар шакли хаттӣ фурӯшандаро дар бораи розигии худ оид ба гузарондани қарз огоҳ накардааст, ҳуқуқ дорад дар давоми се моҳ аз рӯзи гирифтани огоҳинома дар бораи фурӯхтани корхона қатъ ё иҷрои пеш аз муҳлати ухдадорӣ ва аз ҷониби фурӯшанда ҷуброн кардани зиён ва ё беэтибор эътироф намудани шартномаи хариду фурӯши корхонаро пурра ё дар қисми дахлдори он талаб намояд.

3. Кредиторе, ки дар мавриди фурӯши корхона бо тартиби пешбининамудаи қисми 1 моддаи мазкур огоҳ карда нашудааст, ҳуқуқ дорад дар бораи қонеъ гардондани талаботи пешбининамудаи қисми 2 моддаи мазкур дар давоми як сол аз рӯзе, ки он дар бораи аз ҷониби фурӯшанда ба харидор супоридани корхона огоҳ гаштааст ва ё мебоист огоҳ гардад, метавонад даъво пешниҳод намояд.

4. Баъди ба харидор супоридани корхона фурӯшанда ва харидор вобаста ба қарзҳои ба таркиби корхона гузарондашуда, ки ба харидор бе розигии кредитор гузаронда шудаанд, ҷавобгарии муштарак доранд.

### Моддаи 619. Супоридани корхона

1. Аз ҷониби фурӯшанда ба харидор супоридани корхона тибқи санади супоридан, ки дар он иттилоъ оид ба таркиби корхона ва огоҳ намудани кредиторон дар бораи фурӯши корхона, инчунин иттилоъ дар бораи норасоиҳои ошкоргардидаи молу мулки супоридашуда сабт карда мешаванд ва номгӯйи молу мулке, ки иҷрои ухдадории супоридани онҳо аз сабаби нобуд шуданашон имконнопазир аст, анҷом дода мешавад.

2. Омодасозии корхона барои супоридани он, аз ҷумла таҳия ва ба имзо пешниҳод намудани санади супоридан, ухдадории фурӯшанда ба ҳисоб меравад ва агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, аз ҳисоби ӯ анҷом дода мешавад.

3. Супоридани корхона аз лаҳзаи аз ҷониби тарафҳо баимзорасонии санади супоридан анҷом дода мешавад. Аз ҳамин лаҳза ба харидор таваккали нобуд ё тасодуфан осеб дидани молу мулки ба таркиби корхона воридшуда мегузарад.

### Моддаи 620. Гузаштани ҳуқуқи моликият ба корхона

1. Ҳуқуқи моликият ба корхона аз рӯзи ба қайди давлатӣ гирифтани ин ҳуқуқ ба харидор мегузарад.

2. Бақайдгирии давлатии ҳуқуқи моликият ба корхона мустақиман пас аз ба харидор супоридани корхона (моддаи 619 ҳамин Кодекс) анҷом дода мешавад.

### Моддаи 621. Оқибатҳои бо камбудиҳо супоридан ва қабул намудани корхона

1. Оқибатҳои тибқи санади супоридан аз ҷониби фурӯшанда супоридан ва аз ҷониби харидор қабул намудани корхона, ки таркиби он ба таркиби дар шартнома пешбинишуда мутобиқ намебошад, аз ҷумла вобаста ба сифати молу мулки супоридашуда, агар аз шартнома тартиби дигар барнаояд ва дар қисмҳои 2-4 моддаи мазкур пешбинӣ нагардида бошад, дар асоси қоидаҳои пешбининамудаи моддаҳои 529, 530, 534, 537, 543, 547 ҳамин Кодекс муайян карда мешаванд.

2. Дар сурате, ки корхона тибқи санади супоридан супорида ё қабул шудааст ва дар он камбудиҳои ошкоршудаи корхона ва молу мулки нобудшуда зикр гардидаанд, агар дар чунин ҳолатҳо ҳуқуқи пешниҳоди талабҳои дигар дар шартнома пешбинӣ нагардида бошад, харидор ҳуқуқ дорад мутаносибан паст кардани нархи корхонаро талаб намояд.

3. Харидор ҳуқуқ дорад дар сурати ба ӯ дар таркиби корхона додани қарз (уҳдадори)-и фурӯшанда, ки дар шартнома ё санади супоридан зикр нагардидааст, кам кардани нархи харидро талаб намояд.

4. Фурӯшанда ҳангоми гирифтани огоҳиномаи харидор дар бораи камбудиҳои молу мулки дар таркиби корхонаи ба он супоридашуда ё дар ин таркиб мавҷуд будани навъҳои алоҳидаи молу мулк, ки бояд супорида шаванд, метавонад бе таъхир молу мулки дорои сифати номатлубро иваз намояд ё ба харидор молу мулки бе камбудиро пешниҳод намояд.

5. Харидор, агар ошкор карда шавад, ки корхона аз сабаби камбудиҳое, ки барои онҳо фурӯшанда ҷавобгар аст, ҷиҳати иҷрои мақсадҳои дар шартномаи хариду фурӯш зикргардида коршоям намебошад ва ин камбудиҳо аз ҷониби фурӯшанда мувофиқи шартҳо ва тартибу мӯҳлати шартнома бартараф карда нашудаанд ё рафъи ин камбудиҳо ғайриимкон аст, метавонад бо тартиби судӣ дар бораи бекор кардан ё тағйир додани шартномаи хариду фурӯши корхона ва баргардондани тамоми он чизе, ки тарафҳо оид ба шартнома иҷро кардаанд, талабот пешниҳод намояд.

### Моддаи 622. Нисбат ба шартномаи хариду фурӯши корхона татбиқ намудани қоидаҳо оид ба оқибатҳои беэътибор будани аҳд ва оид ба бекор кардан ё тағйир додани шартнома

Қоидаҳои ҳамин Кодекс оид ба оқибатҳои беэътибор будани аҳд ва бекор кардан ё тағйир додани шартномаи хариду фурӯш, ки баргардондан ё дар шакли асл ситонидани тамоми он чизеро, ки тибқи шартнома як тараф ё ҳар ду тараф ба даст овардаанд, пешбинӣ менамояд, агар чунин оқибатҳо моҳиятан ҳуқуқ ва манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи кредиторони фурӯшанда ва харидор ё шахси дигарро вайрон накунанд ва ба манфиати ҷомеа мухолиф набошанд, нисбат ба шартномаи хариду фурӯши корхона татбиқ мешаванд.

## §8. Хариди маҳсулоти кишоварзӣ барои коркард ё фурӯш

### Моддаи 623. Шартномаи хариди маҳсулоти кишоварзӣ

1. Мутобиқи шартномаи хариди маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ уҳдадор мешавад, ки дар муҳлатҳои муқарраршуда ба маҳсулоттайёркунанда - шахсе, ки харидории чунин маҳсулотро анҷом медиҳад, барои коркард ё фурӯш маҳсулоти кишоварзӣ супорад ва маҳсулоттайёркунанда уҳдадор мешавад, ки ин маҳсулотро қабул кунад ва дар муҳлатҳои шартшуда бо нархи муайян онро пардохт намояд.

2. Нисбат ба шартномаи хариди маҳсулоти кишоварзӣ, агар дар ҳамин Кодекс тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад ва аз моҳияти уҳдадорӣ тартиби дигар барнаояд, қоидаҳои шартномаи маҳсулотсупорӣ ва дар ҳолатҳои дахлдор қоидаҳо дар бораи хариди давлатии мол татбиқ мешаванд.

### Моддаи 624. Уҳдадории истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ

1. Истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ уҳдадор аст ба маҳсулоттайёркунанда маҳсулоти кишоварзии истеҳсолнамударо мувофиқи теъдод ва гурӯҳи навъе, ки дар шартномаи хариди маҳсулоти кишоварзӣ пешбинӣ шудаанд, супорад.

2. Агар пешакӣ ошкор гардад, ки дар натиҷаи аз ҷониби истеҳсолкунандаи маҳсулот иҷро нагардидани уҳдадории дар қисми 1 моддаи мазкур зикргардида маҳсулоти кишоварзӣ мувофиқи теъдод ва гурӯҳи навъи дар шартномаи хариди маҳсулоти кишоварзӣ пешбинишуда гирифта намешавад, маҳсулоттайёркунанда ҳуқуқ дорад бекор кардан ё тағйир додани шартнома ё ҷуброни зиёнро талаб кунад.

### Моддаи 625. Уҳдадории маҳсулоттайёркунанда

1. Маҳсулоттайёркунанда уҳдадор аст аз маҳалли ҷойгиршавии истеҳсолкунанда маҳсулоти кишоварзиро қабул кунад ва агар дар шартномаи хариди маҳсулоти кишоварзӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, интиқоли онро таъмин намояд.

2. Агар қабули маҳсулот дар маҳалли ҷойгиршавии маҳсулоттайёркунанда ё маҳалли дигари зикршуда сурат гирад, маҳсулоттайёркунанда ҳуқуқ надорад аз қабули маҳсулоти кишоварзие, ки истеҳсолкунанда тибқи шартномаи хариди маҳсулоти кишоварзӣ ва дар муҳлати мувофиқашуда овардааст, саркашӣ намояд.

3. Дар ҳолате, ки агар маҳсулоттайёркунанда интиқол ё қабули маҳсулоти кишоварзиро таъмин карда натавонад, ӯ ба истеҳсолкунанда арзиши маҳсулоти кишоварзӣ ва хароҷоти вобаста ба интиқоли онро пардохт менамояд.

4. Маҳсулоттайёркунандае, ки коркарди маҳсулоти кишоварзии тибқи шартномаи хариди маҳсулоти кишоварзӣ гирифтаашро анҷом медиҳад, уҳдадор аст мувофиқи талаби истеҳсолкунанда партовҳои аз коркарди маҳсулоти кишоварзӣ боқимондаро бо пардохти арзиши он тибқи нархи аз ҷониби тарафҳо мувофиқашуда ба ӯ баргардонад.

### Моддаи 626. Ҷавобгарии истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ

Истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзие, ки уҳдадории худро ичро накардааст ё номатлуб ичро кардааст, ҳангоми мавҷуд будани гуноҳ ҷавобгар мебошад.

## БОБИ 36. МУБОДИЛА

### Моддаи 627. Шартномаи мубодила

1. Мутобиқи шартномаи мубодила ҳар яке аз тарафҳо уҳдадор мешавад, ки ба моликияти тарафи дигар бар ивази як мол моли дигар супорад.

2. Нисбат ба шартномаи мубодила мувофиқан қоидаҳои хариду фурӯш татбиқ мегарданд (боби 35 ҳамин Кодекс), агар онҳо хилофи қоидаҳои боби мазкур ва моҳияти мубодила набошанд.

3. Дар айни замон ҳар яке аз тарафҳо фурӯшандаи молҳое эътироф мегардад ва уҳдадор мешавад, ки онҳоро супорад ва харидори молҳое ба ҳисоб меравад ва уҳдадор мешавад бар ивази онҳо қабул кунад.

### Моддаи 628. Нарх ва хароҷот вобаста ба шартномаи мубодила

1. Агар аз шартнома тартиби дигар барнаояд, молҳои ивазшаванда баробарарзиш дар назар дошта мешаванд, хароҷоти вобаста ба супоридан ва қабули онҳо дар ҳар як ҳолат аз ҷониби тарафе анҷом дода мешавад, ки уҳдадории дахлдорро дорад.

2. Дар ҳолатҳои нобаробарарзиш эътироф гардидани молҳои мубодилашаванда тарафе, ки арзиши моли он нисбат ба моли барои мубодила пешниҳодшуда пасттар аст, бояд бе таъхир, баъди супоридани мол ё ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи мол фарқияти байни нархро, агар тарзи дигари пардохт дар шартнома пешбинӣ нагардида бошад, пардохт намояд.

3. Агар молҳои мубодилавӣ баробарарзиш эътироф нагарданд, вале нархи онҳо дар шартнома пешбинӣ нашуда бошад ва бо назардошти шарти шартнома муайян кардани он имконнопазир бошад, ин нарх тибқи қоидаҳои пешбининамудаи қисми 3 моддаи 486 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад.

### Моддаи 629. Иҷрои мутақобилаи уҳдадорӣ ҳангоми супоридани мол тибқи шартномаи мубодила

Дар ҳолатҳое, ки мутобиқи шартнома муҳлати супоридани молҳои мубодилашаванда мувофиқ намеоянд, нисбат ба иҷрои уҳдадорӣ оид ба супоридани мол аз ҷониби тарафе, ки бояд онро баъди супоридани мол ба тарафи дигар ичро кунад, қоидаҳои ичрои мутақобилаи уҳдадорӣ (моддаи 379 ҳамин Кодекс) истифода мешаванд.

### Моддаи 630. Гузаштани ҳуқуқи моликият ба молҳои мубодилашаванда

Агар қонун ё шартнома тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошад, ҳамзамон баъди аз ҷониби ҳар ду тараф иҷро намудани уҳдадории супоридани молҳои дахлдор, ҳуқуқи моликият ба молҳои мубодилашаванда ба тарафҳое,

ки тибқи шартномаи мубодила ба сифати харидор баромад мекунанд, мегузарад.

### Моддаи 631. Ҷавобгарии молумулкӣ ҳангоми гирифтани моле, ки тибқи шартномаи мубодила ба даст оварда шудааст

Тарафе, ки аз он моли тибқи шартномаи мубодила бадастовардаашро шахси сеюм гирифтааст, дар сурати мавҷуд будани асосҳои пешбининамудаи моддаи 530 ҳамин Кодекс ҳуқуқ дорад аз тарафи дигар баргардондани молеро, ки охирин дар натиҷаи мубодила ба даст овардааст ва (ё) ҷуброни зиёнро талаб намояд.

## БОБИ 37. ҲАДИЯ

### Моддаи 632. Шартномаи ҳадия

1. Тибқи шартномаи ҳадия як тараф (ҳадиякунанда) ройгон ба тарафи дигар (ҳадиягиранда) ашёро ба моликият месупорад ё ӯҳдадор мешавад, ки онро супорад, ё ин ки ҳуқуқи молумулкӣ (талабкунӣ)-ро ба худ ё ба шахси сеюм месупорад, ё ин ки вайро озод мекунад ё ӯҳдадор мешавад ҳадиягирандаро аз ӯҳдадории молумулкӣ дар назди худ ё шахси сеюм озод намояд.

2. Дар мавриди мутақобилан додани ашё ё ҳуқуқ, ё ӯҳдадории мутақобила шартнома ҳадия эътироф намешавад. Ба ин шартнома қоидаҳои пешбининамудаи қисми 2 моддаи 185 ҳамин Кодекс татбиқ мешаванд.

3. Ваъдаи ба таври ройгон ба касе додани ашё ё ҳуқуқи молумулкӣ, ё ин ки озод намудани касе аз ӯҳдадории молумулкӣ (ваъдаи ҳадия) шартномаи ҳадия эътироф мешавад ва ваъдадодаро ӯҳдадор мекунад, агар ваъда дар шакли дахлдор ифода ёбад (қисми 3 моддаи 633 ҳамин Кодекс) ва нияти ифодаёфтаи дар оянда ройгон додани ашё ё ҳуқуқро ба шахси мушаххас, ё ин ки озод намудани вайро аз ӯҳдадории молумулкӣ дошта бошад.

4. Ваъдаи супоридани ҳамаи молу мулки худ ё як қисми молу мулки худ бе ишора ба мавзуи мушаххаси ҳадия дар шакли ашё, ҳуқуқ ё озод намудан аз ӯҳдадорӣ беоқибат аст.

5. Шартномае, ки додани ҳадияро ба ҳадиягиранда баъди вафоти ҳадиякунанда муқаррар намудааст, беоқибат аст.

### Моддаи 633. Шакли шартномаи ҳадия

1. Ҳадия, ки бо супоридани он ба ҳадиягиранда сурат мегирад, ба истисноя ҳолатҳои пешбининамудаи қисмҳои 3 ва 4 моддаи мазкур, мумкин аст шифоҳӣ анҷом дода шавад.

2. Супоридани ҳадия тавассути тақдими он, ба таври рамзӣ супоридани он (супоридани калид ва ғайра) ё супоридани ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунанда анҷом дода мешавад.

3. Шартномаи ҳадияи молу мулки манқул бояд дар шакли одии хаттӣ дар ҳолатҳои зерин баста шавад:

- ҳадиякунанда шахси ҳуқуқӣ буда, арзиши ашёи дар шартнома қароргирифта аз андозаи бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад;

- ҳадиякунанда шахси воқеӣ буда, арзиши ашёи шартнома аз андозаи даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад;

- шартнома ваъдаи ҳадияро дар оянда пешбинӣ намояд.

4. Шартномаи ҳадияи молу мулки ғайриманқул бояд ба таври нотариалӣ тасдиқ ва ба қайди давлатӣ гирифта шавад.

5. Риоя накардани талаботи қисми 3 моддаи мазкур боиси беоқибат гардидани шартномаи ҳадия мешавад.

## Моддаи 634. Аз ҷониби ҳадиягиранда рад кардани қабули ҳадия

1. Ҳадиягиранда ҳуқуқ дорад дар ҳар лаҳзаи то ба ӯ супоридани ҳадия аз он даст кашад. Дар ин ҳолат шартномаи ҳадия бастанашуда ба ҳисоб меравад.

2. Агар шартномаи ҳадия дар шакли хаттӣ баста шуда бошад, аз ҷониби ҳадиягиранда рад кардани қабули он низ бояд дар шакли хаттӣ анҷом дода шавад. Ҳангоме, ки шартномаи ҳадия ба қайд гирифта шудааст (қисми 4 моддаи 633 ҳамин Кодекс), аз ҷониби ҳадиягиранда рад кардани қабули он низ бояд ба қайд гирифта шавад.

3. Агар шартномаи ҳадия дар шакли хаттӣ баста шуда бошад, ҳадиякунанда ҳуқуқ дорад аз ҳадиягиранда ҷуброни зиёнро, ки дар натиҷаи рад намудани қабули ҳадия расонда шудааст, талаб намояд.

## Моддаи 635. Рад кардани иҷрои шартномаи ҳадия

1. Ҳадиякунанда ҳуқуқ дорад иҷрои шартномаи ҳадияеро рад намояд, ки ваъдаи дар оянда додани ашё ё ҳуқуқ, ё ин ки озод намудани ҳадиягирандаро аз уҳдадории молумулкӣ дорад, агар баъди бастани шартнома ҳолати молумулкӣ ё оилавӣ, ё ин ки вазъи саломатии ҳадиякунанда ба дараҷае тағйир ёбад, ки иҷрои шартнома дар шароити нав метавонад ба моҳиятан паст шудани сатҳи зиндагии ӯ оварда расонад.

2. Ҳадиякунанда ҳуқуқ дорад бо асосҳое, ки ба ӯ ҳуқуқи бекор намудани ҳадияро медиҳад (қисми 1 моддаи 639 ҳамин Кодекс) иҷрои шартномаи ҳадияро, ки ваъдаи дар оянда додани ашё ё ҳуқуқ, ё ин ки озод намудани ҳадиягирандаро аз уҳдадории молумулкӣ дорад, рад намояд.

3. Аз ҷониби ҳадиякунанда рад кардани иҷрои шартномаи ҳадия бо асосҳои пешбининамудаи қисмҳои 1 ва 2 моддаи мазкур ба ҳадиягиранда ҳуқуқи талаби ҷуброни зиёнро намедиҳад.

## Моддаи 636. Ҳолатҳое, ки рад кардани иҷрои шартномаи ҳадия ва бекор намудани ҳадияро манъ мекунанд

Қоидаҳои рад кардани иҷрои шартномаи ҳадия (моддаи 635 ҳамин Кодекс) ва бекор намудани ҳадия (моддаи 639 ҳамин Кодекс) нисбат ба тӯҳфаҳои одии дорои арзиши на он қадар баланд татбиқ намешаванд.

### Моддаи 637. Манъи ҳадия

Ба истисноn тухфаҳои одии арзишашон на зиёда аз бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ҳадия иҷозат дода намешавад:

- аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ҳадияи молу мулке, ки дар онҳо таҳти ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ ё ҳуқуқи идораи оперативӣ қарор доранд;

- аз номи кӯдакони хурдсол ва шахсони ғайриқобили амал эътирофгардида, аз ҷониби намояндагони қонунии онҳо;

- ба кормандони муассисаҳои таълимӣ, тандурустӣ, ташкилотҳое, ки хизматрасонии иҷтимоӣ анҷом медиҳанд ва ташкилотҳои ба онҳо монанд, аз ҷумла ташкилотҳо барои кӯдакони ятиммонда ва кӯдаконе, ки бе нигоҳубини падару модар мондаанд, шахсони воқеие, ки дар онҳо табобат мегиранд, нигоҳубин ва тарбияи ҳамсарон ва хешу табори ин шахсони воқеӣ;

- дар муносибати байни ташкилотҳои тиҷоратӣ;

- дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонун.

### Моддаи 638. Маҳдудиятҳо ҳангоми ҳадиядиҳӣ

1. Ҳадия намудани молу мулке, ки таҳти моликияти муштараки умумӣ қарор дорад, танҳо бо розигии ҳамаи иштирокдорони моликияти муштарак бо риояи қоидаҳои пешбининамудаи моддаи 325 ҳамин Кодекс иҷозат дода мешавад.

2. Ҳадияи ҳуқуқи марбут ба ҳадиякунанда дар мавриди талабот ба шахси сеюм бо риояи қоидаҳои пешбининамудаи моддаҳои 440-444, 446-449 ҳамин Кодекс анҷом дода мешавад.

3. Ҳадия тавассути ба ҷойи ҳадиягиранда иҷро намудани уҳдадориҳои он дар назди шахси сеюм бо риояи қоидаҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи 360 ҳамин Кодекс анҷом дода мешавад.

4. Ҳадиядиҳӣ тавассути аз ҷониби ҳадиякунанда ба зиммаи худ гирифтани қарзи ҳадиягиранда дар назди шахси сеюм бо риояи қоидаҳои пешбининамудаи моддаҳои 450 ва 451 ҳамин Кодекс анҷом дода мешавад.

5. Ваколатнома барои анҷом додани ҳадиядиҳӣ аз ҷониби намоянда, ки дар он номи ҳадиягиранда сабт нагардидааст ва мавзуи ҳадия муайян нагардидааст, беоқибат мебошад.

### Моддаи 639. Бекор кардани ҳадия

1. Ҳадиякунанда, агар ҳадиягиранда ба ҳаёти ӯ ё ба ҳаёти яке аз аъзои оилаи ӯ ё хешованди наздики ӯ суиқасд карда бошад ё дидаю дониста (бадқасдона) ба ҳадиякунанда зарари ҷисмонӣ расонда бошад, ҳуқуқ дорад ҳадияро бекор кунад.

2. Дар сурати дидаю дониста бадқасдона аз ҷониби ҳадиягиранда аз ҳаёт маҳрум кардани ҳадиякунанда ҳуқуқи дар суд пешниҳод намудани талаби бекор кардани ҳадиядиҳӣ ба ворисони ҳадиякунанда тааллуқ дорад.

3. Ҳадиякунанда, агар муносибати ҳадиягиранда бо ашёи ҳадияшуда, ки барои ҳадиякунанда дорои арзиши калони ғайримолумулкӣ буда, боиси таҳдиди бебозгашт несту нобуд шудани он мегардад, ҳуқуқ дорад бо тартиби судӣ бекор кардани ҳадияро талаб намояд.

4. Тибқи талаби шахси манфиатдор суд метавонад ҳадияро, ки соҳибкори инфиродӣ ё шахси ҳуқуқӣ бо вайрон кардани муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муфлисшавӣ аз ҳисоби маблағҳое, ки вобаста ба фаъолияти соҳибкории ӯ дар ҷараёни шаш моҳи то лаҳзаи чунин шахсро муфлис эълон намудан анҷом додааст, бекор кунад.

5. Дар шартномаи ҳадия мумкин аст шартҳои ҳуқуқи ҳадиякунанда оид ба бекор кардани ҳадия дар сурате, агар ҳадиякунанда аз ҳадиягиранда дарозтар умр бинад, муқаррар карда шавад.

### Моддаи 640. Оқибатҳои расондани зарар дар натиҷаи камбудии ашёи ҳадиякардашуда

Зараре, ки дар натиҷаи норасоии ашёи ҳадиякардашуда ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки шахси воқеӣ ҳадиягиранда расонда шудааст, агар исбот карда шавад, ки ин камбудиҳо то супоридани ашё ба ҳадиягиранда ба миён омадаанд ва ба шумули камбудиҳои ошкоро дохил намешаванд ва ҳадиякунанда ҳарчанд медонист, вале оид ба онҳо ҳадиягирандаро огоҳ насохтааст, бояд аз ҷониби ҳадиякунанда мутобиқи қоидаҳои пешбининамудаи боби 63 ҳамин Кодекс ҷуброн карда шавад.

### Моддаи 641. Ворисии ҳуқуқӣ ҳангоми ваъдаи ҳадия

1. Ҳуқуқи ҳадиягиранда, ки ба ӯ тибқи шартномаи ҳадия ваъдаи ҳадия дода шудааст, ба меросгирон (ворисони хуқуқӣ) намегузарад, агар ҳолати дигар дар шартномаи ҳадия пешбинӣ нашуда бошад.

2. Ухдадории ҳадиякунанда, ки ваъдаи ҳадияро додааст, ба меросгирони (ворисони ҳуқуқӣ) ӯ мегузарад, агар ҳолати дигар дар шартномаи ҳадия пешбинӣ нашуда бошад.

### Моддаи 642. Хайрия

1. Хайрия ҳадияе эътироф мегардад, ки ба мақсадҳои манфиати умум бахшида шудааст. Хайрияро шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мувофиқи қонун ба ҳамаи субъектҳои ҳуқуқи маданӣ дода метавонанд.

2. Барои қабули хайрия иҷозат ё розигии касе талаб карда намешавад.

3. Ҳангоми хайрияи молу мулк ба шахси воқеӣ мумкин аст аз ҷониби хайркунанда оид ба истифодаи он тибқи таъиноти муайян қайду шарт карда шавад. Ҳангоми мавҷуд набудани чунин шарт, хайрияи молу мулк ба шахси воқеӣ ҳамчун ҳадияи муқаррарӣ ҳисобида мешавад ва дар ҳолатҳои дигар хайрияи молу мулк аз ҷониби хайргиранда тибқи таъиноти он истифода бурда мешавад.

4. Нисбат ба хайрия қоидаҳои моддаҳои 639 ва 641 ҳамин Кодекс татбиқ намешаванд.

## БОБИ 38. РЕНТА ВА ТАЪМИНОТИ ЯКУМРА БО САРОБОНӢ

### §1. Қоидаҳои умумии рента ва таъминоти якумра бо саробонӣ

#### Моддаи 643. Шартномаи рента

1. Мувофиқи шартномаи рента як тараф (гирандаи рента) молу мулкро ба тарафи дигар (пардохткунандаи рента) ба моликият месупорад, пардохткунандаи рента бошад, ӯҳдадор мешавад бар ивази молу мулки гирифтааш давра ба давра ба гирандаи рента маблағи муайяни пулиро пардохт кунад, ё ин ки воситаҳои дигари таъминотро пешниҳод намояд.

2. Тибқи шартномаи рента муқаррар кардани ӯҳдадории бемуҳлати пардохти рента (рентаи доимӣ) ё ба муҳлати ҳаёти гирандаи рента (рентаи якумра) имконпазир аст. Рентаи якумра бо шартҳои таъминоти якумрии шаҳрванд бо саробонӣ мумкин аст муқаррар карда шавад.

#### Моддаи 644. Шакли шартномаи рента

Шартномаи рента дар шакли хаттӣ баста шуда, бояд ба тариқи нотариалӣ тасдиқ карда шавад, шартномае, ки бегонакунии молу мулки ғайриманқулро барои пардохти рента пешбинӣ менамояд, ҳамчунин ба қайди давлатӣ гирифта мешавад.

#### Моддаи 645. Бегонакунии молу мулк барои пардохти рента

1. Молу мулке, ки барои рента бегона карда мешавад, мумкин аст аз ҷониби гирандаи рента ба моликияти пардохткунандаи рента музднок ё ройгон дода шавад.

2. Дар ҳолате, агар шартномаи рента молу мулкро музднок муқаррар намояд, дар муносибати байни тарафҳо оид ба додан ва пардохт қоидаҳои хариду фурӯш (боби 35 ҳамин Кодекс) татбиқ мешаванд, ҳангоми додани чунин молу мулк ба таври ройгон қоидаҳои шартномаи ҳадия (боби 37 ҳамин Кодекс) татбиқ мешаванд, агар ҳолати дигар дар қоидаҳои боби мазкур муқаррар нашуда бошад ва ба моҳияти шартномаи рента мухолифат надошта бошад.

#### Моддаи 646. Гаронии рентавии молу мулки ғайриманқул

1. Рента гарониро нисбати корхона, иморат, иншоот ё молу мулки ғайриманқули дигар, ки барои пардохти он дода шудаанд, ба вуҷуд меорад. Ҳангоми аз ҷониби пардохткунандаи рента бегонакунии чунин молу мулк ӯҳдадории он мувофиқи шартномаи рента ба гирандаи молу мулк мегузарад.

2. Шахсе, ки молу мулки ғайриманқули таҳти гаронии рентавӣ қарордоштаро ба моликияти шахси дигар медиҳад, бо талаби гирандаи рента дар ҳолати вайронкунии шартномаи рента, бо ин шахс ҷавобгарии иловагиро (моддаи 460 ҳамин Кодекс) ба ӯҳда мегирад, агар дар ҳамин Кодекс, қонун ё

шартномаи дигар ҷавобгарии муштарак аз рӯйи ин уҳдадорӣ муқаррар нагардида бошад.

### Моддаи 647. Таъминоти пардохти рента

1. Ҳангоми супоридани корхона ё молу мулки ғайриманқули дигар барои пардохти рента гирандаи рента баҳри таъмини уҳдадории пардохткунандаи рента ҳуқуқи гарав ба ин молу мулкро пайдо мекунад.

2. Шарти муҳимми шартнома, ки додани маблағҳои пулӣ ё молу мулки дигарро барои пардохти рента пешбинӣ мекунад, шарти таъмини иҷрои уҳдадорӣ (моддаи 380 ҳамин Кодекс) ё суғуртаи ҷавобгарӣ дар ҳолати иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани ин уҳдадорӣ ба манфиати гирандаи рента мебошад.

3. Ҳангоми аз ҷониби пардохткунандаи рента иҷро накардани уҳдадорие, ки дар қисми 2 моддаи мазкур пешбинӣ шудааст, инчунин ҳангоми аз даст додани таъминот ё бад шудани шартҳои он аз рӯйи ҳолатҳое, ки барои онҳо гирандаи рента ҷавобгар нест, гирандаи рента ҳуқуқ дорад шартномаи рентаро бекор намояд ва ҷуброни зиёни бо бекор намудани шартнома бавуҷудомадаро талаб намояд.

### Моддаи 648. Ҷавобгарӣ барои гузарондани мӯҳлати пардохти рента

Барои гузарондани муҳлати пардохти рента пардохткунандаи рента ба гирандаи рента фоизҳоеро пардохт мекунад, ки дар моддаи 456 ҳамин Кодекс муқаррар шудаанд, агар андозаи дигари фоиз дар шартномаи рента муайян нашуда бошад.

## §2. Рентаи доимӣ

### Моддаи 649. Гирандагони рентаи доимӣ

1. Гирандагони рентаи доимӣ шахсони воқеӣ, инчунин ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ буда метавонанд, агар ин хилофи қонун набуда ва ба мақсади фаъолияти онҳо мувофиқат кунад.

2. Ҳуқуқҳои гирандагони рента мувофиқи шартномаи рентаи доимӣ ба шахсони дар қисми 1 моддаи мазкур муқарраршуда ба тариқи гузашт кардани ҳуқуқи талабкунӣ ва гузариш бо тартиби меросгирӣ, ё ин ки тибқи ворисии ҳуқуқии умумӣ ҳангоми азнавташкилёбии шахси ҳуқуқӣ мегузаранд, агар ҳолати дигар дар қонун ё шартнома пешбинӣ нашуда бошад.

### Моддаи 650. Шакл ва андозаи рентаи доимӣ

1. Рентаи доимӣ тибқи андозаи муайяннамудаи шартнома бо пул пардохт карда мешавад. Мувофиқи шартномаи рентаи доимӣ пардохти рента ба тариқи пешниҳоди ашё, кори иҷрошуда ё хизматрасонӣ, ки ба арзиши пулии рента мутобиқ аст, метавонад муқаррар карда шавад.

2. Андозаи рентаи доимии пардохтшаванда, ки мувофиқи шартномаи рентаи доимӣ муайян карда мешавад, барои як моҳ бояд на камтар аз бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо бошад.

### Моддаи 651. Муҳлати пардохти рентаи доимӣ

Агар дар шартномаи рентаи доимӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, рентаи доимӣ баъд аз хотимаёбии семоҳаи тақвимӣ пардохт карда мешавад.

### Моддаи 652. Ҳуқуқи пардохткунанда ба харидани рентаи доимӣ

1. Пардохткунандаи рентаи доимӣ ҳуқуқ дорад ба тариқи харидани рента пардохти минбаъдаи онро рад намояд. Чунин радкунӣ ба шарте воқеӣ мебошад, ки аз ҷониби пардохткунандаи рента дар шакли хаттӣ на дертар аз се моҳ то қатъшавии пардохти рента ё муҳлати аз он бештар, ки шартномаи рентаи доимӣ пешбинӣ намудааст, изҳор шуда бошад. Ҳамзамон уҳдадорӣ оид ба пардохти рента то гирифтани маблағи пурраи хариди рента қатъ намегардад, агар дар шартнома тартиби дигари харид пешбинӣ нашуда бошад.

2. Шарти шартномаи рентаи доимӣ оид ба рад намудани ҳуқуқи пардохткунандаи рента аз харидани он беоқибат мебошад.

3. Тибқи шартномаи рентаи доимӣ имконпазир аст муқаррар карда шавад, ки ҳуқуқи харидани рентаи доимӣ ҳангоми дар ҳаёт будани гирандаи рента ё дар давоми муҳлати дигар, ки аз сӣ сол аз лаҳзаи бастани шартнома зиёд буда наметавонад, амалӣ карда намешавад.

### Моддаи 653. Харидани рентаи доимӣ бо талаби гирандаи рента

Гирандаи рентаи доимӣ ҳуқуқ дорад аз пардохткунанда харидани рентаро талаб намояд, агар:

- пардохткунандаи рента зиёда аз шаш моҳ муҳлати пардохти онро гузаронда бошад, агар ҳолати дигар дар шартномаи рентаи доимӣ пешбинӣ нашуда бошад;

- пардохткунандаи рента уҳдадории худро оид ба таъмини пардохти рента вайрон намуда бошад (моддаи 647 ҳамин Кодекс);

- пардохткунандаи рента муфлис эътироф шуда, ё ин ки ҳолатҳои дигаре пайдо шуданд ва баръало гувоҳӣ медиҳанд, ки рента дар андоза ва муҳлати муқаррарнамудаи шартнома пардохт карда намешавад;

- молу мулки ғайриманқуле, ки барои пардохти рента супорида шуда буд, таҳти моликияти умумӣ қарор гирад ё дар байни якчанд шахс тақсим шуда бошад;

- дар шартнома ҳолатҳои дигар пешбинӣ нашуда бошанд.

### Моддаи 654. Нархи хариди рентаи доимӣ

1. Хариди рентаи доимӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаҳои 652 ва 653 ҳамин Кодекс бо нархе анҷом дода мешавад, ки мувофиқи шартномаи рентаи доимӣ муайян карда шудааст.

2. Ҳангоми ҷой надоштани шарт дар бораи нархи харид дар шартномаи рентаи доимӣ, ки мувофиқи он молу мулк музднок барои пардохти рентаи доимӣ дода шуда буд, харид бо нархи баробар ба маблағи яксолаи пардохти рента анҷом дода мешавад.

3. Ҳангоми ҷой надоштани шарт дар бораи нархи харид дар шартномаи рентаи доимӣ, ки мувофиқи он молу мулк ройгон барои пардохти рентаи доимӣ дода шуда буд, ба нархи харид дар баробари маблағи яксолаи пардохти рента нархе, ки тибқи қоидаҳои муқаррарнамудаи қисми 3 моддаи 486 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад, ҳамроҳ мешавад.

### Моддаи 655. Таваккали тасодуфан нобуд шудан ё осеб дидани молу мулки барои пардохти рентаи доимӣ супоридашуда

1. Таваккали тасодуфан нобуд шудан ё осеб дидани молу мулки ройгон барои пардохти рентаи доимӣ супоридашударо пардохткунандаи рента ба уҳда дорад.

2. Ҳангоми тасодуфан нобуд шудан ё осеб дидани ин молу мулк пардохткунанда мувофиқан ҳуқуқи талаби қатъи уҳдадорӣ оид ба пардохти рента ё тағйири шарти пардохти онро дорад.

## §3. Рентаи якумра

### Моддаи 656. Гирандаи рентаи якумра

1. Рентаи якумра ба давраи ҳаёти шаҳрванд, ки молу мулкашро барои пардохти рента додааст, ё ба давраи ҳаёти шаҳрванди дигари муайяннамудаи ӯ муқаррар шуда метавонад.

2. Рентаи якумра мумкин аст ба манфиати якчанд шаҳрванд муқаррар шавад, ки ҳиссаи онҳо дар ҳуқуқи гирифтани рента баробар мебошад, агар ҳолати дигар дар шартномаи рентаи якумра пешбинӣ нашуда бошад.

3. Ҳангоми вафоти яке аз гирандагони рента ҳиссаи ӯ дар ҳуқуқи гирифтани рента ба гирандаи рента, ки зинда аст, мегузарад, агар дар шартномаи рентаи якумра тартиби дигар муқаррар нашуда бошад, дар ҳолати вафоти охирин гирандаи рента бошад, уҳдадории пардохти рента қатъ мегардад.

4. Шартномае, ки рентаи якумраро ба манфиати шаҳрванди дар лаҳзаи бастани шартнома вафоткарда муқаррар менамояд, беоқибат аст.

### Моддаи 657. Андозаи рентаи якумра

1. Рентаи якумра дар шартнома ҳамчун маблағи пулӣ муайян карда мешавад, ки ба гирандаи рента давра ба давра дар давоми ҳаёти ӯ пардохт карда мешавад.

2. Андозаи рентаи якумраи муқаррарнамудаи шартнома, ки додани молу мулкро ба таври ройгон пешбинӣ кардааст, барои як моҳ бояд на камтар аз даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо бошад.

### Моддаи 658. Муҳлати пардохти рентаи якумра

Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, рентаи якумра баъд аз хотимаёбии ҳар як моҳи тақвимӣ пардохт карда мешавад.

### Моддаи 659. Бекор намудани шартномаи рентаи якумра бо талаби гирандаи рента

1. Ҳангоми аз ҷониби пардохткунандаи рента ба таври назаррас вайрон намудани шартнома гирандаи рента ҳуқуқ дорад аз пардохткунандаи он хариди рентаро мувофиқи шартҳои муайяннамудаи моддаи 654 ҳамин Кодекс, ё бекор намудани шартнома ва ҷуброни зиёни расондаро талаб намояд.

2. Агар барои пардохти рентаи якумра манзили истиқоматӣ ё молу мулки дигар ройгон супорида шуда бошад, гирандаи рента ҳуқуқ дорад ҳангоми аз ҷониби пардохткунандаи рента ба таври назаррас вайрон намудани шартнома, баргардондани молу мулкро бо ба ҳисоб гирифтани арзиши он дар ҳисоби нархи хариди рента талаб намояд.

### Моддаи 660. Таваккали тасодуфан нобуд шудан ё осеб дидани молу мулки барои пардохти рентаи якумра супоридашуда

Тасодуфан нобуд шудан ё осеб дидани молу мулки барои пардохти рентаи якумра супоридашуда пардохткунандаи рентаро аз ӯҳдадорӣ оид ба пардохти он мувофиқи шартҳои муқаррарнамудаи шартнома озод намекунад.

## §4. Таъминоти якумра бо саробонӣ

### Моддаи 661. Шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ

1. Мувофиқи шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ шаҳрванд манзили истиқоматӣ ё молу мулки дигари ғайриманқулеро, ки ба ӯ тааллуқ дорад, ба моликияти пардохткунандаи рента месупорад ва ӯ ӯҳдадор мешавад ин шаҳрванд ва (ё) шахси сеюми нишондодаи ӯро якумра бо саробонӣ таъмин намояд.

2. Нисбат ба шартномаи таъмини якумра бо саробонӣ қоидаҳои рентаи якумра татбиқ карда мешаванд, агар дар параграфи мазкур тартиби дигар муқаррар нашуда бошад.

### Моддаи 662. Шакли шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ

1. Шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ дар шакли хаттӣ баста шуда, ба тариқи нотариалӣ тасдиқ ва ба қайди давлатӣ гирифта мешавад.

2. Риоя накардани қоидаҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи мазкур боиси беэътибории шартнома мегардад.

### Моддаи 663. Ӯҳдадорӣ дар мавриди таъминот бо саробонӣ

1. Ӯҳдадории пардохткунандаи рента дар мавриди таъминот бо саробонӣ метавонад аз таъмини эҳтиёҷот ба манзил, хӯрок, либос ва, агар вазъи

саломатии шахс талаб намояд, ҳамчунин аз нигоҳубини якумраи ӯ иборат бошад.

2. Дар шартнома инчунин пардохти хароҷоти хизматрасонии маросими дафн аз тарафи пардохткунандаи рента пешбинӣ шуда метавонад.

3. Дар шартнома бояд арзиши тамоми ҳаҷми таъминот бо саробонӣ муайян карда шавад. Дар айни ҳол ҳаҷми умумии таъминот дар як моҳ наметавонад аз андозаи бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо камтар бошад.

4. Ҳангоми ҳалли баҳси бавуҷудомадаи байни тарафҳо оид ба ҳаҷми таъминоте, ки ба шаҳрванд расонда мешавад ё бояд расонда шавад, суд бояд талаботи бовиҷдонӣ ва оқилиро дастури амал қарор диҳад.

### Моддаи 664. Иваз намудани таъминоти якумра бо пардохтҳои давравӣ

Дар шартнома имконияти бо пардохти пулии давра ба давра иваз намудани таъминоти молӣ бо саробонӣ пешбинӣ шуда метавонад.

### Моддаи 665. Таваккали тасодуфан нобуд шудан ё осеб дидани молу мулки супоридашуда

Тасодуфан нобуд шудан ё осеб дидани молу мулки ба пардохткунандаи рента супоридашуда ӯро аз таъмини саробонӣ озод наменамояд.

### Моддаи 666. Радди шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ

1. Агар дар натиҷаи вайрон кардани уҳдадориҳои шартномавӣ муносибати тарафҳо тоқатнопазир гардад ё бо сабабҳои дигари назаррас аз ҳад зиёд душвор гардад, тарафҳо метавонанд аз шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ даст кашанд.

2. Агар шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошад, дар сурати қатъ ёфтани шартнома молу мулки тибқи шартнома супоридашуда ба гирандаи рента баргардонда мешавад ва хароҷоти пардохткунандаи рента, ки то қатъи шартнома анҷом додааст, барояш ҷуброн карда намешавад.

### Моддаи 667. Бегона кардан ва истифода бурдани молу мулке, ки барои таъминоти якумра супорида шудааст

1. Пардохткунандаи рента ҳуқуқ дорад молу мулки ғайриманқулеро, ки ба ӯ барои таъминоти якумра супорида шудааст, танҳо дар сурати мавҷуд будани розигии гирандаи рента бегона кунад, ба гарав гузорад ё ба тарзи дигар истифода барад.

2. Пардохткунандаи рента уҳдадор аст ҳамаи тадбирҳои заруриро андешад, ки дар давраи расондани таъминоти якумра бо саробонӣ истифодаи молу мулки супоридашуда боиси кам шудани арзиши он нагардад.

### Моддаи 668. Бекор кардани шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ

Шартномаи таъминоти якумра бо саробонӣ метавонад бо талаби тарафҳо бекор карда шавад.

### Моддаи 669. Қатъи таъминоти якумра бо саробонӣ

1. Уҳдадории таъминоти якумра бо саробонӣ дар ҳолати вафоти гирандаи рента қатъ мегардад.

2. Дар сурати аз тарафи пардохткунандаи рента ба таври назаррас вайрон кардани уҳдадориҳояш, гирандаи рента ҳуқуқ дорад баргардондани молу мулки ғайриманқули барои таъминоти якумра супоридашударо ё ба ӯ пардохтани нархи харида гирифтани таъминотро мутобиқи моддаи 654 ҳамин Кодекс талаб намояд. Дар айни ҳол, пардохткунандаи рента ҳуқуқ надорад ҷуброни хароҷотеро, ки вобаста бо таъминоти гирандаи рента анҷом додааст, талаб намояд.

### Моддаи 670. Оқибати вафоти пардохткунандаи рента

1. Дар сурати вафот намудани пардохткунандаи рента уҳдадории саробонӣ ба меросгире мегузарад, ки молу мулки супоридашударо қабул кардааст.

2. Дар сурати аз мерос даст кашидани меросгир молу мулк ба гирандаи рента баргардонда мешавад ва шартнома қатъ мегардад.

## БОБИ 39. ИҶОРА

## §1. Муқаррароти умумӣ

### Моддаи 671. Шартномаи иҷора

Мувофиқи шартномаи иҷора иҷорадеҳ уҳдадор мешавад молу мулкро бар ивази музд ба соҳибӣ ва истифодаи муваққатӣ ё ба истифодаи иҷорагир супорад.

### Моддаи 672. Ҳуқуқи моликияти иҷорагир ба самара, маҳсулот ва даромад аз молу мулки иҷорагирифташуда

Самара, маҳсулот ва даромади дигар, ки иҷорагир дар натиҷаи истифодаи молу мулки иҷорагирифташуда ба даст овардааст, моликияти он мебошанд, агар дар қонунгузорӣ ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

### Моддаи 673. Объектҳои иҷора

1. Ба иҷора метавонанд қитъаи замин, канданиҳои фоиданоки умумӣ ва объектҳои дигари алоҳидаи табиӣ, корхонаҳо ва маҷмаҳои молу мулк, биноҳо, иншоот, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва ашёи дигаре, ки онҳо дар ҷараёни истифода (ашёи ғайриистеъмолӣ) хосияти аслии худро гум намекунанд, супорида шаванд.

2. Мутобиқи қонун метавонанд намудҳои алоҳидаи молу мулке, ки ба иҷора супоридани онҳо мумкин нест ё маҳдуд аст, муқаррар карда шаванд.

3. Дар шартномаи иҷора бояд маълумоте зикр карда шавад, ки имконияти муайян намудани молу мулки ба иҷорагир супоридашаванда дақиқ бошад. Ҳангоми набудани чунин маълумот дар шартнома шартҳо оид ба объекте, ки бояд ба иҷорагир супорида шавад, аз ҷониби тарафҳо мувофиқанашуда, шартномаи дахлдор бошад, бастанашуда ҳисобида мешаванд.

### Моддаи 674. Иҷорадеҳ

1. Ҳуқуқи ба иҷора супоридани молу мулк ба молики он тааллуқ дорад.

2. Шахсоне, ки тибқи қонун ё аз ҷониби молик барои ба иҷора супоридани молу мулк ваколатдор шудаанд, низ метавонанд иҷорадеҳ бошанд.

### Моддаи 675. Шакли шартномаи иҷора

1. Шартномаи иҷора барои муҳлати зиёда аз як сол ва агар яке аз тарафҳои шартнома шахси ҳуқуқӣ бошад, сарфи назар аз муҳлат, бояд дар шакли хаттӣ баста шавад.

2. Шартномаи иҷораи молу мулки ғайриманқул бояд ба тариқи нотариалӣ тасдиқ карда ва ба қайди давлатӣ гирифта шавад, агар дар қонунгузорӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

3. Шартномаи иҷорае, ки гузариши минбаъдаи ҳуқуқи моликият ба молу мулкро ба иҷорагир пешбинӣ мекунад, дар шакле баста мешавад, ки барои шартномаи хариду фурӯши чунин молу мулк пешбинӣ гардидааст.

### Моддаи 676. Муҳлати шартномаи иҷора

1. Шартномаи иҷора ба муҳлати дар он муайяннамуда баста мешавад.

2. Агар дар шартнома муҳлати иҷораи молу мулк муайян нашуда бошад, шартнома барои муҳлати номуайян basташуда ба ҳисоб меравад. Дар айни ҳол, ҳар яке аз тарафҳо ҳуқуқ дорад ҳар вақт аз шартнома даст кашад ва дар ин бобат тарафи дигарро як моҳ пеш ва ҳангоми иҷораи молу мулки ғайриманқул се моҳ пеш огоҳ созад. Дар қонун ё шартнома барои огоҳ кардан аз қатъи шартномаи иҷора, ки барои муҳлати номуайян баста шудааст, мумкин аст муҳлати дигар муқаррар карда шавад.

3. Барои намудҳои алоҳидаи иҷора, инчунин барои намудҳои алоҳидаи молу мулк тибқи қонунгузорӣ метавонанд муҳлатҳои ниҳоии шартнома муқаррар карда шаванд. Дар ин ҳолатҳо, агар дар шартнома муҳлати иҷора муайян нашуда бошад ва ягон тараф аз шартнома то хотимаи муҳлати ниҳоии он, ки қонун муқаррар намудааст, даст накашида бошад, шартнома баъди анҷоми муҳлати ниҳоӣ қатъ мегардад.

4. Шартномаи иҷораи чунин молу мулк, ки барои муҳлати зиёда аз муҳлати ниҳоии муқаррарнамудаи қонун баста шудааст, барои муҳлати баробар бо муҳлати ниҳоӣ басташуда ба ҳисоб меравад.

### Моддаи 677. Ба иҷорагир супоридани молу мулк

1. Иҷорадеҳ ухдадор аст молу мулкро ба иҷорагир дар ҳолати ба шартҳои шартнома ва таъиноти молу мулк мутобиқ, супорад.

2. Асбобу анҷоми марбути мол ва ҳуҷҷатҳои ба он таааллуқдошта (шиносномаи техникӣ, сертификати сифат ва ғайра) супорида мешаванд, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. Агар чунин асбобу анҷоми марбути мол ва ҳуҷҷатҳо супорида нашуда бошанд ва иҷорагир бе онҳо молу мулкро мутобиқи таъиноти онҳо истифода бурда натавонад ё ба таври назаррас аз он шароите, ки ҳангоми бастани шартнома ба онҳо ҳуқуқ дошт, маҳрум монад, он метавонад аз иҷорадеҳ супоридани чунин асбобу анҷоми марбути мол ва ҳуҷҷатҳо ё бекор кардани шартнома, ҳамчунин ҷуброни зиёнро талаб намояд.

3. Агар иҷорадеҳ молу мулки ба иҷора супоридашударо дар мӯҳлати дар шартнома зикршуда ба иҷорагир насупорад ва агар дар шартнома чунин мӯҳлат зикр нашуда бошад, иҷорагир дар мӯҳлати оқилона ҳуқуқ дорад аз иҷорадеҳ ин молу мулкро мутобиқи моддаи 459 ҳамин Кодекс дархост намояд ё бекор кардани шартномаро талаб кунад.

## Моддаи 678. Ҷавобгарии иҷорадеҳ барои камбудиҳои молу мулки ба иҷора супоридашуда

1. Иҷорадеҳ барои камбудиҳои молу мулки ба иҷора супоридашуда, ки монеаи истифодаи пурра ё қисми он мегарданд, ҳатто агар ҳангоми бастани шартнома он аз ин камбудиҳо огоҳ набошад ҳам, ҷавобгар аст.

2. Ҳангоми ошкор гардидани чунин камбудиҳо иҷорагир ҳуқуқ дорад бо интихоби худ ё бепул бартараф намудани камбудиҳои молу мулк, ё мутаносибан кам кардани пули иҷора, ё ҷуброн намудани хароҷоти вобаста ба бартараф кардани камбудиҳои молу мулк, ё бевосита кам кардани маблағи хароҷоти анҷомдодаи онро оид ба бартараф сохтани ин камбудиҳо аз пули иҷораи молу мулк талаб намояд ва дар ин бобат иҷорадеҳро пешакӣ огоҳ кунад, ё пеш аз мӯҳлат бекор кардани шартномаро талаб намояд.

3. Иҷорадеҳе, ки дар бораи талаби иҷорагир ё мақсади он оид ба бартараф кардани камбудиҳои молу мулк аз ҳисоби иҷорагир огоҳонида шудааст, метавонад бетаъхир молу мулки ба иҷора супоридашударо бо дигар молу мулки монанде, ки дар ҳолати дуруст қарор доранд, иваз кунад ё камбудиҳои молу мулкро ройгон бартараф намояд.

4. Агар қонеъ намудани талаботи иҷорагир ё аз тарафи он аз пули иҷораи молу мулк нигоҳ доштани хароҷот барои бартараф намудани камбудиҳо зиёни ба иҷорагир расидаро пӯшонида натавонад, он ҳуқуқ дорад, ки ҷуброни қисми пардохтанашудаи зиёнро талаб намояд.

5. Иҷорадеҳ барои он камбудиҳои молу мулки ба иҷора супоридашуда, ки ҳангоми бастани шартнома зикр шуда буданд ё қаблан ба иҷорагир маълум буданд ё мебоист аз тарафи он ҳангоми муоинаи молу мулк ё санҷиши дурусти онҳо ҳангоми бастани шартнома ё ба иҷора супоридани молу мулк ошкор карда мешуданд, ҷавобгар намебошад.

## Моддаи 679. Ҳуқуқи шахси сеюм ба молу мулке, ки ба иҷора супорида мешавад

1. Ба иҷора супорида шудани молу мулк боиси қатъ гардидан ё тағйир ёфтани ҳуқуқи шахси сеюм ба ин молу мулк намегардад.

2. Ҳангоми бастани шартнома иҷорадеҳ ӯҳдадор аст иҷорагирро оид ба ҳамаи ҳуқуқҳои шахси сеюм ба молу мулки ба иҷора супоридашаванда (сервитут, ҳуқуқи гарав ва ғайра) огоҳ намояд. Иҷро накардани ин қоида ба иҷорагир ҳуқуқ медиҳад, ки кам кардани пули иҷора ё бекор кардани шартнома ва ҷуброни зиёнро талаб намояд.

## Моддаи 680. Пули иҷора

1. Иҷорагир ӯҳдадор аст, ки музди истифодаи молу мулкро сари вақт пардохт намояд.

2. Тартиб, шарт ва мӯҳлатҳои пардохти пули иҷора дар шартнома муайян карда мешаванд. Агар онҳо дар шартнома муайян нашуда бошанд, чунин ҳисобида мешавад, ки тартиб, шарт ва мӯҳлатҳое, ки маъмулан ҳангоми иҷораи молу мулки монанд ва дар ҳолатҳои муқоисашаванда истифода мегарданд, муқаррар карда шудаанд.

3. Пули иҷора барои тамоми молу мулки ба иҷора гирифташуда дар маҷмуъ ё аз рӯйи ҳар як қисми таркибии он алоҳида дар шаклҳои зерин муқаррар карда мешавад:

- маблағи муайяни устувор, ки давра ба давра ё якбора пардохт карда мешавад;

- ҳиссаи муқарраргардидаи самара, маҳсулот ё даромаде, ки дар натиҷаи истифодаи молу мулки ба иҷора гирифташуда ба даст омадаанд;

- аз тарафи иҷорагир пешниҳоди хизматрасонии муайян;

- аз тарафи иҷорагир ба моликияти иҷорадеҳ ё ба иҷора супорида шудани ашёи дар шартнома зикргардида;

- ба зиммаи иҷорагир вогузор шудани хароҷоти дар шартнома зикргардида оид ба беҳтар намудани молу мулки ба иҷора гирифташуда.

4. Тарафҳо метавонанд дар шартнома шаклҳои мувофиқи зикршудаи пули иҷора ё шаклҳои дигари пардохтро пешбинӣ намоянд.

5. Андозаҳои пули иҷора метавонанд бо созиши тарафҳо дар мӯҳлатҳои дар шартнома пешбинигардида, аммо на бештар аз як бор дар як сол тағйир дода шаванд. Дар қонун мӯҳлатҳои дигари ҳадди ақал ҷиҳати аз нав дида баромадани андозаи музди пардохт барои намудҳои алоҳидаи иҷора, ҳамчунин барои намудҳои алоҳидаи молу мулк пешбинӣ шуда метавонанд.

6. Агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, иҷорагир ҳуқуқ дорад бо сабабҳои ба он вобастанабуда ба таври назаррас бад шудани шароити истифодаи дар шартнома пешбинигардида ё ҳолати молу мулк, мувофиқан кам кардани пардохтро талаб намояд.

7. Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, дар ҳолати аз тарафи иҷорагир ба таври назаррас вайрон кардани мухлатҳои пардохти пули иҷора иҷорадеҳ ҳуқуқ дорад, ки аз он пеш аз муҳлат пардохтани онро дар муҳлати муқаррарнамудаи иҷорадеҳ талаб намояд. Дар айни ҳол, иҷорадеҳ ҳуқуқ надорад пеш аз муҳлат пардохтани онро барои зиёда аз ду мухлат паиҳам талаб намояд.

## Моддаи 681. Истифодаи молу мулки ба иҷора гирифташуда

1. Иҷорагир уҳдадор аст молу мулкро мутобиқи шартҳои шартнома ва агар чунин шартҳо дар шартнома муайян нашуда бошанд, мутобиқи таъиноти молу мулк истифода намояд.

2. Агар иҷорагир, сарфи назар аз огоҳии иҷорадеҳ, молу мулкро мутобиқи шартҳои шартнома ё таъиноти он истифода набарад, он гоҳ иҷорадеҳ ҳуқуқ дорад, ки бекор кардани шартнома ва ҷуброни зиёнро талаб намояд.

3. Агар дар ҳамин Кодекс, қонун ё санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, иҷорагир ҳуқуқ дорад бо розигии иҷорадеҳ молу мулки ба иҷора гирифташударо ба иҷораи фаръӣ супорад, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худро аз рӯйи шартномаи иҷора ба шахси дигар вогузор намояд (иҷораи такрорӣ), молу мулки иҷораро ройгон ба истифода супорад, ҳамчунин ҳуқуқи иҷораро ба гарав монад ва онро ҳамчун ҳисса ба сармояи оинномавии ширкатҳо ва ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ ё пули саҳм ба кооперативи тиҷоратӣ гузорад. Дар ҳолатҳои зикршуда, ба истиснои иҷораи такрорӣ, ҷавобгарӣ аз рӯйи шартнома ба зиммаи иҷорагир мебошад.

4. Шартномаи иҷораи фаръӣ наметавонад ба мухлати зиёда аз муҳлати шартномаи иҷора баста шавад.

## Моддаи 682. Шартномаи иҷораи фаръӣ

Нисбати шартномаи иҷораи фаръӣ, агар дар қонун ё санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тартиби дигар муқаррар нагардида бошад, қоидаҳои шартномаи иҷора татбиқ мегарданд.

## Моддаи 683. Уҳдадориҳои иҷорадеҳ дар мавриди нигаҳдории молу мулк

1. Агар дар қонунгузорӣ ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, иҷорадеҳ уҳдадор аст таъмири асосии молу мулки ба иҷора супоридашударо аз ҳисоби худ анҷом диҳад.

2. Иҷорадеҳ уҳдадор аст аз ҳисоби худ таъмиреро, ки онро зарурати ногузир тақозо мекунад ва бо сабабҳои иҷорагир барои онҳо ҷавобгарнабуда ба вуҷуд омадааст, анҷом диҳад.

3. Таъмири асосӣ бояд дар мухлати муқаррарнамудаи шартномаи иҷора ва агар чунин мухлат дар шартнома муайян нашуда бошад ё зарурати ногузир ба вуҷуд омада бошад, дар мухлати оқилона анҷом дода шавад.

4. Аз тарафи иҷорадеҳ вайрон карда шудани уҳдадорӣ оид ба анҷом додани таъмири асосӣ ба иҷорагир ҳуқуқ медиҳад, ки ё таъмири асосии дар шартнома

пешбинигардида, ё бо сабаби зарурати ногузир бавуҷудомадаро анҷом дода, аз иҷорадеҳ арзиши таъмирро рӯёнад, ё онро ба ҳисоби пули иҷора гузаронад ва ё мувофиқан кам кардани ин пардохт ё бекор кардани шартномаро талаб намояд.

### Моддаи 684. Уҳдадории иҷорагир оид ба нигаҳдории молу мулки ба иҷора гирифташуда

Агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар муқаррар нашуда бошад, иҷорагир уҳдадор аст молу мулкро дар ҳолати дуруст нигоҳ дорад, аз ҳисоби худ таъмири ҷориро анҷом диҳад ва хароҷоти нигаҳдории молу мулкро ба зимма дошта бошад.

### Моддаи 685. Нигоҳ доштани эътибори шартномаи иҷора дар сурати тағйир ёфтани тарафҳо

1. Ба шахси дигар гузаштани ҳуқуқи моликият ба молу мулки ба иҷора супоридашуда асос барои тағйир ёфтан ё бекор кардани шартномаи иҷора намегардад.

2. Дар сурати вафоти шахси воқеие, ки иҷорагири молу мулки ғайриманқул буд, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ӯ аз рӯйи шартномаи иҷораи ин молу мулк ба меросгир мегузаранд.

3. Иҷорадеҳ, ба истиснои ҳолатҳое, ки бастани шартнома ба сифатҳои шахсии иҷорагир вобаста буд, ҳуқуқ надорад ба шартнома дохил шудани чунин меросгирро барои мӯҳлати боқимондаи амали шартнома рад намояд.

### Моддаи 686. Қатъи шартномаи иҷораи фаръӣ ҳангоми пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани шартномаи иҷора

1. Агар дар шартномаи иҷора тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани шартномаи иҷора боиси қатъ гардидани шартномаи иҷораи фаръии мутобиқи он басташуда мегардад.

2. Агар шартномаи иҷора аз рӯйи асосҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс беоқибат бошад, шартномаҳои мутобиқи он басташудаи иҷораи фаръӣ низ беоқибат мебошанд.

### Моддаи 687. Пеш аз мӯҳлат қатъ намудани шартнома бо талаби иҷорадеҳ

1. Бо талаби иҷорадеҳ шартномаи иҷора метавонад аз тарафи суд дар ҳолатҳое, қатъ карда шавад, ки агар иҷорагир:

- ба таври назаррас шартҳои шартнома оид ба истифодаи молу мулк ё таъиноти истифодаи мақсадноки молу мулкро вайрон карда бошад, ё худ ба вайрон кардани бисёркаратаи истифода намудани он роҳ дода бошад;

- вазъи молу мулкро ба таври назаррас бад гардонад;

- зиёда аз ду маротиба паиҳам баъди хатми муҳлати пардохти муқарраркардаи шартнома музди истифодаи молу мулкро пардохт накунад;

- дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи шартномаи иҷора ва дар сурати мавҷуд набудани онҳо дар шартнома дар муҳлатҳои оқилона дар ҳолатҳое, ки агар мутобиқи қонун ё шартнома уҳдадории таъмири асосӣ ба зиммаи иҷорагир бошад, таъмири асосии молу мулкро анҷом надиҳад.

2. Дар шартномаи иҷора барои пеш аз муҳлат қатъ гардонидани шартнома бо талаби иҷорадеҳ тибқи қисми 2 моддаи 516 ҳамин Кодекс метавонанд асосҳои дигар низ муқаррар карда шаванд.

3. Иҷорадеҳ ҳуқуқ дорад пеш аз муҳлат қатъ намудани шартномаро танҳо баъди ба иҷорагир додани имконияти оқилонаи иҷрои уҳдадории он бо ирсоли огоҳии хаттӣ талаб намояд.

## Моддаи 688. Пеш аз муҳлат қатъ шудани шартнома бо талаби иҷорагир

1. Бо талаби иҷорагир шартномаи иҷора метавонад аз тарафи суд дар ҳолатҳое қатъ карда шавад, ки агар:

- иҷорадеҳ молу мулкро ба истифодаи иҷорагир насупорад ё барои истифодаи молу мулк мутобиқи шартҳои шартнома ё таъиноти молу мулк монеа эҷод намояд;

- молу мулки ба иҷорагир супоридашуда камбудиҳои барои истифодаи онҳо монеъшавандае дошта бошанд, ки ҳангоми бастани шартнома аз тарафи иҷорадеҳ зикр карда нашудаанд, ба иҷорагир қаблан маълум набуданд ва дар вақти муоинаи молу мулк ё санҷиши дурустии онҳо ҳангоми бастани шартнома наметавонистанд аз тарафи иҷорагир ошкор карда шаванд;

- иҷорадеҳ дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи шартнома ва дар сурати мавҷуд набудани онҳо дар шартнома - дар муҳлати оқилона уҳдадории ба зиммаи он гузошташударо оид ба таъмири асосии молу мулк иҷро накунад;

- молу мулк бо сабабҳое, ки барои онҳо иҷорагир ҷавобгар нест, ба ҳолати ғайриқобили истифода расида бошанд.

2. Дар шартномаи иҷора барои пеш аз муҳлат қатъ гардонидани шартнома бо талаби иҷорагир тибқи қисми 2 моддаи 516 ҳамин Кодекс метавонанд асосҳои дигар низ муқаррар карда шаванд.

## Моддаи 689. Ҳуқуқи афзалиятноки иҷорагир ба бастани шартнома барои муҳлати нав

1. Агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, иҷорагире, ки уҳдадориҳои худро ба таври лозим иҷро мекунад, баъди ба итмом расидани муҳлати шартнома дар сурати шароити дигари баробар ба бастани шартномаи иҷора барои муҳлати нав нисбат ба шахси дигар ҳуқуқи афзалиятнок дорад. Иҷорагир уҳдадор аст ба иҷорадеҳ дар бораи хоҳиши бастани чунин шартнома дар муҳлати дар шартномаи иҷора зикршуда ва агар дар шартнома чунин муҳлат зикр нашуда бошад, дар муҳлати оқилона, то хотимаи эътибори шартнома ба таври хаттӣ хабар диҳад.

2. Ҳангоми бастани шартномаи ичора ба мухлати нав шартхои шартнома метавонанд бо созиши тарафхо тағйир дода шаванд.

3. Агар ичорагир истифодаи молу мулкро баъди хотимаи мухлати шартнома ҳангоми мавчуд набудани эътироз аз тарафи ичорадех идома диҳад, шартнома бо ҳамон шартхо ба мухлати номуайян навшуда (моддаи 676 ҳамин Кодекс) ба ҳисоб меравад.

## Моддаи 690. Баргардондани молу мулк ба ичорадех

1. Ҳангоми қатъи шартномаи ичора ичорагир ухдадор аст молу мулкро дар ҳамон ҳолате, ки гирифта буд, бо назардошти фарсудашавии муътадил ё бо ҳолате, ки дар шартнома зикр гардидааст, ба ичорадех баргардонад.

2. Агар ичорагир молу мулки ба ичора гирифташударо ба ичорадех барнагардонад ё сари вақт барнагардонад, ичорадех ҳуқуқ дорад пули ичораро барои тамоми давраи гузаронидашуда талаб намояд. Дар ҳолати зиёни харочоти ичорадехро напӯшондани маблағи мазкур, он ҳуқуқ дорад пардохти онро талаб намояд.

3. Дар сурати барои сари вақт барнагардонидани молу мулки ба ичора гирифташуда дар шартнома пешбинӣ шудани ноустуворона, зиён метавонад дар ҳачми пурраи зиёда аз ноустуворона ситонида шавад, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

## Моддаи 691. Беҳтарсозии молу мулки ба ичора гирифташуда

1. Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, беҳтарсозии молу мулке, ки ичорагир анчом додааст, моликияти он ба ҳисоб меравад.

2. Агар ичорагир аз ҳисоби маблағҳои худ ва бо розигии ичорадех беҳтарсозии молу мулки ба ичора гирифташударо анчом дода бошад, ки чудо намудани он бе расондани зиён ғайриимкон аст, ичорагир баъди қатъи шартнома, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, ба чуброни арзиши чунин беҳтарсозӣ ҳуқуқ дорад.

3. Арзиши беҳтарсозиҳои чудонашавандаи молу мулк, ки аз тарафи ичорагир бе розигии ичорадех анчом дода шудаанд, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, чуброн карда намешавад.

4. Беҳтарсозиҳои чудошаванда ва чудонашавандаи молу мулк, ки аз ҳисоби маблағчудокуниҳои фарсудашавӣ аз ин молу мулк анчом дода шудаанд, моликияти ичорадех мебошанд.

## Моддаи 692. Харида гирифтани молу мулки ба ичора гирифташуда

1. Дар шартномаи ичора пешбинӣ шуда метавонад, ки молу мулки ба ичора гирифташуда баъди анчоми мухлати ичора ё то анчоми он, ба шарти аз тарафи ичорагир пардохт шудани тамоми маблағи дар шартнома зикргардидаи харида гирифтан, ба моликияти ичорагир мегузаранд.

2. Агар шарти харида гирифтани молу мулки ба иҷора гирифташуда дар шартнома пешбинӣ нашуда бошад, он метавонад бо созишномаи иловагии тарафҳо муқаррар карда шавад. Дар айни ҳол, тарафҳо ҳуқуқ доранд дар бораи ба нархи харида гирифтани молу мулк ҳисоб кардани пули иҷораи пештар пардохтшуда аҳд намоянд.

3. Муқаррароти қисмҳои 1 ва 2 моддаи мазкур ба шартномаи иҷораи молу мулки давлатӣ паҳн намегарданд, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

4. Қонун метавонад ҳолатҳои манъи харида гирифтани молу мулки ба иҷора гирифташударо муқаррар намояд.

### Моддаи 693. Хусусиятҳои намудҳои алоҳидаи иҷора ва иҷораи намудҳои алоҳидаи молу мулк

Ба намудҳои алоҳидаи шартномаи иҷора ва шартномаҳои иҷораи намудҳои алоҳидаи молу мулк (киро, иҷораи воситаҳои нақлиёт, иҷораи корхонаҳо, лизинг), агар дар қоидаҳои ҳамин Кодекс оид ба онҳо тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, муқаррароти дар параграфи мазкур пешбинишуда татбиқ мегарданд.

## §2. Киро

### Моддаи 694. Шартномаи киро

1. Аз рӯйи шартномаи киро кироdeҳе, ки молу мулкро ҳамчун объекти фаъолияти соҳибкорӣ ба киро медиҳад, ухдадор мешавад, ки молу мулки манқулро бар ивази музд ба кирогир барои соҳибӣ ва истифодаи муваққатӣ диҳад.

2. Молу мулке, ки аз рӯйи шартномаи киро дода шудааст, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад ё аз моҳияти ухдадорӣ барнаояд, барои мақсадҳои эҳтиёҷоти маишӣ истифода бурда мешавад.

3. Шартномаи киро дар шакли хаттӣ баста мешавад.

4. Шартномаи киро оммавӣ мебошад (моддаи 488 ҳамин Кодекс).

### Моддаи 695. Муҳлати шартномаи киро

1. Шартномаи киро барои муҳлати то як сол баста мешавад.

2. Қоидаҳои нав кардани шартномаи иҷора барои муҳлати номуайян ва ҳуқуқи афзалиятноки иҷорагир барои нав кардани шартномаи иҷора (моддаи 689 ҳамин Кодекс) нисбат ба шартномаи киро татбиқ намешаванд.

3. Кирогир ҳуқуқ дорад кироdeҳро на камтар аз даҳ рӯз пеш аз мақсадаш ба таври хаттӣ огоҳ карда, шартномаи кироро дар ҳар вақте, ки мехоҳад, рад намояд.

### Моддаи 696. Ба кирогир додани молу мулк

Киродеҳе, ки шартномаи кироро мебандад, уҳдадор аст дар ҳузури кирогир дурустии молу мулки ба киро додашавандаро санҷад, ҳамчунин кирогирро бо қоидаҳои истифодабарии молу мулк шинос намояд ё ба ӯ дар бораи истифодаи ин молу мулк дастури хаттӣ диҳад.

### Моддаи 697. Бартараф намудани камбудиҳои молу мулки ба киро додашуда

1. Дар сурати аз тарафи кирогир ошкор гардидани камбудиҳои молу мулки ба киро додашуда, ки истифодаи онро пурра ё қисман ғайриимкон месозанд, киродеҳ уҳдадор аст аз рӯзи арзи кирогир дар бораи камбудиҳо дар муҳлати даҳ рӯз, агар дар шартнома муҳлати кутоҳтар муқаррар нашуда бошад, камбудиҳои молу мулкро дар ҷояш ройгон бартараф намояд ё молу мулки додашударо бо молу мулки монанди дигар, ки дар ҳолати коршоямӣ қарор дорад, иваз кунад.

2. Агар камбудиҳои молу мулки ба киро додашуда дар натиҷаи аз тарафи кирогир вайрон карда шудани қоидаҳои истифодабарӣ ва нигаҳдории молу мулк ба вуҷуд омада бошанд, кирогир ба киродеҳ арзиши таъмир ва интиқоли молу мулкро пардохт менамояд.

### Моддаи 698. Пули киро

1. Пули киро аз рӯйи шартномаи киро дар шакли маблағи муайяни устувор, ки давра ба давра ё якбора пардохт карда мешавад, муқаррар мегардад.

2. Дар ҳолати аз тарафи кирогир пеш аз муҳлат баргардондани молу мулк, киродеҳ ба он қисми дахлдори пули кирои гирифтаашро бо баҳисобгирӣ аз ҳамон рӯзе, ки баъди рӯзи баргардондани воқеии молу мулк фаро мерасад, бармегардонад.

3. Аз кирогир рӯёнидани қарзи пардохти пули киро бо тартиби бебаҳс дар асоси санади иҷрои нотариус анҷом дода мешавад.

### Моддаи 699. Истифодаи молу мулки ба киро додашуда

1. Таъмири асосӣ ва ҷории молу мулки мувофиқи шартномаи киро додашуда уҳдадории киродеҳ мебошад.

2. Ба кирои фаръӣ додани молу мулке, ки мувофиқи шартномаи киро ба кирогир дода шудааст, аз тарафи кирогир ба шахси дигар вогузор гардидани ҳуқуқу уҳдадориҳои он мувофиқи шартномаи киро, ба гарав ва чун ҳиссаи молумулкӣ ба ҷамъият ва ширкатҳои хоҷагӣ гузоштани ҳуқуқи кирогир, ба сифати ҳаққи узвият ба кооперативи тиҷоратӣ гузоштани ин ҳуқуқ мумкин нест.

## §3. Иҷораи воситаҳои нақлиёт

### Моддаи 700. Шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бо экипаж

1. Аз рӯйи шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бо экипаж иҷорадеҳ уҳдадор аст воситаи нақлиётро бар ивази музд ба соҳибӣ ва истифодаи

муваққатии иҷорагир диҳад ва бо қувваи худ ҷиҳати идоракунӣ ва истифодабарии техникии он хизмат расонад.

2. Қоидаҳои боби мазкур оид ба нав кардани шартномаи иҷора барои муҳлати номуайян ва ҳуқуқи афзалиятноки иҷорагир ба нав кардани шартномаи иҷора (моддаи 689 ҳамин Кодекс) ба шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бо экипаж татбиқ намегарданд.

## Моддаи 701. Шакли шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бо экипаж

1. Шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бо экипаж, новобаста ба муҳлати он, бояд дар шакли хаттӣ баста шавад.

2. Нисбат ба шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бо экипаж қоидаҳои қисми 2 моддаи 675 ҳамин Кодекс дар бораи бақайдгирии шартномаҳои иҷора татбиқ намегарданд.

## Моддаи 702. Уҳдадории иҷорадеҳ оид ба нигаҳдории воситаи нақлиёт

Иҷорадеҳ уҳдадор аст дар давоми тамоми муҳлати амали шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бо экипаж ҳолати лозимии воситаи нақлиёти ба иҷора додашударо нигоҳ дорад, ҳамчунин таъмири ҷорӣ, асосӣ ва расондани лавозимоти заруриро анҷом диҳад.

## Моддаи 703. Уҳдадориҳои иҷорадеҳ оид ба идоракунӣ ва истифодаи техникии воситаи нақлиёт

1. Хизматрасоние, ки ба иҷорагир аз тарафи иҷорадеҳ дар мавриди идоракунӣ ва истифодаи техникии воситаҳои нақлиёт расонда мешаванд, бояд истифодаи муътадил ва бехатари онро тибқи мақсадҳои дар шартномаи иҷора зикршуда таъмин намояд. Дар шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бо экипаж метавонанд доираи боз ҳам васеътари хизматрасониҳое, ки ба иҷорагир расонда мешаванд, пешбинӣ гарданд.

2. Ҳайати экипажи воситаи нақлиёт ва сатҳи ихтисоси он бояд ба қоидаҳои барои тарафҳо ҳатмӣ, шартҳои шартнома ва агар дар қоидаҳо барои тарафҳо чунин талаботи ҳатмӣ муқаррар нашуда бошанд, ба талаботи амалияи маъмули истифодаи воситаи нақлиёти навъи додашуда ва шартҳои шартнома ҷавобгӯй бошад.

3. Аъзои экипаж муносибатҳои меҳнатии худро бо иҷорадеҳ нигоҳ медоранд. Онҳо ба фармоишҳои иҷорадеҳ дар мавриди идоракунӣ ва истифодаи техникӣ ва ба фармоишҳои иҷорагир дар бобати истифодаи тиҷоратии воситаи нақлиёт итоат мекунанд.

4. Агар дар шартномаи иҷора тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, хароҷот оид ба пардохти хизматрасонии аъзои экипаж, ҳамчунин хароҷоти нигоҳдории онҳо, ба зиммаи иҷорадеҳ мебошанд.

## Моддаи 704. Уҳдадории иҷорагир оид ба пардохти хароҷоте, ки ба истифодаи тиҷоратии воситаи нақлиёт вобаста мебошад

Агар дар шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бо экипаж тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, хароҷоти пардохти сӯзишворӣ ва маводи дигари дар ҷараёни истифода сарфшаванда, пардохти боҷҳо ва хароҷоти дигар, ки вобаста бо истифодаи тиҷоратии воситаи нақлиёт ба вуҷуд меоянд, ба зиммаи иҷорагир мебошанд.

## Моддаи 705. Суғуртаи воситаи нақлиёт

Агар дар шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бо экипаж тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, уҳдадории суғуртаи воситаи нақлиёт ва (ё) суғуртаи ҷавобгарӣ барои зиёне, ки метавонад аз тарафи иҷорагир дар ҷараёни истифода расонда шавад, дар ҳолатҳое ба зиммаи иҷорадеҳ гузошта мешавад, ки чунин суғурта мувофиқи қонун ё шартнома ҳатмӣ бошад.

## Моддаи 706. Шартномаҳо оид ба истифодаи воситаи нақлиёт бо экипаж аз ҷониби шахсони сеюм

1. Иҷорагир ҳуқуқ дорад бе розигии иҷорадеҳ воситаи нақлиётро ба иҷораи фаръӣ диҳад, агар дар шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бо экипаж тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Иҷорагир дар доираи анҷом додани истифодаи тиҷоратии воситаи нақлиёти ба иҷора гирифташуда ҳуқуқ дорад бе розигии иҷорадеҳ бо шахси сеюм аз номи худ шартномаҳои ҳамлу накл ё шартномаҳои дигар бандад, агар онҳо хилофи мақсадҳои истифодаи воситаи нақлиёт, ки дар шартномаи иҷора зикр шудаанд ва дар сурате, ки чунин мақсадҳо муқаррар нашудаанд, мухолифи таъиноти воситаи нақлиёт набошанд.

## Моддаи 707. Ҷавобгарӣ барои зиёне, ки ба воситаи нақлиёт расонда шудааст

Дар сурати нобуд шудан ё осеб дидани воситаи нақлиёти ба иҷора додашуда иҷорагир уҳдадор аст зиёни расондаро ҷуброн намояд, агар иҷорадеҳ исбот кунад, ки нобуд шудан ё осеб дидани воситаи нақлиёт бо сабабҳое ба вуҷуд омадаанд, ки барои онҳо иҷорагир тибқи қонун ё шартнома ҷавобгар аст.

## Моддаи 708. Ҷавобгарӣ барои зиёне, ки тавассути воситаи нақлиёт расонда шудааст

Ҷавобгарӣ барои зиёне, ки ба шахси сеюм тавассути воситаи нақлиёт, механизмҳо, таҷҳизот, дастгоҳҳои онҳо расонда шудааст, тибқи қоидаҳои боби 63 ҳамин Кодекс ба зиммаи иҷорадеҳ вогузор мегардад.

## Моддаи 709. Хусусиятҳои иҷораи намудҳои алоҳидаи воситаҳои нақлиёт бо экипаж

Хусусиятҳои иҷораи намудҳои алоҳидаи воситаҳои нақлиёт бо хизматрасонӣ дар мавриди идоракунӣ ва истифодаи техникӣ, ғайр аз

хусусиятҳое, ки дар параграфи мазкур пешбинӣ шудаанд, метавонанд тибқи қонунгузорӣ муқаррар карда шаванд.

## Моддаи 710. Шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бе экипаж

1. Аз рӯйи шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бе экипаж иҷорадеҳ ба иҷорагир воситаи нақлиётро бар ивази музд, бе хизматрасонӣ дар мавриди идоракунӣ ва истифодаи техникии он ба соҳибӣ ва истифодаи муваққатӣ медиҳад.

2. Қоидаҳои боби мазкур дар бораи нав кардани шартномаи иҷора барои муҳлати номуайян ва ҳуқуқи афзалиятноки иҷорагир ба бастани шартнома барои муҳлати нав (моддаи 689 ҳамин Кодекс) нисбат ба шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бе экипаж татбиқ намегарданд.

## Моддаи 711. Шакли шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бе экипаж

1. Шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бе экипаж, новобаста ба муҳлати он, бояд дар шакли хаттӣ баста шавад.

2. Нисбат ба шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бе экипаж қоидаҳои қисми 2 моддаи 675 ҳамин Кодекс дар бораи бақайдгирии шартномаҳои иҷора татбиқ намешаванд.

## Моддаи 712. Ӯҳдадории иҷорагир оид ба нигаҳдории воситаи нақлиёт

Иҷорагир ӯҳдадор аст дар давоми тамоми муҳлати амали шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бе экипаж ҳолати лозимии воситаи нақлиётро нигоҳ дорад, аз ҷумла таъмири ҷорӣ, ҳамчунин, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, таъмири асосиро анҷом диҳад.

## Моддаи 713. Ӯҳдадории иҷорагир оид ба идоракунӣ ва истифодаи техникии воситаи нақлиёт

Иҷорагир бо қувваи худ идоракунии воситаи нақлиёти ба иҷора гирифташуда, ҳамчунин истифодаи тиҷоратӣ ва техникии онро анҷом медиҳад.

## Моддаи 714. Ӯҳдадории иҷорагир оид ба пардохти хароҷоти нигаҳдории воситаи нақлиёт

Агар дар шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бе экипаж тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, хароҷоти нигаҳдории воситаи нақлиёти ба иҷора гирифташуда, суғуртаи он, аз ҷумла суғуртаи ҷавобгарии худ, ҳамчунин хароҷоти вобаста бо истифодаи воситаи нақлиёт, ба зиммаи иҷорагир мебошанд.

## Моддаи 715. Шартномаҳо оид ба истифодаи воситаи нақлиёт бе экипаж аз ҷониби шахсони сеюм

1. Агар дар шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бе экипаж тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, иҷорагир ҳуқуқ дорад воситаи нақлиёти ба иҷора

гирифташударо бо шартҳои шартномаи иҷора бе экипаж ё бе экипаж бо розигии иҷорадеҳ ба иҷораи фаръӣ диҳад.

2. Иҷорагир ҳуқуқ дорад бе розигии иҷорадеҳ бо шахси сеюм аз номи худ шартномаҳои ҳамлу нақл ва шартномаҳои дигар бандад, агар онҳо хилофи мақсадҳои истифодаи воситаи нақлиёти дар шартномаи иҷора зикршуда набошанд ва дар сурате, ки чунин мақсадҳо муқаррар нашудаанд, мухолифи таъиноти воситаи нақлиёт набошанд.

### Моддаи 716. Хусусиятҳои иҷораи намудҳои алоҳидаи воситаҳои нақлиёт бе экипаж

Хусусиятҳои иҷораи намудҳои алоҳидаи воситаҳои нақлиёт бе хизматрасонӣ дар мавриди идоракунӣ ва истифодабарии техникӣ, ғайр аз хусусиятҳое, ки дар параграфи мазкур пешбинӣ шудаанд, метавонад бо қонунгузорӣ муқаррар карда шаванд.

## §4. Иҷораи бино ва иншоот

### Моддаи 717. Шартномаи иҷораи бино ё иншоот

1. Аз рӯйи шартномаи иҷораи бино ё иншоот иҷорадеҳ ухдадор мегардад бино ё иншоотро ба соҳибии муваққатӣ ва истифода ё истифодаи муваққатии иҷорагир супорад.

2. Қоидаҳои параграфи мазкур нисбат ба иҷораи корхонаҳо татбиқ мегарданд, агар дар қоидаҳои ҳамин Кодекс оид ба иҷораи корхона тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

### Моддаи 718. Шакл ва бақайдгирии давлатии шартномаи иҷораи бино ё иншоот

1. Шартномаи иҷораи бино ё иншоот дар шакли хаттӣ бо роҳи тартиб додани як ҳуҷҷати аз ҷониби тарафҳо (қисми 2 моддаи 500 ҳамин Кодекс) имзошуда баста мешавад.

2. Риоя накардани шакли шартномаи иҷораи бино ё иншоот боиси беэътибории он мегардад.

3. Шартномаи иҷораи бино ё иншооте, ки барои муҳлати на камтар аз як сол баста шудааст, бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад ва аз лаҳзаи бақайдгирӣ basташуда ҳисобидамешавад.

### Моддаи 719. Ҳуқуқ ба қитъаи замине, ки бино ё иншооти иҷорагирифта дар он ҷойгир аст

Аз рӯйи шартномаи иҷораи бино ё иншоот ҳамзамон бо ҳуқуқи соҳибӣ ва истифодаи чунин молу мулки ғайриманқул ба иҷорагир ҳамчунин ҳуқуқ ба он қисми қитъаи замине, ки таҳти он молу мулки ғайриманқул қарор дорад ва барои истифодаи он зарур мебошад, дода мешавад.

### Моддаи 720. Ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ҳангоми ба иҷора супоридани бино ё иншоот

Ҳангоми ба иҷора супоридани бино ё иншоот ҳуқуқи истифодаи қитъаи замине, ки дар он бино ё иншоот то ба анҷом расидани муҳлати иҷораи бино ё иншоот ҷойгир аст, ба иҷорагир дода мешавад.

### Моддаи 721. Андозаи пули иҷора

1. Дар шартномаи иҷораи бино ё иншоот бояд андозаи пули иҷора пешбинӣ карда шавад. Дар сурати мавҷуд набудани шартҳои дар шакли хаттӣ мувофиқанамудаи тарафҳо дар бораи андозаи пули иҷора, шартномаи иҷораи бино ё иншоот басташуда ба ҳисоб намеравад. Дар ин сурат қоидаҳои муайян кардани нарх, ки дар қисми 3 моддаи 486 ҳамин Кодекс пешбинӣ шудаанд, татбиқ намегарданд.

2. Пули иҷора дар шартномаи иҷораи бино ё иншоот муқарраргардида пардохти истифодаи қитъаи замин, ки бино ё иншоот дар он ҷойгир аст ё қисми дахлдори қитъаи заминеро, ки ҳамроҳи бино ё иншоот супорида мешавад, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, дар бар мегирад.

3. Дар ҳолатҳое, ки пардохти иҷораи бино ё иншоот дар шартнома барои воҳиди майдони бино (иншоот) ё дигар нишондиҳандаи андозаи он муқаррар шудааст, пули иҷора бо назардошти андозаи воқеии бино ё иншооти ба иҷорагир супоридашуда муайян карда мешавад.

### Моддаи 722. Супоридани бино ё иншоот

1. Аз тарафи иҷорадеҳ супоридани бино ё иншоот ва аз тарафи иҷорагир қабул намудани он бо санади супоридан ё бо ҳуҷҷати дигаре, ки тарафҳо имзо мекунанд, анҷом дода мешаванд.

2. Агар дар қонун ё шартномаи иҷораи бино ё иншоот тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, ухдадории иҷорадеҳ дар бораи ба иҷорагир супоридани бино ё иншоот баъди ба соҳибӣ ё истифодаи иҷорагир супоридани он ва аз ҷониби тарафҳо имзо шудани санади дахлдор доир ба супоридан ичрошуда ҳисобида мешавад.

3. Аз имзои санади супоридани бино ё иншоот бо шартҳои пешбининамудаи шартнома саркашӣ кардани яке аз тарафҳо маънои даст кашидани иҷорадеҳ аз ичрои ухдадорӣ оид ба супоридани молу мулк ва даст кашидани иҷорагир аз қабули молу мулкро дорад.

4. Ҳангоми қатъи шартномаи иҷораи бино ё иншоот объекти ба иҷора гирифташуда бояд бо риояи қоидаҳои дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинигардида ба иҷорадеҳ баргардонда шавад.

## §5. Иҷораи корхона

### Моддаи 723. Шартномаи иҷораи корхона

1. Аз рӯйи шартномаи иҷораи корхона иҷорадеҳ ухдадор мешавад ба соҳибӣ ва истифодаи муваққатии иҷорагир корхонаро ҳамчун маҷмаи молу мулк, ба истисноии он ҳуқуқу уҳдадориҳое, ки иҷорагир барои ба шахси дигар додани онҳо ҳуқуқ надорад, бар ивази музд супорад. Қоидаҳои параграфи мазкур ҳангоми иҷораи маҷмуаи томи ғайриманқул татбиқ мешаванд, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Дар бораи ба иҷорагир гузарондани қарзҳо иҷорадеҳ ухдадор аст кредиторони худро ба таври хаттӣ огоҳ кунад, дар сурати розӣ набуданашон дар бобати гузарондани қарзҳо онҳо ҳуқуқ доранд дар давоми се моҳ аз рӯзи гирифтани огоҳинома аз иҷорадеҳ қатъи ухдадориҳо ё иҷрои пеш аз муҳлати уҳдадориҳои дахлдорро талаб намоянд. Агар дар муҳлати зикршуда ягон талаби мазкур пешниҳод нашавад, кредитор барои гузарондани қарзи дахлдор ба иҷорагир розигидода ҳисобида мешавад.

3. Корхона танҳо баъди анҷоми ҳисоббаробаркунӣ бо кредитороне, ки аз иҷорадеҳ қатъ кардан ё иҷрои пеш аз муҳлати уҳдадориҳоро талаб кардаанд, метавонад ба иҷора супорида шавад.

4. Баъди ба иҷора супоридани корхона иҷорадеҳ ва иҷорагир барои қарзҳои ба таркиби корхонаи ба иҷора супоридашуда дохилгардидае, ки бе розигии кредитор ба номи иҷорагир гузаронда шудаанд, ҷавобгарии муштарак доранд.

5. Ҳуқуқҳои иҷорадеҳ, ки аз тарафи он дар асоси иҷозат (иҷозатнома) барои машғулият ба фаъолияти дахлдор гирифта шудаанд, агар дар қонунгузорӣ тартиби дигар муқаррар нашуда бошад, ба иҷорагир дода намешаванд. Ба таркиби корхонаи мувофиқи шартнома супоридашаванда дохил кардани уҳдадориҳое, ки иҷрои онҳо аз тарафи иҷорагир дар сурати мавҷуд набудани иҷозат (иҷозатнома) аз имкон берун аст, иҷорадеҳро аз уҳдадориҳои дахлдор дар назди кредиторон озод намекунад.

## Моддаи 724. Ҳуқуқи кредитор ҳангоми иҷораи корхона

1. Кредитор аз рӯйи қарзҳои ба таркиби корхона дохилкардашуда бояд то супоридани корхона ба иҷорагир аз тарафи иҷорадеҳ дар бораи ба иҷора супорида шудани корхона ба таври хаттӣ огоҳ карда шавад.

2. Кредиторе, ки ба иҷорадеҳ дар бораи розигии худ оид ба гузарондани қарз ба таври хаттӣ хабар надодааст, ҳуқуқ дорад дар давоми се моҳ аз рӯзи гирифтани огоҳинома дар бораи ба иҷора супоридани корхона қатъи уҳдадориҳо ё иҷрои пеш аз муҳлати уҳдадориҳо ва ҷуброни зиёни дар натиҷаи ин расидаро талаб намояд.

3. Кредиторе, ки дар бораи ба иҷора супоридани корхона бо тартиби пешбининамудаи қисми 1 моддаи мазкур огоҳ карда нашудааст, метавонад оид ба қонеъ гардондани талаботи пешбининамудаи қисми 2 моддаи мазкур дар давоми як сол аз рӯзе, ки дар бораи ба иҷора супоридани корхона хабардор шудааст ё бояд хабардор мешуд, даъво пешниҳод кунад.

4. Баъди ба иҷора супоридани корхона иҷорадеҳ ва иҷорагир аз рӯйи қарзҳои ба таркиби корхона дохилшуда, ки бе розигии кредитор ба номи иҷорагир гузаронда шудаанд, ҷавобгарии муштарак доранд.

### Моддаи 725. Шакли шартномаи иҷораи корхона ва бақайдгирии давлатии он

1. Шартномаи иҷораи корхона дар шакли хаттӣ бо роҳи тартиб додани як ҳуҷҷате, ки аз ҷониби тарафҳо имзо карда шудааст, баста мешавад ва бояд ба тариқи нотариалӣ тасдиқ карда ва ба қайди давлатӣ гирифта шавад.

2. Шартномаи иҷораи корхона аз лаҳзаи бақайдгирии давлатии он басташуда ба ҳисоб меравад.

3. Риоя накардани талаботи дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинишуда боиси беэътибории шартнома мегардад. Чунин шартнома беоқибат буда, нисбат ба он қоидаҳои пешбининамудаи қисми 2 моддаи 179 ҳамин Кодекс татбиқ намегарданд.

### Моддаи 726. Супоридани корхонаи ба иҷора гирифташуда

1. Супоридани корхона ба иҷорагир бо таҳия ва ба имзо расондани санади супоридан анҷом дода мешавад.

2. Ба супоридан омода намудани корхона, аз ҷумла тартиб додан ва барои имзо пешниҳод кардани санади супоридан, уҳдадории иҷорадеҳ мебошад ва агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, аз ҳисоби ӯ анҷом дода мешавад.

### Моддаи 727. Уҳдадориҳои иҷорагир оид ба нигоҳдории корхона ва пардохти хароҷоти истифодаи он

1. Иҷорагири корхона уҳдадор аст дар давоми тамоми муҳлати амали шартнома корхонаро дар ҳолати лозимаи техникӣ, аз ҷумла бо анҷом додани таъмири ҷорӣ ва асосии он, нигоҳ дорад.

2. Хароҷоти вобаста ба истифодаи корхонаи ба иҷора гирифташуда, инчунин пардохтани пули суғурта ба зиммаи иҷорагир гузошта мешаванд, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

### Моддаи 728. Истифодаи молу мулки корхонаи ба иҷора гирифташуда

1. Агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, иҷорагир ҳуқуқ дорад бе розигии иҷорадеҳ неъматҳои моддиеро, ки ба таркиби молу мулки корхонаи ба иҷора гирифташуда дохил мешаванд, фурӯшад, иваз намояд, ба истифодаи муваққатӣ ё қарз диҳад, онро ба иҷораи фаръӣ супорад ва ҳуқуқу уҳдадориҳои худро аз рӯйи шартномаи иҷора дар нисбати чунин неъматҳо ба шахси дигар диҳад, ба шарте ки ин амалҳо боиси камшавии арзиши корхона нагарданд ва муқаррароти дигари шартномаи иҷораро вайрон накунанд. Тартиби зикршуда нисбат ба қитъаи замин ва дигар захираҳои табиӣ, ҳамчунин дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонун татбиқ намегардад.

2. Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, иҷорагир ҳуқуқ дорад азнавсозии корхонаи ба иҷора гирифташуда, васеъ намудан, азнавтаҷҳизонии техникӣ, ки арзиши онро зиёд мекунанд, анҷом диҳад.

## Моддаи 729. Аз тарафи иҷорагир беҳтар намудани корхонаи ба иҷора гирифташуда

1. Иҷорагир ба ҷуброни арзиши беҳтарсозии ҷудонашавандаи корхонаи ба иҷора гирифташуда, сарфи назар аз розигии иҷорадеҳ барои чунин беҳтарсозӣ, ҳуқуқ дорад, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Иҷорадеҳ метавонад аз уҳдадории ҷуброн намудани арзиши чунин беҳтарсозӣ ба иҷорагир аз тарафи суд озод карда шавад, агар иҷорадеҳ исбот намояд, ки хароҷоти иҷорагир барои ин беҳтарсозӣ арзиши корхонаи ба иҷора гирифташударо нобаробар ба беҳтар намудани хусусиятҳои истифодабарии он зиёд мекунад ё ҳангоми анҷоми чунин беҳтарсозӣ принсипҳои бовиҷдонӣ ва оқилона будан вайрон карда шудаанд.

## Моддаи 730. Нисбат ба шартномаи иҷораи корхона татбиқ намудани қоидаҳо оид ба оқибатҳои беэътибории аҳд, бекор кардан, қатъ намудан ва тағйирдиҳии шартнома

Қоидаҳои ҳамин Кодекс оид ба оқибатҳои беэътибории аҳд, бекор кардан, қатъ намудан ва тағйир додани шартнома, ки баргардондан ё дар шакли асл рӯёнидани чизеро, ки аз рӯйи шартнома ба даст омадааст, аз як тараф ё аз ҳар ду тараф пешбинӣ менамояд, ба шартномаи иҷораи корхона татбиқ мегарданд, агар чунин оқибатҳо ҳуқуқ ва манфиатҳои бо қонун ҳимояшавандаи кредиторони иҷорадеҳ ва иҷорагир, шахсони дигарро ба таври назаррас вайрон накунанд ва мухолифи манфиатҳои ҷамъият набошанд.

## Моддаи 731. Баргардондани корхонаи ба иҷора гирифташуда

1. Дар сурати қатъи шартномаи иҷораи корхонаи ба иҷора гирифташуда бояд ба иҷорадеҳ маҷмаи ғайриманқули молумулкии ба иҷора супоридашуда бо риояи қоидаҳои дар моддаҳои 723, 724 ва 726 ҳамин Кодекс пешбинигардида баргардонда шавад.

2. Омодасозии корхона барои супоридан ба иҷорадеҳ, аз ҷумла тартиб додан ва барои имзо пешниҳод намудани санади супоридан, дар ин ҳолат уҳдадории иҷорагир мебошад ва, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, аз ҳисоби он анҷом дода мешавад.

# §6. Иҷораи қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ

## Моддаи 732. Шартномаи иҷораи қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ

1. Иҷорадеҳ мувофиқи шартномаи иҷораи қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ уҳдадор мешавад ба иҷорагир барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти кишоварзӣ муваққатан қитъаи замини муайяншударо барои истифодабарии мақсаднок ва музднок супорад ва иҷорагир бошад, уҳдадор мешавад онро

тибқи таъинот истифода барад, маблағи пули иҷораро пардохт намояд ва баъди хотимаёбии муҳлати иҷора қитъаи заминро ба иҷорагир баргардонад.

2. Ба сифати мавзуи ин намуди иҷора қитъаи муайяни замин (майдони умумии қитъаи замин, намуди заминҳое, ки ба он ин қитъа дахл дорад, рақами кадастрии ин қитъаи замин, суроғаи ҷойгиршавии он, мақсади истифодаи қитъаи замин ва объектҳое, ки дар он ҷойгир шудаанд, агар онҳо бошанд) дохил мешавад, ки барои истеҳсолоти кишоварзӣ супорида шудааст.

## Моддаи 733. Тарафҳои шартномаи иҷораи қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ

1. Мутобиқи қонунгузории замин ба сифати иҷорадиҳанда мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва заминистифодабарандагон буда метавонанд.

2. Тибқи қонунгузории замин иҷорагир шахси воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ мебошад, ки метавонад истифодаи муҳлатнок, мақсаднок ва музднокии қитъаи заминро барои истеҳсолоти кишоварзӣ таъмин намояд.

## Моддаи 734. Шакли шартномаи иҷораи қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ

1. Шартномаи иҷораи қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ дар шакли хаттӣ бо роҳи тартиб додани як ҳуҷҷати тарафҳо (қисми 2 моддаи 500 ҳамин Кодекс) имзошуда, баста мешавад.

2. Шартномаи иҷораи қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ ба қайди давлатӣ гирифта шуда, аз лаҳзаи анҷомёбии чунин бақайдгирӣ шартнома басташуда ба ҳисоб меравад.

3. Риоя накардани талаботи қисмҳои 1 ва 2 моддаи мазкур боиси беэътибории шартнома мегардад.

4. Бақайдгирии давлатии шартномаи иҷораи фаръии қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ ҳатмӣ нест, агар муҳлати шартнома аз як сол зиёд набошад.

5. Шартномаи иҷораи қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ бе тағйир додани таъиноти мақсадноки он баста мешавад.

## Моддаи 735. Муҳлати шартномаи иҷораи қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ

1. Қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ ба муҳлати то бист сол ба иҷора супорида мешавад, агар дар қонун муҳлати дигар муқаррар нагардида бошад.

2. Муҳлати ҳадди ақалли ин шартнома аз як навбати истифодаи майдони киштгардон камтар буда наметавонад.

3. Муҳлати шартномаи иҷораи фаръии қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ наметавонад аз муҳлати иҷораи қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ зиёд бошад.

### Моддаи 736. Шартномаи иҷораи фаръии қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ

1. Иҷорагир мустақилона метавонад қитъаи замини муайяншударо ба иҷораи фаръӣ супорад.

2. Шартномаи иҷораи фаръии қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ созиши дутарафае мебошад, ки тибқи он қитъаи замини муайяншуда аз ҷониби иҷорагир ба шахси сеюм барои истифодабарии муҳлатнок, мақсаднок ва музднок супорида мешавад.

3. Уҳдадориҳое, ки дар моддаи 732, қисми 2 моддаи 733 ва моддаи 734 ҳамин Кодекс муқаррар шудаанд, нисбати иҷорагири фаръии қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ татбиқ мешаванд.

### Моддаи 737. Ҳуқуқи ҷуброн намудани арзиши беҳтарсозӣ

Иҷорагири қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ барои ҷуброн намудани арзиши беҳтарсозӣ бо розигии иҷорадеҳ ё беҳтарсозии зарурӣ барои истифодаи муътадили мавзуи иҷора анҷомдодашуда ҳуқуқ дорад.

### Моддаи 738. Ҳуқуқи тамдиди муҳлати шартномаи иҷораи қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ

1. Баъди ба итмом расидани муҳлати шартномаи иҷораи қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ иҷорагир барои тамдиди муҳлати он ҳуқуқ дорад.

2. Ҳангоми набудани аризаи яке аз тарафҳо дар бораи қатъ намудан ё тағйир додани шартнома бинобар ба итмом расидани муҳлати он, шартнома бо ҳамон шартҳо тамдидшуда ба ҳисоб меравад.

## §7. Иҷораи захираҳои табиӣ

### Моддаи 739. Шартномаи иҷораи захираҳои табиӣ

Шартномаи иҷораи захираҳои табиӣ дар асоси қонун баста мешавад.

### Моддаи 740. Объектҳои шартномаи иҷораи захираҳои табиӣ

Захираҳои табиӣ объекти шартномаи иҷораи захираҳои табиӣ шуда метавонанд, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

### Моддаи 741. Иҷорадеҳи захираҳои табиӣ

Иҷорадеҳи захираҳои табиӣ шахсе буда метавонад, ки тибқи қонун ё аз ҷониби молик барои ба иҷора супоридани объекти зикршуда ваколатдор шудааст.

### Моддаи 742. Иҷорагири захираҳои табиӣ

Иҷорагири захираҳои табиӣ шахси воқеӣ ё ҳуқуқие буда метавонад, ки қобилияти истифодабарии муваққатӣ, музднок ва мақсадноки объекти иҷораро дорад.

### Моддаи 743. Шакли шартномаи иҷораи захираҳои табиӣ ва бақайдгирии давлатии он

Шартномаи иҷораи захираҳои табиӣ, новобаста ба муҳлати он, бояд дар шакли хаттӣ баста шавад, ба таври нотариалӣ тасдиқ карда, ба қайди давлатӣ гирифта шавад, агар дар қонунгузорӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

### Моддаи 744. Муҳлати шартномаи иҷораи захираҳои табиӣ

1. Шартномаи иҷораи захираҳои табиӣ ба муҳлати муқаррарнамудаи қонун ё шартнома баста мешавад.

2. Барои намудҳои алоҳидаи захираҳои табиӣ қонун муҳлати ниҳоии шартномаро муқаррар менамояд. Дар ин ҳолатҳо, агар муҳлати иҷора дар шартнома муайян набошад ва то ба охир расидани муҳлати ниҳоии муқаррарнамудаи қонун тарафе шартномаро рад накунад, баъди ба охир расидани муҳлати ниҳоӣ шартнома қатъ мегардад.

### Моддаи 745. Ба иҷорагир супоридани захираҳои табиӣ

Иҷорадиҳанда уҳдадор аст захираҳои табиии алоҳидаро дар ҳолате ба иҷорагир супорад, ки ба шартҳои шартномаи иҷора ва таъиноти объекти табиӣ мутобиқат намоянд.

### Моддаи 746. Уҳдадории иҷорагир оид ба ҷуброн намудани зиёне, ки ба объекти иҷораи захираҳои табиӣ расонда шудааст

Иҷорагир, ки дар натиҷаи харобкунӣ, нобудсозӣ, осебрасонӣ, истифодаи ғайрисамаранок ва вайронкунии дигари шартҳои шартнома ё талаботи қонунгузорӣ ба объекти иҷораи захираҳои табиӣ зиён расондааст, уҳдадор мебошад онро ихтиёран ё дар асоси санади судӣ бо тартиби муқарраргардида ҷуброн намояд.

## §8. Иҷораи молиявӣ (лизинг)

### Моддаи 747. Шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг)

1. Аз рӯйи шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) иҷорадеҳ (лизингдеҳ) уҳдадор мешавад молу мулки нишондодаи иҷорагир (лизинггир)-ро аз фурӯшандаи муайянкардаи он ба моликият харидорӣ намояд ва ин молу мулкро музднок ба соҳибӣ ва истифодаи муваққатӣ барои мақсадҳои соҳибкорӣ пешниҳод кунад.

2. Аз лаҳзаи супоридани объекти иҷораи молиявӣ (лизинг) ба иҷорагир талаботи иҷорадеҳ объекти таъминшудаи иҷораи молиявӣ (лизинг) ва худи иҷорадеҳ бошад, кредитори таъминшуда эътироф мешаванд.

3. Иҷорагир ҳуқуқ дорад танҳо ҳамон қисми арзиши мавзуи иҷораи молиявӣ (лизинг)-ро, ки аз бақияи пардохтҳои иҷораи молиявӣ (лизингӣ) зиёд аст, фурӯшад, ба гарав гузорад ё ба таври дигар ихтиёрдорӣ намояд.

4. Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, иҷорадеҳ барои интихоби молу мулки ба иҷора гирифташуда ва фурӯшанда ҷавобгар нест.

### Моддаи 748. Шакли шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг)

Шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) дар шакли хаттӣ баста шуда, бояд ба тариқи нотариалӣ тасдиқ карда шавад.

### Моддаи 749. Объекти шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг)

Объекти шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) метавонад ҳама гуна ашёи ғайриистеъмолӣ, аз ҷумла корхонаҳо ва дигар маҷмаи молумулкӣ, бино, иншоот, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва дигар молу мулки манқул ва ғайриманқуле бошанд, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурда мешаванд.

### Моддаи 750. Тарафҳои шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг)

1. Тарафҳои шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) лизингдеҳ ва лизинггир мебошанд.

2. Лизингдеҳ шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ буда, молу мулки интихобшударо ба даст оварда, ҳамчун объекти лизинг ба лизинггир мувофиқи шартҳои муайян ба соҳибии муваққатӣ ва истифода месупорад.

3. Лизинггир шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ буда, мувофиқи шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) уҳдадор мебошад, ки объекти лизингро тибқи шартҳои муайян ба соҳибии муваққатӣ ва истифода қабул намояд.

### Моддаи 751. Иҷораи молияви (лизинг)-и фаръӣ

1. Иҷораи молиявӣ (лизинг)-и фаръӣ яке аз намудҳои лизинг буда, мутобиқи он лизинггир дар мувофиқа бо лизингдеҳ ва тибқи шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг)-и фаръӣ ба шахси сеюм объекти лизингро ба соҳибӣ ва истифодаи минбаъда месупорад.

2. Ҳангоми супоридани объекти мазкур ба лизинги фаръӣ ҳуқуқи талабкунӣ ба фурӯшанда мувофиқи шартномаи лизинги фаръӣ ба лизинггир мегузарад.

3. Мӯҳлати лизинги фаръӣ набояд аз мӯҳлати иҷораи молиявӣ (лизинг), ки шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) муқаррар намудааст, зиёд бошад.

### Моддаи 752. Пардохтҳои иҷораи молиявӣ (лизинг)

1. Таҳти пардохтҳои иҷораи молиявӣ (лизинг) маблағи умумии пардохтҳои шартномаи лизинг дар тамоми мӯҳлати амали шартномаи лизинг фаҳмида мешавад, ки ба он ҷуброни хароҷоти лизингдеҳ вобаста ба харидорӣ ва супоридани объекти лизинг ба лизинггир, ҷуброни хароҷоти вобаста ба хизматрасонии дигари дар шартномаи лизинг пешбинигардида, инчунин даромади лизингдеҳ, дохил мешаванд.

2. Ҳаҷм, тарз, шакл ва давра ба давра ворид намудани пардохтҳо дар шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) бо мувофиқаи тарафайн муқаррар карда мешаванд.

### Моддаи 753. Намудҳои иҷораи молиявӣ (лизинг)

1. Иҷораи молиявӣ (лизинг), вобаста ба шартҳои гардиши объекти лизинг, ба лизинги молиявӣ, амалиётӣ ва баргардондашаванда тақсим мешавад.

2. Намудҳои дигари иҷораи молиявӣ (лизинг) мумкин аст тибқи қонун ё шартнома муқаррар карда шаванд.

3. Дар шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) бояд ба таври ҳатмӣ намуди лизинг пешбинӣ карда шавад.

### Моддаи 754. Мӯҳлати амали шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг)

1. Мӯҳлати амали шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) аз мӯҳлати истифодаи муфиди объекти он вобастагӣ дорад.

2. Дар давоми мӯҳлати амали шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) лизинггир ӯҳдадор аст нигаҳдории объекти лизингро таъмин намояд, онро дар ҳолати корӣ нигоҳ дошта, танҳо тибқи шартҳои шартнома истифода намояд.

### Моддаи 755. Огоҳонидани фурӯшанда дар бораи ба иҷораи молиявӣ (лизинг) супоридани молу мулк

Лизингдеҳ молу мулкро барои лизинггир ба даст оварда, бояд фурӯшандаро огоҳ намояд, ки молу мулк барои ба шахси муайян ба лизинг супоридан таъин гардидааст.

### Моддаи 756. Ба лизинггир супоридани объекти иҷораи молиявӣ (лизинг)

1. Агар дар шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад, фурӯшанда объекти лизингро бевосита ба лизинггир дар ҷойи қарордоштаи он месупорад.

2. Агар объекти лизинг дар мӯҳлати дар шартнома зикршуда, вале агар дар шартнома чунин мӯҳлат зикр нашуда бошад, дар мӯҳлати оқилона, ба лизинггир супорида нашавад, лизинггир ҳуқуқ дорад бекор намудани шартнома ва ҷуброни зиёнро талаб намояд, агар мӯҳлат бо гуноҳи лизингдеҳ гузашта бошад.

### Моддаи 757. Ба лизинггир гузаштани таваккали нобудшавии тасодуфӣ ё осеби тасодуфии объекти иҷораи молиявӣ (лизинг)

Таваккали нобудшавии тасодуфӣ ё осеби тасодуфии объекти лизинг ба лизинггир аз лаҳзаи ба он супоридани ин объект мегузарад, агар дар шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

### Моддаи 758. Ҷавобгарии субъектҳои иҷораи молиявӣ (лизинг)

Ҷавобгарии лизингдеҳ ва лизинггир мутобиқи шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг), шартномаи хариду фурӯш ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

### Моддаи 759. Ҷавобгарии фурӯшанда

1. Лизинггир ҳуқуқ дорад молу мулкеро, ки объекти лизинг мебошанд, талаботеро, ки аз шартномаи хариду фурӯши байни фурӯшанда ва лизингдеҳ басташуда, аз ҷумла дар бобати сифат ва мукаммалии молу мулк, мӯҳлатҳои таҳвили он ва дар ҳолатҳои дигар ба таври лозима иҷро нагардидани шартнома бармеоянд, бевосита ба фурӯшанда пешниҳод намояд. Дар айни ҳол, лизинггир ҳуқуқ ва уҳдадориҳои барои фурӯшанда пешбининамудаи ҳамин Кодексро дар мавриде, ки агар он яке аз тарафҳои шартномаи хариду фурӯши молу мулки зикршуда бошад, дорад. Аммо лизинггир наметавонад шартномаи хариду фурӯшро бо фурӯшанда бе розигии лизингдеҳ бекор намояд.

2. Дар муносибат бо фурӯшанда лизинггир ва лизингдеҳ ҳамчун кредиторони муштарак (моддаи 375 ҳамин Кодекс) амал мекунанд.

3. Агар дар шартномаи лизинг ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад, лизингдеҳ дар назди лизинггир барои аз тарафи фурӯшанда иҷро гардидани талаботе, ки аз шартномаи хариду фурӯш бармеоянд, ғайр аз ҳолатҳое, ки ҷавобгарӣ барои интихоби фурӯшанда ба зиммаи лизинггир мебошад, ҷавобгар нест. Дар ҳолати охирин лизинггир ҳуқуқ дорад бо интихоби худ талаботеро, ки аз шартномаи хариду фурӯш бармеоянд, бевосита ҳам ба фурӯшандаи молу мулк ва ҳам ба лизингдеҳ, ки ҷавобгарии муштарак доранд, пешниҳод намояд.

### Моддаи 760. Хусусиятҳои шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг)

Хусусиятҳои шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) бо қонун муайян карда мешаванд.

## §9. Иҷораи манзили истиқоматӣ

### Моддаи 761. Шартномаи иҷораи манзили истиқоматӣ

1. Аз рӯйи шартномаи иҷораи манзили истиқоматӣ иҷорадеҳ уҳдадор мегардад ба иҷорагир ва аъзои оилаи ӯ манзили истиқоматиро бар ивази музд барои соҳибӣ ва истифода супорад.

2. Муносибатҳо аз рӯйи шартномаи иҷораи манзили истиқоматӣ тибқи Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мегарданд.

## БОБИ 40. ШАРТНОМАИ ИСТИФОДАИ РОЙГОН

### Моддаи 762. Мафҳуми шартномаи истифодаи ройгон

1. Мувофиқи шартномаи истифодаи ройгон як тараф (ройгондеҳ) уҳдадор мешавад ашёро ба тарафи дигар (ройгонгир) ба истифодаи муваққатии ройгон супорад ё месупорад ва ройгонгир уҳдадор мешавад, ки худи ҳамон ашёро дар

ҳамон ҳолате, ки онҳоро гирифта буд, бо назардошти фарсудашавии муътадил ё дар ҳолате, ки дар шартнома зикр шудааст, баргардонад.

2. Нисбат ба шартномаи истифодаи ройгон мувофиқан қоидаҳои дар қисми 1 моддаи 673, қисми 1 ва ҷумлаи якуми қисми 2 моддаи 676, қисмҳои 1 ва 2 моддаи 677, моддаи 681, қисми 3 моддаи 689, қисмҳои 1 ва 3 моддаи 691 ҳамин Кодекс муқаррargардида татбиқ мегарданд.

3. Ба шартномаи истифодаи ройгони объекти мероси фарҳангӣ инчунин қоидаҳое, ки дар моддаи 675 ҳамин Кодекс муқаррар шудаанд, татбиқ мешаванд.

### Моддаи 763. Ройгондиҳанда

1. Ҳуқуқи супоридани ашё барои истифодаи ройгон ба молики он ва дигар шахсе, ки тибқи қонун ё аз ҷониби молик ба ин кор ваколатдор карда шудаанд, тааллуқ дорад.

2. Ташкилоти тиҷоратӣ ҳуқуқ надорад молу мулкро ба шахсоне, ки муассисашон, иштирокдорашон, аъзои мақомоти идоракунӣ ё назоратиашон мебошанд, инчунин дигар соҳибкорон, барои истифодаи ройгон супорад.

### Моддаи 764. Барои истифодаи ройгон додани ашё

1. Ройгондиҳанда ӯҳдадор аст ашёро дар ҳолати мутобиқ бо шартҳои шартнома ва таъиноти онҳо бо ҳамаи асбобу анҷоми марбути мол ва ҳуҷҷатҳои ба он тааллуқдошта супорад.

2. Агар чунин асбобу анҷоми марбути мол ва ҳуҷҷат супорида нашуда бошанд ва бе онҳо ашё мувофиқи таъинот истифода шуда натавонанд ё истифодаи онҳо арзиши худро барои ройгонгиранда ба таври назаррас гум кунад, ройгонгиранда ҳуқуқ дорад супоридани чунин асбобу анҷоми марбути мол ва ҳуҷҷатро ё бекор кардани шартнома ва ҷуброни хисороти воқеии ба он расондашударо талаб намояд.

### Моддаи 765. Оқибатҳои барои истифодаи ройгон насупоридани ашё

Агар ройгондиҳанда ашёро ба ройгонгир насупорад, ройгонгир ҳуқуқ дорад бекор кардани шартнома ва ҷуброни хисороти воқеиро талаб намояд.

### Моддаи 766. Ҷавобгарӣ барои камбудиҳои ашёе, ки ба истифодаи ройгон супорида шудаанд

1. Ройгондиҳанда барои камбудиҳои ашё, ки дар хусуси мавҷудияти онҳо ҳангоми бастани шартнома қасдан ё аз беэҳтиётии дағалона огоҳ накардааст, ҷавобгар аст.

2. Дар сурати ошкор гардидани чунин камбудиҳо ройгонгиранда ҳуқуқ дорад бо интихоби худ аз ройгондиҳанда ба таври ройгон бартараф намудани камбудиҳои ашё ё ҷуброни хароҷоти барқарор намудани камбудиҳои ашё ё пеш аз муҳлат бекор кардани шартнома ва ҷуброни хисороти воқеиро талаб намояд.

### Моддаи 767. Ҳуқуқи шахсони сеюм ба ашёе, ки барои истифодаи ройгон супорида мешаванд

1. Супоридани ашё ба истифодаи ройгон барои тағйирёбӣ ё қатъи ҳуқуқи шахсони сеюм ба ин ашё асос намегардад.

2. Ҳангоми бастани шартнома ройгондиҳанда уҳдадор аст ройгонгирандаро оид ба ҳуқуқҳои шахсони сеюм ба ин ашё (сервитут, ҳуқуқи гарав ва ғайра) огоҳ намояд. Иҷро накардани ин уҳдадорӣ ба ройгонгиранда ҳуқуқ медиҳад, ки бекор кардани шартнома ва ҷуброни зиёни воқеиро талаб намояд.

### Моддаи 768. Уҳдадориҳои ройгонгиранда оид ба нигаҳдории ашё

Ройгонгиранда уҳдадор аст ашёи барои истифодаи ройгон гирифташударо дар ҳолати коршоям нигоҳ дорад, таъмири ҷорӣ ва асосии онро анҷом диҳад ва ҳама хароҷоти нигаҳдории онро ба зимма гирад, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

### Моддаи 769. Ҷавобгарии ройгонгиранда

Агар ашё аз сабаби онҳоро мувофиқи шартнома ё таъинноташон истифода набурдан ё бе розигии ройгондиҳанда ба шахси сеюм супоридан нобуд шуда ё осеб дида бошанд, ройгонгиранда барои зиёни ба ашё расондааш ҷавобгар мебошад.

### Моддаи 770. Ҷавобгарӣ барои зараре, ки ба шахси сеюм бинобар истифодаи ашё расидааст

Ройгондиҳанда барои зараре, ки бинобар истифодаи ашё ба шахси сеюм расонда шудааст, ҷавобгар мебошад, агар исбот накунад, ки зарар дар натиҷаи ғараз ё беэҳтиётии дағалонаи ройгонгиранда ё шахсе, ки ин ашё бо розигии ройгондиҳанда дар истифодаи он буд, расидааст.

### Моддаи 771. Ба шахси сеюм супоридани ашёе, ки барои истифодаи ройгон гирифта шудаанд

Ройгонгиранда танҳо бо розигии ройгондиҳанда ҳуқуқ дорад ашёи ба истифодаи ройгон гирифтаро ба истифодаи шахси сеюм супорида, дар назди он ҷавобгар боқӣ монад.

### Моддаи 772. Бо талаби ройгондиҳанда пеш аз муҳлат бекор кардани шартнома

Ройгондиҳанда ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳои зерин пеш аз муҳлат бекор намудани шартномаро талаб намояд, агар ройгонгиранда:

- ашёро мутобиқи шартнома ё тибқи таъинот истифода набарад;

- уҳдадориҳои дар ҳолати дуруст нигоҳ доштани ашё ё нигаҳдории онҳоро иҷро накунад;

- ҳолати ашёро ба таври назаррас бад гардонад;

- бе розигии ройгондиҳанда ба шахси сеюм ашёро супорида бошад;

- дар ҳолатҳои дигари муқаррарнамудаи қонун.

### Моддаи 773. Бо талаби ройгонгиранда пеш аз муҳлат бекор кардани шартномаи истифодаи ройгон

Ройгонгиранда ҳуқуқ дорад пеш аз муҳлат бекоркунии шартномаи истифодаи ройгонро талаб намояд:

- ҳангоми ошкор кардани камбудиҳо, ки истифодаи дурусти ашёро имконнопазир ё мушкил мегардонанд ва дар бораи мавҷудияти онҳо он дар лаҳзаи бастани шартнома намедонист ва дониста ҳам наметавонист;

- агар ашё аз рӯйи ҳолате, ки ба он он ҷавобгӯ нест, дар вазъияти барои истифода корношоям қарор дошта бошад;

- агар ҳангоми бастани шартнома ройгондиҳанда онро аз ҳуқуқҳои шахси сеюм ба ашёе, ки супорида мешаванд, огоҳ накарда бошад;

- дар ҳолатҳои дигари муқаррарнамудаи қонун.

### Моддаи 774. Даст кашидан аз шартномаи истифодаи ройгон

Агар муҳлати истифодаи ройгони ашё дар шартнома муайян нашуда бошад, ҳар яке аз тарафҳо ҳуқуқ дорад ҳар вақт, тарафи дигарро як моҳ пеш дар ин хусус огоҳ намуда, аз шартнома даст кашад, агар дар шартнома муҳлати дигари огоҳкунӣ пешбинӣ нагардида бошад.

### Моддаи 775. Тағйир ёфтани тарафҳо дар шартномаи истифодаи ройгон

1. Дар сурати вафот кардани шахси воқеӣ - ройгондиҳанда ё азнавташкилдиҳӣ, ё барҳам додани шахси ҳуқуқӣ - ройгондиҳанда ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо тибқи шартнома ба меросгир ё вориси ҳуқуқии дигар ё шахси дигар, ки ба он ҳуқуқи моликият ба ашё ё ҳуқуқи дигар гузаштааст ва дар асоси он ашё ба истифодаи ройгон супорида шудааст, мегузаранд.

2. Дар сурати азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ - ройгонгиранда ҳуқуқ ва уҳдадориҳои он тибқи шартнома, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, ба вориси ҳуқуқӣ мегузаранд.

### Моддаи 776. Қатъи шартномаи истифодаи ройгон

Шартномаи истифодаи ройгон ғайр аз асосҳои умумии қатъи уҳдадориҳо, инчунин дар сурати вафоти шахси воқеӣройгонгиранда ё барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ - ройгонгиранда қатъ мегардад, агар дар шартнома ҳолати дигар пешбинӣ нагардида бошад.

## БОБИ 41. ПАЙМОНКОРӢ

## §1. Муқаррароти умумӣ оид ба паймонкорӣ

### Моддаи 777. Шартномаи паймонкорӣ

1. Тибқи шартномаи паймонкорӣ як тараф (паймонкор) уҳдадор мешавад тибқи супориши тарафи дигар (фармоишгар) кори муайянеро анҷом диҳад, онро дар мӯҳлати муайян ба фармоишгар супорад ва фармоишгар бошад, уҳдадор мешавад корро қабул намуда, ҳаққи корро пардохт намояд.

2. Нисбат ба намудҳои алоҳидаи шартномаи паймонкорӣ (паймонкори маишӣ, паймонкорӣ дар сохтмон, паймонкорӣ оид ба корҳои лоиҳакашӣ ва ҷустҷӯйӣ) муқаррароти пешбининамудаи параграфи мазкур татбиқ мешаванд, агар дар қоидаҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс оид ба намудҳои алоҳидаи чунин шартномаҳо тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

### Моддаи 778. Корҳое, ки тибқи шартномаи паймонкорӣ ва аз ҳисоби таъмини паймонкор анҷом дода мешаванд

1. Шартномаи паймонкорӣ барои тайёр кардан ё коркарди ашё, ё барои корҳои иҷрошудаи дигар бо супоридани натиҷаи он бо фармоишгар баста мешавад.

2. Тибқи шартномаи паймонкорӣ, ки барои тайёр кардани ашё баста шудааст, паймонкор ҳуқуқ ба онро ба фармоишгар медиҳад.

3. Паймонкор мустақилона тарзи иҷрои супориши фармоишгарро муайян менамояд, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

4. Корҳо аз ҷониби паймонкор бо мавод, тавассути қувва ва воситаҳои он анҷом дода мешаванд, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

5. Паймонкор барои мавод ва таҷҳизоти дорои сифати номатлуби пешниҳодшуда, инчунин мавод ва таҷҳизоти пешниҳодшудае, ки гаронии ҳуқуқҳои шахсони сеюмро дорад, ҷавобгар мебошад.

### Моддаи 779. Таваккали тасодуфан нобуд шудан ва осеб дидани мавод

Таваккали тасодуфан нобуд шудан ё осеб дидани маводро то фаро расидани мӯҳлати аз ҷониби паймонкор супоридани корҳои дар шартнома пешбинишуда тарафе ба зимма дорад, ки маводро фароҳам овардааст ва баъди фаро расидани ин мӯҳлат - тарафе, ки мӯҳлатро гузарондааст, агар дар қонунгузорӣ ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

### Моддаи 780. Паймонкори асосӣ ва паймонкори фаръӣ

1. Агар аз қонун ё шартномаи паймонкорӣ уҳдадориҳои паймонкор вобаста ба шахсан иҷро намудани корҳои дар шартнома пешбинишуда барнаоянд, паймонкор ҳуқуқ дорад барои иҷрои як қисми уҳдадориҳои худ паймонкори фаръиро ҷалб кунад. Дар ин ҳолат паймонкор ба сифати паймонкори асосӣ баромад мекунад.

2. Паймонкори асосӣ дар назди паймонкори фаръӣ барои аз ҷониби фармоишгар иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои худ оид ба шартномаи паймонкорӣ ва дар назди фармоишгар барои оқибатҳои аз ҷониби

паймонкори фаръӣ иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои худ мутобиқи моддаи 464 ҳамин Кодекс ҷавобгар мебошад.

3. Фармоишгар ва паймонкори фаръӣ ҳуқуқ надоранд вобаста ба вайрон кардани шартномаҳое, ки ҳар кадоми онҳо бо паймонкори асосӣ бастааст, яке ба дигаре талабот пешниҳод кунад, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

4. Бо розигии паймонкори асосӣ фармоишгар ҳуқуқ дорад барои иҷрои корҳои алоҳида бо шахси дигар шартнома бандад. Дар чунин ҳолат шахси зикргардида барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби кор дар назди фармоишгар мустақиман ҷавобгар мебошад.

## Моддаи 781. Дар иҷрои кор иштирок намудани якчанд шахс

1. Агар аз ҷониби паймонкор ҳамзамон ду ё якчанд шахс баромад кунад, дар сурати тақсимнашаванда будани мавзуи уҳдадорӣ онҳо нисбат ба фармоишгар қарздорони муштарак дониста шуда, мувофиқан кредиторони муштарак эътироф карда мешаванд.

2. Ҳангоми тақсимшаванда будани мавзуи уҳдадорӣ, инчунин дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузорӣ ё шартнома ҳар яке аз шахсони дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинигардида нисбат ба фармоишгар дар доираи ҳиссаи худ ҳуқуқ ба даст меорад ва ҷавобгар мебошад (моддаи 370 ҳамин Кодекс).

## Моддаи 782. Муҳлати иҷрои корҳо

1. Дар шартномаи паймонкорӣ муҳлати ибтидоӣ ва ниҳоии иҷрои корҳо пешбинӣ мегардад. Бо мувофиқаи байни тарафҳо дар шартнома метавонад инчунин муҳлати хотимаи давраҳои алоҳидаи корҳо пешбинӣ гардад (муҳлатҳои фосилавӣ).

2. Паймонкор барои вайрон кардани муҳлати ибтидоӣ ва муҳлати ниҳоӣ, инчунин муҳлатҳои фосилавии иҷрои корҳо ҷавобгар мебошад, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

3. Муҳлатҳои ибтидоӣ, ниҳоӣ ва фосилавии корҳои иҷрошуда, ки дар шартнома пешбинӣ гардидаанд, тибқи ҳолат ва тартиби пешбининамудаи шартнома метавонанд тағйир дода шаванд.

4. Оқибатҳои гузарондани муҳлати иҷро, ки дар моддаи 466 ҳамин Кодекс пешбинӣ гардидаанд, ҳангоми вайрон кардани муҳлати ниҳоии иҷрои корҳо фаро мерасанд.

## Моддаи 783. Нархи корҳо

1. Дар шартномаи паймонкорӣ бояд нархи корҳои иҷрошаванда ё роҳҳои муайян кардани он нишон дода шаванд. Ҳангоми дар шартнома мавҷуд набудани чунин нишондод, нарх мутобиқи қисми 3 моддаи 486 ҳамин Кодекс аз ҷониби суд муқаррар карда мешавад.

2. Нарх дар шартномаи паймонкорӣ ҷуброни хароҷоти паймонкор ва подоши ба он марбутаро дар бар мегирад.

3. Нархи корҳо метавонад бо роҳи тартиб додани харҷнома муайян карда шавад.

4. Дар ҳолатҳое, ки кор мутобиқи харҷномаи тартибдодаи паймонкор анҷом дода мешавад, харҷнома аз лаҳзаи аз ҷониби фармоишгар тасдиқ шудани он дорои эътибор гардида, як ҷузъи шартнома ба ҳисоб меравад.

5. Нархи корҳо метавонад тахминӣ ё устувор бошад. Ҳангоми дар шартнома набудани нишондодҳои дигар нархи корҳо устувор ҳисобида мешавад.

6. Агар зарурати гузарондани корҳои иловагӣ ва аз ин сабаб моҳиятан баланд гардидани нархи кори тахминан муайянгардида ба миён ояд, паймонкор уҳдадор аст сари вақт фармоишгарро дар ин бора огоҳ созад. Фармоишгаре, ки ба баланд шудани нархи кор розӣ намебошад, ҳуқуқ дорад аз шартнома даст кашад. Дар ин ҳолат паймонкор метавонад барои иҷрои қисми кор аз фармоишгар пардохти нархи онро талаб намояд.

7. Паймонкоре, ки фармоишгарро сари вақт дар бораи зарурати баланд намудани нархи дар шартнома пешбинишуда огоҳ накардааст, уҳдадор аст пардохти корро тибқи нархе, ки дар шартнома муайян гардидааст, иҷро кунад.

8. Паймонкор ҳуқуқ надорад зиёд кардани нархи устувор ва фармоишгар бошад, паст кардани онро талаб намоянд, аз ҷумла дар ҳолатҳое, ки ҳангоми бастани шартнома имконияти пешбинӣ намудани ҳаҷми умумии корҳои иҷрошаванда ё хароҷоти барои он зарур истисно шуда бошад.

9. Баъди бастани шартнома дар сурати ба таври ҷиддӣ баланд шудани нархи мавод ва таҷҳизоте, ки бояд паймонкор фароҳам орад, инчунин боло рафтани нархи хизматрасонии шахси сеюм, паймонкор ҳуқуқ дорад баланд намудани нархи муқарраршударо талаб кунад ва дар сурати аз ҷониби фармоишгар рад намудани иҷрои талаботи он мутобиқи моддаи 517 ҳамин Кодекс бекор кардани шартномаро талаб намояд.

### Моддаи 784. Сарфакории паймонкор

1. Дар ҳолатҳое, ки хароҷоти воқеии паймонкор нисбат ба оне, ки ҳангоми муайян кардани нархи корҳо ба ҳисоб гирифта шудаанд, камтар бошанд, агар фармоишгар исбот карда натавонад, ки сарфаи бадастовардаи паймонкор ба сифати иҷрои кор таъсир расондааст, паймонкор ҳуқуқи худро барои пардохти кор, бо нархе, ки дар шартнома пешбинӣ шудааст, нигоҳ медорад.

2. Дар шартномаи паймонкорӣ метавонад тақсими сарфаи бадастовардаи паймонкор байни тарафҳо пешбинӣ карда шавад.

### Моддаи 785. Тартиби пардохти корҳо

1. Агар дар шартномаи паймонкорӣ пешпардохти иҷрои кор ё давраҳои алоҳидаи он пешбинӣ нагардида бошад, фармоишгар уҳдадор аст ба паймонкор баъди хотимаи кор, ба шарте ки кор ба таври дахлдор ва дар

мухлати мувофиқашуда ва ё бо розигии фармоишгар пеш аз мухлат ичро шуда бошад, маблағи қайду шартшударо пардохт намояд.

2. Паймонкор ҳуқуқ дорад ба андозаи дар шартнома зикргардида аз фармоишгар пешпардохт ё байъонаро дар ҳолатҳо ва ба андозаи пешбининамудаи қонун ё шартнома талаб намояд.

## Моддаи 786. Ҳуқуқи паймонкор барои нигоҳ доштан

Ҳангоми аз ҷониби фармоишгар ичро накардани уҳдадории пардохти нархи муқарраршуда ё маблағи дигаре, ки вобаста ба ичрои кор ба паймонкор тааллуқ дорад, паймонкор мутобиқи моддаҳои 416 ва 417 ҳамин Кодекс ҳуқуқ дорад натиҷаи кор, инчунин таҷҳизоти марбути фармоишгарро, ки барои коркарди ашё дода шудааст, боқимондаи маводи истифоданашуда ва дигар молу мулки дар наздаш бударо, то аз ҷониби фармоишгар пардохт кардани маблағи дахлдор, нигоҳ дорад.

## Моддаи 787. Ичрои кор бо истифодаи маводи фармоишгар

1. Паймонкор уҳдадор аст маводи фароҳамовардаи фармоишгарро боэҳтиёт истифода бурда, баъди ба итмом расондани кор оид ба масрафи мавод ҳисобот дода, бақияи онҳоро баргардонад ё бо розигии фармоишгар бо назардошти нархи маводи истифоданашудаи боқимонда нархи корро пасттар кунад.

2. Агар бо сабабҳои камбудии маводе, ки фармоишгар пешниҳод накардааст, натиҷаи кор ба даст наомада бошад ё натиҷаи бадастовардашуда дорои камбудие бошад, ки истифодаи онро тибқи таъиноти пешбининамудаи шартнома имконнопазир мегардонад ва ҳангоми дар шартнома мавҷуд набудани шарти дахлдор барои истифодаи одӣ номумкин аст, паймонкор ҳуқуқ дорад пардохти кори анҷомдодаашро талаб намояд.

3. Агар паймонкор исбот карда тавонад, ки ошкор кардани камбудии мавод ҳангоми ба таври дахлдор қабул кардани онҳо аз ҷониби паймонкор ғайриимкон буд, метавонад ҳуқуқҳои дар қисми 2 моддаи мазкур зикргардидаро татбиқ намояд.

## Моддаи 788. Ҷавобгарии паймонкор барои нигаҳдории молу мулки фароҳамовардаи фармоишгар

Паймонкор барои эмин нигоҳ доштани маводу таҷҳизоте, ки фармоишгар барои коркарди мавод фароҳам овардааст, инчунин молу мулки дигаре, ки вобаста ба ичрои шартномаи паймонкорӣ дар истифодаи паймонкор қарор гирифтаанд, ҷавобгар мебошад.

## Моддаи 789. Ҳуқуқи фармоишгар ҳангоми ичрои кор

1. Фармоишгар ҳуқуқ дорад ҳар вақт ҷараёни ичро ва сифати корро бе дахолат ба фаъолияти паймонкор санҷад.

2. Фармоишгар ҳуқуқ дорад аз шартнома даст кашад ва ҷуброни зиёнро талаб намояд, агар паймонкор сари вақт ба ичрои шартномаи паймонкорӣ оғоз

накунад ё корро тавре иҷро кунад, ки то муҳлати муқарраршуда анҷом додани он баръало имконнопазир гардад.

3. Агар ҳангоми иҷрои кор аён гардад, ки кор ба таври дахлдор анҷом дода намешавад, фармоишгар ҳуқуқ дорад ба паймонкор барои рафъи камбудиҳо муҳлати оқилона муайян намояд ва дар сурати аз ҷониби паймонкор дар муҳлати муайяншуда иҷро накардани ин талабот аз шартнома даст кашад ё барои ислоҳи кор аз ҳисоби паймонкор ба шахси дигар муроҷиат кунад, инчунин ҷуброни зиёнро талаб намояд.

4. Фармоишгар метавонад ҳар вақт, то ба он супоридани иҷрои кор, аз шартномаи паймонкорӣ даст кашад ва ба паймонкор қисми муқарраршудаи нархи корро, ки то гирифтани огоҳинома дар мавриди аз шартнома даст кашидани фармоишгар анҷом дода шудааст, пардохт намояд, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад. Фармоишгар инчунин уҳдадор аст ба паймонкор зиёнеро, ки вобаста ба қатъи шартнома расонда шудааст, ҷуброн намояд.

### Моддаи 790. Ҳолатҳое, ки паймонкор уҳдадор аст фавран фармоишгарро огоҳ намояд

1. Паймонкор уҳдадор аст фавран фармоишгарро огоҳ намояд ва то аз он гирифтани дастур корро ҳангоми ошкор намудани ҳолатҳои зерин қатъ кунад:

- корношоямӣ ё бесифатии мавод, таҷҳизот, ҳуҷҷатҳои техникӣ ё ашёи барои коркард пешниҳоднамудаи фармоишгар;

- имконпазирии оқибатҳои номусоид барои фармоишгар вобаста ба иҷрои супориш бо тарзи фармудаи он;

- ҳолатҳои дигари ба паймонкор вобастанабудае, ки ба коршоямӣ ё устувории натиҷаҳои иҷрои кор таҳдид мекунанд ё дар муҳлати муайянгардида анҷом додани корро ғайриимкон мегардонанд.

2. Паймонкоре, ки фармоишгарро дар бораи ҳолатҳои дар қисми 1 моддаи мазкур зикргардида огоҳ накардааст ё муҳлати оқилонаро, ки барои гирифтани ҷавоб ба огоҳонӣ зарур аст, мунтазир нашуда, корро идома додааст ё, сарфи назар аз огоҳонии саривақтии фармоишгар дар бораи боздоштани корҳо, фаъолиятро давом додааст, ҳуқуқ надорад ҳангоми нисбат ба он пешниҳод шудани талабот ё аз ҷониби он пешниҳод гаштани талаботи дахлдор ба фармоишгар ба ҳолатҳои зикргардида истинод кунад.

3. Агар фармоишгар, сарфи назар аз огоҳонии саривақтӣ ва асосноки паймонкор оид ба ҳолатҳои дар қисми 1 моддаи мазкур зикргардида, дар муҳлати оқилона маводи корношоям ё бесифатро иваз накунад, дастурро оид ба тарзи иҷрои кор тағйир надиҳад ё барои рафъи ҳолатҳое, ки ба коршоямӣ ё устувории корҳо таҳдид менамоянд, чораҳои зарурии дигар наандешад, паймонкор ҳуқуқ дорад аз шартнома даст кашад ва ҷуброни зиёни вобаста ба қатъи шартнома расондашударо талаб намояд.

### Моддаи 791. Аз ҷониби фармоишгар иҷро накардани уҳдадориҳои мутақобила оид ба шартномаи паймонкорӣ

1. Паймонкор, ҳангоме ки фармоишгар уҳдадориҳои худро оид ба шартномаи паймонкорӣ ба ҷо намеорад, аз ҷумла мавод, таҷҳизот, ҳуҷҷатҳои техникӣ ё ашёи барои коркард заруриро пешниҳод намекунад, ки ин барои аз ҷониби паймонкор иҷро намудани шартномаи паймонкорӣ монеъ мешавад, инчунин ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳое, ки баръало дар муҳлати муқарраршуда аз иҷро нагардидани ин уҳдадориҳо гувоҳӣ медиҳанд, ҳуқуқ дорад ба кор шуруъ накунад ё корҳои оғозгардидаро (моддаи 379 ҳамин Кодекс) қатъ намояд.

2. Агар дар шартномаи паймонкорӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳои дар қисми 1 моддаи мазкур зикргардида паймонкор ҳуқуқ дорад аз иҷрои шартнома даст кашад ва ҷуброни зиёни расондашударо талаб намояд.

## Моддаи 792. Мусоидати фармоишгар

1. Фармоишгар уҳдадор аст тибқи ҳолатҳо, ҳаҷм ва тартиби дар шартномаи паймонкорӣ пешбинигардида ба паймонкор дар иҷрои кор мусоидат намояд.

2. Ҳангоми аз ҷониби фармоишгар иҷро накардани ин уҳдадориҳо паймонкор ҳуқуқ дорад ҷуброни зиёни расондашуда, ҳамчунин хароҷоти иловагиро вобаста ба бекористӣ ё тамдиди муҳлати иҷрои кор, ё зиёд кардани арзиши корро талаб намояд.

3. Дар ҳолатҳое, ки дар натиҷаи амал ё камбудиҳои фармоишгар иҷрои кор вобаста ба шартномаи паймонкорӣ имконнопазир гардидааст, паймонкор ҳуқуқи худро дар бораи ба он пардохтани маблағи бо шартнома муқарраршуда бо назардошти қисми кори анҷомдодашуда нигоҳ медорад.

## Моддаи 793. Қабули корҳои иҷрошуда аз ҷониби фармоишгар

1. Фармоишгар уҳдадор аст дар муҳлат ва тартиби пешбининамудаи шартномаи паймонкорӣ бо иштироки паймонкор корҳои иҷрошударо аз назар гузаронад ва қабул кунад, ҳангоми ошкор намудани сарфи назар кардани шартҳои шартнома, ки корро бадтар мегардонанд, ё норасоиҳои дигар, дар ин хусус фавран ба паймонкор арз намояд.

2. Фармоишгар, ки камбудиҳои корро ҳангоми қабул ошкор намудааст, ҳуқуқ дорад ба онҳо танҳо дар ҳолате истинод намояд, агар дар санад ё ҳуҷҷати дигари тасдиққунандаи қабул ин норасоиҳо қайду шарт шудаанд ё имконияти минбаъд пешниҳод шудани талаб дар бораи рафъи онҳо зикр гардидааст.

3. Фармоишгар, ки корро бе санҷиш қабул кардааст, аз ҳуқуқи истинод ба камбудиҳо, ки метавонистанд ҳангоми тарзи одии қабули кор (камбудиҳои баръало) ошкор карда шаванд, маҳрум мегардад.

4. Фармоишгар, ки баъди қабули кор номутобиқатии онро ба шартнома ё камбудиҳои дигарро ошкор намудааст, ки ҳангоми тарзи одии қабул муайян намудани онҳо (камбудиҳои ноаён) ғайриимкон аст, аз ҷумла чунин камбудиҳое, ки қасдан аз ҷониби паймонкор пинҳон карда шудаанд, уҳдадор аст паймонкорро дар муҳлати оқилона огоҳ созад.

5. Ҳангоми пайдо шудани баҳс байни фармоишгар ва паймонкор вобаста ба камбудиҳои кори иҷрошуда ё сабабҳои он бо талаби ҳар кадоме аз тарафҳо санҷиш таъин кардан мумкин аст. Хароҷоти вобаста ба гузарондани санҷиш, ба истисnoи ҳолатҳое, ки агар санҷиш вайрон карда нашудани шартнома ё байни амали паймонкор ва камбудии ошкоршуда вуҷуд надоштани алоқамандиро муқаррар карда бошад, ба зиммаи паймонкор мебошад. Дар чунин ҳолатҳо хароҷоти гузарондани санҷишро тарафе анҷом медиҳад, ки таъини онро талаб кардааст ва агар санҷиш тибқи созишномаи тарафҳо гузаронда шуда бошад, аз ҷониби ҳар ду тараф баробар пардохт карда мешавад.

6. Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, ҳангоми саркашии фармоишгар аз қабули кори иҷрошуда паймонкор бо гузашти мухлати як моҳ аз рӯзе, ки бояд мувофиқи шартнома кор ба фармоишгар супорида шавад ва баъд аз ду маротиба огоҳ намудани он, ҳуқуқ дорад натиҷаи корро фурӯшад ва маблағи бадастовардаро бо аз ҳисоб баровардани ҳамаи пардохтҳои ба паймонкор тааллуқдошта ба амонат бо тартиби пешбининамудаи моддаи 378 ҳамин Кодекс ба номи фармоишгар гузаронад.

7. Агар саркашии фармоишгар аз қабули кори иҷрошуда боиси гузарондани мухлати супоридани кор гардида бошад, ҳуқуқи моликият ба ашёи тайёркардашуда (коркардшуда) аз лаҳзае, ки супоридани он сурат гирифтааст, ба фармоишгар гузашта эътироф карда мешавад.

## Моддаи 794. Сифати кор

1. Кори анҷомдодаи паймонкор бояд ба шартҳои шартнома мутобиқат намояд ва дар сурати мавҷуд набудани шарт ё комилан пурра набудани он ба талаботе, ки одатан ба чунин кори навъи дахлдор пешниҳод мегардад, ҷавобгӯ бошад. Агар дар қонунгузорӣ ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, иҷрои кор бояд:

- дар лаҳзаи супоридан ба фармоишгар дорои хосиятҳои дар шартнома пешбинигардида ё ба талаботи муайяни одатан пешниҳодшаванда ҷавоб диҳад;

- дар давоми мухлати оқилонаи қабул барои истифода тибқи таъиноти дар шартнома пешбинишуда коршоям бошад ва агар он дар шартнома пешбинӣ нагардида бошад, барои истифодаи чунин навъи корҳо муносиб бошад.

2. Агар тибқи қонун нисбат ба кори бо шартномаи паймонкорӣ иҷрошаванда талаботи ҳатмӣ пешбинӣ гардида бошад, паймонкори ба сифати соҳибкор баромадкунанда бояд корро бо риояи ҳамон талаботи ҳатмӣ анҷом диҳад.

3. Паймонкор метавонад вобаста ба шартнома ӯҳдадорӣ қабул намуда, иҷрои корро тавре анҷом диҳад, ки нисбат ба талаботи сифати дар талаботи ҳатмӣ муқаррааргардида баландтар бошад.

## Моддаи 795. Кафолати сифати кор

1. Ҳангоме, ки тибқи қонунгузорӣ ё шартнома, ё тибқи одатҳои муомилоти корӣ аз ҷониби паймонкор ба фармоишгар додани кафолати сифати кор пешбинӣ шуда бошад, паймонкор уҳдадор аст ба фармоишгар дар давоми тамоми муҳлати кафолат натиҷаи кореро, ки бояд ба талаботи қисми 1 моддаи 794 ҳамин Кодекс мутобиқ бошад, супорад.

2. Кафолати сифати натиҷаи кор, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, нисбат ба ҳамаи он ҷузъҳои таркибӣ, ки натиҷаи корро ташкил медиҳанд, татбиқ мегардад.

### Моддаи 796. Тартиби баҳисобгирии муҳлати кафолат

1. Агар дар шартномаи паймонкорӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, ҷараёни муҳлати кафолат аз лаҳзае, ки иҷрои кор қабул гардидааст ё мебоист аз ҷониби фармоишгар қабул гардад, оғоз меёбад.

2. Барои баҳисобгирии муҳлати кафолат тибқи шартномаи паймонкорӣ, агар дар қонунгузорӣ ё созишномаи тарафҳо тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад ё аз мушахассоти шартномаи паймонкорӣ барнаояд, мувофиқан қоидаҳои дар қисмҳои 2-4 моддаи 539 ҳамин Кодекс зикргардида татбиқ мешаванд.

### Моддаи 797. Ҷавобгарии паймонкор барои сифати номатлуби кор

1. Агар кор аз ҷониби паймонкор бо сарфи назар кардани шартҳои шартнома анҷом дода шуда бошад, ки боиси бад шудани натиҷаи кор гаштааст ё бо камбудиҳои дигар анҷом ёфтааст, ки истифодаи онро барои мақсади дар шартнома пешбинигардида корношоям сохтааст, ё ҳангоми дар шартнома мавҷуд набудани чунин шарт барои истифодаи муқаррарӣ ғайриимкон аст, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, фармоишгар ҳуқуқ дорад бо салоҳдиди худ аз паймонкор талаб кунад, ки:

- дар муҳлати оқилона камбудиҳои корро ройгон бартараф намояд;

- мувофиқан нархҳои барои кор муқаррargardidaro паст кунад;

- хароҷоташро барои рафъи камбудиҳо дар сурате, ки агар дар шартнома ҳуқуқи фармоишгар оид ба бартарафкунии камбудиҳо пешбинӣ гардида бошад, ҷуброн намояд.

2. Паймонкор ҳуқуқ дорад бар ивази рафъи камбудиҳои коре, ки барои онҳо он ҷавобгар мебошад, ройгон, бо ҷуброни зиёне, ки вобаста ба гузарондани муҳлати иҷрои кор расонда шудааст, аз нав корҳоро иҷро кунад. Дар ин сурат фармоишгар уҳдадор аст кори қаблии анҷомдодашударо, агар мувофиқи хусусияти кор чунин баргардондан имконпазир бошад, ба паймонкор баргардонад.

3. Агар сарфи назар кардан аз шарти шартнома ҳангоми кори иҷрошуда ё камбудиҳои дигари кор ҷиддӣ ё рафънопазир бошанд, ё дар муҳлати оқилонаи муқаррарнамудаи фармоишгар норасоиҳои ошкоргардида бартараф карда нашуда бошанд, фармоишгар ҳуқуқ дорад аз шартнома даст кашад ва ҷуброни зиёни расондашударо талаб намояд.

4. Шартҳои шартномаи паймонкорӣ дар бораи аз ҷавобгарӣ озод кардани паймонкор барои камбудиҳои дахлдор онро аз ҷавобгарӣ озод карда наметавонад, агар исбот шуда бошад, ки чунин камбудиҳо дар натиҷаи амал ё беамалии гунаҳкоронаи паймонкор ба вуқуъ пайвастаанд.

5. Паймонкор, ки барои корҳои иҷрошуда маводро пешниҳод намудааст, барои сифати онҳо тибқи қоидаҳо оид ба ҷавобгарии фурӯшанда барои молҳои дорои сифати номатлуб (моддаи 543 ҳамин Кодекс) ҷавобгар аст.

### Моддаи 798. Муҳлатҳои ошкор намудани сифати номатлуби натиҷаҳои кор

1. Агар дар қонун ё шартномаи паймонкорӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, фармоишгар ҳуқуқ дорад вобаста ба сифати номатлуби кор ба шарти дар муҳлати муқаррарнамудаи моддаи мазкур ошкор гардидани онҳо талабот пешниҳод кунад.

2. Дар сурате, ки барои натиҷаи кор муҳлати кафолат муқаррар нагардида бошад, талаботи вобаста ба камбудиҳои натиҷаи кор аз ҷониби фармоишгар ба шарти дар муҳлатҳои оқилона ошкор намудани онҳо, вале давоми ду сол аз рӯзи супоридани натиҷаи кор, агар дар қонун, шартнома ё одатҳои муомилоти корӣ муҳлати дигар муқаррар нашуда бошад, пешниҳод шуданаш мумкин аст.

3. Фармоишгар ҳуқуқ дорад вобаста ба камбудиҳои натиҷаи коре, ки дар ҷараёни муҳлати кафолат ошкор гардидаанд, талабот пешниҳод намояд.

4. Дар сурати муҳлати кафолати пешбининамудаи шартнома аз ду сол камтар будан ва норасоиҳои натиҷаи кор аз ҷониби фармоишгар пас аз гузашти муҳлати кафолат, вале дар доираи ду сол аз лаҳзаи пешбининамудаи қисми 5 моддаи мазкур ошкор гардидаанд, агар фармоишгар исбот карда тавонад, ки камбудиҳо то супоридани натиҷаи кор ба фармоишгар ё бо сабабҳое, ки то ин лаҳза рух додаанд, ба миён омадаанд, паймонкор ҷавобгар мешавад.

5. Агар дар шартномаи паймонкорӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, ҷараёни муҳлати кафолат (моддаи 796 ҳамин Кодекс) аз лаҳзае, ки натиҷаи ичрои кор қабул гардида буд ё мебоист аз ҷониби фармоишгар қабул гардад, оғоз меёбад.

6. Нисбат ба ҳисоби муҳлати кафолат тибқи шартномаи паймонкорӣ, агар дар қонунгузорӣ ё созишномаи тарафҳо тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад ё аз шартномаи паймонкорӣ барнаояд, мувофиқан қоидаҳои қисмҳои 2 ва 4 моддаи 539 ҳамин Кодекс истифода бурда мешаванд.

### Моддаи 799. Муҳлати даъво оид ба кори дорои сифати номатлуб

1. Муҳлати даъво барои талаботе, ки вобаста ба кори дорои сифати номатлуби тибқи шартномаи паймонкорӣ анҷомдодашуда ба миён омадаанд, мувофиқи моддаи 214 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад.

2. Муҳлати даъво барои талабот вобаста ба камбудиҳои бино, сохтмон, иншоот, агар ин камбудиҳо ҳангоми тарзи одии қабули кор ошкор шуданашон

ғайриимкон бошад, аз лаҳзаи ошкор шудани камбудиҳо се солро дар бар мегирад.

3. Агар дар қонун ё шартномаи паймонкорӣ аз ҷониби паймонкор додани кафолати сифати кор пешбинӣ шуда бошад, муҳлати кафолат муқаррар гардида бошад ва ариза дар мавриди камбудиҳои кор дар доираи муҳлати кафолат дода шуда бошад, ҷараёни муҳлати даъво аз рӯзи додани ариза дар бораи камбудиҳо оғоз меёбад.

4. Агар мутобиқи шартномаи паймонкорӣ кор аз ҷониби фармоишгар қисм ба қисм қабул карда шуда бошад, ҷараёни муҳлати даъво аз рӯзи пурра қабул кардани кор оғоз меёбад.

### Моддаи 800. Уҳдадории паймонкор дар бораи ба фармоишгар додани иттилоъ

Паймонкор уҳдадор аст якҷо бо натиҷаи кор ба фармоишгар иттилоеро диҳад, ки ба истифода ё навъи дигари истифодаи мавзуи шартнома дахл дорад, агар ин дар шартнома пешбинӣ гардида ё иттилоъ дорои хусусияте бошад, ки бе он истифодаи натиҷаҳои кор барои мақсадҳои дар шартнома зикргардида ғайриимкон аст.

### Моддаи 801. Маҳрамияти иттилои бадастовардаи тарафҳо

1. Агар тараф вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои худ оид ба шартнома аз ҷониби дигар дар бораи тасмим ва донишҳои техникӣ иттилое, аз ҷумла иттилое, ки аз ҳифзи ҳуқуқӣ бархурдор нест, инчунин иттилое, ки метавонад чун сирри тиҷоратӣ арзёбӣ гардад, ба даст оварда бошад, он ҳуқуқ надорад бе розигии тарафи дигар ба шахси сеюм иттилоъ диҳад.

2. Тартиб ва шартҳои истифодаи чунин иттилоъ тибқи шартномаи тарафҳо муайян карда мешаванд.

### Моддаи 802. Ба фармоишгар баргардондани мавод ва таҷҳизот

Дар ҳолатҳое, ки агар фармоишгар дар асоси қисми 2 моддаи 789 ё қисми 3 моддаи 797 ҳамин Кодекс аз шартномаи паймонкорӣ даст кашад, паймонкор уҳдадор аст мавод ва таҷҳизоти фароҳамовардаи фармоишгарро, ки барои коркарди ашё дода шудаанд ё молу мулки дигарро баргардонад ё онро ба шахси зикрнамудаи фармоишгар супорад ва агар иҷрои ин кор ғайриимкон гардида бошад, арзиши мавод, таҷҳизот ва дигар молу мулкро ҷуброн намояд.

### Моддаи 803. Оқибатҳои қатъи шартномаи паймонкорӣ то қабули натиҷаи кор

Дар сурати қатъ гардидани шартномаи паймонкорӣ, бо асосҳои пешбининамудаи қонун ё шартномаи паймонкорӣ то қабули натиҷаи кор аз ҷониби фармоишгар, ки паймонкор анҷом додааст (қисми 1 моддаи 793 ҳамин Кодекс), фармоишгар ҳуқуқ дорад ба он супоридани натиҷаи кори ба итмом расонданашударо бо ҷуброни хароҷоти кардаи паймонкор талаб намояд.

## §2. Паймонкории маишӣ

### Моддаи 804. Шартномаи паймонкории маишӣ

1. Мувофиқи шартномаи паймонкории маишӣ паймонкоре, ки фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳад, уҳдадор мешавад тибқи фармоиши шахси воқеӣ - фармоишгар фаъолияти муайянеро, ки барои қонеъ гардонидани талаботи маишӣ ё талаботи дигари шахсии фармоишгар таъин шудааст, анҷом диҳад ва фармоишгар бошад, уҳдадор мешавад корро қабул намуда, нархи онро пардохт намояд.

2. Шартномаи паймонкории маишӣ ба шартномаи оммавӣ (моддаи 488 ҳамин Кодекс) дохил мешавад.

3. Нисбат ба шартномаи паймонкории маишӣ, ки бо ҳамин Кодекс танзим нагардидааст, қонунгузорӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон татбиқ карда мешавад.

### Моддаи 805. Кафолати ҳуқуқи фармоишгар

1. Паймонкор ҳуқуқ надорад аз фармоишгар дохил намудани кор ва хизматрасонии иловагии музднокро ба шартномаи паймонкории маишӣ талаб намояд. Ҳангоми вайрон кардани ин талабот фармоишгар ҳуқуқ дорад аз пардохти кор ё хизматрасониҳои дахлдор даст кашад.

2. Фармоишгар ҳуқуқ дорад дар ҳар лаҳзаи то ба он супоридани кор аз шартномаи паймонкори маишӣ бо пардохти қисми нархи муқарраршуда барои кор, ки то гирифтани огоҳинома дар мавриди радди фармоишгар аз шартнома аз ҷониби паймонкор анҷом дода шудааст, даст кашад ва ба он хароҷоти то ин лаҳза бо мақсади иҷрои кор намудаашро, агар онҳо ба арзиши ҳамин қисми кор дохил нашуда бошанд, пардохт намояд. Шартҳои шартномае, ки фармоишгарро аз ин ҳуқуқ маҳрум месозанд, беоқибат мебошанд.

### Моддаи 806. Шакли шартнома

1. Агар дар қонунгузорӣ ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, аз ҷумла шартҳои шакли муайян ё шаклҳои дигари стандартӣ, шартномаи паймонкории маишӣ аз лаҳзаи аз ҷониби фармоишгар ба паймонкор супоридани расид ё ҳуҷҷати дигари тасдиқкунандаи бастани шартнома баимзорасида ҳисобида мешавад.

2. Мавҷуд набудани ҳуҷҷатҳои зикргардида фармоишгарро аз ҳуқуқи истинод ба нишондоди шоҳидон ҷиҳати тасдиқи далели бастани шартнома ё шартҳои он маҳрум намесозад.

### Моддаи 807. Офертаи оммавии корҳо

1. Нисбат ба реклама ва пешниҳоди дигари корҳое, ки тибқи шартномаи паймонкории маишӣ иҷро карда мешаванд, мувофиқан қоидаҳо дар мавриди офертаи оммавии молҳо, ки дар моддаи 561 ҳамин Кодекс зикр шудаанд, татбиқ мешаванд.

2. Ҳангоми ба фармоишгар супоридани кор паймонкор уҳдадор аст ба он оид ба талаботе, ки барои самаранок ва бехатар истифода бурдани ашёи таҳиягардида ё коркардашуда, ё корҳои дигари анҷомдодашуда риоя кардани онҳо зарур аст, инчунин оид ба оқибатҳои эҳтимолие, ки риоя накардани талаботи дахлдор ба худи фармоишгар ё шахси дигар таҳдид карда метавонад, иттилоъ диҳад.

3. Фармоишгар, агар дар натиҷаи аз паймонкор гирифтани иттилои нопурра ё беэътимод барои иҷрои кор шартнома баста бошад, ки дорои хосиятҳои дарназардоштаи фармоишгар намебошад, ҳуқуқ дорад бекор кардани шартномаи паймонкори маишӣ ва ҷуброни зиёнро талаб намояд.

## Моддаи 808. Ба фармоишгар додани иттилоъ оид ба кор

1. Паймонкор уҳдадор аст то бастани шартномаи паймонкории маишӣ ба фармоишгар оид ба корҳои пешниҳодшаванда, намуд ва мушаххасоти он, оид ба нарх ва шакли пардохт иттилои зарурӣ ва боэътимод диҳад, инчунин бо хоҳиши фармоишгар иттилои дигари марбут ба шартнома ва кори дахлдорро пешниҳод намояд.

2. Агар тибқи хусусияти кор иттилоъ аҳамиятнок бошад, паймонкор бояд ба фармоишгар шахси муайянро, ки ин корро анҷом медиҳад, нишон диҳад.

## Моддаи 809. Иҷрои кор бо маводи паймонкор

1. Агар кор оид ба шартномаи паймонкори маишӣ бо маводи паймонкор анҷом дода шавад, арзиши мавод ҳангоми бастани шартнома пурра ё қисме, ки дар шартнома нишон дода шудааст, бо ҳисоббаробаркунии ниҳоӣ баъди аз ҷониби фармоишгар аз паймонкор гирифтани натиҷаи кори иҷрошуда пардохт карда мешавад.

2. Мутобиқи шартномаи паймонкории маишӣ мавод метавонад ба паймонкор ба таври кредит, аз ҷумла бо шарти аз ҷониби фармоишгар давра ба давра пардохтани он, пешниҳод карда шаванд.

3. Тағйир ёфтани нархи маводе, ки паймонкор пешниҳод кардааст, баъди бастани шартнома боиси бозҳисобӣ шуда наметавонад.

## Моддаи 810. Иҷрои кор бо маводи фармоишгар

1. Агар кор оид ба шартномаи паймонкории маишӣ бо маводи фармоишгар анҷом дода шавад, дар расид ё ҳуҷҷати дигар, ки ҳангоми бастани шартнома паймонкор ба фармоишгар медиҳад, бояд номи дақиқ, тавсиф ва арзиши маводи тибқи созишномаи тарафҳо муқаррааргардида зикр карда шаванд.

2. Нархгузории мавод дар расид ё дигар ҳуҷҷати монанд метавонад минбаъд аз ҷониби фармоишгар дар суд бо роҳи пешниҳоди далелҳои хаттӣ мавриди баҳс қарор дода шавад.

## Моддаи 811. Нарх ва пардохти кор

1. Нархи кор дар шартномаи паймонкории маишӣ тибқи созишномаи тарафҳо муқаррар гардида, наметавонад аз нархи дар нархнома эълоннамудаи паймонкор болотар бошад.

2. Арзиши корро фармоишгар баъди аз ҷониби паймонкор пурра супоридани он пардохт менамояд.

3. Тибқи созишномаи тарафҳо кор метавонад аз ҷониби фармоишгар ҳангоми бастани шартнома пурра ё дар шакли додани пешпардохт пардохт карда шавад.

### Моддаи 812. Огоҳондани фармоишгар дар бораи шартҳои истифодаи кори иҷрошуда

Ҳангоми ба фармоишгар супоридани натиҷаи кор паймонкор ухдадор аст ба он оид ба талаботе, ки барои кори самаранок ва бехатари истифодаи натиҷаи кор риоя намудани онҳо зарур аст, инчунин аз оқибатҳои имконпазири риоя накардани талаботи дахлдор барои худи фармоишгар ва шахси дигар иттилоъ диҳад.

### Моддаи 813. Оқибатҳои ошкор намудани камбудиҳои иҷрои кор

1. Фармоишгар метавонад дар сурати ошкор намудани камбудиҳо ҳангоми қабули кор ё истифодаи ашёи паймонкорӣ дар мӯҳлатҳои умумии пешбининамудаи моддаи 793 ҳамин Кодекс ва ҳангоми мавҷуд будани мӯҳлати кафолат - дар давоми он, яке аз ҳуқуқҳои пешбининамудаи моддаи 797 ҳамин Кодексро истифода барад.

2. Талабот оид ба рафъи ройгони чунин камбудиҳои кори тибқи шартномаи паймонкории маишӣ анҷомдодашуда, ки метавонад ба ҳаёт ё саломатии худи фармоишгар ва шахси дигар таҳдид кунад, агар дар тартиби муайяннамудаи қонун мӯҳлати нисбатан бештаре (мӯҳлати хизмат) муқаррар нагардида бошад, аз ҷониби фармоишгар ё вориси ҳуқуқии он дар ҷараёни даҳ сол аз лаҳзаи қабули кор пешниҳод шуданаш мумкин аст. Чунин талаботро, сарфи назар аз он ки кай чунин камбудиҳо ошкор гардидаанд, аз ҷумла баъди хотимаи мӯҳлати кафолат ошкор шуданашон низ, пешниҳод намудан мумкин аст.

3. Ҳангоми аз ҷониби паймонкор иҷро нагардидани талаботи зикргардида фармоишгар ҳуқуқ дорад дар ҷараёни ҳамин мӯҳлат баргардондани қисми нархеро, ки барои кор супорида буд ё ҷуброни хароҷотеро, ки барои рафъи камбудиҳо бо қувваи худ ё бо кумаки шахси сеюм масраф кардааст, талаб намояд.

### Моддаи 814. Оқибатҳои ҳозир нашудани фармоишгар барои гирифтани кор

1. Дар сурати барои гирифтани кор ҳозир нашудани фармоишгар ё ба таври дигар аз қабули кор саркашӣ намудани он, паймонкор ҳуқуқ дорад ба таври хаттӣ фармоишгарро огоҳ намуда, бо гузаштани ду моҳ аз рӯзи огоҳонидан ашёи паймонкорро бо нархи оқилона фурӯшад ва маблағи аз фурӯш

бадастовардаашро, бо тарҳи ҳамаи маблағи пардохти ба он тааллуқдошта, бо тартиби пешбининамудаи моддаи 378 ҳамин Кодекс ба номи фармоишгар ба амонат гузаронад.

2. Дар ҳолатҳои дар қисми 1 моддаи мазкур зикргардида паймонкор метавонад бар ивази фурӯши объекти паймонкорӣ аз ҳуқуқи нигоҳ доштани ашё (моддаи 786 ҳамин Кодекс) истифода барад ё аз фармоишгар зиёни расондашударо рӯёнад.

### Моддаи 815. Ҳуқуқи фармоишгар дар ҳолати иҷрои номатлуб ё иҷро накардани кор тибқи шартномаи паймонкории маишӣ

Дар ҳолати иҷрои номатлуб ё иҷро накардани корҳо тибқи шартномаи паймонкории маишӣ фармоишгар метавонад аз ҳуқуқҳои мувофиқи моддаҳои 569-571 ҳамин Кодекс ба харидор додашуда истифода барад.

### Моддаи 816. Оқибатҳои вафоти яке аз тарафҳо дар шартнома

Ҳангоми қатъи шартномаи паймонкории маишӣ тибқи асосҳои пешбининамудаи моддаи 480 ҳамин Кодекс оқибатҳои қатъи шартнома мувофиқи созишномаи байни вориси ҳуқуқии тарафи дахлдор ва контрагенти он, дар сурати ба мувофиқа нарасидани онҳо аз ҷониби суд бо дарназардошти ҳаҷми кори анҷомдодашуда ва нархи он арзиши маводи масрафшуда ва боқимонда, инчунин ҳолатҳои дигари муҳим муайян карда мешаванд.

## §3. Паймонкорӣ дар сохтмон

### Моддаи 817. Шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон

1. Мувофиқи шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон паймонкор уҳдадор мешавад дар муҳлати муқаррарнамудаи шартнома тибқи супориши фармоишгар объекти муайян ё корҳои дигари сохтмониро анҷом диҳад ва фармоишгар уҳдадор мешавад барои паймонкор ҷиҳати иҷрои кор шароити зарурӣ фароҳам оварад, корро қабул кунад ва ба он нархи мувофиқашударо пардохт намояд.

2. Шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон барои сохтмон ё азнавсозии корхона, бино (аз ҷумла бинои истиқоматӣ), иншоот ё объектҳои дигар, инчунин барои корҳои иҷрошудаи васл, танзиму ба истифодадиҳӣ ва корҳои дигари ба ҳам алоқаманди иншооти бунёдшаванда баста мешавад. Агар ин дар шартнома пешбинӣ гардида бошад, паймонкор уҳдадор мешавад истифодаи иншоотро баъди қабули он аз ҷониби фармоишгар дар чараёни муҳлати дар шартнома зикргардида таъмин намояд.

3. Дар ҳолатҳое, ки агар тибқи шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон корҳо ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи маишӣ ё талаботи дигари шахсии шахси воқеӣ (фармоишгар) анҷом дода шаванд, нисбат ба чунин шартнома мувофиқан қоидаҳои параграфи 2 боби мазкур оид ба ҳуқуқҳои фармоишгар вобаста ба шартномаи паймонкории маишӣ татбиқ карда мешавад.

### Моддаи 818. Тақсими таваккал байни тарафҳо

1. Таваккали тасодуфан нобуд гардидан ё тасодуфан осеб дидани иншооти сохтмон, ки мавзуи шартномаи паймонкорӣ дар сохтмонро ташкил медиҳад, то лаҳзаи аз ҷониби фармоишгар қабул гардидани иншоот ба зиммаи паймонкор мебошад.

2. Агар иншооти сохтмон то қабули он аз ҷониби фармоишгар бо сабаби бесифатии маводи фароҳамовардаи фармоишгар (ҷузъиёт, конструксияҳо) ё таҷҳизот, ё иҷрои нодурусти супориши фармоишгар нобуд гардида ё осеб дида бошад, паймонкор ҳуқуқ дорад пардохти тамоми арзиши дар харҷнома пешбинишудаи корҳоро бо шарти он, ки он ӯҳдадориҳои пешбининамудаи моддаи 790 ҳамин Кодексро иҷро кардааст, талаб намояд.

### Моддаи 819. Ҷавобгарӣ барои бехатарии корҳои анҷомдодашаванда

Ҷавобгарӣ барои бехатар анҷом додани корҳо ба зиммаи паймонкор гузошта мешавад.

### Моддаи 820. Суғуртаи иншооти сохташаванда

1. Паймонкор ӯҳдадор аст аз ҳисоби худ иншоот ё маҷмаи корҳоеро, ки дар шартнома пешбинӣ шудааст, агар дар шартнома тартиб ва шарти дигар аз ҷониби тарафҳо муқаррар нагардида бошад, суғурта кунад.

2. Тарафе, ки ба зиммаи он ӯҳдадории суғурта гузошта шудааст, бояд ба тарафи дигар бо тартиби пешбининамудаи шартнома далели аз ҷониби он бастани шартномаи суғуртаро мутобиқи шартҳои шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон, аз ҷумла маълумотро дар бораи суғуртакунанда, маблағи суғурта ва таваккалҳои суғурташуда, пешкаш намояд.

### Моддаи 821. Ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ

1. Паймонкор ӯҳдадор аст сохтмон ва корҳои вобаста ба онро тибқи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ, ки ҳаҷм, муҳтавои корҳо ва талаботи дигари ба кор алоқаманд ва харҷномаи арзиши корро муайян менамояд, анҷом диҳад.

2. Паймонкоре, ки дар ҷараёни сохтмон корҳои дар ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ зикрнагардида ва вобаста ба ин зарурати корҳои иловагӣ ва зиёд кардани арзиши харҷномавии сохтмонро ошкор менамояд, бояд дар ин хусус ба фармоишгар иттилоъ диҳад. Дар сурати дар давоми даҳ рӯз аз фармоишгар нагирифтани ҷавоб ба иттилои ирсолгардида, агар дар қонун ё шартнома барои ин муҳлати дигар пешбинӣ нагардида бошад, паймонкор ӯҳдадор аст корҳои дахлдорро боздорад ва зиёни вобаста ба бекористӣ расондашударо аз ҳисоби фармоишгар ҷуброн намояд. Фармоишгар, агар исбот карда тавонад, ки ба гузарондани корҳои иловагӣ зарурат нест, аз ҷуброни чунин зиён озод карда мешавад.

3. Паймонкоре, ки ӯҳдадориҳои муқаррарнамудаи қисми 2 моддаи мазкурро иҷро накардааст, аз ҳуқуқи аз фармоишгар талаб кардани пардохти корҳои иловагии анҷомдодашуда ва зиёни вобаста ба он расондашуда маҳрум мегардад.

## Моддаи 822. Ворид намудани тағйирот ба ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ

1. Фармоишгар ҳуқуқ дорад ба ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ, ки ба хароҷоти иловагии паймонкор алоқаманд нестанд, ворид намудани тағйиротро талаб намояд.

2. Тағйир додани ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ, ки хароҷоти иловагии паймонкорро талаб мекунад, аз ҳисоби фармоишгар дар асоси харҷномаи иловагии аз ҷониби тарафҳо мувофиқашуда анҷом дода мешавад.

3. Паймонкор, агар бо сабабҳои ба он вобастанабуда арзиши корҳо нисбат ба он, ки дар харҷнома пешбинӣ шудааст, на камтар аз даҳ фоиз афзуда бошад, ҳуқуқ дорад мутобиқи моддаи 516 ҳамин Кодекс аз нав дида баромадани харҷномаро талаб кунад.

4. Паймонкор ҳуқуқ дорад ҷуброни хароҷоти оқилонаеро, ки вобаста ба муқаррар намудан ва рафъи нуқсонҳои ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ расонда шудааст, талаб намояд.

## Моддаи 823. Таъмини моддии корҳо

1. Уҳдадории бо мавод, аз ҷумла ҷузъиёт ва конструксияҳо, инчунин бо таҷҳизот таъмин намудани сохтмон ба ухдаи паймонкор вогузошта мешавад, агар дар шартнома таъмини моддии сохтмон пурра ё қисми он аз ҷониби фармоишгар пешбинӣ нагардида бошад.

2. Паймонкоре, ки ба зиммааш таъминоти моддии сохтмон гузошта шудааст, таваккали ошкор намудани имконнопазирии истифода бурдани мавод (ҷузъиёт ва конструксияҳо) ё таҷҳизоти пешниҳодшударо бе бад гардонидани сифати корҳои иҷрошуда ба ухда дорад.

3. Дар сурати ошкор намудани имконнопазирии истифодаи мавод (ҷузъиёт ва конструксияҳо) ё таҷҳизоти фароҳамовардаи фармоишгар бе бад гардонидани сифати корҳои иҷрошуда паймонкор уҳдадор аст аз фармоишгар дар мухлати оқилона бартараф кардани онҳоро талаб намояд ва агар ин талаб иҷро нагардад, паймонкор ҳуқуқ дорад аз шартнома даст кашида, аз фармоишгар талаб намояд, ки арзиши шартномаро мутаносибан ба иҷрои қисми кор, инчунин ҷуброни зиёнеро, ки бо ин маблағ пӯшонида нашудааст, талаб намояд.

## Моддаи 824. Пардохти корҳо

1. Пардохт барои корҳои иҷрошуда аз ҷониби фармоишгар тибқи андозаи дар харҷнома пешбинишуда, дар мухлат ва бо тартибе, ки қонун ё шартнома пешбинӣ намудааст, анҷом дода мешавад. Ҳангоми дар қонун ё шартнома мавҷуд набудани супориши дахлдор пардохт барои корҳои анҷомдодаи паймонкор мутобиқи моддаи 785 ҳамин Кодекс сурат мегирад.

2. Ҳангоми иҷро шудани корҳои сохтмонӣ бо шарти "супоридани калид" (хотимаи пурра) нархи дар шартнома зикргардида аз ҷониби фармоишгар пас аз қабули иншоот дар ҳаҷми пурра пардохт карда мешавад.

### Моддаи 825. Пешниҳоди қитъаи замин барои сохтмон

Фармоишгар ухдадор аст барои сохтмон сари вақт қитъаи заминро пешниҳод намояд. Майдон ва ҳолати қитъаи замин барои сохтмон бояд ба шартҳои пешбининамудаи шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон мувофиқ бошанд ва ҳангоми дар шартнома набудани чунин нишондод майдон ва ҳолати қитъаи замин бояд оғози саривақтии кор, пешбурди муътадил ва дар мухлати муайянгардида анҷом додани корро таъмин намоянд.

### Моддаи 826. Ухдадории иловагии фармоишгар дар шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон

Фармоишгар ухдадор аст тибқи ҳолат ва тартиби пешбининамудаи шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон ба паймонкор ҷиҳати анҷом додани кор барои истифода бино ва иншооти заруриро супорида, ба унвонии он ҳамлу нақли бор, гузарондани хатҳои муваққатии шабакаи барқ, об, буғгузаронӣ ва ғайраро таъмин намояд.

### Моддаи 827. Аз ҷониби фармоишгар тибқи шартнома назорат кардан ва санҷидани иҷрои кор

1. Фармоишгари шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон ҳуқуқ дорад назорат ва санҷиши ҷараёни кор ва сифати он, риояи мухлати иҷро (нақша), сифати маҳсулоти фароҳамовардаи паймонкор, инчунин дурустии аз ҷониби паймонкор истифода бурдани маводи фармоишгарро анҷом дода, вале ҳамзамон ба фаъолияти оперативию хоҷагидории паймонкор дахолат накунад.

2. Фармоишгар, ки ҳангоми анҷом додани назорат ва санҷиши ҷараёни иҷрои кор риоя накардани шарти шартномаро, ки метавонад боиси паст шудани сифати кор гардад ё камбудиҳои дигарро ошкор намудааст, ухдадор аст фавран паймонкорро огоҳ созад. Фармоишгаре, ки чунин арзро пешниҳод накардааст, минбаъд ҳуқуқи худро ба истинод ба камбудиҳои ошкоргардида аз даст медиҳад.

3. Паймонкор ухдадор аст дастурҳои дар ҷараёни сохтмон аз фармоишгар гирифтаашро, агар ин дастурҳо хилофи шартҳои шартнома набошанд, иҷро кунад.

4. Фармоишгар бо мақсади анҷом додани назорат ва санҷиши ҷараёни кор бе розигии паймонкор мустақилона метавонад бо бастани шартномаи алоҳида аз хизматҳои муҳандис ё ташкилоти муҳандисӣ истифода барад. Дар ин ҳолат дар шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон ваколатҳои чунин муҳандис ё ташкилоти муҳандисӣ ва оқибатҳои амали он барои паймонкор муайян карда мешаванд.

### Моддаи 828. Ҳамкории тарафҳо дар шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон

1. Агар ҳангоми амалисозии сохтмон ва корҳои вобаста ба он барои иҷрои матлуби шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон монеаҳо ошкор гарданд, ҳар кадоме аз тарафҳо ухдадор аст барои рафъи чунин монеаҳо тадбирҳои оқилонаи ба онҳо вобастаро андешад. Тарафе, ки ин ухдадориро иҷро

накардааст, аз ҳуқуқи худ барои ҷуброни зиёни вобаста ба рафъ накардани камбудиҳои дахлдор маҳрум мегардад.

2. Хароҷоти ба иҷрои уҳдадориҳо вобастаи тарафҳо, ки дар қисми 1 моддаи мазкур нишон дода шудаанд, дар ҳолатҳои пешбининамудаи шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон аз ҷониби тарафи дигар ҷуброн карда мешавад.

### Моддаи 829. Уҳдадории паймонкор оид ба ҳифзи муҳити зист ва бехатарии пешбурди корҳои сохтмонӣ

1. Паймонкор уҳдадор аст ҳангоми анҷом додани сохтмон ва корҳои вобаста ба он талаботи қонунгузорӣ оид ба ҳифзи муҳити зист ва бехатарии пешбурди корҳои сохтмониро риоя намояд ва барои вайрон кардани ин талабот ҷавобгар мебошад.

2. Паймонкор ҳуқуқ надорад дар ҷараёни кор мавод (ҷузъиёт ва конструксияҳо) ва таҷҳизоти фароҳамовардаи фармоишгарро истифода барад ё супоришҳои онро иҷро кунад, агар ин боиси вайрон кардани талаботи ҳатмӣ барои тарафҳо оид ба ҳифзи муҳити зист ва пешбурди бехатари корҳои сохтмонӣ гардад.

### Моддаи 830. Уҳдадории тарафҳо ҳангоми муваққатан мавқуф гузоштани сохтмон

Агар бо сабабҳои ба тарафҳо алоқаманднабуда корҳои вобаста ба шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон боздошта шуда бошанд ва иншооти сохтмон муваққатан мавқуф гузошта шуда бошад, фармоишгар уҳдадор аст корҳои то лаҳзаи муваққатан мавқуф гузошта шудан иҷрошударо ба паймонкор дар ҳаҷми пурра пардохт намояд, инчунин хароҷоти бо зарурати қатъи кор ва муваққатан мавқуф гузошта шудани сохтмон масрафшударо бо ҳисоби фоидае, ки паймонкор мегирифт ё метавонист дар натиҷаи қатъи корҳо ба даст орад, ҷуброн намояд.

### Моддаи 831. Супоридан ва қабули кор

1. Фармоишгар, ки иттилои паймонкорро дар бораи омодагӣ барои супоридани кори тибқи шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон анҷомдодашуда ё давраи кори дар шартнома пешбинигардида гирифтааст, уҳдадор аст фавран ба қабули он шуруъ намояд.

2. Фармоишгар, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, қабули корро аз ҳисоби худ ташкил ва анҷом медиҳад. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ дар қабули кор бояд намояндагони мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иштирок намоянд.

3. Фармоишгар, ки давраҳои алоҳидаи корро пешакӣ қабул намудааст, таваккали нобуд гардидан ё осеб дидани сохтмонро, ки бо айби паймонкор сурат нагирифтааст, аз ҷумла дар ҳолатҳое, ки дар шартнома иҷрои корҳо тибқи таваккали паймонкор пешбинӣ гардидааст, ба зимма дорад.

4. Аз ҷониби паймонкор супоридани кор ва қабули он аз ҷониби фармоишгар бо санаде, ки ҳар ду тараф имзо намудаанд, ба расмият даровარда

мешавад. Ҳангоми аз имзои санад саркашӣ намудани яке аз тарафҳо ин ҳолат дар санад сабт гардида, он аз ҷониби тарафи дигар имзо карда мешавад. Санади яктарафа супоридан ва ё қабул кардани кор метавонад аз ҷониби суд танҳо дар мавриде, ки агар ангезаи рад намудани гузоштани имзо ба санад аз ҷониби суд беасос ҳисобида шавад, ғайриқонунӣ эътироф гардад.

5. Дар ҳолатҳое, ки агар ин дар қонун ё дар шартнома пешбинӣ гардида бошад ё аз хусусияти коре, ки тибқи шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон анҷом дода мешавад, ба миён ояд, пеш аз қабули кор бояд озмоиши пешакии он сурат гирад. Дар ин ҳолат қабули кор танҳо баъди натиҷаи мусбати озмоиши пешакӣ мумкин аст анҷом дода шавад.

6. Фармоишгар дар ҳолати ошкор намудани камбудиҳое, ки имконияти истифодаи онро тибқи мақсадҳои дар шартнома зикргардида ғайриимкон мегардонад ва аз ҷониби паймонкор, фармоишгар ё шахси сеюм бартараф карда намешаванд, ҳуқуқ дорад аз қабули кор даст кашад.

## Моддаи 832. Ҷавобгарии паймонкор барои сифати кор

1. Паймонкор барои риоя накардани талаботи пешбининамудаи шартнома, лоиҳаи техникӣ, меъёр ва қоидаҳои сохтмонии барои ҳар ду тараф ҳатмӣ, инчунин барои ноил нагардидан ба нишондиҳандаҳои дар ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ пешбинигардидаи ҳаҷми сохтмон, аз ҷумла ба монанди иқтидори истеҳсолии корхона, дар назди фармоишгар ҷавобгар мебошад.

2. Ҳангоми таҷдид (навсозӣ, бозсозӣ, таъмир)-и бино ё иншоот барои кам кардан ё аз даст додани пойдорӣ, устуворӣ ва эътимоднокии бино, иншоот ё як қисми он паймонкор ҷавобгариро ба зимма дорад.

3. Паймонкор барои бе розигии фармоишгар ба таври ночиз сарфи назар кардани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ, ки ба манфиатҳои муҳимми фармоишгар дахолат намекунад, ҷавобгар нест.

## Моддаи 833. Кафолати сифат дар шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон

1. Агар дар шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, паймонкор ба даст овардани нишондиҳандаҳои дар ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ зикргардидаро дар иншооти сохтмон ва барои тамоми муҳлати кафолат имконияти истифода бурдани иншоот тибқи шартнома кафолат медиҳад. Агар дар қонун ё шартнома муҳлати дигари кафолат муқаррар нагардида бошад, муҳлати кафолат аз рӯзи қабули иншоот аз ҷониби фармоишгар даҳ солро дар бар мегирад.

2. Паймонкор барои камбудиҳои дар давраи муҳлати кафолат ошкоргардида ҷавобгар мебошад, агар исбот карда натавонад, ки камбудиҳо дар натиҷаи муътадил фарсуда шудани иншоот ё як қисми он, аз истифодаи нодуруст ё нишондодҳои нодурусти вобаста ба истифодаи он, ки худи фармоишгар ё шахси сеюми ҷалбкардаи он таҳия намудаанд, таъмири номатлуби иншоот, ки худи фармоишгар анҷом додааст ё бо ҷалби шахси сеюм иҷро кардааст, ба вуҷуд омадаанд.

3. Ҷараёни муҳлати кафолат барои тамоми вақте, ки дар давоми он иншоот дар натиҷаи камбудиҳо (норасоиҳо ва номукаммалӣ) истифода бурда нашудааст ва барои он паймонкор ҷавобгар аст, канда мешавад.

4. Дар ҳолати дар ҷараёни муҳлати кафолат ошкор намудани камбудиҳои дар моддаи 832 ҳамин Кодекс пешбинишуда фармоишгар уҳдадор аст дар муҳлати оқилонаи баъди ошкор кардани онҳо ба паймонкор арз кунад.

## Моддаи 834. Муҳлатҳои ошкор намудани сифати номатлуби корҳои сохтмон

Ҳангоми пешниҳоди талаботи вобаста ба сифати номатлуби иҷрои кор қоидаҳои пешбининамудаи моддаи 798 ҳамин Кодекс татбиқ мешаванд. Ҳамзамон муҳлати ниҳоии ошкор сохтани камбудиҳо мутобиқи моддаи 798 ҳамин Кодекс панҷ солро дар бар мегирад.

## Моддаи 835. Бартараф намудани камбудиҳо аз ҳисоби фармоишгар

1. Дар шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон муқаррар намудани уҳдадории паймонкор оид ба бартараф намудани камбудиҳо, ки барои онҳо паймонкор ҷавобгар нест, ки бо талаби фармоишгар ва аз ҳисоби он анҷом дода мешавад, мумкин аст.

2. Паймонкор ҳуқуқ дорад иҷрои корҳои дар қисми 1 моддаи мазкур муқарраршударо рад намояд, дар мавриде, ки онҳо ба мавзуи шартнома бевосита алоқаманд нестанд ё бо сабабҳои ба он новобаста аз ҷониби паймонкор иҷро шуда наметавонанд.

## Моддаи 836. Товони зарари маънавӣ тибқи шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон

1. Зарари маънавие, ки ба шахси воқеӣ - фармоишгар дар натиҷаи аз ҷониби паймонкор вайрон кардани ҳуқуқҳои он расонда шудааст, дар сурати мавҷуд будани гуноҳ аз ҷониби паймонкор товон карда мешавад.

2. Андозаи товони зарари маънавӣ, агар дар қонунгузорӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, аз ҷониби суд муқаррар карда мешавад.

### §4. Паймонкорӣ дар корҳои лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯйӣ

## Моддаи 837. Шартномаи паймонкорӣ дар корҳои лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯйӣ

Тибқи шартнома дар корҳои лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯйӣ паймонкор (лоиҳакаш, ҷустуҷӯкунанда) уҳдадор мешавад бо супориши фармоишгар санадҳои лоиҳавию харҷномавӣ ва (ё) корҳои ҷустуҷӯйиро анҷом диҳад ва фармоишгар уҳдадор мешавад онҳоро қабул карда, ҳаққи корро пардохт намояд.

## Моддаи 838. Иттилои заминавӣ дар корҳои лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯйӣ

1. Тибқи шартномаи паймонкорӣ дар корҳои лоиҳакашию ҷустуҷӯйӣ фармоишгар уҳдадор аст ба паймонкор дар мавриди лоиҳакашӣ супориш диҳад, инчунин дигар иттилои заминавии барои таҳияи ҳуҷҷатҳои лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯйӣ заруриро пешниҳод намояд. Супориши лоиҳакаширо бо дархости фармоишгар метавонад паймонкор иҷро намояд. Дар ин ҳолат чунин супориш аз лаҳзаи аз ҷониби фармоишгар тасдиқ шуданаш барои тарафҳо ҳатмӣ мебошад.

2. Паймонкор уҳдадор аст талаботи дар супориш ва иттилои заминавии барои лоиҳакашӣ ва корҳои иҷрошудаи ҷустуҷӯйӣ мавҷударо риоя намуда, танҳо бо розигии фармоишгар талаботи онро сарфи назар кунад.

## Моддаи 839. Уҳдадориҳои фармоишгар

Тибқи шартномаи паймонкорӣ дар корҳои лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯйӣ, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, фармоишгар уҳдадор аст:

- ба паймонкор баъди анҷом додани ҳамаи корҳо ё қисми ба қисм баъди анҷом додани давраҳои алоҳидаи кор нархи муқарраршударо пардохт намояд;

- ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавиро, ки аз паймонкор гирифтааст, танҳо барои мақсадҳои дар шартнома пешбинигардида истифода барад;

- ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавиро ба шахси сеюм надиҳад ва бе розигии паймонкор иттилои дар онҳо зикргардидаро ошкор накунад;

- ба паймонкор дар иҷрои корҳои лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯйӣ тибқи андоза ва шартҳои пешбининамудаи шартнома хизмат расонад;

- якҷо бо паймонкор дар корҳои бо мақомоти иҷроияи салоҳиятдори марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба мувофиқа расондани ҳуҷҷатҳои лоиҳакашию ҷустуҷӯйии омодашуда иштирок намояд;

- ба паймонкор хароҷоти иловагиро вобаста ба тағйир ёфтани иттилооти заминавӣ барои лоиҳакашӣ ва корҳои ҷустуҷӯйӣ, ки дар натиҷаи ҳолатҳои ба паймонкор алоқаманднабуда ба миён омадаанд, ҷуброн намояд;

- паймонкорро ба парванда оид ба даъвое, ки шахси сеюм нисбат ба фармоишгар вобаста ба камбудиҳои ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ё корҳои иҷрошудаи ҷустуҷӯйӣ пешниҳод намудааст, ҷалб кунад.

## Моддаи 840. Уҳдадориҳои паймонкор

1. Тибқи шартномаи паймонкорӣ дар иҷрои корҳои лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯйӣ паймонкор уҳдадор аст:

- корҳоро мутобиқи супориш ва иттилои заминавӣ оид ба лоиҳакашӣ ва шартнома анҷом диҳад;

- ҳуҷҷатҳои таҳиягардидаи техникиро бо фармоишгар ва ҳангоми зарурат якҷоя бо фармоишгар бо мақомоти иҷроияи салоҳиятдори марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба мувофиқа расонад;

- ба фармоишгар ҳуҷҷатҳои тайёри техникӣ ва натиҷаи корҳои ҷустуҷӯйиро супорад.

2. Паймонкор ҳуқуқ надорад ҳуҷҷатҳои техникиро бе розигии фармоишгар ба шахси сеюм супорад.

3. Паймонкор оид ба шартномаи паймонкорӣ дар мавриди корҳои иҷрошудаи лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯйӣ ба фармоишгар мавҷуд набудани ҳуқуқи шахси сеюмро барои монеъ шудан ба иҷрои корҳо ё маҳдуд сохтани иҷрои онҳоро дар асоси ҳуҷҷатҳои техникии таҳиянамудаи паймонкор кафолат медиҳад.

### Моддаи 841. Ҷавобгарии паймонкор барои камбудиҳои ҳуҷҷатҳо ва корҳо

1. Паймонкор мутобиқи шартномаи паймонкорӣ дар корҳои лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯйӣ барои камбудиҳои ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ ва ҷустуҷӯйӣ, аз ҷумла камбудиҳое, ки дар ҷараёни сохтмон, инчунин дар ҷараёни истифодаи объекти дар асоси ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ ва иттилои корҳои ҷустуҷӯйӣ таҳиягардида ошкор шудаанд, ҷавобгар мебошад .

2. Ҳангоми ошкор намудани камбудиҳо дар ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ ё корҳои ҷустуҷӯйӣ, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, паймонкор бо талаби фармоишгар уҳдадор аст ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавиро ройгон аз нав таҳия намояд ва мувофиқан ба таври иловагӣ корҳои зарурии ҷустуҷӯйиро анҷом диҳад, инчунин ба фармоишгар зиёни расондашударо ҷуброн намояд.

## §5. Корҳои паймонкорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ

### Моддаи 842. Шартномаи иҷрои корҳои паймонкорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ

1. Корҳои паймонкорӣ дар сохтмон (моддаи 817 ҳамин Кодекс), корҳои лоиҳавӣ ва ҷустуҷӯйӣ (моддаи 837 ҳамин Кодекс), ки барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти давлатӣ нигаронида шудаанд, дар асоси шартномаҳои дахлдори хариди давлатӣ анҷом дода мешаванд.

2. Мувофиқи шартномаи иҷрои корҳои паймонкорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ паймонкор уҳдадор мешавад корҳои сохтмонӣ, лоиҳакашӣ ва корҳои дигари вобаста ба сохтмон ва таъмири иншооти дорои хусусияти истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолиро анҷом диҳад ва онро ба ташкилоти харидор супорад, ташкилоти харидор бошад уҳдадор мешавад, ки корҳои иҷрошударо қабул намуда, арзиши онҳоро пардохт намояд.

### Моддаи 843. Тарафҳои шартномаи иҷрои корҳои паймонкорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ

1. Ба сифати паймонкор шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти харидор ҳамчун тарафи эҳтимолӣ ё мушаххаси шартномаи иҷрои корҳои паймонкорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ вориди робита мегардад, баромад мекунад.

2. Мувофиқи шартномаи иҷрои корҳои паймонкорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ ба сифати фармоишгар ташкилотҳои харидориштирокдорони хариди давлатӣ, ки ба талаботи қонун дар бораи хариди давлатӣ ҷавобгӯ мебошанд, амал карда метавонанд.

### Моддаи 844. Асосҳо ва тартиби бастани шартномаи иҷрои корҳои паймонкорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ

Асосҳо ва тартиби бастани шартномаи иҷрои корҳои паймонкорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ тибқи қонунгузорӣ муайян карда мешаванд.

### Моддаи 845. Мазмуни шартномаи иҷрои корҳои паймонкорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ

1. Шартномаи иҷрои корҳои паймонкорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ бояд шартҳоро оид ба ҳаҷм ва арзиши корҳои иҷрошаванда, санаи оғоз ва анҷоми он, андоза ва тартиби маблағгузорӣ ва пардохти корҳо, тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳои тарафҳоро дар бар гирад.

2. Шартҳои шартномаи иҷрои корҳои паймонкорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ бояд ба шартҳои эълоншудаи хариди давлатӣ мутобиқ бошанд.

### Моддаи 846. Тағйир додани шартномаи иҷрои корҳои паймонкорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ

1. Ҳангоми аз ҷониби мақомоти давлатӣ бо тартиби муқарраршуда кам намудани маблағҳои буҷети дахлдор, ки барои маблағгузории корҳои паймонкорӣ ҷудо шуда буданд, тарафҳо бояд мӯҳлати нав ва агар зарур бошад, шартҳои дигари иҷрои корро ба мувофиқа расонанд.

2. Дар ин маврид паймонкор ҳуқуқ дорад аз фармоишгари марбута ҷуброни зиёни дар натиҷаи тағйир додани мӯҳлати иҷрои корҳо расидаро талаб намояд.

3. Дар мавридҳои муқаррарнамудаи қонун тағйир додани шартҳои шартномаи иҷрои корҳои паймонкорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ бо тартиби яктарафа ё бо созишномаи тарафҳо, ки ба ҳолатҳои дар қисми 1 моддаи мазкур муайяншуда алоқаманд намебошанд, имконпазир аст.

### Моддаи 847. Танзими махсуси иҷрои корҳои паймонкорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ

Нисбати муносибатҳо оид ба иҷрои корҳои паймонкорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ қоидаҳои қонуни хариди давлатӣ татбиқ мешаванд.

## БОБИ 42. КОРҲОИ ИЛМИЮ ТАДҚИҚОТӢ, ТАҶРИБАВИЮ КОНСТРУКТОРӢ ВА ТЕХНОЛОГӢ

### Моддаи 848. Шартномаҳо барои корҳои илмию тадқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ

1. Тибқи шартнома барои корҳои илмию тадқиқотӣ иҷрокунанда уҳдадор мешавад тадқиқоти илмии бо супориши фармоишгар қайдушартшударо анҷом диҳад ва тибқи шартномаи таҷрибавию конструкторӣ ва корҳои технологӣ бошад, намунаи маҳсулоти нав, ҳуҷҷатҳои конструктории он, технологияи навро таҳия намояд ва ё намунаи нав созад ва фармоишгар уҳдадор мешавад корро қабул кунад ва арзиши онро пардохт намояд.

2. Шартнома бо иҷрокунанда метавонад ҳам тамоми давраҳои гузарондани тадқиқот, таҳия ва тайёр кардани намунаҳо ва ҳам унсурҳои алоҳидаи онҳоро дар бар гирад.

## Моддаи 849. Иҷрои кор

1. Иҷрокунанда уҳдадор аст танҳо дар сурате корро шахсан иҷро намояд, агар он аз уҳдадории мушаххас ё хусусияти кор бармеояд.

2. Бо розигии фармоишгар иҷрокунанда ҳуқуқ дорад ба иҷрои шартномаи корҳои илмию тадқиқотӣ шахси сеюмро ҷалб намояд.

3. Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, ҳангоми иҷрои корҳои таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ иҷрокунанда ҳуқуқ дорад шахсони сеюмро ҷалб намояд. Ба муносибатҳои байни иҷрокунанда ва шахсони сеюм қоидаҳо дар бораи паймонкори асосӣ ва паймонкори фаръӣ (моддаи 780 ҳамин Кодекс) татбиқ карда мешаванд.

## Моддаи 850. Супоридан, қабул ва пардохти корҳо

1. Иҷрокунанда уҳдадор аст корҳои иҷрошудаи илмию тадқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва технологиро супорад ва фармоишгар онро қабул ва арзиши онро пардохт намояд.

2. Дар шартнома мумкин аст қабул ва пардохти давраҳои алоҳидаи кор ё тарзи дигари пардохт пешбинӣ гардад.

## Моддаи 851. Махфӣ (конфиденсиалӣ) будани иттилоъ оид ба шартнома

Агар дар шартнома барои корҳои илмию тадқиқотӣ ё таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад:

- иҷрокунанда ва фармоишгар уҳдадоранд махфӣ (конфиденсиалӣ) нигоҳ доштани иттилои вобаста ба мавзуи шартнома, ҷараёни иҷрои он ва натиҷаҳои ба даст овардашударо таъмин намоянд. Ҳаҷми иттилое, ки махфӣ (конфиденсиалӣ) эътироф мешавад, тибқи шартнома муқаррар мегардад;

- иҷрокунанда ҳуқуқ дорад танҳо бо розигии фармоишгар патентонии натиҷаҳои корро, ки тибқи шартномаи зикргардида ба даст оварда шудаанд, анҷом диҳад.

## Моддаи 852. Ҳуқуқи тарафҳо ба натиҷаи кор

1. Фармоишгар оид ба шартномаҳо барои корҳои илмию тадқиқотӣ ё таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ ҳуқуқ дорад натиҷаи кори ба он

супоридашударо тибқи ҳаҷм ва шартҳои пешбининамудаи шартнома истифода барад.

2. Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, иҷрокунанда ҳуқуқ дорад натиҷаи кори иҷрокардаашро барои худ истифода барад.

3. Дар шартнома ҳуқуқи иҷрокунанда дар хусуси ба шахси сеюм додани натиҷаи кор мумкин аст пешбинӣ карда шавад.

## Моддаи 853. Ӯҳдадории фармоишгар

Фармоишгар оид ба шартномаҳо барои корҳои илмию тадқиқотӣ ё таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ ӯҳдадор аст:

- ба иҷрокунанда супориши техникӣ диҳад ва бо он барнома (талаботи техникию иқтисодӣ) ё мавзуи корро ба мувофиқа расонад;

- ба иҷрокунанда иттилои барои иҷрои кор заруриро супорад;

- корҳои иҷрошударо қабул ва арзиши онҳоро (моддаи 850 ҳамин Кодекс) пардохт намояд.

## Моддаи 854. Ӯҳдадории иҷрокунанда

1. Иҷрокунанда оид ба шартномаҳо барои корҳои илмию таҳқиқотӣ ё таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ ӯҳдадор аст:

- корҳоро мутобиқи барнома (параметрҳои техникию иқтисодӣ) ё мавзуъ иҷро намуда, дар мӯҳлати дар шартнома муқарраргардида натиҷаи онҳоро ба фармоишгар супорад;

- талаботи вобаста ба ҳифзи моликияти зеҳниро (моддаи 164 ҳамин Кодекс) риоя намояд;

- бо қувва ва аз ҳисоби худ камбудиҳои бо гуноҳаш роҳдодашударо дар ҳуҷҷатҳои техникие, ки боиси дур гардидан аз параметрҳои техникию иқтисодии дар супориши фармоишгар ё дар шартнома пешбинигардида шуда метавонанд, рафъ намояд;

- бе таъхир ба фармоишгар дар хусуси имконнопазирии ба даст овардани натиҷаҳои дарназардоштташуда ё мувофиқи мақсад набудани идомаи кор иттилоъ диҳад;

- ба фармоишгар кафолат диҳад, ки шахси сеюм ба натиҷаҳои дар асоси чунин шартнома додашуда дорои ҳуқуқи истисноӣ намебошад;

- барои истифодаи натиҷаҳои кор шартномаи дахлдор бандад.

2. Агар дар шартномаҳо барои корҳои илмию тадқиқотӣ ё таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, иҷрокунанда ӯҳдадор аст:

- бе розигии фармоишгар аз нашри натиҷаҳои илмию техникие, ки ҳангоми иҷрои корҳо ба даст оварда шудаанд, худдорӣ намояд;

- барои ҳифзи натиҷаҳое, ки ҳангоми иҷрои корҳо ба даст оварда шудаанд ва қобили ҳимояи ҳуқуқӣ мебошанд, тадбирҳо андешад ва фармоишгарро огоҳ созад.

- ба фармоишгар, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, барои истифодаи натиҷаҳои илмию техникии дорои ҳимояи ҳуқуқӣ дар корҳои иҷрошуда иҷозатномаи истисноӣ пешниҳод намояд.

## Моддаи 855. Оқибатҳои имконнопазирии ба даст овардани натиҷа дар шартнома барои корҳои илмию тадқиқотӣ

Агар дар ҷараёни корҳои илмию тадқиқотӣ ошкор гардад, ки истифодаи натиҷаи кор оид ба ҳолатҳои ба иҷрокунанда вобастанабуда имконнопазир аст, фармоишгар уҳдадор аст арзиши корҳои то ошкор гардидани имконнопазирии ба даст овардани натиҷаҳои дар шартнома пешбинигардида анҷомдодашударо, вале на бештар аз он қисми дахлдори нархе, ки дар шартнома зикр гардидааст, пардохт намояд.

## Моддаи 856. Оқибати имконнопазирии ба даст овардани натиҷаҳо дар шартнома барои корҳои таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ

Агар дар ҷараёни корҳои таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ ғайриимкон ё мувофиқи мақсад набудани идомаи кор ошкор гардад, ки дар он иҷрокунанда гуноҳ надорад, фармоишгар уҳдадор аст хароҷоти иҷрокунандаро пардохт намояд.

## Моддаи 857. Ҷавобгарии иҷрокунанда барои вайрон кардани шартнома

1. Иҷрокунанда барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби шартнома барои корҳои илмию таҳқиқотӣ ё таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ, агар исбот карда натавонад, ки вайрон кардани шартнома бо гуноҳи иҷрокунанда рух нādодааст, дар назди фармоишгар ҷавобгар мебошад.

2. Иҷрокунанда, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, уҳдадор аст ба фармоишгар зиёнро дар намуди хисороти воқеӣ дар доираи арзиши кор ҷуброн намояд.

## Моддаи 858. Танзими ҳуқуқии шартномаҳо барои иҷрои корҳои илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ

1. Нисбат ба мухлати иҷро ва арзиши корҳо, инчунин оқибатҳои ҳозир нашудани фармоишгар барои қабули кор мувофиқан қоидаҳои моддаҳои 782, 783 ва 814 ҳамин Кодекс татбиқ карда мешаванд.

2. Нисбат ба фармоишҳои давлатӣ ҷиҳати иҷрои корҳои илмию тадқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ қоидаҳои пешбининамудаи моддаҳои 842-847 ҳамин Кодекс татбиқ карда мешаванд.

# БОБИ 43. ХИЗМАТРАСОНИИ МУЗДНОК

## Моддаи 859. Шартномаи хизматрасонии музднок

1. Тибқи шартномаи хизматрасонии музднок иҷрокунанда уҳдадор мешавад бо супориши фармоишгар хизмат расонад (амалҳои муайянеро анҷом диҳад, ки ба мазмуни уҳдадорӣ мутобиқанд), фармоишгар бошад, уҳдадор мешавад арзиши ин хизматрасониро пардохт намояд.

2. Қоидаҳои боби мазкур ба шартномаҳо оид ба хизматрасонии алоқа, иттилоотӣ, машваратӣ, ҳуқуқӣ, миёнаравӣ, таълимӣ, фарҳангӣ, сайёҳӣ, аудиторӣ, тиббӣ, байторӣ, инчунин хизматрасониҳои дигари музднок татбиқ мешаванд, ба истиснои он хизматрасоние, ки дар асоси шартномаҳои пешбининамудаи бобҳои 41, 44, 45, 46, 49, 50, 54, 55, 56, 57, 60 ва 62 ҳамин Кодекс анҷом дода мешаванд.

## Моддаи 860. Мавзуи шартномаи хизматрасонии музднок

Мавзуи шартномаи хизматрасонии музднок амал

ҳои муайян мутобиқи уҳдадориҳо оид ба хизматрасонии алоқа, иттилоотӣ, машваратӣ, ҳуқуқӣ, миёнаравӣ, таълимӣ, фарҳангӣ, сайёҳӣ, аудиторӣ, тиббӣ, байторӣ ва хизматрасониҳои дигари музднок мебошанд.

## Моддаи 861. Иҷрои шартномаи хизматрасонии музднок

1. Иҷрои шартномаи хизматрасонии музднок дар ҳамон амалҳое ифода мегардад, ки бояд мутобиқи мазмуни уҳдадорӣ анҷом дода шаванд.

2. Агар ҳолати дигар дар шартномаи хизматрасонии музднок пешбинӣ нашуда бошад, иҷрокунанда уҳдадор аст хизматрасониро шахсан анҷом диҳад.

## Моддаи 862. Пардохти арзиши хизматрасонӣ ва ҷуброни зиёни расондашуда

1. Фармоишгар уҳдадор аст арзиши хизматрасонии ба он анҷомдодашударо дар мӯҳлат ва бо тартиби муқаррарнамудаи шартномаи хизматрасонии музднок пардохт намояд.

2. Дар ҳолати имконнопазирии иҷро, ки бо гуноҳи фармоишгар ба вуҷуд омадааст, арзиши хизматрасонӣ дар ҳаҷми пурра пардохт карда мешавад, агар дар қонунгузорӣ ё шартномаи хизматрасонии музднок тартиби дигар муқаррар нашуда бошад.

3. Дар ҳолати бо гуноҳи иҷрокунанда иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ оид ба хизматрасонии музднок ба вуҷуд омада бошад, он уҳдадор аст ба фармоишгар зиёни расондашударо ҷуброн намояд.

4. Агар имконнопазирии иҷро тибқи ҳолатҳое ба вуҷуд омада бошад, ки ягон тараф аз рӯйи он ҷавобгар нест, фармоишгар ба иҷрокунанда хароҷоти воқеии кардаи онро ҷуброн менамояд, агар дар қонунгузорӣ ё шартномаи хизматрасонии музднок тартиби дигар муқаррар нашуда бошад.

## Моддаи 863. Яктарафа даст кашидан аз иҷрои шартномаи хизматрасонии музднок

1. Фармоишгар ҳуқуқ дорад бо тартиби яктарафа аз иҷрои шартномаи хизматрасонии музднок даст кашад, ба шарте ки ба иҷрокунанда хароҷоти воқеии кардаи онро ҷуброн намояд.

2. Иҷрокунанда ҳуқуқ дорад аз иҷрои уҳдадорӣ оид ба хизматрасонии музднок даст кашад, ба шарте ки ба фармоишгар зиёни бо сабаби бекор намудани шартнома расондаро ҷуброн намояд, ба истиснои ҳолатҳои бо гуноҳи фармоишгар бекор шудани шартнома.

### Моддаи 864. Қоидаҳои иловагии шартномаи хизматрасонии музднок

Қоидаҳои умумии паймонкорӣ (моддаҳои 777-803 ҳамин Кодекс) ва қоидаҳои паймонкори маишӣ (моддаҳои 804-816 ҳамин Кодекс) дар шартномаи хизматрасонии музднок татбиқ мешаванд, агар ин хилофи моддаҳои 859-863 ҳамин Кодекс, инчунин хусусиятҳои мавзуи шартномаи зикршуда набошанд.

## БОБИ 44. ҲАМЛУ НАҚЛ

### Моддаи 865. Муқаррароти умумӣ дар бораи ҳамлу нақл

1. Ҳамлу нақли бор, мусофир ва бағоҷ дар асоси шартномаи ҳамлу нақл анҷом дода мешаванд.

2. Хусусияти шартҳои ҳамлу нақли бор, мусофир ва бағоҷ тавассути нақлиёти алоҳида, инчунин ҷавобгарии тарафҳо оид ба чунин ҳамлу нақл, агар дар ҳамин Кодекс ва қонунгузорӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, мувофиқи созишномаи тарафҳо муайян карда мешаванд.

### Моддаи 866. Шартномаи ҳамлу нақли бор

1. Тибқи шартномаи ҳамлу нақли бор боркашон уҳдадор мешавад бори аз ҷониби борфиристанда ба он боваркардашударо дар мухлати муқарраргардида ба маҳалли таъинот расонад ва онро ба шахси барои гирифтани бор ваколатдор (боргиранда) супорад, борфиристанда бошад, уҳдадор мешавад барои ҳамлу нақли бор музди муайяншударо пардохт намояд.

2. Бастани шартномаи ҳамлу нақли бор бо барасмиятдарории борхати нақлиётӣ, коносамент ё дигар ҳуҷҷатҳое, ки дар қонунгузорӣ муқаррар шудаанд, тасдиқ карда мешавад.

### Моддаи 867. Шартномаи мусофиркашонӣ

1. Тибқи шартномаи мусофиркашонӣ интиқолдиҳанда уҳдадор мешавад, ки мусофирро ба ҷойи таъинот расонад ва агар мусофир бағоҷ супорида бошад, инчунин бағоҷро ба ҷойи таъинот расонда, онро ба шахси барои гирифтани бағоҷ ваколатдор супорад, мусофир бошад, уҳдадор аст барои сафар маблағи муқарраршуда ва ҳангоми супоридани бағоҷ инчунин маблағи интиқоли онро пардохт намояд.

2. Бастани шартномаи мусофиркашонӣ бо билет, аз ҷониби мусофир супоридани бағоҷ бошад, бо расиди бағоҷ тасдиқ карда мешавад.

3. Шакли билет ва расиди бағоҷ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ муайян карда мешавад.

4. Мусофир ба имтиёзҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ҳуқуқ дорад.

### Моддаи 868. Шартномаи чартер

1. Тибқи шартномаи чартер яке аз тарафҳо (иҷорагиранда) уҳдадор мешавад, ки ба тарафи дигар (иҷорадиҳанда) ба таври музднок пурра ё як қисми боркашонӣ, як ё якчанд воситаи нақлиётро барои як ё якчанд хатсайр ҷиҳати ҳамлу нақли бор, мусофир ва бағоҷ ҷудо кунад.

2. Тартиби бастани шартномаи чартер, инчунин шакл ва намуди он, тибқи қонунгузорӣ муқаррар карда мешаванд.

### Моддаи 869. Ҳамлу нақли мустақими омехта

Ҳамкории мутақобилаи ташкилотҳои нақлиётӣ ҳангоми ҳамлу нақли бор, мусофир ва бағоҷ тавассути намудҳои мухталифи нақлиёт дар асоси ҳуҷҷати ягонаи нақлиётӣ (ҳамлу нақли мустақими омехта), инчунин тартиби ташкили чунин ҳамлу нақл тибқи созишномаи ташкилотҳои дахлдори намудҳои нақлиёт, ки мутобиқи қонунгузорӣ дар бораи ҳамлу нақли мустақими омехта (мураккаб) ба имзо мерасонанд, муайян карда мешаванд.

### Моддаи 870. Ҳамлу нақл тавассути нақлиёти истифодаи умум

1. Ҳамлу нақле, ки ташкилоти тиҷоратӣ анҷом медиҳад, ҳамлу нақл тавассути нақлиёти истифодаи умум эътироф мегардад, агар аз қонунгузорӣ ё иҷозатномаи ба ин ташкилот додашуда бар ояд, ки ин ташкилот уҳдадор аст ҳамлу нақли бор, мусофирон ва бағоҷро тибқи муроҷиати ҳар як шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ иҷро мекунад.

2. Номгӯйи ташкилотҳое, ки уҳдадор мебошанд ҳамлу нақлро тавассути нақлиёти истифодаи умум анҷом диҳанд, бо тартиби муқарраргардида интишор мегардад.

3. Шартномаи ҳамлу нақл тавассути нақлиёти истифодаи умум шартномаи оммавӣ мебошад (моддаи 488 ҳамин Кодекс).

### Моддаи 871. Пардохти ҳамлу нақл

1. Барои ҳамлу нақли бор, мусофир ва бағоҷ, агар дар қонунгузорӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, пардохт тибқи созишномаи тарафҳо муқаррар карда мешавад.

2. Пардохти ҳамлу нақли бор, мусофир ва бағоҷ тавассути нақлиёти истифодаи умум дар асоси тарифе, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ тасдиқ гардидааст, муайян карда мешавад.

3. Кор ва хизматрасонии тибқи талаби моликони бор анҷомдодашуда, ки дар тариф пешбинӣ нагардидаанд, мувофиқи созишномаи тарафҳо пардохт карда мешаванд.

4. Агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, боркашон ҳуқуқ дорад бори ҷиҳати ҳамлу нақл ба он супоридашударо барои таъмини пардохти ҳамлу нақл ва пардохтҳои дигари боркашонӣ (моддаҳои 416, 417 ҳамин Кодекс) нигоҳ дорад.

5. Дар ҳолатҳое, ки агар тибқи қонунгузорӣ оид ба маблағи пардохт вобаста ба ҳамлу нақли бор, мусофир ва бағоҷ имтиёз ё афзалият муқаррар гардида бошад, хароҷоти вобаста ба он аз ҷониби ташкилоти нақлиётӣ аз ҳисоби буҷети дахлдор ҷуброн карда мешавад.

### Моддаи 872. Пешниҳоди воситаҳои нақлиёт, бор кардан ва борфарорӣ

1. Боркашон уҳдадор аст ба борфиристанда барои бор кардан дар муҳлате, ки дар дархост (фармоиш)-и қабулнамуда, шартномаи ташкили ҳамлу нақл ё шартномаи дигар зикр шудааст, воситаҳои нақлиёти коршоями барои интиқоли бори дахлдор муносибро пешниҳод кунад.

2. Борфиристанда ҳуқуқ дорад аз воситаҳои нақлиёти пешниҳодшуда, ки барои интиқоли бори дахлдор муносиб нестанд, даст кашад.

3. Бор кардан (борфарорӣ) аз ҷониби ташкилоти нақлиётӣ ё борфиристанда (боргиранда) бо тартиби пешбининамудаи шартнома ва бо риояи қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ анҷом дода мешавад.

4. Бор кардан (борфарорӣ) тавассути қувва ва воситаҳои борфиристанда (боргиранда) бояд дар муҳлатҳои дар шартнома пешбинигардида ва агар чунин муҳлатҳо муайян карда нашуда бошанд, тибқи қонунгузорӣ анҷом дода шаванд.

### Моддаи 873. Муҳлати расондани бор, мусофир ва бағоҷ

Боркашон уҳдадор аст бор, мусофир ва бағоҷро дар муҳлати муқарраргардида, ки бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ муайян карда шудааст ва дар сурати мавҷуд набудани чунин муҳлатдар муҳлати оқилона ба ҷойи таъинот расонад.

### Моддаи 874. Ҷавобгарӣ аз рӯйи уҳдадориҳое, ки аз ҳамлу нақл бармеоянд

1. Дар ҳолатҳои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо вобаста ба ҳамлу нақл тарафҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ, инчунин созишномаи тарафҳо ҷавобгариро ба уҳда доранд.

2. Шартномаҳои ташкилотҳои нақлиётӣ бо мусофирон ва соҳибони бор дар бораи маҳдуд кардан ё истисно намудани ҷавобгарии муқарраранамудаи қонун, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки имконпазирии чунин созишномаҳо ҳангоми интиқоли бор дар қонунгузорӣ пешбинӣ гардидаанд, эътибор надоранд.

### Моддаи 875. Ҷавобгарии боркашон барои пешниҳод накардани воситаҳои нақлиёт ва борфиристанда барои истифода набурдани воситаҳои нақлиёти пешниҳодшуда

1. Боркашон барои тибқи дархост (фармоиш) ё шартномаи дигар пешниҳод накардани воситаҳои нақлиёт ҷиҳати интиқоли бор ва борфиристанда барои пешниҳод накардани бор ё бо сабабҳои дигар истифода набурдани воситаҳои нақлиёти пешниҳодшуда мутобиқи қонунгузорӣ, инчунин созишномаи тарафҳо ҷавобгар мебошанд.

2. Боркашон ва борфиристанда барои пешниҳод накардани воситаҳои нақлиёт ё сари вақт пешниҳод накардани воситаҳои нақлиёт, ё истифода набурдани воситаҳои нақлиёт дар ҳолате аз ҷавобгарӣ озод карда мешаванд, агар он бо сабабҳои зерин рух дода бошад:

- дар натиҷаи неруи рафънопазир ё рӯйдодҳои дигари дорои хусусияти табиӣ, инчунин амалиёти ҷангӣ;

- қатъ ё маҳдуд сохтани ҳамлу нақли бор дар самтҳои муайян ё ба самтҳои муайян бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ;

- ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузорӣ.

### Моддаи 876. Ҷавобгарии интиқолдиҳанда барои ба таъхир андохтани мусофиркашонӣ

1. Интиқолдиҳанда барои ба таъхир андохтани фиристодани воситаҳои нақлиёт ҷиҳати мусофиркашонӣ ё сари вақт ба маҳалли таъинот нарасидани воситаҳои нақлиёт, ба истисноӣ ҳамлу нақл дар хатҳои шаҳрӣ ва байнишаҳрӣ, агар исбот карда натавонад, ки ба таъхир андохтан ва ё дер мондан дар натиҷаи неруи рафънопазир, бартараф намудани норасоиҳои воситаи нақлиёт, ки ба ҳаёт ва саломатии мусофирон таҳдид менамуданд ё ҳолатҳои дигари ба боркашон вобастанабуда ба миён омадааст, ба мусофир ба андозаи пешбининамудаи қонунгузорӣ ҷарима пардохт менамояд.

2. Дар сурати бо сабаби ба таъхир андохтани ҳаракати воситаҳои нақлиёт аз мусофиркашонӣ даст кашидани мусофир, мусофиркашон ухдадор аст ба ӯ маблағи мусофиркашонӣ ва хароҷоти дигарро пардохт намояд.

### Моддаи 877. Ҷавобгарии боркашон барои гум кардан, камомад ва осеб дидани бор ё бағоҷ

1. Боркашон, агар исбот карда натавонад, ки гум кардан, камомад ва осеб дидани бор ва бағоҷ бо гуноҳи он рух надодааст, барои гум кардан, камомад ва осеб дидани бор ё бағоҷи барои ҳамлу нақл қабулкардааш ҷавобгар аст.

2. Дар қонунгузорӣ метавонанд ҳолатҳое пешбинӣ гарданд, ки исботи гуноҳи боркашон дар гум кардан, камомад ва осеб дидани бор ё бағоҷ ба зиммаи боргиранда ё борфиристонанда гузошта мешавад.

3. Хисороти ҳангоми ҳамлу нақли бор ё бағоҷ расондашуда аз ҷониби боркашон ба андозаи зерин ҷуброн карда мешаванд:

- ҳангоми гум кардан ё камомади бор ё бағоҷ - ба андозаи арзиши бор ё бағоҷи гумкардашуда ё камомад;

- ҳангоми осеб дидани бор ё бағоҷ - ба андозаи маблағе, ки арзиши он поин рафтааст ва ҳангоми имконнопазирии барқарор сохтани бор ё бағоҷи осебдида - ба андозаи арзиши он;

- ҳангоми гум кардани бор ё бағоҷе, ки барои интиқол бо эълони арзиши он супорида шудааст - ба андозаи арзиши эълоншудаи бор ё бағоҷ.

4. Арзиши бор ё бағоҷ, бо назардошти нархи он, ки дар нархномаи фурӯшанда зикр шудааст ё дар шартнома пешбинӣ гардидааст ва агар нархнома мавҷуд набошад ва дар шартнома нарх зикр нагардида бошад, бо назардошти нархе, ки дар ҳолатҳои қиёсӣ одатан барои чунин молҳои монанд гирифта мешавад, муайян карда мешавад.

5. Ташкилоти нақлиёт ҳамзамон бо рӯёнидани хисороти воқеӣ ба борфиристанда (боргиранда) инчунин маблағи ҳамлу нақлеро, ки барои интиқоли мол ва бағоҷи гумшуда, камомад, вайроншуда ё осебдида пардохтааст, агар ин пардохт ба арзиши мол дохил нашуда бошад, ҷуброн менамояд.

6. Барои гум кардан, вайрон кардан, осеб дидан ё камомади мол ё бағоҷ боркашонҳои самти ҳамлу нақли мустақими омехта дар назди борфиристанда (боргиранда) ҷавобгарии муштарак доранд.

7. Ҷавобгарӣ ҳангоми ба таъхир андохтан (гузарондан)-и муҳлат ба зиммаи боркашони ниҳоӣ гузошта мешавад, агар исбот карда натавонад, ки гузарондани муҳлат бо гуноҳи он рух надодааст.

### Моддаи 878. Шартномаҳо оид ба ташкили ҳамлу нақл

1. Интиқолдиҳанда ва соҳиби бор ҳангоми зарурати анҷом додани ҳамлу нақли мунтазам метавонанд оид ба ташкили ҳамлу нақл шартномаҳои дарозмуддат ба имзо расонанд.

2. Тибқи шартнома оид ба ташкили ҳамлу нақл интиқолдиҳанда уҳдадор мешавад дар муҳлати муайян молро қабул кунад ва соҳиби бор бошад, ҷиҳати интиқол борро дар ҳаҷми қайдушартшуда пешниҳод намояд. Дар шартнома оид ба ташкили ҳамлу нақли бор ҳаҷм, муҳлат ва шартҳои дигари пешниҳод кардани воситаҳои нақлиёт ва пешниҳоди бор ҷиҳати интиқол, тартиби ҳисобу китоб, инчунин шартҳои дигари ташкили ҳамлу нақл муайян карда мешаванд.

### Моддаи 879. Шартномаҳо байни ташкилотҳои нақлиётӣ

Байни ташкилотҳои намудҳои гуногуни нақлиёт оид ба ташкили кор ҷиҳати таъмини ҳамлу нақли бор созишнома (созишномаҳои шабакавӣ, шартномаҳо оид ба воридот (содирот)-и мутамаркази борҳо ва ғайра) мутобиқи қонунгузорӣ мумкин аст баста шавад.

### Моддаи 880. Иддао ва даъво оид ба боркашонӣ

1. То ба боркашон пешниҳод намудани даъво, ки аз интиқоли бор бармеояд, бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ пешниҳоди иддао ҳатмӣ мебошад.

2. Даъво ба боркашон аз ҷониби борфиристанда ё боргиранда ҳангоми пурра ё қисман аз ҷониби боркашон рад намудани қонеъгардонии иддао ё аз ҷониби боркашон дар муҳлати сӣ рӯз нагирифтани ҷавоб пешниҳод шуданаш мумкин аст.

3. Муҳлати даъво тибқи талаботе, ки аз боркашонӣ бармеояд, аз лаҳзае, ки тибқи қонунгузорӣ муайян мегардад, як сол муқаррар карда мешавад.

### Моддаи 881. Ҷавобгарии интиқолдиҳанда барои боиси марг шудани мусофир ё осеб дидани саломатии ӯ

Ҷавобгарии интиқолдиҳанда барои боиси марг шудани мусофир ё расондани осеб ба саломатии ӯ, агар дар қонун ё шартнома ҷавобгарии баландтари боркашон пешбинӣ нагардида бошад, тибқи қоидаҳои боби 66 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад.

## БОБИ 45. ЭКСПЕДИТСИЯИ НАҚЛИЁТӢ

### Моддаи 882. Шартномаи экспедитсияи нақлиётӣ

1. Тибқи шартномаи экспедитсияи нақлиётӣ экспедитор уҳдадор мешавад бо пардохти подош ва аз ҳисоби муштарӣ (борфиристанда ё боргиранда) хизматрасонии вобаста ба боркашониро, ки дар шартнома муайян гардидааст, иҷро ё ташкил намояд.

2. Дар шартномаи экспедитсияи нақлиётӣ метавонад уҳдадории экспедитор дар мавриди боркашонӣ тавассути нақлиёт ва ба самти ҳаракате, ки экспедитор ё муштарӣ интихоб намудаанд, уҳдадории экспедитор дар мавриди аз номи муштарӣ ё аз номи худ бастани шартнома (шартномаҳо)-и боркашонӣ, таъмини фиристодан ва гирифтани бор, инчунин уҳдадориҳои дигари вобаста ба ҳамлу нақл пешбинӣ карда шаванд.

3. Дар шартномаи экспедитсияи нақлиётӣ ба сифати хизматрасонии иловагӣ анҷом додани чунин амалиётҳои барои боркашонӣ муҳим ба монанди гирифтани ҳуҷҷатҳои барои воридот ва содирот зарурӣ, иҷрои расмиёти гумрукӣ ва расмиёти дигар, санҷиши теъдод ва ҳолати бор, бор кардан ва борфарорӣ, пардохти боҷу хироҷ ва хароҷоти дигар, ки ба зиммаи борфиристанда (боргиранда) гузошта мешавад, нигаҳдории бор, гирифтани он дар ҷойи таъинот, инчунин амалиёт ва хизматрасонии дигар мумкин аст пешбинӣ карда шаванд.

4. Қоидаҳои боби мазкур нисбат ба ҳолатҳое, ки тибқи шартнома уҳдадории экспедиторро интиқолдиҳанда анҷом медиҳад, татбиқ мегарданд.

5. Шартҳои иҷрои шартномаи экспедитсияи нақлиётӣ, агар дар қонунгузорӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, тибқи созишномаи тарафҳо муайян карда мешаванд.

### Моддаи 883. Шакли шартномаи экспедитсияи нақлиётӣ

1. Шартномаи экспедитсияи нақлиётӣ дар шакли хаттӣ баста мешавад.

2. Борфиристанда (боргиранда) бояд ба экспедитор ваколатнома диҳад, агар он барои иҷрои уҳдадориҳои он зарур бошад.

### Моддаи 884. Ҷавобгарии экспедитор оид ба шартномаи экспедитсияи нақлиётӣ

1. Барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба экспедитсияи нақлиётӣ экспедитор тибқи асосҳо ва андозае, ки мутобиқи қоидаҳои боби 30 ҳамин Кодекс муайян мегарданд, ҷавобгар мебошад.

2. Агар экспедитор исбот карда тавонад, ки иҷро накардани уҳдадориҳо бо сабаби иҷрои номатлуби шартномаи боркашонӣ рух додааст, ҷавобгарии экспедитор дар назди борфиристанда (боргиранда) тибқи ҳамон қоидаҳое, ки мутобиқи онҳо экспедитор дар назди боркашони дахлдор ҷавобгар аст, муайян карда мешавад.

### Моддаи 885. Ҳуҷҷатҳо ва иттилое, ки ба экспедитор пешниҳод карда мешаванд

1. Муштарӣ уҳдадор аст ба экспедитор ҳуҷҷатҳо ва иттилоъ оид ба хосияти бор, шартҳои ҳамлу нақли он, инчунин иттилои дигарро, ки ба экспедитор барои иҷрои уҳдадориҳои дар шартнома пешбинишуда заруранд, пешниҳод намояд.

2. Экспедитор уҳдадор аст ба муштарӣ дар бораи камбудиҳои ошкоршудаи иттилои гирифташуда хабар диҳад ва дар сурати номукаммал будани он аз муштарӣ маълумоти иловагии зарурирo талаб намояд.

3. Дар сурати аз ҷониби муштарӣ дастрас нашудани иттилои зарурӣ экспедитор ҳуқуқ дорад, то пешниҳоди чунин иттилоъ ба иҷрои уҳдадориҳои дахлдор шуруъ накунад.

4. Муштарӣ барои зиёни ба экспедитор расондашуда вобаста ба вайрон кардани иҷрои уҳдадории пешниҳоди иттилоъ, ки дар қисми 1 моддаи мазкур зикр гардидааст, ҷавобгар мебошад.

### Моддаи 886. Иҷрои уҳдадории экспедитор аз ҷониби шахси сеюм

1. Агар аз шартномаи экспедитсияи нақлиётӣ уҳдадории экспедитор оид ба шахсан иҷро намудани уҳдадорӣ барнаояд, экспедитор ҳуқуқ дорад барои иҷрои уҳдадориҳояш шахсони дигарро ҷалб намояд.

2. Вогузоштани иҷрои уҳдадориҳо ба зиммаи шахси сеюм экспедиторро аз ҷавобгарӣ дар назди муштарӣ озод намекунад.

### Моддаи 887. Рад кардани иҷрои шартномаи экспедитсияи нақлиётӣ

1. Муштарӣ ё экспедитор ҳуқуқ дорад бо огоҳ кардани якдигар дар муҳлати оқилона иҷрои шартномаи экспедитсияи нақлиётиро рад намояд.

2. Дар ҳолати яктарафа даст кашидан аз иҷрои уҳдадорӣ тарафе, ки раддия пешниҳод намудааст, бояд ба тарафи дигар зиёни вобаста ба бекор намудани шартнома расондашударо ҷуброн намояд.

## БОБИ 46. ҚАРЗ ВА КРЕДИТ

### §1. Қарз

### Моддаи 888. Шартномаи қарз

1. Тибқи шартномаи қарз як тараф (қарздеҳ) ба тарафи дигар (қарзгир) ба моликият пул, ашёи бо нишонаи навъ муайяншаванда ё коғази қиматнокро месупорад ё уҳдадор мешавад супорад ва қарзгир уҳдадор мешавад ба қарздеҳ ба ҳамон андоза маблағ (маблағи қарз) ё ашёи баробар ба теъдоди ашёи ба қарз гирифташудаи дорои ҳамон навъ ва сифат, ё ин ки ҳамон коғази қиматнокро баргардонад.

2. Агар мувофиқи шартномаи қарз қарздеҳ шахси воқеӣ бошад, шартнома аз лаҳзаи супоридани маблағи қарз ё мавзуи дигари шартномаи қарз ба қарзгир ё шахси муайяннамудаи он, басташуда ба ҳисоб меравад.

3. Асъори хориҷӣ ва арзишҳои асъорӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд бо риояи қоидаҳои моддаҳои 149, 150 ва 366 ҳамин Кодекс мавзуи шартнома бошанд.

4. Агар қарздеҳ тибқи шартномаи қарз уҳдадор шуда бошад, ки қарз диҳад, он дар мавриди ошкор шудани ҳолатҳои гувоҳидиҳандаи он ки қарзи додашуда дар мӯҳлаташ баргардонда намешавад, ҳуқуқ дорад пурра ё қисман иҷрои шартномаро рад намояд.

5. Қарзгир мувофиқи шартномаи қарз ҳуқуқ дорад пурра ё қисман қабули қарзро рад намояд, дар ин хусус қарздеҳро то мӯҳлати муқаррарнамудаи шартнома оид ба додани қарз, агар чунин мӯҳлат пешбинӣ нашуда бошад, дар ҳама гуна вақт то лаҳзаи қабули қарз, огоҳ намояд, агар дар қонунгузорӣ ҳолати дигар муайян нашуда бошад.

6. Қарзгир - шахси ҳуқуқӣ ҳуқуқ дорад маблағҳои пулии шахсони воқеиро дар шакли қарзи фоиздор тариқи офертаи оммавӣ ё бо роҳи таклифи пешниҳоди оферта, ки ба доираи шахсони номуайян манзур шудааст, ҷалб намояд, агар қонун ба чунин шахси ҳуқуқӣ ҳуқуқи ҷалби маблағҳои пулии шахсони воқеиро дода бошад. Қоидаҳои қисми мазкур ба барориши вомбарг татбиқ намешаванд.

7. Хусусиятҳои додани қарзи фоиздор ба қарзгир - шахси воқеӣ, ки ба мақсадҳои фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд нестанд, тибқи қонун муайян карда мешаванд.

### Моддаи 889. Шакли шартномаи қарз

1. Шартномаи қарз дар байни шахсони воқеӣ, агар маблағи он зиёда аз бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо бошад, инчунин дар ҳолате, ки як тарафи шартнома, сарфи назар аз маблағ, шахси ҳуқуқӣ бошад, бояд дар шакли хаттӣ баста шавад.

2. Шартномаи қарз дар сурати мавҷуд будани забонхати қарзгир ё ҳуҷҷати дигар, ки ба он аз ҷониби қарздеҳ додани маблағи муайян ё теъдоди муайяни ашёро тасдиқ мекунад, дар шакли хаттӣ басташуда эътироф мегардад.

## Моддаи 890. Фоизҳо тибқи шартномаи қарз

1. Агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, қарздеҳ барои истифодаи маблағи қарз аз қарзгир аз рӯйи андоза ва бо тартиби муайяннамудаи шартнома ба гирифтани фоиз ҳуқуқ дорад. Ҳангоми дар шартнома мавҷуд набудани шартҳо оид ба фоизи истифодаи қарз андозаи он тибқи меъёри бозтамвили дар давраи дахлдор амалкунандаи Бонки миллии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

2. Андозаи фоиз барои истифодаи қарз дар шартнома бо татбиқи меъёри фоизи солона дар шакли бузургии қайдшуда, бо татбиқи меъёри фоизи солона, ки бузургии он вобаста аз шартҳои муайяннамудаи шартнома тағйирёбанда мебошанд, аз ҷумла вобаста ба бузургии тағйирёбанда, ё бо тарзи дигар, имконияти муайян намудани андозаи фоизи дахлдорро дар лаҳзаи пардохти он дорад, мумкин аст муқаррар карда шавад.

3. Ҳангоми набудани созишномаи дигар фоизи истифодаи қарз ҳар моҳ, то рӯзи баргардондани қарз пардохт карда мешавад.

4. Шартномаи қарз бефоиз дониста мешавад, агар дар он мустақиман ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад, вақте ки:

- шартнома дар байни шахсони воқеӣ ба маблағи на бештар аз сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо, баста шуда ва ба анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби ҳатто яке аз тарафҳо алоқаманд намебошад;

- мувофиқи шартнома ба қарзгир на пул, балки ашёи бо нишонаи навъ муайяншаванда супорида мешавад.

5. Андозаи фоизи истифодаи қарз мувофиқи шартномаи қарзи басташудаи байни шахсони воқеӣ ё байни шахсони ҳуқуқӣ, ки фаъолияти касбии додани қарзҳои истеъмолиро анҷом намедиҳанд ва қарзгир - шахсони воқеӣ, ки ба андозаи ду ва зиёда аз он аз фоизи одатан дар чунин мавридҳо ситонидашаванда зиёд буда, бинобар ин барои қарздор аз ҳад зиёд гарон (фоизи судхӯрӣ) мебошад, аз ҷониби суд мумкин аст то андозаи фоизи одатан дар ҳолатҳои муқоисашаванда ситонидашаванда кам карда шавад.

6. Дар мавриди пеш аз муҳлат баргардондани қарз, ки мувофиқи қисми 2 моддаи 891 ҳамин Кодекс бо фоиз дода шуда буд, қарздеҳ ба гирифтани фоизи дар шартномаи қарз пешбинишуда, ки ҳисоби он ҳамчунин пурра ё қисман то рӯзи баргардондан маблағи қарзро ифода мекунад, ҳуқуқ дорад.

## Моддаи 891. Уҳдадории қарзгир оид ба баргардондани маблағи қарз

1. Қарзгир уҳдадор аст ба қарздеҳ маблағи гирифтаашро дар муҳлат ва бо тартиби пешбининамудаи шартнома баргардонад. Агар муҳлати баргардондани қарз дар шартнома пешбинӣ нагардида бошад, он бояд аз

ҷониби қарзгир дар мӯҳлати сӣ рӯз аз рӯзи пешниҳод намудани талабот аз ҷониби қарздеҳ баргардонда шавад.

2. Агар дар шартномаи қарз ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад, маблағи бефоизи қарз мумкин аст пурра ё қисман пеш аз мӯҳлат баргардонда шавад. Маблағи қарз, ки ба шахси воқеӣқарзгир бо фоиз барои истифода ба мақсадҳое, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд, дода шудааст, мумкин аст пеш аз мӯҳлат пурра ё қисман ба шарти огоҳонидани қарздеҳ на кам аз сӣ рӯз пеш, баргардонда шавад. Мувофиқи шартномаи қарз мумкин аст мӯҳлати нисбатан кӯтоҳи огоҳонидани қарздеҳ оид ба хоҳиши қарзгир дар бораи пеш аз мӯҳлат баргардондани маблағҳои пулӣ муайян карда шавад. Маблағи қарзи фоиздори дар мавридҳои дигар додашуда бо розигии қарздеҳ, аз ҷумла розигие, ки дар шартномаи қарз ифода ёфтааст, мумкин аст пеш аз мӯҳлат баргардонда шавад.

3. Агар дар қонун ё шартномаи қарз ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад, қарз дар лаҳзаи баргардондани он ба қарздеҳ, аз ҷумла дар лаҳзаи ворид шудани маблағи дахлдори пулӣ ба бонк, ки дар он қарздеҳ суратҳисоби бонкӣ кушодааст, баргардонда ҳисобида мешавад.

### Моддаи 892. Оқибатҳои аз ҷониби қарзгир вайрон намудани шартномаи қарз

1. Агар дар қонун ё шартномаи қарз ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад, дар мавриди аз ҷониби қарзгир барнагардондани маблағи қарз дар мӯҳлати муайяншуда, ба ин маблағ пардохти фоиз ба андозаи муқаррарнамудаи қисми 1 моддаи 456 ҳамин Кодекс, аз рӯзе, ки он бояд баргардонда мешуд ва то рӯзи баргардондани он ба қарздеҳ, новобаста ба пардохти фоизе, ки дар моддаи 890 ҳамин Кодекс муқаррар шудааст, вогузошта мешавад.

2. Агар дар шартномаи қарз қисм ба қисм баргардондани қарз (ба мӯҳлатҳо ҷудо намудани он) пешбинӣ шуда бошад, дар мавриди аз ҷониби қарзгир вайрон намудани мӯҳлати баргардондани қисми навбатии қарз, қарздеҳ ҳуқуқ дорад пеш аз мӯҳлат баргардондани қисми боқимондаи қарз ва фоизҳо барои истифодаи маблағи қарзро, ки дар лаҳзаи баргардондани он мондааст, талаб намояд.

### Моддаи 893. Баҳс вобаста ба мавзуи шартномаи қарз

1. Қарзгир ҳуқуқ дорад исбот намояд, ки мавзуи шартномаи қарз воқеан ба ихтиёри он ворид нашудааст ё пурра ворид нашудааст (баҳс вобаста ба мавзуи шартномаи қарз).

2. Агар шартномаи қарз мебоист дар шакли хаттӣ баста шавад (моддаи 889 ҳамин Кодекс), баҳси вобаста ба ҳолатҳои дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинишуда тавассути нишондоди шоҳид роҳ дода намешавад, ба истисноı ҳолате, ки агар шартнома зери таъсири фиреб, зӯроварӣ, таҳдид ё ба миён омадани ҳолатҳои вазнин (моддаи 196 ҳамин Кодекс), инчунин аз ҷониби намояндаи қарздеҳ бар зарари манфиатҳои он баста шуда бошад.

3. Дар мавриди баҳснокии қарз аз рӯйи ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи мазкур он андозаи уҳдадории қарзгир тибқи ба он ё ба шахси сеюми муайяннамудаи он додани маблағи пулӣ ё молу мулки дигар муайян карда мешавад.

### Моддаи 894. Оқибатҳои аз даст додани таъмини иҷрои уҳдадориҳои қарзгир

Ҳангоми аз ҷониби қарзгир иҷро накардани уҳдадориҳои шартномаи қарз ҷиҳати таъмини баргардондани маблағи қарз, инчунин ҳангоми аз даст додани таъмин ё бад гардидани шартҳои он вобаста ба ҳолате, ки барои он қарздеҳ ҷавобгар намебошад, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, қарздеҳ ҳуқуқ дорад аз қарзгир пеш аз мӯҳлат баргардондани қарз ва пардохти фоизи дар лаҳзаи истифодаи қарз ҳисобшударо талаб намояд. Фоизи боқимондаи истифодаи қарз аз ҷониби қарзгир мувофиқи қоидаҳои қисми 2 моддаи 890 ҳамин Кодекс пардохт карда мешавад.

### Моддаи 895. Вексел

1. Дар ҳолатҳое, ки мувофиқи созишномаи тарафҳо аз ҷониби қарзгир векселе дода шуда бошад, ки уҳдадории бе шарти векселдиҳанда (вексели одӣ) ё пардохткунандаи дигари дар вексел зикргардидаро (вексели интиқолӣ) дар мавриди бо фаросии мӯҳлати пешбининамудаи вексел пардохтани маблағҳои қарзи гирифташударо тасдиқ мекунад, муносибати тарафҳо вобаста ба вексел мувофиқи қонунгузорӣ танзим карда мешавад.

2. Аз лаҳзаи додани вексел қоидаҳои параграфи мазкур нисбат ба чунин муносибатҳо татбиқ шуданашон мумкин аст, агар онҳо хилофи қонунгузорӣ набошанд.

### Моддаи 896. Вомбарг

1. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ шартномаи қарз метавонад ба тариқи барориш ва фурӯши вомбаргҳо баста шавад.

2. Вомбарг коғази қиматноке эътироф мегардад, ки ҳуқуқи дорандаи онро барои аз шахси вомбаргро баровarda дар мӯҳлати пешбининамудаи он гирифтани арзиши номиналии вомбарг ё молу мулки дигари баробарарзишро тасдиқ менамояд. Вомбарг ба дорандаи он инчунин ҳуқуқи гирифтани фоизи дар он муайяншуда ё ҳуқуқи дигари молумулкиро медиҳад.

3. Нисбат ба муносибатҳои байни шахсе, ки вомбаргро баровардааст ва дорандаи он қоидаи параграфи мазкур татбиқ мегардад, агар дар қонунгузорӣ ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад.

### Моддаи 897. Қарзи мақсаднок

1. Агар шартномаи қарз ба шарти аз ҷониби қарзгир барои мақсадҳои муайян (қарзи мақсаднок) истифода бурдани маблағҳои гирифташуда баста шуда бошад, қарзгир уҳдадор аст ба қарздеҳ имконияти назорати мақсаднок истифода гардидани маблағи қарзро фароҳам орад.

2. Ҳангоми аз ҷониби қарзгир иҷро накардани шартҳои шартномаи қарз оид ба истифодаи мақсадноки қарз, инчунин дар мавриди вайрон намудани ухдадории пешбининамудаи қисми 1 моддаи мазкур, қарздеҳ ҳуқуқ дорад иҷрои минбаъдаи шартномаи қарзро рад намуда, аз қарзгир талаби пеш аз муҳлат баргардондаи қарзи додашуда ва пардохти боқимондаи фоизи истифодаи қарз дар лаҳзаи баргардондани онро талаб намояд, агар шартнома ҳолати дигарро муқаррар накунад. Бақияи фоизи истифодаи қарз аз ҷониби қарзгир мувофиқи қисми 2 моддаи 890 ҳамин Кодекс пардохт карда мешавад.

### Моддаи 898. Шартномаи қарзи давлатӣ

1. Тибқи шартномаи қарзи давлатӣ ба сифати қарзгир субъекти қарзгирии давлатӣ ва ба сифати қарздеҳон шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла давлати хориҷӣ, амал мекунанд.

2. Қарзҳои давлатӣ ихтиёрӣ мебошанд.

3. Шартномаи қарзи давлатӣ ба тариқи аз ҷониби қарздеҳ ба даст овардани вомбаргҳо ё коғазҳои қиматноки дигари баровардашудаи давлатӣ, ки ҳуқуқи қарздеҳро барои аз қарзгир гирифтани маблағҳои пулии қарзи додашуда ё вобаста ба шарти қарз додани молу мулки дигар, фоизҳои муқарраршуда ё ҳуқуқи молумулкии дигарро дар муҳлатҳои пешбининамудаи шартҳои ба муомилот баровардани вомбаргҳо тасдиқ менамояд, баста мешавад. Шартномаи қарзи давлатӣ мумкин аст инчунин дар шаклҳои дигари муқаррарнамудаи қонунгузорӣ баста шавад.

4. Муомилоти коғазҳои қиматноки давлатӣ дар бозори коғазҳои қиматнок бо коғазҳои қиматноки дигар дар асосҳои баробар амалӣ мегарданд.

5. Ба тағйир додани шартҳои қарзи давлатии ба муомилот баровардашуда, ба истисноӣ ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун, роҳ дода намешавад.

### Моддаи 899. Нав шудани қарз дар ухдадории қарз

1. Мувофиқи созишномаи тарафҳо ҳама гуна қарзе, ки аз хариду фурӯш, иҷораи молу мулк ё дар асосҳои дигар ба вуҷуд омадааст, метавонад ба ухдадории қарз иваз карда шавад.

2. Иваз намудани қарз ба ухдадории қарз бо риояи талабот оид ба нав шудан (моддаи 476 ҳамин Кодекс) ва дар шакли барои шартномаи қарз муқарраргардида (моддаи 889 ҳамин Кодекс) анҷом дода мешавад.

## §2. Кредит

### Моддаи 900. Шартномаи кредит

1. Мувофиқи шартномаи кредит бонк ё ташкилоти қарзии молиявии дигар (минбаъд дар ҳамин параграф - бонк) ухдадор мешавад ба қарзгир мутобиқи андоза ва шартҳои пешбининамудаи шартнома маблағҳои пулӣ (кредит) диҳад, қарзгир бошад, ухдадор мешавад маблағи пулии гирифтаашро баргардонад ва барои он фоиз супорад, инчунин мувофиқи шартнома

пардохтҳои дигар супорад, ки аз ҷумла бо додани кредит алоқаманд мебошанд.

2. Ҳангоми додани кредит ба шахси воқеӣ барои мақсадҳои бо фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманднабуда маҳдудиятҳо, ҳолатҳо ва хусусиятҳои ситонидани пардохтҳои дигар, ки дар қисми 1 моддаи мазкур зикр шудаанд, мувофиқи қонун муайян карда мешаванд.

3. Агар аз ҷониби қарздор кредит пурра ё қисман барои иҷрои уҳдадории кредити пешина, ки ҳамон кредитор додааст, истифода шавад ва тибқи шартнома кредит бе ворид намудани он ба суратҳисоби бонкии қарздор барои пардохти қарзи пешниҳодшудаи пешина истифода шавад, чунин кредит бо тартиби муқаррарнамудаи шартнома аз лаҳзаи аз ҷониби қарздор гирифтани маълумоти кредитор дар бораи пардохтани қарз пешниҳодшуда ҳисобида мешавад.

4. Нисбат ба муносибатҳо оид ба шартномаи кредит қоидаҳои муқаррарнамудаи параграфи 1 боби мазкур татбиқ мешаванд, агар дар қоидаҳои параграфи мазкур ҳолатҳои дигар пешбинӣ нашуда бошанд ва аз моҳияти шартномаи кредит барнаоянд.

### Моддаи 901. Шакли шартномаи кредит

1. Шартномаи кредит бояд дар шакли хаттӣ баста шавад.

2. Риоя накардани шарти хаттӣ боиси беэътибор донистани шартномаи кредит мегардад. Чунин шартнома беоқибат мебошад.

### Моддаи 902. Рад кардани додан ё гирифтани кредит

1. Кредитор ҳуқуқ дорад ба қарзгир додани кредити дар шартнома пешбинигардидаро дар сурати муфлис эътироф гардидани қарзгир, аз ҷониби он иҷро накардани уҳдадориҳо оид ба таъмини кредит, вайрон кардани уҳдадории дар шартнома пешбинигардидаи истифодаи мақсадноки кредит, инчунин дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи шартнома пурра ё қисман рад намояд.

2. Қарзгир ҳуқуқ дорад аз гирифтани кредит пурра ё қисман даст кашида, дар ин маврид бояд кредиторро то муҳлати дар шартнома муқарраргардидаи додани кредит огоҳ созад. Қарзгир, ки шахси ҳуқуқӣ мебошад, бояд ба кредитор зиёни бинобар ба рад намудани қабули кредит расондаро ҷуброн намояд, агар дар шартнома ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад.

### Моддаи 903. Талаби кредитор оид ба пеш аз муҳлат баргардондани кредит

Кредитор ҳуқуқ дорад дар мавридҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс, қонунҳои дигар ва дар мавриди додани кредит ба шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ бошад, инчунин дар ҳолатҳои пешбининамудаи шартномаи кредит талаби пеш аз муҳлат баргардондани кредитро намояд.

## §3. Кредити молӣ ва тиҷоратӣ

### Моддаи 904. Кредити молӣ

1. Тарафҳо метавонанд шартномаеро ба имзо расонанд, ки ухдадории як тарафро барои ба тарафи дигар тибқи шартҳои шартномаи кредит супоридани ашёи бо нишонаи навъ муайяншаванда пешбинӣ намояд (шартномаи кредити молӣ). Нисбати ин шартнома қоидаҳои параграфи 1 боби мазкур татбиқ мешаванд, агар ҳолати дигар дар ин шартнома пешбинӣ нашуда бошад ва аз моҳияти ухдадорӣ барнаояд.

2. Агар дар шартномаи кредити молӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, шартҳои он дар мавриди теъдод, гурӯҳи навъҳо, мукаммалӣ, сифат, зарф ва (ё) борпечи ашёи пешниҳодшуда бояд тибқи қоидаҳо оид ба шартномаи хариду фурӯши мол (моддаҳои 533-553 ҳамин Кодекс) иҷро карда шаванд.

### Моддаи 905. Кредити тиҷоратӣ

1. Шартномаҳое, ки иҷрои онҳо барои ба моликияти тарафи дигар додани маблағи пулӣ ё молу мулки дигари бо нишонаи навъ муайяншаванда алоқаманд мебошанд, метавонанд ҳамчун додани кредит ифода ёбанд, аз ҷумла дар шакли пешпардохт, тамдиди мухлат ё давра ба давра пардохти мол, кор ё хизматрасонӣ (кредити тиҷоратӣ), агар дар қонун тартиби дигар муқаррар нагардида бошад.

2. Нисбат ба кредити тиҷоратӣ мувофиқан қоидаҳои боби мазкур татбиқ мешаванд, агар қоидаҳои дигар дар шартнома пешбинӣ нашуда бошанд, ки аз онҳо чунин ухдадорӣ ба вуҷуд омадааст ва хилофи моҳияти чунин ухдадорӣ набошад.

## БОБИ 47. ФАКТОРИНГ

### Моддаи 906. Шартномаи факторинг

1. Мутобиқи шартномаи факторинг як тараф (муштарӣ) ухдадор мешавад ба тарафи дигар - агенти молиявӣ (фактор) талаботи пулиро нисбат ба шахси сеюм (қарздор) гузашт ва хизматрасониро пардохт намояд, агенти молиявӣ (фактор) бошад, ухдадор мешавад на кам аз ду амали зеринро анҷом диҳад, ки онҳо мавзуи гузашт мебошанд:

- ба муштарӣ ба ҳисоби талаботи пулӣ маблағи пулӣ диҳад, аз ҷумла дар намуди қарз ё пешпардохт;

- талаботи пулии муштариро ба шахсони сеюм (қарздорон) ба ҳисоб гирад;

- ҳуқуқҳои вобаста ба талаботи пулии муштариро амалӣ намояд, аз ҷумла ба қарздор талаботи пулиро оид ба пардохт пешниҳод кунад, пардохтҳои қарздоронро қабул ва ҳисоббаробаркуниҳои бо талаботи пулӣ алоқамандро анҷом диҳад;

- мувофиқи шартномаҳо оид ба таъмини иҷрои ухдадориҳои қарздорон ҳуқуқҳоро амалӣ намояд.

2. Ба ӯҳдадориҳои агенти молиявӣ (фактор) мувофиқи шартномаи факторинг метавонанд пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ барои муштарӣ, инчунин хизматрасонии дигар ба муштарӣ, ки ба мавзуи гузашт алоқаманд мебошанд, дохил шаванд.

3. Дар қисмати дар боби мазкур танзимнашуда нисбати муносибатҳое, ки бо гузашт намудани ҳуқуқи талабкунӣ мувофиқи шартномаи факторинг алоқаманданд, қоидаҳои боби 29 ҳамин Кодекс татбиқ мешаванд.

4. Иштирокдорони муомилоти маданӣ метавонанд инчунин шартномаҳои дигар банданд, ки мувофиқи онҳо гузашт намудани талаботи пулӣ анҷом дода мешаванд ва ӯҳдадории яке аз тарафҳоро оид ба анҷом додани амалҳои дар сархатҳои якум-чоруми қисми 1 моддаи мазкур пешбинигардида муқаррар менамояд.

5. Дар ҳолати гарав, гузаштани талабҳои пулӣ ё ба тариқи дигар додани он ба якчанд шахс навбати қонеъгардонӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

6. Агар мувофиқи шартномаи факторинг агенти молиявӣ (фактор) ӯҳдадорӣ оид ба пардохти нархи талаботи пулии харидааш, бо пешниҳоди қарз (кредит) ба муштарӣ ё ба муштарӣ хизмат расондан дошта бошад, ба муносибатҳои тарафҳо тибқи ин шартнома, қоидаҳои муносиби хариду фурӯш, қарз (кредит), хизматрасонии музднок ба андозае татбиқ мешаванд, ки онҳо хилофи муқаррароти боби мазкур ва моҳияти муносибатҳои шартномаи факторинг набошанд.

### Моддаи 907. Агенти молиявӣ (фактор)

Ба сифати агенти молиявӣ (фактор) ташкилотҳои тиҷоратӣ метавонанд шартномаи факторинг банданд.

### Моддаи 908. Талаботи пулие, ки мавзуи гузашт мебошад

1. Мувофиқи шартномаи факторинг мавзуи гузашт талаби пулӣ ё талаботи пулие мебошанд, ки:

- аз ӯҳдадории мавҷуда, аз ҷумла ӯҳдадорие, ки дар натиҷаи бастани шартнома ба вуҷуд омада, мӯҳлати пардохти он фаро расидааст ё нарасидааст (талаботи мавҷуда);

- аз ӯҳдадорие, ки дар оянда ба вуҷуд меояд, аз ҷумла аз шартномае, ки дар оянда баста мешавад (талаботи минбаъда).

2. Талаботи пулӣ дар лаҳзаи бастани шартномаи факторинг ба агенти молиявӣ (фактор) мегузарад, агар ҳолати дигар дар ин шартнома пешбинӣ нашуда бошад. Ҳамзамон талаботи минбаъда аз лаҳзаи ба вуҷуд омаданаш ба агенти молиявӣ (фактор) мегузарад, агар дар шартнома пешбинӣ нагардад, ки талаботи минбаъда дертар мегузарад.

3. Агар шартномаи факторинг барвақттар аз лаҳзаи гузаштани талаботи пулӣ ба агенти молиявӣ (фактор) баста шуда бошад, ба таври иловагӣ барасмиятдарории гузариши талаботи пулӣ лозим нест.

### Моддаи 909. Ҷавобгарии муштарӣ дар назди агенти молиявӣ (фактор)

1. Агар дар шартномаи факторинг ҳолати дигар пешбинӣ нагардида бошад, муштарӣ барои беэътибор будани талаботи пулие, ки мавзуи гузашт мебошад, дар назди агенти молиявӣ (фактор) ҷавобгар мебошад.

2. Муштарӣ барои аз ҷониби қарздор иҷро накардан ё иҷрои номатлуби талабот, ки мавзуи гузашт мебошад, дар мавриди пешниҳоди он аз ҷониби агенти молиявӣ (фактор) ҷавобгар нест, агар ҳолати дигар дар шартномаи факторинг муқаррар нашуда бошад.

### Моддаи 910. Беэътибории манъи гузашт намудани талаботи пулӣ

1. Ба агенти молиявӣ (фактор) гузашт намудани талаботи пулӣ, ҳатто агар байни муштарӣ ва қарздори он ё байни муштарӣ ва шахсе, ки ба он ҳуқуқи талабкуниро гузашт кардааст, оид ба манъ ё маҳдуд кардани гузашткунӣ созишнома мавҷуд бошад ҳам, боэътибор аст.

2. Муқаррароти қисми 1 моддаи мазкур муштариро аз ухдадорӣ ё ҷавобгарӣ дар назди қарздор ё тарафи дигар бинобар гузаштани талабот бо вайрон намудани созишномаи байни онҳо оид ба манъ ё маҳдуд кардани он озод намекунад.

### Моддаи 911. Гузаштани минбаъдаи талаботи пулӣ

1. Агар гузаштани минбаъдаи талаботи пулӣ ба агенти молиявӣ (фактор) бо мақсади аз ҷониби он харидани ин талабот анҷом дода шавад, минбаъд аз ҷониби агенти молиявӣ (фактор) гузаштани минбаъдаи талаботи пулӣ роҳ дода мешавад, агар дар шартномаи факторинг ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Агар гузаштани минбаъдаи талаботи пулӣ ба агенти молиявӣ (фактор) бо мақсади таъмини иҷрои ухдадории муштарӣ дар назди агенти молиявӣ (фактор) бошад ё бо мақсади аз ҷониби агенти молиявӣ (фактор) ба муштарӣ хизматрасонии бо талаботи пулии мавзуи гузашт алоқаманд анҷом дода шавад, минбаъд аз ҷониби агенти молиявӣ (фактор) гузаштани минбаъдаи талаботи пулӣ роҳ дода намешавад, агар дар шартномаи факторинг ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад.

3. Нисбати гузаштани минбаъдаи талаботи пулӣ аз ҷониби агенти молиявӣ (фактор) мувофиқан муқаррароти боби мазкур татбиқ мегарданд.

### Моддаи 912. Аз ҷониби қарздор иҷро намудани талаботи пулӣ ба агенти молиявӣ (фактор)

1. Қарздор ухдадор аст ба агенти молиявӣ (фактор) ба шарте, ки он аз муштарӣ ё аз агенти молиявӣ (фактор) дар мавриди ба ҳамин агенти молиявӣ (фактор) гузашт намудани талабот огоҳиномаи хаттӣ гирифта бошад ва дар огоҳинома иҷрои дахлдори талаботи пулӣ муайян, инчунин агенте, ки ба он пардохт бояд анҷом дода шавад, зикр гардида бошад, пардохтро анҷом диҳад.

2. Бо хоҳиши қарздор агенти молиявӣ (фактор) уҳдадор аст дар муҳлати оқилона ба он далели онро, ки гузашт намудани талаботи пулӣ дар ҳақиқат ба агенти молиявӣ (фактор) ҷой дошт, пешниҳод намояд. Агар агенти молиявӣ (фактор) ин уҳдадориро иҷро накунад, қарздор ҳуқуқ дорад оид ба талаботи мазкур ба муштарӣ ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои худ дар назди охирин пардохтро анҷом диҳад.

3. Аз ҷониби қарздор иҷро намудани талаботи пулӣ мутобиқи қоидаҳои моддаи мазкур онро аз уҳдадориҳои дахлдор дар назди муштарӣ озод месозад.

## Моддаи 913. Ҳуқуқи агенти молиявӣ (фактор) ба маблағҳое, ки аз қарздор гирифта шудаанд

1. Агар тибқи шартномаи факторинг гузашт намудани талаботи пулӣ бо мақсади харидани ин талабот аз ҷониби агенти молиявӣ (фактор) сурат гирад, охирин ҳуқуқро ба ҳамаи маблағҳо аз қарздор барои иҷрои талаботи мегирифтааш ба даст меорад ва муштарӣ бошад, дар назди агенти молиявӣ (фактор) барои он, ки маблағҳои гирифтаи он нисбат ба нархи талаботи бадастовардаи агенти молиявӣ камтар мебошад, ҷавобгар нест.

2. Агар гузашт намудани талаботи пулӣ ба агенти молиявӣ (фактор) бо мақсади ба он таъмин намудани иҷрои уҳдадории муштарӣ анҷом дода шуда бошад ва дар шартномаи факторинг тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, агенти молиявӣ (фактор) уҳдадор аст ба муштарӣ ҳисобот диҳад ва маблағи аз маблағи қарзи муштарӣ бештарро, ки бо гузашт намудани талабот таъмин гардидааст, ба он супорад.

3. Мувофиқи гузашт намудани талаботи пулӣ бо мақсади таъмини иҷрои уҳдадории муштарӣ, ҳангоми аз ҷониби агенти молиявӣ (фактор) гирифтани маблағҳои пулӣ аз қарздор дар асоси ба он аз ҷониби муштарӣ гузашт шудани талаботи пулӣ, уҳдадории муштарӣ нисбати фактор ба таври дахлдор ба андозае иҷрошуда ҳисобида мешавад, ки қарздор уҳдадории худро дар назди агенти молиявӣ (фактор) иҷро намудааст.

4. Агар маблағи пулии аз қарздор гирифтаи агенти молиявӣ (фактор) аз маблағи қарзи муштарӣ ба агенти молиявӣ (фактор), ки бо гузашт намудани талаботи пулӣ таъмин гардидааст, камтар бошад, муштарӣ дар назди агенти молиявӣ (фактор) барои бақияи қарз ҷавобгар мебошад.

5. Агар гузашт намудани талаботи пулӣ бо мақсади аз ҷониби агенти молиявӣ (фактор) ба муштарӣ хизматрасонии бо талаботи пулӣ алоқаманд, ки мавзуи гузашт мебошад, анҷом дода шавад, агенти молиявӣ (фактор) уҳдадор аст ба муштарӣ ҳисобот пешниҳод намояд ва ба он тамоми маблағи тибқи иҷрои талаботи пулии гузашт қабулнамудаашро супорад, муштарӣ бошад, уҳдадор мегардад хизматрасониро пардохт намояд.

6. Агенти молиявӣ (фактор) ҳуқуқ дорад ҳангоми ба муштарӣ супоридани маблағҳои пулӣ барои баҳисобгирӣ талаботи пулии худро тибқи шартнома пешниҳод намояд.

## Моддаи 914. Талаботи мутақобилаи қарздор

1. Дар сурати ба қарздор бо талаби пардохти маблағ мурочиат кардани агенти молиявӣ (фактор), қарздор ҳуқуқ дорад мутобиқи моддаҳои 472-474 ҳамин Кодекс баҳисобгирии талаботи пулии худро, ки ба шартнома бо муштарӣ асос ёфтааст ва он то вақти гирифтани огоҳинома дар мавриди гузашт намудани талаботи он ба агенти молиявӣ (фактор), ки аллакай дар назди қарздор вучуд дошт, пешниҳод намояд.

2. Талаботе, ки қарздор метавонист нисбат ба муштарӣ вобаста ба он, ки охирин созишномаро дар мавриди манъ ё маҳдуд кардани гузаштани талабот вайрон кардааст, пешниҳод намояд, нисбат ба агенти молиявӣ (фактор) эътибор надорад.

### Моддаи 915. Ба қарздор баргардондани маблағе, ки агенти молиявӣ (фактор) гирифтааст

1. Дар сурати аз чониби муштарӣ вайрон кардани уҳдадориҳои вобаста ба шартнома, ки бо қарздор баста шудааст, охирин ҳуқуқ надорад аз агенти молиявӣ (фактор) баргардондани маблағи ба он пардохтшударо талаб намояд. Талаботи дахдлор мумкин аст аз чониби қарздор ба муштарӣ пешниҳод гардад.

2. Қарздоре, ки ҳуқуқ дорад бевосита аз муштарӣ маблағи ба агенти молиявӣ (фактор) дар натичаи гузашт намудани талаботи пулӣ додашударо ба даст орад, бо вучуди ин, агар исбот карда шавад, ки фактор уҳдадории худро дар мавриди ба муштарӣ анчом додани пардохти ваъдашудаи вобаста ба гузашт намудани талаботи пулӣ ичро намекунад ё агенти молиявӣ (фактор) аз чониби муштарӣ вайрон кардани ҳамон уҳдадориеро, ки нисбат ба он пардохти вобаста ба гузашт намудани талаботи пулӣ алоқамандро дониста, чунин пардохтро анчом додааст, ҳуқуқ дорад аз чониби агенти молиявӣ (фактор) баргардондани ин маблағро талаб намояд.

## БОБИ 48. ПАСАНДОЗИ БОНКӢ

### Моддаи 916. Шартномаи пасандози бонкӣ

1. Тибқи шартномаи пасандози бонкӣ як тараф бонк ё ташкилоти қарзии молиявии дигар (минбаъд дар ҳамин боб - бонк), ки пасандози тарафи дигар ё маблағи пулӣ (пасандоз)-и барои он воридшударо қабул кардааст, уҳдадор мешавад ба пасандозгузор ин маблағро баргардонад ва барои он тибқи шарт ва тартиби пешбининамудаи шартнома фоиз пардохт намояд. Агар дар қонун ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад, бонк бояд дар асоси хоҳиши пасандозгузор - шахси воқеӣ ба чойи супоридани пасандоз ва фоизҳои он гузарондани маблағҳои пулиро ба суратҳисоби муайяннамудаи пасандозгузор анчом диҳад. Шартномаи пасандози бонкӣ аз рӯзи ворид шудани пасандоз ба бонк басташуда ба ҳисоб меравад.

2. Шартномаи пасандози бонкие, ки дар он пасандозгузор шахси воқеӣ мебошад, шартномаи оммавӣ (моддаи 488 ҳамин Кодекс) ба ҳисоб меравад.

3. Нисбат ба муносибатҳои бонк ва пасандозгузор оид ба суратҳисобе, ки ба он пасандоз гузошта шудааст, қоидаҳо дар бораи шартномаи суратҳисоби бонкӣ, агар дар қоидаҳои боби мазкур тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад ва аз моҳияти шартномаи пасандози бонкӣ тартиби дигар барнаояд, татбиқ мегарданд.

4. Шахсони ҳуқуқӣ ҳуқуқ надоранд маблағҳои пулии дар пасандоз мавҷудбударо ба шахси дигар гузаронанд, агар дар қонунгузорӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

## Моддаи 917. Ҳуқуқи ба пасандозҳо ҷалб намудани маблағҳои пулӣ

1. Ҳуқуқи ба пасандозҳо ҷалб намудани маблағҳои пулиро бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии молиявии дигар доранд, ки ба онҳо ин ҳуқуқ дар асоси иҷозатномаи бо тартиби муайяннамудаи қонун гирифташуда дода шудааст.

2. Дар мавриди аз ҷониби шахсе, ки чунин ҳуқуқ надорад ё тартиботи муқаррарнамудаи қонунро ё дар асоси он қоидаҳои бонкии қабулшударо вайрон намуда, аз шахси воқеӣ пасандоз қабул кардааст, пасандозгузор метавонад фавран баргардондани маблағи пасандоз, инчунин пардохти фоизҳои он, ки аз моддаи 456 ҳамин Кодекс бармеояд ва ҷуброни зиёни зиёда аз маблағи фоизи ба пасандозгузор расондаро талаб намояд. Агар ин шахс мувофиқи шартҳои шартномаи пасандози бонкӣ маблағҳои пулии шахси ҳуқуқиро қабул карда бошад, чунин шартнома беэътибор мебошад (моддаи 183 ҳамин Кодекс).

3. Агар дар қонун ҳолати дигар муқаррар нашуда бошад, оқибатҳои муқаррарнамудаи қисми 2 моддаи мазкур инчунин дар ҳолатҳои зерин татбиқ мешаванд:

- ҷалб намудани маблағҳои пулии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба тариқи ба онҳо фурӯхтани саҳмияҳо ва коғазҳои дигари қиматнок, ки барориши онҳо ғайриқонунӣ эътироф гардидааст;

- ҷалб намудани маблағҳои пулии шахсони воқеӣ ба тариқи векселҳо ё коғазҳои дигари қиматнок, ки аз ҷониби дорандагони онҳо бо талаби аввалин гирифтани маблағро ва аз ҷониби маблағгузор амалӣ намудани ҳуқуқҳои дигарро, ки қоидаҳои боби мазкур муайян намудаанд, истисно менамояд.

## Моддаи 918. Шакли шартномаи пасандози бонкӣ

1. Шартномаи пасандози бонкӣ бояд дар шакли хаттӣ баста шавад. Шакли хаттии шартномаи пасандози бонкӣ ба шарте риоягардида ба ҳисоб меравад, агар гузарондани пасандоз бо дафтарчаи амонат, сертификати бонкӣ ё ҳуҷҷати дигари ба пасандозгузор додаи бонк, ки ба талаботи барои чунин ҳуҷҷатҳо муайяннамудаи қонун, қоидаҳои мутобиқи он муқаррарнамудаи бонк ва одатҳои муомилоти кории дар амалияи бонкӣ татбиқшаванда ҷавобгӯ бошад, тасдиқ карда шудааст.

2. Риоя накардани шакли хаттии шартномаи пасандози бонкӣ боиси беэътибории шартнома мегардад. Чунин шартнома беоқибат мебошад.

### Моддаи 919. Намудҳои пасандозҳо

1. Шартномаи пасандози бонкӣ бо шарти талаби аввалини пасандозгузор додани пасандоз (пасандози талаб карда гирифташаванда) ё тибқи шарти баргардондани пасандоз бо гузаштани мухлати дар шартнома муқарраргардида (пасандози мухлатнок) баста мешавад. Дар шартнома гузоштани пасандоз тахти шарти бо тартиби дигар баргардондани он, ки хилофи қонун намебошад, мумкин аст пешбинӣ гардад.

2. Тибқи шартномаи пасандози бонкии намуди гуногун бонк ухдадор аст маблағи пасандоз ё як қисми онро бо талаби аввалини пасандозгузор, ба истиснои пасандозҳои тахти шартҳои дигари баргардондани онҳо гузоштаи шахси ҳуқуқӣ, ки дар шартнома пешбинӣ гардидааст, диҳад.

3. Муҳлат ва тартиби додани маблағи пасандоз ё як қисми он ва фоизи муносиб ба шахси ҳуқуқӣ тибқи шартномаи пасандози намуди гуногун дар асоси шартномаи пасандози бонкӣ муайян карда мешавад.

4. Шартҳои шартнома дар бораи аз ҷониби шахси воқеӣ рад кардани ҳуқуқ ба гирифтани пасандози мухлатнок ё пасандози талаб карда гирифташаванда дар асоси талаби он беоқибат аст, ба ғайр аз ҳолате, ки гузоштани пасандоз бо сертификати бонкӣ тасдиқ карда мешавад, шартҳои он ҳуқуқи пасандозгузорро ба гирифтани пасандоз тибқи талаб пешбинӣ намекунанд.

5. Дар ҳолате, ки пасандози мухлатнок бо талаби пасандозгузор то ба итмом расидани мухлати он ё то ба вуҷуд омадани ҳолатҳои дигари пешбининамудаи шартномаи пасандози бонкӣ баргардонда мешавад, фоизи пасандози гузошта ба андозае ҳисоб карда мешавад, ки ба андозаи фоизи пардохткунандаи бонк тибқи пасандози талаб карда гирифташаванда мутобиқ аст, агар дар шартномаи пасандози бонкӣ андозаи дигари фоиз муқаррар нашуда бошад.

6. Дар ҳолате, ки пасандозгузор баъди итмоми мухлат ё бо ба вуҷуд омадани ҳолатҳои дигари пешбининамудаи шартнома талаби баргардондани маблағи пасандози мухлатнок ё пасандози вобаста ба фаросии ҳолатҳои дигарро намекунад, шартнома ба шартҳои пасандози талаб карда гирифташаванда тамдидшуда ҳисобида мешавад, агар дар шартнома ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад.

7. Дар ҳолате, ки гузоштани пасандоз бо сертификати бонкӣ тасдиқ шудааст, ҳамаи ҳуқуқҳо мувофиқи шартномаи пасандози бонкӣ ба соҳиби ҳамин сертификати марбута дахл доранд.

### Моддаи 920. Фоизҳо ба пасандоз

1. Бонк ба маблағҳои пулии пасандозгузор ба андозаи муайяннамудаи шартнома фоиз пардохт мекунад. Ҳангоми дар шартнома набудани шартҳо оид ба андозаи фоизҳои пардохткунанда бонк ухдадор мебошад фоизи мувофиқи қарз муайяншударо тибқи қисми 1 моддаи 890 ҳамин Кодекс пардохт намояд.

2. Агар дар шартномаи пасандози бонкӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, бонк ҳуқуқ дорад андозаи фоизи тибқи пасандози талаб карда гирифтан пардохтшавандаро тағйир диҳад. Дар сурати аз ҷониби бонк кам кардани андозаи фоиз, андозаи нави фоизҳо нисбат ба пасандозҳое татбиқ мешавад, ки то лаҳзаи иттилоъ додани пасандозгузор дар мавриди кам кардани фоиз бо гузаштани як моҳ аз лаҳзаи додани чунин иттилоъ, гузаронда шудаанд, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

3. Андозаи фоизи дар шартнома муқарраршуда ба пасандозе, ки тибқи шартҳои баргардондани он бо гузаштани мӯҳлати муайян ё фарорасии ҳолатҳои дар шартнома пешбинигардида гузошта шудааст, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, наметавонад аз ҷониби бонк яктарафа кам карда шавад. Мувофиқи шартномаи чунин пасандози бонкӣ, ки байни бонк ва шахси ҳуқуқӣ баста шудааст, андозаи фоиз яктарафа тағйир дода намешавад, агар дар қонун ё шартнома ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад. Тибқи шартномаи пасандози бонкӣ, ки гузоштани пасандоз дар он бо сертификати бонкӣ тасдиқ карда мешавад, андозаи фоизро яктарафа тағйир додан мумкин нест.

## Моддаи 921. Тартиби ҳисоб кардан ва пардохти фоизҳо ба пасандоз

1. Фоизҳо ба маблағи пасандози бонкӣ аз рӯзи баъди рӯзи ба бонк ворид шудани он фарорасанда то рӯзи ба пасандозгузор баргардондани он ва дар сурати аз ҳисоби пасандозгузор тибқи асосҳои дигар баровардани пасандоз, ҳамчунин то рӯзи аз ҳисоб баровардани он, ҳисоб карда мешавад.

2. Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, фоизҳо ба маблағи пасандози бонкӣ ба пасандозгузор тибқи талаби он бо гузаштани ҳар як семоҳа, алоҳида аз маблағи пасандоз пардохт карда шуда, фоизҳои дар ин мӯҳлат талаб карда гирифтанашуда бошанд, маблағҳои пасандози ба он фоизҳо замшавандаро афзун менамоянд. Ҳангоми баргардондани маблағи пасандоз ҳамаи фоизҳои то ин лаҳза замгардида пардохт карда мешаванд.

## Моддаи 922. Таъмини баргардондани пасандоз

1. Баргардондани пасандози шахсони воқеӣ аз ҷониби бонк ба тариқи суғуртаи ҳатмии пасандоз, дар ҳолати муқаррарнамудаи қонун бошад, бо тарзҳои дигар таъмин карда мешавад.

2. Тарзҳои таъмини баргардондани пасандози шахсони ҳуқуқӣ аз ҷониби бонк мувофиқи шартномаи пасандози бонкӣ муайян карда мешаванд.

3. Ҳангоми бастани шартномаи пасандози бонкӣ бонк уҳдадор аст оид ба таъмини баргардондани пасандоз ба пасандозгузор иттилоъ диҳад.

4. Ҳангоми аз ҷониби бонк иҷро нагардидани уҳдадориҳои муқаррарнамудаи қонун ё шартномаи пасандози бонкӣ оид ба таъмини баргардондани маблағи пасандоз, инчунин ҳангоми аз даст додани таъминот ё бад шудани шартҳои он пасандозгузор ҳуқуқ дорад аз бонк фавран баргардондани маблағи пасандоз, пардохтани фоизҳои он мутобиқи моддаи 890 ҳамин Кодекс ва ҷуброни зиёни расондаро талаб намояд.

## Моддаи 923. Аз ҷониби шахси сеюм ба суратҳисоби пасандозгузор гузарондани маблағҳои пулӣ

Агар дар шартномаи пасандози бонкӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, ба пасандоз маблағҳое, ки ба бонк ба номи пасандозгузор аз шахси сеюм бо зикри иттилои зарурӣ дар мавриди суратҳисоби он вобаста ба пасандоз ворид гардидаанд, гузаронда мешаванд. Ҳамзамон чунин эҳтимол меравад, ки пасандозгузор барои аз шахси сеюм гирифтани маблағи пулӣ розигӣ изҳор кардааст ва ба он оид ба пасандози худ дар суратҳисоб иттилои зарурӣ додааст.

## Моддаи 924. Пасандозҳо ба манфиати шахси сеюм

1. Пасандоз метавонад ба бонк ба номи шахси сеюми муайян гузаронда шавад. Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, шахси сеюме, ки ба номаш пасандоз гузошта шудааст, аз лаҳзаи ба номаш ворид шудани маблағ ҳуқуқи пасандозгузорро пайдо мекунад. Зикри номи шахси воқеӣ (моддаи 20 ҳамин Кодекс) ё номи шахси ҳуқуқӣ (моддаи 55 ҳамин Кодекс), ки ба манфиати он пасандоз гузаронда шудааст, шарти муҳимми шартномаи дахлдори бонкӣ мебошад. Шартномаи пасандози бонкӣ ба манфиати шахси воқеие, ки то лаҳзаи бастани шартнома вафот кардааст, ё шахси ҳуқуқии то ҳамин лаҳза вуҷуднадошта беоқибат аст.

2. То лаҳзаи аз ҷониби шахси сеюм изҳор кардани нияти истифодаи ҳуқуқи пасандозгузор шахсе, ки шартномаи пасандози бонкиро бастааст, метавонад аз ҳуқуқи пасандозгузор вобаста ба воситаҳои пулие, ки ба суратҳисоб ҳамчун пасандоз гузарондааст, истифода барад.

3. Қоидаҳо оид ба шартнома ба манфиати шахси сеюм (моддаи 495 ҳамин Кодекс) нисбат ба шартномаи пасандози бонкӣ ба манфиати шахси сеюм, агар он хилофи қоидаҳои моддаи мазкур ва моҳияти пасандози бонкӣ набошад, татбиқ мегарданд.

## Моддаи 925. Дафтарчаи амонат

1. Мувофиқи шартномаи пасандози бонкӣ бо шахси воқеӣ, ба он супоридани дафтарчаи амонати номӣ мумкин аст пешбинӣ карда шавад. Дар дафтарчаи амонат бояд аз ҷониби бонк ном ва маҳалли ҷойгиршавии он, агар пасандоз ба филиал супорида шуда бошад, инчунин филиали дахлдори он, рақами суратҳисоб тибқи пасандоз, ҳамаи маблағҳои пулие, ки дар суратҳисоб дохил шудаанд, ҳамаи маблағҳои пулие, ки аз суратҳисоб хориҷ карда шудаанд ва бақияи маблағҳои пулӣ дар суратҳисоб дар лаҳзаи ба бонк пешниҳод кардани дафтарчаи амонатӣ сабт ва тасдиқ карда шаванд. Агар ҳолати дигар исбот нагардад, вазъи пасандоз ва маълумот оид ба пасандоз, ки дар дафтарчаи амонат зикр шудаанд, барои ҳисоббаробаркунии байни бонк ва пасандозгузор мувофиқи пасандоз асос мебошад.

2. Додани пасандоз, пардохти фоизҳо ва иҷрои супориши пасандозгузор дар мавриди гузарондани маблағҳои пулӣ аз суратҳисоби пасандоз ба шахси дигар аз ҷониби бонк ҳангоми пешниҳоди дафтарчаи амонат анҷом дода

мешаванд. Агар дафтарчаи амонати номӣ гум шуда бошад ё ба ҳолате расонда шуда бошад, ки шоистаи пешниҳод нест, бонк тибқи аризаи пасандозгузор ба он дафтарчаи амонати нав медиҳад.

3. Шартномаи пасандози бонкӣ метавонад додани дафтарчаи амонати манзуриро пешбинӣ намояд.

4. Барқарор кардани ҳуқуқ ба дафтарчаи амонати манзурӣ бо тартиби барои коғазҳои қиматноки манзурӣ пешбинигардида анҷом дода мешавад.

## Моддаи 926. Сертификати бонкӣ

1. Сертификати бонкӣ коғази қиматноки номии ҳуҷҷатӣ буда, воқеияти аз ҷониби пасандозгузор ба бонк гузоштани маблағи пасандоз мутобиқи шартҳои дар сертификат муайяншуда ва ҳуқуқи соҳиби ин сертификат, баъди гузаштани муҳлати муайяншуда ба гирифтани маблағи пасандоз ва тибқи сертификат фоизҳои онро аз бонк, ки ин сертификатро додааст, тасдиқ менамояд. Соҳиби сертификати бонкӣ шахси воқеӣ, аз ҷумла соҳибкори инфиродӣ ва шахси ҳуқуқӣ, буда метавонад. Маблағи пасандоз, ки бо сертификати бонкӣ тасдиқ шудааст, тибқи қонун бояд суғурта карда шавад.

2. Фоизи сертификати бонкӣ дар асоси шартҳо ва муҳлатҳои тасдиқнамудаи бонк мувофиқи сертификат муқаррар ва пардохт карда мешавад.

3. Агар сертификати бонкӣ ҳуқуқи соҳиби сертификатро ба пасандози талаб карда гирифташаванда пешбинӣ намояд, аз ҷониби бонк дар мавриди аз тарафи соҳиби сертификати марбута пешниҳоди талабот оид ба пеш аз муҳлат баргардондани маблағҳои пулӣ маблағи пасандоз ва фоиз ба андозаи пасандози талаб карда гирифташаванда ҳисоб шуда, пардохт карда мешавад, агар тибқи шартҳои сертификати бонкӣ андозаи дигари фоиз муқаррар нашуда бошад.

4. Сертификати бонкӣ мумкин аст аз рӯйи шартҳои беҳаракатӣ супорида шавад, аз ҷумла беҳаракатӣ ба таври нигаҳдошти он дар бонке, ки онро супоридааст, ба шарте ки бонк мувофиқи қонун ҳуқуқи нигаҳдошти коғазҳои қиматноки ҳуҷҷатӣ ва ё баҳисобгирии ҳуқуқ ба коғази қиматнокро амалӣ карда тавонад. Дар мавриди беҳаракатӣ чунин сертификат ба дасти соҳибони он дода намешавад, ҳуқуқҳои соҳибони чунин сертификатҳо дар як сертификат қайд карда мешаванд, унсурҳои он аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

## Моддаи 927. Хусусиятҳои пасандози бонкии металлҳои қиматбаҳо

1. Мувофиқи шартномаи пасандози бонкӣ, ки мавзуи он металли қиматбаҳои номгӯйи муайян (пасандози металлҳои қиматбаҳо) мебошад, бонк уҳдадор мешавад ба пасандозгузор ҳамон номгӯй ва миқдори дар пасандозбудаи металлҳои қиматбаҳоро баргардонад ё маблағи пулие диҳад, ки андозаи он ба арзиши ин металлҳо баробар аст, инчунин фоизҳои тибқи шартнома пешбинишударо пардохт намояд.

2. Шартномаи пасандози металлҳои қиматбаҳо бояд нишондоди ҳатмии номгӯйи металлҳои қиматбаҳо, андозаи фоизи пасандоз ва шакли аз ҷониби пасандозгузор гирифтани он, инчунин тартиби ҳисоби андозаи маблағҳои пулии интиқолшавандаро дошта бошад, агар имконияти чунин интиқол дар шартнома пешбинӣ гардида бошад.

3. Агар қонун ҳолати дигарро муқаррар накарда бошад ё аз моҳияти ухдадорӣ барнаояд, нисбати муносибатҳо мувофиқи шартномаи пасандози бонкии металлҳои қиматбаҳо қоидаҳо оид ба пасандозҳо, ки ҳамин Кодекс муқаррар намудааст, аз ҷумла қоидаҳои қонеъгардонии талаботи кредиторон, татбиқ мешаванд.

4. Нисбати муносибатҳо мувофиқи шартномаи пасандози бонкии металлҳои қиматбаҳо қоидаҳо оид ба таъмини баргардондани пасандози шахсони воқеӣ ба тариқи суғуртаи пасандози шахсони воқеӣ татбиқ намешаванд, дар ин хусус шахси воқеӣ то бастани шартнома ба таври хаттӣ бояд огоҳонида шавад, бонк бошад, бояд аз шахси воқеӣ тасдиқи онро гирад, ки чунин огоҳӣ анҷом дода шудааст.

### Моддаи 928. Ҷавобгарӣ барои иҷро накардани талаботи баргардондани пасандоз

Дар сурати аз ҷониби бонк иҷро накардани талаботи пасандозгузор дар мавриди баргардондани пасандоз ё як қисми он дар муҳлатҳое, ки моддаи 922 ҳамин Кодекс пешбинӣ намудааст, сарфи назар аз пардохти фоизҳо ба пасандоз, бонк ухдадор аст мутобиқи моддаи 456 ҳамин Кодекс зиёни расондашударо ҷуброн намояд.

## БОБИ 49. СУРАТҲИСОБИ БОНКӢ

### §1. Қоидаҳои умумӣ дар бораи суратҳисоби бонкӣ

### Моддаи 929. Шартномаи суратҳисоби бонкӣ

Мутобиқи шартномаи суратҳисоби бонкӣ як тараф - бонк ё ташкилоти қарзии молиявии дигар, ки ба онҳо ин ҳуқуқ дар асоси иҷозатномаи бо тартиби муқаррарнамудаи қонун гирифташуда дода шудааст (минбаъд дар ҳамин параграф - бонк) ухдадор мешавад, ки маблағи пулии ба суратҳисоби тарафи дигар (соҳиби суратҳисоб) воридшударо қабул кунад ва гузаронад, супориши соҳиби суратҳисобро дар мавриди аз суратҳисоб гузарондан ва пардохти маблағҳои дахлдор ва вобаста ба суратҳисоб иҷро намудани амалиёти дигарро анҷом диҳад.

### Моддаи 930. Аз ҷониби бонк истифода бурдани маблағҳои соҳиби суратҳисоб

Бонк метавонад маблағҳои пулии дар суратҳисоби бонк мавҷудбудаи соҳиби суратҳисобро бо кафолати вуҷуд доштани он ҳангоми пешниҳоди талабот ба суратҳисоб ва ҳуқуқи соҳиби онро бе монеа ихтиёрдорӣ кардани ин маблағҳо дар доираи маблағҳои дар суратҳисоббуда истифода барад.

### Моддаи 931. Аз ҷониби соҳиби суратҳисоб ихтиёрдорӣ намудани маблағҳои пулӣ

1. Соҳиби суратҳисоб маблағҳои пулии худро, ки дар суратҳисоби бонк мавҷуданд, мустақилона ихтиёрдорӣ мекунад.

2. Бонк ҳуқуқ надорад самти истифодаи воситаҳои пулии соҳиби суратҳисобро таъин ва назорат кунад ва ё маҳдудиятҳои дигари ҳуқуқи онро дар мавриди тибқи салоҳдиди худ ихтиёрдорӣ намудани маблағҳои пулӣ, ки дар қонунгузорӣ ё дар шартнома пешбинӣ нашудаанд, муқаррар намояд.

### Моддаи 932. Шакли шартномаи суратҳисоби бонкӣ

1. Шартномаи суратҳисоби бонкӣ бояд дар шакли хаттӣ баста шавад.

2. Риоя накардани шакли хаттии шартномаи суратҳисоби бонкӣ боиси беэътибории шартнома мегардад. Чунин шартнома беоқибат мебошад.

### Моддаи 933. Бастани шартномаи суратҳисоби бонкӣ

1. Шартномаи суратҳисоби бонкӣ аз ҷониби бонк тибқи шартҳои аз ҷониби тарафҳо мувофиқашуда бо кушодани суратҳисоб дар бонк ба номи муштарӣ ё шахси зикрнамудаи он баста мешавад.

2. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои суратҳисоби бонкии худ ва таъмини амалиёти кассавӣ мустақилона бонкро интихоб менамоянд ва метавонанд бо як ё якчанд бонк шартномаи суратҳисоби бонкӣ банданд.

3. Бонк уҳдадор аст бо муштарие, ки тибқи шартҳои барои кушодани чунин намуди суратҳисоб эълонкардаи бонк бо пешниҳоди кушодани суратҳисоби ба талаботи пешбининамудаи қонунгузорӣ ва қоидаҳои мутобиқи онҳо қабулнамудаи бонк мувофиқ муроҷиат намудааст, суратҳисоб кушояд.

4. Бонк ҳуқуқ надорад кушодани суратҳисоб, анҷом додани амалиёти дахлдорро, ки қонунгузорӣ, ҳуҷҷатҳои таъсисии бонк ва иҷозатномаи ба он додашуда пешбинӣ намудаанд, ба истисноҳои ҳолатҳое, ки чунин саркашӣ бо сабаби дар бонк мавҷуд набудани имконияти хизматрасонии дахлдори бонкӣ ба миён омадааст, рад намояд.

5. Ҳангоми беасос аз бастани шартномаи суратҳисоби бонкӣ саркашӣ намудани бонк, муштарӣ ҳуқуқ дорад ба он талаботи пешбининамудаи қисми 4 моддаи 511 ҳамин Кодексро пешниҳод намояд.

### Моддаи 934. Тасдиқи ҳуқуқи ихтиёрдории маблағҳои пулие, ки дар суратҳисоб мавҷуданд

1. Ҳуқуқи шахсе, ки аз номи соҳиби суратҳисоб ихтиёрдории дар мавриди гузарондан ё додани маблағҳо аз суратҳисоб амалиёт анҷом медиҳад, аз ҷониби соҳиби он тавассути ба бонк пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳое, ки қонунгузорӣ, қоидаҳои мутобиқи онҳо муқаррарнамудаи бонк ва шартнома пешбинӣ намудаанд, тасдиқ карда мешавад.

2. Соҳиби суратҳисоб метавонад ба бонк дар мавриди аз ҳисоб баровардани маблағҳои пулӣ тибқи талаботи шахси сеюм, аз ҷумла вобаста ба

иҷрои уҳдадориҳои худ дар назди ин шахс, супориш диҳад. Бонк ин супоришро ба шарти дар он дар шакли хаттӣ зикр намудани иттилои зарурие, ки имкон медиҳад ҳангоми пешниҳоди талаботи дахлдор шахси барои чунин пешниҳод ҳуқуқдоштаро мушаххас, хусусият ва асосҳои чунин талабро муқаррар намояд, қабул мекунад.

3. Дар шартномаи суратҳисоби бонкӣ метавонад тасдиқи ҳуқуқ оид ба ихтиёрдории маблағҳои пулии дар суратҳисобҳо мавҷудбуда бо тарзи электронии пардохт ва ҳуҷҷатҳои дигар бо истифодаи имзои шабеҳи шахсӣ дар онҳо (қисми 3 моддаи 174 ҳамин Кодекс) код, рамз ва воситаҳои дигар, ки аз ҷониби шахси барои ин кор ваколатдор дода шудани онро тасдиқ менамоянд, пешбинӣ карда шавад.

### Моддаи 935. Амалиёте, ки бонк вобаста ба суратҳисоб анҷом медиҳад

Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, бонк уҳдадор аст маблағҳои пулии воридшударо қабул кунад ва ба суратҳисоб гузаронда, супориши соҳиби онро дар бораи гузарондан ва додани маблағҳои пулӣ бо роҳи анҷом додани амалиёти барои чунин намуди суратҳисобҳо пешбининамудаи қонунгузорӣ, қоидаҳои тибқи онҳо қабулнамудаи бонкҳо ва одатҳои муомилоти кории дар амалияи бонкӣ татбиқшаванда анҷом диҳад.

### Моддаи 936. Мӯҳлатҳои амалиёт аз рӯйи суратҳисоб

Бонк уҳдадор аст бо супориши соҳиби суратҳисоб на дертар аз як рӯзи баъд аз рӯзи ба бонк ворид гардидани ҳуҷҷатҳои дахлдори пардохт фаворасида, агар дар шартнома мӯҳлати дигар пешбинӣ нагардида бошад, маблағҳои пулии воридшударо ба суратҳисоб гузаронад, онро диҳад ё онро аз суратҳисоб барорад.

### Моддаи 937. Кредитонии суратҳисоб

1. Дар ҳолатҳое, ки агар тибқи шартнома бонк пардохтҳоро мувофиқи талабот ба соҳиби суратҳисоб анҷом медиҳад, ҳарчанд дар суратҳисоби он маблағҳои пулӣ мавчуд набошанд, бонк аз рӯзи анҷом додани пардохт ба муштарӣ ба маблағи дахлдор кредитдода (кредитонии суратҳисоб) ба шумор меравад.

2. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо вобаста ба кредитонии суратҳисоб, агар дар шартномаи суратҳисоби бонкӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, тибқи қоидаҳо дар бораи қарз (моддаҳои 888-891 ва 894 ҳамин Кодекс) муайян карда мешаванд.

### Моддаи 938. Пардохти хароҷоти бонк барои анҷом додани амалиёти вобаста ба суратҳисоб

1. Соҳиби суратҳисоб хизматрасонии бонкро ҷиҳати анҷом додани амалиёт бо маблағҳои пулии дар суратҳисоб мавҷудбуда тибқи шартҳои пешбининамудаи шартнома пардохт менамояд.

2. Дар ҳолатҳое, ки агар нархи хизматрасонии бонк оид ба анҷом додани амалиётҳои зикргардида дар шартнома муайян нашуда бошанд, пардохти хизматрасонӣ тибқи моддаи 486 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад.

3. Пардохти хизматрасонии бонк, ки дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинӣ шудааст, аз ҷониби бонк аз маблағҳои пулии соҳиби суратҳисоб, ки дар суратҳисоби он мавҷуданд, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, бо гузаштани ҳар семоҳа рӯёнида мешавад.

### Моддаи 939. Фоизҳо барои аз ҷониби бонк истифода бурдани маблағҳои пулии суратҳисоб

1. Агар дар шартномаи суратҳисоби бонкӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, барои истифодаи маблағҳои пулии дар суратҳисоб мавҷудбуда бонк ба соҳиби он фоиз пардохт менамояд, ки маблағи он ба суратҳисоб гузаронда мешавад.

2. Фоизҳои дар қисми 1 моддаи мазкур зикргардида аз ҷониби бонк тибқи андозае, ки дар шартнома муайян гардидааст ва ҳангоми дар шартнома мавҷуд набудани шартҳои дахлдор ба андозае, ки маъмулан бонк ба пасандозҳои талаб карда гирифташаванда (моддаи 920 ҳамин Кодекс) пардохт менамояд, пардохт карда мешаванд.

3. Маблағи фоизҳо тибқи муҳлати пешбининамудаи шартнома ва дар ҳолатҳои дар шартнома пешбинӣ нагардидани чунин муҳлатҳо - бо гузаштани ҳар семоҳа ба суратҳисоб гузаронда мешавад.

### Моддаи 940. Баҳисобгирии талаботи мутақобилаи бонк ва соҳиби суратҳисоб

1. Талаботи пулии бонк ба соҳиби суратҳисоб вобаста ба кредитонии суратҳисоб (моддаи 937 ҳамин Кодекс) ва пардохти хизматрасонии бонк (моддаи 938 ҳамин Кодекс), инчунин талаботи соҳиби суратҳисоб ба бонк дар мавриди пардохти фоиз барои истифода бурдани маблағҳои пулӣ (моддаи 939 ҳамин Кодекс), агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, бо баҳисобгирӣ (моддаи 472 ҳамин Кодекс) қатъ мегардад.

2. Баҳисобгирии талаботи дар қисми 1 моддаи мазкур зикргардида аз ҷониби бонке, ки уҳдадор аст соҳиби суратҳисобро бо тартиб ва муҳлати дар шартнома пешбинигардида дар бораи баҳисобгирии анҷомдодашуда маълумот диҳад ва агар шартҳои дахлдор аз ҷониби тарафҳо мувофиқа нашуда бошанд, бо тартиб ва муҳлати барои амалияи бонкӣ маъмули додани иттилоъ оид ба вазъи маблағҳои пулӣ дар суратҳисоби дахлдор анҷом дода мешавад.

### Моддаи 941. Асосҳои аз ҳисоб баровардани маблағҳои пулӣ аз суратҳисоб

1. Аз ҳисоб баровардани маблағҳои пулӣ аз суратҳисоб аз ҷониби бонк дар асоси супориши соҳиби он анҷом дода мешавад.

2. Аз ҳисоб баровардани маблағҳои пулии дар суратҳисоб мавҷудбуда бе супориши муштарӣ танҳо бо санади судӣ, инчунин ҳолатҳои дигари муқаррарнамудаи қонун ё шартномаи байни бонк ва муштарӣ мумкин аст.

### Моддаи 942. Навбати аз ҳисоб баровардани маблағҳои пулии суратҳисоб

1. Ҳангоми дар суратҳисоб мавҷуд будани маблағҳои пулие, ки барои қонеъ гардондани ҳамаи талаботи ба соҳиби суратҳисоб пешниҳодшуда кофӣ мебошад, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, аз ҳисоб баровардани ин маблағҳо аз суратҳисоб бо тартиби ворид гардидани супориши соҳиби суратҳисоб ва ҳуҷҷатҳои азҳисоббарории дигар (аз рӯйи навбати тақвимӣ) сурат мегирад.

2. Ҳангоми нокифоя будани маблағҳои пулии суратҳисоб барои қонеъгардонии ҳамаи талаботи ба соҳиби суратҳисоб пешниҳодшуда аз ҳисоб баровардани маблағҳои пулӣ тибқи тартиби зерин анҷом дода мешавад:

- дар навбати аввал аз ҳисоб баровардан аз рӯйи талаботи кредиторон, ки дар суратҳисоби бо маблағҳои пулӣ таъминшуда ва дар феҳристи ягонаи давлатии уҳдадориҳои таъминшуда ба қайд гирифта шудаанд ва аз рӯйи ҳуҷҷатҳои иҷро, ки интиқол ё додани маблағҳои пулиро аз суратҳисоб барои қонеъгардонии талаботи ҷуброни зараре, ки ба ҳаёт ва саломатӣ расонда шудааст, инчунин талабот оид ба ситонидани алиментро пешбинӣ менамояд;

- дар навбати дуюм аз рӯйи талаботи кредиторон, ки дар суратҳисоби бо маблағҳои пулӣ таъминшуда ва дар фехристи ягонаи давлатии уҳдадориҳои таъминшуда ба қайд гирифта нашудаанд ва аз рӯйи ҳуҷҷатҳои иҷро барои ҳисобу китоб оид ба пардохти маблағи барои аз кор рафтан ва пардохти музди меҳнат ба шахси тибқи шартномаи меҳнатӣ, аз ҷумла тибқи қарордод коркунандаро, ки маблағгузоронӣ ё додани маблағи пулӣ, инчунин оид ба пардохти подоши пулӣ тибқи шартномаи муаллифиро пешбинӣ менамояд;

- дар навбати сеюм аз ҳисоб баровардан аз рӯйи ҳуҷҷатҳои пардохт, ки пардохт ба фондҳои буҷетро пешбинӣ менамояд;

- дар навбати чорум аз ҳисоб баровардан аз рӯйи ҳуҷҷатҳои иҷро, ки қонеъ гардондани талаботи дигари пулиро пешбинӣ менамояд;

- дар навбати панҷум аз ҳисоб баровардан аз рӯйи дигар ҳуҷҷатҳои пардохт бо тартиби навбати тақвимӣ.

3. Аз ҳисоб баровардани маблағҳо аз суратҳисоб тибқи талаботи марбут ба як навбат бо тартиби навбати тақвимӣ ворид гардидани ҳуҷҷатҳо анҷом дода мешавад.

### Моддаи 943. Суратҳисоби бонкӣ

1. Агар дар қонун, дигар сандҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё қоидаҳои мутобиқи онҳо муқаррарнамудаи бонкҳо тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, қоидаҳои боби мазкур нисбат ба суратҳисобҳои муросилотӣ (корреспондентӣ) ва дигар суратҳисобҳои бонк татбиқ мегарданд.

2. Нисбати суратҳисоби ба гарав гузошташуда қоидаҳои умумии суратҳисоби бонкӣ дар қисмате, ки қоидаҳои гарави ҳуқуқ мувофиқи шартномаи суратҳисоби бонкӣ танзим накардаанд, татбиқ мешаванд.

### Моддаи 944. Хусусиятҳои суратҳисоби бонкии металлҳои қиматбаҳо

1. Мувофиқи шартномаи суратҳисоби бонкии металлҳои қиматбаҳо бонк ухдадор мешавад ба суратҳисоби барои муштарӣ (соҳиби суратҳисоб) кушода, металлҳои қиматбаҳоро қабул ва дар он ба ҳисоб гирад, инчунин дар асоси супориши муштарӣ ба суратҳисоб гузаронад, ҳамон номгӯй ва андозаи металлҳои қиматбаҳоро супорад ё бо тартиби муқаррарнамудаи шартнома маблағи пулии ба арзиши ин металл баробарро диҳад. Тартиби анҷом додани амалиётҳо мувофиқи суратҳисоби бонкии металлҳои қиматбаҳо тибқи қонун, инчунин қоидаҳои бонкии дар асоси он муқарраршуда, танзим мешавад.

2. Шартномаи суратҳисоби бонкии металлҳои қиматбаҳо бояд нишондоди ҳатмии номгӯйи металлҳои қиматбаҳо, инчунин тартиби ҳисоббаробаркунии маблағҳои пулие, ки аз он дода мешаванд, агар чунин имконият дар шартнома пешбинӣ шуда бошад, дошта бошад.

3. Нисбати муносибатҳои суратҳисоби бонкии металлҳои қиматбаҳо, инчунин нисбати муносибатҳое, ки ҳангоми амалиётҳои бонкӣ бо суратҳисоб ба вуҷуд меоянд, қоидаҳои суратҳисоби бонкӣ, ки ҳамин Кодекс муқаррар кардааст, агар дар қонун ҳолати дигар ва дар асоси он муқаррароти қоидаҳои бонкӣ набошад, татбиқ мешаванд.

4. Нисбати муносибатҳо мувофиқи шартномаи суратҳисоби бонкии металлҳои қиматбаҳо қоидаҳои моддаи 922 ҳамин Кодекс оид ба таъмини баргардондани пасандози шахсони воқеӣ тариқи суғуртаи пасандози шахсони воқеӣ татбиқ намешаванд, дар ин хусус муштарӣ - шахси воқеӣ то бастани шартномаи суратҳисоби бонкии металлҳои қиматбаҳо ба таври хаттӣ бояд огоҳонида шавад, бонк бошад, бояд аз шахси воқеӣ тасдиқи онро гирад, ки чунин огоҳӣ анҷом дода шудааст.

5. Суратҳисоби муштарак, суратҳисоби бонкии номиналӣ, суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ ва намудҳои дигари суратҳисобҳои бонкии муқаррарнамудаи қонун метавонанд суратҳисоби бонкии металлҳои қиматбаҳо бошанд.

### Моддаи 945. Ҷавобгарӣ барои сари вақт анҷом надодани амалиёт оид ба суратҳисоб ва беасос аз ҳисоб баровардани маблағҳои пулӣ

1. Дар ҳолатҳои сари вақт анҷом надодани амалиёти гузарондани маблағҳои пулии воридшуда ба суратҳисоби соҳиби он ё беасос аз ҳисоби суратҳисоб баровардани маблағҳо бонк ухдадор аст бо супориши соҳиби суратҳисоб маблағи дахлдорро ба суратҳисоб гузаронад.

2. Бонк барои сари вақт нагузарондан ё беасос аз ҳисоб баровардани маблағ ухдадор аст фоиз супорад ва мутобиқи моддаи 456 ҳамин Кодекс зиёни расондашударо ҷуброн намояд. Бонк, инчунин барои сари вақт аз суратҳисоб надодани маблағ ва сари вақт иҷро накардани супориши соҳиби суратҳисоб дар мавриди аз суратҳисоб гузарондани маблағ ҷавобгар мебошад.

### Моддаи 946. Маҳрамияти маълумот дар бораи суратҳисобҳои бонкӣ

1. Маълумот дар бораи суратҳисоби бонкӣ, амалиётҳо ва хизматрасонӣ вобаста ба он, оид ба соҳиби суратҳисоб маҳрамона буда, бонк маҳрамияти мазкурро кафолат медиҳад.

2. Маълумоте, ки тибқи қисми 1 моддаи мазкур маҳрамона эътироф шудааст, мутобиқи муқаррароти қонунҳо дар соҳаи фаъолияти бонкӣ ифшо шуда метавонад. Дастрасии ғайриқонунӣ ба чунин маълумот манъ аст.

3. Барои ғайриқонунӣ ифшо ва дастрас намудани маълумоте, ки тибқи қисми 1 моддаи мазкур маҳрамона эътироф шудааст, шахсони гунаҳкор бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

4. Дар сурати аз ҷониби бонк ғайриқонунӣ ифшо намудани маълумоте, ки тибқи қисми 1 моддаи мазкур маҳрамона эътироф шудааст, муштарие, ки ҳуқуқи он вайрон шудааст, ҳуқуқ дорад аз бонк ҷуброни зарари расондашударо талаб кунад.

5. Муқаррароти моддаи мазкур дар ҳолати бо сабабҳои гуногун қатъ гардидани муносибатҳои байни бонк ва муштарӣ эътибори худро гум намекунанд.

## Моддаи 947. Ҳабси маблағҳои суратҳисоб

1. Маблағҳои пулии дар суратҳисоб мавҷудбуда танҳо бо санади судӣ ва бо қарори мақомоти иҷро аз рӯйи ҳуҷҷати иҷро ҳабс шуданашон мумкин аст.

2. Мӯҳлати ҳабси маблағҳои пулии дар суратҳисоби бонк мавҷуда наметавонад аз мӯҳлати барои пешбурди парвандаҳои дахлдор муқаррарнамудаи қонун бештар бошад.

## Моддаи 948. Нигаронидани рӯёниш ба маблағҳои суратҳисоб

Нигаронидани рӯёниши маҷбурӣ ба маблағҳои пулии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дар суратҳисоби бонкҳо мавҷуда, аз ҷумла рӯёниши маҷбурӣ ва мусодира, метавонанд танҳо дар асоси санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдокардаи суд анҷом дода шаванд, агар дар қонун тартиби дигар муқаррар нашуда бошад.

## Моддаи 949. Бастани суратҳисоби бонкӣ

1. Шартномаи суратҳисоби бонкӣ метавонад тибқи аризаи соҳиби он ҳар вақт бекор карда шавад.

2. Агар андозаи маблағи пулии дар суратҳисоб мавҷуда аз андозаи ҳадди ақалли пешбининамудаи қонун ва қоидаҳои мувофиқи он муқаррарнамудаи бонкҳо ё шартнома камтар бошад, бонк ҳуқуқ дорад бекор кардани шартномаи суратҳисоби бонкиро талаб намояд.

3. Бекор кардани шартнома барои баста шудани суратҳисоби бонкӣ асос мебошад.

4. Бақияи маблағҳои пулии суратҳисоб ба соҳиби он баргардонда мешавад ё тибқи дастури он ба дигар суратҳисоб гузаронда мешавад.

5. Ҳолатҳои дигари бастани суратҳисоби бонкиро қонунгузорӣ муайян менамояд.

## §2. Суратҳисоби бонкии номиналӣ

### Моддаи 950. Суратҳисоби бонкии номиналӣ

1. Суратҳисоби бонкии номиналӣ барои амалиётҳо бо маблағҳои пулӣ ба соҳиби он кушода мешавад, дар як вақт ҳуқуқ ба ин маблағҳо ба шахси дигар - бенефитсиар тааллуқ дошта бошад. Ба истисноӣ ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун ҳуқуқ ба ин маблағҳо ба якчанд шахсон - бенефитсиарон таалуқ дошта метавонад.

2. Ҳуқуқ ба маблағҳои пулии ба суратҳисоби бонкии номиналӣ воридшуда, аз ҷумла дар натиҷаи гузоштани онҳо аз ҷониби соҳиби суратҳисоб, ба бенефитсиар тааллуқ дорад.

3. Шарти муҳимми шартномаи суратҳисоби бонкии номиналӣ нишон додани бенефитсиар ё тартиби қабули иттилоот аз соҳиби суратҳисоб дар бораи бенефитсиар ё бенефитсиарон, инчунин асоси иштироки онҳо дар муносибатҳо мувофиқи шартномаи суратҳисоби бонкии номиналӣ мебошад.

4. Мувофиқи қонун ё шартномаи суратҳисоби бонкии номиналӣ бо иштироки бенефитсиар ба зиммаи бонк мумкин аст уҳдадории назорати истифода намудани маблағҳои пулӣ аз ҷониби соҳиби суратҳисоб ба манфиати бенефитсиар дар доира ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ё шартнома гузошта шавад.

### Моддаи 951. Бастани шартномаи суратҳисоби бонкии номиналӣ

1. Шартномаи суратҳисоби бонкии номиналӣ дар шакли хаттӣ ба тариқи тартиб додани як ҳуҷҷат (аз ҷумла электронӣ), ки аз ҷониби тарафҳо имзо карда шудааст, бо ишораи ҳатмии рӯзи бастан ё мубодилаи ҳуҷҷатҳои электронӣ ё маълумоти дигар тибқи қоидаҳои қисми 1 моддаи 174 ҳамин Кодекс баста мешавад.

2. Шартномаи суратҳисоби бонкии номиналӣ мумкин аст бо иштирок, ҳамчунин бе иштироки бенефитсиар баста шавад. Шартномаи суратҳисоби бонкии номиналии бо иштироки бенефитсиар басташуда инчунин аз ҷониби бенефитсиар имзо карда мешавад.

3. Риоя накардани шакли шартномаи суратҳисоби бонкии номиналӣ боиси беэътибор шудани он мегардад. Чунин шартнома беоқибат мебошад.

### Моддаи 952. Амалиётҳо тибқи суратҳисоби бонкии номиналӣ

1. Дар мавриде, ки агар дар суратҳисоби бонкии номиналӣ маблағҳои пулии якчанд бенефитсиарон ба ҳисоб гирифта шаванд, бонк пешбурди баҳисобгирии маблағҳои пулии ҳар як бенефитсиарро анҷом медиҳад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки мувофиқи қонун ё шартномаи суратҳисоби бонкии номиналӣ уҳдадории ба ҳисоб гирифтани маблағҳои пулии ҳар як бенефитсиар ба зиммаи соҳиби суратҳисоб гузошта шуда бошад.

2. Мувофиқи қонун ё шартномаи суратҳисоби бонкии номиналӣ доираи амалиётҳо, ки бо супориши соҳиби суратҳисоб анҷом дода мешаванд, мумкин аст маҳдуд карда шаванд, аз ҷумла ба тариқи муайян намудани:

- шахсоне, ки ба онҳо мумкин аст маблағи пулӣ гузаронда ё дода шавад;

- шахсоне, ки бо розигии онҳо амалиётҳо тибқи суратҳисоб анҷом дода мешаванд;

- ҳуҷҷатҳое, ки асоси анҷом додани амалиётҳо мебошанд;

- ҳолатҳои дигар.

## §3. Суратҳисоби бонкии эскроу

### Моддаи 953. Шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу

1. Мувофиқи шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу бонк (агенти эскроу) барои баҳисобгирӣ ва манъ кардани маблағҳои пулӣ, ки он аз соҳиби суратҳисоб (амонатгузор) барои додани онҳо ба дигар шахс (бенефитсиар) ҳангоми ба вуҷуд омадани асосҳои пешбининамудаи шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу, суратҳисоби бонкии эскроу мекушояд. Ҳуқуқ ба маблағҳои пулие, ки дар суратҳисоби бонкии эскроу нигоҳ дошта мешаванд, то рӯзи ба вуҷуд омадани асосҳои гузарондани онҳо ба бенефитсиар, ба амонатгузор, баъди рӯзи зикршуда бошад, ба бенефитсиар тааллуқ дорад. Ихтиёрдории маблағҳои пулие, ки дар суратҳисоби бонкии эскроу нигоҳ дошта мешаванд, бо тартиби муқаррарнамудаи параграфи мазкур анҷом дода мешавад.

2. Уҳдадорӣ мувофиқи шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу дар баробари шартномаи зикршуда, мумкин аст дар шартномаи дигар зикр шуда бошад, ки тибқи он агенти эскроу бонк мебошад.

3. Подоши пулии бонк ҳамчун агенти эскроу аз маблағҳои пулии дар суратҳисоби бонкии эскроубуда гирифта намешавад, агар дар шартнома ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад.

4. Нисбат ба муносибатҳои тарафҳо қоидаҳои умумии суратҳисоби бонкӣ ва шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу, ки ҳамин Кодекс пешбинӣ намудааст, татбиқ мешаванд, агар қонун ҳолати дигарро муқаррар накунад.

### Моддаи 954. Маҳдудиятҳои ихтиёрдории маблағҳои пулӣ ва истифодаи суратҳисоби бонкии эскроу

1. Агар дар шартнома ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад, то фаро расидани асоси дар шартнома муайяншуда на амонатгузор ва на бенефитсиар ҳуқуқи ихтиёрдории маблағҳои пулии дар суратҳисоби бонкии эскроубударо надоранд.

2. Ба суратҳисоби бонкии эскроу ворид намудани дигар маблағҳои пулии амонатгузор, ба истисноӣ маблағҳои тибқи шартномаи эскроу ба амонат гузошта, роҳ дода намешавад.

3. Ҳангоми ба вуҷуд омадани асосҳои муқаррарнамудаи шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу, бонк дар мӯҳлати пешбининамудаи ин шартнома,

дар мавриди набудани он дар давоми даҳ рӯз уҳдадор аст ба бенефитсиар маблағи ба амонатгузоштаро диҳад ё ба суратҳисоби нишондодаи он гузаронад.

4. Боздоштани амлиётҳо бо суратҳисоби бонкии эскроу, ҳабс ё аз ҳисоб баровардани маблағҳои пулии даронбуда мувофиқи уҳдадориҳои амонатгузор дар назди шахсони сеюм ва тибқи уҳдадориҳои бенефитсиар роҳ дода намешавад.

### Моддаи 955. Бастани суратҳисоби бонкии эскроу

1. Агар дар шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад, аз ҷониби бонк бастани суратҳисоби бонкии эскроу баъди ба итмом расидани муҳлати он ё қатъ шудани он бо асосҳои дигари шартномавӣ амалӣ карда мешавад. Қоидаҳои муқаррарнамудаи қисмҳои 1 ва 2 моддаи 949 ҳамин Кодекс нисбати муносибатҳо бо суратҳисоби бонкии эскроу татбиқ намешаванд.

2. Агар дар созишномаи байни амонатгузор ва бенефитсиар ҳолати дигар пешбинӣ нагардида бошад, ҳангоми бекор намудани шартномаи суратҳисоби бонкии эскроу бақияи маблағҳои пулӣ гузаронда ё ба амонатгузор дода мешавад, ё ҳангоми ба вуҷуд омадани асосҳои ба бенефитсиар додани ин маблағҳо, онҳо ба он гузаронда ё дода мешаванд.

## §4. Суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ

### Моддаи 956. Шартномаи суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ

1. Мувофиқи шартномаи суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ, ки барои мақсадҳои ба амонат гузоштани маблағҳои пулӣ, дар мавридҳои муқаррарнамудаи қонун баста мешавад, бонк уҳдадор аст маблағҳои пулии қарздор ё шахси дигар (амонатгузор)-и дар қонун зикршударо ба суратҳисоби барои соҳиби он кушода, қабул ва ба манфиати бенефитсиар ворид намояд.

2. Мувофиқи шартномаи суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ бонк ҳуқуқ надорад мутобиқати амалиётҳои соҳиби онро ҷиҳати риояи қоидаҳои муқаррарнамудаи қонун дар бораи ба амонат гузоштан назорат намояд, агар қонун ҳолати дигарро муқаррар накарда бошад.

3. Ба амонат гузоштани маблағи пулӣ дар суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ боиси ба вуҷуд омадани талаби шахси ба манфиати он маблағи пулӣ гузошташуда (бенефитсиар) нисбати соҳиби суратҳисоб мегардад. Бенефитсиар ҳуқуқ надорад бевосита аз бонк амалиётро бо маблағҳои пулии барои манфиатҳои он ба суратҳисоби амонатии оммавӣ воридшуда талаб намояд.

4. Бенефитсиар ҳуқуқ дорад бо тартиби муқаррарнамудаи қонун аз соҳиби суратҳисоб ба он гузарондан (додан)-и маблағҳои пулии дар суратҳисоби бонкии амонатии оммавибударо талаб намояд.

### Моддаи 957. Амалиётҳои бонкӣ тибқи суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ

1. Мувофиқи суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ ва дар асоси супориши соҳиби он амалиётҳои ба бенефитсиар гузарондан ё додани маблағҳои амонатгузоштащуда ва баргардондани ин маблағҳои пулиро ба амонатгузор ё бо супориши он ба шахси дигар анҷом додан мумкин аст. Анҷом додани амалиётҳои дигар бо ин суратҳисоб ва кредитонии он (моддаи 937 ҳамин Кодекс) роҳ дода намешавад, агар қонун ҳолати дигарро муқаррар накарда бошад.

2. Соҳиби суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ барои риоя накардани қоидаҳои муқаррарнамудаи қонун оид ба амонатгузорӣ дар назди бенефитсиар ва амонатгузор барои амалиётҳо бо ин суратҳисоб ҷавобгар мебошад.

3. Бонк дар назди бенефитсиар ва амонатгузор барои дар асоси супориши соҳиби суратҳисоб анҷом додани амалиётҳо тибқи суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ бо риоя накардани қоидаҳои муқаррарнамудаи қонун оид ба амонатгузорӣ ҷавобгар нест, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки агар бонк ӯҳдадории тибқи қонун муқарраршударо оид ба назорати истифодаи маблағҳои пулии дарсуратҳисоббуда иҷро накарда бошад.

### Моддаи 958. Фоизи аз ҷониби бонк истифода намудани маблағҳои пулии дар суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ мавҷуда

1. Барои истифодаи маблағҳои пулии дар суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ мавҷуда бонк фоизи маблағи ба суратҳисоб воридкардашударо пардохт менамояд.

2. Фоизи дар қисми 1 моддаи мазкур нишондодашуда аз ҷониби бонк ба андозаи ҳамчун қоида тибқи пасандози талаб карда гирифташаванда (моддаи 920 ҳамин Кодекс) пардохткунандаи бонк, пардохт карда мешавад, агар андозаи фоизи дигар дар шартномаи суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ пешбинӣ нашуда бошад.

3. Пардохти маблағҳои пулии барои бенефитсиар амонатгузоштащуда, инчунин ба амонатгузор баргардондани он бо ҳисоби фоизҳое, ки ба бонк пардохт карда мешаванд ё бояд пардохт карда шаванд, барои давраи аз лаҳзаи воридшавии ин маблағҳо ба суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ то пардохти онҳо ба бенефитсиар ё баргардондани он ба амонатгузор бо ҳисоби нигоҳ доштани подоши пулии бонк мувофиқи шартномаи суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ, анҷом дода мешавад.

### Моддаи 959. Ихтиёрдорӣ намудани маблағҳои пулии дар суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ мавҷуда

1. Ҳабс, боздоштани амалиёт ва аз ҳисоб баровардани маблағҳои пулии дар суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ мавҷуда мувофиқи ӯҳдадориҳои соҳиби суратҳисоб дар назди кредиторҳои худ ва тибқи ӯҳдадориҳои бенефитсиар ё амонатгузор иҷозат дода намешаванд. Рӯёниш мувофиқи ӯҳдадориҳои

бенефитсиар ё амонатгузор мумкин аст ба ҳуқуқи талабкунии онҳо ба соҳиби суратҳисоб нигаронида шавад.

2. Дар мавриди аз ҷониби соҳиби суратҳисоб иҷро накардани уҳдадории пешбининамудаи қонун оид ба додан ё баргардондани маблағҳои пулии ба амонат гузошта, бенефитсиар ё амонатгузор ҳуқуқ доранд аз соҳиби суратҳисоб анҷом додани амалҳои дахлдорро бо тартиби судӣ талаб намоянд.

### Моддаи 960. Иваз намудани соҳиби суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ ва қатъи шартнома

1. Ҳангоми вафоти нотариус (шахси дигари ваколатдор оид ба кушодани суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ) ё даст кашидан, ё қатъ гардидани ваколатҳои он, соҳиби суратҳисоб бо дигар нотариус (шахси дигар) иваз карда мешавад, ба он ки соҳиби суратҳисоб мегардад, корҳои нотариус (шахси дигар) мувофиқи қонунгузорӣ дода мешаванд.

2. Дар мавриди барҳамдиҳӣ ё азнавташкилкунии мақомоти давлатӣ, ки ба кушодани суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ ваколатдор буд, соҳиби чунин суратҳисоб бо мақомоти дигар иваз карда мешавад, ки ба салоҳияти он тибқи қонунгузорӣ кушодани чунин суратҳисоб мансуб аст.

3. Мувофиқи асосҳои пешбининамудаи моддаи 949 ҳамин Кодекс шартномаи суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ қатъ шуда наметавонад.

## БОБИ 50. ҲИСОББАРОБАРКУНӢ

## §1. Муқаррароти умумӣ дар бораи ҳисоббаробаркуниҳо

### Моддаи 961. Ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ

1. Ҳисоббаробаркуниҳои байни шахсони воқеӣ ва ҳисоббаробаркуниҳо бо иштироки шахсони воқеӣ, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд, бе маҳдудияти маблағ бо пули нақд (моддаи 149 ҳамин Кодекс) анҷом дода мешаванд.

2. Ҳисоббаробаркуниҳои байни шахсони ҳуқуқӣ, инчунин ҳисоббаробаркуниҳо бо иштироки шахсони воқеӣ, ки ба фаъолияти соҳибкории (моддаи 24 ҳамин Кодекс) онҳо вобаста аст, ба таври ғайринақдӣ анҷом дода мешаванд. Ҳисоббаробаркуниҳои байни шахсони зикргардида мумкин аст бо назардошти маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонун ва қоидаҳои бонкии тибқи онҳо қабулгардида инчунин бо пули нақд анҷом дода шаванд.

3. Ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба тариқи гузарондани маблағҳои пулӣ тавассути бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии молиявии дигар, ки ба онҳо ин ҳуқуқ дар асоси иҷозатномаи бо тартиби муқаррарнамудаи қонун гирифташуда дода шудааст (минбаъд дар ҳамин параграф - бонкҳо), бо кушодан ё бе кушодани суратҳисобҳои бонкӣ, бо тартиби муқаррарнамудаи қонун, қоидаҳои бонкии мутобиқи онҳо қабулгардида ва шартнома анҷом дода мешаванд, агар аз қонун тартиби дигари ҳисоббаробаркунӣ барнаояд.

### Моддаи 962. Шаклҳои ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ

1. Ҳангоми анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ҳисоббаробаркунӣ бо супоришномаи пардохтӣ, тибқи аккредитив, чекҳо, инкассо, инчунин ҳисоббаробаркунӣ бо шаклҳои дигар, ки қонунгузорӣ, қоидаҳои бонкии мутобиқи онҳо қабулгардида ва одатҳои муомилоти корӣ дар амалияи бонкӣ татбиқшаванда пешбинӣ намудаанд,метавонад амалӣ карда шавад.

2. Тарафҳои шартнома ҳуқуқ доранд дар шартнома ҳама гуна шаклҳои ҳисоббаробаркуниро тибқи қисми 1 моддаи мазкур интихоб ва пешбинӣ намоянд.

## §2. Ҳисоббаробаркуниҳо бо супоришномаҳои пардохтӣ

### Моддаи 963. Муқарраротӣ умумии ҳисоббаробаркуниҳо бо супоришномаҳои пардохтӣ

1. Ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо бо супоришномаҳои пардохтӣ бонк ӯҳдадор мегардад бо супориши муштарӣ аз ҳисоби маблағҳое, ки дар суратҳисоби он мавҷуданд, маблағи муайяни пулиро ба суратҳисоби шахси зикркардаи муштарӣ дар мӯҳлати муқарраршуда (моддаи 936 ҳамин Кодекс) ба ин ё он бонк гузаронад.

2. Шахси дар супоришномаҳои пардохтӣ ба ҳайси маблағгиранда зикргардида ҳуқуқи аз бонк талаб кардани иҷрои пардохтро, ба истиснои ҳолатҳое, ки чунин ҳуқуқро қонун ё шартномаи муштарӣ бо бонк пешбинӣ намудааст, ба даст намеорад.

3. Бонки пардохткунанда ҳуқуқ дорад бонкҳои дигар (бонкҳои миёнарав)-ро барои иҷрои супориши пардохткунанда ҷалб намояд.

4. Қоидаҳои параграфи мазкур нисбат ба муносибатҳое, ки бо амалӣ намудани ҳисоббаробаркуниҳо бо супоришномаҳои гузарондани маблағҳои пулӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ алоқаманд мебошанд, бо назардошти хусусиятҳои пешбининамудаи моддаи 966 ҳамин Кодекс, татбиқ мешаванд.

### Моддаи 964. Шарти қабули супоришномаи пардохтӣ аз ҷониби бонк

1. Мазмуни супоришномаи пардохтӣ, ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунии якҷоя бо он пешниҳодшаванда ва шакли онҳо бояд ба талаботи муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва қоидаҳои бонкӣ мутобиқ бошанд.

2. Дар сурати номутобиқатии супоришномаи пардохтӣ ба талаботи дар қисми 1 моддаи мазкур зикргардида бонк метавонад мазмуни супоришномаро дақиқ кунад. Чунин дархост баъди гирифтани супоришнома ба пардохткунанда бояд фавран пешниҳод карда шавад. Дар сурати нагирифтани ҷавоб дар мӯҳлати пешбининамудаи қонунгузорӣ ё қоидаҳои мутобиқи он муқарраркардаи бонк ва ҳангоми вуҷуд надоштани онҳо, агар дар қонунгузорӣ ва қоидаҳои бонкии дар асоси он муқарраргардида ё шартномаи байни бонк ва пардохткунанда тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, дар мӯҳлати оқилона

бонк метавонад супоришномаро бе иҷро монад ва онро ба пардохткунанда баргардонад.

3. Агар тибқи шартномаи байни муштарӣ ва бонк тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, супоришномаи муштарӣ аз ҷониби бонк ҷиҳати иҷро танҳо дар мавриди дар суратҳисоби муштарӣ вуҷуд доштани маблағ қабул карда мешавад.

### Моддаи 965. Иҷрои супоришномаи пардохтӣ

1. Бонке, ки супоришномаи пардохтии муштариро қабул мекунад, уҳдадор аст маблағи пулии дахлдорро ҷиҳати ворид намудани он ба суратҳисоби шахси дар супоришнома зикргардида ба бонки маблағгиранда дар мӯҳлати дар шартномаи суратҳисобҳои бонкӣ муқарраршуда ва агар дар шартнома мӯҳлат муқаррар нагардида бошад, дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қоидаҳои бонкӣ ё одатҳои муомилоти кории дар амалияи бонкӣ татбиқшаванда гузаронад.

2. Бонк ҳуқуқ дорад бонкҳои дигарро барои иҷрои амалиёти интиқоли маблағи пулӣ ба суратҳисоби дар супоришномаи муштарӣ зикргардида ҷалб намояд.

3. Агар дар шартнома тартиби дигар муқаррар нашуда бошад, бонк уҳдадор аст ба муштарӣ дар бораи иҷрои супоришнома фавран иттилоъ диҳад.

### Моддаи 966. Хусусиятҳои ҳисоббаробаркуниҳо бе кушодани суратҳисоби бонкӣ

1. Ҳангоми гузарондани маблағҳои пулӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ бонки пардохткунанда уҳдадор мешавад дар асоси супориши шахси воқеӣ - пардохткунанда мабалағҳои пулии супоридаашро ба гирандаи ин маблағҳо гузаронад.

2. Кофӣ будани маблағҳои пулӣ барои иҷрои супориш дар бораи гузарондани онҳо, бе кушодани суратҳисоби бонкӣ мутобиқи андозаи аз ҷониби пардохткунандаи маблағҳои пулӣ ба бонк супоридашуда муайян карда мешавад.

### Моддаи 967. Ҷавобгарӣ барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби супоришномаи пардохтӣ

1. Дар ҳолати иҷро накардан ё иҷрои номатлуби супоришномаи пардохтии муштарӣ бонк барои ин вайронкунӣ мутобиқи боби 30 ҳамин Кодекс ҷавобгар аст.

2. Дар ҳолатҳое, ки агар иҷро накардан ё иҷрои номатлуби супоришнома бинобар вайронкунии қоидаҳои анҷом додани амалиёти ҳисоббаробаркунӣ аз ҷониби бонки барои иҷрои супоришномаи пардохткунанда ҷалбгардида рух дода бошад, мутобиқи қисми 1 моддаи мазкур суд метавонад ҷавобгариро ба зиммаи ҳамин бонк гузорад.

3. Агар вайронкунии қоидаҳои анҷом додани амалиёти ҳисоббаробаркунӣ аз ҷониби бонк боиси нигаҳдории ғайриқонунии маблағи пулӣ гардад, бонк

уҳдадор аст бо тартиб ва андозаи пешбининамудаи моддаи 456 ҳамин Кодекс фоизи онро пардохт намояд.

### §3. Ҳисоббаробаркунӣ тибқи аккредитив

### Моддаи 968. Муқаррароти умумӣ оид ба ҳисоббаробаркунӣ тибқи аккредитив

1. Ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ тибқи аккредитив бонке, ки бо супориши пардохткунанда дар бораи кушодани аккредитив ва мутобиқи дастури он амал мекунад (бонки эмитент), уҳдадор мешавад пардохтҳоро ба маблағгиранда гузаронад ё пардохт намояд, аксепт кунад ё вексели интиқолиро ба инобат гирад ё ваколати гузарондани пардохтҳоро ба маблағгиранда ё пардохт намудан, аксепт кардан ё ба инобат гирифтани вексели интиқолиро ба зиммаи бонки дигар (бонки иҷрокунанда) гузорад.

2. Нисбат ба бонки эмитент, ки пардохтҳоро ба маблағгиранда мегузаронад ё худ пардохт мекунад, аксепт менамояд ё вексели интиқолиро ба инобат мегирад, қоидаҳо оид ба бонки иҷрокунанда татбиқ мешаванд.

3. Дар ҳолати кушодани аккредитиви пӯшонидашуда (ба амонат гузошташуда) бонки эмитент дар мавриди кушодани он уҳдадор аст маблағи аккредитив (пӯшонидани он)-ро аз ҳисоби пардохткунанда ё кредити ба он пешниҳодшуда барои тамоми муҳлати амали уҳдадории бонки эмитент ба ихтиёри бонки иҷрокунанда гузаронад.

4. Дар ҳолати кушодани аккредитиви пӯшониданашуда (кафолатнок) ба бонки иҷрокунанда ҳуқуқ дода мешавад, аз суратҳисоби бонки эмитент, ки пешбурди онро анҷом медиҳад, ҳамаи маблағи аккредитивро соқит гардонад.

5. Тартиби анҷом додани ҳисоббаробаркунӣ тибқи аккредитив мутобиқи қонунгузорӣ, инчунин қоидаҳои бонкии дар асоси он муқарраргардида ва одатҳои муомилоти кории дар амалияи бонкӣ татбиқшаванда танзим карда мешавад.

6. Маблағгиранда метавонад ҳуқуқҳои худро оид ба қабули пардохтҳо аз рӯйи аккредитив дар сурати иҷрои ҳамаи шартҳои он мутобиқи шартнома гузашт кунад, ба гарав гузорад ё ба тариқи дигар ихтиёрдорӣ намояд.

### Моддаи 969. Аккредитиви бозхостшаванда

1. Аккредитиве бозхостшаванда эътироф мешавад, ки онро бонки эмитент бе огоҳонии пешакии маблағгиранда метавонад тағйир диҳад ё бекор кунад. Бозхости аккредитив ягон уҳдадории бонки эмитентро дар назди маблағгиранда ба вуҷуд намеорад.

2. Бонки иҷрокунанда уҳдадор аст пардохтҳо ва амалиёти дигарро оид ба аккредитиви бозхостшаванда анҷом диҳад, агар дар лаҳзаи анҷом додани онҳо дар бораи тағйир додани шартҳо ё бекор кардани аккредитив огоҳинома нагирифта бошад.

### Моддаи 970. Аккредитиви бозхостнашаванда

1. Аккредитиве бозхостнашаванда эътироф мешавад, ки бе розигии маблағгиранда онро бекор кардан мумкин нест.

2. Тибқи хоҳиши бонки эмитент бонки иҷрокунанда, ки дар гузарондани амалиёти аккредитивӣ иштирок дорад, метавонад аккредитиви бозхостнашаванда (аккредитиви кафолатнок)-ро тасдиқ намояд (моддаи 971 ҳамин Кодекс). Ин гуна кафолат чунин маъно дорад, ки бонки иҷрокунанда илова ба ухдадории бонки эмитент оид ба анҷом додани пардохт тибқи шартҳои аккредитив ухдадорӣ қабул кардааст.

3. Аккредитиви кафолатнокро бе розигии бонки иҷрокунанда тағйир додан ё бекор кардан мумкин нест.

## Моддаи 971. Аккредитиви тасдиқшуда

1. Мувофиқи хоҳиши бонки эмитент аккредитиви бозхостнашаванда метавонад аз ҷониби дигар бонк (бонки тасдиққунанда) тасдиқ карда шавад. Баъди тасдиқи он ин бонк дар назди бенефитсиар мутобиқи ҳадди маблағи тасдиқнамудаи аккредитив муштаракан бо бонки эмитент уҳдадор мешаванд. Уҳдадории бонки тасдиққунанда аз лаҳзаи ба маблағгиранда ё ба бонки маблағгиранда интиқоли огоҳиномаи тасдиқи аккредитив ба вуҷуд меояд, агар дар огоҳинома ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Дар мавриди тағйир додани аккредитив бонки тасдиққунанда бо шартҳои тағйирёбии он уҳдадор мегардад, агар ба ин розигии худро дода бошад. Дар мавридҳои дигар ин бонк тибқи шартҳои пешинаи аккредитив уҳдадор ба ҳисоб меравад. Уҳдадории бонки тасдиққунанда ба аккредитив бо назардошти ворид намудани тағйирот ба он, аз лаҳзаи ба маблағгиранда ё ба бонки маблағгиранда интиқол додани огоҳинома дар ин хусус, ба вуҷуд меояд, агар дар огоҳинома ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад.

## Моддаи 972. Аккредитиви гузаранда

1. Иҷрои аккредитив нисбати шахси муқаррарнамудаи маблағгиранда амалӣ мешавад, агар имконияти чунин иҷро дар шартҳои аккредитив пешбинӣ шуда бошад ва бонки иҷрокунанда розигии худро ба чунин иҷро дода бошад (минбаъд - аккредитиви гузаранда). Ҳамзамон маблағгиранда ҳуқуқи муайян намудани ҳуҷҷатҳоеро дорад, ки шахси муайяннамудаи он бояд барои иҷрои аккредитиви гузаранда пешниҳод кунад. Ин ҳуҷҷатҳо мумкин аст мувофиқи шартҳои аккредитиви гузаранда пешбинӣ нашаванд. Нисбати муносибатҳои ҳангоми иҷрои аккредитив мувофиқи моддаи мазкур бавуҷудомада қоидаҳои параграфи 1 боби 29 ҳамин Кодекс татбиқ намешаванд.

2. Маблағгиранда ҳуқуқ дорад дар аризаи ба бонки иҷрокунанда пешниҳоднамудааш шахсеро муайян намояд, ки нисбати он иҷрои аккредитиви гузаранда (минбаъд - маблағгирандаи дуюм) то лаҳзаи аз ҷониби он пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои мутобиқ ба шартҳои аккредитиви ба манфиати он кушодашуда амалӣ мешавад.

3. Маблағгирандаи дуюм ҳуқуқ надорад шахси дигарро муайян намояд, ки дар нисбаташ бояд аккредитиви гузаранда иҷро карда шавад, ба истиснои маблағгиранда.

4. Тартиб ва шартҳои иҷрои аккредитиви гузаранда тибқи қонун, қоидаҳои бонкӣ ва шартҳои аккредитив муайян карда мешаванд.

## Моддаи 973. Иҷрои аккредитив

1. Ҷиҳати иҷрои аккредитив маблағгиранда ба бонки иҷрокунанда ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи иҷрои ҳамаи шартҳои аккредитивро, аз ҷумла дар шакли электронӣ, пешниҳод менамояд. Дар сурати вайрон кардани ҳатто яке аз ин шартҳо пардохт аз ҳисоби аккредитив анҷом дода намешавад.

2. Агар бонки иҷрокунанда мутобиқи шартҳои аккредитив пардохтро ба ҷо орад ё амалиёти дигарро анҷом диҳад, бонки эмитент уҳдадор аст ба он ҷуброни хароҷоти масрафгардидаро тибқи қоидаҳои муқарраршудаи бонкӣ диҳад. Ин хароҷот, инчунин ҳамаи хароҷоти дигари бонки эмитент, ки бо иҷрои аккредитив вобастаанд, аз ҷониби пардохткунанда пӯшонида мешаванд.

## Моддаи 974. Радди қабули ҳуҷҷатҳо

1. Агар бонки иҷрокунанда қабули ҳуҷҷатҳоеро, ки бо аломатҳои зоҳирӣ ба шартҳои аккредитив мутобиқат намекунанд, рад намояд, он уҳдадор аст дар ин хусус фавран бо нишон додани сабабҳои радкунӣ ба маблағгиранда ва бонки эмитент иттилоъ диҳад.

2. Агар бонки эмитент, ҳуҷҷатҳои қабулнамудаи бонки иҷрокунандаро гирифта, чунин ҳисоб кунад, ки он тибқи аломатҳои зоҳирӣ бо шартҳои аккредитив мутобиқ нест, ҳуқуқ дорад қабули онҳоро рад намояд ва аз бонки иҷрокунанда маблағи ба маблағгиранда бо вайрон кардани шартҳои аккредитив пардохтшударо талаб намояд ва вобаста ба аккредитиви пӯшониданашуда (кафолатнок) бошад, метавонад ҷуброни маблағи пардохтшударо рад кунад.

## Моддаи 975. Ҷавобгарии бонки иҷрокунанда

Дар мавриди пардохти нодуруст ё радди беасоси пардохти маблағ тибқи аккредитив, ки дар натиҷаи уҳдадориҳои пешбининамудаи қоидаҳои бонкиро вайрон кардани бонки иҷрокунанда рух додааст, бонки иҷрокунанда дар назди бонки эмитент ва дар ҳолатҳое, ки иҷрои аккредитивро бонки эмитент амалӣ мегардонад, дар назди пардохткунанда ҷавобгар мебошад.

## Моддаи 976. Бастани аккредитив

1. Аккредитив дар бонки иҷрокунанда дар ҳолатҳои зерин баста мешавад:

- бо гузаштани мухлати аккредитив;

- тибқи аризаи маблағгиранда дар бораи радкунии истифодаи аккредитив то гузаштани муҳлати амали он, агар имконияти чунин радкунӣ бо шартҳои аккредитив пешбинӣ шуда бошад;

- тибқи талаби пардохткунанда дар бораи пурра ё қисман бозхостани аккредитив, агар чунин бозхост тибқи шартҳои аккредитив мумкин бошад.

2. Дар бораи бастани аккредитив бонки иҷрокунанда бояд бонки эмитентро огоҳ намояд.

3. Маблағи истифоданашудаи аккредитиви амонатшуда бояд ҳамзамон бо бастани аккредитив ба бонки эмитент баргардонда шавад. Бонки эмитент уҳдадор аст маблағи баргардондашударо ба суратҳисоби пардохткунанда, ки маблағи он ба амонат гузошта шудааст, ворид намояд.

## §4. Ҳисоббаробаркунӣ тибқи инкассо

### Моддаи 977. Муқаррароти асосии ҳисоббаробаркунӣ тибқи инкассо

1. Ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ тибқи инкассо муштарӣ ба бонки худ (бонки эмитент) супоришнома мефиристад, ки аз ҳисоби муштарӣ аз пардохткунанда гирифтани пардохт анҷом дода шавад.

2. Бонки эмитенте, ки супоришномаи инкассо гирифтааст, ҳуқуқ дорад барои иҷрои он бонки дигар (бонки иҷрокунанда)-ро ҷалб намояд.

3. Тартиби анҷом додани ҳисоббаробаркунӣ тибқи инкассо мувофиқи қонунгузорӣ, қоидаҳои бонкии мутобиқи он қабулгардида ва одатҳои муомилоти кории дар амалияи бонкӣ татбиқшаванда танзим карда мешавад.

4. Дар сурати иҷро накардан ё иҷрои номатлуби супоришномаи муштарӣ, бонки эмитент дар назди он тибқи асосҳо ва андозаи пешбининамудаи боби 30 ҳамин Кодекс ҷавобгар мебошад. Агар иҷро накардан ё иҷрои номатлуби супоришномаи муштарӣ бинобар вайронкунии қоидаҳои анҷом додани амалиёти ҳисоббаробаркунӣ аз ҷониби бонки иҷрокунанда ба миён омада бошад, ҷавобгарӣ метавонад дар назди муштарӣ ба зиммаи ҳамин бонк гузошта шавад.

### Моддаи 978. Иҷрои супоришномаи инкассо

1. Ҳангоми вуҷуд надоштани ягон ҳуҷҷат ё аз рӯйи аломатҳои зоҳирӣ мутобиқ набудани ҳуҷҷатҳо ба супоришномаи инкассо, бонки иҷрокунанда уҳдадор аст дар ин хусус шахсеро, ки аз номи он супоришномаи инкассо гирифтааст, фавран огоҳ созад. Дар ҳолати бартараф нагардидани камбудиҳои зикршуда бонк ҳуқуқ дорад ҳуҷҷатҳоро бе иҷро баргардонад.

2. Ҳуҷҷатҳо ба пардохткунанда дар ҳамон шакле, ки гирифта шудаанд, ба истиснои қайдҳо ва навиштаҷоти бонкҳо, ки барои расмиёти амалиёти инкассо заруранд, баргардонда мешаванд.

3. Агар ҳуҷҷатҳо бо манзур кардани онҳо мавриди пардохт қарор гирифта бошанд, бонки иҷрокунанда бо гирифтани супоришномаи инкассо бояд фавран онро барои пардохт пешниҳод намояд.

4.Агар ҳуҷҷатҳо дар дигар муҳлат пардохт карда шаванд, бонки иҷрокунанда бояд ҷиҳати гирифтани аксепти пардохткунанда фавран бо гирифтани супоришномаи инкассо ба аксепт ҳуҷҷатҳо пешниҳод намояд ва талаботи пардохт на дертар аз рӯзи фаро расидани муҳлати пардохти дар ҳуҷҷатҳо зикргардида бояд қонеъ гардонда шавад.

5. Пардохтҳо қисман дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қоидаҳои бонкӣ ё ҳангоми мавҷуд будани иҷозати махсус метавонанд дар супоришномаҳои инкассо қабул карда шаванд.

6. Бонки иҷрокунанда маблағи гирифта (инкассошуда)-ро бояд фавран ба ихтиёри бонки эмитент, ки уҳдадор аст ин маблағро ба суратҳисоби муштарӣ ворид кунад, интиқол диҳад. Бонки иҷрокунанда ҳуқуқ дорад аз маблағҳои инкассошуда подоши ба он тааллуқдошта ва пардохти хароҷотро нигоҳ дорад.

### Моддаи 979. Огоҳинома дар бораи рад кардани пардохт

1. Агар пардохт ва (ё) аксепт дастрас нагардида бошад, бонки иҷрокунанда уҳдадор аст бонки эмитентро дар бораи рад кардани пардохт ё сабабҳои радкунӣ фавран огоҳ созад.

2. Бонки эмитент уҳдадор аст фавран ба муштарӣ хабар диҳад ва вобаста ба амалиёти минбаъда дастур талаб намояд.

3. Ҳангоми дар муҳлати муқаррарнамудаи қоидаҳои бонкӣ нагирифтани дастур оид ба амалиёти минбаъда ва дар сурати мавҷуд набудани чунин муҳлат - дар муҳлати оқилона бонки иҷрокунанда ҳуқуқ дорад ҳуҷҷатҳоро ба бонке, ки аз он супоришномаи инкассо гирифта шуда буд, баргардонад.

## §5. Ҳисоббаробаркунӣ бо чек

### Моддаи 980. Муқаррароти умумии ҳисоббаробаркунӣ бо чек

1. Чек коғази қиматнокест, ки дастури бе ягон қайду шарти чекдиҳанда ба бонк ҷиҳати ба дорандаи чек анҷом додани пардохти маблағи зикргардидаро дар бар мегирад.

2. Ба сифати пардохткунандаи чек танҳо бонке метавонад зикр гардад, ки дар он чекдиҳанда маблағ дошта, метавонад онро бо роҳи пешниҳоди чек ихтиёрдорӣ намояд.

3. Бозхости чек то гузаштани муҳлати манзур кардани он мумкин нест.

4. Додани чек уҳдадории пулиеро, ки ҷиҳати иҷрои он дода шудааст, намепӯшонад.

5. Тартиб ва шартҳои истифодаи чекҳо дар муомилоти пардохт тибқи қонунгузорӣ танзим мегарданд.

### Моддаи 981. Унсурҳои чек

1. Чек бояд инҳоро дар бар гирад:

- номи "чек", ки дар матни ҳуҷҷат ворид гардидааст;

- супоришнома ба пардохткунанда оид ба пардохти маблағи муайяни пулӣ;

- номи пардохткунанда ва зикри суратҳисобе, ки аз он бояд пардохт анҷом дода шавад.

- зикри асъори пардохт;

- зикри сана ва маҳалли мураттаб сохтани чек;

- имзои шахсе, ки чекро навишта додааст (чекдиҳанда).

2. Дар ҳуҷҷат мавҷуд набудани яке аз унсурҳои зикршуда чекро беэътибор мегардонад.

3. Чеке, ки дар он маҳалли мураттаб сохтани он зикр нагардидааст, ҳамчун дар маҳалли ҷойгиршавии чекдиҳанда имзогардида ба ҳисоб меравад.

4. Шакли чек ва тартиби пур кардани он тибқи қонунгузорӣ муайян карда мешаванд.

## Моддаи 982. Пардохти чек

1. Чек аз ҳисоби маблағҳои чекдиҳанда пардохт карда мешавад. Дар ҳолати ба амонат гузоштани маблағ тартиб ва шартҳои ба амонатгузории маблағ барои пӯшонидани чек тибқи қоидаҳои бонкӣ муқаррар карда мешаванд.

2. Чекро бояд пардохткунанда бо шарти дар муҳлати муқарраркардаи қонунгузорӣ барои пардохт пешниҳод кардани он пардохт намояд.

3. Пардохткунандаи чек уҳдадор аст бо ҳама гуна тарзи дастрас ба аслӣ будани чек, инчунин ба он ки пешниҳодкунанда нисбат ба он шахси ваколатдор мебошад, боварӣ ҳосил намояд.

4. Ҳангоми пардохти чеки индоссатсияшуда, пардохткунанда бояд на имзои индоссантҳо, балки дурустии индоссаментҳоро санҷад.

5. Зиёни аз ҷониби пардохткунанда вобаста ба пардохти чеки қалбакӣ, тасарруфшуда ё гумшуда расондашуда, вобаста ба он ки зиён бо гуноҳи кӣ расонда шудааст, ба зиммаи пардохткунанда ё чекдиҳанда гузошта мешавад.

6. Шахси пардохткунандаи чек ҳуқуқ дорад ба он додани чекро бо забонхат оид ба гирифтани пардохт талаб намояд.

## Моддаи 983. Додани ҳуқуқ оид ба чек

1. Додани ҳуқуқ оид ба чек бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 154 ҳамин Кодекс бо риояи қоидаҳои пешбининамудаи моддаи мазкур сурат мегирад.

2. Чеки номӣ ба шахси дигар дода намешавад.

3. Дар чеки интиқолӣ индоссамент ба пардохткунанда барои гирифтани пардохт эътибори забонхатро дорад.

4. Индоссаменте, ки аз ҷониби пардохткунанда анҷом дода шудааст, эътибор надорад.

5. Шахси соҳибикунандаи чеки интиқолӣ, ки онро тибқи индоссамент гирифтааст, агар он ҳуқуқи худро дар қатори индоссаментҳои бефосила асоснок кунад, соҳиби қонунии чек ба ҳисоб меравад.

## Моддаи 984. Кафолати пардохт

1. Пардохт оид ба чек тавассути кафолат (авал) пурра ё қисман кафолатнок шуда метавонад.

2. Ҳар шахс, ба истисноi пардохткунанда, авалро дода метавонад.

3. Авал дар тарафи рости чек ё дар варақи иловагӣ бо роҳи сабти "авал ҳисобида шавад" ва зикри он, ки аз ҷониби кӣ, бар ивази кӣ дода шудааст, сабт мешавад. Агар бар ивази кӣ додани он зикр нашуда бошад, дар он ҳолат авал аз номи чекдиҳанда додашуда ба ҳисоб меравад.

4. Авалдиҳанда бо зикри суроғаи худ (маҳалли истиқомат) ва санаи ба ҷо овардани навиштаҷот ва агар авалдиҳанда шахси ҳуқуқӣ бошад, бо зикри маҳалли ҷойгиршавии он ва санаи ба ҷо овардани навиштаҷот авалро имзо мекунад.

5. Авалдиҳанда ба мисли шахсе, ки бар ивази он авалро додааст, ҷавобгар мебошад. Ӯҳдадории он, ҳатто агар ӯҳдадории кафолатдодаи он нисбат ба ҳама гуна асосҳои дигар, ба ҷуз нуқсони вобаста ба шакл, беэътибор бошад ҳам, эътибор дорад.

6. Авалдиҳандаи чекро пардохта муқобили оне, ки он ба вай кафолат додааст ва зидди онҳое, ки дар назди шахси охирин ӯҳдадор мебошанд, ҳуқуқеро, ки аз чек бармеояд, пайдо мекунад.

## Моддаи 985. Инкассокунонии чек

1. Пешниҳоди чек ба бонке, ки ба соҳиби чек хизматрасонӣ мекунад, барои инкассо ҷиҳати гирифтани пардохт барои пардохт манзуршуда ба ҳисоб меравад.

2. Чек бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 978 ҳамин Кодекс пардохт карда мешавад.

3. Ворид кардани маблағ тибқи чеки инкассошуда ба суратҳисоби соҳиби чек, агар дар шартномаи байни соҳиби чек ва бонк тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, баъди гирифтани пардохт аз пардохткунанда анҷом дода мешавад.

## Моддаи 986. Ӯҳдадории пардохткунанда

1. Пардохткунандаи чек ӯҳдадор аст бо ҳама гуна тарзи барояш дастрас аслӣ будани чек, инчунин ба он ки пешниҳодкунанда шахси ваколатдори вобаста ба чек мебошад, боварӣ ҳосил намояд.

2. Ҳангоми пардохти чеки инкассошуда пардохткунанда ӯҳдадор аст на имзои индоссантҳо, балки дурустии индоссаментҳоро санҷад.

## Моддаи 987. Тасдиқи радди пардохти чек

1. Радди пардохти чек бояд бо яке аз тарзҳои зерин тасдиқ карда шавад:

- аз ҷониби нотариус бо тартиби муқаррарнамудаи қонун анҷом додани эътироз;

- дар чек дар бораи радди пардохт ва санаи пешниҳоди чек ба пардохт сабт гузоштани пардохткунанда;

- қайди бонки инкассокунанда бо зикри санае, ки чек сари вақт пешниҳод гардида, вале пардохт карда нашудааст.

2. Эътироз ё ҳуҷҷати ба он баробар бояд то гузаштани муҳлати пешниҳоди чек барои пардохт анҷом дода шавад.

3. Агар пешниҳоди чек дар рӯзи охирини муҳлат сурат гирифта бошад, эътироз ё ҳуҷҷати ба он баробарро дар рӯзи дигари корӣ анҷом додан мумкин аст.

## Моддаи 988. Огоҳинома аз напардохтани чек

1. Дорандаи чек уҳдадор аст индоссанти худ ва чекдиҳандаро дар бораи анҷом дода нашудани пардохт дар давоми ду рӯзи кории баъди рӯзи эътироз ё санади ба он баробар фаророрасанда огоҳ намояд.

2. Ҳар як индоссант дар давоми ду рӯзи кории баъди рӯзи гирифтани огоҳинома фаророрасанда бояд ба индоссанти худ (қаблӣ) дар бораи огоҳиномаи гирифтааш иттилоъ диҳад. Дар ҳамин муҳлат огоҳинома ба шахсе фиристода мешавад, ки бар ивази ин шахс авал додааст.

3. Шахсе, ки дар муҳлати зикргардида огоҳинома нафиристодааст, ҳуқуқҳои худро ба чек гум намекунад. Он уҳдадор аст зиёне, ки вобаста ба огоҳ накардан аз напардохтани чек расонда шудааст, дар доираи маблағи чек ҷуброн намояд.

## Моддаи 989. Оқибати напардохтани чек

1. Дар сурати пардохти чекро рад намудани пардохткунанда, дорандаи чек ҳуқуқ дорад бо салоҳдиди худ нисбат ба як, якчанд ё ба ҳамаи шахсони оид ба чек уҳдадор (чекдиҳанда, авалдиҳандаҳо, индоссантҳо), ки дар назди он ҷавобгарии муштарак доранд, даъво арз кунад.

2. Дорандаи чек ҳуқуқ дорад аз шахси зикргардида пардохти маблағи чек, хароҷоти худро барои гирифтани пардохт, инчунин фоизҳоро тибқи ҳаҷм ва тартиби дар қисми 1 моддаи 456 ҳамин Кодекс пешбинишуда талаб намояд.

3. Даъвои дорандаи чек нисбат ба шахси дар қисми 1 моддаи мазкур зикргардида метавонад дар давоми шаш моҳ аз рӯзи ба анҷом расидани муҳлати барои пардохт пешниҳод намудани чек манзур карда шавад.

4. Талаботи акс бо даъвои шахсони нисбат ба ҳамдигар уҳдадор бо гузаштани шаш моҳ, аз рӯзе, ки шахси уҳдадори дахлдор ин талаботро қонеъ гардондааст ё аз рӯзи ба он пешниҳод шудани даъво, қатъ карда мешавад.

# БОБИ 51. НИГАҲДОРӢ

## §1. Муқаррароти умумӣ оид ба нигаҳдорӣ

### Моддаи 990. Шартномаи нигаҳдорӣ

1. Тибқи шартномаи нигаҳдорӣ як тараф (нигаҳдоранда) уҳдадор мешавад ашёи супоридаи тарафи дигар (молсупор)-ро нигаҳдорӣ намуда, онро беосеб баргардонад.

2. Шартномаи нигаҳдорӣ аз лаҳзаи барои нигаҳдорӣ супоридани ашё басташуда эътироф мегардад.

### Моддаи 991. Шартномаи қабул кардани ашё барои нигаҳдорӣ

1. Нигаҳдоранда, ки нигаҳдории ашёро ба сифати соҳибкор ё шакли дигари фаъолияти касбӣ анҷом медиҳад, метавонад тибқи шартнома уҳдадорӣ қабул кунад, ки ашёи молсупорро барои нигаҳдорӣ мегирад ва ашёи супоридаи молсупорро тибқи қоидаҳои пешбининамудаи боби мазкур нигоҳ медорад.

2. Молсупор, ки ашёро дар муҳлати тибқи шартнома пешбинигардида барои нигаҳдорӣ насупоридааст, дар назди нигаҳдоранда барои зиёни вобаста ба баргузор нашудани нигаҳдорӣ расондашуда, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, ҷавобгар аст.

3. Агар молсупор дар муҳлати оқилона оид ба радди хизмати нигаҳдоранда арз намояд, барои ба нигаҳдорӣ насупоридани ашё аз ҷавобгарӣ озод карда мешавад.

4. Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, дар сурати дар муҳлати дар шартнома қайдушартшуда барои нигаҳдорӣ супорида нашудани ашё ва агар ин муҳлат муайян нагардида бошад, бо гузаштани шаш моҳ аз рӯзи бастани шартнома, нигаҳдоранда аз уҳдадории барои нигаҳдорӣ қабул кардани ашё озод карда мешавад.

### Моддаи 992. Шакли шартномаи нигаҳдорӣ

1. Дар ҳолатҳое, ки шартномаи нигаҳдорӣ бояд дар шакли хаттӣ баста шавад (моддаи 175 ҳамин Кодекс), шакли хаттии шартнома ҳангоме риоягардида эътироф мегардад, агар ашёи барои нигаҳдорӣ қабулгардида аз ҷониби нигаҳдоранда бо роҳи ба молсупор додани забонхат, расид, шаҳодатнома ё ҳуҷҷати дигари имзонамудаи нигаҳдоранда тасдиқ карда шавад.

2. Риояи шакли хаттии шартнома, агар ашё барои нигаҳдорӣ дар ҳолатҳои фавқулода (сӯхтор, офати табиӣ, бемории ногаҳонӣ, таҳдиди ҳуҷум ва ғайра) супорида шуда бошад, талаб карда намешавад.

3. Шартномаи нигаҳдорӣ мумкин аст бо роҳи аз ҷониби нигаҳдоранда ба молсупор додани нишонаи рақамдор, дигар аломате, ки барои нигаҳдорӣ супоридани ашёро тасдиқ мекунад, агар чунин тарзро қонунгузорӣ ё одатҳои муомилоти корӣ барои чунин намуди нигаҳдорӣ маъмул иҷозат диҳад, баста шавад.

4. Дар сурати риоя накардани шакли шартнома ва пайдо шудани баҳс оид ба айнияти ашёи барои нигаҳдорӣ қабулшуда ва ашёе, ки аз ҷониби нигаҳдоранда баргардонда мешавад, аз нишондоди шоҳид истифода бурдан мумкин аст.

### Моддаи 993. Уҳдадории қабули ашё барои нигаҳдорӣ

Шахсе, ки ба сифати фаъолияти соҳибкорӣ ё шакли дигари фаъолияти касбӣ нигаҳдориро дар анборҳо (бағоҷхонаҳо, биноҳо)и истифодаи умумӣ анҷом медиҳад, ҳуқуқ надорад ҳангоми мавҷуд будани имконият бастани шартномаи нигаҳдориро рад намояд. Шартномаҳое, ки дар чунин ҳолатҳо баста мешаванд, ҳамчун шартномаи оммавӣ (моддаи 488 ҳамин Кодекс) эътироф мегарданд.

### Моддаи 994. Муҳлати нигаҳдорӣ

Нигаҳдоранда уҳдадор аст ашёро дар давоми муҳлати дар шартнома қайдушартшуда нигоҳ дорад ва агар дар шартнома муҳлати нигаҳдорӣ пешбинӣ нагардида бошад ва пешбинӣ шуданаш ҳам мумкин набошад, вобаста ба шартҳои он нигаҳдорӣ то талаб кардани ашё аз ҷониби молсупор анҷом дода мешавад.

### Моддаи 995. Нигаҳдории ашё бе зикри мушаххасот

Ҳангоми нигаҳдорӣ бе зикри мушаххасот ашёи барои нигаҳдорӣ қабулкарда бо ашёи ҳамон навъ ва ашёи дорои чунин сифати дигари молсупорон омехта шуданаш мумкин аст. Ба молсупоранда миқдори баробар ё бо сифат ва навъи ашёи дар шартнома нишондодаи тарафҳо баргардонда мешавад.

### Моддаи 996. Уҳдадории нигаҳдоранда оид ба эмин нигоҳ доштани ашё

1. Нигаҳдоранда уҳдадор аст ҳамаи тадбирҳои дар шартнома пешбинишуда, инчунин тадбирҳои дигари зарурии барои эмин нигоҳ доштани ашёи ба нигаҳдорӣ супоридашударо андешад.

2. Агар нигаҳдорӣ ройгон анҷом дода шавад, нигаҳдоранда бояд нисбат ба ашёи барои нигаҳдорӣ супоридашуда ҳамчун ба молу мулки худ ғамхорӣ зоҳир намояд.

3. Ашё бояд дар ҳамон ҳолате, ки барои нигаҳдорӣ супорида шуда буд, бо назардошти бадшавӣ ё камшавии табиии он, баргардонда шавад, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

4. Ҳамзамон бо баргардондани ашё, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, нигаҳдоранда уҳдадор аст самара ва даромади ҳангоми нигаҳдорӣ бадастовардаашро баргардонад.

### Моддаи 997. Истифодаи ашёи барои нигаҳдорӣ супоридашуда

Бе розигии молсупор нигаҳдоранда ҳуқуқ надорад ашёи барои нигаҳдорӣ супоридашударо истифода барад ва ҳамчунин ба истиснои ҳолатҳое, ки

истифодаи ашёи нигаҳдоришаванда барои эмин нигоҳ доштани он зарур аст, имконият надиҳад, ки онро шахси сеюм истифода барад.

### Моддаи 998. Тағйир додани шароити нигаҳдорӣ

1. Нигаҳдоранда бояд фавран молсупорро дар мавриди зарурати тағйир додани шароити нигаҳдории ашё огоҳ созад ва ҷавоби онро мунтазир шавад.

2. Дар сурате, ки агар хатари гум кардан ва ё осеб дидани ашё ба миён ояд, нигаҳдоранда уҳдадор аст тарз ва ҷойи нигаҳдории дар шартнома пешбинигардидаро бе мунтазир шудани ҷавоби молсупор (қисми 1 моддаи мазкур) иваз намояд.

3. Агар ашё ҳангоми нигаҳдорӣ вайрон шуда бошад ё ҳолатҳои дигаре ба миён омада бошанд, ки таъмини нигаҳдории онро ғайриимкон мегардонад ва андешидани тадбирҳоро аз ҷониби молсупор мунтазир шудан зарур набошад, нигаҳдоранда ҳуқуқ дорад ашё ё як қисми ашёро фурӯшад ва хароҷоташро вобаста ба фурӯш аз ҳисоби арзиши бадастоварда ҷуброн намояд.

### Моддаи 999. Барои нигаҳдорӣ ба шахси сеюм супоридани ашё

1. Агар қонунгузорӣ ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ накарда бошад, нигаҳдоранда ҳуқуқ надорад бе розигии молсупор ашёро барои нигаҳдорӣ ба шахси сеюм супорад ба шарте ки инро зарурати ҳифзи манфиати молсупор тақозо мекунад ва нигаҳдоранда имкон надорад розигии онро ба даст орад. Дар мавриди барои нигаҳдорӣ ба шахси сеюм супоридани ашё нигаҳдоранда уҳдадор аст фавран молсупорро огоҳ созад.

2. Нигаҳдоранда барои амали шахси сеюме, ки ашёро барои нигаҳдорӣ ба он додааст, ҷавобгар мебошад.

### Моддаи 1000. Подош барои нигаҳдорӣ

1. Подош барои нигаҳдорӣ ба нигаҳдоранда бояд бо қатъи нигаҳдории ашё пардохт карда шавад ва агар пардохти нигаҳдорӣ давра ба давра пешбинӣ гардида бошад, он бояд бо қисмҳои дахлдор бо гузаштани ҳар давра пардохт карда шавад.

2. Ҳангоми бештар аз нисфи муҳлати давра гузарондани муҳлати пардохти подоши нигаҳдории ашё, ки барои ҳамин бояд пардохт карда мешуд, нигаҳдоранда ҳуқуқ дорад аз иҷрои шартнома даст кашад ва аз молсупор фавран гашта гирифтани ашёи барои нигаҳдорӣ супоридашударо талаб намояд.

3. Агар нигаҳдорӣ то гузаштани муҳлати вобаста ба ҳолатҳои қайдушартшуда қатъ гардад ва барои он нигаҳдоранда ҷавобгар набошад, он ба қисми мутаносиби подош ва дар ҳолати пешбининамудаи қисми 1 моддаи 995 ҳамин Кодекс ба тамоми маблағи подош ҳуқуқ дорад.

4. Агар нигаҳдорӣ вобаста ба ҳолатҳое қатъ гардад, ки барои он нигаҳдоранда ҷавобгар мебошад, он ҳуқуқ надорад барои нигаҳдории мол

подош талаб кунад ва маблағҳои ба ҳисоби подош гирифтаашро бояд ба молсупор баргардонад.

5. Агар бо гузаштани мӯҳлати нигаҳдорӣ ашё аз ҷониби молсупор гирифта нашуда бошад, он бояд ба нигаҳдоранда барои минбаъд нигоҳ доштани ашё подоши мутаносиб диҳад. Ин қоида инчунин дар ҳолате, ки молсупор ӯҳдадор аст то гузаштани мӯҳлати нигаҳдорӣ ашёро пас гирад, татбиқ мешавад.

6. Қоидаҳои моддаи мазкур ҳангоме татбиқ мешаванд, агар дар шартномаи нигаҳдорӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

## Моддаи 1001. Нигаҳдории ашёи дорои хусусияти хатарнок

1. Ашёи тездаргиранда, тарканда ё умуман ашёи вобаста ба табиати худ хатарнок, агар молсупор ҳангоми барои нигаҳдорӣ супоридани он нигаҳдорандаро оид ба ин хусусиятҳо огоҳ накарда бошад, дар ҳар лаҳза аз ҷониби нигаҳдоранда бе ҷуброни зиён ба молсупор, мумкин аст безарар ё несту нобуд карда шавад.

2. Молсупор барои зарари вобаста ба нигаҳдории чунин ашё ба нигаҳдоранда ва шахси сеюм расондашуда ҷавобгар мебошад.

## Моддаи 1002. Ҷуброни хароҷоти нигаҳдорӣ

1. Агар дар шартномаи нигаҳдорӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, хароҷоти нигаҳдорӣ ба маблағи подош зам карда мешавад. Тахмин мегардад, ки хароҷоти фавқулода ба маблағи подош ё ба таркиби хароҷоти пешбининамудаи шартнома зам карда намешавад.

2. Ҳангоми нигаҳдории ройгони ашё, молсупор ӯҳдадор аст хароҷоти зарурии воқеан масрафшударо ҷуброн намояд.

## Моддаи 1003. Хароҷоти фавқулода барои нигаҳдорӣ

1. Хароҷот барои нигаҳдории ашёе, ки аз чунин навъи хароҷот одатан баландтаранд ва тарафҳо ҳангоми бастани шартномаи нигаҳдорӣ онҳоро пешбинӣ карда наметавонистанд (хароҷоти фавқулода), агар молсупор ба ин хароҷот розӣ шуда бошад ё онро минбаъд маъқул дониста бошад, инчунин дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузорӣ ё шартнома ба нигаҳдоранда ҷуброн карда мешаванд.

2. Ҳангоми ба миён омадани зарурати анҷом додани хароҷоти фавқулода нигаҳдоранда ӯҳдадор аст аз молсупор розигии онро дархост намояд. Агар молсупор норозигии худро дар мӯҳлати зикрнамудаи нигаҳдоранда ё дар давоми мӯҳлати оқилона изҳор накарда бошад, чунин ҳисобида мешавад, ки он ба хароҷоти фавқулода розӣ мебошад.

3. Дар сурате, ки агар нигаҳдоранда бе гирифтани розигии пешакии молсупор хароҷоти фавқулода карда бошад, ҳарчанд вобаста ба ҳолатҳо чунин амал имконпазир буд ва молсупор оқибат онҳоро маъқул надонистааст, нигаҳдоранда ҳуқуқ дорад ҷуброни хароҷоти фавқулодаро танҳо дар доираи

зиёне, ки дар сурати анҷом надодани чунин хароҷот метавонист ба ашё расонда шавад, талаб намояд.

4. Агар дар шартномаи нигаҳдорӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, хароҷоти фавқулода бар зимми подош барои нигаҳдорӣ ҷуброн карда мешавад.

### Моддаи 1004. Пас гирифтани ашё аз ҷониби молсупор

1. Молсупор уҳдадор аст ашёи барои нигаҳдорӣ супоридаашро бо гузаштани муҳлати нигаҳдории дар шартнома пешбинишуда пас гирад.

2. Ҳангоми аз гирифтани ашё саркашӣ намудани молсупор, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, нигаҳдоранда ҳуқуқ дорад мустақилона ашёро фурӯшад ва дар ҳолате, ки агар арзиши он аз сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо баландтар бошад, бо тартиби пешбининамудаи моддаҳои 513-515 ҳамин Кодекс амал кунад.

3. Маблағи аз фурӯши ашё бадастомада бо кам кардани маблағи ба нигаҳдоранда тааллуқдошта, аз ҷумла хароҷот барои фурӯшанда ба молсупор, дода мешавад.

### Моддаи 1005. Уҳдадории нигаҳдоранда барои баргардондани ашё

1. Нигаҳдоранда уҳдадор аст ба молсупор ё шахси ба сифати молгиранда зикрнамудаи он ҳамон молеро, ки барои нигаҳдорӣ супорида шудааст, агар дар шартномаи нигаҳдорӣ бе зикри мушаххасот (моддаи 995 ҳамин Кодекс) пешбинӣ нагардида бошад, баргардонад.

2. Ашё бояд аз ҷониби нигаҳдоранда дар ҳамон ҳолате, ки он барои нигаҳдорӣ қабул карда шуда буд, бо назардошти фарсудашавии табиӣ ва кам шудани вазни табиӣ ё дигар тағйироти вобаста ба хосияти он ба молсупор баргардонда шавад.

3. Ҳамзамон бо баргардондани ашё, нигаҳдоранда уҳдадор аст самара ва даромадеро, ки дар давраи нигаҳдорӣ гирифтааст, агар дар шартномаи нигаҳдорӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, баргардонад.

### Моддаи 1006. Ҷавобгарии нигаҳдоранда барои гум кардан, камомад ё осеб дидани ашё

1. Нигаҳдоранда барои гум кардан, камомад ё осеб дидани ашёи барои нигаҳдорӣ қабулкарда, тибқи асосҳои пешбининамудаи боби 30 ҳамин Кодекс ҷавобгар мебошад.

2. Нигаҳдорандае, ки нигаҳдории ашёро ба сифати фаъолияти соҳибкорӣ ё шакли дигари фаъолияти касбӣ анҷом медиҳад (нигаҳдори касбӣ), барои гум кардан, камомад ё осеб дидани ашё ҷавобгар аст, агар исбот карда натавонад, ки гум шудан, камомад ва ё осеб дидани ашё бо сабабҳои зерин рух додааст:

- дар натиҷаи неруи рафънопазир;

- вобаста бо хосиятҳои ниҳонии ашё, ки нигаҳдоранда ҳангоми барои нигаҳдорӣ қабул кардани он намедонист ва дониста ҳам наметавонист;

- дар натиҷаи қасд ё беэҳтиётии дағалонаи молсупор.

3. Агар ашёи нигаҳдоришаванда бо гузаштани муҳлати дар шартнома пешбинигардида ё муҳлате, ки дар давоми он молсупор бо талаби нигаҳдоранда уҳдадор буд ашёро гирад (моддаҳои 994 ва 1004 ҳамин Кодекс), пас гирифта нашавад, дар ин сурат нигаҳдоранда минбаъд танҳо дар сурати бадқасдона ва ё аз беэҳтиётии дағалона гум шудан, камомад ё осеб дидани ин ашё ҷавобгар аст.

## Моддаи 1007. Андозаи ҷавобгарии нигаҳдоранда

1. Зиёни ба молсупор вобаста ба гум шудан, камомад ё осеби ба ашё расондашуда, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, аз ҷониби нигаҳдоранда тибқи моддаи 453 ҳамин Кодекс ҷуброн карда мешавад.

2. Ҳангоми нигаҳдории ройгони ашё зиёни ба молсупор дар натиҷаи гум кардан, камомад ё осеб ба ашё расондашуда чунин ҷуброн карда мешавад:

- барои гум кардан ё камомади ашё - ба андозаи арзиши ашёи гумшуда ё камомад;

- барои осеб дидани ашё - ба андозаи маблағе, ки арзиши ашё паст гардидааст.

3. Агар дар натиҷаи зиёне, ки барои он нигаҳдоранда ҷавобгар аст, сифати ашё чунон тағйир ёфта бошад, ки тибқи таъиноти ибтидоӣ истифода бурдани он ғайриимкон аст, молсупор ҳуқуқ дорад аз он даст кашад ва аз нигаҳдоранда арзиши ин ашёро талаб кунад ва агар дар қонунгузорӣ ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, инчунин ҷуброни дигар зиёни расондашударо низ талаб намояд.

## Моддаи 1008. Ҷуброни зиёне, ки ба нигаҳдоранда расонда шудааст

Молсупор уҳдадор аст ба нигаҳдоранда зиёни вобаста ба хосияти ашёи барои нигаҳдорӣ супоридашуда расондаро, агар нигаҳдоранда ҳангоми қабули ашё ин хосиятҳоро намедонист ва донистан ҳам наметавонист, ҷуброн намояд.

## Моддаи 1009. Қатъи уҳдадории нигаҳдорӣ тибқи талаби молсупор

Нигаҳдоранда, ҳарчанд дар шартнома муҳлати дигари баргардондани ашё муайян гардида бошад ҳам, уҳдадор аст тибқи талаби молсупор фавран ашёи барои нигаҳдорӣ супоридаашро баргардонад. Аммо дар чунин ҳолат молсупор уҳдадор аст ба нигаҳдоранда зиёни дар натиҷаи пеш аз муҳлат қатъ кардани шартнома расондашударо, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, ҷуброн намояд.

## Моддаи 1010. Татбиқи муқаррароти умумии нигаҳдорӣ вобаста ба намудҳои алоҳидаи он

Муқаррароти умумии нигаҳдорӣ (моддаҳои 990-1009 ҳамин Кодекс), агар тибқи қоидаҳои оид ба намудҳои алоҳидаи нигаҳдорӣ муайяннамудаи

моддаҳои 1012-1030 ҳамин Кодекс ва қонунгузорӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, нисбат ба намудҳои алоҳидаи он низ татбиқ мегарданд.

### Моддаи 1011. Нигаҳдорӣ тибқи қонун

Қоидаҳои боби мазкур инчунин нисбат ба уҳдадориҳои нигаҳдорӣ, ки тибқи қонун ба миён меоянд, агар дар онҳо қоидаҳои дигар муқаррар нагардида бошанд, татбиқ мешаванд.

## §2. Намудҳои алоҳидаи нигаҳдорӣ

### Моддаи 1012. Нигаҳдорӣ дар гаравхона

1. Барои нигаҳдорӣ дар гаравхона аз шахсони воқеӣ ашёи манқулеро, ки барои истифодаи шахсӣ таъин шудааст, қабул кардан мумкин аст.

2. Шартномаи нигаҳдории ашё дар гаравхона бо додани расиди номии нигаҳдошт аз ҷониби гаравхона ба расмият дароварда мешавад.

3. Ашёи барои нигаҳдорӣ ба гаравхона супоридашаванда бояд тибқи шартномаи тарафҳо мувофиқи нархи чунин навъ ва сифати ашё, ки маъмулан дар савдо дар лаҳзаи супоридан ва қабули он дар ҷойи нигаҳдорӣ муқаррар шудааст, нархгузорӣ карда шавад.

4. Гаравхона уҳдадор аст ба манфиати молсупор ашёи барои нигаҳдорӣ қабулкардаашро ба маблағи умумии арзиши он, ки мувофиқи қисми 3 моддаи мазкур анҷом дода шудааст, аз ҳисоби худ суғурта кунад.

### Моддаи 1013. Ашёи аз гаравхона талабкарданашуда

1. Ҳангоми аз гирифтани ашё саркашӣ намудани молсупор гаравхона уҳдадор аст онро дар давоми се моҳ нигоҳ дорад. Бо гузаштани ин муҳлат, ашёи гирифтанашуда аз ҷониби гаравхона бо тартиби муқаррарнамудаи қисмҳои 2 ва 3 моддаи 1004 ҳамин Кодекс метавонад фурӯхта шавад.

2. Аз маблағи аз фурӯши ашё бадастомада маблағи нигаҳдорӣ ва пардохтҳои дигари марбут ба гаравхона пӯшонида мешаванд. Маблағи боқимондаро гаравхона ба соҳиби расиди номии нигаҳдошт, ҳангоми пешниҳоди он бармегардонад.

### Моддаи 1014. Нигаҳдории сарватҳо дар бонк

1. Бонк ва ташкилоти қарзии молиявии дигар (минбаъд дар ҳамин модда - бонк) метавонанд барои нигаҳдории коғазҳои қиматнок, металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо, ашёи қиматнок ва сарватҳои дигар инчунин ҳуҷҷатҳо қабул кунанд.

2. Шартномаи нигаҳдории сарватҳо дар бонк бо додани ҳуҷҷати номии нигаҳдошт ба молсупор, ки пешниҳоди он барои аз ҷониби бонк баргардондани сарватҳои молсупор асос мебошад, ба расмият дароварда мешавад.

3. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи шартномаи нигаҳдорӣ (амонат)-и коғазҳои қиматнок бонк ба ғайр аз эмин нигоҳ доштан, инчунин фаъолияти дорои аҳаммияти ҳуқуқиро нисбат ба ин коғазҳо (намояндагӣ ва ғайраҳо) амалӣ мекунад.

4. Сарватҳои дар бонк нигаҳдоришаванда аз ҷониби бонк ба молсупор ё намояндаи он ҳангоми пешниҳоди ҳуҷҷати номии нигаҳдошт дода мешаванд.

5. Шартномаи нигаҳдории сарватҳо бо истифодаи сейфи инфиродии бонк (як хоначаи сейф, бинои алоҳидаи нигаҳдорӣ) метавонад бо тарзи аз ҷониби бонк қабул кардани сарватҳо барои нигаҳдорӣ ва ба молсупор додани калиди сейф, корти молсупор, нишона ё ҳуҷҷати дигаре, ки ҳуқуқи манзуркунанда барои кушодани сейф ва аз он гирифтани сарватҳоро тасдиқ менамояд, баста шавад.

6. Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, молсупор ҳуқуқ дорад дар ҳар лаҳза сарватҳоро аз сейф гирад, онҳоро пас гузорад, бо ҳуҷҷатҳои ҳифзшаванда кор кунад. Ҳамзамон бонк ҳуқуқ дорад аз ҷониби молсупор гирифтан ва баргардондани сарватҳоро ба ҳисоб гирад.

7. Ҳангоми аз ҷониби молсупор аз сейф гирифтани як қисми сарватҳо, аз ҷумла муваққатан гирифтани онҳо, бонк барои эмин нигоҳ доштани қисми боқимондаи сарватҳо ҷавобгар аст.

8. Шартҳои муқаррарнамудаи моддаи мазкур оид ба нигаҳдории сарватҳо дар сейфи бонк ба ҳолатҳое, ки бонк сейфи худро ба дигар шахс тибқи шарти иҷора ба истифода додааст, татбиқ намегардад.

## Моддаи 1015. Дар бағоҷхонаи нигаҳдории ташкилотҳои нақлиётӣ нигоҳ доштани ашё

1. Бағоҷхонаи нигаҳдории ташкилотҳои нақлиётӣ ухдадор аст ашёи мусофирон ва шахсони воқеии дигарро, сарфи назар аз доштани ҳуҷҷати сафар, барои нигаҳдорӣ қабул кунад. Шартномаи нигаҳдорӣ дар бағоҷхонаҳои нигаҳдории ташкилотҳои нақлиётӣ оммавӣ (моддаи 488 ҳамин Кодекс) эътироф карда мешавад.

2. Барои тасдиқи қабули ашё ҷиҳати нигаҳдорӣ дар бағоҷхонаҳои нигаҳдорӣ (ба истиснои бағоҷхонаҳои худкор) ба молсупор расид ё нишонаи рақамдор дода мешавад.

3. Ашё метавонад барои нигаҳдорӣ дар бағоҷхонаи нигаҳдорӣ ба мӯҳлати дар доираи қоидаҳои махсус ё шартномаи тарафҳо муқарраргардида супорида шавад. Ашёи дар мӯҳлати муқарраргардида пас гирифтанашударо бағоҷхонаи нигаҳдорӣ ухдадор аст дар давоми се моҳ нигоҳ дорад. Бо гузаштани ин мӯҳлат ашёи гирифтанашуда фурӯхта шуда, маблағи аз фурӯш бадастомада тибқи моддаи 1004 ҳамин Кодекс метавонад тақсим карда шавад.

4. Дар сурати гум кардани расид ё нишонаи рақамдор ашёи барои нигаҳдорӣ ба бағоҷхонаи нигаҳдорӣ супоридашуда ба молсупор дар сурати исботи ба он тааллуқ доштани ашё баргардонда мешавад.

5. Маблағи зиёни дар натиҷаи гум кардан, камомад ё осеб дидани ашёи ба боғоҷхонаи нигаҳдорӣ супоридаи молсупор расондашуда, агар ҳангоми супоридани ашё барои нигаҳдорӣ нархгузории он сурат гирифта бошад ё тарафҳо оид ба арзиши пардохти ҷуброни зиён ба мувофиқа расида бошанд, ба молсупор дар давоми як шабонарӯз ҷуброн карда мешавад.

## Моддаи 1016. Нигаҳдорӣ дар либосхонаи ташкилотҳо

1. Нигаҳдорӣ дар либосхонаи ташкилотҳо, агар ҳангоми барои нигаҳдорӣ супоридани ашё пардохти подош қайдушарт нагардида бошад, ройгон тахмин карда мешавад.

2. Барои тасдиқи ба либосхона ҷиҳати нигаҳдорӣ қабул кардани ашё ба молсупор нишонаи рақамдор ё дигар нишонае, ки барои нигаҳдорӣ қабул кардани ашёро тасдиқ мекунад, супорида мешавад.

3. Ашёи ба либосхона супоридашуда ба манзуркунандаи нишонаи рақамдор дода мешавад. Дар айни замон нигаҳдоранда уҳдадор намебошад ваколати манзуркунандаи нишонаи рақамдорро санҷад. Вале, агар нигаҳдоранда шубҳа дошта бошад, ки нишонаи рақамдор ба манзуркунанда тааллуқ надорад, метавонад баргардондани ашёро ба манзуркунанда ба таъхир гузорад.

4. Нигаҳдоранда ҳуқуқ дорад инчунин дар сурати гум кардани нишонаи рақамдор низ, агар далели ба либосхона супоридани ашё ё ба молсупор марбут будани он нигаҳдорандаро ба шубҳа наоварад ё онро молсупор исбот карда бошад, ашёро ба молсупор баргардонад.

## Моддаи 1017. Нигаҳдорӣ дар меҳмонхона

1. Меҳмонхона ҳамчун нигаҳдоранда бе созишномаи махсус бо бошандаи меҳмонхона низ барои гум кардан ё осеб расондан ба ашё, ба истиснои пул, арзишҳои асъории дигар ва коғазҳои қиматноке, ки шахси дар он истиқоматдошта ба меҳмонхона овардааст, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки гум шудан ё осеб дидани ашё дар натиҷаи неруи рафънопазир, хосияти худи ашё ё бо гуноҳи худи бошандаи меҳмонхона, шахси ҳамроҳикунанда ё меҳмони ӯ рух додааст, ҷавобгар мебошад.

2. Ашёи ба меҳмонхона овардашуда ашёест, ки ба кормандони меҳмонхона бовар карда шудааст ё ашёест, ки дар ҷойи барои он (ҳуҷраи меҳмонхона ва ғайра) таъингардида нигоҳ дошта мешавад.

3. Меҳмонхона барои гум шудани пул, арзишҳои асъорӣ ва коғазҳои қиматноки дигар танҳо ба шарте ҷавобгар аст, агар онҳоро барои нигаҳдорӣ қабул карда бошад.

4. Шахсе, ки дар меҳмонхона иқомат дорад, ҳангоми ошкор намудани гумшавии ашёи худ ё осеб дидани он уҳдадор аст фавран ба меҳмонхона хабар диҳад. Дар акси ҳол меҳмонхона аз ҷавобгарӣ озод мебошад.

5. Меҳмонхона аз ҷавобгарии эмин нигоҳ доштани ашёи шахси дар он истиқоматкунанда озод карда намешавад, ҳарчанд эълон карда бошад, ки ба зиммаи худ чунин уҳдадориро қабул намекунад.

6. Қоидаҳои моддаи мазкур инчунин нисбат ба нигаҳдории ашё дар мотел, сарой (ҳостел), хонаҳои фароғатӣ, осоишгоҳҳо, хобгоҳҳои умумӣ, ҳаммом ва ташкилотҳои дигари шабеҳ татбиқ мегарданд.

### Моддаи 1018. Нигаҳдории ашёе, ки мавзуи баҳс мебошад

1. Мутобиқи шартномаи секвестр ду ё якчанд шахсе, ки дар байни онҳо дар мавриди ҳуқуқ ба ашё баҳс ба миён омадааст, ашёи мавриди баҳсро ба шахси сеюм месупоранд ва он уҳдадор мешавад баъди ҳалли баҳс ашёро ба шахсе супорад, ки тибқи санади судӣ ё тибқи созишномаи тарафҳои баҳс ба он дода шудааст (секвестри шартномавӣ).

2. Ашёе, ки мавзуи баҳс мебошад, барои нигаҳдорӣ бо санади судӣ (секвестри судӣ) низ бо тартиби секвестр мумкин аст супорида шавад. Тибқи секвестри судӣ ҳам шахсе, ки онро суд таъин кардааст ва ҳам шахсе, ки бо мувофиқаи тарафҳо муайян гардидааст, нигаҳдоранда буда метавонад. Дар ҳар ду ҳолат, агар аз қонун тартиби дигар барнаояд, гирифтани розигии нигаҳдоранда талаб карда мешавад.

3. Барои нигаҳдории бо тартиби секвестр мумкин аст ашёи манқул ва ғайриманқул супорида шавад.

4. Нигаҳдоранда, ки нигаҳдории ашёро бо тартиби секвестр анҷом медиҳад, агар дар шартнома ё санади суде, ки секвестрро муқаррар намудааст, тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, аз ҳисоби тарафҳои баҳс ба подош ҳуқуқ дорад.

## §3. Нигаҳдорӣ дар анбори мол

### Моддаи 1019. Анбори мол

Анбори мол ташкилоте эътироф мегардад, ки нигаҳдории мол ва хизматрасонии вобаста ба онро ба сифати фаъолияти соҳибкорӣ анҷом медиҳад.

### Моддаи 1020. Шартномаи нигаҳдорӣ дар анбор

1. Мутобиқи шартномаи нигаҳдорӣ дар анбор, анбори мол (нигаҳдоранда) уҳдадор мешавад бо пардохти подош молеро, ки молики мол (молсупор) барои нигаҳдорӣ супоридааст, нигаҳдорӣ кунад ва беосеб баргардонад.

2. Шакли хаттии шартнома ҳангоме риояшуда ба ҳисоб меравад, агар бастани он ва қабули мол ба анбор бо ҳуҷҷати анбор (моддаи 1025 ҳамин Кодекс) тасдиқ гардида бошад.

### Моддаи 1021. Нигаҳдории мол бо ҳуқуқи ихтиёрдории он

Агар тибқи қонунгузорӣ ё шартнома чунин пешбинӣ шуда бошад, ки анбори мол метавонад моли барои нигаҳдорӣ супоридашударо ихтиёрдорӣ

кунад, дар ин сурат нисбат ба тарафҳо муқарраротбарои қарз (боби 46 ҳамин Кодекс) татбиқ гардида, вале вақт ва ҷойи баргардондани мол тибқи муқаррароти боби мазкур муайян карда мешаванд.

### Моддаи 1022. Уҳдадории анбори мол

1. Анбори мол уҳдадор аст шартҳо (реҷа)-и нигаҳдории дар стандартҳо, шартҳои техникӣ, дастурамалҳои технологӣ, дастурамалҳои нигаҳдорӣ, қоидаҳои нигаҳдории намудҳои алоҳидаи мол ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии махсуси барои анбор ҳатмӣ муқарраргардидаро риоя намояд.

2. Анбори мол бояд ҳангоми барои нигаҳдорӣ қабул кардани мол аз ҳисоби худ азназаргузаронии онро анҷом диҳад.

3. Анбори мол, агар нигаҳдорӣ бе зикри мушаххасот анҷом дода шавад, уҳдадор аст ба молсупор имконият диҳад, ки азназаргузаронии мол ё намунаҳои онҳоро анҷом диҳад, онро санҷад ва барои таъмини беосеб нигоҳ доштани он тадбирҳо андешад.

4. Дар сурате, ки агар барои эмин нигоҳ доштани мол фавран тағйир додани шароити нигаҳдорӣ зарур бошад, анбори мол ҳуқуқ дорад мустақилона тадбирҳои фавриро андешад. Он бояд молсупорро оид ба тадбирҳои андешидашуда огоҳ созад.

5. Ҳангоми ошкор сохтани осеби ба мол расондашуда, анбор бояд фавран санад тартиб дода, худи ҳамон рӯз молсупорро тибқи суроғаи дар анбори мол зикрнамудааш хабар диҳад. Бо гирифтани хабар, молсупор уҳдадор аст молро аз назар гузаронад ва бо нигаҳдоранда шартҳои минбаъдаи шартномаро мувофиқа кунад.

### Моддаи 1023. Талаботи молсупор ба анбори мол

1. Агар дар шартнома оид ба гум кардани мол, камомад ё осеб дидани мол, ки дар натиҷаи нигаҳдории номатлуб ба миён омадааст, тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, молсупор уҳдадор аст ба анбори мол ҳангоми аз анбор гирифтани мол ва дар мавриди камбудиҳои ниҳонӣ бошад, дар ҷараёни ҳафт рӯз аз лаҳзаи ошкор намудани чунин камбудиҳо арз кунад.

2. Агар дар бораи осеб дидани мол ё камомади он дар мӯҳлатҳои дахлдор ба анбори мол арз карда нашавад, ба истисноиҳолатҳое, ки зарар қасдан ё дар натиҷаи беэҳтиётии дағалона расонда шудааст, анбори мол ҷавобгар намебошад.

### Моддаи 1024. Аз ҷониби анбори мол рад кардани шартномаи нигаҳдорӣ

Анбори мол дар ҳолатҳои аз ҷониби молсупор пинҳон доштани хосияти хатарнокии мол, ки ба расондани хисороти назаррас таҳдид мекунад, ҳуқуқ дорад аз иҷрои шартномаи нигаҳдорӣ даст кашад.

### Моддаи 1025. Ҳуҷҷатҳои анбор

1. Анборҳои мол ҷиҳати тасдиқи нигаҳдорӣ қабул кардани мол яке аз ҳуҷҷатҳои зеринро дода метавонанд:

- шаҳодатномаи дугонаи анбор;

- шаҳодатномаи одии анбор;

- расиди анбор.

2. Шаҳодатномаи дугонаи анбор ва ҳар як қисми он, инчунин шаҳодатномаи одии анбор коғазҳои қиматнок мебошанд.

3. Шаҳодатномаи дугона ва одии анбор метавонанд мавзуи гарав бошанд.

## Моддаи 1026. Шаҳодатномаи дугонаи анбор

1. Шаҳодатномаи дугонаи анбор аз шаҳодатномаи анбор ва шаҳодатномаи гарав (варрант) иборат аст, ки онҳо метавонанд аз ҳамдигар ҷудо карда шаванд.

2. Дар ҳар як қисми шаҳодатномаи дугонаи анбор инҳо бояд зикр гарданд:

- ном ва суроғаи анборе, ки молро барои нигаҳдорӣ қабул кардааст;

- рақами ҷории шаҳодатномаи анбор тибқи феҳристи анбор;

- номи ташкилот ё шахси воқеӣ, ки аз онҳо барои нигаҳдорӣ мол қабул карда шудааст, инчунин маҳалли ҷойгиршавӣ (маҳалли истиқомат)-и молсупор;

- номгӯй ва теъдоди мол, шумораи ҷойи мол;

- муҳлате, ки мол барои нигаҳдорӣ қабул шудааст, агар чунин муҳлат муқаррар гардида бошад;

- тарифҳо ва тартиби пардохти нигаҳдорӣ;

- санаи қабул ва баргардондани мол;

- санаи дода шудани шаҳодатнома, имзои шахси ваколатдор ва муҳри анбори мол.

3. Ҳуҷҷате, ки ба талаботи моддаи мазкур ҷавобгӯ нест, шаҳодатномаи дугонаи анбор ҳисобида намешавад.

## Моддаи 1027. Ҳуқуқи дорандаи шаҳодатномаҳои анбор ва гарав ба мол

1. Дорандаи шаҳодатномаҳои анбор ва гарав ҳуқуқ дорад дар ҳаҷми пурра моли дар анбор нигаҳдоришавандаро ихтиёрдорӣ намояд.

2. Дорандаи шаҳодатномаи анборе, ки аз шаҳодатномаи гарав ҷудо карда шудааст, ҳуқуқ дорад молро ихтиёрдорӣ намояд, вале то пӯшонидани кредити тибқи шаҳодатномаи гарав додашуда молро аз анбор гирифта наметавонад.

3. Дорандаи шаҳодатномаи гарав, ки ҳамзамон дорандаи шаҳодатномаи анбор намебошад, барои гарави мол ба андозаи кредити оид ба шаҳодатномаи гарав додашуда ва фоизҳои он ҳуқуқ дорад. Ҳангоми гарави мол дар шаҳодатномаи анбор дар ин бора сабт гузошта мешавад.

### Моддаи 1028. Додани шаҳодатномаҳои анбор ва гарав

Шаҳодатномаи анбор ва шаҳодатномаи гарав метавонанд якҷоя ё алоҳида тибқи навиштаҷот дода шаванд.

### Моддаи 1029. Додани мол тибқи шаҳодатномаи дугонаи анбор

1. Анбори мол ба дорандаи шаҳодатномаи анбор ва шаҳодатномаи гарав (шаҳодатномаи дугонаи анбор) бар ивази ҳар ду шаҳодатнома дар якҷоягӣ молро бармегардонад.

2. Ба дорандаи шаҳодатномаи анбор, ки шаҳодатномаи гарав надорад, вале қарзи вобаста ба онро пардохтааст, мол аз анбор танҳо бар ивази шаҳодатномаи анбор ва ҳангоми пардохти тамоми маблағи қарз тибқи шаҳодатномаи гарав, ки бо расид ё ҳуҷҷатҳои дигаре, ки гаравгир додани онро тасдиқ кардааст, дода мешавад.

3. Дорандаи шаҳодатномаи анбор ва шаҳодатномаи гарав ҳуқуқ дорад қисман додани молро талаб кунад. Ҳамзамон бар ивази шаҳодатномаҳои аввалин барои моли дар анбор боқимонда ба он шаҳодатномаҳои нав дода мешаванд.

4. Анбори мол, ки хилофи талаботи моддаи мазкур ба дорандаи шаҳодатномаи анбор, ки дорои шаҳодатномаи гарав нест ва маблағи қарзи вобаста ба онро напардохтааст, мол додааст, дар назди дорандаи шаҳодатномаи гарав барои пардохти ҳамаи маблағҳои ба он тааллуқдошта ҷавобгар аст.

### Моддаи 1030. Шаҳодатномаи одии анбор

1. Шаҳодатномаи одии анбор ба манзуркунанда дода мешавад.

2. Шаҳодатномаи одии анбор бояд маълумоти дар моддаи 1026 ҳамин Кодекс пешбинишуда, инчунин сабти онро, ки ба манзуркунанда дода шудааст, дар бар гирад.

## БОБИ 52. ЭСКРОУ

### Моддаи 1031. Шартномаи эскроу

1. Мувофиқи шартномаи эскроу (ба амонатгузории шартӣ) қарздор (амонатгузор) уҳдадор мешавад ба агенти эскроу (минбаъдагент) молу мулкро бо мақсади иҷрои уҳдадории худ оид ба додани он ба дигар шахс, ки ба манфиати он ба амонатгузории молу мулк анҷом дода мешавад (бенефитсиар), ба амонат гузорад, агент бошад, уҳдадор мешавад нигоҳубини ин молу мулкро таъмин намояд ва дар мавриди ба вуҷуд омадани асосҳои дар шартнома пешбинигардида онро ба бенефитсиар супорад.

2. Шартномаи эскроу байни амонатгузор, агент ва бенефитсиар баста мешавад ва бояд муҳлати ба амонат гузоштани молу мулкро пешбинӣ намояд. Муҳлати амали ин шартнома аз панҷ сол зиёд буда наметавонад. Агар чунин шартнома ба муҳлати зиёда аз панҷ сол ё бе нишон додани муҳлат баста шавад, он ба муҳлати панҷ сол басташуда ба ҳисоб меравад.

3. Шартномаи эскроу тариқи нотариалӣ тасдиқ карда мешавад, ба истиснои ҳолатҳои ба амонат гузоштани маблағҳои пулии нақд ва (ё) коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат.

4. Ҳангоми ба вуҷуд омадани асосҳои пешбининамудаи шартномаи эскроу оид ба супоридани молу мулк ба бенефитсиар (аз ҷумла ҳангоми аз ҷониби бенефитсиар ё шахси сеюм тибқи шартнома анҷом додани амалҳо ё ба вуҷуд омадани муҳлат ё ҳодисае, ки дар шартнома пешбинӣ шудааст), агент уҳдадор аст тибқи шартҳои шартнома ба бенефитсиар молу мулки ба амонат гузоштаро супорад. Агар шартҳои пешбининамудаи шартнома оид ба супоридани молу мулк ба бенефитсиар дар давоми амали он ба вуҷуд наоянд, агент уҳдадор аст молу мулки ба амонат гирифтаашро ба амонатгузор баргардонад.

### Моддаи 1032. Объектҳои эскроу

1. Объектҳои амонатгузорӣ молу мулки манқул (ҳамчунин пулҳои нақд, коғазҳои қиматноки ҳуҷҷатӣ ва ҳуҷҷатҳо), маблағҳои пулии ғайринақдӣ ва коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат буда метавонанд.

2. Баъди ба агент супоридани объекти ба амонатгузошта, дар давоми муҳлати амали шартномаи эскроу, амонатгузор ҳуқуқи ихтиёрдории ин молу мулкро надорад, агар ҳолати дигар дар шартнома пешбинӣ нашуда бошад.

3. Уҳдадории амонатгузор оид ба бенефитсиар супоридани молу мулк аз лаҳзаи супоридани ин молу мулк ба агент иҷрошуда ба ҳисоб меравад.

4. Тарафҳо метавонанд шартнома банданд, ки дар асоси он ба агент бояд молу мулке ба амонат гузошта шавад, ки тарафҳои шартнома метавонанд онро ба якдигар супоранд (эскроуи мутақобила).

### Моддаи 1033. Подош ба агент

1. Барои иҷрои уҳдадориҳои худ агент ҳуқуқи талаби подошро дорад, агар шартнома ҳолати дигарро пешбинӣ накунад. Уҳдадории амонатгузор ва бенефитсиар оид ба додани подош ба агент муштарак мебошад, агар ҳолати дигарро шартнома пешбинӣ накунад.

2. Агент ҳуқуқ надорад молу мулки аз амонатгузор гирифтаашро ба ҳисоби пардохт ё таъмини подош ба ҳисоб гирад ё нигоҳ дорад, агар шартнома ҳолати дигарро пешбинӣ накунад.

### Моддаи 1034. Санҷиши асосҳои ба бенефитсиар супоридани молу мулк

1. Агар дар шартномаи эскроу зарурати аз ҷониби бенефитсиар пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ба вуҷуд омадани асосҳои ба он супоридани молу мулк пешбинӣ шуда бошад, агент уҳдадор аст онҳоро аз рӯйи аломатҳои берунӣ санҷад ва дар мавриди ҷой доштани асосҳои оқилонаи беэътимодии ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида, аз супоридани молу мулк худдорӣ намояд, агар шартнома ҳолати дигарро пешбинӣ накунад.

2. Шартномаи эскроу метавонад уҳдадории агент оид ба санҷиши асосҳои ҷойдоштаи супоридани молу мулкро ба бенефитсиар пешбинӣ намояд.

### Моддаи 1035. Ҷудо намудани молу мулки баамонатгузошташуда

1. Молу мулке, ки ба амонат гузошта шудааст, бояд аз молу мулки агент ҷудо бошад. Ин молу мулк дар тавозуни алоҳида ифода карда мешавад ва (ё) аз рӯйи он баҳисобгирии алоҳида пеш бурда мешавад.

2. Аз ҷониби агент омехтани молу мулки баамонатгузошташуда бо дигар молу мулки (аз ҷумла худӣ) ҳамон навъ, уҳдадории онро дар назди амонатгузор ва бенефитсиар қатъ намегардонад.

3. Агент ҳуқуқ надорад молу мулки баамонатгузоштаро истифода ва онҳоро ихтиёрдорӣ намояд, агар шартнома ҳолати дигарро пешбинӣ накунад ё аз моҳияти уҳдадорӣ барнаояд.

### Моддаи 1036. Хусусиятҳои ба амонат гузоштани ашё

1. Дар мавриди ба амонат гузоштани ашё, амонатгузор то лаҳзаи ба вуҷуд омадани асосҳои супоридани онҳо ба бенефитсиар ҳуқуқи моликиятро нигоҳ медорад, баъди рӯзи ишорашуда ҳуқуқи моликият ба ашёи баамонатгузошташуда ба бенефитсиар мегузарад, агар қонун ҳолати дигарро пешбинӣ накарда бошад.

2. Агент барои нобудшавӣ, камомад ё осеб дидани ашёи баамонатгузошташуда ҷавобгар аст, агар исбот карда натавонад, ки чунин ҳолатҳо дар натиҷаи неруи рафънопазир ба вуҷуд омада ё бо сабаби хусусиятҳои ашё, ки онҳоро агент ҳангоми қабул ба амонат намедонист ё дониста ҳам нематавонист, ё ин ки дар натиҷаи қасд ё беэҳтиётии дағалонаи амонатгузор ба вуҷуд омадаанд.

3. Нисбати муносибатҳо тибқи шартномаи эскроу, ки ба амонат гузоштани ашёеро пешбинӣ намудаанд, ки ҳуқуқи моликияти амонатгузор ба онҳо нигоҳ дошта мешавад, қоидаҳои боби 51 ҳамин Кодекс татбиқ мешаванд, агар ҳолатҳои дигарро қоидаҳои боби мазкур ва шартнома муқаррар накунанд ё аз моҳияти уҳдадорӣ барнаоянд.

### Моддаи 1037. Хусусиятҳои ба амонат гузоштани коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат ва маблағҳои пулии накд

1. Ҳангоми ба амонат гузоштани коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат сабти чунин гаронии коғазҳои қиматнок мувофиқи қоидаҳои қисми 4 моддаи 157 ва қисмҳои 3-4 моддаи 159 ҳамин Кодекс амалӣ карда мешавад. Тартиби дигар ва хусусиятҳои ба амонат гузоштани коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат метавонанд дар қонун пешбинӣ карда шаванд.

2. Агент ҳуқуқи ихтиёрдории коғазҳои қиматноки беҳуҷҷати баамонатгузошта ва амалӣ намудани ҳуқуқҳоро бо чунин коғазҳои қиматнок надорад, агар шартнома ҳолати дигарро пешбинӣ накунад.

3. Агар агент бонк набошад, маблағҳои пулии ғайринакдӣ дар суратҳисоби номиналии он ба амонат гузошта мешавад. То рӯзи ба вуҷуд омадани асосҳои супоридани молу мулк ба бенефитсиар мувофиқи шартномаи эскроу бенефитсиари суратҳисоби бонкии номиналии дар агент кушода амонатгузор

мебошад, баъди рӯзи ишорашуда бошад, бенефитсиари суратҳисоби бонкии номиналӣ бенефитсиар тибқи шартнома мебошад.

### Моддаи 1038. Хусусиятҳои нигаронидани рӯёниш ба молу мулк тибқи талабот ба тарафҳои шартномаи эскроу

1. Нигаронидани рӯёниш ба молу мулки баамонатгузошташуда, ҳабси ин молу мулк ё андешидани тадбирҳои таъминоти пешакӣ вобаста ба қарздории агент ё амонатгузор роҳ дода намешаванд.

2. Вобаста ба қарздории амонатгузор рӯёниш мумкин аст нисбати ҳуқуқ (талаб)-и он ба бенефитсиар ё ба агент дар мавриди қатъи шартномаи эскроу ё вайрон намудани ухдадориҳо аз рӯйи он, нигаронида шавад. Ҳангоми кушодани суратҳисоби бонкии номиналӣ барои ҳадафҳои ба амонат гузоштани маблағҳои пулии ғайринақдӣ қоидаҳои ҳабс ё аз ҳисоб баровардани маблағҳои пулӣ татбиқ намешаванд.

3. Бо қарздории бенефитсиар рӯёниш мумкин аст ба ҳуқуқ (талаб)-и он ба агент оид ба супоридани молу мулки баамонатгузошташуда нигаронида шавад.

### Моддаи 1039. Қатъ шудани шартномаи эскроу

1. Шартномаи эскроу бинобар вафоти шахси воқеӣ, ки агент мебошад, ғайриқобили амал, дорои қобилияти маҳдуди амалкунӣ ё бедарак ғоибшуда эътироф намудани ӯ, қатъ шудани ваколатҳои нотариус, ки агент мебошад, барҳамхӯрии агент - шахси ҳуқуқӣ, ба итмом расидани муҳлати амали шартнома, инчунин бо асосҳои дигари пешбининамудаи ҳамин Кодекс қатъ мегардад.

2. Дар баробари ба агент дар шакли хаттӣ равона намудани огоҳиномаи муштарак ё бо тарзҳои дигари пешбининамудаи шартнома, амонатгузор ва бенефитсиар метавонанд шартномаи эскроуро рад намоянд.

3. Ҳангоми қатъи шартномаи эскроу молу мулки баамонатгузошташуда, агар созишномаи тарафҳо ҳолати дигарро пешбинӣ накунад, ба амонатгузор баргардонда мешавад, дар мавриди ба вуҷуд омадани асосҳои ба бенефитсиар супоридани ин молу мулк он ба бенефитсиар супорида мешавад.

## БОБИ 53. СУҒУРТА

### Моддаи 1040. Суғуртаи ихтиёрӣ ва ҳатмӣ

1. Суғурта дар асоси шартномаҳои суғуртаи молу мулк ё суғуртаи шахсӣ, ки байни шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ (суғурташаванда) бо ташкилоти суғуртавӣ (суғуртакунанда) баста шудааст, анҷом дода мешавад.

2. Шартномаи суғуртаи шахсӣ шартномаи оммавӣ (моддаи 488 ҳамин Кодекс) мебошад.

3. Дар ҳолатҳое, ки дар қонун ба зиммаи шахси дар он зикргардида ухдадории ба сифати суғуртакунанда суғурта кардани ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки шахси дигар, ё ҷавобгарии мадании худ дар назди шахси дигар аз

ҳисоби худ ё аз ҳисоби шахси манфиатдор гузошта шудааст (суғуртаи ҳатмӣ), суғурта бо роҳи мутобиқи қоидаҳои боби мазкур бастани шартнома анҷом дода мешавад.

4. Ҳангоми суғуртаи ҳатмӣ суғурташаванда бояд бо суғуртакунанда тибқи қонун, ки ҳамин намуди суғуртаро танзим мекунад, шартнома бандад.

5. Дар қонун мумкин аст суғуртаи ҳатмии ҳаёт, саломатӣ ва молу мулки шахсони воқеӣ аз ҳисоби маблағҳои аз буҷетҳои дахлдор додашуда пешбинӣ карда шавад (суғуртаи ҳатмии давлатӣ).

### Моддаи 1041. Манфиатҳое, ки суғуртаи онҳо иҷозат дода намешавад

1. Ба суғуртаи манфиатҳои зиддиқонунӣ иҷозат дода намешавад.

2. Суғуртаи зиёни иштирок дар бозиҳо, лотереяҳо ва шартҳо иҷозат дода намешавад.

3. Шартҳои шартномаи суғурта, ки хилофи қисмҳои 1 ва 2 моддаи мазкур мебошанд, беоқибатанд.

### Моддаи 1042. Шартномаи суғуртаи молу мулк

1. Мутобиқи шартномаи суғуртаи молу мулк як тараф (суғуртакунанда) уҳдадор мешавад бо пардохти дар шартнома қайдушартшуда (мукофоти суғуртавӣ) ҳангоми фаро расидани ҳодисаи дар шартнома пешбинишуда (ҳодисаи суғуртавӣ) ба тарафи дигар (суғурташаванда) ё шахси дигар, ки ба манфиати он шартнома баста шудааст (бадастоварандаи фоида), зиёни вобаста ба ин ҳодиса ба молу мулки суғурташуда расондашуда ё зиёни вобаста ба манфиати молумулкии дигар суғурташаванда расондашуда (ҷуброни пулии суғуртавӣ) дар доираи маблағи дар шартнома муайянгардида (маблағи суғуртавӣ)-ро пардохт намояд

2. Тибқи шартномаи суғуртаи молу мулк инҳо метавонанд суғурта карда шаванд:

- молу мулк;

- таваккали ҷавобгарии маданӣ - таваккали ҷавобгарӣ вобаста ба уҳдадорие, ки дар натиҷаи расондани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки шахси дигар ба миён омадааст ва дар ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст, инчунин ҷавобгарӣ тибқи шартнома (моддаҳои 1044 ва 1045 ҳамин Кодекс);

- таваккали соҳибкорӣ - таваккали ба даст наовардани даромади дарназардошташуда аз фаъолияти соҳибкорӣ вобаста ба иҷро накардани уҳдадориҳои худ аз ҷониби контрагентҳои соҳибкор ё тағйир додани шарти ин фаъолият вобаста ба ҳолатҳое, ки ба соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд (моддаи 1046 ҳамин Кодекс).

### Моддаи 1043. Суғуртаи молу мулк

1. Молу мулк метавонад тибқи шартномаи суғурта ба манфиати шахсе (суғурташаванда ё бадастоварандаи фоида), ки мувофиқи қонунгузорӣ ё шартнома барои ба манфиати худ нигоҳ доштани ҳамин молу мулк асос дорад,

ба манфиати молики он, шахсе, ки ба ин молу мулк ҳуқуқи дигари ашё дорад, иҷорагир, паймонкор, нигаҳдоранда, комиссионер ва ғайра суғурта карда шаванд.

2. Шартномаи суғуртаи молу мулк метавонад ба манфиати бадастоварандаи фоида бе зикри номи шахси воқеӣ ё ҳуқуқии бадастоварандаи фоида баста шавад.

3. Ҳангоми бастани чунин шартнома ба суғурташаванда полиси суғуртавии манзурӣ дода мешавад. Ҳангоми амалӣ кардани ҳуқуқ тибқи чунин шартнома ба суғурткунанда пешниҳод кардани чунин полис зарур мебошад.

### Моддаи 1044. Суғуртаи ҷавобгарӣ барои расондани зарар

1. Мутобиқи шартномаи таваккали ҷавобгарӣ оид ба уҳдадориҳое, ки дар натиҷаи расондани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ва молу мулки дигар шахси дигар ба миён омадааст, мумкин аст таваккали ҷавобгарии худи суғурташаванда ё шахси дигар, ки ба зиммаи он чунин ҷавобгарӣ гузошта мешавад, суғурта карда шавад.

2. Шахсе, ки таваккали ҷавобгарии он барои расондани зарар суғурта шудааст, бояд дар шартномаи суғурта зикр карда шавад. Агар чунин шахс дар шартнома зикр нашуда бошад, эътироф мегардад, ки таваккали ҷавобгарии худи суғурташаванда суғурта шудааст.

3. Шартномаи суғуртаи таваккали ҷавобгарӣ барои расондани зарар ба манфиати шахсе, ки ба онҳо мумкин аст зарар расонда шавад (бадастоварандагони фоида), басташуда ҳисобида мешавад.

### Моддаи 1045. Суғуртаи ҷавобгарӣ оид ба шартнома

1. Суғуртаи таваккали ҷавобгарӣ барои вайрон кардани шартнома нисбат ба ҷавобгарии соҳибкори инфиродӣ ё ташкилоти тиҷоратӣ барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби шартномаи оммавӣ (моддаи 488 ҳамин Кодекс) ва дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузорӣ имконпазир аст.

2. Тибқи шартномаи суғуртаи таваккали ҷавобгарӣ барои вайрон кардани шартнома мумкин аст танҳо таваккали ҷавобгарии худи суғурташаванда суғурта карда шавад. Шартномаи суғурта, ки ба ин талабот мутобиқат намекунад, беоқибат аст.

3. Таваккали ҷавобгарӣ барои вайрон кардани шартнома ба манфиати тарафе, ки нисбат ба он тибқи шартҳои ин шартнома суғурташаванда бояд ҷавобгарии дахлдорро ба зимма гирад (бадастоварандаи фоида), суғурташуда ба ҳисоб меравад.

### Моддаи 1046. Суғуртаи таваккали соҳибкорӣ

1. Мутобиқи шартномаи суғуртаи таваккали соҳибкорӣ (сархати сеюми қисми 2 моддаи 1042 ҳамин Кодекс) мумкин аст танҳо таваккали соҳибкории худи суғурташаванда ва танҳо ба манфиати он суғурта карда шавад.

2. Шартномаи суғуртаи таваккали соҳибкории шахсе, ки суғурташаванда намебошад, беоқибат аст.

3.Шартномаи суғуртаи таваккали соҳибкорӣ ба манфиати шахсе, ки суғурташаванда намебошад, ба манфиати суғурташаванда басташуда ба ҳисоб меравад.

## Моддаи 1047. Шартномаи суғуртаи шахсӣ

1. Тибқи шартномаи суғуртаи шахсӣ як тараф (суғуртакунанда) уҳдадор мешавад бар ивази пардохти дар шартнома қайдушартшуда (мукофоти суғуртавӣ), ки аз тарафи дигар пардохт карда мешавад (суғурташаванда), дар ҳолати расондани зарар ба ҳаёт ё саломатии худи суғурташаванда ё шахси воқеии дигари дар шартнома зикргардида (шахси суғурташуда), бо расидан ба синну соли муайян ё фарорасии рӯйдоди дигари дар шартнома пешбинишуда (ҳодисаи суғуртавӣ) дар ҳаёти он якдафъаина ё давра ба давра маблағи қайдушартшударо пардохт намояд.

2. Ҳуқуқи гирифтани маблағи суғурта ба шахсе тааллуқ дорад, ки ба манфиати он шартнома баста шудааст.

3. Шартномаи суғуртаи шахсӣ, агар дар шартнома ба сифати бадастоварандаи фоида шахси дигар зикр нагардида бошад, ба манфиати шахси суғурташуда басташуда ба ҳисоб меравад.

4. Ҳангоми вафоти шахси тибқи шартнома суғурташуда, агар дар шартнома бадастоварандаи дигари фоида зикр нашуда бошад, меросгирони шахси суғурташуда бадастоварандагони фоида эътироф карда мешаванд.

5. Шартномаи суғуртаи шахсӣ ба манфиати шахсе, ки суғурта нашудааст, аз ҷумла ба манфиати шахсе, ки суғурташудаи суғурташаванда намебошад, метавонад танҳо бо розигии хаттии шахси суғурташуда баста шавад. Ҳангоми мавҷуд набудани чунин розигӣ шартнома тибқи даъвои шахси суғурташуда ва дар сурати вафоти чунин шахс тибқи даъвои меросгирони он мумкин аст беэътибор эътироф карда шавад.

## Моддаи 1048. Суғуртаи ҳатмӣ

1. Тибқи қонун мумкин аст уҳдадории ҳатмии суғуртаи зерин пешбинӣ карда шавад:

- ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки шахсони дигари дар қонун пешбинишуда, дар ҳолати расондани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки онҳо;

- таваккали ҷавобгарии мадании худи шахси воқеӣ, ки метавонад дар натиҷаи расондани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки шахсони дигар ё вайрон кардани шартнома бо шахси дигар фаро расад.

2. Дар қонун инчунин намудҳои дигари суғуртаи ҳатмӣ муқаррар шуда метавонад.

3. Уҳдадории ба сифати суғурташаванда амал кардан ба зиммаи шахси дар қонун муайянгардида вогузошта мешавад. Уҳдадории суғуртаи ҳаёт ё

саломатии худ на тибқи қонун ва на тибқи шартнома ба зиммаи шахси воқеӣ вогузошта намешавад.

4. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ё тибқи қоидаҳои муқаррарнамудаи он ба зиммаи шахси ҳуқуқӣ, ки ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ ё ҳуқуқи идораи оперативии молу мулки мансуб ба моликияти давлатиро дорад, мумкин аст ухдадории суғурта кардани ин молу мулк гузошта шавад.

5. Дар ҳолатҳое, ки ухдадории суғуртаи молу мулк на аз қонун, балки ба шартнома бо соҳиби молу мулк ё аз ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқӣ, ки молики молу мулк аст, асос меёбад, чунин суғурта тибқи мухтавои моддаи мазкур ҳатмӣ ба ҳисоб намеравад ва боиси оқибатҳои пешбининамудаи моддаи 1050 ҳамин Кодекс намегардад.

### Моддаи 1049. Амалисозии суғуртаи ҳатмӣ

1. Суғуртаи ҳатмӣ тавассути бастани шартномаи суғурта аз ҷониби шахс (суғурташаванда), ки ба зиммааш ухдадории чунин суғурта гузошта шудааст, бо суғуртакунанда амалӣ карда мешавад.

2. Суғуртаи ҳатмӣ аз ҳисоби суғурташаванда анҷом дода мешавад.

3. Объекте, ки бояд суғуртаи ҳатмӣ шавад, таваккале, ки онҳо аз он бояд суғурта шаванд ва андозаи ҳадди ақалли маблағи суғурта тибқи қонун ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 4 моддаи 1048 ҳамин Кодекс бошад, тибқи қонун ё қоидаҳои дар асоси он қабулшуда муайян карда мешавад.

### Моддаи 1050. Оқибатҳои вайрон кардани қоидаҳои суғуртаи ҳатмӣ

1. Агар ба шахсе, ки тибқи қонун бояд ба манфиати он суғуртаи ҳатмӣ анҷом дода шавад, маълум гардида бошад, ки суғурта сурат нагирифтааст, он ҳуқуқ дорад бо тартиби судӣ аз шахси ба сифати суғурташаванда ба зимааш суғурта вогузоршуда анҷом додани онро талаб намояд.

2. Агар шахси ба зиммааш ба сифати суғурташаванда ухдадории суғурта вогузоршуда суғуртаро анҷом надода бошад ё шартномаи суғуртаро бо шартҳое баста бошад, ки вазъи бадастоварандаи фоидаро нисбат ба шартҳои дар қонун муқарраршуда бадтар мегардонад, он дар назди бадастоварандаи фоида ҳангоми фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ тибқи ҳамон шартҳое, ки дар сурати матлуб анҷом додани суғурта мебоист ҷуброни суғурта пардохт карда шавад, ҷавобгар мебошад.

3. Маблағи беасос нигоҳдоштаи шахси ба зиммааш ухдадории суғурта гузошташуда вобаста ба иҷро накардан ё номатлуб иҷро кардани ухдадории худ мувофиқи даъвои мақомоти давлатии назорати суғурта бо баҳисобгирии фоиз ба ин маблағҳо тибқи моддаи 456 ҳамин Кодекс ба фоидаи давлат рӯёнида мешавад.

### Моддаи 1051. Суғуртакунанда

1. Ба сифати суғуртакунанда шахсони ҳуқуқӣ, ки ташкилоти тиҷоратӣ мебошанд ва барои анҷом додани намуди дахлдори суғурта иҷозатнома доранд, шартномаи суғуртаро баста метавонанд.

2. Шарт ва талабот барои фаъолияти ташкилоти суғуртавӣ, инчунин тартиби амалӣ намудани назорату санҷиши онро қонун муқаррар менамояд.

### Моддаи 1052. Иҷрои уҳдадориҳо тибқи шартнома аз ҷониби суғурташаванда ва бадастоварандаи фоида

1. Бастани шартномаи суғурта ба манфиати бадастоварандаи фоида, аз ҷумла агар худи он шахси сугурташуда бошад ва дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад ё уҳдадории ба зиммаи суғурташаванда вогузоршударо шахсе анҷом дода бошад, ки ба манфиати он шартнома баста шудааст, суғурташавандаро аз иҷрои уҳдадории вобаста ба ин шартнома озод намекунад.

2. Ҳангоми аз ҷониби бадастоварандаи фоида талаб кардани пардохти ҷуброни суғурта мувофиқи шартномаи суғуртаи молу мулк ё маблағи суғуртаи шартномаи суғуртаи шахсӣ суғуртакунанда ҳуқуқ дорад аз ҷумла дар сурати шахси суғурташуда будани бадастоварандаи фоида, иҷрои уҳдадориро оид ба шартномаи суғурта, аз ҷумла уҳдадорие, ки ба зиммаи суғурташаванда гузошта шудааст, вале иҷро накардааст, талаб намояд. Таваккали оқибатҳои иҷро накардан ё сари вақт иҷро накардани уҳдадорӣ, ки бояд қаблан иҷро мегардид, ба зиммаи бадастоварандаи фоида гузошта мешавад.

### Моддаи 1053. Шакли шартномаи суғурта

1. Шартномаи суғурта бояд дар шакли хаттӣ баста шавад. Риоя накардани ин талабот, ба истиснои шартномаи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, боиси беэътибории шартнома мегардад.

2. Шартномаи суғурта метавонад тавассути таҳияи як ҳуҷҷат (қисми 2 моддаи 500 ҳамин Кодекс) ё аз ҷониби суғуртакунанда дар асоси аризаи хаттӣ ё шифоҳии суғурташаванда супоридани полиси суғуртавӣ (шаҳодатнома, сертификат, расид), ки аз ҷониби суғуртакунанда имзо шудааст ва шартҳои шартномаи суғуртаро дар бар мегирад, баста шавад.

3. Дар ин сурат розигии суғурташаванда дар мавриди бастани шартнома тибқи шартҳои пешниҳоднамудаи суғуртакунанда бо гирифтани ҳуҷҷатҳое, ки дар қисми 2 моддаи мазкур зикр шудаанд ва пардохти мукофоти суғуртавӣ ё ҳангоми давра ба давра гузарондани мукофоти суғуртавӣ ба пардохти якум тасдиқ карда мешавад.

4. Суғуртакунанда ҳангоми бастани шартнома ҳуқуқ дорад шаклҳои стандартии шартномаи суғурта (полиси суғуртавӣ)-и таҳиянамудаашро оид ба намудҳои алоҳидаи суғурта истифода барад.

### Моддаи 1054. Суғурта тибқи полиси генералӣ

Суғуртаи мунтазами қисматҳои мухталифи молу мулки якхела (мол, бор ва ғайра) бо шартҳои монанд дар давоми муҳлати муайян тибқи созишномаи

суғурташаванда бо суғуртакунанда метавонад дар асоси як шартномаи суғурта тавассути полиси генералӣ амалӣ шавад.

### Моддаи 1055. Шартҳои муҳимми шартномаи суғурта

1. Ҳангоми бастани шартномаи суғуртаи молу мулк суғурташаванда ва суғуртакунанда бояд оид ба масъалаҳои зерин ба созиш оянд:

- оид ба молу мулки муайян ё манфиати молумулкии дигар, ки объекти суғурта мебошад;

- оид ба хусусияти ҳодисае, ки барои фарорасии он суғурта анҷом дода мешавад (ҳодисаи суғуртавӣ);

- оид ба андозаи маблағи суғурта;

- оид ба тартиби муайян намудани ҷуброни суғурта, агар дар шартнома имконияти нисбат ба маблағи суғурта камтар пардохтани маблағ пешбинӣ гардида бошад;

- оид ба андозаи мукофоти суғуртавӣ ва мӯҳлат (мӯҳлатҳо)-и пардохти он;

- оид ба мӯҳлати амали шартнома.

2. Ҳангоми бастани шартномаи суғуртаи шахсӣ суғурташаванда ва суғуртакунанда бояд оид ба масъалаҳои зерин ба созиш оянд:

- оид ба шахси суғурташуда;

- оид ба хусусияти ҳодисае, ки барои фарорасии он дар ҳаёти шахси суғурташуда суғурта анҷом дода мешавад (ҳодисаи суғуртавӣ);

- оид ба андозаи маблағи суғурта;

- оид ба андозаи мукофоти суғуртавӣ ва мӯҳлат (мӯҳлатҳо)-и пардохти он;

- оид ба мӯҳлати амали шартнома.

3. Агар шартномаи суғурта шартҳоеро дар бар гирад, ки вазъи шахси воқеӣ, ки суғурташаванда, шахси суғурташуда ё бадастоварандаи фоида мебошад, нисбат ба муқаррароти муайяннамудаи қонунгузорӣ бадтар мегардонанд, ба ҷойи чунин шартҳои шартнома муқаррароти дахлдори қонунгузорӣ татбиқ карда мешаванд.

### Моддаи 1056. Муайян кардани шартҳои шартномаи суғурта дар қоидаҳои суғурта

1. Шартҳое, ки тибқи онҳо шартномаи суғурта баста мешавад, мумкин аст дар қоидаҳои стандартии суғуртаи намуди дахлдори аз ҷониби суғуртакунанда ё иттиҳодияи суғуртакунандагон қабулгардида, муайян карда шаванд.

2. Шартҳое, ки дар қоидаҳои суғурта мавҷуданд ва ба матни шартномаи суғурта (полиси суғуртавӣ) дохил карда нашудаанд, агар дар шартнома (полиси суғуртавӣ) мустақилона оид ба истифодаи чунин қоидаҳо ишора шуда бошад ва худи қоидаҳо дар як ҳуҷҷат бо шартнома (полиси суғуртавӣ) ё дар қисмати ақиби он зикр ё ба он замима гардида бошад, барои суғурташаванда (бадастоварандаи фоида) ҳатмӣ мебошад. Дар ин ҳолат ба суғурташаванда

ҳангоми бастани шартнома супорида шудани қоидаҳои суғурта бояд бо сабт дар шартнома тасдиқ карда шавад.

### Моддаи 1057. Маълумоте, ки суғурташаванда ҳангоми бастани шартнома пешниҳод мекунад

1. Ҳангоми бастани шартнома суғурташаванда бояд ба суғуртакунанда маълумоти барояш маълумеро, ки ҷиҳати муайян кардани имконпазирии фаро расидани ҳодисаи суғуртавӣ муҳим мебошанд ва андозаи эҳтимолии зиёнеро, ки бо фаворасии он мумкин аст расонда шавад (таваккали суғурта), пешниҳод кунад.

2. Ҳолатҳое муҳим эътироф мегарданд, ки аз ҷониби суғуртакунанда дар шакли стандартии шартномаи суғурта (полиси суғуртавӣ), қоидаҳои суғуртаи ба суғурташаванда додашуда ё дархости хаттии он дақиқ зикр гардидаанд.

3. Агар шартномаи суғурта ҳангоми мавҷуд набудани ҷавоби суғурташаванда ба ин ё он саволи суғуртакунанда баста шуда бошад, суғуртакунанда наметавонад минбаъд дар асоси он, ки ҳолатҳои дахлдор аз ҷониби суғурташаванда маълумот дода нашудаанд, бекор кардани шартнома ё беэътибор донистани онро талаб намояд.

4. Агар баъди бастани шартнома муқаррар карда шавад, ки суғурташаванда ба суғуртакунанда бадқасдона оид ба ҳолатҳои дар қисми 1 моддаи мазкур зикргардида маълумоти бардурӯғ додааст, суғуртакунанда ҳуқуқ дорад беэътибор донистани шартнома ва истифодаи оқибатҳои пешбининамудаи қисми 3 моддаи 196 ҳамин Кодексро талаб намояд.

5. Суғуртакунанда наметавонад беэътибор донистани шартномаро талаб кунад, агар ҳолатҳое, ки оид ба онҳо суғурташаванда изҳор накардааст, аз байн рафта бошанд.

### Моддаи 1058. Ҳуқуқи суғуртакунанда барои арзёбии таваккали суғурта

1. Ҳангоми бастани шартномаи суғуртаи молу мулк суғуртакунанда ҳуқуқ дорад молу мулки суғурташавандаро аз назар гузаронад ва ҳангоми зарурат бо мақсади муқаррар намудани арзиши ҳақиқии он экспертиза таъин намояд.

2. Ҳангоми бастани шартномаи суғуртаи шахсӣ суғуртакунанда ҳуқуқ дорад барои муқаррар намудани вазъи воқеии саломатии суғурташаванда муоинаи онро анҷом диҳад.

### Моддаи 1059. Сирри суғурта

Суғуртакунанда ҳуқуқ надорад маълумоти дар натиҷаи суғурта оид ба суғурташаванда, шахси суғурташуда ва бадастоварандаи фоида, вазъи саломатӣ, инчунин вазъи молумулкии ин шахс барояш маълумгардидаро ошкор намояд. Барои вайрон кардани сирри суғурта, вобаста ба шакли вайрон кардани ҳуқуқ ва хусусиятҳои қонуншиканӣ, суғуртакунанда мутобиқи қоидаҳои моддаи 165, қисми 2 моддаи 236 ва моддаи 246 ҳамин Кодекс ҷавобгарӣ дорад.

## Моддаи 1060. Маблағи суғурта

1. Маблағе, ки дар доираи он суғуртакунанда ухдадор шудааст ҷуброни суғуртаро тибқи шартномаи суғуртаи молу мулк ё тибқи шартномаи суғуртаи шахсӣ пардохт намояд (маблағи суғурта), бо созиши суғурташаванда бо суғуртакунанда мувофиқи қоидаҳои пешбининамудаи моддаи мазкур муайян карда мешавад.

2. Ҳангоми суғуртаи молу мулк ё таваккали соҳибкорӣ, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, маблағи суғурта набояд аз арзиши воқеии он (арзиши суғуртавӣ) баландтар бошад, ки чунин ба ҳисоб гирифта мешавад:

- барои молу мулк - арзиши воқеии он дар маҳалли ҷойгиршавӣ дар рӯзи бастани шартномаи суғурта;

- барои таваккали соҳибкорӣ - даромад (фоида) аз фаъолияти соҳибкорӣ, ки суғурташаванда, чуноне ки тахмин карда мешавад, дар ҳолати фаворасии ҳодисаи суғуртавӣ аз он маҳрум шуда метавонист.

3. Дар шартномаҳои суғуртаи шахсӣ ва шартномаҳои суғуртаи ҷавобгарии маданӣ маблағи суғурта тибқи салоҳдиди тарафҳо муайян карда мешавад.

## Моддаи 1061. Мавриди баҳс қарор додани арзиши суғуртавии молу мулк

Арзиши суғуртавии молу мулки дар шартномаи суғурта зикршуда, ба истиснои ҳолате, ки агар суғуртакунанда то бастани шартнома аз ҳуқуқи худ дар мавриди нархмонии таваккали суғурта (моддаи 1058 ҳамин Кодекс) истифода набурда, бадқасдона оид ба ин арзиш гумроҳ карда шуда бошад, минбаъд мавриди баҳс қарор дода намешавад.

## Моддаи 1062. Суғуртаи иловагии молу мулк

1. Агар молу мулк ё таваккали соҳибкорӣ танҳо дар қисми арзиши суғуртавӣ суғурта шуда бошад, суғурташаванда (бадастоварандаи фоида) ҳуқуқ дорад суғуртаи иловагии молу мулкро, аз ҷумла бо дигар суғуртакунанда, вале ба шарте ки маблағи умумии суғурта вобаста ба ҳамаи шартномаҳо аз арзиши суғуртавӣ бештар набошад, анҷом диҳад.

2. Риоя накардани муқаррароти қисми 1 моддаи мазкур боиси оқибатҳои пешбининамудаи қисми 4 моддаи 1063 ҳамин Кодекс мегардад.

## Моддаи 1063. Оқибатҳои суғуртаи аз арзиши суғуртавӣ бештар

1. Агар маблағи дар шартномаи суғуртаи молу мулк ё таваккали соҳибкорӣ зикргардида аз арзиши суғуртавӣ бештар бошад, шартнома дар он қисми маблағе, ки аз арзиши суғуртавӣ бештар аст, беоқибат мебошад. Дар чунин маврид қисми зиёдатии маблағи мукофоти суғуртавии пардохташуда баргардонда намешавад.

2. Агар мувофиқи шартномаи суғурта мукофоти суғуртавӣ давра ба давра пардохт карда шавад ва то лаҳзаи муайян намудани ҳолатҳои дар қисми 1 моддаи мазкур зикргардида он пурра гузаронда нашуда бошад, ҳаққи

суғуртавии боқимонда бояд ба андозаи мутаносибан кам шудани андозаи маблағи суғурта пардохт карда шавад.

3. Агар баланд кардани маблағи суғурта дар шартномаи суғурта натиҷаи фиреб додан аз ҷониби суғурташаванда бошад, суғуртакунанда ҳуқуқ дорад ҷуброни зиёни вобаста ба он расондашударо ба андозае, ки аз мукофоти суғуртавии аз суғурташаванда гирифтааш бештар мебошад, талаб кунад.

4. Қоидаҳои пешбининамудаи қисмҳои 1-3 моддаи мазкур мувофиқан барои суғуртаи дубора татбиқ мегарданд. Маблағи ҷуброни суғурта, ки бояд дар чунин ҳолат ба ҳар як суғуртакунанда пардохт карда шавад, мутаносибан ба кам кардани маблағи ибтидоии суғурта оид ба шартномаи дахлдори суғурта кам карда мешавад.

## Моддаи 1064. Суғуртаи бисёркарата

1. Қоидаҳои пешбининамудаи моддаи 1063 ҳамин Кодекс мувофиқан дар ҳолатҳое татбиқ мегарданд, ки агар маблағи суғурта дар натиҷаи суғурта намудани ҳамон як молу мулк ё таваккали соҳибкорӣ аз ҷониби ду ё якчанд суғуртакунанда анҷом дода шуда (суғуртаи бисёркарата), аз арзиши суғуртавӣ бештар гардида бошад.

2. Ҳангоми суғуртаи бисёркаратаи молу мулк ё таваккали соҳибкорӣ ҳар як суғуртакунанда уҳдадории пардохти ҷуброни суғуртаро дар доираи шартномаи басташуда ба зимма дорад, вале маблағи умумии ҷуброни суғурта, ки аз ҳамаи суғуртакунандагон гирифта шудааст, наметавонад аз хисороти воқеӣ бештар бошад. Ҳамзамон суғурташаванда (бадастоварандаи фоида) ҳуқуқ дорад аз ҳар кадом суғуртакунанда дар доираи маблағе, ки дар шартномаҳои бо он басташуда пешбинӣ гардидааст, ҷуброни суғуртаро гирад. Дар ҳолате, ки агар ҷуброни суғуртаи гирифташуда хисороти воқеан расондашударо пӯшонида натавонад, суғурташаванда (бадастоварандаи фоида) ҳуқуқ дорад қисмати нокифояи маблағро аз дигар суғуртакунанда гирад.

3. Ҳангоми суғуртаи бисёркаратаи шахсӣ ҳар як суғуртакунанда уҳдадории худро дар назди суғурташаванда, шахси суғурташуда ва бадастоварандаи фоида мустақилона, сарфи назар аз иҷрои уҳдадорӣ аз ҷониби дигар суғуртакунандагон анҷом медиҳад.

## Моддаи 1065. Суғуртаи муштарак

Объекти суғурта метавонад тибқи як шартнома аз ҷониби якчанд суғуртакунанда якҷоя суғурта карда шавад (суғуртаи муштарак). Агар дар чунин шартнома ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳар кадоме аз суғуртакунандагон муайян нагардида бошад, онҳо дар назди суғурташаванда (бадастоварандаи фоида) барои пардохти ҷуброни суғурта мувофиқи шартномаи суғуртаи молу мулк ё маблағи суғуртаи шартномаи суғуртаи шахсӣ ҷавобгарии муштарак доранд.

## Моддаи 1066. Мукофоти суғуртавӣ ва ҳаққи суғуртавӣ

1. Таҳти мафҳуми мукофоти суғуртавӣ маблағе дар назар дошта шудааст, ки суғурташаванда (бадастоварандаи фоида) бояд барои суғурта бо тартиб ва дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи шартномаи суғурта ба суғуртакунанда пардохт намояд.

2. Суғуртакунанда ҳангоми муайян кардани андозаи мукофоти суғуртавӣ, ки бояд тибқи шартномаи суғурта пардохт карда шавад, ҳуқуқ дорад нақшаҳои тарифии таҳиянамудаашро, ки бо назардошти объекти суғурта ва хусусияти таваккали суғурта, мукофоти аз воҳиди маблағи суғурта рӯёнидашавандаро муайян менамояд, истифода барад.

3. Агар дар шартномаи суғурта давра ба давра пардохтани мукофоти суғуртавӣ пешбинӣ гардида бошад, дар ҳамон шартнома метавонанд оқибатҳои дар муҳлати муайянгардида напардохтани ҳаққи суғуртавии навбатӣ пешбинӣ карда шаванд.

4. Агар ҳодисаи суғуртавӣ то пардохтани ҳаққи суғуртавии навбатӣ, ки муҳлати он гузаронда шудааст, фаро расида бошад, суғуртакунанда ҳуқуқ дорад андозаи ҷуброни пардохташавандаи суғуртаро тибқи шартномаи суғуртаи молу мулк ё маблағи суғуртаро тибқи шартномаи суғуртаи шахсӣ мутаносибан ба қисми ба он пардохтшудаи мукофоти суғуртавӣ маҳдуд созад ва маблағи ҳаққи суғуртавии муҳлаташ гузарондашударо ба ҳисоб гирад.

## Моддаи 1067. Беэътибории шартномаи суғурта

1. Шартномаи суғурта дар ҳолатҳои зерин беоқибат мебошад, агар:

- дар лаҳзаи бастани шартнома объекти суғурта вуҷуд надошта бошад;

- тибқи шартномаи суғуртаи молу мулк, молу мулке суғурта шуда бошад, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудааст, мавзуи ҷиноят мебошад ё бояд мусодира гардад.

2. Шартномаи суғурта, инчунин дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 1068 ҳамин Кодекс ва ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузорӣ беэътибор аст.

## Моддаи 1068. Иваз намудани шахси суғурташуда

1. Дар ҳолате, ки агар тибқи шартномаи суғуртаи таваккали ҷавобгарӣ барои расондани зарар (моддаи 1044 ҳамин Кодекс) ҷавобгарии шахси дигар нисбат ба суғурташаванда суғурта шуда бошад, суғурташаванда ҳуқуқ дорад дар ҳар лаҳзаи то фаро расидани ҳодисаи суғуртавӣ ин шахсро ба дигар шахс иваз намояд ва суғуртакунандаро ба таври хаттӣ огоҳ созад, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

2. Шахси суғурташуда, ки дар шартномаи суғуртаи шахсӣ зикр шудааст, аз ҷониби суғурташаванда танҳо бо розигии худи шахси суғурташуда ва суғуртакунанда ба шахси дигар иваз карда шуданаш мумкин аст.

## Моддаи 1069. Иваз намудани бадастоварандаи фоида

1. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад бадастоварандаи фоидаро, ки дар шартномаи суғурта зикр гардидааст, ба шахси дигар иваз намояд ва ба таври хаттӣ суғуртакунандаро огоҳ созад.

2. Бадастоварандаи фоида наметавонад баъди анҷом додани ягон ӯҳдадорӣ вобаста ба шартномаи суғурта ё ба суғуртакунанда дар мавриди пардохти ҷуброни суғурта ё маблағи суғурта талабот пешниҳод кардан, ба дигар шахс иваз карда шавад.

## Моддаи 1070. Оғози амали шартномаи суғурта

1. Шартномаи суғурта, агар дар он тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, аз лаҳзаи пардохти мукофот ё ҳаққи суғуртавии нахустини он эътибор пайдо мекунад.

2. Суғуртаи дар шартнома қайдушартшуда ба ҳодисаҳои суғуртавие, ки баъди эътибор пайдо кардани шартномаи суғурта ба вуқуъ пайвастаанд, паҳн мегардад.

## Моддаи 1071. Пеш аз муҳлат қатъ гардидани шартномаи суғурта

1. Шартномаи суғурта то ба охир расидани муҳлати барои он басташуда дар ҳолатҳои зерин қатъ мегардад:

- несту нобуд гардидани молу мулки суғурташуда бо сабабҳои нисбат ба фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ фарққунанда;

- бо тартиби муқарраргардида аз ҷониби шахсе, ки таваккали соҳибкорӣ ё таваккали ҷавобгарии маданиро вобаста ба ин фаъолият анҷом медод, қатъ шудани фаъолияти соҳибкорӣ;

- ғайриқобили амал ё дорои қобилияти маҳдуди амалкунӣ эътироф кардани шахсе, ки таваккали ҷавобгарии маданиаш суғурта шуда буд.

2. Суғурташаванда (бадастоварандаи фоида) ҳуқуқ дорад дар ҳар лаҳза аз шартномаи суғурта даст кашад, агар то лаҳзаи даст кашидан мувофиқи ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи мазкур имконияти фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ аз байн нарафта бошад.

3. Ҳангоми пеш аз муҳлат қатъ гардидани шартномаи суғурта вобаста ба ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи мазкур, агар ин ҳолатҳо бо сабабҳое ба миён омада бошанд, ки ба суғурташаванда (бадастоварандаи фоида) алоқаманд намебошанд, суғуртакунанда мутаносибан ба вақте, ки дар давоми он суғурта амал мекард, ба як қисми мукофоти суғуртавӣ ҳуқуқ дорад ва бояд маблағи изофагии қисми мукофоти суғуртавии гирифтаашро баргардонад. Дар ҳолатҳои дигари қатъ гардидани шартномаи суғурта, тибқи асосҳои дар сархатҳои якум ва дуюми қисми 1 моддаи мазкур зикргардида суғуртакунанда ҳуқуқи худро барои ҳамаи маблағи мукофоти суғуртавӣ нигоҳ медорад.

4. Ҳангоми пеш аз муҳлат аз шартномаи суғурта даст кашидани суғурташаванда (бадастоварандаи фоида), агар дар қонун ё шартнома тартиби

дигар пешбинӣ нагардида бошад, мукофоти суғуртавии ба суғуртакунанда додашуда баргардонда намешавад.

### Моддаи 1072. Оқибатҳои зиёд шудани таваккали суғурта дар давраи амали шартномаи суғурта

1. Дар давраи амали шартномаи суғуртаи молу мулк, суғурташаванда (бадастоварандаи фоида) уҳдадор аст ба суғртакунанда оид ба ошкор шудани тағйироти муҳимми ҳолатҳое, ки он ҳангоми бастани шартнома ба суғуртакунанда изҳор карда буд, агар ин тағйирот тавонанд ба таври назаррас ба афзудани таваккали суғурта таъсир расонанд, бетаъхир хабар диҳад. Дар ҳар ҳолат тағйироти муҳим он тағйироте эътироф мегарданд, ки дар шартномаи суғурта (полиси суғуртавӣ) ва қоидаҳои суғуртаи ба суғурташаванда супоридашуда қайдушарт шудаанд.

2. Суғуртакунандае, ки оид ба ҳолатҳое, ки метавонанд боиси афзоиши таваккали суғурта шаванд, огоҳ гардидааст, ҳуқуқ дорад тағйир додани шартҳои шартнома ё мувофиқан ба афзоиши таваккали суғурта пардохтани мукофоти иловагии суғуртавиро талаб намояд.

3. Агар суғурташаванда (бадастоварандаи фоида) ба иваз намудани шартҳои шартнома ё пардохти мукофоти суғуртавӣ эътироз намояд, суғуртакунанда ҳуқуқ дорад мувофиқи қоидаҳои пешбининамудаи боби 34 ҳамин Кодекс бекор кардани шартномаро талаб намояд.

4. Ҳангоми аз ҷониби суғурташаванда ё бадастоварандаи фоида иҷро накардани уҳдадориҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи мазкур суғуртакунанда ҳуқуқ дорад бекор кардани шартномаи суғурта ва ҷуброни зиёни вобаста ба бекор кардани шартномаро (қисми 5 моддаи 519 ҳамин Кодекс) талаб кунад.

### Моддаи 1073. Ба шахси дигар гузаштани ҳуқуқ ба молу мулки суғурташуда

1. Ҳангоми аз шахси ба манфиати он шартномаи суғурта басташуда ба шахси дигар гузаштани ҳуқуқ ба молу мулки суғурташуда, ба истиснои ҳолатҳои маҷбуран гирифтани молу мулк тибқи асосҳои дар қисми 2 моддаи 306 ҳамин Кодекс зикргардида ва радди ҳуқуқи моликият (моддаи 307 ҳамин Кодекс), ҳуқуқ ва уҳдадориҳо оид ба ҳамин шартнома ба шахсе мегузарад, ки ба он ҳуқуқ ба молу мулк гузаштааст.

2. Шахсе, ки ба он ҳуқуқ ба молу мулки суғурташуда гузаштааст, бояд фавран дар шакли хаттӣ суғуртакунадаро огоҳ намояд.

### Моддаи 1074. Огоҳ намудани суғуртакунанда аз фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ

1. Суғурташаванда тибқи шартномаи суғуртаи молу мулк баъди ба он маълум гардидани фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ уҳдадор аст фавран ба суғуртакунанда ё намояндаи он хабар диҳад. Агар дар шартнома муҳлат ва (ё) тарзи огоҳонӣ пешбинӣ гардида бошад, он бояд дар муҳлати муайяншуда ва

тарзи муқаррargardida анҷом дода шавад. Чунин уҳдадорӣ инчунин ба зиммаи бадастоварандаи фоида, ки ба манфиати он баста шудани шартномаи суғурта барояш маълум аст, агар он ният дошта бошад, ки ҳуқуқи ҷуброни суғуртаи тибқи шартномаи ба манфиати он басташударо истифода барад, гузошта мешавад.

2. Иҷро накардани уҳдадориҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи мазкур, агар исбот карда нашавад, ки суғуртакунанда оид ба фаворасии ҳодисаи суғуртавӣ огоҳ буд ё дар натиҷаи надоштани иттилоот наметавонист ба уҳдадориҳои суғуртакунанда вобаста ба пардохти ҷуброни суғурта таъсир расонад, ба суғуртакунанда ҳуқуқ медиҳад пардохти ҷуброни суғуртаро рад намояд.

3. Агар ҳодисаи суғуртавӣ вафоти шахси суғурташуда ё расондани зарар ба саломатии ӯ бошад, қоидаҳои пешбининамудаи қисмҳои 1 ва 2 моддаи мазкур мувофиқан ба шартномаи суғуртаи шахсӣ низ татбиқ мегарданд. Ҳамзамон мӯҳлати дар шартнома пешбинигардида оид ба огоҳсозии суғуртакунанда аз бист рӯз камтар буда наметавонад.

## Моддаи 1075. Кам кардани зиён аз ҳодисаи суғуртавӣ

1. Ҳангоми фарорасии ҳодисаи суғуртавии пешбининамудаи шартномаи суғуртаи молу мулк, суғурташаванда уҳдадор аст барои кам кардани зиёни эҳтимолии ҳодиса тамоми тадбирҳои имконпазирро андешад. Чунин тадбирҳоро андешида, суғурташаванда бояд тибқи дастури суғуртакунанда, агар онҳо ба суғурташаванда хабар дода шуда бошанд, амал кунад.

2. Хароҷоти бо мақсади кам кардани зиён масрафгардида, ки бояд суғуртакунанда ҷуброн намояд, агар чунин хароҷот зарурӣ бошад ё он барои иҷрои дастури суғуртакунанда анҷом дода шуда бошад, ҳатто агар тадбирҳои дахлдор натиҷа надода бошанд ҳам, бояд аз ҷониби суғуртакунанда пардохт карда шаванд. Чунин хароҷот мувофиқан ба маблағи суғурта ва арзиши суғуртавӣ, сарфи назар аз он ки якҷоя бо ҷуброни дигар зиёнҳо метавонад аз маблағи суғурта бештар бошад, ҷуброн карда мешавад.

3. Суғуртакунанда аз ҷуброни зиёне, ки дар натиҷаи аз ҷониби суғурташаванда дидаю дониста ҷиҳати кам кардани зиёни имконпазир наандешидани тадбирҳо расонда шудааст, озод карда мешавад.

## Моддаи 1076. Оқибатҳои фаро расидани ҳодисаи суғуртавӣ бо гуноҳи суғурташаванда, бадастоварандаи фоида ё шахси суғурташуда

1. Агар ҳодисаи суғуртавӣ дар натиҷаи кирдори бадқасдонаи суғурташаванда, бадастоварандаи фоида ё шахси суғурташуда рух дода бошад, суғуртакунанда аз пардохти ҷуброни суғурта ё маблағи суғурта озод карда мешавад.

2. Дар қонунгузорӣ ҳолатҳои аз пардохти ҷуброни суғурта оид ба шартномаи суғуртаи молу мулк озод кардани суғуртакунанда ё кам кардани андозаи ҷуброн ҳангоми фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ дар натиҷаи беэҳтиётии

дағалонаи суғурташаванда ё бадастоварандаи фоида мумкин аст пешбинӣ гардад.

### Моддаи 1077. Асосҳо барои аз пардохти ҷуброни суғурта ва маблағи суғурта озод кардани суғуртакунанда

1. Агар дар қонунгузорӣ ё шартномаи суғурта тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, суғуртакунанда аз пардохти ҷуброни суғурта (маблағи суғурта) озод карда мешавад, агар ҳодисаи суғуртавӣ вобаста ба ҳолатҳои зерин фаро расида бошад:

- таъсири таркиши силоҳи ядроӣ, радиатсия ё захролудшавии радиоактивӣ;

- амалиёти ҷангӣ ё дигар чорабиниҳои ҷангӣ, инчунин ҷанги шаҳрвандӣ.

2. Агар дар шартномаи суғуртаи молу мулк тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, суғуртакунанда аз пардохти зиёни бо фармоиши мақомоти давлатӣ дар натиҷаи маҷбуран гирифтан, мусодира, реквизитсия, ҳабс ё нест кардани молу мулк расондашуда озод карда мешавад.

### Моддаи 1078. Радди пардохти ҷуброни суғурта ё маблағи суғурта

1. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад ба суғурташаванда (бадастоварандаи фоида) пардохти ҷуброни суғуртаро вобаста ба шартномаи суғуртаи молу мулк ё маблағи суғуртаро оид ба шартномаи суғуртаи шахсӣ дар ҳолатҳои зерин рад намояд, агар:

- амали шартномаи суғурта то фаро расидани ҳодисаи суғуртавӣ, аз ҷумла тибқи асосҳои дар моддаҳои 1071 ва 1072 ҳамин Кодекс зикргардида қатъ шуда бошад;

- шартномаи суғурта бо асосҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс ё қонунгузорӣ, аз ҷумла мувофиқи моддаи 1067 ҳамин Кодекс беоқибат дониста шуда бошад;

- суғуртакунанда аз пардохти ҷуброни суғурта ё маблағи суғурта тибқи асосҳои пешбиннамудаи моддаҳои 1074 - 1076 ҳамин Кодекс озод карда шуда бошад;

- суғуртакунанда дар мавриди беэътибор донистани шартномаи суғурта тибқи асосҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс ё қонунҳои дигар, ё дар бораи бекор кардани шартнома дар натиҷаи он, ки суғурташаванда (бадастоварандаи фоида) барои санҷиши ҳолати ҳодисаи суғуртавӣ ё муайян кардани андозаи зиёни расондашуда монеа эҷод намудааст, даъво пешниҳод карда бошад.

2. Қарори суғуртакунанда дар мавриди радди пардохти ҷуброни суғурта ё маблағи суғурта бояд ба суғурташаванда (бадастоварандаи фоида) дар муҳлати на дертар аз понздаҳ рӯзи баъди мурочиати онҳо барои пардохти ҷуброни суғурта ё маблағи суғурта хабар дода шуда, раддия бояд сабаби дақиқ асоснокшударо дар бар гирад.

3. Раддияи пардохти ҷуброни суғурта ё маблағи суғурта аз ҷониби суғуртакунанда бо роҳи пешниҳоди даъво мумкин аст мавриди баҳс қарор дода шавад.

## Моддаи 1079. Пардохти маблағи суғурта мувофиқи шартномаи суғуртаи шахсӣ

1. Маблағи суғурта мувофиқи шартномаи суғуртаи шахсӣ, сарфи назар аз маблағи ба суғурташаванда, шахси суғурташуда ё бадастоварандаи фоида оид ба суғуртаи иҷтимоӣ, таъминоти иҷтимоӣ, оид ба дигар шартномаҳои суғуртавӣ ё тибқи ҷуброни зарар тааллуқдошта ба шахсе пардохт карда мешавад, ки ба манфиати он шартнома баста шудааст (қисмҳои 3-5 моддаи 1047 ҳамин Кодекс).

2. Маблағи суғурта мувофиқи шартномаи суғуртаи шахсӣ, ки ба меросгирони шахси суғурташуда мувофиқи асосҳои бо қисмҳои 3-5 моддаи 1047 ҳамин Кодекс пешбинигардида пардохт карда мешавад, ба таркиби мероси шахси суғурташуда дохил намешавад.

## Моддаи 1080. Ба суғуртакунанда гузаштани ҳуқуқи суғурташаванда барои ҷуброни хисорот (суброгатсия)

1. Агар дар шартномаи суғуртаи молу мулк ё қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, ба суғуртакунандае, ки ҷуброни суғуртаро пардохтааст, дар доираи маблағҳои пардохтшуда ҳуқуқи талабкунии суғурташаванда (бадастоварандаи фоида) нисбат ба шахсе, ки барои расондани зиёни дар натиҷаи суғурта ҷуброншуда ҷавобгарӣ дорад, мегузарад.

2. Ҳуқуқи талабкунии ба суғуртакунанда гузашта аз ҷониби он бо риояи қоидаҳое, ки муносибати байни суғурташаванда (бадастоварандаи фоида) ва шахси барои расондани зиён ҷавобгарро танзим менамояд, амалӣ карда мешавад.

3. Суғурташаванда (бадастоварандаи фоида) уҳдадор аст ба суғуртакунанда тамоми ҳуҷҷат ва далелҳоро супорида, ба он тамоми маълумотеро, ки барои амалӣ намудани ҳуқуқи талабкунии гузашта зарур мебошад, пешниҳод кунад.

4. Агар суғурташаванда (бадастоварандаи фоида) аз ҳуқуқи талабкунии худ нисбат ба шахси барои расондани зиён масъул, ки суғуртакунанда онро ҷуброн кардааст, даст кашад ё анҷом додани ин ҳуқуқ бо гуноҳи суғурташаванда (бадастоварандаи фоида) имконнопазир гардад, суғуртакунанда аз пардохти ҷуброни суғурта пурра ё дар қисми дахлдор озод мегардад ва ҳуқуқ дорад маблағи ҷуброни барзиёд супоридаро талаб намояд.

## Моддаи 1081. Азнавсуғуртакунӣ

1. Таваккали пардохти ҷуброни суғурта ё маблағи суғурта, ки суғуртакунанда мувофиқи шартномаи суғурта ба зиммаи худ қабул кардааст, метавонад аз ҷониби он пурра ё қисман дар назди дигар суғуртакунанда (суғуртакунандагон) тибқи шартномаи бо охирин басташуда, аз нав суғурта карда шавад.

2. Нисбат ба шартномаи азнавсуғуртакунӣ, қоидаҳои боби мазкур, ки бояд нисбат ба суғуртаи таваккали соҳибкорӣ истифода бурда шаванд, татбиқ мегарданд. Ҳамзамон суғуртакунанда дар шартномаи суғурта (шартномаи

асосӣ), ки шартномаи азнавсуғуртакуниро бастааст, дар ҳамин шартномаи охирин суғурташаванда ба ҳисоб меравад.

3. Ҳангоми азнавсуғуртакунӣ суғуртакунанда дар шартномаи асосии суғурта дар назди суғурташаванда оид ба пардохти ҷуброни суғурта ё маблағи суғурта ҷавобгар боқӣ мемонад. Вале ҳангоми барҳамдиҳии ташкилоти суғуртавӣ, ки дар шартномаи асосӣ суғуртакунанда ба ҳисоб меравад, то фаро расидани ҳодисаи суғуртавӣ ҳуқуқ ва уҳдадории он вобаста ба ҳамин шартнома дар қисми азнавсуғуртакардашуда ба зиммаи суғуртакунандаи шартномаи азнавсуғуртакардашуда мегузарад.

4. Пайдарҳам бастани ду ё зиёда шартномаи азнавсуғуртакунӣ иҷозат дода мешавад. Ҳар яке аз чунин шартномаҳо нисбат ба шартномаи минбаъдаи азнавсуғуртакунӣ шартномаи асосии суғурта ба ҳисоб меравад.

## Моддаи 1082. Суғуртаи мутақобила

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд молу мулки худ ё манфиатҳои молумулкии дигари дар қисми 2 моддаи 1042 ҳамин Кодекс зикршударо дар асоси мутақобила, бо роҳи муттаҳид намудани маблағҳои барои ин зарурӣ дар ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила суғурта намоянд.

2. Ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобилаи молу мулк ва манфиатҳои молумулкии дигари аъзои худро анҷомдода ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мебошанд.

3. Хусусиятҳои ҳолати ҳуқуқии ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила ва шарти фаъолияти онҳо мутобиқи ҳамин Кодекс ва қонун муайян карда мешаванд.

4. Аз ҷониби ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила суғурта кардани молу мулк ва манфиатҳои молумулкии аъзои худ, агар дар ҳуҷҷатҳои таъсисии ҷамъият дар чунин ҳолатҳо бастани шартномаи суғурта пешбинӣ нагардида бошад, бевосита дар асоси узвият анҷом дода мешавад.

5. Қоидаҳои боби мазкур нисбат ба суғурта байни ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила ва аъзои он татбиқ мешаванд, агар дар қонун, ҳуҷҷатҳои таъсисии ҷамъияти дахлдор ё қоидаҳои суғуртаи муқаррарнамудаи он тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

6. Анҷом додани суғуртаи ҳатмӣ тавассути суғуртаи мутақобила танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун иҷозат дода мешавад.

## Моддаи 1083. Суғуртаи ҳатмии давлатӣ

1. Бо мақсади таъмини манфиатҳои иҷтимоии шахсони воқеӣ ва манфиатҳои давлат тибқи қонун мумкин аст суғуртаи ҳатмии давлатии ҳаёт, саломатӣ ва молу мулки хизматчиёни давлатӣ пешбинӣ карда шавад.

2. Суғуртаи ҳатмии давлатӣ аз ҳисоби маблағҳое, ки барои чунин мақсад аз буҷети давлат ҷудо карда мешаванд, сурат мегирад.

3. Суғуртаи ҳатмии давлатӣ бевосита дар асоси қонун аз ҷониби ташкилоти суғуртаи давлатӣ ё дар асоси шартномаи суғурта, ки мутобиқи

шартномаи байни суғуртакунанда ва суғурташаванда баста мешавад, сурат мегирад.

4. Қоидаҳои боби мазкур нисбат ба суғуртаи ҳатмии давлатӣ татбиқ мешаванд, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад ва аз моҳияти муносибатҳои дахлдори вобаста ба суғурта барнаояд.

### Моддаи 1084. Татбиқи қоидаҳои умумии суғурта нисбат ба намудҳои махсуси суғурта

Қоидаҳои пешбининамудаи боби мазкур нисбат ба суғуртаи сармоягузории хориҷӣ аз таваккали ғайритиҷоратӣ, суғуртаи баҳрӣ, суғуртаи тиббӣ, суғуртаи пасандозҳои бонк ва суғуртаи нафақа татбиқ мешаванд, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

## БОБИ 54. СУПОРИШ

### Моддаи 1085. Шартномаи супориш

1. Мувофиқи шартномаи супориш як тараф (вакил) ухдадор мешавад аз ном ва аз ҳисоби тарафи дигар (ваколатдиҳанда) амали муайяни ҳуқуқиро анҷом диҳад. Вобаста ба аҳде, ки вакил анҷом медиҳад, ҳуқуқ ва ухдадориҳоро бевосита ваколатдиҳанда пайдо мекунад.

2. Супориш аз ҷониби вакил анҷом додани як ё якчанд амалиёти муайяни ҳуқуқӣ ё пешбурди корҳои ваколатдиҳандаро мутобиқи дастурҳои он дар бар гирифта метавонад.

3. Шартномаи супориш дар шакли хаттӣ баста мешавад.

### Моддаи 1086. Подош дар шартномаи супориш

1. Ваколатдиҳанда, агар дар қонунгузорӣ ё шартнома ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад, ухдадор аст ба вакил подош пардохт намояд.

2. Агар шартномаи супориш бо фаъолияти соҳибкории ҳар ду тараф ё яке аз онҳо вобаста бошад, ваколатдиҳанда ухдадор аст ба вакил подош пардохт намояд, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

3. Ҳангоми дар шартномаи супориши музднок мавҷуд набудани шартҳо оид ба ҳаҷми подош ва тартиби пардохти он, подош мувофиқи қисми 3 моддаи 486 ҳамин Кодекс, тибқи нархномаи маъмулан ба чунин шакли хизматрасонӣ қабулшуда муайян гардида, баъди иҷрои супориш пардохт карда мешавад.

### Моддаи 1087. Иҷрои супориш мутобиқи дастурҳои ваколатдиҳанда

1. Вакил ухдадор аст супориши ба он мутобиқи дастурҳои ваколатдиҳанда додашударо иҷро намояд. Дастури ваколатдиҳанда бояд мушаххас, ҷоиз ва имконпазир бошад.

2. Вакил, агар аз рӯйи вазъи кор ба манфиати ваколатдиҳанда зарур бошад ва пешакӣ аз ваколатдиҳанда дархост карда натавонад ё ба дархости худ сари вақт ҷавоб нагирад, ҳуқуқ дорад дастурҳои ваколатдиҳандаро сарфи назар

кунад. Дар ин ҳолат вакил уҳдадор аст ваколатдиҳандаро бо фарорасии шароити имконпазири огоҳсозӣ дар мавриди сарфи назар кардан огоҳ намояд.

3. Бо созиши тарафҳо намояндаи тиҷоратиро аз иҷрои уҳдадориҳои дар қисми 2 моддаи мазкур зикргардида озод кардан мумкин аст.

## Моддаи 1088. Уҳдадориҳои вакил

Вакил уҳдадор аст:

- ба ваколатдиҳанда тибқи талаботи он оид ба ҷараёни иҷрои супориш иттилоот диҳад;

- ба ваколатдиҳанда бетаъхир тамоми маблағи вобаста ба анҷом додани аҳд бадастовардаашро диҳад;

- баъди иҷрои супориш ба ваколатдиҳанда бетаъхир ваколатномаи муҳлати эътибораш нагузаштаро баргардонад ва агар ин аз рӯйи хусусияти супориш тақозо гардад, ҳисоботро бо замимаи ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда пешниҳод намояд.

## Моддаи 1089. Уҳдадориҳои ваколатдиҳанда

Ваколатдиҳанда, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, уҳдадор аст:

- вакилро бо воситаҳои барои иҷрои супориш зарурӣ таъмин намояд;

- бетаъхир аз ҷониби вакил иҷрои мутобиқи шартнома анҷомдодашударо қабул кунад;

- ба вакил хароҷотеро, ки барои иҷрои супориш зарур буд, пардохт намояд;

- баъди иҷрои супориш, агар он тибқи қонунгузорӣ ё шартнома пешбинӣ шуда бошад, ба вакил подош пардохт намояд.

## Моддаи 1090. Вогузоштани ваколат

1. Вакил, агар ин дар шартнома пешбинӣ гардида бошад ё агар вобаста ба ҳолатҳо маҷбур шавад, ки бо мақсади ҳифзи манфиатҳои ваколатдиҳанда ин корро анҷом диҳад, ҳуқуқ дорад иҷрои супоришро ба шахси дигар (ҷонишин) тибқи шартҳои моддаи 204 ҳамин Кодекс вогузорад.

2. Вакиле, ки иҷрои супоришро ба шахси дигар вогузоштааст, бояд фавран ваколатдиҳандаро огоҳ созад. Ваколатдиҳанда ҳуқуқ дорад ҷонишинашро, ки вакил интихоб кардааст, рад намояд, ба истиснои ҳолатҳое, ки чунин ҷонишин дар шартнома номбар шудааст.

3. Агар ҷонишини вакил дар шартнома номбар шуда бошад, барои пешбурди корҳо аз ҷониби ҷонишинаш вакил ҷавобгар нест.

4. Агар дар шартнома пешбурди корҳо аз ҷониби ҷонишин пешбинӣ шуда, вале ҷонишин дар он номбар нагардида бошад, вакил барои кирдорҳои гунаҳкоронаи ҷонишини худ ҷавобгар намебошад.

5. Агар дар шартнома пешбурди корҳо аз ҷониби ҷонишини вакил пешбинӣ нагардида бошад, вакил барои ҳама гуна амали ҷонишини худ ҷавобгар аст.

### Моддаи 1091. Қатъи шартномаи супориш

1. Шартномаи супориш ҳамзамон бо асосҳои умумии қатъи уҳдадорӣ, инчунин дар ҳолатҳои зерин қатъ мегардад:

- аз ҷониби ваколатдиҳанда бекор кардани он;

- рад кардани вакил;

- вафоти ваколатдиҳанда ё вакил, ғайриқобили амал, дорои қобилияти маҳдуди амалкунӣ ё бедарак ғоибшуда эътироф намудани яке аз онҳо.

2. Агар вакил аз шартнома бо чунин шартҳое даст кашида бошад, ки ваколатдиҳанда имкон надорад онро иваз намояд ё ба тавры дигар манфиатҳои худро таъмин кунад, вакил уҳдадор аст зиёни вобаста бо қатъи шартнома расондашударо ҷуброн намояд.

3. Агар вакил дар бораи қатъи шартномаи супориш намедонист ва дониста ҳам наметавонист, дар ин сурат амали он, ки дар доираи қонун ва супориши ваколатдиҳанда анҷом дода шудааст, ваколатдиҳанда (ворисы ҳуқуқии он)-ро нисбат ба шахси сеюм ва вакил уҳдадор месозад.

4. Тарафе, ки аз шартнома бо вакили ба сифати соҳибкор баромадкунанда даст кашидааст, агар дар шартнома мӯҳлати нисбатан бештар пешбинӣ нагардида бошад, бояд тарафи дигарро дар мӯҳлати як моҳ пештар аз қатъи шартнома огоҳ созад.

5. Ҳангоми азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ, ки намояндаи тиҷоратӣ мебошад, ваколатдиҳанда ҳуқуқ дорад супоришро бе чунин огоҳонии пешакӣ бекор кунад.

### Моддаи 1092. Оқибатҳои қатъи шартномаи супориш

1. Агар шартномаи супориш то лаҳзаи аз ҷониби вакил пурра иҷро гардидани он қатъ карда шуда бошад, ваколатдиҳанда уҳдадор аст ба вакил хароҷоти вобаста ба иҷрои супоришро ҷуброн кунад ва агар вакил ба подош ҳуқуқ дошта бошад, инчунин мутаносибан ба кори иҷронамудааш бояд ба он подош пардохт намояд. Ин қоида нисбат ба супорише, ки вакил баъди фаҳмидани қатъ гардидани супориш иҷро кардааст ё мебоист донад, татбиқ намегардад.

2. Аз ҷониби ваколатдиҳанда бекор кардани супориш барои ҷуброни зиёне, ки бо қатъи шартнома ба вакил расонда шудааст, ба истиснои ҳолатҳои қатъи шартнома бо вакиле, ки ба сифати соҳибкор фаъолият мекунад, асос буда наметавонад.

3. Радди вакил аз иҷрои супориши ваколатдиҳанда, ба истиснои ҳолатҳои саркашии вакил вобаста ба шароите, ки ваколатдиҳанда аз имконияти ба тавры дигар таъмин намудани манфиатҳои худ маҳрум шудааст, инчунин ҳолатҳои қатъи шартнома аз ҷониби вакиле, ки ба сифати соҳибкор амал мекунад, барои

ҷуброни зиёни вобаста бо қатъи шартнома ба ваколатдиҳанда расондашуда асос буда наметавонад.

### Моддаи 1093. Ворисии ҳуқуқӣ дар шартномаи супориш

1. Ҳангоми вафоти вакил меросгирони он ё шахсони дигаре, ки ба зиммаашон таъмини ҳифзи молу мулки меросӣ вогузор шудааст, уҳдадоранд ваколатдиҳандаро дар мавриди қатъи шартномаи супориш огоҳ созанд ва ҷиҳати ҳифзи молу мулки ваколатдиҳанда тадбирҳои зарурӣ андешанд, аз ҷумла ашё, ҳуҷҷатҳои вакилро ҳифз кунанд ва сипас онҳоро ба он супоранд. Чунин уҳдадорӣ, инчунин ба зиммаи барҳамдиҳандаи шахси ҳуқуқӣ, ки вакил мебошад, вогузор мешавад.

2. Ҳангоми азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқие, ки ба сифати намоянда амал мекунад, ваколатдиҳанда бояд бетаъхир тибқи моддаи 61 ҳамин Кодекс огоҳ карда шавад. Дар ҳолати зикргардида, агар ваколатдиҳанда дар муҳлатҳои оқилона дар мавриди аз ҷониби он рад кардани шартнома иттилоъ надиҳад, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои чунин шахси ҳуқуқӣ ба ворисии ҳуқуқии он мегузаранд.

## БОБИ 55. КОМИССИЯ

### Моддаи 1094. Шартномаи комиссия

1. Мутобиқи шартномаи комиссия як тараф (комиссионер) уҳдадор мешавад бо супориши тарафи дигар (комитент) бо подош як ё якчанд аҳдро аз номи худ, вале аз ҳисоби комитент анҷом диҳад.

2. Мутобиқи аҳде, ки комиссионер бо шахси сеюм бастааст, ҳарчанд агар комитент дар аҳд зикр гардида ё бо шахси сеюм бевосита ҷиҳати иҷрои аҳд муносибат барқарор карда бошад ҳам, комиссионер ҳуқуқҳо ба даст меорад ва уҳдадор мегардад.

3. Шартномаи комиссия мумкин аст ба муҳлати муайян ё бе муайян кардани он бо зикри ҳудуди иҷро ё бе муайян намудани он, бо уҳдадории комитент оид ба шахси сеюм интиқол надодани ҳуқуқи ба манфиати он ва аз номи он бастани аҳд, ки анҷом додани онро ба комиссионер супориш додааст ё бе чунин уҳдадорӣ бо шартҳо ё бе шартҳо оид ба гурӯҳи навъи мол, ки мавзуи комиссия мебошад, баста шавад.

4. Мувофиқи қонунгузорӣ пешбинӣ шудани хусусиятҳои намудҳои алоҳидаи шартномаи комиссия мумкин аст.

5. Шартномаи комиссия бояд дар шакли хаттӣ баста шавад.

### Моддаи 1095. Подоши комиссионӣ

1. Комитент уҳдадор аст ба комиссионер подош диҳад ва дар ҳолате, ки агар комиссионер замонати иҷрои аҳдро аз ҷониби шахси сеюм ба зима гирифта бошад (делкредере), инчунин ба андозаи муқаррарнамудаи шартнома подоши иловагӣ пардохт намояд. Агар дар шартнома ин андоза пешбинӣ нагардида бошад ва аз рӯйи шартҳои он муайян кардани он имконнопазир

бошад, андозаи подош тибқи қисми 3 моддаи 486 ҳамин Кодекс муқаррар карда мешавад.

2. Агар шартномаи комиссия бо сабабҳои вобаста ба комитент иҷро нагардида бошад, комиссионер ҳуқуқи худро ба подоши комиссионӣ, инчунин ҷуброни хароҷоти масрафшуда нигоҳ медорад.

### Моддаи 1096. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои комиссионер вобаста ба аҳд бо шахси сеюм

1. Вобаста ба аҳди бо шахси сеюм анҷомдодаи комиссионер, ҳарчанд комитент дар аҳд зикр шуда буд ё бо шахси сеюм бевосита оид ба аҳд муносибат дошт, комиссионер ҳуқуқҳо ва уҳдадорӣ ба даст меорад.

2. Тибқи талаби комитент комиссионер уҳдадор аст ба он ҳуқуқҳои вобаста ба чунин аҳдро супорад, шахси сеюмро, ки бо он аҳд анҷом додааст, огоҳ созад. Охирин ҳуқуқ надорад ба муқобили талаботи комитент, ки ба талаботаш нисбат ба комиссионер асос ёфтааст ва аз ҳамин аҳд барнамеояд, эътироз пешниҳод кунад.

### Моддаи 1097. Иҷрои супориши комиссионӣ

1. Комиссионер бояд тамоми уҳдадориҳоро иҷро намояд ва тамоми ҳуқуқҳои худро, ки аз аҳди бо шахси сеюм басташуда бармеоянд, амалӣ намояд.

2. Комиссионер бояд супориши қабулкардаашро мутобиқи дастури комитент ва ҳангоми дар шартнома мавҷуд набудани чунин супориш тибқи одатҳои муомилоти корӣ ё талаботи маъмулан пешниҳодшаванда бо шартҳои барои комитент муфид анҷом диҳад. Агар комиссионер аҳдеро нисбат ба он, ки комитент супориш дода буд, бо шартҳои нисбатан муфид анҷом дода бошад, дар ин сурат фоида байни онҳо баробар тақсим карда мешавад, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

3. Комиссионер дар назди комитент барои аз ҷониби шахси сеюм иҷро нашудани аҳд (делкредере), ба истиснои ҳолате, ки комиссионер ҳангоми интихоби он дурандешии зарурӣ зоҳир накардааст ё замонати иҷрои аҳдро ба зиммаи худ гирифтааст, ҷавобгар намебошад.

4. Дар сурати аз ҷониби шахси сеюм вайрон кардани аҳде, ки комиссионер бо он бастааст, комиссионер уҳдадор аст фавран комитентро огоҳ намуда, далелҳои заруриро ҷамъоварӣ ва таъмин намояд.

5. Комитенте, ки дар мавриди аз ҷониби шахси сеюм вайрон кардани аҳди бо он бастаи комиссионер огоҳ шудааст, ҳуқуқ дорад дар асоси аҳди мазкур ба он гузашт кардани ҳуқуқи талабкунии комиссионерро нисбат ба шахси сеюм (бо риояи талаботи моддаҳои 440 - 442, 444, 446 ва 448 ҳамин Кодекс) талаб намояд.

### Моддаи 1098. Комиссияи фаръӣ

1. Комиссионер ҳуқуқ дорад бо шахси дигар шартномаи комиссияи фаръӣ бандад ва агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, ҳамзамон барои амали комиссионери фаръӣ дар назди комитент ҷавобгар мемонад.

2. Тибқи шартномаи комиссияи фаръӣ комиссионер, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 2 моддаи 1096 ҳамин Кодекс, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои комитентро нисбат ба комиссионери фаръӣ ба даст меорад.

3. Дар ҳолатҳое, ки қонун анҷом додани ин ё он аҳдро танҳо барои шахси махсус ваколатдоршуда иҷозат медиҳад, шартномаи комиссияи фаръӣ метавонад танҳо бо чунин шахс баста шавад.

4. То қатъ гардидани шартномаи комиссияи фаръӣ, агар дар шартномаи байни комитент бо комиссионер тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, комитент ҳуқуқ надорад мустақилона бо комиссионери фаръӣ муносибат барқарор намояд.

## Моддаи 1099. Нархи молу мулке, ки комиссионер мефурӯшад

Нархи молу мулке, ки комиссионер мефурӯшад, агар дар қонунгузорӣ ё шартномаи комиссия тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, тибқи созишнома бо комитент муайян карда мешавад.

## Моддаи 1100. Сарфи назар кардан аз супориши комитент

1. Комиссионер, агар аз рӯйи вазъи кор ба манфиати комитент зарур бошад ва комиссионер пешакӣ аз комитент дархост карда натавонад ё ба дархости худ сари вақт ҷавоб нагирад, ҳуқуқ дорад аз супоришҳои комитент сарфи назар кунад. Дар ин ҳолат комиссионер уҳдадор аст комитентро бо фарорасии шароити имконпазири огоҳсозӣ дар мавриди сарфи назар кардан, огоҳ намояд.

2. Комиссионере, ки молу мулкро нисбат ба нархи бо комитент мувофиқашуда арзонтар фурӯхтааст, агар исбот карда натавонад, ки он имконияти бо нархи мувофиқашуда фурӯхтани молу мулкро надошт ва бо нархи арзон фурӯхтани мол онро аз зиёни бештаре эмин дошт, инчунин исбот намояд, ки имконият надошт розигии пешакии комитентро дар мавриди сарфи назар кардан супориши онро гирад, уҳдадор аст ба охирин фарқияти байни нархро пардохт намояд.

3. Агар комиссионер молу мулкро аз нархи бо комитент мувофиқашуда баландтар харидорӣ намояд, комитенте, ки намехоҳад чунин молу мулкро қабул кунад, уҳдадор аст бетаъхир, бо гирифтани огоҳинома дар хусуси бастани аҳд бо шахси сеюм ба комиссионер дар ин маврид арз кунад. Дар акси ҳол, молу мулки харидашуда аз ҷониби комитент қабулгардида эътироф карда мешавад.

4. Агар комиссионер хабар диҳад, ки фарқияти байни нархро ба ҳисоби худ қабул мекунад, комитент ҳуқуқ надорад аз аҳди ба манфиати он басташуда даст кашад.

## Моддаи 1101. Ҳуқуқ ба молу мулке, ки мавзуи комиссия мебошад

1. Молу мулке, ки аз комиссионер ба комитент расидааст ё комиссионер онро аз ҳисоби комитент харидааст, моликияти комитент мебошад.

2. Комиссионер ҳуқуқ дорад то пардохти маблағи тибқи шартномаи комиссия ба он тааллуқдошта, ашёеро, ки мувофиқи аҳди имзонамудаи комиссионер бояд ба комитент ё шахси сеюм супорида шавад, нигоҳ дорад. Агар ба молу мулки аз рӯйи шартномаи комиссия бадастомада ҳуқуқҳои шахсони сеюм мавҷуд бошанд, навбати қонеъгардонии талаботи комитент, комиссионер ва шахсони сеюм мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

3. Дар сурати муфлис эълон кардани комитент, ҳуқуқи зикршудаи комиссионер қатъ гардида, талаботи он нисбат ба комитент дар доираи арзиши ашёе, ки он нигоҳ доштааст, мутобиқи моддаҳои 416 ва 417 ҳамин Кодекс баробар бо талаботи бо гарав таъмингардида қонеъ гардонда мешавад.

## Моддаи 1102. Аз ҷониби комиссионер нигоҳ доштани маблағҳои ба комитент тааллуқдошта

Комиссионер ҳуқуқ дорад маблағҳои тибқи шартномаи комиссия ба он тааллуқдоштаро аз ҳамаи маблағҳои пулие, ки ба он аз ҳисоби комитент ворид гардидаанд, нигоҳ дорад.

## Моддаи 1103. Ҷавобгарии комиссионер барои гум кардан, камомад ё осеб дидани молу мулки комитент

1. Комиссионер дар назди комитент барои ҳар як камбудие, ки боиси гум кардан, камомад ё осеб дидани молу мулки дар назди онбудаи комитент шудааст, ҷавобгар мебошад.

2. Агар ҳангоми аз ҷониби комиссионер қабул кардани молу мулки фиристодаи комитент ё ба комиссионер расидани молу мулк барои комитент дар ин молу мулк ба мушоҳида расидани норасоиҳое, ки ҳангоми азназаргузаронии зоҳирӣ ошкор карда шуданашон мумкин аст, инчунин ҳангоми аз ҷониби ин ё он шахс расондани зиён ба молу мулки комитент, ки дар назди комиссионер мебошанд, комиссионер бояд ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқи комитент тадбирҳо андешад, далелҳои зарурӣ ҷамъ оварад ва бетаъхир комитентро огоҳ созад.

3. Комиссионер, ки молу мулки дар наздаш мавҷудбудаи комитентро суғурта накардааст, барои ин танҳо дар ҳолатҳое ҷавобгар аст, ки агар комитент суғурта кардани молу мулкро дастур дода бошад ва ё суғуртаи чунин молу мулк тибқи қонун ҳатмӣ бошад.

## Моддаи 1104. Ҳисоботи комиссионер

Бо иҷро намудани супориш комиссионер уҳдадор аст ба комитент ҳисобот диҳад ва ҳамаи он чизи тибқи шартномаи комиссия гирифтаашро баргардонад. Комитенте, ки вобаста ба ҳисобот эътироз дорад, бояд дар давоми сӣ рӯз аз рӯзи гирифтани ҳисобот, агар дар шартномаи тарафҳо тартиби дигар пешбинӣ

нагардида бошад, ба комиссионер онро арз намояд. Дар акси ҳол, дар сурати набудани созишномаи дигар, ҳисобот қабулгардида ба шумор меравад.

### Моддаи 1105. Қабули иҷро аз ҷониби комитент

Комитент уҳдадор аст:

- аз комиссионер ҳамаи амалҳои вобаста ба супориш иҷрошударо қабул намояд;

- молу мулки барои он бадастовардаи комиссионерро аз назар гузаронад ва охиринро бетаъхир оид ба норасоиҳои дар ин молу мулк ошкоргардида огоҳ созад;

- комиссионерро ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои комиссионӣ, ки дар назди шахси сеюм оид ба иҷрои супориши ба зиммаи худгирифта, бо ҳамаи чизҳои зарурӣ (ба он молҳо расонад, гузарондани маблағи пулӣ) таъмин намояд.

### Моддаи 1106. Ҷуброни хароҷот вобаста ба иҷрои супориши комиссионӣ

1. Комитент уҳдадор аст ба ғайр аз пардохти маблағи комиссионӣ ва дар ҳолатҳои дахлдор, инчунин подоши иловагӣ барои делкредере, ба комиссионер маблағҳои вобаста ба иҷрои супориш сарфкардаашро ҷуброн намояд.

2. Комиссионер, агар дар қонунгузорӣ ё дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, ҳуқуқ надорад хароҷоти вобаста ба ҳифзи молу мулки комитентро, ки дар наздаш мавҷуд аст, ҷуброн намояд.

### Моддаи 1107. Бекор кардани супориш аз ҷониби комитент

1. Комитент ҳуқуқ дорад дар ҳар лаҳза супориши ба комиссионер додаашро бекор кунад. Ҳамзамон зиёни ба комиссионер вобаста бо бекор кардани супориш расондашуда бо асосҳои умумӣ ҷуброн карда мешавад.

2. Дар сурати бекор кардани супориш комитент уҳдадор аст молу мулки дар назди комиссионер мавҷударо дар давоми як моҳ аз лаҳзаи бекор кардани супориш, агар дар шартнома мӯҳлати дигар пешбинӣ нагардида бошад, ихтиёрдорӣ намояд. Агар комитент ин уҳдадориро анҷом надиҳад, комиссионер ҳуқуқ дорад молу мулкро барои нигаҳдорӣ супорад ё онро бо нархи ҳаддалимкон барои комитент муфидтар фурӯшад.

### Моддаи 1108. Рад кардани иҷрои супориш аз ҷониби комиссионер

1. Комиссионер, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки аз ҷониби комитент вайрон кардани иҷрои уҳдадориҳои худ боиси имконнопазирии иҷрои супориши мутобиқи дастури комитент пешниҳодгардида мегардад ё имконнопазирии иҷро дар натиҷаи ҳолатҳои дигар ба миён меояд, ки барои онҳо комиссионер ҷавобгар намебошад, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, ҳуқуқ надорад иҷрои супориши қабулкардаашро рад намояд.

2. Комиссионер уҳдадор аст комитентро дар мавриди радкунии худ ба таври хаттӣ огоҳ созад ва барои эмин нигоҳ доштани молу мулки дар назди он қарордоштаи комитент тадбирҳо андешад.

3. Комитенте, ки дар бораи аз ҷониби комиссионер рад карда шудани иҷрои супориш огоҳ карда шудааст, агар дар шартнома муҳлати дигар пешбинӣ нагардида бошад, бояд молу мулки дар назди комиссионер қарордоштаро дар давоми як моҳ аз рӯзи гирифтани огоҳинома ихтиёрдорӣ намояд. Агар он ин уҳдадориро иҷро накунад, комиссионер ҳуқуқ дорад молу мулкро барои нигаҳдорӣ супорад ё бо нархи ҳаддалимкон барои комитент муфидтар фурӯшад.

4. Комиссионер, ки дар натиҷаи аз ҷониби комитент иҷро накардани уҳдадорӣ аз иҷрои супориш даст кашидааст, барои подоши комиссионӣ, инчунин ҷуброни ҳамаи хароҷот ҳуқуқи худро нигоҳ медорад.

5. Агар дар шартномаи комиссия тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, комиссионери аз иҷрои супориш дасткашида ҳуқуқи худро ба подоши комиссионӣ барои аҳди то қатъ гардидани шартнома бастааш, инчунин ба ҷуброни хароҷоти то ин лаҳза масрафнамудааш нигоҳ медорад.

### Моддаи 1109. Қатъи шартномаи комиссия

Шартномаи комиссия ба ғайр аз асосҳои умумӣ, инчунин дар ҳолатҳои зерин қатъ мегардад:

- аз ҷониби комитент рад кардани иҷрои шартнома;

- аз ҷониби комиссионер рад кардани иҷрои шартнома;

- вафоти комиссионер, ғайриқобили амал, дорои қобилияти маҳдуди амалкунӣ, бедарак ғоибшуда ё муфлис эътироф намудани он.

## БОБИ 56. ШАРТНОМАИ АГЕНТӢ

### Моддаи 1110. Шартномаи агентӣ

1. Мувофиқи шартномаи агентӣ як тараф (агент) уҳдадор мешавад бо гирифтани подош тибқи супориши тарафи дигар (принсипал) амалҳои ҳуқуқӣ ва амалҳои дигарро аз номи худ, вале аз ҳисоби принсипал, ё ин ки аз ном ва аз ҳисоби принсипал анҷом диҳад.

2. Аҳде, ки агент аз номи худ ва аз ҳисоби принсипал бо шахси сеюм анҷом додааст, барои агент ҳуқуқ ва уҳдадориҳо ба вуҷуд меорад, сарфи назар аз он ки принсипал дар он номбар шудааст ё баҳри иҷрои он бо шахси сеюм бевосита ба муносибат ворид шудааст.

3. Аҳде, ки агент аз ном ва аз ҳисоби принсипал бо шахси сеюм анҷом додааст, бевосита барои принсипал ҳуқуқ ва уҳдадориҳо ба вуҷуд меорад.

4. Дар ҳолате, ки дар шартномаи агентии дар шакли хаттӣ басташуда муқаррар шудани ваколатҳои умумии агент оид ба анҷом додани аҳд аз номи принсипал охирин дар муносибат бо шахси сеюм набояд эрод гирад, ки агент

ваколати дахлдор надорад, агар исбот накунад, ки шахси сеюм дар бораи маҳдудкунии ваколати агент медонист ё мебоист донад.

5. Шартномаи агентӣ мумкин аст ба муҳлати муайян ё бе нишон додани муҳлати амали он баста шавад.

6. Хусусиятҳои хоси намудҳои алоҳидаи шартномаи агентиро қонун муқаррар менамояд.

### Моддаи 1111. Подоши агентӣ

1. Принсипал уҳдадор аст ба андоза ва тартиби муайяннамудаи шартномаи агентӣ, ба агент подош диҳад.

2. Агар дар шартномаи агентӣ андозаи подоши агентӣ муқаррар нашуда бошад ва он тибқи шартҳои шартнома муайян карда нашавад, подош ба андозае пардохт карда мешавад, ки онро қисми 3 моддаи 486 ҳамин Кодекс муайян кардааст.

3. Дар мавриди набудани шарт оид ба тартиби пардохти подоши агентӣ дар шартнома принсипал уҳдадор аст дар давоми як ҳафта аз лаҳзаи аз ҷониби агент пешниҳод шудани ҳисоботи давраи сипаришуда онро пардохт намояд, агар аз моҳияти шартнома ё одатҳои муомилоти корӣ тартиби дигари пардохти подош барнаояд.

### Моддаи 1112. Бо шартномаи агентӣ маҳдуд намудани ҳуқуқҳои принсипал ва агент

1. Тибқи шартномаи агентӣ мумкин аст уҳдадории принсипал оид ба набастани шартномаи монанд бо дигар агентҳо, ки дар ҳудудҳои бо шартномаи муқарраршуда амал мекунад, ё ин ки худдорӣ кардан аз фаъолияти мустақилона дар ин ҳудуд ва фаъолияти монанд, ки мавзуи шартномаи агентӣ мебошад, муқаррар карда шавад.

2. Дар шартномаи агентӣ мумкин аст уҳдадории агент оид ба набастани шартномаҳои агентии монанд бо дигар принсипалҳо, ки бояд дар ин ҳудуд иҷро карда шавад, пурра ё қисман бо ҳудуди дар шартнома муайяншуда мувофиқат мекунад, пешбинӣ карда шавад.

3. Шартҳои шартномаи агентӣ, ки тибқи он агент ҳуқуқ дорад танҳо ба гурӯҳи мушаххаси харидорон (фармоишгарон) мол фурӯшад, корро анҷом диҳад ва хизмат расонад ё ин ки танҳо ба харидорон (фармоишгарон)-и дар ҳудуди бо шартнома муайянгардида ҷойгирбуда ё истиқоматкунанда анҷом диҳад, беоқибат мебошад.

### Моддаи 1113. Ҳисоботи агент

1. Ҳангоми иҷрои шартномаи агентӣ, агент уҳдадор аст ба принсипал бо тартиб ва муҳлати муқаррарнамудаи шартнома ҳисобот пешниҳод намояд. Ҳангоми набудани чунин шартҳо дар шартнома агент ҳисоботро бо назардошти иҷрои шартнома ё баъди ба итмом расидани муҳлати шартнома пешниҳод мекунад.

2. Агар дар шартномаи агентӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, ҳисобот бояд бо замимаи далелҳои харҷи аз ҳисоби принсипал анҷомдодаи агент пешниҳод карда шавад.

3. Принсипал дар мавриди доштани раддия онро ба агент дар давоми сӣ рӯз аз лаҳзаи гирифтани ҳисобот бояд пешниҳод намояд, агар бо созиши тарафҳо мӯҳлати дигар муқаррар нашуда бошад. Дар акси ҳол ҳисобот аз ҷониби присипал қабулшуда ба ҳисоб меравад.

### Моддаи 1114. Шартномаи агентии фаръӣ

1. Агар дар шартномаи агентӣ ҳолати дигар муқаррар нашуда бошад, агент ҳуқуқ дорад бо мақсади иҷрои шартнома, бо дигар шахс шартномаи агентии фаръӣ бандад, ҳамзамон барои амали агенти фаръӣ дар назди принсипал ҷавобгар мемонад.

2. Дар шартномаи агентӣ мумкин аст уҳдадории агент оид ба бастани шартномаи фаръии агентӣ бо муқаррар кардан ё бе муқаррар кардани шартҳои чунин шартнома, муайян гардад.

3. Агенти фаръӣ ҳуқуқ надорад аз номи принсипал дар шартномаи агентӣ бо шахси сеюм аҳд бандад, ба истиснои ҳолатҳое, ки мувофиқи қисмҳои 1 ва 2 моддаи 204 ҳамин Кодекс агенти фаръӣ метавонад дар асоси ба он вогузоштани ваколат амал кунад. Тартиб ва оқибатҳои ба шахси дигар вогузоштани ваколат бо муқаррароти моддаи 1090 ҳамин Кодекс муайян карда мешаванд.

### Моддаи 1115. Қатъ гардидани шартномаи агентӣ

Шартномаи агентӣ дар ҳолатҳои зерин қатъ мегардад:

- аз иҷрои шартнома даст кашидани яке аз тарафҳо, ки бе муайян кардани мӯҳлати амали он баста шудааст;

- вафот кардани агент, ғайриқобили амал эътироф намудан, дорои қобилияти маҳдуди амалкунӣ ё бедарак ғоибшуда эътироф намудани ӯ;

- муфлис эътироф шудани соҳибкори инфиродие, ки агент мебошад.

### Моддаи 1116. Нисбат ба муносибатҳои агентӣ татбиқ шудани қоидаҳои шартномаҳои супориш ва комиссия

Нисбат ба муносибатҳое, ки аз шартномаи агентӣ ба вуҷуд меоянд, вобаста ба оне, ки агент тибқи шартнома аз номи принсипал ё аз номи худ амал мекунад, агар ин қоидаҳо бо меъёрҳои боби мазкур ва моҳияти шартномаи агентӣ мухолиф набошанд, мувофиқан қоидаҳои боби 54 ё боби 55 ҳамин Кодекс татбиқ мешаванд.

## БОБИ 57. ИДОРАИ БА БОВАРӢ АСОСЁФТАИ МОЛУ МУЛК

### Моддаи 1117. Шартномаи идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк

1. Мувофиқи шартномаи идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк як тараф (муассиси идора) ба тарафи дигар (идоракунандаи ваколатдор) ба муҳлати муайян барои идораи ба боварӣ асосёфта молу мулк медиҳад ва тарафи дигар уҳдадор мешавад идораи ин молу мулкро ба манфиати муассиси идора ё шахси зикрнамудаи он (бадастоварандаи фоида) анҷом диҳад.

2. Додани молу мулк ба идораи ба боварӣ асосёфта боиси ба идоракунандаи ваколатдор гузаштани ҳуқуқи моликият ба он намегардад.

3. Идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулкро ба роҳ монда, идоракунандаи ваколатдор ҳуқуқ дорад вобаста ба ин молу мулк тибқи шартнома ҳама гуна амалҳои ҳуқуқӣ ва воқеиро вобаста ба идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк ба манфиати бадастоварандаи фоида анҷом диҳад.

4. Тибқи қонун ё шартнома нисбат ба амалҳои алоҳида вобаста ба идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк маҳдудиятҳо пешбинӣ шуда метавонанд.

5. Аҳди вобаста ба молу мулки ба идораи ба боварӣ асосёфта додашударо идоракунандаи ваколатдор аз номи худ ва ҳамзамон бо зикри он, ки он ба сифати чунин идоракунанда амал мекунад, анҷом медиҳад. Чунин шарт, агар ҳангоми иҷрои амале, ки ба таври хаттӣ ба расмият даровардани онро талаб намекунад, тарафи дигар дар мавриди анҷом дода шудани он, аз ҷониби идоракунандаи ваколатдор ба ҳамин сифат иттилоъ дода шуда бошад ва дар ҳуҷҷатҳои хаттӣ бошад, баъди зикри ном ё идоракунандаи ваколатдор гузошта шудани сабти "И.В." риоягардида ҳисобида мешаванд.

6. Ҳангоми набудани сабт оид ба амали идоракунандаи ваколатдор ба ин сифат идоракунандаи ваколатдор дар назди шахсони сеюм шахсан уҳдадор аст ва танҳо бо молу мулки ба он тааллуқдошта ҷавобгар аст.

### Моддаи 1118. Объекти идораи ба боварӣ асосёфта

1. Объекти идораи ба боварӣ асосёфта корхона ва маҷмаҳои дигари молумулкӣ, объектҳои алоҳида, ки ба молу мулки ғайриманқул марбутанд, коғазҳои қиматнок, ҳуқуқҳое, ки бо коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат тасдиқ карда шудаанд, ҳуқуқҳои истисноӣ ва молу мулки дигар буда метавонанд.

2. Молу мулке, ки таҳти пешбурди хоҷагидорӣ ё идораи оперативӣ қарор дорад, наметавонад барои идораи ба боварӣ асосёфта дода шавад.

### Моддаи 1119. Асосҳои ба вуҷуд омадан (таъсис)-и идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк

Идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк бо асосҳои зерин ба вуҷуд меояд (таъсис меёбад):

- шартномаи идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк, ки байни муассис ва идоракунандаи ваколатдор баста шудааст;

- васиятномае, ки дар он иҷрокунандаи васиятнома таъин гардидааст (моддаи 1270 ҳамин Кодекс);

- санади судӣ;

- қарор дар бораи муқаррар намудани идораи молу мулки шахси таҳти васоят ва парасторӣ қарордошта (моддаи 39 ҳамин Кодекс);

- ҳолатҳои дигари муқаррарнамудаи қонун.

### Моддаи 1120. Субъектҳои идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк

1. Муассисони идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк инҳо мебошанд:

- молик;

- шахси дорои ҳуқуқи истифодаи меросии якумраи қитъаи замин;

- мақоми ваколатдори давлатӣ - нисбат ба молу мулке, ки моликияти давлат мебошад;

- дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун - нотариус, мақомоти васоят ва парасторӣ, суд ё мақомоти дигари ба он ваколатдор.

2. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд идоракунандаи ваколатдори идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк бошанд.

3. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии худидоракунӣ идоракунандаи ваколатдор буда наметавонанд.

4. Таъини идоракунандаи ваколатдор метавонад танҳо бо розигии он сурат гирад.

5. Бадастоварандаи фоида, ба истиснои идоракунандаи ваколатдор, ҳар шахси дигар буда метавонад.

### Моддаи 1121. Шартҳои муҳимми шартномаи идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк

1. Шартномаи идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк бояд инҳоро пешбинӣ намояд:

- номгӯйи молу мулке, ки ба идора дода мешавад;

- нишон додани бадастоварандаи фоида;

- муҳлатҳои ҳисобот додани идоракунандаи ваколатдор;

- шахсе, ки дар ҳолати қатъи идора молу мулкро мегирад;

- андоза ва шакли подоши идоракунандаи ваколатдор.

2. Ҳангоми мавҷуд набудани шартҳои зикргардида шартнома бастанашуда ба ҳисоб меравад.

3. Шартнома ба муҳлати на зиёда аз панҷ сол баста мешавад. Ҳангоми мавҷуд набудани аризаи яке аз тарафҳо оид ба қатъ кардан ё тағйир додани шартнома, баъди хатми муҳлати амал, он ба ҳамон муҳлат ва бо ҳамон шартҳое, ки дар шартнома пешбинӣ гардида буданд, тамдидшуда ба ҳисоб меравад.

4. Барои навъҳои алоҳидаи молу мулке, ки ба идора дода мешаванд, қонун метавонад муҳлатҳои дигари ниҳоии амали шартномаро муқаррар кунад.

### Моддаи 1122. Шакли шартномаи идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк

1. Шартномаи идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк дар шакли хаттӣ баста мешавад.

2. Шартномаи идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулки ғайриманқул тибқи шакл ва тартиби барои шартнома дар бораи бегона кардани молу мулки ғайриманқул пешбинишуда баста мешавад.

3. Риоя накардани талаботи қисмҳои 1 ва 2 моддаи мазкур боиси беэътибории шартнома мегардад.

### Моддаи 1123. Ҷудо кардани молу мулке, ки таҳти идораи ба боварӣ асосёфта қарор дорад

1. Молу мулки ба идораи ба боварӣ асосёфта додашуда аз молу мулки дигари муассиси идора, инчунин аз молу мулки идоракунандаи ваколатдор ҷудо карда мешавад. Ин молу мулк дар тавозуни алоҳидаи идоракунандаи ваколатдор инъикос гардида, нисбат ба он баҳисобгирии мустақил пеш бурда мешавад. Барои ҳисоббаробаркунӣ оид ба фаъолияти вобаста ба идораи ба боварӣ асосёфта суратҳисоби алоҳидаи бонкӣ кушода мешавад.

2. Рӯёнидани маблағ оид ба қарзҳои муассиси идора ба молу мулке, ки ба идораи ба боварӣ асосёфта дода шудааст, ба истиснои ҳолатҳои муфлис эълон шудани он шахс, иҷозат дода намешавад. Ҳангоми муфлис эълон шудани муассиси идораи ба боварӣ асосёфта идораи ин молу мулк қатъ мегардад ва он ба молу мулки озмунӣ ворид карда мешавад.

### Моддаи 1124. Идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулке, ки гаронии ҳуқуқи шахсони сеюмро дорад

1. Идоракунандаи ваколатдор бояд то баста шудани шартнома огоҳ карда шавад, ки молу мулки ба он барои идора додашуда дорои гаронии ҳуқуқи шахсони сеюм мебошад.

2. Ҳангоми вайрон кардани ин шарт идоракунандаи ваколатдор ҳуқуқ дорад беэътибор донистани шартномаро бо ҷуброни хисороти воқеӣ ва пардохти мутаносиби подош талаб намояд.

3. Агар молу мулки барои идораи ба боварӣ асосёфта додашуда баъди бастани шартнома дорои гаронии ҳуқуқи шахсони сеюм гардида бошад ва идоракунандаи ваколатдор дар мӯҳлати оқилона огоҳ карда нашавад, он ҳуқуқ дорад бекор кардани шартномаи идораи ба боварӣ асосёфтаро бо ҷуброни хисороти воқеии расондашуда ва пардохти подоши мутаносиб талаб намояд.

### Моддаи 1125. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои идоракунандаи ваколатдор

1. Идоракунандаи ваколатдор салоҳияти ҳуқуқии моликро нисбат ба молу мулки барои идораи ба боварӣ асосёфта додашуда дар доираи пешбининамудаи қонун ва шартномаи идоракунии ба идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк амалӣ мегардонад. Бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ба молу мулки дар идораи ба боварӣ асосёфта қарордошта идоракунандаи ваколатдор

ҳуқуқ дорад ҳама гуна бартарафсозии поймолшавии ҳуқуқҳои худро талаб намояд (моддаҳои 274-277 ҳамин Кодекс). Идоракунандаи ваколатдор танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи шартномаи идораи ба боварӣ асосёфта ба молу мулки ғайриманқул ихтиёрдорӣ мекунад.

2. Ҳуқуқҳое, ки идоракунандаи ваколатдор дар натиҷаи анҷом додани амалҳои вобаста ба идораи молу мулк ба даст овардааст, ба таркиби чунин молу мулк шомил мешаванд. Уҳдадорие, ки дар натиҷаи аз ҷониби идоракунандаи ваколатдор анҷом додани чунин амалҳо ба миён омадаанд, аз ҳисоби ҳамин молу мулк иҷро карда мешавад.

3. Бегона кардан ё ба гарав гузоштани молу мулки ғайриманқули барои идора додашударо идоракунандаи ваколатдор ҳуқуқ дорад танҳо дар ҳолате анҷом диҳад, агар он дар шартномаи идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк пешбинӣ гардида бошад.

4. Идоракунандаи ваколатдор ба муассиси идора ва бадастоварандаи фоида оид ба фаъолияти худ тибқи муҳлат ва тартиби муқаррарнамудаи шартномаи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк ҳисобот медиҳад.

## Моддаи 1126. Додани идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк

1. Идоракунандаи ваколатдор идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулкро, ба ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 2 моддаи мазкур, шахсан анҷом медиҳад.

2. Идоракунандаи ваколатдор, агар тибқи шартномаи идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк ваколатдор шуда бошад ё розигии муассисро дар шакли хаттӣ гирифта бошад, ё вобаста ба ҳолатҳо ҷиҳати таъмини манфиатҳои муассиси идора, ё бадастоварандаи фоида ба ин кор маҷбур аст ва ҳамзамон имкон надорад дастури муассиси идораро дар муҳлати оқилона гирад, метавонад ба шахси дигар супориш диҳад, ки аз номи идоракунандаи ваколатдор амали барои уҳдадории молу мулк заруриро анҷом диҳад.

3. Идоракунандаи ваколатдор барои амали вакили интихобнамудааш ҳамчун ба амали хеш ҷавобгар аст.

## Моддаи 1127. Ҷавобгарии идоракунандаи ваколатдор

1. Идоракунандаи ваколатдор, ки ҳангоми идораи молу мулк ба манфиатҳои бадастоварандаи фоида ё муассиси идора ғамхории зарурӣ зоҳир накардааст, ба бадастовардани фоида фоидаи аздастрафтаро дар давраи идораи молу мулк, ба муассиси идора бошад, зиёни вобаста ба талаф ёфтан ё осеб дидани молу мулк бо назардошти фарсудашавии муътадили он, инчунин фоидаи аздастрафтаро ҷуброн менамояд.

2. Дар сурати номатлуб анҷом додани идораи молу мулк муассиси идора метавонад ба суд оид ба қатъи идора ва ҷуброни зиён талабот пешниҳод кунад.

3. Аҳде, ки идоракунандаи ваколатдор бо вайрон кардани маҳдудиятҳои ба он муқарраргардида анҷом додааст, агар шахси сеюми дар чунин аҳд иштирокдошта дар бораи ин маҳдудиятҳо хабар надошт ва хабар дошта ҳам

наметавонист, боэътибор эътироф карда мешавад. Идоракунандаи ваколатдор дар чунин ҳолатҳо ҷавобгарии пешбининамудаи қисми 1 моддаи мазкурро ба уҳда дорад.

4. Идоракунандаи ваколатдор дар назди шахси сеюм бо молу мулки шахсии худ барои зиёни вобаста бо амали номатлуби худ оид ба идораи молу мулк расондааш ҷавобгарии иловагӣ дорад.

## Моддаи 1128. Подош ба идоракунандаи ваколатдор

Идоракунандаи ваколатдор ба подоши дар шартномаи идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк пешбинигардида, инчунин ба ҷуброни хароҷоти ҳангоми идораи молу мулк намудааш аз ҳисоби молу мулки барои идора додашуда ё даромади аз истифодаи ин молу мулк бадастоварда ҳуқуқ дорад.

## Моддаи 1129. Қатъи шартномаи идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк

1. Шартномаи идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк дар баробари асосҳои умумии қатъи уҳдадорӣ, инчунин бо асосҳои зерин қатъ мегардад:

- аризаи як тараф дар бораи қатъи шартнома вобаста ба гузаштани муҳлати он;

- вафоти шахси воқеӣ, ки бадастоварандаи фоида мебошад, барҳам додани шахси ҳуқуқӣ - бадастовардани фоида, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад;

- аз ҷониби бадастоварандаи фоида рад кардани гирифтани фоида тибқи шартнома, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад;

- вафоти шахси воқеӣ, ки идоракунандаи ваколатдор мебошад, ғайриқобили амал ё дорои қобилияти маҳдуди амалкунӣ, бедарак ғоибшуда эътироф ё муфлис шудани ӯ;

- барҳамхӯрии шахси ҳуқуқӣ - идоракунандаи ваколатдор, муфлис эътироф кардани он;

- аз ҷониби идоракунандаи ваколатдор ё муассиси идора рад кардани иҷрои идора вобаста ба он, ки идоракунандаи ваколатдор имконият надорад шахсан идораи молу мулкро анҷом диҳад;

- аз ҷониби муассиси идора рад кардани шартнома бо шарти ба идоракунандаи ваколатдор пардохт намудани подоши дар шартнома қайдушартшуда;

- муфлисшавии молик;

- бо санади судӣ бекор кардани шартнома ҳангоми иҷрои номатлуби уҳдадориҳо аз ҷониби идоракунандаи ваколатдор;

- тибқи дигар асосҳои пешбининамудаи қонун ё шартнома.

2. Ҳангоми қатъи идора, молу мулке, ки таҳти идора қарор дорад, ба шахсе, ки ин молу мулк тибқи ҳуқуқи моликият, ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ тааллуқ дорад, баргардонда мешавад, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

3. Ҳангоми қатъи шартнома бо ташаббуси яке аз тарафҳо тарафи дигар бояд дар муҳлати на камтар аз се моҳ огоҳ карда шавад, агар дар шартнома муҳлати дигар пешбинӣ нагардида бошад.

### Моддаи 1130. Ба идораи ба боварӣ асосёфта додани коғазҳои қиматнок

1. Ҳангоми ба идораи ба боварӣ асосёфта додани коғазҳои қиматнок мумкин аст муттаҳид сохтани коғазҳои қиматноке, ки аз ҷониби шахсони гуногун барои идораи ба боварӣ асосёфта дода мешаванд, пешбинӣ карда шавад.

2. Ваколатҳои идоракунандаи ваколатдор оид ба ихтиёрдории коғазҳои қиматнок дар шартномаи идораи ба боварӣ асосёфта муайян карда мешаванд.

3. Хусусиятҳои идораи ба боварӣ асосёфтаи коғазҳои қиматнок тибқи қонун муайян карда мешаванд.

4. Қоидаҳои моддаи мазкур мувофиқан ба ҳуқуқҳои ба коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат тасдиқгардида (моддаи 157 ҳамин Кодекс) татбиқ мешаванд.

### Моддаи 1131. Идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк тибқи асосҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ

1. Идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк метавонад инчунин дар ҳолатҳои зерин таъсис дода шавад:

- ҳангоми зарурати идораи доимии молу мулки шахси таҳти васоят қарордошта, дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 39 ҳамин Кодекс;

- дар асоси васиятномае, ки дар он иҷрокунандаи васиятнома таъин гардидааст;

- тибқи асосҳои дигари пешбининамудаи қонун.

2. Қоидаҳои пешбининамудаи боби мазкур мувофиқан нисбат ба муносибатҳо оид ба идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулке, ки тибқи асосҳои дар қисми 1 моддаи мазкур зикргардида таъсис ёфтаанд, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад ва аз моҳияти чунин муносибатҳо тартиби дигар барнаояд, татбиқ мегарданд.

3. Дар ҳолатҳое, ки идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк мувофиқи асосҳои дар қисми 1 моддаи мазкур зикргардида таъсис меёбад, ҳуқуқҳои муассиси идора, ки тибқи қоидаҳои боби мазкур пешбинӣ гардидаанд, мувофиқан ба мақомоти васоят ва парасторӣ, иҷрокунандаи васиятнома ё ба шахси дигаре, ки дар қонун нишон дода шудааст, мегузарад.

## БОБИ 58. КОНСЕССИЯИ ТИҶОРАТӢ

### Моддаи 1132. Шартномаи консессияи тиҷоратӣ

1. Мутобиқи шартномаи консессияи тиҷоратӣ як тараф (ҳуқуқдор) ӯҳдадор мешавад, ки ба тарафи дигар (истифодабаранда) бо пардохти подош барои муҳлати муайян ё бе зикри муҳлат барои дар фаъолияти тиҷоратии истифодабаранда истифода бурдани маҷмуи ҳуқуқҳои истисноии ба ҳуқуқдор

тааллуқдошта, аз ҷумла ҳуқуқ ба нишонаи тиҷоратии ҳуқукдор, ба иттилооти ҳифзшавандаи тиҷоратӣ, инчунин ба дигар объектҳои хуқуқи истисноии дар шартнома пешбинишуда - номи фирмавӣ, тамғаи молӣ, сирри истеҳсолӣ (ноу - ҳау) ва ғайраро диҳад.

2. Шартномаи консессияи тиҷоратӣ истифодаи маҷмуи ҳуқуқи истисноӣ, эътибори корӣ ва таҷрибаи тиҷоратии ҳуқукдорро дар ҳаҷми пурра (аз ҷумла бо муқаррар намудани ҳаҷми ҳадди ақал ва (ё) ҳадди аксари истифода), бо зикр ё зикр накардани ҳудуди истифода вобаста ба соҳаи муайяни фаъолияти тиҷоратӣ (фурӯши моле, ки аз ҳуқукдор гирифта шудааст ё истифодабаранда истеҳсол намудааст, анҷом додани фаъолияти дигари вобаста ба фурӯш, иҷрои кор, хизматрасонӣ) пешбинӣ менамояд.

3. Тарафҳои консессияи тиҷоратӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ буда метавонанд.

4. Нисбат ба шартномаи консессияи тиҷоратӣ мувофиқан қоидаҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ татбиқ мешаванд, агар онҳо ба қоидаҳои боби мазкур ва моҳияти шартнома мухолифат надошта бошанд.

## Моддаи 1133. Шакли шартномаи консессияи тиҷоратӣ ва бақайдгирии он

1. Шартномаи консессияи тиҷоратӣ бояд дар шакли хаттӣ баста шавад. Риоя накардани шакли хаттии шартнома боиси беэътибории он мегардад.

2. Додани хуқуқи дар фаъолияти тиҷоратии истифодабаранда истифода намудани маҷмуи ҳуқуқҳои истисноии ҳуқукдор мувофиқи шартномаи консессияи тиҷоратӣ дар идораи патентӣ ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд. Ҳангоми риоя накардани талабот оид ба бақайдгирии давлатӣ, додани ҳуқуқи истифодабарӣ бавуҷуднаомада ба ҳисоб меравад.

## Моддаи 1134. Консессияи тиҷоратии фаръӣ

1. Дар шартномаи консессияи тиҷоратӣ ҳуқуқи истифодабаранда барои ба дигар шахс иҷозат додани истифодаи маҷмуи ҳуқуқҳои истисноӣ ё як қисми ин маҷмуъ дар асоси консессияи тиҷоратии фаръӣ, ки бо ҳуқукдор мувофиқа шудааст ё дар шартномаи консессияи тиҷоратӣ муайян гардидааст, пешбинӣ шуда метавонад. Дар шартнома уҳдадории истифодабаранда барои ба муҳлати муайян, ба теъдоди муайяни шахс додани ҳуқуқи истифодаи ҳуқуқҳои зикргардида тибқи шартҳои консессияи тиҷоратии фаръӣ пешбинӣ шуда метавонад. Ин шартнома наметавонад аз муҳлати шартномаи консессияи тиҷоратӣ, ки дар асоси он баста шудааст, ба муҳлати бештар баста шавад.

2. Агар шартномаи консессияи тиҷоратӣ беэътибор бошад, дар ин сурат шартномаҳои консессияи тиҷоратии фаръии дар асоси он басташуда низ беэътибор мебошанд.

3. Агар дар шартномаи консессияи тиҷоратӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, шартномае, ки барои муҳлати муайян баста шудааст, дар сурати пеш аз муҳлат қатъ кардани он ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳуқукдори дуюм

оид ба шартномаи консессияи тиҷоратии фаръӣ (истифодабаранда тибқи шартномаи консессияи тиҷоратӣ) ба ҳуқуқдор мегузарад, агар он қабули ҳуқуқ ва уҳдадориҳои вобаста ба ҳамин шартномаро рад накунад. Ин қоида мувофиқан ҳангоми бекор кардани шартномаи консессияи тиҷоратӣ, ки бе зикри мӯҳлат баста шудааст, татбиқ мегардад.

4. Истифодабаранда барои зиёни ба ҳуқуқдор вобаста ба амали истифодабарандагони дуюм расондашуда ҷавобгарии иловагӣ дорад, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

5. Нисбат ба шартномаи консессияи тиҷоратии фаръӣ қоидаҳои шартномаи консессияи тиҷоратӣ пешбининамудаи боби мазкур татбиқ карда мешавад, агар аз хусусиятҳои консессияи тиҷоратии фаръӣ тартиби дигар барнаояд.

### Моддаи 1135. Подош тибқи шартномаи консессияи тиҷоратӣ

Подош тибқи шартномаи консессияи тиҷоратӣ мумкин аст аз ҷониби истифодабаранда ба ҳуқуқдор дар шакли пардохти муайяншудаи якдафъаина ва (ё) давра ба давра, ҳиссаҷудокунӣ аз даромад, илова кардани нарх ба нархи яклухти моле, ки ҳуқуқдор барои хариду фурӯш медиҳад ё дар шакли дигари пешбининамудаи шартнома пардохт карда шавад.

### Моддаи 1136. Уҳдадориҳои ҳуқуқдор

1. Ҳуқуқдор уҳдадор аст ба истифодабаранда ҳуҷҷатҳои техникию тиҷоратӣ ва иттилооти дигари ба он ҷиҳати анҷом додани ҳуқуқи тибқи шартномаи консессияи тиҷоратӣ додашуда заруриро диҳад, инчунин ба истифодабаранда ва кормандони он оид ба масъалаҳои вобаста ба амалигардонии ин ҳуқуқҳо дастур диҳад.

2. Агар дар шартномаи консессияи тиҷоратӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, ҳуқуқдор уҳдадор аст:

- бақайдгирии давлатии шартномаи консессияи тиҷоратиро тибқи қисми 2 моддаи 1133 ҳамин Кодекс таъмин намояд;

- ба истифодабаранда ба таври доимӣ мусоидати техникӣ ва иттилоотӣ, аз ҷумла дар таълим ва такмили ихтиссоси кормандон мусоидат намояд;

- сифати мол (кор, хизматрасонӣ)-ро, ки дар асоси шартномаи консессияи тиҷоратӣ аз ҷониби истифодабаранда истеҳсол мешавад (иҷро карда мешавад, анҷом дода мешавад), назорат кунад.

### Моддаи 1137. Уҳдадориҳои истифодабаранда

Бо назардошти хусусиятҳои фаъолияте, ки истифодабаранда тибқи шартномаи консессияи тиҷоратӣ анҷом медиҳад, истифодабаранда уҳдадор аст:

- ҳангоми анҷом додани фаъолияти пешбининамудаи шартнома аломати тиҷоратӣ, тамғаи молӣ ва воситаҳои дигари фардикунонии ҳуқуқдорро ба тарзи дар шартнома зикргардида истифода барад;

- сифати дахлдори маҳсулоти дар асоси шартнома истеҳсолшаванда, иҷрои кор, сифати хизматрасонии молҳои шабеҳ, кор ё хизматрасониеро, ки бевосита аз ҷониби ҳуқуқдор истеҳсол, иҷро ё анҷом дода мешавад, таъмин намояд;

- дастур ва нишондоди ҳуқуқдорро, ки барои таъмини мутобиқати хусусият, тарз ва шартҳои истифодаи маҷмуи ҳуқуқҳои истисноӣ вобаста ба он, ки чӣ тавр онҳоро ҳуқуқдор истифода мебарад, аз ҷумла супоришҳоро вобаста ба ороиши намуди зоҳирӣ ва дохилии биноҳои тиҷоратӣ, ки аз ҷониби истифодабаранда ҳангоми татбиқи ҳуқуқи тибқи шартнома ба он додашуда истифода мешавад, риоя намояд;

- ба харидорон (фармоишгарон) ҳамаи он хизматрасонии иловагиеро, ки онҳо ҳангоми ба даст овардан (фармоиш додан)-и мол (кор, хизматрасонӣ) бевосита аз ҳуқуқдор чашмдошт буданд, пешниҳод кунад;

- сирри истеҳсолӣ (ноу - ҳау)-и ҳуқуқдор ва иттилооти тиҷоратии маҳрамонаи дигари аз он гирифташударо ошкор насозад;

- теъдоди қайдушартшудаи консессияи тиҷоратии фаръиро пешниҳод намояд, агар чунин ухдадорӣ дар шартнома пешбинӣ гардида бошад;

- ба харидорон (фармоишгарон) бо тарзи ба онҳо нисбатан маълумтар дар мавриди он, ки он аломати тиҷоратӣ, тамғаи молӣ ё воситаҳои дигари фардикунониро тибқи шартномаи консессияи тиҷоратӣ истифода мебарад, иттилоот дастрас намояд.

### Моддаи 1138. Маҳдуд намудани ҳуқуқҳои тарафҳо тибқи шартномаи консессияи тиҷоратӣ

1. Дар шартномаи консессияи тиҷоратӣ метавонад маҳдудиятҳои ҳуқуқҳои тарафҳо оид ба ҳамин шартнома пешбинӣ карда шаванд, аз ҷумла:

- ухдадории ҳуқуқдор дар мавриди ба дигар шахс надодани маҷмуи ҳуқуқҳои шабеҳи истисноӣ барои истифода дар ҳудуди ба истифодабаранда вобасташуда ё худдорӣ аз фаъолияти шабеҳи худӣ дар ин ҳудуд;

- ухдадории истифодабаранда оид ба рақобат накардан бо ҳуқуқдор дар ҳудуде, ки амали шартномаи консессияи тиҷоратӣ нисбат ба фаъолияти тиҷоратии аз ҷониби истифодабаранда бо истифодаи ҳуқуқи истисноии ҳуқуқдор паҳн мегардад;

- аз ҷониби истифодабаранда тибқи шартномаи консессияи тиҷоратӣ рад кардани қабули ҳуқуқҳои шабеҳ аз рақибон (рақибони эҳтимолӣ);

- ухдадории истифодабаранда оид ба фурӯш, аз ҷумла азнавфурӯшии молҳои истеҳсолшуда ва (ё) харидоришуда, иҷрои корҳо ё хизматрасонӣ бо истифодаи ҳуқуқҳои истисноии ҳуқуқдор бо нархҳои муқаррарнамудаи ҳуқуқдор, ҳамчунин ухдадории истифодабаранда дар бораи ба фурӯш набаровардани мол, иҷрои кор ва хизматрасонии шабеҳ бо истифодаи тамғаи молӣ ё аломати тиҷоратии ҳуқуқдорони дигар;

- ухдадории истифодабаранда оид ба фурӯши мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ танҳо дар доираи ҳудуди муайяншуда;

- ухдадории истифодабаранда дар мавриди бо ҳуқуқдор ба мувофиқа расондани макони ҷойгиронии иншооти тиҷоратӣ, ки ҳангоми анҷом додани ҳуқуқҳои истисноии тибқи шартнома пешбинигардида истифода мегардад, инчунин ороиши намуди зоҳирӣ ва дохилии бино.

2. Шартҳои шартномаи консессияи тиҷоратӣ, ки ухдадориҳои истифодабарандаро оид ба фурӯши мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ танҳо ба теъдоди муайяни харидорон (фармоишгарон), ё ин ки хизматрасонӣ танҳо ба харидор (фармоишгар), ки дар ҳудуди тибқи шартнома муайяншуда маҳалли ҷойгиршавӣ, маҳалли истиқомат дорад, пешбинӣ менамояд, беоқибат мебошанд.

3. Шартҳои маҳдудкунанда бо талаби мақомоти зиддиинҳисорӣ ё шахси дигари манфиатдор, агар ин шартҳо бо назардошти вазъи бозори дахлдор ва ҳолати иқтисодии тарафҳо хилофи қонунгузории зиддиинҳисорӣ бошанд, метавонанд беэътибор эътироф карда шаванд.

## Моддаи 1139. Ҷавобгарии ҳуқуқдор вобаста ба талаботи ба истифодабаранда пешниҳодшуда

1. Ҳуқуқдор вобаста ба талаботи нисбат ба истифодабаранда пешниҳодшуда дар бораи номутобиқатии сифати мол (кор, хизматрасонӣ), ки аз ҷониби истифодабаранда тибқи шартномаи консессияи тиҷоратӣ фурӯхта мешавад (иҷро карда мешавад, анҷом дода мешавад), ҷавобгарии иловагӣ дорад.

2. Оид ба талаботе, ки ба истифодабаранда ҳамчун ба тайёркунандаи маҳсулот (мол)-и ҳуқуқдор пешниҳод мегардад, ҳуқуқдор бо истифодабаранда ҷавобгарии муштарак дорад.

## Моддаи 1140. Ҳуқуқи афзалиятноки истифодабаранда оид ба бастани шартномаи консессияи тиҷоратӣ ба мӯҳлати нав

1. Истифодабарандае, ки ба таври дахлдор ухдадориҳои худро иҷро кардааст, бо ба итмом расидани мӯҳлати шартномаи консессияи тиҷоратӣ ҳуқуқи афзалиятноки ба мӯҳлати нав бастани шартномаро дорад.

2. Ҳангоми бастани шартномаи консессияи тиҷоратӣ ба мӯҳлати нав шартҳои шартнома мумкин аст бо созиши тарафҳо тағйир дода шаванд.

3. Агар ҳуқуқдор бо истифодабаранда бастани шартномаи консессияи тиҷоратиро ба мӯҳлати нав рад намояд, вале дар давоми сол аз рӯзи ба охир расидани мӯҳлати шартнома бо он, бо дигар шахс бо ҳамон шартҳое, ки ба истифодабаранда мутобиқи шартномаи қатъшуда пешниҳод гардида буд шартномаи консессияи тиҷоратӣ бандад, истифодабаранда ҳуқуқ дорад бо интихоби худ ба суд бо талаб оид ба бекор кардани шартномаи консессияи тиҷоратӣ ва бо он аз нав бастани шартнома бо ҷуброни зиёне, ки ба он бо сабаби рад кардан расонда шудааст ё ин ки танҳо ҷуброни чунин зиёнро муроҷиат намояд.

## Моддаи 1141. Тағйир додани шартномаи консессияи тиҷоратӣ

1. Шартномаи консессияи тиҷоратӣ метавонад тибқи қоидаҳои пешбининамудаи боби 34 ҳамин Кодекс тағйир дода шавад.

2. Тағйир додани шартномаи консессияи тиҷоратӣ бо тартиби пешбининамудаи қисми 2 моддаи 1133 ҳамин Кодекс ба қайди давлатӣ гирифта мешавад.

### Моддаи 1142. Қатъи шартномаи консессияи тиҷоратӣ

1. Ҳар кадоме аз тарафҳои шартномаи консессияи тиҷоратии бе нишон додани мухлат басташуда ҳуқуқ дорад ҳар лаҳза бо огоҳонии тарафи дигар дар муҳлати то шаш моҳ, агар дар шартнома муҳлати бештар пешбинӣ нагардида бошад, шартномаро рад намояд. Ҳар кадоме аз тарафҳои шартномаи консессияи тиҷоратии ба мухлати муайян ё бе муайянкунии муҳлати амали он басташуда ҳуқуқ дорад ҳар лаҳза бо огоҳонии тарафи дигар дар мухлати на дертар аз сӣ рӯз, агар дар шартнома имконияти қатъи он бо пардохти маблағи пулӣ ҳамчун ҳаққи дасткашӣ пешбинӣ шуда бошад, шартномаро рад намояд.

2. Ҳуқуқдор ҳуқуқ дорад аз иҷрои шартномаи консессияи тиҷоратӣ пурра ё қисман дар ҳолатҳои зерин даст кашад:

- аз ҷониби истифодабаранда риоя накардани шартҳо оид ба сифати молҳои истеҳсолшуда, корҳои иҷрошуда ва хизматрасонӣ;

- аз ҷониби истифодабаранда дағалона вайрон намудани дастурҳо ва супоришҳои ҳуқуқдор, ки ба таъмини мутобиқати шартҳои шартнома ба хусусият, тарз ва шартҳои истифодаи маҷмуи ҳуқуқҳои истисноии додашуда равона шудаанд;

- аз ҷониби истифодабаранда вайрон намудани ухдадории дар мухлати пешбининамудаи шартнома ба ҳуқуқдор пардохтани подош.

3. Аз ҷониби ҳуқуқдор яктарафа рад намудани иҷрои шартнома дар мавриде мумкин аст, агар истифодабаранда баъди ба он аз ҷониби ҳуқуқдор равона намудани талаби хаттӣ оид ба бартараф намудани вайронкуниҳо, онҳоро дар мухлати оқилона бартараф накардааст ё аз рӯзи ба он равона шудани талаби зикршуда дар давоми як сол боз чунин вайронкориро содир намудааст.

4. Пеш аз муҳлат бекор намудани шартномаи консессияи тиҷоратии ба мухлати муайян басташуда, инчунин бекор намудани шартномаи ба муҳлати номуайян басташуда мувофиқи қисми 2 моддаи 1133 ҳамин Кодекс ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд.

5. Ҳангоми муфлис эълон гардидани ҳуқуқдор ё истифодабаранда шартномаи консессияи тиҷоратӣ қатъ мегардад.

### Моддаи 1143. Боэътибории шартномаи консессияи тиҷоратӣ ҳангоми тағйир ёфтани тарафҳо

1. Ба шахси дигар гузаштани ягон ҳуқуқи истисноӣ, ки ба маҷмуи ҳуқуқҳои истисноии ба истифодабаранда додашуда шомил аст, барои тағйир додан ё бекор кардани шартномаи консессияи тиҷоратӣ асос буда наметавонад.

Ҳуқуқдори нав дар қисми ҳуқуқ ва уҳдадориҳои марбут ба ҳуқуқи истисноии ба он гузашта, тарафи ин шартнома мегардад.

2. Ҳангоми вафоти ҳуқуқдор ҳуқуқу уҳдадориҳои он оид ба шартномаи консессияи тиҷоратӣ ба меросгири он мегузаранд, ба шарти дар қайд будани он ё дар давоми шаш моҳ аз рӯзи кушодашавии мерос ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шудани меросгир. Дар акси ҳол шартнома қатъ мегардад.

3. Татбиқи ҳуқуқ ва иҷрои уҳдадориҳои ҳуқуқдори вафоткарда то аз ҷониби меросгир қабул кардани ин ҳуқуқ ва уҳдадориҳо ё то лаҳзаи бақайдгирии меросгир ба сифати соҳибкори инфиродӣ аз ҷониби идоракунандаи ваколатдор, ки нотариус таъин менамояд, анҷом дода мешавад.

### Моддаи 1144. Оқибатҳои тағйирёбии аломати тиҷоратӣ

Дар сурати аз ҷониби ҳуқуқдор тағйир додани аломати тиҷоратӣ, ки тибқи шартномаи консессияи тиҷоратӣ ба маҷмуи ҳуқуқҳои истисноӣ шомил аст, агар истифодабаранда бекор кардани шартнома ва ҷуброни зиёнро талаб накунад, ин шартнома дар муносибат ба аломати тиҷоратии ҳуқуқдори нав амал мекунад. Дар мавриди идомаи амали шартнома истифодабаранда ҳуқуқ дорад мутаносибан кам намудани подошро аз ҳуқуқдор талаб намояд.

### Моддаи 1145. Оқибатҳои қатъи ҳуқуқи истисноӣ, ки истифодаи он тибқи шартномаи консессияи тиҷоратӣ дода шудааст

1. Агар дар давраи амали шартномаи консессияи тиҷоратӣ мӯҳлати амали ҳуқуқи истисноӣ, ки истифодаи он тибқи ҳамин шартнома дода шудааст ё чунин ҳуқуқ вобаста ба дигар асос қатъ гардида бошад, ба истиснои муқаррароте, ки ба ҳуқуқи қатъшуда марбут аст, шартномаи консессияи тиҷоратӣ амали худро давом медиҳад ва истифодабаранда, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, ҳуқуқ дорад мутаносибан кам кардани подоши ба ҳуқуқдор тааллуқдоштаро талаб намояд.

2. Дар мавриди қатъи ҳуқуқи ҳуқуқдор ба тамғаи молӣ ё аломати тиҷоратӣ оқибатҳое ба вуҷуд меоянд, ки дар қисми 5 моддаи 1142 ва моддаи 1144 ҳамин Кодекс пешбинӣ шудаанд.

## БОБИ 59. ФАЪОЛИЯТИ ЯКҶОЯ (ШИРКАТИ ОДӢ)

### Моддаи 1146. Шартномаи фаъолияти якҷоя

1. Тибқи шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ) ду ё зиёда шахсон (шарикон), уҳдадор мегарданд ҳиссаҳои худро муттаҳид намуда, якҷоя, бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ барои ба даст овардани даромад (фоида) ё ноил шудан ба мақсади дигар, ки хилофи қонун намебошад, амал кунанд.

2. Шартномаи фаъолияти якҷоя бояд дар шакли хаттӣ баста шавад.

3. Тарафҳои шартномаи фаъолияти якҷоя, ки ҷиҳати анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ баста мешавад, танҳо соҳибкорони инфиродӣ ва (ё) ташкилотҳои тиҷоратӣ буда метавонанд.

## Моддаи 1147. Ҳиссаи шарикон

1. Ҳиссаи шарикон ҳамаи он чизи ба манфиати кори умум гузоштаи онҳо, аз ҷумла пул ва молу мулки дигар, ба ҳисоб мераванд.

2. Агар аз шартнома ё ҳолатҳои воқеӣ тартиби дигар барнаояд, ҳиссаи шарикон арзиши баробар доранд. Арзёбии арзиши пулии ҳиссаи шарикон тибқи созишномаи байни онҳо анҷом дода мешавад.

## Моддаи 1148. Молу мулки умумии шарикон

1. Молу мулки гузоштаи шарикон, маҳсулоти дар натиҷаи фаъолияти муштарак истеҳсолгардида, самара ва даромади аз чунин фаъолият бадастоварда моликияти умумии ҳиссавии онҳо эътироф мегарданд, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

2. Молу мулки таҳти моликияти умумии ҳиссавии шарикон қарордошта, инчунин талаботи умумии онҳо ва ҳуқуқҳои истисноии умумии онҳо молу мулки умумии шариконро ташаккул медиҳад. Молу мулки умумӣ ба манфиати ҳамаи шарикон истифода бурда мешавад.

3. Пешбурди баҳисобгирии муҳосибавии молу мулки умумӣ метавонад ба яке аз шарикон супорида шавад.

4. Истифодаи молу мулки умумии шарикон бо мувофиқаи умумии онҳо ва дар ҳолати ба мувофиқа нарасидан, бо тартиби муқаррарнамудаи суд сурат мегирад.

5. Уҳдадории шарикон оид ба нигаҳдории молу мулки умумӣ ва тартиби ҷуброни хароҷоти вобаста ба иҷрои ин ухдадориҳо дар шартнома пешбинӣ карда мешавад.

## Моддаи 1149. Пешбурди корҳои умумии шарикон

1. Пешбурди корҳои умумии шарикони шартнома оид ба фаъолияти якҷоя бо тартиби пешбининамудаи шартнома анҷом дода мешавад.

2. Ҳангоми пешбурди корҳои умумӣ ҳар як шарик ҳуқуқ дорад аз номи ҳамаи шарикон баромад кунад, агар дар шартнома муқаррар нагардида бошад, ки ҳамаи шарикон корро якҷоя пеш мебаранд ва ё пешбурди кор ба зиммаи шарикони алоҳида вогузор карда шудааст.

3. Ҳангоми пешбурди ячояи кор барои анҷом додани ҳар як аҳд розигии ҳамаи шарикон талаб карда мешавад.

4. Дар муносибат бо шахсони сеюм ваколатҳои шарик барои аз номи ҳамаи шарикон бастани аҳд тибқи ваколатномае, ки ба он шарикон додаанд, тасдиқ карда мешавад ё аз шартнома бармеоянд.

5. Дар муносибат бо шахсони сеюм шарикон наметавонанд ба маҳдуд будани ҳуқуқ оид ба пешбурди корҳои умумии шарике, ки аҳдро анҷом додааст, истинод намоянд, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар онҳо исбот намоянд, ки ҳангоми бастани аҳд дар мавриди мавҷуд будани чунин маҳдудият шахси сеюм медонист ё мебоист донад.

6. Шарике, ки аз номи ҳамаи шарикон аҳд содир кардааст ва барои пешбурди онҳо ҳуқуқи он маҳдуд буд ё ба манфиати ҳамаи шарикон аҳдро аз номи худаш бастааст, агар зарурати ин аҳд дар муҳлатҳои оқилона аз ҷониби шарикони дигар мавриди баҳс қарор нагирифта бошад, ба ҷуброни маблағҳои хароҷоти аз ҳисоби худ масрафнамудааш ҳуқуқ дорад.

7. Агар бо чунин аҳд ба шарикони дигар зиён расонда шуда бошад, онҳо ҳуқуқ доранд ҷуброни зиёнро талаб намоянд.

8. Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, қарорҳои вобаста ба корҳои умумӣ аз ҷониби шарикон бо мувофиқаи умум қабул карда мешаванд.

9. Шарикони шартнома, ки барои пешбурди корҳои умумӣ ваколатдор шудаанд, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, ба подоши алоҳида ҳуқуқ доранд.

### Моддаи 1150. Ҳуқуқи шарик ба иттилоот оид ба фаъолияти якҷоя

1. Ҳар як шарик, сарфи назар аз он ки барои пешбурди корҳои умумӣ ваколат дорад ё надорад, ба иттилоот оид ба фаъолияти якҷоя ҳуқуқ дорад. Рад кардани чунин ҳуқуқ ё маҳдуд кардани он, аз ҷумла дар мувофиқа бо шарикон, иҷозат дода намешавад.

2. Дастрасӣ ба чунин иттилооти маҳрамона оид ба фаъолияти якҷоя, уҳдадорӣ оид ба фош накардани онро ба вуҷуд меорад.

### Моддаи 1151. Хароҷоти умумӣ, зиён ва ҷавобгарии шарикон

1. Тартиби пӯшондани хароҷот ва зиёни ба фаъолияти якҷояи шарикон вобаста тибқи созишномаи байни онҳо муайян карда мешавад. Ҳангоми мавҷуд набудани чунин созишнома, ҳар як шарик хароҷот ва зиёни худро мутаносибан ба арзиши ҳиссаи он дар кори умумӣ ба зимма дорад.

2. Ба созише, ки яке аз шариконро аз иштирок дар ҷуброни хароҷот ё зиён озод мекунад, роҳ дода намешавад.

3. Агар шартномаи фаъолияти якҷоя бо фаъолияти соҳибкории анҷомдодашавандаи аъзои он алоқаманд набошанд, дар он сурат вобаста ба уҳдадории шартномавии умумӣ ҳар як шарик мутаносибан ба арзиши ҳиссаи он дар кори умумӣ ҷавобгар мебошад.

4. Оид ба уҳдадориҳои умумие, ки аз шартнома бармеоянд, шарикон ҷавобгарии муштарак доранд.

5. Агар шартномаи фаъолияти якҷоя бо анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби шарикони он алоқаманд бошанд, оид ба уҳдадориҳои умумӣ шарикон ҷавобгарии муштарак доранд.

### Моддаи 1152. Тақсими фоидаи дар натиҷаи фаъолияти якҷоя бадастомада

1. Фоидаи дар натиҷаи фаъолияти якҷоя бадастовардаи шарикон, агар дар шартнома ё дигар созишномаи шарикон тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, мутаносибан ба арзиши ҳиссаи шарикон ба кори умумӣ тақсим карда мешавад.

2. Ба созиш дар мавриди аз иштирок дар тақсими фоида бартараф кардани яке аз шарикон роҳ дода намешавад.

### Моддаи 1153. Ҷудо кардани ҳиссаи шарик бо талаби кредитори он

Кредитори шарики шартномаи фаъолияти якҷоя ҳуқуқ дорад оид ба ҷудо кардани ҳиссаи он дар молу мулки умумӣ тибқи моддаи 331 ҳамин Кодекс талабот пешниҳод намояд.

### Моддаи 1154. Қатъи шартномаи фаъолияти якҷоя

1. Шартномаи фаъолияти якҷоя дар ҳолатҳои зерин қатъ мегардад:

- дар натиҷаи бедарак ғоибшуда, ғайриқобили амал ё дорои қобилияти маҳдуди амалкунӣ эътироф гардидани яке аз шарикон;

- дар натиҷаи муфлис эълон кардани яке аз шарикон;

- дар натиҷаи вафоти яке аз шарикон, барҳамдиҳӣ ё азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқии шарики шартнома, агар дар шартнома ё созишномаи минбаъда нигоҳ доштани шартнома дар муносибат байни шарикони дигар ё иваз кардани шарики вафоткарда (шахси ҳуқуқии азнавташкилшуда) бо меросгирон (ворисони ҳуқуқӣ)и он пешбинӣ нагардида бошад;

- дар натиҷаи аз иштирок дар шартномаи бемуҳлати фаъолияти якҷоя даст кашидани яке аз шарикон;

- дар натиҷаи бекор кардани шартномаи фаъолияти якҷояи ба муҳлати муайян басташуда, тибқи талаби яке аз шарикон дар муносибати байни он ва шарикони дигар;

- дар натиҷаи бекор кардани шартномаи фаъолияти якҷоя бо созишномаи тарафҳо;

- дар натиҷаи гузаштани муҳлати шартномаи фаъолияти якҷоя;

- дар натиҷаи ноил шудан ба мақсадҳои шартномаи фаъолияти якҷоя ё фаро расии шароите, ки ноил шудан ба ин мақсадҳоро имконнопазир мегардонад;

- дар натиҷаи ҷудо кардани ҳиссаи шарик бо талаби кредитори он;

- тибқи асосҳои дигар, ки ҳамин Кодекс ё шартномаи фаъолияти якҷоя пешбинӣ шудаанд.

2. Дар шартномаи фаъолияти якҷоя ё созишномаи минбаъдаи шарикон дар ҳолатҳои пешбининамудаи сархатҳои якум, дуюм, чорум, панҷум ва нуҳуми

қисми 1 моддаи мазкур мумкин аст нигоҳ доштани шартнома дар муносибати байни дигар шарикон пешбинӣ карда шавад.

3. Ҳангоми қатъи шартномаи фаъолияти якҷоя ашёе, ки барои соҳибӣ ва (ё) истифодаи умумии шарикон супорида шуда буд, бе подош ба шарикони онҳоро фароҳамоварда баргардонда мешавад, агар дар созишномаи тарафҳо тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

4. Аз лаҳзаи қатъи шартномаи фаъолияти якҷоя шарикони он вобаста ба иҷро накардани уҳдадориҳои умумӣ дар назди шахси сеюм ҷавобгарии муштарак доранд.

5. Тақсими молу мулки якҷояи шарикон ва ҳуқуқҳои умумии талаби байни онҳо бамиёномада бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 326 ҳамин Кодекс анҷом дода мешавад.

6. Шарике, ки ба моликияти умумӣ ашёи инфиродии муайяншударо гузоштааст, ҳуқуқ дорад ҳангоми қатъи шартномаи фаъолияти якҷоя бо шарти риояи манфиатҳои шарикони боқимонда ва кредиторон баргардондани ин ашёро талаб кунад.

### Моддаи 1155. Рад кардани шартномаи бемуҳлати фаъолияти якҷоя

1. Ариза дар бораи рад кардани шартномаи бемуҳлати фаъолияти якҷоя бояд аз ҷониби шахс дар муҳлати на дертар аз се моҳ то лаҳзаи эҳтимолии аз шартнома баромадан, агар дар шартнома муҳлати дигар пешбинӣ нагардида бошад, арз карда шавад.

2. Ба созиш дар бораи маҳдуд кардани ҳуқуқи радди шартномаи бемуҳлати фаъолияти якҷоя роҳ дода намешавад.

### Моддаи 1156. Бекор кардани шартномаи фаъолияти якҷоя бо талаби тарафҳо

Дар баробари асосҳои дар қисми 2 моддаи 516 ҳамин Кодекс пешбининамуда тарафи шартномаи фаъолияти якҷоя, ки бо нишон додани муҳлат ё мақсад ба сифати шарти бекоркунӣ баста шудааст, ҳуқуқ дорад бо сабабҳои узрнок дар муносибати байни худ ва шарикони дигар бекор кардани шартномаро бо ҷуброни хисороти воқеии вобаста ба бекор кардани шартнома ба шарикони боқимонда расондашуда, талаб кунад.

### Моддаи 1157. Ҷавобгарии шарик, ки аз шартнома даст кашидааст ё бекор кардани онро талаб кардааст

Агар шартномаи фаъолияти якҷоя дар натиҷаи аризаи яке аз шарикони он вобаста ба радди иштироки минбаъда дар он ё бекор кардани шартнома бо талаби яке аз шарикон қатъ нагардида бошад, шахсе, ки ширкати он дар шартнома қатъ гардидааст, дар назди шахси сеюм оид ба уҳдадориҳои умумии дар давраи иштирокаш дар шартнома бамиёномада, ҳамон тавре, ки агар он ҳамчун шарики шартномаи фаъолияти якҷоя боқӣ мемонд, ҷавобгар мебошад.

## БОБИ 60. СОХТМОНИ ҲИССАГИИ БИНОИ ИСТИҚОМАТӢ

### Моддаи 1158. Шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ

1. Мутобиқи шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ як тараф (ҳиссагузор) уҳдадор мешавад, ки бо риояи шарт ва муҳлати шартнома нархи муайяншударо ба тарафи дигар (ширкати сохтмонӣ) пардохт намояд, тарафи дигар (ширкати сохтмонӣ) уҳдадор мегардад, ки объекти сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматиро сохта, ба тарафи дигар (ҳиссагузор) пешниҳод намояд.

2. Шартҳои муҳимми шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ ва хусусиятҳои дигари онро қонун муайян менамояд.

### Моддаи 1159. Шакли шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ

Шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ дар шакли хаттӣ баста шуда, ба тариқи нотариалӣ тасдиқ карда мешавад.

### Моддаи 1160. Тарафҳои шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ

1. Тарафҳои шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ ширкати сохтмонӣ ва ҳиссагузор мебошанд.

2. Талабот нисбати ширкати сохтмонӣ ва ворисии ҳуқуқӣ дар шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматиро ҳамин Кодекс ва қонун муайян менамоянд.

### Моддаи 1161. Муҳлати супоридани объекти сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ

Ширкати сохтмонӣ уҳдадор аст ба ҳиссагузорон объекти сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматиро дар муҳлати пешбининамудаи шартнома супорад, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

### Моддаи 1162. Бартараф намудани монеаҳо ҳангоми сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ

1. Ҳангоми пайдо шудани монеаҳо дар раванди сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ ширкати сохтмонӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ онҳоро бартараф менамояд.

2. Ширкати сохтмонӣ зарари молумулкии ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ расондашударо, ки ҳангоми бартараф намудани монеаҳо ба вуҷуд меояд, бо розигии онҳо тибқи қонунгузорӣ ҷуброн менамояд.

### Моддаи 1163. Суғуртаи ҷавобгарии маданию ҳуқуқии ширкати сохтмонӣ

1. Ширкати сохтмонӣ ҳуқуқ дорад таваккали ҷавобгарии маданию ҳуқуқии худро барои иҷро накардан ё ба таври номатлуб иҷро намудани уҳдадориҳои сохтани объекти сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ суғурта намояд.

2. Суғуртаи ҷавобгарии маданию ҳуқуқии ширкати сохтмонӣ тибқи қонунгузорӣ амалӣ карда мешавад.

### Моддаи 1164. Кафолати сифат дар шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ

1. Ширкати сохтмонӣ уҳдадор аст объекти сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматиро бо назардошти он сифате, ки дар шартҳои шартнома ва талаботи лоиҳавию харҷномавии ҳуҷҷатҳо пешбинӣ шудааст, ба ҳиссагузор пешниҳод намояд.

2. Дар ҳолати аз ҷониби ширкати сохтмонӣ вайрон намудани шартҳои шартнома ва ё талаботи ҳатмии муқаррарнамудаи қисми 1 моддаи мазкур, ки боиси бад шудани сифати объекти сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ гардидааст, ҳиссагузор ҳуқуқ дорад аз ширкати сохтмонӣ иҷрои амалҳои зеринро талаб намояд:

- ройгон бартараф кардани камбудиҳо;

- мутаносибан кам намудани нархи шартнома;

- ҷуброни хароҷот вобаста ба бартараф намудани камбудиҳо.

3. Муҳлати кафолати сифати сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ ва таҷҳизоти технологию муҳандисӣ, ки қисми таркибии объекти сохтмонӣ мебошанд, дар шартнома муқаррар гардида, наметавонад аз ду сол кам бошад. Муҳлати кафолати сифат аз рӯзи имзои санади қабулу пешниҳоди бинои истиқоматӣ ҳисоб карда мешавад.

### Моддаи 1165. Тағйир додан ва бекор кардани шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ

1. Бо созиши тарафҳо шартномаи басташуда метавонад тағйир дода шавад.

2. Бо талаби ҳиссагузор шартнома метавонад дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун бекор карда шавад.

## БОБИ 61. КОНСЕССИЯ

### Моддаи 1166. Шартномаи консессионӣ

1. Тибқи шартномаи консессионӣ як тараф (консессиядор) уҳдадор мешавад аз ҳисоби худ молу мулки дар шартномаи мазкур муайянгардида (объекти шартномаи консессионӣ)-ро, ки ҳуқуқи моликият ба он ба тарафи дигар (конседент) тааллуқ дорад ё минбаъд тааллуқ хоҳад дошт, бунёд ва (ё) таҷдид намояд, фаъолиятро бо истифода (кор фармудан)-и объекти шартномаи консессионӣ амалӣ гардонад, конседент уҳдадор мешавад ба консессиядор ба муҳлати муқаррарнамудаи шартномаи мазкур ҳуқуқи соҳибӣ ва истифода намудани объекти шартномаи консессиониро барои амалигардонии фаъолияти зикргардида пешниҳод намояд.

2. Нисбат ба муносибатҳои байни тарафҳои шартномаи консессионӣ дар қисмҳои дахлдор муқаррароти қонунгузории маданӣ оид ба шартномаҳо, ки ҷузъҳои онҳо дар шартномаи консессионӣ мавҷуданд, татбиқ мегарданд, агар аз қонун ё моҳияти шартномаи консессионӣ тартиби дигар барнаояд.

3. Шартномаи консессионӣ байни конседент ва консессиядор дар шакли хаттӣ баста шуда, бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ба қайди давлатӣ гирифта мешавад.

### Моддаи 1167. Объектҳои шартномаи консессионӣ

1. Объектҳои моликияти давлатӣ, инчунин объектҳои дар натиҷаи иҷро намудани шартҳои шартномаи консессионӣ пайдошаванда объектҳои шартномаи консессионӣ мебошанд.

2. Объектҳои шартномаи консессионӣ замин, канданиҳои фоиданок, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот, роҳҳои автомобилгард, объектҳои истеҳсолӣ, объектҳои воситаи нақлиёти роҳи оҳан, аэродромҳо, иншооти гидротехникӣ, объектҳо оид ба истеҳсол, интиқол ва тақсимоти неруи барқ, объектҳои таъминкунандаи гармӣ, объектҳои истеҳсол, коркард ва нигаҳдории маҳсулоти кишоварзӣ, объектҳои коркард ва нобудкунии партовҳои сахти маишӣ, инчунин моликияти дигари давлатӣ ва молу мулки манънакардаи қонунгузорӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба сохтмон (бунёд)-и объектҳои нав аз ҳисоби консессиядор, мебошанд, ки минбаъд ба ихтиёри давлат супорида мешаванд.

3. Консессиядор таваккали тасодуфан нобуд гардидан ё осеб дидани объекти шартномаи консессиониро аз лаҳзаи ба ихтиёри он гузаштани ин объект ба уҳда дорад, агар дар шартномаи консессионӣ тартиби дигар муқаррар нашуда бошад.

4. Ба консессия додани объектҳои моликияти давлатӣ боиси ба консессиядор пешниҳод намудани ҳуқуқи ихтиёрдории ин гуна объектҳо ё ба он додани ҳуқуқи бемуҳлати иҷро намудани вазифаҳои алоҳидаи давлат намегардад.

### Моддаи 1168. Тарафҳои шартномаи консессионӣ

1. Конседент ва консессиядор тарафҳои шартномаи консессионӣ мебошанд.

2. Конседенти шартномаи консессионӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки аз номи он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти марказӣ ё маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ё санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амал мекунанд.

3. Консессиядори шартномаи консессионӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ, ё шахсоне буда метавонанд, ки бе таъсис додани шахси ҳуқуқӣ тибқи шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ) амал мекунанд.

### Моддаи 1169. Тартиби ба консессия супоридани объектҳо

1. Ба консессия додани объектҳо дар асоси озмуни амалӣ карда мешавад. Дар ҳолатҳои истисноӣ, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба консессия додани объектҳо дар асоси гуфтушунидҳои бевоситаи байни

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сармоягузорони эҳтимолӣ анҷом дода мешавад.

2. Озмун оид ба ҳуқуқи ба имзо расондани шартномаи консессионӣ метавонад кушода (дархостро барои иштирок дар озмун ҳама гуна шахсон пешниҳод карда метавонанд) ё пӯшида (дархостро барои иштирок дар озмун шахсоне пешниҳод карда метавонанд, ки ба онҳо барои иштирок дар чунин озмун даъватнома фиристода шудааст) бошад.

3. Тартиби гузарондани озмунро конседент муайян менамояд.

## Моддаи 1170. Шартҳои муҳимми шартномаи консессионӣ

Шартномаи консессионӣ бояд шартҳои муҳимми зеринро дар бар гирад:

- ӯҳдадориҳои консессиядор оид ба амалигардонии фаъолияти пешбининамудаи шартномаи консессионӣ;

- ӯҳдадориҳои консессиядор оид ба бунёд ва (ё) таҷдиди объекти шартномаи консессионӣ, риоя кардани муҳлати бунёд ва (ё) таҷдиди он;

- муҳлати амали шартномаи консессионӣ;

- тафсилоти объекти шартномаи консессионӣ, аз ҷумла ҳудуди қитъаҳои замин, захираҳои зеризаминӣ, фазои обӣ ва ҳавоӣ;

- муҳлати ба консессиядор пешниҳод намудани объекти шартномаи консессионӣ;

- мақсад ва муҳлати истифодаи объекти шартномаи консессионӣ;

- тарзҳои таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои шартномаи консессионӣ аз ҷониби консессиядор, ҳаҷми таъминоти пешниҳодшаванда ва муҳлати эътибори он;

- ҳаҷм, шакл ва тартиби пардохтҳои консессионӣ ва муҳлати пардохт намудани онҳо;

- тартиби ҷуброн намудани хароҷоти тарафҳо ҳангоми пеш аз муҳлат қатъ гардидани шартномаи консессионӣ;

- шартҳои муҳимми дигари пешбининамудаи қонун.

## Моддаи 1171. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои консессиядор ва конседент

1. Ҳангоми иҷрои шартномаи консессионӣ консессиядор ҳуқуқ дорад:

- мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи шартномаи консессионӣ дар ҳудуди истифодашаванда бино, иншоот, роҳҳои вурудӣ, шоҳроҳҳо бунёд намояд, хатти телеграф ва телефон гузаронад;

- дар мувофиқа бо конседент дар сурати мусбат будани хулосаи экспертизаи экологӣ таркиби молу мулкро тағйир диҳад, таҷдид, васеъкунӣ ва азнавтаҷҳизонии техникии объектҳои консессиониро, ки арзиши онҳоро зиёд мегардонанд, анҷом диҳад;

- бо розигии конседент бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ва шартҳои шартномаи консессионӣ, объекти консессия ва (ё) молу мулки дигари тибқи шартномаи консессионӣ аз ҷониби конседент ба консессиядор додашударо

барои истифодабарӣ ба шахсони сеюм ба муҳлати на зиёда аз муҳлати шартномаи консессионӣ ва бо шарти риоя намудани уҳдадориҳои консессиядор тибқи шартномаи консессионӣ диҳад. Ҳамзамон консессиядор барои амалҳои чунин шахсон ҳамчун барои амали хеш ҷавобгар аст;

- шартномаи консессиониро мустақилона ва (ё) мутобиқи шартҳои консессия бо ҷалби шахсони дигар иҷро намояд. Ҳамзамон консессиядор барои амалҳои шахсони дигар ҳамчун барои амали хеш ҷавобгар аст;

- бо тартиби муқаррарнамудаи шартномаи консессионӣ ҳуқуқҳои истисноиро ба натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ, ки аз ҳисоби худаш ба даст овардааст, ҳангоми иҷрои шартномаи консессионӣ ройгон истифода барад.

2. Ҳангоми иҷро намудани шартномаи консессионӣ консессиядор уҳдадор аст:

- дар муҳлати муқаррарнамудаи шартномаи консессионӣ бунёд ва (ё) таҷдиди объекти консессияро анҷом дода ба истифода (кор фармудан)-и он шуруъ намояд;

- бо мақсад ва тартиби муқаррарнамудаи шартномаи консессионӣ объекти консессияро истифода барад (кор фармояд);

- фаъолияти пешбининамудаи шартномаи консессиониро амалӣ гардонад, ба истисноии ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ё шартнома бе розигии конседент чунин фаъолиятро қатъ накунад (боз надорад);

- объекти консессияро дар ҳолати коршоям нигоҳ дорад, аз ҳисоби худ таъмири ҷорӣ ва асосии онро анҷом диҳад, хароҷоти ба нигаҳдории он вобастаро ба зимма гирад, агар қонун ё шартномаи консессионӣ тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошад;

- фаъолияти хоҷагидориро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаи консессионӣ анҷом диҳад;

- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳиро анҷом диҳад.

3. Ҳангоми иҷро намудани шартномаи консессионӣ конседент ҳуқуқ дорад аз ҷониби консессиядор риоя намудани шартҳои шартномаи консессиониро назорат кунад.

4. Конседент уҳдадор аст дар муҳлати муқаррарнамудаи шартномаи консессионӣ ба консессиядор объекти консессия ва (ё) молу мулки дигарро супорад.

### Моддаи 1172. Қатъ ва бекор кардани шартномаи консессионӣ

1. Ҳангоми қатъ ва (ё) бекор кардани шартномаи консессионӣ консессиядор уҳдадор аст ба конседент объекти консессионӣ ва молу мулки дигари пешбининамудаи шартномаи консессиониро дар муҳлати муқаррарнамудаи шартномаи консессионӣ баргардонад.

2. Объекти консессионӣ ва молу мулки дигари пешбининамудаи шартномаи консессионӣ бояд ба конседент дар ҳолати барои амалигардонии

фаъолияти пешбининамудаи шартномаи консессионӣ ва талаботи муқаррарнамудаи қонун ё шартномаи консессионӣ ҷавобгӯ қарордошта супорида шаванд, инчунин аз гаронии ҳуқуқи шахсони сеюм нисбат ба онҳо озод бошанд.

3. Агар қонун ё шартномаи консессионӣ тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошад, уҳдадории консессиядор оид ба супоридани объекти консессионӣ ва молу мулки дигар ба конседент пас аз қабули чунин объект ва молу мулк аз ҷониби конседент ва ба имзо расондани ҳуҷҷати дахлдор оид ба қабул аз ҷониби тарафҳои шартномаи консессионӣ иҷрошуда ҳисобида мешавад.

4. Қатъ гардидани ҳуқуқи истифодабарӣ ва ихтиёрдории объекти консессионӣ ва молу мулки дигари ғайриманқул бояд бо тартиби пешбининамудаи қонун ба қайди давлатӣ гирифта шавад.

5. Шартномаи консессионӣ метавонад бо розигии тарафҳо ё дар асоси санади судӣ ҳангоми ба таври ҷиддӣ вайрон шудани шартҳои шартномаи консессионӣ аз ҷониби тарафи дигар, ба таври назаррас тағйир ёфтани ҳолате, ки дар асоси он тарафҳои шартномаи консессионӣ шартномаро ба имзо расонданд, инчунин бо асосҳои дигари пешбининамудаи қонун қатъ карда шавад.

6. Ҳангоми иҷро накардан ё ба таври номатлуб иҷро кардани уҳдадории шартномавӣ аз ҷониби яке аз тарафҳои шартномаи консессионӣ тарафи дигари шартномаи консессионӣ ба он оид ба иҷро намудани чунин уҳдадорӣ дар мӯҳлати оқилона огоҳии хаттӣ мефиристад. Талабот оид ба тағйир додан ё пеш аз мӯҳлат бекор кардани шартномаи консессионӣ метавонад ба суд аз ҷониби тарафи дигари шартнома танҳо дар сурати ба таври дахлдор дар мӯҳлати ишорашуда иҷро нашудани чунин уҳдадорӣ фиристода шавад.

### Моддаи 1173. Ҷавобгарии тарафҳои шартномаи консессионӣ

1. Тарафҳои шартномаи консессионӣ барои иҷро накардан ё ба таври номатлуб иҷро кардани уҳдадориҳои вобаста ба шартномаи консессионӣ, ки бо қонун, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаи консессионӣ пешбинӣ шудаанд, ҷавобгарии молумулкӣ доранд.

2. Аз ҷониби тарафҳои шартномаи консессионӣ ҷуброн намудани зиён ва пардохтани ноустуворона ҳангоми иҷро накардан ё ба таври номатлуб иҷро кардани уҳдадорӣ оид ба шартномаи консессионӣ тарафи шартномаи консессиониро аз иҷрои ин уҳдадорӣ дар шакли асл озод намекунад.

## БОБИ 62. АМАЛҲО БА МАНФИАТИ ҒАЙР БЕ СУПОРИШ

### Моддаи 1174. Амалҳо ба манфиати ғайр бе супориш

1. Шахсе, ки ба манфиати ғайр бе супориши он амал мекунад, бояд бо имконияти аввалин дар ин хусус шахси манфиатдорро огоҳ созад. Агар шахси манфиатдор ин амалро маъқул шуморад, минбаъд нисбат ба муносибати тарафҳо қоидаҳо оид ба шартномаи супориш татбиқ мегарданд. Ҳангоми

маъқул надонистани амалҳои зикргардида ҷавобгарӣ ба зиммаи шахсе гузошта мешавад, ки бе супориш амал кардааст.

2. Ҳангоми имконнопазирии огоҳонидани шахси манфиатдор, шахсе, ки амалро бе супориш оғоз кардааст, бояд онро то ба охир расонад ва ҷиҳати пешгирии оқибатҳои манфии чунин амал барои ин шахс тамоми тадбирҳои ба он вобастаро андешад. Ҳамзамон шахсе, ки бе супориш амал мекунад, бояд ҳамаи он чизеро, ки вобаста ба пешбурди кор алоқаманд аст, аз ҷумла уҳдадории бастани аҳдро, ба зиммаи худ гирад.

3. Агар шахсе, ки ба манфиати шахси дигар бе супориши он амал мекунад, бо имконияти аввалин дар ин хусус шахси манфиатдорро огоҳ насозад, он ҳуқуқ надорад ҷуброни хароҷоташро талаб кунад.

4. Шахсе, ки бе супориш ба манфиати ғайр амал мекунад, бояд амали оғознамудаашро дар сурати вафоти шахси воқеӣ ё қатъ гардидани фаъолияти шахси ҳуқуқие, ки ба манфиати он фаъолияти дахлдор иҷро мегардид, то лаҳзае, ки меросгирон ё ворисони ҳуқуқии шахси манфиатдор наметавонанд онро иваз намоянд, идома диҳад.

### Моддаи 1175. Бастани аҳд ба манфиати ғайр

1. Уҳдадориҳо оид ба аҳди ба манфиати ғайр басташуда аз лаҳзаи аз ҷониби он маъқул донистани ин аҳд ба шахсе мегузарад, ки ба манфиати он аҳд анҷом дода шудааст, агар тарафи дигар ҳангоми бастани аҳд медонист ё бояд медонист, ки аҳд ба манфиати ғайр баста шудааст.

2. Ҳангоми гузаштани уҳдадориҳо мувофиқи чунин аҳд ба шахсе, ки ба манфиати он аҳд баста шуда буд, ба охирин бояд ҳуқуқ ба ин аҳд низ дода шавад.

3. Шахсе, ки аҳд бастааст, метавонад додани ҳуқуқро то лаҳзаи ба он ҷуброн намудани хароҷот вобаста ба амалаш ба манфиати ғайр боздорад.

### Моддаи 1176. Уҳдадориҳои шахсе, ки ба манфиаташ бе супориш амал анҷом дода шудааст

1. Шахсе, ки ба манфиаташ бе супориш амал анҷом дода шудааст, уҳдадор аст ба шахси ба манфиати он амалкарда хароҷоти зарурӣ ва хисороти воқеии расондашударо ҷуброн намояд. Уҳдадории зикргардида инчунин дар ҳолате, ки амал ба манфиати ғайр оқилона буд, вале натиҷаи чашмдор ба даст наомадааст, нигоҳ дошта мешавад.

2. Агар амали шахс бевосита ба таъмини манфиатҳои шахси дигар равона нашуда бошад, аз ҷумла ҳатто агар шахс саҳван дар назар дошта бошад, ки ба манфиати худ амал мекунад, суд ҳангоми ҳалли масъалаи ҷуброни хароҷот ва андозаи он бояд он фоидаеро, ки амали шахси фаъолияти дахлдорро анҷомдода фароҳам овардааст, ба инобат гирад.

3. Дар ҳолатҳое, ки агар амал ба манфиати ғайр ба доираи фаъолияти соҳибкории шахс марбут бошад, он метавонад ҳамзамон бо ҷуброни хисороти воқеӣ, инчунин пардохти подоши мутаносибро талаб намояд.

### Моддаи 1177. Ҷуброни зараре, ки вобаста ба амал ба манфиати ғайр расонда шудааст

Муносибатҳо доир ба ҷуброни зараре, ки вобаста ба амал ба манфиати ғайр расонда шудааст, мутобиқи ҳамин Кодекс танзим карда мешавад.

### Моддаи 1178. Ҷуброни хароҷот вобаста ба пешгирии хисорот ба молу мулки шахсони дигар

Агар шахс бе ваколатҳои дахлдор таҳдиди воқеии вобаста ба расондани хисорот ба молу мулки шахси дигарро дар шароите, ки имконнопазирии огоҳонии онҳоро оид ба чунин таҳдид истисно менамуд, пешгирӣ карда бошад, ҳуқуқ дорад аз ин шахс ҷуброни хароҷоти зарурӣ, инчунин дигар хисороти воқеии вобаста ба онро талаб намояд.

### Моддаи 1179. Ҳисоботи шахсе, ки ба манфиати ғайр амал кардааст

Шахси ба манфиати ғайр амалнамуда ухдадор аст ба шахсе, ки ба манфиати он амалҳоро анҷом додааст, бо зикри даромади бадастоварда, хароҷот ва зиёни расондашуда ҳисобот диҳад.

## БОБИ 63. ЭЪЛОНИ ОММАВИИ МУКОФОТ

### Моддаи 1180. Уҳдадории пардохти мукофот

1. Шахсе, ки ба таври оммавӣ дар хусуси пардохти мукофоти пулӣ ё мукофоти дигар ба шахсе, ки амалҳои дар эълон пешниҳодшударо дар муҳлати пешбининамудаи он иҷро менамояд, эълон карда бошад, ухдадор аст мукофоти эълоншударо ба ҳар шахси ин амалро иҷрокарда, аз ҷумла ашёи гумшударо пайдокарда ё иттилооти зарурiро ба шахси эълоннамуда дода, пардохт намояд.

2. Агар дар эълони оммавии додани мукофот андозаи он муайян нагардида бошад, он тибқи созишнома бо шахсе, ки эълонро додааст ва ҳангоми пайдо шудани баҳс аз ҷониби суд муайян карда мешавад.

3. Уҳдадории пардохти мукофот, сарфи назар аз он ки амали дахлдор вобаста ба эълон анҷом дода шудааст ё новобаста ба он, ба миён меояд.

4. Дар ҳолатҳое, ки амали дар эълон зикршударо якчанд шахс анҷом додаанд, ҳуқуқи гирифтани мукофотро шахсе ба даст меорад, ки аввалин шуда амали дахлдорро иҷро кардааст. Агар амали дар эълон зикршударо ду ё зиёда шахс дар як вақт анҷом дода бошанд, мукофот байни онҳо баробар ё тибқи тартиби дигари дар созишномаи байни онҳо пешбинигардида, тақсим карда мешавад.

5. Агар дар эълон тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад ва аз хусусияти амали дар он зикршуда барнаояд, мутобиқати иҷрои амал бо талаботи дар эълон ҷойдошта аз ҷониби шахсе, ки ба таври оммавӣ мукофотро эълон намудааст ва ҳангоми пайдо шудани баҳс аз ҷониби суд муайян карда мешавад.

### Моддаи 1181. Бекор кардани эълони оммавии мукофот

1. Шахсе, ки ба таври оммавӣ дар бораи пардохти мукофот эълон кардааст, ба истисноი ҳолатҳое, ки дар худи эълон пешбинӣ гардидаанд ё дар он имконнопазирии радди он зикр шудааст ё барои иҷрои амал, ки барои он мукофот ваъда шудааст, муҳлати муайян муқаррар гардидааст ва ё то лаҳзаи эълони рад як ё якчанд шахс аллакай амали дар эълон зикршударо анҷом додаанд, ҳуқуқ дорад бо ҳамон шакл аз ваъдаи худ даст кашад.

2. Бекор кардани ваъдаи оммавии мукофот шахси дар бораи мукофот эълондодаро аз ҷуброни хароҷоти шахсе, ки вобаста ба амали дар эълон зикргардида масраф намудааст, озод намекунад. Андозаи хароҷот дар ҳар сурат наметавонад аз мукофоти дар эълон ваъдашуда бештар бошад.

## БОБИ 64. ОЗМУНИ ОММАВӢ

### Моддаи 1182. Ташкили озмуни оммавӣ

1. Шахсе, ки ба таври оммавӣ дар хусуси пардохти подош ё додани мукофоти дигар (оид ба пардохти мукофот) барои иҷрои беҳтарини кор ё ба даст овардани натиҷаҳои дигар (озмуни оммавӣ) эълон кардааст, бояд ба шахси тибқи шартҳои гузарондани озмун ғолиб эътирофгардида мукофоти қайдушартшударо пардохт намояд.

2. Озмуни оммавӣ метавонад кушода - ҳангоме, ки пешниҳоди ташкилкунандаи озмун дар бораи иштирок дар озмун ба ҳамаи иштирокдорон нигаронида шудааст ва он бо роҳи нашри эълон дар матбуот ё дигар воситаҳои ахбори омма дастрас гардидааст ва ё пӯшида - агар пешниҳоди иштирок ба озмун ба гурӯҳи муайяни шахсон тибқи интихоби ташкилкунандаи озмун фиристода мешавад, бошад. Озмуни кушода метавонад бо санҷиши пешакии дараҷаи тахассусии иштирокдорони он, ҳангоме, ки ташкилкунандаи озмун интихоби қаблии шахсони хоҳишмандро барои иштирок дар озмун анҷом медиҳад, қайду шарт карда шавад.

3. Эълони озмуни оммавӣ бояд шартҳоеро, ки моҳияти супориш, меъёр ва тартиби арзёбии натиҷаҳои кор ё дигар комёбиҳо, ҷой, муҳлат ва тартиби пешниҳоди он, андоза ва шакли мукофот, ҳамчунин тартиб ва муҳлати эълони натиҷаҳоро пешбинӣ менамояд, дар бар гирад.

4. Дар озмуни оммавӣ, ки бо ғолиби он бастани шартномаро пешбинӣ менамояд, қоидаҳои боби мазкур татбиқ мегарданд, агар дар моддаҳои 513-515 ҳамин Кодекс тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

### Моддаи 1183. Тағйир додани шарт ва бекор кардани озмуни оммавӣ

1. Шахсе, ки дар бораи гузарондани озмуни оммавӣ эълон додааст, ҳуқуқ дорад танҳо дар давоми қисми аввали муҳлати барои пешниҳоди корҳо муқаррааргардида шарти озмунро тағйир диҳад ё онро бекор кунад.

2. Огоҳинома дар бораи тағйир додани шарт ё бекор кардани озмун бояд бо ҳамон тарзе, ки озмун эълон карда шуда буд, сурат гирад.

3. Дар сурати тағйир додани шарти озмун ё бекор кардани он, шахси озмунро эълоннамуда бояд хароҷоти ҳар шахсеро, ки пурра ё қисман кори дар эълони озмун пешбинишударо анҷом додааст, ҷуброн намояд.

4. Агар ҳангоми тағйир додан ё бекор кардани озмун талаботи қисмҳои 1 ва 2 моддаи мазкур вайрон карда шуда бошанд, шахсе, ки дар бораи гузаронидани озмун эълон додааст, бояд мукофотро ба онҳое пардохт намояд, ки кори дар эълон қайдшударо бо сифати ҷавобгӯ ба шартҳои озмун анҷом додаанд.

5. Шахсе, ки дар бораи гузаронидани озмун эълон додааст, агар исбот карда тавонад, ки кори пешниҳодшуда баръало ба шартҳои озмун мувофиқ набуд ё қаблан то эълони озмун иҷро шудааст, аз ҷуброни хароҷот ва зиёни пешбининамудаи қисмҳои 3 ва 4 моддаи мазкур озод карда мешавад.

### Моддаи 1184. Қарор дар бораи пардохти мукофот

1. Қарор дар бораи пардохти мукофот ба ғолиби озмун бояд бо тартиб ва мӯҳлати дар эълони озмун муқарраргардида қабул ва ба иттилои иштирокдорони озмуни оммавӣ расонда шавад.

2. Агар натиҷаҳои дар эълон зикргардида дар коре ба даст оварда шуда бошанд, ки онро ба таври муштарак ду ё зиёда шахс анҷом додаанд, мукофот тибқи созишномаи байни онҳо баробар тақсим карда мешавад. Дар сурати ба мувофиқа нарасидани тарафҳо, тартиби тақсими мукофотро суд муайян мекунад.

### Моддаи 1185. Истифодаи асарҳои илмӣ, адабӣ ва санъат, ки ғолиби озмуни оммавӣ гардидаанд

Агар мавзуи озмуни оммавӣ асарҳои илмӣ, адабӣ ва санъат бошанд, шахси озмунро эълоннамуда барои бастани шартнома бо муаллифи асар оид ба истифодаи асар бо пардохти ҳаққи қалам, агар дар шартҳои озмун тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, ҳуқуқи афзалиятнокро пайдо мекунад.

### Моддаи 1186. Ба иштирокдорони озмун баргардондани корҳои пешниҳодшуда

Шахсе, ки оид ба озмуни оммавӣ эълон додааст, агар дар шарти озмун тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад ва аз хусусияти кори иҷрошуда барнаояд, уҳдадор аст ба иштирокдорони озмун корҳои сазовори мукофот донистанашударо баргардонад.

## БОБИ 65. ГУЗАРОНДАНИ БОЗИҲО ВА ШАРТҲО

### Моддаи 1187. Талабот вобаста ба ташкили бозиҳо, шартҳо ва иштирок дар онҳо

Талаботи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вобаста ба ташкил намудани бозиҳо ва шартҳо, ки ба таваккал асос ёфтаанд (қиморбозӣ ва шартҳо) ё иштирок дар онҳо тахти ҳимояи судӣ қарор дода намешаванд, ба истиснои талаботи шахсе,

ки дар ин бозиҳо ё шартҳо таҳти таъсири фиреб, зӯроварӣ, таҳдид ё созиши бадқасдонаи намояндагони онҳо бо ташкилкунандагони бозиҳо ё шартҳо иштирок кардааст ва талаботе, ки аз муносибатҳои дар қисми 3 моддаи 1188 ҳамин Кодекс зикргардида бармеояд.

### Моддаи 1188. Хусусиятҳои гузарондани бозии лотерея, тотализаторҳо ва бозиҳои дигар аз ҷониби давлат ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ё бо иҷозати онҳо

1. Муносибати байни давлат, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва шахсе, ки аз мақоми ваколатдори давлатӣ барои гузарондани бозии лотерея, тотализаторҳо (шартҳои байниҳамдигарӣ) ва бозиҳои дигари ба таваккал асосёфта бо иштирокдорони бозиҳо иҷозатнома ва ё дигар ҳуҷҷати иҷозатдиҳии бо қонун танзимшуда гирифтааст, ба шартнома асос меёбад. Чунин шартнома бо додани билети лотерея, расид ё ҳуҷҷати дигар ба расмият даровarda шуда, аз лаҳзаи аз ҷониби иштирокдор пардохтани арзиши билети лотерея ё шакли дигари пардохти маблағи бозӣ, басташуда эътироф мегардад.

2. Ба шахсе, ки мутобиқи шартҳои гузарондани бозии лотерея, тотализатор ё бозиҳои дигар ғолиб эътироф мегардад, ташкилкунандаи бозӣ бояд бурди дар шарти бозӣ пешбинишударо тибқи андоза, шакл (бо пул ё дар шакли асл) ва дар мӯҳлатҳои муайяншуда ва агар мӯҳлат зикр нагардида бошад, дар мӯҳлати на дертар аз даҳ рӯз аз лаҳзаи ҷамъбасти натиҷаи бозиҳо пардохт намояд.

3. Дар сурати аз ҷониби ташкилкунандаи бозӣ риоя накардани ӯҳдадориҳои дар қисми 2 моддаи мазкур зикргардида, иштирокдори дар бозии лотерея ё тотализатор ё бозии дигар бурд кардааст, ҳуқуқ дорад пардохти бурд, инчунин ҷуброни зиёни вобаста ба вайрон кардани шартнома аз ҷониби ташкилкунандаи бозӣ расондашударо талаб намояд.

## БОБИ 66. ӮҲДАДОРИҲО БИНОБАР РАСОНДАНИ ЗАРАР

## §1. Муқаррароти умумӣ

### Моддаи 1189. Асосҳои умумии ҷавобгарӣ барои расондани зарар

1. Зараре, ки бо амал (беамалӣ)-и ғайриқонунӣ ба шахс ё молу мулки шахси воқеӣ, шахси ҳуқуқӣ, давлат, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ расонда шудааст, бояд дар ҳаҷми пурра аз ҷониби шахсе, ки зарар расондааст, ҷуброн карда шавад.

2. Қонун метавонад ӯҳдадории ҷуброни зарарро ба зиммаи шахсе гузорад, ки зарар нарасондааст.

3. Мувофиқи қонун ё шартнома мумкин аст ҷавобгарии баландтари расонандаи зарар ё андозаи баландтари ҷуброни зарар муқаррар карда шавад.

4. Расонандаи зарар, агар исбот намояд, ки зарар бо гуноҳи он расонда нашудааст, аз ҷуброни зарар озод карда мешавад.

5. Қонун метавонад ҷуброни зарарро дар сурати гуноҳ надоштани расонандаи зарар низ пешбинӣ намояд.

6. Зарари бо амали қонунӣ расондашуда дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун бояд ҷуброн карда шавад.

### Моддаи 1190. Пешгирии расондани зарар

1. Хатари дар оянда расондани зарар барои пешниҳоди даъво ҷиҳати манъи амале, ки боиси расондани зарар мегардад, асос буда метавонад.

2. Агар зарари расондашуда аз оқибатҳои истифодаи корхона, иншоот ё фаъолияти истеҳсолии дигар ба миён омада бошад, ки зараррасониро идома медиҳад ё бо зарари нав таҳдид мекунад, суд ҳуқуқ дорад ҷавобгарро бар замми ҷуброни зарар, инчунин ба қатъи фаъолияти дахлдор уҳдадор созад.

3. Агар қатъ гардондани фаъолият хилофи манфиати омма бошад, суд метавонад даъворо вобаста ба фаъолияти дахлдор рад намояд. Радди қатъи чунин фаъолият ҷабрдидагонро аз ҳуқуқи ҷуброни зарари вобаста ба фаъолият расондашуда маҳрум намесозад.

### Моддаи 1191. Расондани зарар дар ҳолати мудофиаи зарурӣ

Зарари дар ҳолати мудофиаи зарурӣ расондашуда, агар дар ин маврид баромадан аз ҳадди мудофиа сурат нагирифта бошад, ҷуброн карда намешавад.

### Моддаи 1192. Расондани зарар дар ҳолати зарурати ниҳоӣ

1. Зарари дар ҳолати зарурати ниҳоӣ, яъне рафъи хатари ба худи расонандаи зарар ё дигар шахс таҳдидкунанда расондашуда, агар рафъи ин таҳдид дар ҳамин ҳолат бо воситаҳои дигар имконнопазир бошад, бояд аз ҷониби шахси расонандаи зарар ҷуброн карда шавад.

2. Бо назардошти ҳолате, ки вобаста ба он чунин зарар расонда шудааст, суд метавонад уҳдадории ҷуброни зарарро ба зиммаи шахси сеюм, ки ба манфиати он расонандаи зарар амал кардааст, гузорад ё ҳам расонандаи зарар ва ҳам шахси сеюмро пурра ё қисман аз ҷуброни зарар озод кунад.

### Моддаи 1193. Ҷавобгарии шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ барои зараре, ки корманди он расондааст

1. Шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ зарареро, ки корманди он ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ (хизматӣ, мансабӣ)-и худ расондааст, ҷуброн менамояд.

2. Вобаста ба муқаррароти ҳамин Кодекс оид ба уҳдадориҳо бинобар расондани зарар, кормандон шахсони воқеие эътироф карда мешаванд, ки корҳоро дар асоси шартномаи меҳнатӣ (қарордод), инчунин дар асоси шартномаи ҳуқуқии маданӣ ба ҷо меоранд, агар дар ин маврид онҳо тибқи супориш ё таҳти назорати шахси дахлдори ҳуқуқӣ, ё ин ки шахси воқеии барои пешбурди бехатари корҳо ҷавобгар амал кардаанд ё мебоист амал кунанд.

3. Ширкатҳои хоҷагидорӣ ва кооперативҳои тиҷоратӣ зарареро, ки иштирокдорон (узв)-и он ҳангоми аз ҷониби охирин анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ, истеҳсолӣ ё фаъолияти дигари ширкат ё кооператив расондаанд, ҷуброн менамоянд.

## Моддаи 1194. Ҷавобгарӣ барои зараре, ки мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ва шахсони мансабдори онҳо расондаанд

1. Зарари дар натиҷаи аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ва шахсони мансабдори онҳо қабул намудани санади ба қонунгузорӣ номувофиқ расондашуда, сарфи назар аз гуноҳи мақомот ё шахси мансабдор, ки санадро қабул кардаанд, бо риояи талаботи моддаи 15 ҳамин Кодекс ҷуброн карда мешавад.

2. Зараре, ки тавассути амал (беамалӣ)-и ғайриқонунии шахси мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии худидоракунӣ расонда шудааст, бо риояи талаботи моддаи 15 ҳамин Кодекс ҷуброн карда мешавад.

## Моддаи 1195. Мақомот ва шахсоне, ки ҳангоми ҷуброни зарар аз ном ва ҳисоби хазина амал мекунанд

Дар ҳолатҳое, ки мутобиқи ҳамин Кодекс, дигар қонунҳо ҷуброни зарар аз ҳисоби хазинаи ҷумҳурӣ ё хазинаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ анҷом дода мешавад, аз номи ин хазинаҳо мақомоти дахлдори молия амал мекунанд.

## Моддаи 1196. Ҷавобгарӣ барои зараре, ки бо амали ғайриқонунии мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ, прокуратура ва суд расонда шудааст

1. Зарари дар натиҷаи ғайриқонунӣ маҳкум намудан, ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, ғайриқонунӣ ба сифати чораи пешгирӣ истифода бурдани ба ҳабс гирифтан ё забонхат барои аз маҳалли истиқомат нарафтан, шиканҷа, муносибат ва ҷазои ғайриқонунии таҳқиркунандаи шаъну шараф ё эътибори корӣ, ғайриқонунӣ андешидани ҷазои маъмурӣ дар шакли ба ҳабс гирифтан ё маҳрум намудан аз ҳуқуқи махсус ба шахси воқеӣ расонда шуда, инчунин зараре, ки дар натиҷаи ғайриқонунӣ боздоштани амали иҷозатнома барои машғул шудан ба намуди муайяни фаъолият ё боздошти ғайриқонунии намуди муайяни фаъолияти шахси ҳуқуқӣ расонда шудааст, сарфи назар аз гуноҳи шахси мансабдори мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ, прокуратура ва суд аз ҳисоби давлат ба андозаи пурра ҷуброн карда мешавад.

2. Зарари ба шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ дар натиҷаи фаъолияти дигари ғайриқонунии мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ, прокуратура ва суд расондашуда, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, дар асосҳои умумӣ (моддаи 1194 ҳамин Кодекс) ҷуброн карда мешавад.

3. Зараре, ки дар натиҷаи баровардани санади ғайриқонунии судӣ расонда шудааст, дар ҳолате ҷуброн карда мешавад, ки агар гуноҳи судя тибқи ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд муқаррар гардида бошад.

### Моддаи 1197. Ҷуброни зарар аз ҷониби шахси ҷавобгарии худро суғуртанамуда

Шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки ҷавобгарии худро ихтиёрӣ ё суғуртаи ҳатмӣ кардааст, ҳангоми нокифоя будани маблағи суғурта, ҷиҳати пурра ҷуброн намудани хисорот фарқи байни маблағи суғурта ва андозаи воқеии зарарро пардохт менамояд.

### Моддаи 1198. Ҷавобгарӣ барои зараре, ки ноболиғони то чордаҳсола расондаанд

1. Барои зараре, ки ноболиғони то чордаҳсола (хурдсолон) расондаанд, падару модари онҳо (фарзандхондагон), васиён, агар исбот карда натавонанд, ки зарар бо гуноҳи онҳо расонда нашудааст, ҷавобгар мебошанд.

2. Агар хурдсоли муҳтоҷи васоят дар муассисаҳои дахлдори тарбиявӣ, табобатӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ё муассисаи дигари монанд, ки тибқи қонун васии ӯ ба ҳисоб меравад, қарор дошта бошад ва зарар расонад, ин муассиса агар исбот карда натавонад, ки зарар бо гуноҳи он расонда нашудааст, ухдадор аст зарари расондаи хурдсолро ҷуброн намояд.

3. Агар хурдсол ҳангоми таҳти назорати муассисаи таълимӣ, тарбиявӣ, табобатӣ ё муассисаи дигар қарор доштан, ки он барои назорати ӯ вазифадор аст, инчунин таҳти назорати шахси дар асоси шартнома назоратро анҷомдиҳанда будан зарар расонад, агар онҳо исбот карда натавонанд, ки зарар бо гуноҳи онҳо расонда нашудааст, барои ин зарар ҷавобгар мебошанд.

4. Агар падару модар (фарзандхондагон) ё васиён, инчунин шахсони дигари дар қисми 3 моддаи мазкур зикршуда вафот карда бошанд, барои ҷуброни зарари ба ҳаёт ё саломатии ҷабрдида расондашуда маблағи кофӣ надошта бошанд ва худи расонандаи зарар, ки дорои қобилияти пурраи амалкунӣ гардидааст ва чунин маблағ дорад, суд бо назардошти вазъи молумулкии ҷабрдида ва расонандаи зарар, инчунин ҳолатҳои дигар ҳуқуқ дорад дар бораи пурра ё қисман аз ҳисоби худи расонандаи зарар ҷуброн намудани зарар қарор қабул кунад.

5. Ухдадории падару модар (фарзандхондагон), васиён, муассисаҳои таълимӣ, тарбиявӣ, табобатӣ ё муассисаи дигар, ки барои зарари расондаи ноболиғони то чордаҳсола ҷавобгаранд, бо фаро расидани балоғати расонандаи зарар ё аз ҷониби ӯ ба даст овардани молу мулки барои ҷуброни зарар кофӣ қатъ намегардад.

### Моддаи 1199. Ҷавобгарӣ барои зараре, ки ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола расондаанд

1. Ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола барои зарари расондаашон мустақилона, бо асосҳои умумӣ ҷавобгар мебошанд.

2. Агар ноболиғи аз чордаҳ то ҳаждаҳсола барои ҷуброни зарар молу мулк ё манбаи дигари даромад надошта бошад, зарар бояд пурра ё дар қисми нокифояи он аз ҳисоби падару модар (фарзандхондагон)-и ӯ, ё парасторон, агар исбот карда натавонанд, ки зарар бо гуноҳи онҳо расонда нашудааст, ҷуброн карда шавад.

3. Агар ноболиғи аз чордаҳсола то ҳаждаҳсола, ки муҳтоҷи васоят мебошад, дар муассисаҳои дахлдори тарбиявӣ, табобатӣ ё ҳифзи иҷтимоӣ ё дигар муассисаи монанд қарор дошта бошад, ки тибқи қонун парастори ӯ ба шумор меравaнд, ин муассисаҳо, агар исбот карда натавонанд, ки зарар бо гуноҳи онҳо расонда нашудааст, уҳдадоранд пурра ё дар қисми нокифояи он зарарро ҷуброн намоянд.

4. Уҳдадории падару модар (фарзандхондагон), парасторон ва муассисаҳои дахлдор вобаста ба ҷуброни зарар баъди ба синни балоғат расидани расонандаи зарар ё баъди он, ки то ба синни балоғат расидан, дорои молу мулк ё дигар манбаи даромад мегардад, ки барои ҷуброни зарар кифоя мебошад ё то расидан ба синни балоғат дорои қобилияти амалкунӣ гардидааст, қатъ мегардад.

### Моддаи 1200. Ҷавобгарии падару модари аз ҳуқуқи падарумодарӣ маҳрумшуда барои зарари расондаи ноболиғон

Суд метавонад ба зиммаи падар ё модари аз ҳуқуқи падарумодарӣ маҳрумшуда ҷавобгарии ҷуброни зарарро, ки фарзандони ноболиғи онҳо дар ҷараёни се соли баъди аз ҳуқуқи падарумодарӣ маҳрум гардидани онҳо расондаанд, агар рафтори ноболиғе, ки боиси расондани зарар гардидааст, оқибати ба таври муносиб анҷом надодани уҳдадории тарбияи фарзанд аз ҷониби онҳо бошад, гузорад.

### Моддаи 1201. Ҷавобгарӣ барои зарари расондаи шахси воқеии ғайриқобили амал эътирофгардида

1. Зарари расондаи шахси воқеии ғайриқобили амал эътирофгардидаро (моддаи 30 ҳамин Кодекс) васӣ ё ташкилоте, ки уҳдадор аст назорати ӯро анҷом диҳад, ҷуброн менамояд, агар исбот карда натавонад, ки зарар бо гуноҳи он расонда нашудааст.

2. Уҳдадории васӣ ё ташкилоти ҷубронкунандаи зараре, ки аз ҷониби шахси воқеии ғайриқобили амал эътирофгардида расонда шудааст, инчунин дар ҳолати барқарор шудани қобилияти амалкунии ӯ низ қатъ намегардад.

3. Агар васӣ вафот карда бошад ё барои ҷуброни зарар маблағи кофӣ надошта бошад ва худи расонандаи зарар дорои чунин маблағ бошад, суд бо назардошти вазъи молумулкии ҷабрдида ё расонандаи зарар, инчунин ҳолатҳои дигар, ҳуқуқ дорад оид ба қисман ё пурра аз ҳисоби молу мулки худи расонандаи зарар ҷуброн намудани зарари ба ҳаёт ё саломатии ҷабрдида расондашуда қарор қабул кунад.

### Моддаи 1202. Ҷавобгарӣ барои зарари расондаи шахси воқеии дорои қобилияти маҳдуди амалкунӣ эътирофгардида

Зарари расондаи шахси воқеии дорои қобилияти маҳдуди амалкунӣ эътирофгардида, аз ҷониби худи расонандаи зарар тибқи асосҳои умумӣ ҷуброн карда мешавад.

### Моддаи 1203. Ҷавобгарӣ барои зарари расондаи шахси воқеӣ, ки аҳаммияти амалҳои худро дарк ё идора карда наметавонад

1. Шахси воқеии қобили амалкунӣ, инчунин ноболиғи аз чордаҳ то ҳаждаҳсола, агар дар ҳолате зарар расонда бошанд, ки аҳаммияти амали худро дарк ё идора карда наметавонистанд, барои зарари расондаашон ҷавобгар намебошанд.

2. Расонандаи зарар, агар худро ба чунин ҳолат дар натиҷаи истеъмоли машрубот, моводи нашъаовар, психотропӣ ё бо тарзи дигар расонда бошад, аз ҷавобгарӣ озод карда намешавад.

3. Агар зарар аз ҷониби шахсе расонда шуда бошад, ки дар натиҷаи бемории рӯҳӣ ё камақлӣ аҳаммияти амали худро дарк ё идора карда наметавонист, уҳдадории ҷуброни зарарро суд метавонад ба зиммаи шахси қобили меҳнати бо ӯ якҷоя зиндагикунанда: ҳамсар, падару модар, фарзандони болиғ, ки дар бораи чунин ҳолати расондани зарар огоҳ буданд, вале оид ба ғайриқобили амал эътироф шудан ва таъини васояти ӯ масъала нагузоштаанд, вогузорад.

### Моддаи 1204. Ҷавобгарӣ барои расондани зарар тавассути фаъолияте, ки барои атрофиён хатари зиёдро ба миён меоварад

1. Манбаи хатари зиёд қувваҳои физикӣ, физикию кимиёвӣ, кимиёвӣ ва биологӣ ҳисобида мешаванд, ки субъектҳои ҳуқуқи маданӣ дар асоси ҳуқуқи ба онҳо тааллуқдоштаи моликият, пешбурди хоҷагӣ ва идораи оперативӣ ё бо асосҳои дигари иҷозатдода (шартнома, қонун, санадҳои маъмурӣ ва ғайра), ки барои атрофиён хатари зиёд доранд, истифода мебаранд.

2. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки фаъолияти онҳо бо хатари зиёд барои атрофиён алоқаманд мебошад (ташкилотҳои нақлиётӣ, корхонаҳои саноатӣ, сохтмон, соҳибони воситаҳои нақлиёт ва ғайра), агар исбот карда натавонанд, ки зарар дар натиҷаи неруи рафънопазир ё қасди ҷабрдида рух додааст, уҳдадоранд зарари тавассути манбаи хатари зиёд расондашударо ҷуброн намоянд. Уҳдадории ҷуброни зарар ба шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ вогузошта мешавад, ки манбаи мазкурро дар асоси ҳуқуқи моликият, ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ ё ҳуқуқи идораи оперативӣ ё тибқи ҳама гуна асосҳои қонунӣ (шартномаи иҷораи молу мулк, ваколатномаи ҳуқуқи идоракунии воситаи нақлиёт, амри мақомоти ваколатдор оид ба додани манбаъ ва ғайра) соҳибӣ менамоянд.

3. Соҳибони манбаъҳои хатари зиёд барои зарари дар натиҷаи амали мутақобилаи манбаъҳо (бархӯрди воситаҳои нақлиёт ва ғайра) ба шахси сеюм

расондашуда тибқи асосҳои пешбининамудаи қисми 2 моддаи мазкур ҷавобгарии муштарак доранд.

4. Зарари дар натиҷаи амали мутақобилаи манбаъҳои хатари зиёд ба соҳибони он расондашуда тибқи асосҳои умумӣ ҷуброн карда мешавад (моддаи 1189 ҳамин Кодекс). Ҳамзамон зарари бо гуноҳи як тараф расондашуда дар ҳаҷми пурра аз ҷониби ҳамин тараф ҷуброн карда мешавад, зарари бо гуноҳи ҳар ду тараф ё якчанд тараф расондашуда мутаносибан ба гуноҳи ҳар кадоме аз онҳо ҷуброн карда мешавад. Ҳангоми имконнопазирии муқаррар намудани андозаи гуноҳи ҳар кадоме аз тарафҳо ҷавобгарӣ байни онҳо баробар тақсим карда мешавад. Ҳангоми мавҷуд набудани гуноҳи тарафҳо дар зараррасонӣ ҳеҷ яке аз онҳо ҳуқуқ надоранд ҷуброни зарарро талаб намоянд. Ҳар яке аз тарафҳо дар чунин ҳолат таваккали зарари расондашударо ба уҳда дорад.

5. Соҳиби манбаи дорои хатари зиёд барои зараре, ки ин манбаъ расондааст, агар исбот карда тавонад, ки манбаъ дар натиҷаи амали ғайриқонунии шахси сеюм аз ихтиёри он баромадааст, ҷавобгар намебошад. Дар чунин ҳолат ҷавобгарӣ барои зарари расондаи манбаи дорои хатари зиёд ба зиммаи шахсе вогузошта мешавад, ки ғайриқонунӣ манбаи дорои хатари зиёдро тасарруф намудааст. Ҳангоми дар ғайриқонунӣ тасарруф намудани манбаи дорои хатари зиёд мавҷуд будани гуноҳи соҳиби он, ҷавобгарӣ ба зиммаи соҳиби манбаъ ва шахси манбаъро ғайриқонунӣ тасарруфнамуда вогузошта мешавад.

### Моддаи 1205. Ҷавобгарӣ барои якҷоя расондани зарар

1. Шахсони якҷоя зараррасонда дар назди ҷабрдида ҷавобгарии муштарак доранд.

2. Тибқи аризаи ҷабрдида ва ба манфиати он, суд метавонад ба зиммаи шахсоне, ки якҷоя зарар расондаанд, ҷавобгарии ҳиссавӣ гузорад.

### Моддаи 1206. Ҳуқуқи даъвои акс ба шахсе, ки зарар расондааст

1. Шахсе, ки зарари расондаи шахси дигарро ҷуброн намудааст (зарари расондаи корманд ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ (хизматӣ, мансабӣ), шахсе, ки воситаи нақлиётро идора менамуд ва ғайра) ҳуқуқ дорад нисбат ба ҳамин шахс ба андозаи пули ҷуброни пардохтшуда, агар дар қонун андозаи дигар пешбинӣ нагардида бошад, талаботи акс пешниҳод намояд.

2. Расонандаи зарар, ки зарари якҷоя расондашударо ҷуброн намудааст, ҳуқуқ дорад аз ҳар як расонандаи зарар пардохти ҳиссаи ба ҷабрдида пардохтшударо дар ҳаҷме, ки ба андозаи гуноҳи ба ҳамин расонандаи зарар муносиб мебошад, талаб намояд. Ҳангоми имконнопазирии муайян кардани дараҷаи гуноҳ ҳиссаҳо баробар эътироф карда мешаванд.

3. Давлат, агар зарари расондаи шахси мансабдори мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ, прокуратура ва судро (қисми 1 моддаи 1196 ҳамин Кодекс) ҷуброн намуда бошад, дар ҳолатҳои бо ҳукми эътибори қонунӣ

пайдокардаи суд муқаррар гардидани гуноҳи онҳо, ҳуқуқ дорад нисбат ба чунин шахс даъвои акс пешниҳод кунад.

4. Мақомоти давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, ки зарари ба ҷабрдида расондаро ҷуброн кардаанд, ҳуқуқи даъвои акс ба ҷавобгари зараррасондаро дорад.

5. Шахсе, ки зарарро бо асосҳои дар моддаҳои 1198-1201 боби мазкур зикргардида ҷуброн намудааст, ҳуқуқ надорад нисбат ба шахси расонандаи зарар талаботи акс пешниҳод намояд.

## Моддаи 1207. Ҳаҷм ва андозаи зарари ҷуброншаванда

1. Ҳаҷми зарар баробари андозаи зарари расондашударо, ки ба камшавии ҳолати молумулкии ҷабрдида вобаста аст, дар бар мегирад.

2. Андозаи зарари ҷуброншаванда миқдори муайяни товонест, ки ҷабрдида онро талаб менамояд.

## Моддаи 1208. Тарзҳои ҷуброни зарари молумулкӣ

Суд масъалаи ҷуброни зарарро ҳал карда, мутобиқи ҳолатҳои парванда шахси барои расондани зарар ҷавобгарро уҳдадор менамояд, ки зарари расондашударо пурра ҷуброн намояд (қисми 2 моддаи 14 ҳамин Кодекс) ё онро дар шакли асл баргардонад (ашёи ҳамон навъ ва дорои ҳамон сифатро пешниҳод кунад, ашёи зарардидаро ислоҳ намояд ва ғайра).

## Моддаи 1209. Баҳисобгирии гуноҳи ҷабрдида ва вазъи молумулкии шахси зараррасонда

1. Зараре, ки дар натиҷаи қасди ҷабрдида расонда шудааст, ҷуброн карда намешавад.

2. Агар беэҳтиётии дағалонаи худи ҷабрдида боиси ба миён омадан ё афзоиши зарар гардида бошад, дар чунин ҳолат вобаста ба дараҷаи гуноҳи ҷабрдида ё расонандаи зарар андозаи ҷуброн кам карда мешавад.

3. Ҳангоми беэҳтиётии дағалонаи ҷабрдида ва мавҷуд набудани гуноҳи расонандаи зарар дар ҳолатҳое, ки ҷавобгарии он, сарфи назар аз гуноҳ фаро мерасад, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, бояд андозаи ҷуброн кам ё ҷуброни зарар рад карда шавад. Ҳангоми расондани зарар ба ҳаёт ва саломатии шахси воқеӣ радди ҷуброни зарар иҷозат дода намешавад.

4. Гуноҳи ҷабрдида ҳангоми ҷуброни хароҷоти иловагӣ (қисми 1 моддаи 1211 ҳамин Кодекс), ҳангоми ҷуброни зарар вобаста ба вафоти саробон (моддаи 1214 ҳамин Кодекс), инчунин ҳангоми ҷуброни хароҷоти маросими дафн (моддаи 1220 ҳамин Кодекс) ба инобат гирифта намешавад.

5. Суд метавонад ҷуброни зарари аз ҷониби шахси воқеӣ расондашударо, ба истиснои ҳолатҳое, ки зарар вобаста ба амали бадқасдона расонда шудааст, бо назардошти вазъи молумулкии ӯ кам кунад.

## §2. Ҷуброни зараре, ки ба ҳаёт ва саломатии шахси воқеӣ расонда шудааст

### Моддаи 1210. Ҷуброни зараре, ки ба ҳаёт ё саломатии шахси воқеӣ ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои шартномавӣ ё ӯҳдадориҳои дигар расонда шудааст

Зарари ба ҳаёт ё саломатии шахси воқеӣ ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои шартномавӣ, инчунин ӯҳдадориҳои хизмати ҳарбӣ, хизмат дар мақомоти корҳои дохилӣ ва ӯҳдадориҳои дахлдори дигар расондашуда, агар дар қонунгузорӣ ё шартнома андозаи баландтари ҷавобгарӣ пешбинӣ нагардида бошад, мутобиқи қоидаҳои пешбининамудаи боби мазкур ҷуброн карда мешавад.

### Моддаи 1211. Андоза ва хусусияти ҷуброни зараре, ки ба саломатӣ осеб расондааст

1. Ҳангоми осеб расондан ба шахси воқеӣ ё зарари дигар ба саломатии ӯ бояд музди меҳнат (даромад)-е, ки ӯ дошт ё баръало гирифта метавонист, инчунин хароҷоти вобаста ба осеб дидани саломатӣ (барои муолиҷа, хӯроки иловагӣ, истеъмоли доруворӣ, протезкунонӣ, нигоҳубини шахси дигар, муолиҷаи санитарию курортӣ, ба даст овардани воситаҳои махсуси нақлиёт, омодагӣ ба омӯхтани касби нав ва ғайра), агар эътироф гардида бошад, ки ҷабрдида ба чунин намуди кумак ва нигоҳубин муҳтоҷ аст ва барои гирифтани кумаки ройгон ҳуқуқ надорад, ҷуброн карда мешавад.

2. Ҳангоми муайян кардани музди меҳнат (даромад)-и аздастрафта нафақаи маъюбӣ, ки ба ҷабрдида вобаста ба осеб ё зарари дигари ба саломатии ӯ расондашуда таъин гардидааст, ҳамчунин дигар намуди нафақаҳо, кумакҳои пулӣ ва намуди дигари пардохт, ки то расондани осеб ба саломатӣ ва ҳам баъди он ки барои ҷуброни зарар таъин гардидаанд, ба ҳисоб гирифта намешавад. Ба ҳисоби ҷуброни зарар, инчунин музди меҳнате, ки ҷабрдида баъди расондани зарар ба саломатӣ мегирад, дохил карда намешавад.

3. Қонун ё шартнома метавонад мутобиқи моддаи мазкур андоза ва ҳаҷми бештари ҷуброни зарари ба ҷабрдида тааллуқдоштаро муайян кунад.

### Моддаи 1212. Муайян кардани музди меҳнат (даромад), ки дар натиҷаи ба саломатӣ расондани зарар аз даст рафтааст

1. Андозаи музди меҳнат (даромад)-и дар натиҷаи ба саломатӣ расондани зарар аздастрафта бо фоиз нисбат ба музди миёнаи меҳнат то бардоштани осеб ё зарари дигар ба саломатӣ ё то гум кардани қобилияти меҳнатӣ, дараҷаи дахлдори гум кардани қобилияти кории касбӣ ва дар сурати мавҷуд набудани он, коршоямии умумӣ муайян карда мешавад.

2. Ба таркиби музди меҳнати аздастрафта ҳама намуди даромад вобаста ба шартномаҳои меҳнатӣ ва шартномаи ҳуқуқи маданӣ, чӣ дар ҷойи кори асосӣ ва чӣ дар якчанд ҷойи кор, ки тахти андозбандӣ қарор мегирад, дохил мешаванд. Пардохтҳои дорои хусусияти якдафъаина (ҷуброни пулӣ барои

истифода набурдани рухсатӣ, кумаки пулӣ ҳангоми рафтан аз кор ва ғайра) ба таркиби музди меҳнати аздастрафта ба ҳисоб гирифта намешаванд. Дар давраи корношоямии муваққатӣ ва рухсатии вобаста ба ҳомиладорӣ ва таваллуд кумаки пулии пардохтшуда ба инобат гирифта мешавад. Даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин ҳаққи қалам ба таркиби музди меҳнати аздастрафта ба ҳисоб гирифта шуда, ҳамзамон даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси маълумотномаи мақомоти андоз ба он дохил карда мешавад.

3. Ҳама намудҳои музд (даромад) ба андозае ба ҳисоб гирифта мешавад, ки то нигаҳдории андоз аз он ҳисоб карда шудааст.

4. Музди миёнаи меҳнат бо тарзи ба дувоздаҳ тақсим кардани ҳамаи маблағи музди меҳнати дувоздаҳ моҳи кор, ки то ба саломатӣ расондани зарар гузаштааст, ҳисобу китоб карда мешавад. Дар сурате, ки агар ҷабрдида дар лаҳзаи расондани зарар ба саломатӣ камтар аз дувоздаҳ моҳ кор карда бошад, музди миёнаи меҳнат бо тарзи тақсими маблағи умумии музди меҳнати моҳҳои воқеии кор, ки то расондани зарар ба саломатӣ гузаштааст, ба маҷмуи ин моҳҳо ҳисобу китоб карда мешавад.

5. Дар ҳолатҳои дар лаҳзаи расондани зарар кор накардани ҷабрдида, бо хоҳиши ӯ музди меҳнати то озодшавӣ аз кор ё андозаи одии подоши пулии корманди дорои тахассуси ӯ дар ҳамин ҷой, вале на камтар аз андозаи даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба ҳисоб гирифта мешавад.

6. Агар дар музди меҳнати ҷабрдида то ба саломатии ӯ расондани осеб ё зарари дигар тағйироти устуворе рух дода бошанд, ки ҳолати молумулкии ӯро беҳтар мегардонанд (вобаста ба мансаби хизматӣ музди меҳнат баланд шуда бошад, ба кори нисбатан сердаромад гузаронда шуда бошад, баъди хатми шуъбаи рӯзонаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи махсус ба кор қабул гардида бошад), инчунин дар ҳолатҳои дигаре, ки устувории тағйирот исбот карда мешавад, ҳангоми муайян намудани музди миёнаи меҳнат танҳо музд (даромад)-е, ки ӯ гирифтааст ё пас аз тағйироти дахлдор мебоист гирад, ба ҳисоб гирифта мешавад.

### Моддаи 1213. Ҷуброни зарар ҳангоми расондани осеб ба саломатии шахси ба балоғат нарасида

1. Дар сурати расондани осеб ё ба таври дигар расондани зарар ба саломатии ноболиғ, ки ба чордаҳсолагӣ нарасидааст ва музди меҳнат надорад, шахси барои расондани зарар гунаҳкор уҳдадор аст хароҷоти вобаста ба зарар дидани саломатиро ҷуброн намояд.

2. Ҳангоми ба чордаҳсолагӣ расидани ҷабрдида, инчунин ҳангоми расондани зарар ба ноболиғи аз чордаҳ то ҳаждаҳсола, ки музди меҳнат (даромад) надорад, шахси барои расондани зарар ҷавобгар уҳдадор аст ба ҷабрдида ба ғайр аз хароҷоти вобаста ба зарари ба саломатӣ расондашуда, инчунин зарари вобаста ба гум кардани қобилияти меҳнатӣ ё кам гардидани онро, бо назардошти андозаи даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ҷуброн намоянд.

3. Агар то лаҳзаи расондани зарар ба саломатӣ ҷабрдида дорои музди меҳнат бошад, дар ин сурат зарар бо назардошти андозаи ин маблағ, вале на камтар аз бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ҷуброн карда мешавад.

4. Баъди оғози фаъолияти меҳнатӣ ҷабрдида ҳуқуқ дорад бо назардошти маоши гирифтааш, вале на камтар аз музди меҳнате, ки тибқи мансаби ишғолнамудааш муқаррар гардидааст, ё баробар ба музди меҳнати корманди дорои ҳамин дараҷаи тахассуси ҷойи кораш, афзоиши ҷуброни зарарро талаб намояд.

## Моддаи 1214. Ҷуброни зарари вобаста ба марги шахси воқеӣ расондашуда

1. Ҳангоми вафот намудани шахси воқеӣ шахси ғайриқобили меҳнати таҳти таъмини шахси вафоткарда қарордошта ё то рӯзи марги ӯ ба гирифтани таъминоти ӯ ҳуқуқдошта, фарзанди шахси вафоткарда, ки пас аз марги ӯ ба дунё омадааст, инчунин яке аз падар ё модар, ҳамсар ё дигар аъзои оила, сарфи назар аз қобилияти меҳнатӣ, ки кор намекунад ва фарзандон, наберагон, бародарон ва хоҳарони шахси вафоткардаро, ки ба чордаҳсолагӣ нарасидаанд ё ҳарчанд ба синну соли зикршуда расида бошанд ҳам ва тибқи хулосаи мақомоти тиббӣ вобаста ба саломатӣ мухҳтоҷи нигоҳубини дигаронанд, нигоҳубин менамояд, ба ҷуброни зарар ҳуқуқ доранд.

2. Ҳуқуқи ҷуброни зарарро инчунин шахсоне, ки таҳти таъминоти шахси воқеии вафоткарда буда, дар давоми панҷ соли баъди вафоти ӯ ғайриқобили меҳнат гардидаанд, доро мебошанд.

3. Яке аз падар ё модар, ҳамсар ё аъзои дигари оила, ки кор намекунад ва фарзандон, наберагон, бародару хоҳарони шахси вафоткардаро, ки дар қисми 1 моддаи мазкур зикр гардидаанд, нигаҳбонӣ менамояд ва дар давраи нигоҳубин ғайриқобили меҳнат гардидааст, баъди иҷрои нигоҳубини ин шахс, ҳуқуқи ҷуброни зарарро нигоҳ медорад.

4. Зарар чунин ҷуброн карда мешавад:

- ба ноболиғон - то расидан ба ҳаждаҳсолагӣ;

- ба хонандагони ҳаждаҳсола ва болотар аз он - то хатми таҳсил дар муассисаҳои таълимии рӯзона, вале на бештар аз бисту сесолагӣ;

- ба занони аз синни панҷоҳу ҳашт боло ва мардони аз шасту сесола боло - якумра;

- ба маъюбон - ба муҳлати маъюбӣ;

- ба яке аз падару модар, ҳамсар ё дигар аъзои оила, ки ба нигоҳубини фарзандон, наберагон, хоҳару бародарони таҳти таъмини шахси вафоткарда қарордошта машғул аст - то ба чордаҳсолагӣ расидани онҳо ё тағйир ёфтани вазъи саломатӣ.

## Моддаи 1215. Андозаи ҷуброни зарари дар натиҷаи марги шахси воқеӣ расондашуда

1. Ба шахсе, ки вобаста ба марги шахси воқеӣ ба ҷуброни зарар ҳуқуқ дорад, зарар ба андозаи ҳамон қисми музди меҳнати шахси вафоткарда ҷуброн карда мешавад, ки мувофиқи қоидаҳои моддаи 1212 ҳамин Кодекс ба ҳисоб гирифта шудааст ва онҳо онро ҳангоми дар ҳаёт будани ӯ барои таъминоти худ мегирифтанд ё ҳуқуқи гирифтани онро доштанд. Ҳангоми ба ин шахс муайян намудани ҷуброни зарар ба таркиби даромади шахси вафоткарда ҳамзамон бо музди меҳнат инчунин нафақаи ҳангоми дар қайди ҳаёт мегирифтааш, таъминоти якумрӣ ва чунин пардохтҳо дохил карда мешаванд.

2. Ҳангоми муайян кардани андозаи ҷуброни зарар нафақае, ки ба шахс вобаста ба марги саробон муқаррар шудааст, инчунин намуди дигари нафақаҳои то марги саробон ё пас аз марги ӯ таъингардида, инчунин музди меҳнат ва стипендия ба маблағи ҷуброн ба ҳисоб гирифта намешавад.

3. Маблағи ҷуброни вобаста ба марги саробон, ки ба ҳар як шахси барои ҷуброни зарар хуқуқдошта ба ҳисоб гирифта шудааст, ба истиснои ҳолатҳои зерин аз нав ҳисобу китоб карда намешавад:

- баъди марги саробон таваллуд шудани тифл;

- таъин (қатъ)-и пардохти ҷуброн ба шахсе, ки ба нигоҳубини фарзандон, наберагон, бародарон ва хоҳарони саробони вафоткарда машғуланд.

4. Тибқи қонун ё шартнома ҳаҷм ва андозаи ҷуброн мумкин аст зиёд карда шавад.

## Моддаи 1216. Тағйир додани андозаи ҷуброни зарар

1. Ҷабрдидае, ки қисман қобилияти меҳнатиро гум кардааст, хуқуқ дорад дар ҳар лаҳза аз шахси ба зиммааш уҳдадории ҷуброни зарар вогузошташуда, агар қобилияти меҳнатии ӯ вобаста ба расондани зарар ба саломатӣ нисбат ба оне, ки ӯ дар лаҳзаи таъйини ҷуброни пулӣ дошт, камтар гардида бошад, дар ҳаҷми дахлдор баланд кардани андозаи ҷубронро талаб намояд.

2. Шахсоне, ки вобаста ба расондани зарар ба саломатии ҷабрдида ба зиммаашон уҳдадории ҷуброни зарар вогузошта шудааст, агар қобилияти меҳнатии ҷабрдида нисбат ба оне, ки ӯ дар лаҳзаи таъини ҷуброни пулӣ барои зарар дошт, баландтар гардида бошад, ҳуқуқ доранд ба таври дахлдор кам кардани андозаи ҷубронро талаб намоянд.

3. Агар вазъи молумулкии шахси ба зиммааш уҳдадории ҷуброни зарар вогузошташуда беҳтар шуда бошад, вале ҷуброни пулӣ мутобиқи қисми 5 моддаи 1209 ҳамин Кодекс кам карда шуда бошад, ҷабрдида ҳуқуқ дорад баланд кардани андозаи ҷуброни зарарро талаб намояд.

4. Суд метавонад бо талаби шахси воқеии зараррасонда, агар вазъи молумулкии ӯ дар натиҷаи маъюбӣ ё расидан ба синни нафақа нисбат ба оне, ки дар лаҳзаи ҷуброни зарар дошт, бадтар гардида бошад (қисми 5 моддаи 1209 ҳамин Кодекс), андозаи ҷуброни зарарро камтар кунад.

## Моддаи 1217. Зиёд кардани андозаи ҷуброни зарар вобаста ба боло рафтани арзиши зиндагӣ ва афзудани нишондиҳанда барои ҳисобҳо

Маблағи ҷуброни зараре, ки шахси воқеӣ вобаста ба расондани зарар ба саломатӣ ё марги ҷабрдида пардохт менамояд, ҳангоми боло рафтани арзиши зиндагӣ ва бо тартиби муқарраркардаи қонун тағйир ёфтани ҳадди ақалли зиндагӣ ё баланд бардоштани нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ё андозаи маоши ҳадди ақал (моддаи 367 ҳамин Кодекс) меафзояд.

### Моддаи 1218. Пардохтҳо оид ба ҷуброни зарар

1. Ҷуброни зарари вобаста ба паст гардидани қобилияти меҳнатӣ ё марги ҷабрдида ҳар моҳ амалӣ карда мешавад.

2. Ҳангоми мавҷуд будани сабабҳои асоснок, суд бо назардошти имконияти расонандаи зарар метавонад бо талаби шахси воқеии ба ҷуброни зарар ҳуқуқдошта дар бораи якдафъаина анҷом додани ҳамаи пардохтҳо, вале на барои зиёда аз се сол, қарор барорад.

3. Ҷуброни хароҷоти иловагӣ метавонад дар доираи мӯҳлатҳои дар асоси хулоса (экспертиза)-и тиббӣ муқarраргардида, инчунин ҳангоми зарурати пардохти пешакии арзиши хизматрасонӣ ва молу мулк (ба даст овардани роҳхати истироҳатгоҳ, роҳкиро, пардохти воситаҳои нақлиёти махсус ва ғайра) барои мӯҳлати оянда сурат гирад.

4. Дар ҳолатҳое, ки ҷабрдида мутобиқи қонун ҳуқуқ дорад қатъ ё иҷрои пеш аз мӯҳлати ӯҳдадориҳоро талаб намояд, чунин талаб бо роҳи ба сармоя табдил додани пардохтҳои дахлдори вақтбайъ, қонеъ гардонда мешавад.

### Моддаи 1219. Ҷуброни зарар дар сурати қатъи фаъолияти шахси ҳуқуқӣ

1. Дар сурати азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ, ки бо тартиби муқарраргардида барои зарари ба ҳаёт ва саломатӣ расондашуда ҷавобгар эътироф шудааст, ӯҳдадории вобаста ба пардохтҳои дахлдор ба зиммаи ворисӣ ҳуқуқии он гузошта мешавад. Талабот дар мавриди ҷуброни зарар низ ба он пешниҳод карда мешаванд.

2. Дар сурати барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ, ки бо тартиби муқарраргардида барои зарари ба ҳаёт ва саломатӣ расондашуда ҷавобгар эътироф шудааст, пардохтҳои дахлдор барои ҷабрдида бояд тибқи қонунгузорӣ ба сармоя табдил дода шаванд.

3. Дар ҳолате, ки агар ба сармоя табдил додани пардохт аз сабаби мавҷуд набудан ё нокифоя будани молу мулки шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда ғайриимкон бошад, маблағҳои таъингардида аз ҷониби давлат тибқи қонун пардохт карда мешавад.

### Моддаи 1220. Пардохти хароҷот барои дафн

1. Шахси барои зарари вобаста ба марги ҷабрдида ҷавобгар ӯҳдадор аст хароҷоти зарурии барои дафн масрафнамудаи шахсеро, ки ин хароҷотро анҷом додааст, пардохт намояд.

2. Кумаки пулӣ барои дафн, ки шахси воқеии ин хароҷотро масрафнамуда гирифтааст, ба ҳисоби пардохти зарар дохил карда намешавад.

## §3. Ҷуброни зарари вобаста ба камбудиҳои мол, кор ва хизматрасонӣ расондашуда

### Моддаи 1221. Асосҳои ҷуброни зарари вобаста ба камбудиҳои мол, кор ва хизматрасонӣ расондашуда

1. Зараре, ки ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки шахси воқеӣ ё молу мулки шахси ҳуқуқӣ вобаста ба камбудиҳои конструктивӣ, ретсептурӣ ё дигар норасоии мол (кор, хизматрасонӣ), инчунин дар натиҷаи паҳн намудани иттилооти беэътимод ё нопурра оид ба мол расонда шудааст, бояд аз ҷониби фурӯшанда ё истеҳсолкунанда (иҷрокунанда), сарфи назар аз гуноҳи онҳо ва он ки ҷабрдида бо он муносибатҳои шартномавӣ дошт ё надошт, ҷуброн карда шавад.

2. Қоидаҳои мазкур танҳо дар ҳолатҳои ба даст овардани мол бо мақсадҳои истеъмолӣ татбиқ мешаванд.

### Моддаи 1222. Шахсоне, ки барои зарари вобаста ба камбудиҳои мол, кор ва хизматрасонӣ расондашуда ҷавобгаранд

1. Зарари вобаста ба камбудиҳои мол расондашуда бо интихоби ҷабрдида аз ҷониби фурӯшанда ё истеҳсолкунанда ҷуброн карда мешавад.

2. Зарари вобаста ба камбудиҳои кор ва хизматрасонӣ расондашуда аз ҷониби иҷрокунанда ҷуброн карда мешавад.

3. Зарари дар натиҷаи пешниҳод накардани иттилооти боэътимод ва саҳеҳ оид ба хосият ва қоидаҳои истифодаи мол расондашуда, бояд мутобиқи қоидаҳои қисмҳои 1 ва 2 моддаи мазкур ҷуброн карда шавад.

### Моддаи 1223. Муҳлатҳои ҷуброни зарари дар натиҷаи камбудиҳои мол, кор ва хизматрасонӣ расондашуда

1. Зарари вобаста ба камбудиҳои мол (кор ва хизматрасонӣ), агар он дар давоми муҳлати муқарраршудаи коршоямӣ (хизмат)-и мол (кор ва хизматрасонӣ) расонда шуда бошад, ҷуброн карда мешавад ва агар ин муҳлат муқаррар нагардида бошад, дар давоми даҳ сол аз рӯзи истеҳсоли мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ) бояд ҷуброн карда шавад.

2. Берун аз доираи муҳлати муқарраргардида зарар бояд дар ҳолатҳои зерин ҷуброн карда шавад:

- агар хилофи талаботи қонун муҳлати коршоямӣ (хизматӣ) муқаррар нагардида бошад;

- агар истеъмолкунанда дар мавриди баъди гузаштани муҳлати коршоямӣ (хизматӣ) анҷом додани амалҳои зарурӣ ва оқибатҳои имконпазир ҳангоми иҷро накардани амалҳои зикршуда огоҳ карда нашуда бошад.

### Моддаи 1224. Асосҳои озод намудан аз ҷавобгарӣ барои зарари вобаста ба камбудиҳои мол, кор ва хизматрасонӣ расондашуда

Фурӯшанда ё истеҳсолкунандаи мол, иҷрокунандаи кор (хизматрасонӣ) танҳо дар ҳолати исботи он ки зарар дар натиҷаи таъсири неруи рафънопазир ё аз ҷониби истеъмолкунанда вайрон кардани қоидаҳои истифода ё нигаҳдории мол рух додааст, аз ҷавобгарӣ озод карда мешаванд.

## §4. Товони зарари маънавӣ

### Моддаи 1225. Товони зарари маънавӣ

1. Зарари маънавӣ, ба истисноии ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 2 моддаи мазкур, дар ҳолати мавҷуд будани гуноҳи расонандаи зарар, аз ҷониби он товон карда мешавад.

2. Зарари маънавӣ, сарфи назар аз гуноҳи расонандаи зарар, дар ҳолатҳои зерин товон карда мешавад:

- агар зарар ба ҳаёт ва саломатии шахси воқеӣ аз манбаи хатари зиёд расида бошад;

- агар зарар ба шахси воқеӣ дар натиҷаи ғайриқонунӣ маҳкум кардан, ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, ба сифати чораҳои пешгирӣ ғайриқонунӣ истифода бурдани ба ҳабс гирифтан ё забонхат барои аз маҳалли иқомат нарафтан, ғайриқонунӣ таъин кардани ҷазои маъмурӣ дар шакли ҳабс ё корҳои ислоҳи меҳнатӣ расонда шуда бошад;

- агар зарар дар натиҷаи паҳн кардани иттилооте, ки шаъну шараф ва эътибори кориро паст мезанад, расонда шуда бошад;

- инчунин дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун.

3. Зарари маънавӣ, ки дар натиҷаи амал (беамалӣ)-и вайронкунандаи ҳуқуқи молумулкии шахсони воқеӣ расонда шудааст, ба истисноии ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, товон карда намешавад.

### Моддаи 1226. Андозаи товони зарари маънавӣ

1. Зарари маънавӣ дар шакли пулӣ товон карда мешавад.

2. Андозаи товони зарари маънавӣ вобаста ба хусусияти ба ҷабрдида расондани азоби руҳӣ ё ҷисмонӣ, инчунин дараҷаи гуноҳи расонандаи зарар дар ҳолатҳое, ки агар гуноҳ асоси товон бошад, аз ҷониби суд муайян карда мешавад. Ҳангоми муайян кардани андозаи товони зарар бояд талаботи оқилона ва одилона ба инобат гирифта шаванд.

3. Хусусиятҳои азоби руҳӣ ё ҷисмонӣ аз ҷониби суд бо назардошти ҳолатҳои воқеӣ, ки дар натиҷаи он зарари маънавӣ расонда шудааст ва ҳолатҳои инфиродии ҷабрдида баҳо дода мешавад.

4. Зарари маънавӣ, новобаста ба ҷуброни зарари молумулкии ситонидашаванда, товон карда мешавад.

## БОБИ 67. УҲДАДОРИҲО ДАР НАТИҶАИ ДОРОШАВИИ БЕАСОС

### Моддаи 1227. Уҳдадории баргардондани дорошавии беасос

1. Шахсе, ки бе асосҳои муқаррарнамудаи қонун ё аҳд аз ҳисоби шахси дигар (ҷабрдида) молу мулк ба даст овардааст ё нигоҳ доштааст, ба истисноі ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 1234 ҳамин Кодекс, уҳдадор аст ба ҷабрдида молу мулки беасос бадастоварда ё нигоҳдоштааш (дорошавии беасос)-ро баргардонад.

2. Уҳдадориҳои муқаррарнамудаи қисми 1 моддаи мазкур инчунин ҳангоми минбаъд аз байн рафтани асосҳое, ки тибқи онҳо молу мулк ба даст оварда ё нигоҳ дошта шудааст, ба миён меояд.

3. Қоидаҳои боби мазкур, новобаста ба он, ки дорошавии беасос натиҷаи рафтори бадастоварандаи молу мулк, худи ҷабрдида ё шахси сеюм ва ё оқибати ҳодисаҳо мебошад, татбиқ карда мешаванд.

## Моддаи 1228. Таносуби талабот дар бораи баргардондани дорошавии беасос бо талаботи дигар оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ

Азбаски дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нагардидааст ва аз моҳияти муносибатҳои дахлдор барнамеояд, қоидаҳои боби мазкур инчунин бояд нисбат ба талаботи зерин татбиқ гарданд:

- дар бораи баргардондани иҷро аз рӯйи аҳди беэътибор;

- дар бораи аз ҷониби молик талаб карда гирифтани молу мулк аз соҳибии ғайриқонунӣ;

- талаботи як тарафи уҳдадорӣ нисбат ба тарафи дигар дар мавриди баргардондани иҷрои вобаста ба ҳамин уҳдадорӣ;

- дар бораи ҷуброни зарар, аз ҷумла ҷуброне, ки тавассути рафтори бевиҷдононаи шахси дорогардида расонда шудааст.

## Моддаи 1229. Баргардондани дорошавии беасос дар шакли асл

1. Молу мулке, ки дорошавии беасоси бадастоварандаро ташкил медиҳад, бояд дар шакли асл ба ҷабрдида баргардонда шавад.

2. Бадастоваранда пас аз он ки дар бораи беасос ба даст овардан ё нигоҳ доштани молу мулкро фаҳмид ё мебоист фаҳмад, дар назди ҷабрдида барои ҳама гуна камомад ё камбудӣ ва ё фарсуда шудани ин молу мулк (аз ҷумла тасодуфӣ) ҷавобгар мебошад. То ин лаҳза он танҳо барои қасд ё беэҳтиётии дағалона ҷавобгар мебошад.

## Моддаи 1230. Ҷуброни арзиши дорошавии беасос

1. Ҳангоми имконнопазирии дар шакли асл баргардондани молу мулки беасос бадастовардашуда ё нигаҳдошташуда бадастоваранда бояд ба ҷабрдида арзиши аслии ин молу мулкро дар рӯзи ба даст овардани он пардохт намояд, инчунин зарари вобаста ба тағйир ёфтани арзиши минбаъдаи молу мулк бамиёномадаро, агар бадастоваранда арзиши онро фавран, баъди огоҳӣ ёфтан аз дорошавии беасос ҷуброн накарда бошад, ҷуброн намояд.

2. Шахсе, ки беасос молу мулки бегонаро муваққатан, бе нияти ба даст овардани он ё аз хизматрасонии бегона истифода бурдааст, бояд ба ҷабрдида

чизе, ки дар натиҷаи чунин истифода бадастовардаашро мувофиқи нархе, ки дар вақти ба итмом расидани истифода ва дар ҷойи анҷом додани он мавҷуд буд, ҷуброн намояд.

## Моддаи 1231. Оқибатҳои беасос ба шахси дигар додани ҳуқуқ

Шахсе, ки бо роҳи гузашт кардани ҳуқуқи талабкунӣ ё ба тарзи дигар ҳуқуқи ба он тааллуқдоштаро дар асоси уҳдадории вуҷуднадошта ё беэътибор ба шахси дигар додааст, ҳуқуқ дорад барқарор намудани ҳолати қаблӣ, аз ҷумла ба он баргардондани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқи додашударо талаб кунад.

## Моддаи 1232. Ба ҷабрдида баргардондани даромадҳои гирифтанашуда

1. Шахсе, ки беасос молу мулкро гирифтааст ё нигоҳ доштааст, бояд ба ҷабрдида тамоми даромади бадастовардаашро, ки мебоист аз ин молу мулк аз лаҳзае, ки дорошавии беасосро фаҳмидааст ё мебоист фаҳмад, ба даст овардааст, баргардонад ё ҷуброн намояд.

2. Ба маблағи дорошавии беасоси пулӣ бояд аз ҳамон вақте, ки бадастоваранда дар бораи беасос будани ба даст овардан ё нигаҳдории маблағи пулӣ фаҳмидааст ё мебоист фаҳмад барои истифодаи маблағи бегона (моддаи 456 ҳамин Кодекс) фоизҳо ҳисоб карда шаванд.

## Моддаи 1233. Ҷуброни хароҷот ба молу мулке, ки бояд баргардонда шавад

Ҳангоми баргардондани молу мулки беасос бадастовардашуда ё нигаҳдошташуда (моддаи 1229 ҳамин Кодекс) ё ҷуброни арзиши онҳо (моддаи 1230 ҳамин Кодекс) бадастоваранда ҳуқуқ дорад ҷуброни хароҷоти зарурии вобаста ба нигаҳдорӣ ва ҳифзи молу мулкро аз ҳамон вақте, ки уҳдадор аст даромадро баргардонад (моддаи 1232 ҳамин Кодекс), бо баҳисобгирии фоидаи гирифта, аз ҷабрдида талаб намояд. Ҳуқуқи ҷуброни хароҷот дар сурати аз ҷониби бадастоваранда қасдан нигоҳ доштани молу мулке, ки бояд баргардонда шавад, аз даст дода мешавад.

## Моддаи 1234. Дорошавии беасосе, ки баргардонда намешавад

Ба сифати дорошавии беасос баргардонда намешаванд:

- молу мулки барои иҷрои уҳдадорӣ то фарорасии мӯҳлати иҷро додашуда, агар дар уҳдадорӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад;

- молу мулки ҷиҳати иҷрои уҳдадорӣ бо гузаштани мӯҳлати даъво додашуда;

- музди меҳнат ё пардохтҳои ба он баробаркардашуда, нафақа, кумаки пулӣ, стипендия, ҷуброни зарари ба ҳаёт ё саломатӣ расондашуда, алимент ё маблағҳои пулии дигаре, ки ба шахси воқеӣ ба сифати воситаи зиндагӣ фароҳам оварда шудаанд, ҳангоми зоҳир накардани бевиҷдонӣ аз ҷониби он ё иштибоҳи ҳисобӣ;

- маблағҳои пулӣ ё молу мулки дигаре, ки барои иҷрои уҳдадории мавҷуднабуда дода шудаанд, агар бадастоваранда исбот намояд, ки шахси баргардондани молу мулкро талабкарда ҳангоми мавҷуд набудани уҳдадорӣ огоҳ буд ё молу мулкро бо мақсадҳои хайрхоҳона ба он додааст.

# ҚИСМИ III.

# ФАСЛИ VI. МОЛИКИЯТИ ЗЕҲНӢ

## БОБИ 68. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ ОИД БА МОЛИКИЯТИ ЗЕҲНӢ

### Моддаи 1235. Мафҳуми моликияти зеҳнӣ

1. Моликияти зеҳнӣ ҳуқуқҳои молумулкӣ ва (ё) шахсии ғайримолумулкӣ нисбат ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, воситаҳои фардикунонии иштирокдорони муомилоти маданӣ, фардикунонии мол, кор ё хизматрасонӣ (воситаҳои фардикунонӣ) ва ҳамчунин объектҳои дигари ба онҳо баробаркардашуда мебошанд.

2. Мазмун, асосҳои ба миён омадан, тартиби амалисозӣ ва қатъи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ нисбат ба объектҳои алоҳидаи моликияти зеҳнӣ бо ҳамин Кодекс ва қонунҳои дигар муайян карда мешаванд.

3. Ҳамин Кодекс намудҳои асосии объектҳои моликияти зеҳниро муқаррар намуда, ҳолатҳои умумии муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро вобаста ба онҳо муайян менамояд.

4. Агар дар қонунҳо тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад ва аз моҳияти муносибатҳои танзимшаванда барнаояд, меъёрҳои ҳамин Кодекс, аз ҷумла муқаррарот оид ба уҳдадориҳо ва шартномаҳо оид ба муносибатҳои моликияти зеҳнӣ, татбиқ мегарданд.

### Моддаи 1236. Объектҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ

Ба объектҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ натиҷаҳои фаъолияти эҷодии зеҳнӣ, воситаҳои фардикунонии иштирокдорони муомилоти маданӣ, мол, кор ва хизматрасонӣ, натиҷаҳои дигари фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои фардикунонии ба онҳо баробаркардашуда дохил мешаванд, ки мутобиқи қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд.

### Моддаи 1237. Ба вуҷуд омадани ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ

Ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ба объектҳои дахлдор дар натиҷаи офаридани онҳо ё шуруи истифода, ё бақайдгирии давлатӣ, инчунин бо асосҳои дигар, ки бо қонун ё санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, ба вуҷуд меояд.

### Моддаи 1238. Мазмуни ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ

1. Ба ҳуқуқдори моликияти зеҳнӣ ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ё воситаҳои фардикунонӣ, ки нисбати ҳама ва ҳар кас ҳимоя мешаванд, тааллуқ доранд.

2. Таркиби ҳуқуқҳои молумулкӣ ба натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ё воситаи фардикунонро нисбат ба объектҳои мушаххаси моликияти зеҳнӣ қонун бо назардошти муқаррароти ҳамин Кодекс муайян менамояд.

3. Ҳуқуқҳои ҳуқуқдорони моликияти зеҳнӣ мумкин аст бо қонун маҳдуд карда шаванд. Чунин маҳдудиятҳо набояд ба истифодаи муътадили объектҳои моликияти зеҳнӣ зарар оваранд ва ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии муаллифро маҳдуд созанд.

### Моддаи 1239. Ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ва ҳуқуқи ашё ба ҳомили моддӣ

1. Ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ба ҳуқуқи моликият ё ҳуқуқи ашёи дигар ба ҳомили моддӣ, ки дар он объекти моликияти зеҳнӣ ифода ёфтааст, вобаста намебошад.

2. Гузаштани ҳуқуқи моликият ба ҳомили моддии натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ё воситаи фардикунонӣ маънои додан ё пешниҳоди ягон намуди ҳуқуқ ба истифодаи объекти дахлдори моликияти зеҳнии дар ин ҳомил ифодаёфтаро надорад, агар қонун тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

3. Аз тарафи молик ё ҳар шахси дигар амалӣ намудани ҳуқуқ нисбат ба ҳомили моддӣ, ки дар он объекти моликияти зеҳнӣ ифода ёфтааст, набояд ҳуқуқ ва манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи ҳуқуқдори ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро ба чунин объект вайрон намояд.

### Моддаи 1240. Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ

1. Ҳуқуқи муаллифӣ, ҳуқуқ ба ном ва ҳуқуқҳои дигари шахсии ғайримолумулкии моликияти зеҳнӣ мутобиқи ҳамин Кодекс ва қонунҳои дигар амалӣ ва ҳимоя карда мешаванд.

2. Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ, ки ба ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ дохил мешаванд, ба ҳуқуқҳои молумулкӣ вобаста набуда, ба шахсони дигар дода намешаванд ва бемуҳлат ҳифз мегарданд.

3. Пурра ё қисман аз тарафи офаранда (муаллиф, иҷрокунанда)-и натиҷаи фаъолияти эҷодии зеҳнӣ рад намудани ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии ба ӯ тааллуқдошта беоқибат аст.

4. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ҳуқуқҳои алоҳидаи шахсии ғайримолумулкии моликияти зеҳнӣ нисбати шахсони ҳуқуқӣ эътироф мешаванд.

### Моддаи 1241. Ҳуқуқҳои молумулкии моликияти зеҳнӣ

1. Ҳуқуқдори ҳуқуқҳои молумулкии моликияти зеҳнӣ ҳуқуқ дорад бо салоҳдиди худ истифодаи объекти дахлдори моликияти зеҳниро бо тарзу шакли дилхоҳ амалӣ намояд, иҷозат диҳад ва манъ кунад, агар чунин амалҳоро ҳамин Кодекс ва қонунҳои дигар манъ накарда бошанд.

2. Ҳуқуқҳои молумулкӣ нисбат ба объекти моликияти зеҳнӣ метавонанд ба як шахс ё ба таври муштарак ба якчанд шахс тааллуқ дошта бошанд. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ҳуқуқҳои молумулкӣ нисбат ба ҳамон як

объекти моликияти зеҳнӣ метавонанд ба шахсони гуногун тааллуқ дошта бошанд ва аз тарафи онҳо новобаста ба ҳамдигар амалӣ карда шаванд.

3. Муносибати мутақобила оид ба истифодаи объекти моликияти зеҳнӣ, ки ҳуқуқҳо ба он ба таври муштарак ба якчанд шахс тааллуқ доранд, дар асоси созишномаи байни онҳо муайян карда мешавад. Ҳангоми мавҷуд набудани чунин созишнома баҳс оид ба амалисозии ҳуқуқҳои молумулкии моликияти зеҳнӣ бо тартиби судӣ ҳал карда мешавад.

## Моддаи 1242. Муҳлати амали ҳуқуқҳои молумулкӣ

1. Муҳлати амали ҳуқуқҳои молумулкӣ нисбат ба намудҳои алоҳидаи объектҳои моликияти зеҳнӣ, тартиби ҳисобкунии онҳо, асос ва тартиби тамдид ё барқарор намудан, ҳамчунин асос ва тартиби пеш аз муҳлат қатъ гардидани амали чунин ҳуқуқҳоро қонунгузорӣ муқаррар менамояд.

2. Бо гузаштани муҳлати амали ҳуқуқҳои молумулкӣ, инчунин дар ҳолати пеш аз муҳлат қатъ гардидани амали чунин ҳуқуқҳо объекти дахлдори моликияти зеҳнӣ ба дастоварди ҷамъиятӣ табдил меёбад.

3. Ҳуқуқдори ҳуқуқи молумулкӣ метавонад дар хусуси пеш аз муҳлат қатъ намудани амали он ва табдил ёфтани объекти дахлдори моликияти зеҳнӣ ба дастоварди ҷамъиятӣ қарор қабул намояд, агар қонун тартиби дигареро муқаррар накарда бошад ва ҳамзамон ҳуқуқ ва манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи шахсони дигар вайрон карда нашаванд.

## Моддаи 1243. Гузаштани ҳуқуқҳои молумулкӣ

1. Ҳуқуқҳои молумулкӣ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ метавонанд тибқи шартнома ба шахсони дигар дода шаванд ё ба онҳо дар асоси қонун гузаранд.

2. Шартномаҳое, ки ба гузаштани ҳуқуқҳои молумулкӣ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ вобаста мебошанд, бояд дар шакли хаттӣ ё шакли дигари пешбининамудаи қонун баста шаванд.

3. Шартҳои шартнома, ки ҳолати ҳуқуқдорони ҳуқуқи моликияти зеҳниро бад мекунанд, беэътибор дониста мешаванд.

4. Қонун метавонад бақайдгирии давлатии намудҳои алоҳидаи шартномаҳоро вобаста ба додани ҳуқуқҳои молумулкӣ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ ва ҳамчунин ҳолатҳои дигари гузаштани ҳуқуқҳоро ба чунин объектҳо муқаррар намояд.

## Моддаи 1244. Иҷозатномаи озод

1. Тибқи иҷозатномаи озод ҳамчун шартномаи ҳамроҳшавӣ ҳуқуқҳои молумулкӣ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ ройгон ва муҳлатнок дода мешаванд.

2. Агар иҷозатномаи озод ба қонун мутобиқат намояд, он қонунӣ эътироф карда мешавад.

## Моддаи 1245. Иҷозатномаи маҷбурӣ

Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун суд метавонад дар асоси талаби шахси манфиатдор санади судӣ дар бораи ба ҳамин шахс додани ҳуқуқи истифодаи натиҷаи фаъолияти зеҳниро мувофиқи шартҳои ин санади судӣ, ки ҳуқуқи молумулкии он ба шахси дигар тааллуқ дорад (иҷозатномаи маҷбурӣ), қабул намояд.

## Моддаи 1246. Объектҳои хизматии моликияти зеҳнӣ

1. Ҳуқуқҳои молумулкӣ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ, ки корманд вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ ё супориши хизматии корфармо офаридааст (объекти хизматии моликияти зеҳнӣ), ба корфармо тааллуқ доранд, агар дар қонун ё дар шартномаи байни корманд ва корфармо тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Ба корманде, ки объекти хизматии моликияти зеҳниро офаридааст, ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ба чунин объект ва ҳуқуқи гирифтани подош тааллуқ доранд, ки андоза, шарт ва тартиби пардохти он бо шартномаи байни корманд ва корфармо муайян карда мешаванд, агар қонун тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошад.

3. Дар ҳолатҳо ва бо тартиби муайяннамудаи қонун ҳуқуқҳои дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинишуда метавонанд ба корманде, ки объекти хизмати моликияти зеҳниро офаридааст, гузаранд.

## Моддаи 1247. Ҳуқуқҳо ба объектҳои моликияти зеҳние, ки дар асоси шартномаҳои дахлдори хариди давлатӣ офарида шудаанд

1. Ҳуқуқҳои молумулкӣ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ, ки дар асоси шартномаҳои дахлдори хариди давлатӣ офарида шудаанд, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ доранд, агар шартномаи хариди давлатӣ тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад.

2. Агар ҳуқуқҳои молумулкӣ ба объектҳои моликияти зеҳние, ки дар асоси шартномаҳои дахлдори хариди давлатӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ офарида шудаанд, тибқи қисми 1 моддаи мазкур ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ надошта бошанд, ҳуқуқдори ҳуқуқҳои молумулкӣ бо талаби давлат уҳдадор аст ҳуқуқи истифодаи чунин объекти моликияти зеҳниро барои эҳтиёҷоти давлатӣ ройгон пешниҳод намояд.

3. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи мазкур ба офаранда (муаллиф, иҷрокунанда)-и натиҷаи фаъолияти эҷодии зеҳнӣ, ки ҳуқуқҳои молумулкӣ надорад, ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ба чунин натиҷа ва ҳуқуқ ба подош, ки ҳуқуқдори ҳуқуқҳои молумулкӣ барои чунин натиҷа пардохт менамояд, тааллуқ доранд. Андоза, шарт ва тартиби пардохти подошро шартномаи байни офаранда (муаллиф, иҷрокунанда) ва ҳуқуқдори ҳуқуқҳои молумулкӣ муайян менамояд, агар қонун тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

## Моддаи 1248. Амалисозии ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ

1. Ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ бо салоҳдиди ҳуқуқдори ин ҳуқуқҳо амалӣ карда мешаванд. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ба ҳуқуқдори ҳуқуқҳои молумулкии моликияти зеҳнӣ ба сифати шарти амали ин ҳуқуқҳо мумкин аст уҳдадории истифодаи объекти дахлдори моликияти зеҳнӣ вогузор карда шавад.

2. Ҳангоми амалисозии ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ ҳуқуқи ҳуқуқдорони объектҳои дигари моликияти зеҳнӣ набояд вайрон карда шаванд.

3. Ҳуқуқҳои молумулкӣ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ мумкин аст танҳо ё дастҷамъона амалӣ карда шаванд. Талаботи асосӣ ба идораи дастҷамъонаи ҳуқуқҳои молумулкӣ бо қонун муқаррар карда мешаванд.

## Моддаи 1249. Ҳимояи ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ

1. Ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ бо тарзҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс ва қонунҳо бо назардошти моҳияти ҳуқуқҳои вайроншуда ва оқибатҳои вайронкунии ин ҳуқуқҳо ҳимоя карда мешавад.

2. Тарзҳои ҳимояи пешбининамудаи ҳамин Кодекс бо талаби ҳуқуқдор, ташкилоти идораи дастҷамъии ҳуқуқҳои молумулкӣ, инчунин дар мавридҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ аз тарафи шахсони дигар низ амалӣ карда мешаванд.

3. Гуноҳ надоштани вайронкунанда онро аз уҳдадории қатъ намудани вайронкунии ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ озод намекунад ва нисбати он чораҳое, ки барои ҳимояи чунин ҳуқуқҳо равона шудаанд, татбиқ мегарданд.

## Моддаи 1250. Тарзҳои ҳимояи ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ

1. Дар сурати вайрон шудани ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии муаллиф ҳимояи онҳо бо тарзҳои эътирофи ҳуқуқ, барқарор намудани ҳолате, ки то вайронкунии ҳуқуқ ҷой дошт, пешгирии амалҳое, ки ҳуқуқро вайрон мекунанд ё ба вайронкунии он таҳдид менамоянд, товони зарари маънавӣ ва тарзҳои дигари пешбининамудаи қонун амалӣ карда мешавад.

2. Ҳимояи шаъну шараф ва эътибори кории муаллиф мувофиқи муқаррароти ҳамин Кодекс ва қонунҳои дигар амалӣ карда мешавад.

3. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун шахсони дигар низ метавонанд оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии муаллиф муроҷиат намоянд.

4. Ҳуқуқҳои молумулкии ҳуқуқдор бо тарзҳои зерин ҳимоя карда мешаванд:

- эътирофи ҳуқуқ;

- пешгирӣ намудани амалҳое, ки ҳуқуқро вайрон мекунанд ё ба вайрон кардани он таҳдид менамоянд;

- ҷуброни зиёни расондашуда;

- мусодираи маводу таҷҳизоте, ки бо истифодаи онҳо ҳуқуқвайронкунӣ содир гардидааст ва объектҳои моддие, ки дар натиҷаи ҳамин ҳуқуқвайронкунӣ ба даст омадаанд;

- тарзҳои дигар, ки қонун пешбинӣ менамояд.

5. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ҳуқуқдор метавонад ба ҷойи ҷуброни зиёни расондашуда пардохти товони пулиро барои ҳуқуқи вайроншудаи мазкур талаб намояд. Андозаи товон аз ҷониби суд вобаста ба хусусияти вайронкунӣ ва ҳолатҳои дигар муайян карда мешавад.

6. Дар ҳолатхое, ки истеҳсол, паҳн кардан ё истифодаи дигар, инчунин ворид намудан, ҳамлу нақл ё фиристодан ва ё нигоҳ доштани ҳомили моддӣ, ки дар он натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ифода ёфтааст, боиси вайрон гардидани ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ мегарданд, чунин ҳомили моддӣ қалбакӣ дониста шуда, дар асоси санади судӣ аз муомилот гирифта шуда, бе товон нобуд карда мешаванд, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

7. Таҷҳизот, дигар дастгоҳҳо ва маводе, ки асосан барои вайрон кардани ҳуқуқҳои молумулкӣ истифода ё таъин шудаанд, бо санади судӣ аз ҳисоби вайронкунанда нобуд карда мешаванд, агар дар қонун гирифтани онҳо ба манфиати давлат пешбинӣ нашуда бошад.

8. Бо мақсади таъмини даъво аз рӯйи парвандаҳо оид ба вайронкунии ҳуқуқҳои молумулкӣ ба ҳомили моддӣ, таҷҳизот, дигар дастгоҳҳо ва маводе, ки тавассути онҳо эҳтимолан ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ вайрон карда шудааст, мумкин аст чораҳои таъминкунии муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавӣ, аз ҷумла ба ҳабс гирифтани ин объектҳо, татбиқ карда шаванд.

### Моддаи 1251. Хусусиятҳои масъулият барои риоя накардани ҳуқуқҳо ба моликияти зеҳнӣ дар шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ

1. Шахсе, ки ба шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаи интернет, мавод пешниҳод менамояд, шахсе, ки имконияти ҷойгиронии мавод ё иттилооти барои гирифтани он заруриро бо истифодаи шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ пешниҳод менамояд, шахсе, ки имконияти дастрасии маводро дар чунин шабака пешниҳод мекунад миёнарави иттилоотӣ ба ҳисоб рафта, барои риоя накардани ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ дар шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ тибқи асосҳои умумии пешбининамудаи ҳамин Кодекс ҳангоми мавҷудияти гуноҳ бо назардошти хусусиятҳои муқаррарнамудаи қисмҳои 2 ва 3 моддаи мазкур масъул мебошад.

2. Миёнарави иттилоотӣ, ки маводро ба шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ пешниҳод мекунад, барои риоя нагардидани ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ, ки дар натиҷаи ин амал ба миён омадааст, ҳамзамон бо риояи шартҳои зерин масъул нест:

- он ташаббускори пешниҳод намудани мавод нест ва гирандаи маводи мазкурро муайян намекунад;

- он ҳангоми хизматрасонии алоқа маводро тағйир намедиҳад, ба истисnои тағйирот барои таъмини ҷараёни технологии додани мавод;

- он дар хусуси ғайриқонунӣ будани истифодаи натиҷаҳои дахлдори фаъолияти зеҳнӣ ё воситаҳои фардикунонӣ аз ҷониби шахсе, ки барои додани маводи дорои натиҷаи дахлдор ё воситаи фардикунонӣ ташаббус нишон додааст, намедонист ва намебоист донад.

3. Миёнарави иттилоотӣ, ки имконияти дар шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ ҷойгир намудани мавод фароҳам меорад, барои риоя нагардидани ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ, ки дар натиҷаи ҷойгиронии мавод дар шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ аз ҷониби шахси сеюм ё бо супориши он ба миён омадааст, ҳангоми риояи шартҳои мазкур аз ҷониби миёнарави иттилоотӣ масъул нест:

- он дар хусуси ғайриқонунӣ будани истифодаи натиҷаҳои дахлдори фаъолияти зеҳнӣ ё воситаҳои фардикунонӣ, ки дар чунин мавод мавҷуданд, намедонист ва намебоист донад;

- он ҳангоми гирифтани аризаи ҳуқуқдор дар шакли хаттӣ оид ба риоя нагардидани ҳуқуқҳо ба моликияти зеҳнӣ бо зикри саҳифаи сомона ва (ё) нишонии шабака дар шабакаи интернет, ки дар он чунин мавод ҷой дода шудааст, сари вақт чораҳои дахлдор ва кофиро барои қатъи вайронкунии ҳуқуқҳои зеҳнӣ андешидааст. Номгӯйи чораҳои дахлдор ва кофӣ ва тартиби амалисозии онҳо метавонанд бо қонун муқаррар карда шаванд.

4. Нисбат ба миёнарави иттилоотӣ, ки мутобиқи моддаи мазкур барои риоя накардани ҳуқуқҳои зеҳнӣ масъул нест, метавонанд талабот оид ба ҳифзи ҳуқуқҳо ба моликияти зеҳнӣ (моддаҳои 1249 ва 1250 ҳамин Кодек) арз карда шаванд, ки ба татбиқи чораҳои масъулияти маданию ҳуқуқӣ вобаста нестанд, аз ҷумла оид ба нобуд кардани иттилооте, ки ҳуқуқҳои истисноиро халалдор месозанд ё оид ба маҳдудсозии дастрасӣ ба он.

5. Қоидаҳои моддаи мазкур нисбат ба шахсоне татбиқ мегарданд, ки имконияти дастрасӣ ба мавод ё маълумоти барои гирифтани он заруриро бо истифодаи шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ пешниҳод менамоянд.

## ФАСЛИ VII. ҲУҚУҚИ МЕРОС

## БОБИ 69. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ ОИД БА МЕРОСГИРӢ

### Моддаи 1252. Меросгирӣ

1. Меросгирӣ гузариши молу мулки шахси вафоткарда (меросгузор) ба шахс (шахсон)-и дигар - меросгир (меросгирон) бо тартиби ворисии ҳуқуқии умумӣ дар намуди бетағйир ҳамчун як маҷмуи том ва дар ҳамон як лаҳза мебошад, агар аз муқаррароти ҳамин Кодекс тартиби дигар барнаояд.

2. Меросгирӣ бо ҳамин Кодекс ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад.

### Моддаи 1253. Таркиби мерос

1. Ба таркиби мерос ашё ва молу мулки дигар, аз ҷумла ҳуқуқ ва уҳдадориҳои молумулкӣ, ки ба міеросгузор дар рӯзи кушода шудани мерос тааллуқ доштанд, дохил мешаванд.

2. Ба таркиби мерос дохил намешаванд:

- ҳуқуқи узвият (иштирок) дар ташкилоти тиҷоратӣ ва ташкилоти дигаре, ки шахси ҳуқуқӣ мебошад, агар дар ҳамин Кодекс, қонун ё ҳуҷҷатҳои таъсисӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад;

- ҳуқуқ ба ҷуброни зараре, ки ба ҳаёт ё саломатӣ расонда шудааст;

- ҳуқуқу уҳдадориҳо вобаста ба алиментдиҳӣ;

- ҳуқуқ ба нафақа, кумаки пулӣ ва пардохтҳои дигар дар асоси қонунгузорӣ оид ба меҳнат ва таъминоти иҷтимоӣ;

- ҳуқуқу уҳдадориҳои дигаре, ки бо шахсияти меросгузор то ҳадде алоқамананд, ки гузариши онҳо имконнопазир аст ва ё гузариши онҳоро бо тартиби меросгирӣ ҳамин Кодекс ё қонунҳои дигар иҷозат намедиҳанд.

3. Ҳуҷҷатҳое, ки ба шахсияти меросгузор дахл доранд, дафтари қайдҳо, ашёи дигаре, ки арзиши ғайримоддӣ доранд, ба таркиби мерос дохил нашуда, бо мувофиқаи ҳамаи меросгирон тақсим карда мешаванд. Дар сурати ба мувофиқа наомадан, суд бо назардошти алоқамандии меросгири дахлдор бо чунин ашё баҳсро ҳал менамояд.

4. Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии меросгузор мумкин аст аз ҷониби меросгирон бо тартиби муқарраркардаи қонун амалӣ ва ҳимоя карда шаванд.

## Моддаи 1254. Асосҳои меросгирӣ

Меросгирӣ дар асоси васиятнома ва қонун амалӣ карда мешавад.

## Моддаи 1255. Кушодашавии мерос

1. Мерос дар натиҷаи вафоти шахси воқеӣ кушода мешавад.

2. Рӯзи кушодашавии мерос рӯзи вафоти меросгузор мебошад.

3. Вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ (моддаи 46 ҳамин Кодекс) боиси ҳамон оқибатҳое мегардад, ки аз вафот бармеоянд, агар аз қонун тартиби дигар барнаояд. Дар чунин ҳолат рӯзи кушодашавии мерос рӯзи эътибори қонунӣ пайдо намудани санади судӣ дар хусуси вафоткарда эълон гардидани шахси воқеӣ ба ҳисоб меравад, агар дар санади судӣ рӯзи дигар нишон дода нашуда бошад.

4. Агар шахсоне, ки ҳуқуқ доштанд яке пас аз дигар мерос гиранд, дар давоми як шабонарӯз вафот карда бошанд, онҳо дар як вақт вафоткарда эътироф шуда, яке пас аз дигар мерос намегирад ва меросгирони ҳар яке аз онҳо ба меросгирӣ даъват карда мешаванд. Қоидаи мазкур танҳо ба муносибатҳои меросӣ дахл дорад.

## Моддаи 1256. Ҷойи кушодашавии мерос

1. Ҷойи кушодашавии мерос маҳалли истиқомати охирини меросгузор (моддаи 21 ҳамин Кодекс) мебошад.

2. Агар маҳалли истиқомати охирини меросгузор номаълум бошад, ҷойи кушодашавии мерос маҳалли ҷойгиршавии молу мулки ғайриманқули ба меросгузор дахлдошта ё қисми дорои арзиши бештари он ва ҳангоми набудани молу мулки ғайриманқулмаҳалли ҷойгиршавии қисми дорои арзиши бештари молу мулки манқул эътироф карда мешавад. Арзиши молу мулк аз рӯйи нархи бозории он бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ муайян карда мешавад.

## Моддаи 1257. Меросгирон

1. Тибқи васиятнома ва қонун шахсони воқеие, ки дар лаҳзаи кушодашавии мерос зиндаанд, инчунин кӯдакони ҳангоми зинда будани меросгузор дар батни модарбуда, ки баъди кушодашавии мерос зинда таваллуд шудаанд, меросгир буда метавонанд.

2. Тибқи васиятнома шахсони ҳуқуқие, ки дар рӯзи кушодашавии мерос фаъолият доранд, метавонанд меросгир бошанд.

3. Давлат тибқи васиятнома ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс меросгир тибқи қонун шуда метавонад.

## Моддаи 1258. Меросгирони ношоиста

1. Шахсоне, ки қасдан меросгузор ё яке аз меросгирони имконпазирро аз ҳаёт маҳрум сохтаанд ё ба ҳаёти онҳо суиқасд кардаанд, на тибқи васиятнома ва на тибқи қонун ба мерос ҳуқуқ надоранд.

2. Шахсоне, ки қасдан барои амалӣ шудани охирин иродаи меросгузор монеъ гардидаанд ва бо ин роҳ барои ба мерос даъват шудани худ ё шахсони наздикашон ё барои зиёд кардани ҳиссаи меросӣ ба худ ва ё шахсони наздикашон мусоидат кардаанд ё мусоидат карданӣ шудаанд, на тибқи васиятнома ва на тибқи қонун ба мерос ҳуқуқ надоранд.

3. Падару модарон пас аз фарзандоне, ки нисбат ба онҳо аз ҳуқуқи падарумодарӣ маҳрум гардидаанд ва дар лаҳзаи кушодашавии мерос ин ҳуқуқашон барқарор нашудааст, инчунин падару модар (фарзандхондагон) ва фарзандон (фарзандхондшудагон)-и болиғ, ки аз иҷрои уҳдадориҳои бо қонун ба зиммаашон гузошташуда вобаста ба таъминоти меросгузор бадқасдона саркашӣ намудаанд, ҳуқуқ ба мерос тибқи қонун надоранд.

4. Ҳолатҳое, ки барои аз меросгирӣ барканор намудани меросгирони ношоиста асос мебошанд, аз ҷониби суд муқаррар карда мешаванд. Агар меросгузор ҳангоми тартиб додани васиятнома дар хусуси ҳолатҳои дар қисмҳои 1 ва 2 моддаи мазкур пешбинишуда хабардор бошад, вале сарфи назар аз ин, молу мулкро васият карда бошад, чунин шахс меросгири ношоиста дониста намешавад.

5. Даъво дар хусуси меросгири ношоиста эътироф намудани шахс аз тарафи шахсони манфиатдор бояд дар давоми се сол аз лаҳзае, ки ин шахс ба соҳибии молу мулки меросӣ шуруъ кардааст, пешниҳод шавад.

6. Қоидаҳои моддаи мазкур мутобиқан нисбат ба супориши васиятгузор (легат) татбиқ мегарданд.

### Моддаи 1259. Уҳдадориҳои шахси меросгири ношоиста эътирофгардида

1. Шахси аз ҷониби суд меросгири ношоиста эътирофгардида уҳдадор аст баъди гирифтани мерос ҳама чизи ба мерос гирифтаашро якҷоя бо самараю даромадаш баргардонад. Ҳангоми нигоҳ надоштани молу мулки меросӣ ин шахс уҳдадор аст арзиши онро ҷуброн намояд.

2. Агар мавзуи супориши васиятгузор иҷрои кори муайян ё хизматрасонӣ барои меросгири ношоиста бошад, охирин уҳдадор аст ба шахсе, ки супориши васиятгузорро иҷро кардааст, арзиши кор ё хизматрасониро ҷуброн намояд.

## БОБИ 70. МЕРОСГИРӢ ТИБҚИ ВАСИЯТНОМА

### Моддаи 1260. Муқаррароти умумӣ дар бораи меросгирӣ тибқи васиятнома

1. Васиятнома изҳори иродаи шахси воқеӣ оид ба ихтиёрдории молу мулки ба ӯ тааллуқдошта ҳангоми вафот кардан эътироф мешавад, ки ба таври дахлдор ба расмият дароварда шудааст.

2. Ихтиёрдории молу мулк дар ҳолати вафот танҳо тавассути васиятнома мумкин аст. Васиятнома ҳуқуқу уҳдадориҳоро танҳо пас аз кушодашавии мерос ба вуҷуд меорад.

3. Васиятномаро танҳо шахсе анҷом дода метавонад, ки дар вақти амалӣ намудани он дорои қобилияти пурраи амалкунӣ мебошад.

4. Васиятнома бояд шахсан анҷом дода шавад. Дар васиятнома бояд иродаи танҳо як шахси воқеӣ ифода ёфта бошад. Анҷом додани васиятнома ба воситаи намоянда ё аз ҷониби ду ва зиёда шахси воқеӣ иҷозат дода намешавад.

5. Шахси воқеӣ метавонад ҳамаи молу мулк (аз ҷумла молу мулкеро, ки дар оянда ба даст меорад) ё як қисми онро ба як ё якчанд шахси воқеӣ, ки ба гурӯҳи меросгирони тибқи қонун дохил мешаванд ё дохил намешаванд, ҳамчунин ба шахсони ҳуқуқӣ ва давлат васият намояд, ҳиссаи онҳоро бо салоҳдиди худ дар мерос муайян кунад ва тибқи шартҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс супоришҳои дигарро дар васиятнома пешбинӣ намояд. Шумораи васиятномаҳо маҳдуд карда намешавад.

6. Ҳангоми мавҷудияти ду ва зиёда васиятнома оид ба тарзу тартиби меросгирии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ васиятномаи охирини пеш аз вафот додаи васиятгузор бартарӣ дорад.

7. Васиятгузор ҳуқуқ дорад бе шарҳи сабаб як, якчанд ё ҳамаи меросгирони тибқи қонунро аз мерос маҳрум намояд. Аз мерос маҳрум намудани меросгири тибқи қонун ба наслҳоиояндаи ӯ, ки бо ҳуқуқи пешниҳод мерос мегиранд, дахл надорад, агар аз васиятнома тартиби дигар барнаояд, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки моддаи 1279 ҳамин Кодекс пешбинӣ намудааст.

8. Меросгузор ҳуқуқ надорад ба зиммаи шахсоне, ки дар васиятнома таъин кардааст, дар навбати худ уҳдадории ихтиёрдории молу мулки ба онҳо васиятшударо бо тарзи муайян дар ҳолати вафот кардани онҳо вогузор намояд.

9. Озодии васиятгузорӣ бо қоидаҳои ҳиссаи ҳатмӣ дар мерос (моддаи 1279 ҳамин Кодекс) маҳдуд карда мешавад.

### Моддаи 1261. Махфияти васиятгузорӣ

1. Нотариус, шахси дигаре, ки васиятномаро тасдиқ намудааст, тарҷумон, иҷрокунандаи васиятнома, шоҳидон, инчунин шахси воқеӣ, ки васиятномаро ба ҷойи васиятгузор имзо намудааст, то кушодашавии мерос ҳуқуқ надоранд маълумот вобаста ба мазмуни васиятнома, анҷомдиҳӣ, бекоркунӣ ва тағйирдиҳии онро ошкор намоянд.

2. Васиятгузор уҳдадор нест оид ба мазмуни васиятнома, анҷомдиҳӣ, бекоркунӣ ва тағйирдиҳии он ба ягон шахс маълумот диҳад.

3. Дар сурати халалдор шудани махфияти васиятгузорӣ васиятгузор метавонад аз тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ, аз ҷумла товони зарари маънавӣ, истифода намояд.

### Моддаи 1262. Қоидаҳои умумӣ оид ба шакли васиятнома

1. Васиятнома бояд дар шакли хаттӣ бо нишон додани вақт ва ҷойи тартиб додани он анҷом дода шавад.

2. Васиятнома бояд аз тарафи васиятгузор шахсан имзо гардад.

3. Агар васиятгузор бо сабаби нуқсони ҷисмонӣ, беморӣ ё бесаводӣ васиятномаро шахсан имзо карда натавонад, пас бо хоҳиши ӯ дар ҳузури нотариус ё шахси дигари мансабдор, ки мувофиқи қонун васиятномаро тасдиқ мекунад, мумкин аст аз тарафи шахси воқеии дигари интихобкардааш бо нишон додани сабабҳое, ки васиятггузор наметавонад васиятномаро бо дасти худаш имзо намояд, васиятнома имзо карда шавад.

4. Васиятномаҳои зерини дар шакли хаттӣ анҷомёфта эътироф карда мешаванд:

- васиятномаҳое, ки ба таври нотариалӣ тасдиқ карда шудаанд;

- васиятномаҳое, ки бо васиятномаҳои ба таври нотариалӣ тасдиқгардида баробар карда шудаанд.

5. Ҳангоми тасдиқи васиятнома иштироки шоҳид ҳатмӣ мебошад. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс мумкин аст ҳангоми анҷоми амалҳои дигар низ шоҳид (шоҳидон) иштирок намояд.

6. Шахсони зерин наметавонанд шоҳид бошанд ва васиятномаро ба ҷойи васиятгузор имзо кунанд:

- нотариус ё шахси дигар, ки васиятномаро тасдиқ менамояд;

- ҳамсар, фарзандон, падару модар, набераю абера, шахсе, ки ба фоидаи ӯ васиятнома ё супориши васиятгузор тартиб ва анҷом дода мешавад, инчунин меросгирон тибқи қонуни васиятгузор;

- шахсони воқеие, ки қобилияти пурраи амалкунӣ надоранд;

- шахсони воқеие, ки қобилияти хондани васиятномаро надоранд ё забони онро намедонанд;

- шахсоне, ки барои нишондоди бардурӯғ доғи судӣ доранд.

## Моддаи 1263. Васиятномаи ба таври нотариалӣ тасдиқшуда

1. Васиятномаи ба таври нотариалӣ тасдиқшавандаро бояд васиятгузор нависад ё аз суханони ӯ аз тарафи нотариус навишта шавад. Ҳангоми навиштани васиятнома аз суханони меросгузор нотариус метавонад воситаҳои техникии умумиқабулшуда (мошинкаи чопӣ, компютер ва ғайра)-ро истифода барад.

2. Васиятномае, ки нотариус аз суханони васиятгузор менависад, бояд аз ҷониби васиятгузор дар ҳузури нотариус ва шоҳид то ба имзо расондани он пурра хонда шавад. Агар васиятгузор бо сабаби нуқсони ҷисмонӣ, беморӣ ё бесаводӣ шахсан васиятномаро хонда натавонад, пас матни онро шоҳид дар ҳузури нотариус барои ӯ мехонад ва дар ин бора бо нишон додани сабабҳое, ки васиятгузор наметавонад шахсан васиятномаро хонад, дар васиятнома сабти дахлдор карда мешавад.

3. То тасдиқи васиятнома нотариус уҳдадор аст ба васиятгузор мазмуни моддаи 1279 ҳамин Кодексро фаҳмонад ва дар ин хусус дар васиятнома сабти дахлдорро гузорад.

4. Нотариус уҳдадор аст шоҳид ва шахсеро, ки ба ҷойи васиятгузор имзо намудааст, дар хусуси риояи махфияти васиятгузорӣ огоҳ намояд.

5. Дар васиятнома бояд насаб, ном, номи падар ва маҳалли истиқомати доимии шоҳид нишон дода шаванд. Ҳамчунин ба васиятнома маълумот дар бораи шахсе, ки онро ба ҷойи васиятгузор имзо намудааст, ворид карда мешавад.

6. Бо хоҳиши васиятгузор нотариус васиятномаро бе шинос шудан бо мазмуни он тасдиқ менамояд (васиятномаи махфӣ).

7. Васиятномаи махфӣ аз хавфи беэътибор ҳисобидани он бояд:

- аз тарафи васиятгузор бо дасти худ навишта, имзо гузошта шавад;

- дар ҳузури ду шоҳид ва нотариус ба лифофа андохта, бо ширеш часпонда шавад;

- аз ҷониби шоҳидон дар лифофа имзо гузошта шавад.

8. Лифофае, ки шоҳидон имзо намудаанд, дар ҳузури шоҳидон аз ҷониби нотариус ба лифофаи дигар андохта, бо ширеш часпонда мешавад ва дар он нотариус навиштаҷоти тасдиқкунандаро ба ҷо меорад. Навиштаҷоти тасдиқкунанда бояд маълумоти зеринро дар бар гирад:

- маълумот дар бораи шахсе, ки аз ӯ васиятномаи махфиро қабул кардааст;

- вақт ва ҷойи қабули он;

- маълумот дар бораи шоҳидон (қисми 5 моддаи мазкур).

9. Ҳангоми гирифтани лифофаи дорои васиятномаи махфӣ нотариус ухдадориҳои дар қисмҳои 3 ва 4 моддаи мазкур пешбинишударо иҷро намуда, баъди сабти навиштаҷоти тасдиқкунанда ба васиятгузор ҳуҷҷати тасдиқкунандаи қабули васиятномаро медиҳад.

10. Васиятномаи махфиро танҳо васиятгузор кушода метавонад. Васиятгузор метавонад онро бе зикри сабаб бо пешниҳоди ариза аз нотариус талаб карда гирад, ки ин маънои бекоркунии васиятномаро дорад.

11. Баъд аз кушодашавии мерос васиятномаи махфиро танҳо дар ҳузури ду шоҳид ва бо хоҳиши меросгирон тибқи қонун кушодан мумкин аст.

### Моддаи 1264. Васиятномаи бо васиятномаи ба таври нотариалӣ тасдиқшуда баробар

1. Васиятномаҳои зерин бо васиятномаҳои ба таври нотариалӣ тасдиқшуда баробар дониста мешаванд:

- васиятномаи шахсони воқеӣ, ки барои табобат дар беморхонаҳо, госпиталҳо (беморхонаҳои ҳарбӣ), муассисаҳои табобатии статсионарии дигар мебошанд ё дар хонаи пиронсолону маъюбон зиндагӣ мекунанд ва онро сардухтурон ё муовинони онҳо оид ба қисми тиббӣ ё духтурони навбатдори ин беморхонаҳо, госпиталҳо ва муассисаҳои дигари табобатӣ, инчунин сардорони госпиталҳо, директорон ё сардухтурони хонаи пиронсолон ва маъюбон тасдиқ намудаанд;

- васиятномаи шахсони воқеӣ, ки дар ҳоли ҳаракат дар киштиҳои тахти парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон шинокунанда қарор доранд ва он аз тарафи капитани ин киштиҳо тасдиқ шудааст;

- васиятномаи шахсони воқеие, ки дар экспедитсияҳои иктишофӣ, арктикӣ ё экспедитсияҳои дигари шабеҳ буда, он аз тарафи сардорони ин экспедитсияҳо тасдиқ гардидааст;

- васиятномаи хизматчиёни ҳарбӣ ва аъзои оилаи онҳо маскун дар маҳалли ҷойгиршавии қисмҳои ҳарбӣ, ки дар он ҷо нотариусҳо нестанд, ҳамчунин васиятномаи шахсони ғайринизомӣ ва аъзои оилаи онҳо, ки дар ин қисмҳои ҳарбӣ кор мекунанд ва аз тарафи командирони қисмҳои ҳарбӣ тасдиқ шудаанд;

- васиятномаи шахсоне, ки дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ қарор доранд ва он аз тарафи сардорони муассисаи мазкур тасдиқ шудааст;

- васиятномаи шахсоне, ки дар маҳаллаҳои алоҳидаи аҳолинишине зиндагӣ мекунанд, ки дар он ҷо нотариусҳо нестанд, аз тарафи раисони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот тасдиқ шудааст.

2. Васиятномаҳое, ки дар қисми 1 моддаи мазкур номбар шудаанд, бояд аз тарафи васиятгузор дар ҳузури шоҳид имзо карда шаванд. Дар чунин васиятномаҳо шоҳидон имзо мегузоранд. Дар масъалаҳои дигар нисбати чунин васиятномаҳо мутобиқан қоидаҳои моддаи 1263 ҳамин Кодекс татбиқ карда мешаванд, ба истиснои талабот оид ба тасдиқи нотариалии васиятномаҳо ва тасдиқи васиятномаҳои махфӣ.

### Моддаи 1265. Бекор кардан ва тағйир додани васиятнома

1. Меросгузор метавонад озодона васиятномаи тартибдодаашро пас аз анҷом додани он дар ҳар лаҳза бекор кунад ё тағйир диҳад ва дар ин ҳолат ухдадор нест, ки сабабҳои бекор намудан ё тағйир додани онро нишон диҳад.

2. Васиятнома мумкин аст бо роҳҳои зерин бекор карда шавад:

- додани ариза ба мақомоти нотариалӣ дар хусуси пурра бекор намудани васиятномаи қаблан додашуда;

- тартиб додани васиятномаи нав, ҳарчанд бо он васиятномаи пештар тартибдодашуда бекор нашуда бошад ҳам, вале пурра ба он мухолиф аст.

3. Васиятнома мумкин аст бо роҳҳои зерин тағйир дода шавад:

- додани ариза ба мақомоти нотариалӣ дар хусуси ворид намудани тағйирот ба қисми муайяни васиятномаи қаблан додашуда;

- тартиб додани васиятномаи нав, ки ба қисми алоҳидаи васиятномаи қаблӣ тағйирот ворид менамояд.

4. Васиятномаи қаблан анҷомёфта, ки бо васиятномаи минбаъда пурра ё қисман бекор карда шудааст, барқарор карда намешавад, ҳарчанд ин васиятнома дар навбати худ аз тарафи васиятгузор бекор ё ба он тағйирот ворид карда шудааст.

5. Дар ҳолати беэътибор дониста шудани васиятномаи минбаъда меросгирӣ тибқи васиятномаи қаблӣ амалӣ карда мешавад.

### Моддаи 1266. Беэътибории васиятнома

1. Риоя накардани қоидаҳо оид ба шакли хаттии васиятнома ва тасдиқи он боиси беэътибории васиятнома мегардад.

2. Агар ҳангоми анҷом додани васиятнома бо тартиби муқарраршуда шоҳид иштирок накунад, чунин васиятнома беоқибат мебошад.

3. Васиятномае, ки ҳангоми тасдиқи он талаботи қисми 6 моддаи 1262 вайрон шудааст, баҳснок мебошад.

4. Беэътибории васиятнома ҳамчунин ба қоидаҳои ҳамин Кодекс дар хусуси беэътибории аҳдҳо асос меёбад.

5. Беэътибории супоришҳои алоҳидаи дар васиятномабуда ба эътибор доштани қисмати дигари он дахл надорад.

6. Дар ҳолати беэътибор донистани васиятнома меросгир тибқи ҳамин васиятнома аз мерос маҳрум гардида, дар асосҳои умумӣ ба мерос ҳуқуқ пайдо мекунад.

7. Шахси манфиатдор метавонад дар давоми як сол аз лаҳзаи кушодашавии мерос дар хусуси беэътибор донистани васиятнома даъво пешниҳод намояд. То кушодашавии мерос мавриди баҳс қарор додани васиятнома мумкин нест.

8. Саҳв дар навишт ва вайронкуниҳои дигари камаҳамият ҳангоми тартиб додан, имзо ва тасдиқ кардан асос барои беэътибории васиятнома шуда

наметавонанд, агар суд муқаррар карда бошад, ки онҳо барои дарки изҳори иродаи воқеии васиятгузор таъсир намерасонанд.

## Моддаи 1267. Тавзеҳи васиятнома

1. Ҳангоми тавзеҳи васиятнома аз тарафи нотариус, иҷрокунандаи васиятнома ё суд маънои асосии калимаю ибораҳои дар онбуда ба эътибор гирифта мешавад.

2. Ҳангоми дақиқ набудани маънои аслии ягон муқаррароти васиятнома он ба тартиби муқоисаи ин муқаррарот бо муқаррароти дигар ва маънои васиятнома дар маҷмуъ муайян карда мешавад. Зимнан бояд амалисозии нисбатан пурраи иродаи эҳтимолии васиятгузор таъмин карда шавад.

3. Агар васиятгузор шахсияти меросгирро бо аломатҳое муайян карда бошад, ки нисбат ба якчанд шахс мувофиқ меоянд ва муайян кардани кадоме аз онҳоро дар назар доштани васиятгузор номумкин аст, ҳамаи онҳо меросгир дониста мешаванд.

## Моддаи 1268. Васиятномаи шартдор

1. Васиятгузор метавонад барои пайдо шудани ҳуқуқи меросгир ба мерос шарти муайянеро пешбинӣ намояд (васиятномаи шартдор).

2. Дар сурати амалӣ нашудани шарти дар васиятнома пешбинишуда меросгир, ки бояд чунин шартро иҷро кунад, метавонад дар асосҳои умумӣ меросро қабул намояд, ба шарте дар васиятнома махсус қайд нашуда бошад, ки дар сурати иҷро накардани шарт ин меросгир аз ҳуқуқи меросгирӣ маҳрум мегардад.

3. Шарте, ки дар васиятнома пешбинӣ шудааст, бояд дар давоми муҳлати қабули мерос амалишаванда бошад ва набояд ба қонун ё асосҳои ахлоқии ҷомеа мухолифат намояд.

4. Дар сурати амалинашаванда будани шарт ва ё ба қонун ё асосҳои ахлоқии ҷомеа мухолифат намудани он васиятнома дар ҳамин қисм беоқибат мебошад.

5. Муқаррароти моддаи мазкур ба супориши васиятгузор (моддаи 1271 ҳамин Кодекс) дахл надоранд.

## Моддаи 1269. Таъини меросгири иловагӣ

1. Васиятгузор метавонад барои ҳолатҳое, ки агар меросгири дар васиятнома зикргардида ё меросгир тибқи қонун то кушода шудани мерос ё ҳамзамон бо меросгузор ва ё баъди кушодашавии мерос меросро қабулнокарда вафот кунад, ё ин ки меросро бо сабабҳои дигар қабул накунад ё аз он даст кашад, ё ин ки аз мерос ҳамчун меросгири ношоиста бартараф гардад (моддаи 1258 ҳамин Кодекс), дар васиятнома меросгири дигар таъин намояд (меросгири иловагӣ).

2. Меросгири иловагӣ шахсе шуда метавонад, ки мутобиқи моддаи 1257 ҳамин Кодекс мумкин аст меросгир бошад.

## Моддаи 1270. Иҷрокунандаи васиятнома

1. Васиятгузор метавонад иҷрои васиятномаро ба шахси дар васиятнома зикргардида, ки меросгир намебошад, супорад (иҷрокунандаи васиятнома). Розигии ин шахс барои иҷрокунандаи васиятнома будан бояд бо дасти худаш дар худи васиятнома ё аризае, ки ба васиятнома замима шудааст, ё аризае, ки дар давоми як моҳ аз рӯзи кушодашавии мерос ба нотариус дода шудааст, сабт шуда бошад.

2. Иҷрокунандаи васиятнома ҳар вақт ҳуқуқ дорад меросгирони тибқи васиятномаро пешакӣ огоҳ намуда, аз иҷрои уҳдадориҳои ба зимааш гузошташуда даст кашад. Ҳамчунин мутобиқи даъвои меросгирон мумкин аст, ки иҷрокунандаи васиятнома тибқи санади судӣ аз иҷрои уҳдадориҳояш озод карда шавад.

3. Меросгирон дар мувофиқа байни ҳамдигар ҳуқуқ доранд иҷрои васиятномаро ба яке аз меросгирон ё шахси дигар супоранд. Ҳангоми ба чунин созиш нарасидан бо талаби як ё якчанд меросгир суд метавонад иҷрокунандаи васиятномаро таъин намояд.

4. Иҷрокунандаи васиятнома танҳо шахси дорои қобилияти пурраи амалкунӣ шуда метавонад.

5. Иҷрокунандаи васиятнома бояд:

- ҳифзи мерос ва идораи онро анҷом диҳад;

- барои огоҳ намудани ҳамаи меросгирон ва легатгир дар хусуси кушодашавии мерос ва супориши васиятгузор ба манфиаташон тамоми чораҳои имконпазирро андешад;

- мутобиқи иродаи васиятгузор ва қонун ба меросгирон молу мулки ба онҳо дахлдоштаро диҳад;

- аз тарафи меросгирон иҷро гардидани супориши васиятгузорро, ки ба зиммаи онҳо гузошта шудааст, таъмин намояд;

- базиммагузорӣ тибқи васиятномаро иҷро намояд ё аз меросгирон тибқи васиятнома иҷрои базиммагузориро талаб намояд.

6. Иҷрокунандаи васиятнома ҳуқуқ дорад аз номи худаш дар суд ва мақомоти дигар вобаста ба ҳифзи мерос, идораи он ва иҷрои васиятнома баромад намояд ва ҳамчунин метавонад барои иштирок дар ин мақомот ҷалб карда шавад.

7. Иҷрокунандаи васиятнома уҳдадориҳои худро дар давоми муҳлати оқилона барои озод намудани мерос аз қарз, рӯёниши маблағҳои ба меросгузор тааллуқдошта ва аз тарафи меросгирон соҳибӣ намудани мерос анҷом медиҳад.

8. Иҷрокунандаи васиятнома ҳуқуқи ҷуброни хароҷоти зарурӣ вобаста ба ҳифз ва идораи мерос, инчунин иҷрои васиятномаро аз ҳисоби мерос дорад. Дар васиятнома мумкин аст барои иҷрокунандаи васиятнома пардохти подош аз ҳисоби мерос пешбинӣ шавад.

9. Иҷрокунандаи васиятнома уҳдадор аст, ки оид ба иҷрои васиятнома бо талаби меросгирон ҳисобот пешниҳод намояд.

### Моддаи 1271. Супориши васиятгузор (легат)

1. Васиятгузор ҳуқуқ дорад тибқи васиятнома ё қонун аз ҳисоби мерос анҷом додани ягон уҳдадории дорои хислати молумулкиро ба манфиати як ё якчанд шахс (легатгир), ки ҳуқуқи талаб намудани иҷрои онро ба даст меоранд, ба зиммаи як ё якчанд меросгир вогузорад (супориши васиятгузор - легат).

2. Легатгирон метавонанд шахсоне бошанд, ки ба шумули меросгирон тибқи қонун дохиланд ё дохил нестанд.

3. Дар васиятнома мумкин аст, ки танҳо супориши васиятгузор пешбинӣ карда шавад.

4. Мавзуи супориши васиятгузор ба легатгир додани ҳуқуқи моликият, истифода ё дигар ҳуқуқи ашё ба молу мулки шомили таркиби мерос, ба даст овардан ва ба ӯ додани молу мулки ба таркиби мерос шомилнабуда, барои ӯ иҷро намудани кори муайян, расондани хизмати муайян ва ғайра буда метавонад. Васиятгузор ҳуқуқ дорад ба зиммаи меросгир, ки ба ӯ бинои истиқоматӣ мегузарад, уҳдадории ба шахси дигар фароҳам овардани истифодаи ин бино ё як қисми муайяни онро дар давраи ҳаёти ин шахс ё муҳлати дигар гузорад. Ҳангоми минбаъд гузаштани ҳуқуқи моликият ба бинои истиқоматӣ ҳуқуқи истифодаи он эътибори худро нигоҳ медорад. Ҳуқуқи истифодаи бинои истиқоматӣ бегона карда намешавад, ба каси дигар дода намешавад ва ба меросгирони дигари легатгир намегузарад. Ҳуқуқи истифодаи бинои истиқоматӣ, ки ба легатгир пешниҳод шудааст, агар дар васиятнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, барои дар ҳамин бино зиндагӣ намудани аъзои оилаи ӯ асос шуда наметавонад.

5. Меросгир, ки васиятгузор ба зиммаи ӯ супориши васиятгузорро гузоштааст, бояд онро танҳо дар доираи арзиши воқеии мероси ба ӯ гузашта ва аз ҳисоб баровардани қисми қарзи меросгузор, ки ба ӯ мувофиқ омадааст, иҷро кунад.

6. Агар меросгири ба зиммааш супориши васиятгузор гузошташуда дорои ҳуқуқи ҳиссаи ҳатмӣ ба мерос бошад, уҳдадории ӯ оид ба иҷрои легат дар доираи арзиши мероси ба ӯ гузашта, ки аз ҳиссаи ҳатмии ӯ бештар аст, маҳдуд карда мешавад.

7. Агар супориши васиятгузор ба зиммаи ҳама ё якчанд меросгир гузошта шуда бошад, ин супориш ба ҳар кадоми онҳо баробари ҳиссаашон дар мерос гаронӣ ба вуҷуд меорад, ба шарте дар васиятнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

8. Дар сурати вафоти меросгири ба зиммааш супориши васиятгузор вогузоршуда ё ҳолатҳои дигари гузаштани ҳиссаи ӯ ба меросгирони дигар тибқи ҳамин Кодекс иҷрои уҳдадории супориши васиятгузор ба меросгире, ки ҳиссаи ӯро гирифтааст, аз ҷумла ба давлат, мегузарад, агар аз қонун ё

васиятнома тартиби дигар барнаоянд ва ё агар иҷро бе иштироки чунин меросгир имконнопазир бошад.

9. Ҳуқуқ ба қабули легат дар давоми се сол аз рӯзи кушодашавии мерос амал намуда, ба шахсони дигар намегузарад. Дар васиятнома легатгири иловагӣ таъин шуда метавонад.

10. Легатгир аз рӯйи қарзҳои меросгузор ҷавобгар намебошад.

11. Агар легатгири иловагӣ дар васиятнома таъин нашуда бошад, меросгир дар ҳолатҳои зерин аз иҷрои супориши васиятгузор озод мегардад:

- вафоти легатгир то кушода шудани мерос ё ҳамзамон бо васиятгузор;

- даст кашидани легатгир аз гирифтани супориши васиятгузор;

- дар давоми се сол аз рӯзи кушодашавии мерос аз ҷониби легатгир истифода накардани ҳуқуқи қабули легат;

- маҳрум шудани легатгир аз ҳуқуқи қабули легат тибқи қоидаҳои моддаи 1258 ҳамин Кодекс.

12. Агар легатгир баъди кушодашавии мерос ба қабули легат розигӣ надода вафот кунад, ҳуқуқи гирифтани ин легат ба меросгирони ӯ мегузарад, агар аз қонун ё васиятнома тартиби дигар барнаояд, аз ҷумла агар легатгири иловагӣ таъин нашуда бошад.

### Моддаи 1272. Базиммагузорӣ тибқи васиятнома

1. Васиятгузор метавонад тибқи васиятнома ё қонун ба зиммаи як ё якчанд меросгир уҳдадории анҷом додани ягон амали дорои хислати молумулкӣ ё ғайримолумулкиро вогузорад, ки барои амалисозии мақсадҳои барои умум судманд равона шудааст (базиммагузорӣ тибқи васиятнома). Чунин уҳдадорӣ мумкин аст ба зиммаи иҷрокунандаи васиятнома низ гузошта шавад, ба шарте дар васиятнома барои иҷрои базиммагузорӣ тибқи васиятнома қисми молу мулки меросӣ ҷудо гардад. Мавзуи базиммагузорӣ тибқи васиятнома уҳдадории нигоҳубини ҳайвоноти хонагӣ, аз ҷумла назорат ва парвариши онҳо бо тарзи дахлдор, шуда метавонад.

2. Нисбати базиммагузорӣ тибқи васиятнома, ки мавзуи он амали дорои хусусияти молумулкӣ мебошад, мутобиқан қоидаҳои моддаи 1271 ҳамин Кодекс татбиқ карда мешаванд.

3. Дар васиятнома мумкин аст, ки танҳо базиммагузорӣ пешбинӣ карда шавад.

4. Иҷрои базиммагузорӣ тибқи васиятномаро меросгирон, шахсони манфиатдор ва иҷрокунандаи васиятнома талаб карда метавонанд, агар дар васиятнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

5. Дар сурати вафоти меросгир, ки уҳдадории иҷрои базиммагузорӣ тибқи васиятномаро дошт ё ҳолатҳои дигари гузаштани ҳиссаи ӯ ба меросгирони дигар тибқи ҳамин Кодекс иҷрои уҳдадории мазкур ба меросгир, ки ҳиссаи ӯро гирифтааст, аз ҷумла ба давлат, мегузарад, агар аз қонун ё васиятнома тартиби дигар барнаояд.

## БОБИ 71. МЕРОСГИРӢ ТИБҚИ ҚОНУН

### Моддаи 1273. Муқаррароти умумӣ дар бораи меросгирӣ тибқи қонун

1. Дар ҳолати набудани васиятнома (васият накардани меросгузор, васият нашудани қисми молу мулк, беэътибор гардидани васиятнома, аз ҷониби меросгир қабул накардани мерос тибқи васиятнома ва ғайра) меросгирӣ тибқи қонун сурат мегирад.

2. Меросгирон тибқи қонун бо тартиби ба навбат муқарраркардаи ҳамин Кодекс ба меросгирӣ даъват карда мешаванд.

3. Меросгирони ҳар як навбат дар ҳолати набудани меросгирони навбати пешина, бартараф шудани онҳо аз мерос, аз тарафи онҳо қабул нагардидани мерос ё даст кашидан аз он ҳуқуқ ба мерос доранд.

4. Меросгирони ҳар як навбат бо ҳиссаи баробар ҳуқуқи меросгирӣ доранд, ба истисноии меросгирӣ бо ҳуқуқи пешниҳод. Тибқи васиятнома мерос гирифтани меросгир ба андозаи ҳиссаи ӯ ҳангоми меросгирӣ тибқи қонун таъсир намерасонад.

5. Меъёрҳои ҳамин Кодекс дар бораи ба навбат даъват кардани меросгирони тибқи қонун ба меросгирӣ ва оид ба андозаи ҳиссаи онҳо дар мерос мумкин аст бо созишномаи ба тариқи нотариалӣ тасдиқшудаи меросгирони манфиатдор, ки пас аз кушодашавии мерос баста шудааст, тағйир дода шавад. Чунин созишнома набояд ҳуқуқи меросгирони дар он иштироккнадошта, инчунин меросгиронеро, ки ба ҳиссаи ҳатмӣ ҳуқуқ доранд, халалдор намояд.

6. Ҳангоми меросгирӣ тибқи қонун фарзандхондшуда ва наслҳои он аз як тараф ва фарзандхонда ва хешовандони ӯ аз тарафи дигар бо хешони хунӣ баробар дониста мешаванд. Фарзандхондшудагон ва наслҳои онҳо баъди вафоти падару модар ва хешони дигари аслӣ (ҳамхун) тибқи қонун мерос намегиранд. Падару модари фарзандхондшуда ва хешони дигари аслӣ (ҳамхун)-и ӯ пас аз вафоти фарзандхондшуда ва наслҳои ӯ тибқи қонун мерос намегиранд.

7. Агар ҳангоми фарзандхонӣ тибқи санади судӣ муносибати байни фарзандхондшуда бо падар ё модар ва ё хешовандони дигари аслӣ нигоҳ дошта шуда бошад, фарзандхондшуда ва наслҳои ӯ баъди вафоти ин шахсон ва дар навбати худ ин шахсон пас аз вафоти фарзандхондшуда ва наслҳои ӯ тибқи қонун мерос гирифта метавонанд. Меросгирӣ тибқи қоидаи мазкур ба меросгирӣ тибқи қоидаҳои қисми 6 моддаи мазкур таъсир намерасонад.

### Моддаи 1274. Меросгирони навбати якум

1. Меросгирони навбати якум тибқи қонун аз рӯйи ҳиссаҳои баробар фарзандон (инчунин фарзандхондшудагон), ҳамсар ва падару модар, фарзандхонди меросгузор, инчунин кӯдаки шахси вафоткарда, ки пас аз вафоти ӯ зинда таваллуд шудааст, мебошанд.

2. Наберагони меросгузор ва наслҳои онҳо бо ҳуқуқи пешниҳод мерос мегиранд.

### Моддаи 1275. Меросгирони навбати дуюм

1. Меросгирони навбати дуюм бародару хоҳарони меросгузор ва ҳамчунин бобою бибӣ ҳам аз тарафи модар ва ҳам аз тарафи падар мебошанд.

2. Фарзандони бародару хоҳарони меросгузор (бародарзода ва хоҳарзодаи меросгузор) бо ҳуқуқи пешниҳод мерос мегиранд.

### Моддаи 1276. Меросгирони навбати сеюм

1. Меросгирони навбати сеюм бародару хоҳарони падару модари меросгузор (амма, амак, хола ва тағо) мебошанд.

2. Фарзандони амма, амак, хола ва тағои меросгузор бо ҳуқуқи пешниҳод мерос мегиранд.

### Моддаи 1277. Меросгирӣ бо ҳуқуқи пешниҳод

1. Ҳиссаи меросгири тибқи қонун, ки то кушода шудани мерос ва ё дар як вақт бо меросгузор вафот кардааст, бо ҳуқуқи пешниҳод ба наслҳои дахлдори ӯ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 2 моддаҳои 1274, 1275 ва 1276 ҳамин Кодекс мегузарад ва байни онҳо баробар тақсим карда мешавад.

2. Наслҳои меросгир тибқи қонун, ки меросгузор онҳоро аз меросгирӣ маҳрум кардааст, бо ҳуқуқи пешниҳод мерос гирифта наметавонанд.

3. Насли меросгир, ки то кушода шудани мерос ва ё дар як вақт бо меросгузор вафот кардааст ва мутобиқи талаботи моддаи 1258 ҳамин Кодекс ҳуқуқи гирифтани меросро надорад, бо ҳуқуқи пешниҳод мерос гирифта наметавонад.

### Моддаи 1278. Меросгирии шахсони корношоям, ки таҳти саробонии меросгузор қарор доранд

1. Ба доираи меросгирон тибқи қонун шахсони дар рӯзи кушодашавии мерос корношояме дохил мешаванд, ки дар муҳлати на камтар аз як соли то вафоти меросгузор таҳти саробонии ӯ қарор дошта, якҷоя бо ӯ зиндагӣ мекарданд. Ҳангоми мавҷуд будани меросгирони дигар тибқи қонун онҳо якҷоя ва баробар бо меросгирони ҳамон навбате, ки ба меросгирӣ даъват шудаанд, мерос мегиранд.

2. Шахсони дар рӯзи кушодашавии мерос корношоям, ки ба доираи меросгирон тибқи қонун дохил шуда, вале ба доираи меросгирони ҳамон навбат, ки ба меросгирӣ даъват шудаанд, шомил нестанд, агар дар муҳлати на камтар аз як соли то вафоти меросгузор, сарфи назар аз зиндагии якҷоя бо меросгузор, таҳти саробонии ӯ қарор дошта бошанд, якҷоя ва баробар бо ҳамин навбат мерос мегиранд.

### Моддаи 1279. Ҳуқуқ ба ҳиссаи ҳатмӣ дар мерос

1. Фарзандони ноболиғ ё корношоями меросгузор, ҳамчунин падару модар ва ҳамсари корношоями ӯ, ҳамчунин кӯдакони ҳангоми зинда будани меросгузор дар батни модар ва баъди кушодашавии мерос зинда таваллудшуда, сарфи назар аз мазмуни васиятнома, на камтар аз се ду ҳиссае, ки ба ҳар яки онҳо ҳангоми меросгирӣ тибқи қонун таaллуқ дошт, мерос мегиранд (ҳиссаи ҳатмӣ). Ҳуқуқ ба ҳиссаи ҳатмиро шахсони корношояме низ доро мебошанд, ки таҳти саробонии меросгузор қарор доранд (моддаи 1278 ҳамин Кодекс).

2. Ҳуқуқ ба ҳиссаи ҳатмӣ дар мерос аз ҳисоби қисми молу мулки васиятнашуда, сарфи назар аз кам шудани ҳуқуқҳои дигар меросгирон тибқи қонун ба ин қисми молу мулк қонеъ карда мешавад. Агар қисми молу мулки васиятнашуда кофӣ набошад, ҳуқуқ ба ҳиссаи ҳатмӣ аз ҳисоби молу мулки васиятшуда қонеъ карда мешавад.

3. Ба ҳиссаи ҳатмӣ ҳамаи он чизе, ки меросгири ба чунин ҳисса ҳуқуқдошта тибқи ин ё он асос мегирад, ҳисоб карда мешавад, аз ҷумла арзиши супориши васиятгузор, ки ба манфиати ҳамин гуна меросгир муқаррар шудааст.

4. Ҳама гуна маҳдудият ва гаронӣ, ки дар васиятнома барои меросгири дорои ҳуқуқ ба ҳиссаи ҳатмӣ муқаррар гардидаанд, танҳо нисбати он қисми мероси ба ӯ гузаранда боэътиборанд, ки аз ҳиссаи ҳатмӣ зиёд мебошанд.

### Моддаи 1280. Ҳуқуқҳои ҳамсар ҳангоми меросгирӣ

1. Ҳуқуқи меросгирие, ки тибқи васиятнома ё қонун ба ҳамсари дарҳаётмонда дахл дорад, ҳуқуқи ӯро ба қисми молу мулке, ки дар давраи ақди никоҳ ҳамчун моликияти якҷоя ба даст овардаанд, халалдор намекунад. Ҳиссаи ҳамсари вафоткарда дар ин молу мулк тибқи моддаи 327 ҳамин Кодекс муайян карда шуда, ба таркиби мерос дохил карда мешавад ва он ба мерос мегузарад.

2. Ҳамсар дар сурате аз ҳамсари худ мерос гирифта метавонад, агар ақди никоҳи онҳо расман бекор нашуда бошад.

3. Тибқи санади судӣ ҳамсар мумкин аст аз меросгирӣ бартараф карда шавад, агар исбот гардад, ки муносибати воқеии ҳамсарӣ байни ӯ ва меросгузор то рӯзи кушодашавии мерос қатъ гардида, онҳо дар муддати на камтар аз се соли охир хоҷагии умумӣ пеш набурда бошанд.

### Моддаи 1281. Гузаштани мерос ба давлат

1. Давлат дар ҳолатҳои зерин тибқи қонун мерос мегирад, агар:

- васиятгузор ҳамаи меросгиронро аз ҳуқуқи меросгирӣ маҳрум карда бошад;

- ҳамаи меросгирон ҳуқуқи гирифтани меросро надошта бошанд;

- ҳамаи меросгирон бе зикри меросгире, ки ба манфиати он даст кашида мешавад, аз мерос даст кашида бошанд;

- ҳамаи меросгирон меросро қабул накарда бошанд;

- меросгузор тибқи қонун ва васиятнома меросгир надошта бошад.

2. Агар яке аз меросгирон ба манфиати давлат аз мерос даст кашида бошад, пас ҳиссае, ки ба ин меросгир дахл дорад, ба давлат мегузарад.

3. Агар танҳо як қисми молу мулки меросгузор васият шуда бошад ва меросгирон тибқи қонун мавҷуд набошанд, қисми боқимонда ба давлат мегузарад.

## БОБИ 72. ҚАБУЛ ВА ДАСТ КАШИДАН АЗ МЕРОС

### Моддаи 1282. Қабули мерос

1. Барои ба даст овардани мерос меросгир бояд онро қабул намояд. Барои ба даст овардани мерос аз ҷониби давлат (моддаи 1281 ҳамин Кодекс) қабули мерос талаб карда намешавад.

2. Мерос вақте аз тарафи меросгир қабулгардида эътироф мешавад, ки ӯ ба мақомоти нотариалии ҷойи кушода шудани мерос дар бораи қабули мерос ё додани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос ариза диҳад. Аризаро тавассути намоянда додан мумкин аст, агар чунин ваколати ӯ дар ваколатнома махсус қайд шуда бошад. Шахсони ғайриқобили амал ва дорои қобилияти маҳдуди амалкунӣ меросро тавассути намояндагони қонунӣ қабул мекунанд. Барои қабули мерос аз тарафи намояндаи қонунӣ ваколатнома талаб карда намешавад.

3. Агар тартиби дигар муқаррар нашуда бошад, мерос дар ҳолате низ аз тарафи меросгир қабулгардида эътироф мешавад, ки ӯ амалҳои тасдиққунандаи қабули воқеии меросро анҷом дода бошад, аз қабили:

- шуруъ кардан ба соҳибӣ ё идоракунии молу мулки меросӣ;

- андешидани тадбирҳо оид ба нигаҳдории молу мулки меросӣ, ҳимояи онҳо аз суиқасд ва талаби шахсони сеюм;

- аз ҳисоби худ пардохт намудани хароҷот барои нигаҳдории молу мулки меросӣ;

- аз ҳисоби худ пардохт намудани қарзҳои меросгузор ё қабул намудани воситаҳои пулии ба меросгузор тааллуқдошта аз шахсони сеюм.

4. Амалҳои дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи мазкур нишондодашуда бояд дар давоми шаш моҳ аз рӯзи кушода шудани мерос ба анҷом расонда шаванд. Муҳлати мазкур барои шахсоне, ки ҳуқуқи меросгириро танҳо дар ҳолати қабул накардани мерос ё аз қабули мерос даст кашидани меросгирони дигар ва ё меросгири ношоиста эътироф гардидани меросгирони дигар ба даст меоранд, аз рӯзи пайдо шудани ҳуқуқи меросгирӣ ҳисоб карда мешавад. Дар сурати кушода шудани мерос дар рӯзи тахминии вафоти шахс мерос дар давоми шаш моҳ аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо намудани санади судӣ дар бораи вафоткарда эълон гардидани шахси воқеӣ қабул шуда метавонад.

5. Агар меросгир дар давоми муҳлати муқаррарнамудаи қисми 4 моддаи мазкур меросро қабул накарда бошад, ӯ меросро қабулнакарда ҳисобида мешавад.

6. Аз ҷониби меросгир қабул гардидани қисми мерос маънои қабули тамоми мероси ба ӯ тааллуқдоштаро дорад. Қабули мерос бо ягон шарт ё эзоҳот иҷозат дода намешавад.

7. Аз ҷониби як ё якчанд меросгир қабул гардидани мерос маънои аз ҷониби ҳамаи меросгирон қабул гардидани меросро надорад.

8. Қабули мерос аз рӯзи кушодашавии он ба меросгир тааллуқдошта эътироф карда мешавад.

## Моддаи 1283. Қабули мерос пас аз гузаштани мӯҳлати муқарраршуда

1. Меросгире, ки мӯҳлати қабули мероси муқарраркардаи моддаи 1282 ҳамин Кодексро гузаронидааст, меросро қабул карда метавонад, агар розигии хаттии ба тариқи нотариалӣ тасдиқшудаи ҳамаи дигар меросгирон, ки меросро қабул намудаанд, мавҷуд бошад. Дар сурати розӣ набудани меросгирони дигар меросгир, ки мӯҳлати қабули меросро гузарондааст, танҳо бо тартиби пешбиникардаи қисми 2 моддаи мазкур меросро қабул карда метавонад.

2. Суд мӯҳлати қабули меросро, ки меросгир бо сабабҳои узрнок гузарондааст, дар асоси аризаи ӯ барқарор карда, меросро аз ҷониби меросгир қабулшуда эътироф менамояд, агар меросгир дар давоми шаш моҳи аз байн рафтани сабаби гузарондани мӯҳлат ба суд муроҷиат карда бошад.

3. Меросгир, ки меросро пас аз гузаштани мӯҳлати тибқи моддаи мазкур муқарраршуда қабул кардааст, ҳуқуқ ба гирифтани мероси ба ӯ тааллуқдоштаро мутобиқи моддаҳои 1229, 1230, 1232 ва 1233 ҳамин Кодекс дорад, агар бо созиши байни ҳамаи меросгирони меросро қабулкарда тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

4. Розигии хаттии меросгирон ва санади судӣ оид ба барқарор намудани мӯҳлати қабули мерос барои аз ҷониби нотариус бекор кардани шаҳодатномаи қаблан додашудаи ҳуқуқ ба мерос ва додани шаҳодатномаи нав асос мебошад.

## Моддаи 1284. Гузариши ҳуқуқи қабули мерос (трансмиссияи меросӣ)

1. Агар меросгир пас аз кушода шудани мерос онро дар мӯҳлати муқарраргардида қабул накарда вафот карда бошад, ҳуқуқи гирифтани ҳиссаи мероси ба ӯ тааллуқдошта ба меросгирони ӯ тибқи васиятнома ё қонун мегузарад (трансмиссияи меросӣ). Ҳуқуқ ба қабули мерос бо тартиби трансмиссияи меросӣ ба таркиби мерос, ки пас аз вафоти чунин меросгир кушода шудааст, дохил намешавад.

2. Ҳуқуқ ба қабули мерос, ки ба меросгири вафоткарда тааллуқ дошт, аз ҷониби меросгирони ӯ тибқи асосҳои умумӣ амалӣ карда мешавад. Меросгирони меросгири вафоткарда меросро бояд дар ҷараёни мӯҳлати то охири мӯҳлати қабули мерос боқимонда қабул кунанд. Агар ин мӯҳлат камтар аз се моҳ бошад, пас он бояд то се моҳ дароз карда шавад. Ҳангоми гузаштани мӯҳлати мазкур қабули мерос бо тартиби пешбининамудаи моддаи 1283 ҳамин Кодекс сурат гирифта метавонад.

3. Ҳуқуқи меросгир ба қабули қисми мерос ба сифати ҳиссаи ҳатмӣ (моддаи 1279 ҳамин Кодекс) ба меросгирони ӯ намегузарад.

## Моддаи 1285. Ҳуқуқи аз мерос даст кашидан

1. Меросгир ҳуқуқ дорад дар давоми муҳлати қабули мерос аз мерос даст кашад. Ҳангоми мавҷуд будани сабабҳои узрнок суд метавонад аз мерос даст кашидани меросгирро баъди гузаштани ин муҳлат низ эътироф намояд, ба шарте меросгир воқеан меросро қабул намуда бошад.

2. Ҳангоми меросгирии давлат дасткашӣ аз мерос иҷозат дода намешавад.

3. Даст кашидан аз мерос аз тарафи меросгир ба тариқи пешниҳоди ариза ба нотариуси ҷойи кушода шудани мерос анҷом дода мешавад.

4. Даст кашидан аз мерос тавассути намоянда мумкин аст, агар дар ваколатнома барои ҳамин гуна дасткашӣ махсус ваколат пешбинӣ шуда бошад. Намояндагони қонунӣ ҳуқуқ надоранд аз мерос даст кашанд ё барои дасткашӣ аз мерос розигӣ диҳанд.

5. Дасткашӣ аз мерос минбаъд бозхонд ё тағйир дода намешавад.

6. Меросгир бо гузаштани муҳлати муқарраршуда ҳуқуқи даст кашидан аз меросро гум мекунад. Ӯ ин ҳуқуқро ҳамчунин то гузаштани муҳлати мазкур дар ҳолатҳои зерин гум мекунад, агар:

- ба мақомоти нотариалии ҷойи кушода шудани мерос дар бораи қабули мерос ё додани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос ариза дода бошад;

- меросро воқеан қабул карда бошад, ба истиснои ҳолати пешбиникардаи қисми 1 моддаи мазкур.

## Моддаи 1286. Аз қисми мерос ё ба манфиати шахсони дигар даст кашидан аз мерос

1. Агар меросгир ҳамзамон бо якчанд асос (тибқи қонун, васиятнома ё асосҳои дигар) ба меросгирӣ даъват шавад, ӯ ҳуқуқ дорад аз мероси ба ӯ мансубшаванда бо як, якчанд ё ҳамаи ин асосҳо даст кашад.

2. Ҳангоми даст кашидан аз мерос меросгир ҳуқуқ дорад нишон диҳад, ки ӯ ба манфиати меросгирон тибқи васиятнома ё тибқи қонун, новобаста ба навбат, аз ҷумла ба манфиати онҳое, ки барои меросгирӣ бо ҳуқуқи пешниҳод ё бо тартиби трансмиссияи меросӣ даъват шудаанд ва ё давлат, даст мекашад.

3. Ба манфиати шахсони зерин аз мерос даст кашидан мумкин нест:

- меросгироне, ки дар қисми 2 моддаи мазкур номбар нашудаанд;

- меросгироне, ки аз мерос маҳрум карда шудаанд;

- меросгироне, ки ҳуқуқи меросгирӣ надоранд.

4. Ба манфиати шахсони дигар аз мерос дар ҳолатҳои зерин даст кашидан мумкин нест:

- агар тамоми молу мулки меросгузор ба меросгирони таъиннамудаи ӯ васият шуда бошад;

- аз ҳиссаи ҳатмӣ дар мерос;

- агар меросгири иловагӣ таъин шуда бошад.

5. Ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи мазкур, даст кашидан аз қисми мерос, даст кашидан бо ягон шарт ё эзоҳот иҷозат дода намешавад.

### Моддаи 1287. Ҳуқуқи даст кашидан аз гирифтани супориши васиятгузор

1. Легатгир ҳуқуқ дорад аз супориши васиятгузор даст кашад.

2. Қисман даст кашидан аз супориши васиятгузор, даст кашидан аз он бо ягон шарт ё эзоҳот ба манфиати шахси дигар иҷозат дода намешавад.

3. Аз ҷониби легатгир, ки ҳамзамон меросгир мебошад, даст кашидан аз супориши васиятгузор маънои даст кашидан аз меросро надорад.

### Моддаи 1288. Афзун гардидани ҳиссаҳои меросӣ

1. Дар ҳолатҳои зерин ҳиссаи мерос байни меросгирон тибқи қонун, ки ба гирифтани мерос даъват шудаанд, мутаносибан ба ҳиссаи меросиашон тақсим мешавад:

- даст кашидани меросгир аз мерос бе зикри меросгир, ки ба манфиати он даст кашида мешавад;

- ҳуқуқи меросгирӣ надоштани меросгир;

- аз мерос маҳрум шудани меросгир;

- беэътибор дониста шудани васиятнома;

- аз ҷониби меросгир қабул накардани мерос.

2. Агар меросгузор ҳамаи молу мулкашро ба меросгирони таъиннамудааш васият карда бошад, як қисми мерос, ки ба меросгири бо асосҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи мазкур азбайнрафта мансуббуда, ба меросгирони дигари дар васиятнома зикршуда мегузарад ва дар байни онҳо мувофиқ ба ҳиссаи меросиашон тақсим карда мешавад, ба шарте дар васиятнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

3. Меъёрҳое, ки дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинӣ шудаанд, дар сурати таъин шудани меросгири иловагӣ (моддаи 1269 ҳамин Кодекс) дар мавриди аз байн рафтани меросгир татбиқ намешаванд.

### Моддаи 1289. Додани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос

1. Нотариуси давлатии ҷойи кушодашавии мерос шаҳодатномаи ҳуқуқ ба меросро дар асоси аризаи меросгир медиҳад.

2. Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос тибқи қонун якҷоя ба ҳамаи меросгирон ё ба ҳар як меросгири алоҳида нисбат ба ҳамаи молу мулк ё танҳо қисми он мувофиқи хоҳиши онҳо дода мешавад.

3. Ҳангоми ба давлат гузаштани молу мулки меросӣ (моддаи 1281 ҳамин Кодекс) шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос ба мақомоти давлатии дахлдор бо тартиби муқарраркардаи моддаи мазкур дода мешавад.

4. Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос пас аз гузаштани шаш моҳ аз рӯзи кушодашавии мерос дода мешавад. Ҳангоми меросгирӣ тибқи қонун ё тибқи васиятнома шаҳодатнома мумкин аст то гузаштани мухлати мазкур дода шавад, агар нотариус маълумоти дақиқ дошта бошад, ки ба ғайр аз шахси барои шаҳодатнома мурочиаткарда вобаста ба молу мулки дахлдор ё ҳамаи мерос меросгирони дигар мавчуд нестанд.

## Моддаи 1290. Бекор кардан ё беэътибор донистани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос

Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос дар ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс ва қонун бекор карда ё бетибор дониста мешавад.

## Моддаи 1291. Моликияти умумии ҳиссагии меросгирон

1. Ҳангоми меросгирӣ тибқи қонун, агар молу мулки меросӣ ба ду ва зиёда меросгир гузарад, аз рӯзи кушодашавии мерос он ба моликияти умумии ҳиссагии меросгирон дохил мешавад. Ҳангоми меросгирӣ тибқи васиятнома низ қоидаи мазкур татбиқ карда мешавад, агар меросгузор молу мулки мушаххасро ба ҳар як меросгир васият накарда бошад.

2. Нисбат ба моликияти умумии меросгирон дар молу мулки меросӣ муқаррароти ҳамин Кодекс оид ба моликияти умумии ҳиссагӣ бо назардошти қоидаҳои фасли мазкур татбиқ карда мешаванд.

## Моддаи 1292.Тақсими мерос

1. Ҳар як меросгир, ки тибқи қонун меросро қабул кардааст, ҳуқуқ дорад тақсими меросро талаб намояд.

2. Тақсими мерос бо созиши меросгирон тибқи ҳиссаҳои ба онҳо мансубшаванда ва ҳангоми наомадан ба созиш бо тартиби судӣ анчом дода мешавад.

3. Нисбат ба созиш дар бораи тақсими мерос қоидаҳои ҳамин Кодекс оид ба шакли аҳд ва шартномаҳо татбиқ карда мешаванд.

4. Қоидаҳои моддаи мазкур ба тақсими мерос байни меросгирони тибқи васиятнома дар ҳолатҳое, ки агар ҳамаи молу мулки меросӣ ё як қисми он ба меросгирон бе нишон додани молу мулки мушаххас ба ҳар яке аз онҳо васият шуда бошад, татбиқ карда мешаванд. Агар меросгузор дар васиятнома ҳиссаи меросгиронро дар молу мулки меросӣ нишон надода бошад, ҳиссаи онҳо баробар дониста мешаванд.

## Моддаи 1293. Имконнопазирии ихтиёрдории мерос

Меросгир, ки ҳузури дигар меросгиронро мунтазир нашуда, ба соҳибии мерос ё идораи он шуруъ намудааст, ҳуқуқ надорад то гузашти шаш моҳ аз рӯзи кушода шудани мерос ё то гирифтани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос, ба истиснои чуброни харочоти зарурии бо сабаби бемории пеш аз вафоти меросгузор бамиёномада, харочоти дафн, таъминоти шахси таҳти саробонии

меросгузор қарордошта, харочоти ҳифз ва идораи мерос, онро ихтиёрдорӣ намояд.

### Моддаи 1294. Ҳифзи манфиатҳои меросгирони алоҳида ҳангоми тақсими мерос

1. Агар дар байни меросгирон шахсоне бошанд, ки ҷойи қарор доштанашон номаълум аст (меросгирони ғоиб), тақсими мерос танҳо пас аз гузаштани мӯҳлати қабули мерос мумкин аст.

2. Агар баъди тақсими молу мулки меросӣ меросгири нав пайдо шавад, ки ҳуқуқи қабули меросро дорад, мерос бояд аз нав тақсим карда шавад, ба шарте меросгирон ба созиши дигар наомада бошанд.

3. Ҳангоми мавҷуд будани ҳамл, вале ҳанӯз таваллуд нашудани меросгир, тақсими мерос метавонад танҳо пас аз таваллуди чунин меросгир сурат гирад.

4. Агар дар байни меросгирон шахсони ноболиғ, ғайриқобили амал ё дорои қобилияти маҳдуди амалкунӣ мавҷуд бошанд, тақсими мерос бо риояи қоидаҳои моддаи 38 ҳамин Кодекс сурат мегирад.

5. Барои ҳифзи манфиатҳои шахсоне, ки дар қисмҳои 3 ва 4 моддаи мазкур пешбинӣ шудаанд, ҳангоми тақсими мерос бояд намояндаи мақомоти васоят ва парасторӣ даъват карда шавад.

### Моддаи 1295. Ҳуқуқи афзалиятноки меросгирони алоҳида ҳангоми тақсими мерос

1. Меросгире, ки бо меросгузор ҳуқуқи моликияти умумӣ нисбат ба ашёи тақсимнашаванда дошт ва ҳиссаи ҳуқуқ ба он ба таркиби мерос дохил мешавад, ҳангоми тақсими мерос нисбат ба меросгирони дигар, ки пештар иштирокдори моликияти умумӣ набуданд, новобаста ба истифодаи он, барои аз таркиби мерос гирифтани он ҳуқуқи афзалиятнок дорад.

2. Меросгире, ки ашёи тақсимнашавандаи таркиби меросро доимӣ истифода мекард, ҳангоми тақсими мерос нисбат ба меросгирони дигар, ки ашёи мазкурро доимӣ истифода намекарданд ва иштирокдори моликияти умумӣ нисбат ба он нестанд, барои аз таркиби мерос гирифтани он ҳуқуқи афзалиятнок дорад.

3. Агар ба таркиби мерос манзили истиқоматӣ (хонаи истиқоматӣ ва ғайра) дохил бошад, ки тақсими он дар шакли асл имконнопазир аст, ҳангоми тақсими мерос меросгире, ки дар рӯзи кушодашавии мерос дар он зиндагӣ мекард ва манзили истиқоматии дигар надорад, нисбат ба меросгирони дигар, ки молики ин манзили истиқоматӣ нестанд, барои аз таркиби мерос гирифтани он ҳуқуқи афзалиятнок дорад.

4. Ҳангоми тақсими мерос меросгире, ки дар давоми сол то кушодашавии мерос якҷоя бо меросгузор зиндагӣ мекард, барои аз таркиби мерос гирифтани асбобу ашёи хона ҳуқуқи афзалиятнок дорад.

5. Ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқи афзалиятноки дар моддаи мазкур пешбинишуда, бояд манфиатҳои молумулкии меросгирони дигари дар

тақсимот иштирокдошта ба инобат гирифта шаванд. Агар дар натиҷаи амалӣ намудани ин ҳуқуқҳо молу мулке, ки меросро ташкил медиҳад, барои ба меросгирони дигар пешниҳод намудани ҳиссаи ба онҳо мансуб кофӣ набошад, пас меросгири дорои ҳуқуқи афзалиятнок бояд ба онҳо товони дахлдори пулӣ ё молумулкӣ диҳад, дар ҳолати баръакс, тақсимот тибқи қоидаҳои умумӣ амалӣ карда мешавад.

### Моддаи 1296. Ҳифзи мерос ва идораи он

1. Барои ҳифз ва идоракунии мерос, ҳимояи ҳуқуқҳои меросгирон, легатгирон ва шахсони дигари манфиатдор аз ҷониби нотариуси ҷойи кушодашавии мерос ё иҷрокунандаи васиятнома тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд.

2. Иҷрокунандаи васиятнома ҷиҳати ҳифзи мерос ва идоракунии он мустақилона ё дар асоси талаби як ё якчанд меросгир тадбирҳо меандешад. Иҷрокунандаи васиятнома ҳифзи ҳамаи мерос ва идора намудани онро, аз ҷумла он қисми меросро, ки бо тартиби меросгирӣ тибқи қонун мегузарад, анҷом медиҳад, агар меросгирони тибқи қонун таъини дигари идоракунандаи меросро барои иҷрои амалҳои мазкур нисбати он қисми мерос, ки бо тартиби меросгирӣ тибқи қонун мегузарад, талаб накунанд.

3. Тартиби ҳифзи молу мулки меросӣ ва идоракунии онро қонун муайян мекунад.

### Моддаи 1297. Идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулки меросӣ

1. Агар дар таркиби мерос молу мулке бошад, ки на танҳо ҳифз, балки идоракуниро низ талаб мекунад, нотариуси ҷойи кушодашавии мерос ба сифати муассиси идораи ба боварӣ асосёфта шартномаи идораи ба боварӣ асосёфтаи ин молу мулкро тибқи моддаи 1058 ҳамин Кодекс мебандад. Ҳангоми меросгирӣ тибқи васиятнома, агар иҷрокунандаи васиятнома таъин шуда бошад, дар чунин ҳолат ӯ муассиси идораи ба боварӣ асосёфта шуда метавонад.

2. Шартномаи идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулки меросӣ мумкин аст дар ҳолатҳои дигар бо хоҳиши як ё якчанд меросгир тибқи қонун ё бо талаби кредиторони меросгузор дар ҷойи кушодашавии мерос аз тарафи нотариус баста шавад. Агар меросгирон тибқи қонун набошанд ё номаълум бошанд, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти маҳаллии худидоракунӣ бояд ба нотариус дар бораи бастани шартномаи идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулки меросӣ муроҷиат намояд.

3. Идоракунанда уҳдадориҳои пешбининамудаи моддаи 1270 ҳамин Кодексро анҷом медиҳад, агар аз хусусияти меросгирӣ тибқи қонун ё аз шартномаи идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулки меросӣ тартиби дигар барнаояд.

4. Дар сурати номатлуб анҷом додани уҳдадориҳо аз ҷониби идоракунанда суд тибқи муроҷиати нотариус, меросгирон ё кредитори меросгузор шартномаро бекор мекунад.

5. Идоракунанда ҳуқуқи ҷуброни хароҷоти заруриро оид ба ҳифзи мерос ва идораи он аз ҳисоби мерос дорад ва агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, подош низ гирифта метавонад.

## Моддаи 1298. Хароҷоте, ки бояд ба таври афзалиятнок аз ҳисоби мерос пардохт карда шавад

Аз ҳисоби мерос то тақсими он байни меросгирон бояд талаботи ҷуброни хароҷоти зарурии бо сабаби бемории пеш аз вафоти меросгузор бамиёномада, хароҷоти дафни меросгузор, хароҷоти ба даст овардани мерос, ҳифзи он, идораи он ва иҷрои васиятнома ва ҳамчунин пардохти подош ба иҷрокунандаи васиятнома ё ба идоракунандаи мерос қонеъ гардонда шаванд. Ин талабот бояд дар доираи арзиши мерос нисбат ба талаботи дигар ба таври афзалиятнок қонеъ карда шавад.

## Моддаи 1299. Ҷавобгарии меросгирон аз рӯйи қарзҳои меросгузор

1. Кредиторони меросгузор ҳуқуқ доранд талаботи худро, ки аз уҳдадориҳои меросгузор бармеоянд, ба иҷрокунандаи васиятнома, идоракунандаи мерос ё меросгирон пешниҳод намоянд.

2. Меросгироне, ки меросро қабул кардаанд, аз рӯйи қарзҳои меросгузор ҷавобгарии муштарак доранд. Меросгирон ҳамчун қарздорони муштарак дар доираи арзиши молу мулки меросии ба ҳар яки онҳо гузошта ҷавоб медиҳанд.

3. Меросгире, ки меросро бо тартиби трансмиссияи меросӣ гирифтааст, дар доираи арзиши ин молу мулки меросӣ аз рӯйи қарзҳои меросгузоре, ки ин молу мулк ба ӯ тааллуқ дошт, ҷавобгар мебошад ва барои қарзҳои меросгире, ки аз ӯ ҳуқуқи қабули мерос гузаштааст, бо ин молу мулк ҷавобгар намебошад.

4. Ҳангоми қонеъ гардондани талабот, кредиторони меросгузор нисбат ба кредиторони меросгирон афзалият доранд.

5. Меросгироне, ки оид ба қарзҳои меросгузор маълумот доранд, уҳдадоранд кредиторони меросгузорро дар бораи кушода шудани мерос хабардор намоянд.

## Моддаи 1300. Муҳлати пешниҳоди талаботи кредиторон

1. Кредиторони меросгузор дар давоми шаш моҳ аз рӯзи огоҳ шудан аз кушодашавии мерос бояд ба иҷрокунандаи васиятнома, идоракунандаи мерос ё меросгирон, ки меросро қабул намудаанд, талаботро, новобаста ба муҳлати оғози талабот, пешниҳод намоянд.

2. Агар кредиторони меросгузор оид ба кушодашавии мерос хабардор нашуда бошанд, онҳо бояд дар давоми як сол аз рӯзи фарорасии муҳлати талабот ба меросгирон талаботи худро пешниҳод намоянд.

3. Риоя накардани ин қоидаҳо боиси аз байн рафтани ҳуқуқи талаботи кредиторон мегардад.

4. Агар талаботи кредитор то фарорасии муҳлати иҷро пешниҳод шуда бошад, меросгир ҳуқуқ дорад иҷрои онро то фарорасии муҳлат мавқуф

гузорад. Бо фаро расидани муҳлат кредитор ҳуқуқ дорад иҷроро дар давоми муҳлати умумии даъво талаб намояд.

5. Қоидаҳои моддаи мазкур нисбат ба талаботи кредиторон вобаста ба ҷуброни хароҷоти зарурии бо сабаби бемории пеш аз вафоти меросгузор бамиёномада, хароҷоти дафни меросгузор, хароҷоти ба даст овардани мерос, ҳифзи он, идораи он ва иҷрои васиятнома, пардохти подош ба иҷрокунандаи васиятнома ё ба идоракунандаи мерос, инчунин талаботи шахсони сеюм оид ба эътирофи ҳуқуқи моликият ва талаби молу мулки ба онҳо тааллуқдошта татбиқ намегарданд.

## БОБИ 73. МЕРОСГИРИИ НАМУДҲОИ АЛОҲИДАИ МОЛУ МУЛК

### Моддаи 1301. Меросгирии ҳуқуқҳо вобаста ба иштирок дар ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ ва кооперативҳо

1. Ба таркиби мероси иштирокдор (шарики комил, саҳмгузор, саҳмдор, узв)-и ҷамъияту ширкатҳои хоҷагӣ ва кооперативҳо дохил мешаванд:

- ҳиссаи иштирокдор дар сармояи шариконаи ширкати комил;

- ҳиссаи шарики комил (саҳмгузор) дар сармояи шариконаи ширкати ба боварӣ асосёфта;

- ҳиссаи иштирокдор дар сармояи оинномавии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд;

- ҳиссаи иштирокдор дар сармояи оинномавии ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ;

- саҳмияи саҳмдори ҷамъияти саҳомӣ;

- саҳми узви кооператив дар молу мулки кооператив.

2. Агар мувофиқи ҳамин Кодекс, қонунҳои дигар ё ҳуҷҷатҳои таъсисии ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ ё кооператив барои дохил шудани меросгир ба ширкати хоҷагӣ ё кооператив ва ё гузариши ҳисса дар сармояи оинномавии ҷамъияти хоҷагӣ ба меросгир розигии иштирокдорони дигари ширкат ё ҷамъият ва ё аъзои кооператив талаб гардаду ба меросгир чунин розигӣ дода нашавад, ӯ ҳуқуқ дорад аз ширкати хоҷагӣ ё ҷамъият ва ё кооператив арзиши воқеии ҳисса (саҳм)-и меросӣ ва ё қисми молу мулки ба он мувофиқро бо тартиби муқарраршуда гирад.

3. Меросгире, ки ба он ҳисса дар сармояи шариконаи ширкати ба боварӣ асосёфта гузаштааст, саҳмгузори ширкати ба боварӣ асосёфта мешавад.

4. Меросгире, ки ба он саҳмия гузаштааст, иштирокдори ҷамъияти саҳомӣ мешавад.

5. Меросгири узви кооператив ҳуқуқ дорад узви кооператив гардад. Рад намудани ба узвият қабул кардан мумкин нест. Дар сурати мавҷуд будани якчанд меросгир масъалаи ба узвият қабул намудани онҳо (яке аз онҳо) ва тартиби пардохти маблағ ва ё додани молу мулк дар шакли асл ба меросгирони

дигар тибқи қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои таъсисии кооперативи дахлдор муайян карда мешаванд.

## Моддаи 1302. Меросгирии молу мулки узви хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)

1. Баъди вафоти узви хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) мерос кушода шуда, меросгирӣ бо назардошти қоидаҳои моддаҳои 325, 326 ва 328331 ҳамин Кодекс тибқи асосҳои умумӣ амалӣ карда мешавад.

2. Агар меросгири узви вафоткардаи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) узви ин хоҷагӣ набошад, ӯ ҳуқуқ ба товони баробар ба ҳиссаи меросӣ дар молу мулки тахти моликияти умумии якҷояи аъзои хоҷагӣ дорад. Дар чунин маврид ҳиссаи меросгузор дар молу мулки хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) баробар бо аъзои дигари хоҷагӣ мебошад, ба шарте созиши дигар мавҷуд набошад. Агар меросгир ба узвияти хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) қабул карда шавад, ҳуқуқи талаби товони мазкурро надорад.

3. Агар баъди вафоти узви хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) фаъолияти он қатъ гардад, молу мулки хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) байни меросгирон тибқи қоидаҳои моддаҳои 329 ва 1304 ҳамин Кодекс тақсим карда мешавад.

## Моддаи 1303. Меросгирии корхона

1. Меросгире, ки дар рӯзи кушодашавии мерос ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шудааст ё ташкилоти тиҷоратие, ки тибқи васиятнома меросгир мебошад, ҳангоми тақсими мерос барои аз таркиби мерос гирифтани корхона (моддаи 140 ҳамин Кодекс) бо риояи қоидаҳои қисми 5 моддаи 1295 ҳамин Кодекс ҳуқуқи афзалиятнок дорад.

2. Агар ягон меросгир ҳуқуқи афзалиятнок надошта бошад ва ё аз он истифода накарда бошад, корхонаи ба таркиби мерос дохилшаванда тақсим карда намешавад ва ба моликияти умумии ҳиссагии меросгирон мувофиқи ҳиссаи меросии ба онҳо мансубшаванда дохил мешавад, ба шарте дар созишномаи меросгироне, ки корхонаро ҳамчун мерос қабул кардаанд, тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

3. Қоидаи пешбиникардаи қисми 2 моддаи мазкур ҳангоми мавҷуд будани якчанд меросгирон, ки ҳуқуқи афзалиятнок доранд, татбиқ карда мешавад.

## Моддаи 1304. Меросгирии ҳуқуқи истифодаи замин

1. Ҳуқуқи истифодаи замин бо тартиб ва шартҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс ва қонунгузории замин ба мерос мегузарад.

2. Барои қабули ҳуқуқи истифодаи замин ҳамчун мерос иҷозат талаб карда намешавад.

3. Ҳангоми тақсимнашаванда будани қитъаи замине, ки дар он бино (иншоот, иморат) мавҷуд аст, ҳуқуқи истифодаи замин ба меросгире мегузарад, ки қобилият ва хоҳиши идома додани пешбурди хоҷагиро дорад.

## Моддаи 1305. Меросгирии ашёе, ки муомилоташон маҳдуд мебошад

1. Ашёе, ки муомилоташон маҳдуд мебошад, бо тартиби умумӣ ба мерос мегузаранд, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Агар меросгир иҷозати дахлдорро барои ашёи дорои муомилоти маҳдуд ба даст оварда натавонад, тибқи моддаи 309 ҳамин Кодекс ба ӯ маблағи аз фурӯши чунин молу мулк бадастомада дода мешавад ё арзиши дахлдор пардохт карда мешавад.

# ФАСЛИ VIII. ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ

## БОБИ 74. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1306. Ҳуқуқи дар муносибатҳои ҳуқуқии мадании дорои унсури хориҷӣ татбиқшаванда

1. Ҳуқуқи ба муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ё дорои унсурҳои хориҷии дигар татбиқшаванда дар асоси ҳамин Кодекс, санадҳои қонунгузории дигар, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф намудааст ва одатҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф мекунад ва ҳамчунин дар асоси созишномаи тарафҳо муайян карда мешавад.

2. Агар мутобиқи қисми 1 моддаи мазкур муайян кардани ҳуқуқи татбиқшаванда ғайриимкон бошад, ҳуқуқи ба муносибатҳои ҳуқуқии мадании дорои унсури хориҷӣ алоқаи нисбатан зичдошта татбиқ карда мешавад.

3. Меъёрҳои фасли мазкур дар бораи муайян намудани ҳуқуқе, ки бояд аз тарафи суд татбиқ карда шавад, мутобиқан аз тарафи дигар мақомоти дорои ваколати ҳалли масъалаи ҳуқуқи татбиқшаванда татбиқ карда мешаванд.

4. Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ наметавонад танҳо дар асоси он, ки меъёри мазкур хусусияти оммавию ҳуқуқӣ дорад, маҳдуд карда шавад.

### Моддаи 1307. Бандубасти мафҳумҳои ҳуқуқӣ (бандубасти ҳуқуқӣ)

1. Бандубасти мафҳумҳои ҳуқуқӣ (бандубасти ҳуқуқӣ) аз ҷониби суд ё мақомоти ваколатдори дигар ба тавзеҳи он тибқи ҳуқуқи кишвари суд асос меёбад, агар тартиби дигар муайян нашуда бошад.

2. Агар мафҳумҳои ҳуқуқӣ ба ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон номаълум бошанд ё бо номи дигар ё бо мазмуни дигар маълум буда, тибқи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавзеҳи онҳоро муайян намудан номумкин бошад, пас ҳангоми бандубасти мафҳумҳои ҳуқуқӣ (бандубасти ҳуқуқӣ) мумкин аст ҳамчун ҳуқуқи давлати хориҷӣ татбиқ карда шавад.

### Моддаи 1308. Муқаррар намудани мазмуни меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ

1. Ҳангоми татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ суд ё дигар мақомоти ваколатдор мазмуни меъёрҳои онро тибқи тавзеҳи расмӣ, таҷрибаи татбиқ ва доктрина дар давлати хориҷии дахлдор муқаррар мекунад.

2. Суд бо мақсади муқаррар намудани мазмуни меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ метавонад бо тартиби муқарраргардида барои мусоидат ва тавзеҳ ба мақомоти

адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоту ташкилоти дигари салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар хориҷабуда муроҷиат намояд ё коршиносонро ҷалб кунад.

3. Шахсоне, ки дар парванда иштирок мекунанд, ҳуқуқи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи мазмуни меъёрҳои ҳуқуқи хориҷиро доранд, ки аз онҳо барои асоснокии талабот ё норозигии худ истинод меоранд ё ба тарзи дигар ба суд барои муқаррар намудани мазмуни ин меъёрҳо мусоидат мекунанд. Аз рӯйи талаботе, ки бо амалисозии фаъолияти соҳибкории тарафҳо алоқаманд аст, ухдадории исботи мазмуни меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ мумкин аст аз ҷониби суд ба тарафҳо вогузор карда шавад.

4. Агар мазмуни меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ, новобаста ба чораҳои андешидашуда, тибқи моддаи мазкур муқаррар карда нашавад, ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад.

### Моддаи 1309. Ҳаволаи бозгашт ва ҳавола ба ҳуқуқи кишвари сеюм

1. Ҳама гуна ҳавола ба ҳуқуқи хориҷӣ мутобиқи қоидаҳои фасли мазкур бояд чун ҳавола ба ҳуқуқи моддии кишвари дахлдор баррасӣ карда шаванд, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки қисми 2 моддаи мазкур пешбинӣ мекунад.

2. Ҳаволаи бозгашт ба ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳавола ба ҳуқуқи кишвари сеюм дар ҳолатҳои татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ тибқи моддаҳои 1315, 1316, 1318 ва 1349 ҳамин Кодекс татбиқ карда мешаванд.

### Моддаи 1310. Татбиқи ҳуқуқи кишвари дорои якчанд низоми ҳуқуқӣ

Дар сурати татбиқ намудани ҳуқуқи кишваре, ки дар он якчанд низоми ҳуқуқӣ амал мекунанд, низоми ҳуқуқӣ мутобиқи ҳуқуқи ин кишвар татбиқ мешавад. Агар мутобиқи ҳуқуқи ин кишвар муайян кардани низоми ҳуқуқии татбиқшаванда имконнопазир бошад, пас низоми ҳуқуқие татбиқ мешавад, ки муносибат бо он нисбатан наздиктар аст.

### Моддаи 1311. Татбиқи мутақобила (муносибати монанд, амали мутақобил)

1. Суд ҳуқуқи хориҷиро, новобаста ба он ки дар давлати дахлдори хориҷӣ вобаста ба муносибати монанд ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мешавад ё не, татбиқ менамояд, ба истисноИ ҳолатҳое, ки татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ дар асоси мутақобила тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.

2. Агар татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ ба муносибатҳои мутақобила вобаста бошад, эҳтимол меравад, ки он вуҷуд дорад, агар тартиби дигар муқаррар нашуда бошад.

### Моддаи 1312. Тавзеҳот дар бораи тартиби оммавӣ (тартиботи оммавӣ)

1. Ҳуқуқи хориҷӣ дар ҳолатҳое, ки агар татбиқи он хилофи асосҳои тартиботи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон (тартиби оммавии Ҷумҳурии

Тоҷикистон) бошад, татбиқ карда намешавад. Дар ин ҳолат меъёрҳои ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегарданд.

2. Рад кардани татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ наметавонад танҳо ба фарқияти низомҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ё иқтисодии давлати дахлдори хориҷӣ аз низоми ҳуқуқӣ, сиёсӣ ё иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёбад.

### Моддаи 1313. Татбиқи меъёрҳои императивӣ

1. Меъёрҳои фасли мазкур ба амали он меъёрҳои императивии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар натиҷаи дар худи ин меъёрҳо нишон додан ё бо сабаби аҳаммияти махсуси онҳо, аз ҷумла барои таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи иштирокдорони муомилоти маданӣ муқаррар гардидаанд, дахл надоранд ва муносибатҳои дахлдорро, новобаста ба ҳуқуқи татбиқшаванда, танзим менамоянд.

2. Ҳангоми татбиқи ҳуқуқи давлати дигар тибқи меъёрҳои фасли мазкур, суд метавонад меъёрҳои ҳуқуқи императивии давлати дигарро, ки бо ин муносибатҳо робитаи зич доранд, татбиқ намояд, агар мутобиқи ҳуқуқи ин давлати дигар ҳамин гуна меъёрҳо бояд муносибатҳои дахлдорро, сарфи назар аз ҳуқуқи татбиқшаванда, танзим намоянд. Ҳамзамон суд бояд таъинот ва хусусияти ин меъёрҳо ва ҳамчунин оқибати татбиқи онҳоро ба эътибор гирад.

### Моддаи 1314. Маҳдудиятҳои ҷавобӣ (реторсияҳо)

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад нисбат ба ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии он давлатҳо, ки дар онҳо маҳдудиятҳои махсуси ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд, маҳдудиятҳои ҷавобӣ (реторсияҳо) муқаррар намояд.

## БОБИ 75. МЕЪЁРҲОИ КОЛЛИЗИОНӢ

## §1. Шахсон

### Моддаи 1315. Қонуни шахсии шахси воқеӣ

1. Қонуни шахсии шахси воқеӣ ҳуқуқи кишваре мебошад, ки ин шахс шаҳрвандии онро дорад. Ҳангоми доштани ду ва ё зиёда шаҳрвандӣ қонуни шахсӣ ҳуқуқи ҳамон кишвар ҳисобида мешавад, ки шахс дар он бештар зиндагӣ мекунад. Агар шахс шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлати хориҷиро дошта бошад, қонуни шахсии ӯ ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

2. Қонуни шахсии шахси бешаҳрванд ҳуқуқи кишваре ҳисоб мешавад, ки дар он ин шахс бештар зиндагӣ мекунад.

3. Қонуни шахсии гуреза ҳуқуқи ҳамон кишваре ҳисобида мешавад, ки ба ӯ паноҳгоҳ додааст.

### Моддаи 1316. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии шахси воқеӣ

1. Қобилияти ҳуқуқдории мадании шахси воқеӣ тибқи қонуни шахсии ӯ муайян карда мешавад. Зимнан шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қобилияти ҳуқуқдорӣ истифода мекунанд, ба истиснои ҳолатҳои муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст.

2. Қобилияти амалкунии шахси воқеӣ тибқи қонуни шахсии ӯ муайян карда мешавад.

3. Қобилияти амалкунии мадании шахси воқеӣ нисбати аҳд ва ӯҳдадориҳо, ки вобаста ба расондани зарар ба миён омадаанд, тибқи ҳуқуқи кишвари маҳалли анҷоми аҳд ё ба миён омадани ӯҳдадориҳо вобаста ба расондани зарар муайян карда мешавад.

4. Қобилияти шахси воқеӣ оид ба соҳибкори инфиродӣ будан ва доштани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои вобаста ба он тибқи ҳуқуқи кишваре муайян мегардад, ки шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шудааст. Ҳангоми мавҷуд набудани кишвари бақайдгиранда ҳуқуқи кишвари ҷойи асосии амалисозии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ татбиқ мегардад.

5. Шахси воқеие, ки тибқи қонуни шахсии худ дорои қобилияти амалкунии маданӣ намебошад, агар ӯ дар ҷойи анҷом додани аҳд дорои қобилияти амалкунӣ бошад, ҳуқуқ надорад ба надоштани қобилияти амалкунии худ истинод кунад, ба истиснои ҳолати исботи он, ки тарафи дигар дар хусуси надоштани қобилияти амалкунӣ медонист ё баръало мебоист донад.

6. Ғайриқобили амал ё дорои қобилияти маҳдуди амалкунӣ эътироф намудани шахси воқеӣ дар Тоҷикистон ба ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ аст.

### Моддаи 1317. Бедарак ғоибшуда ё вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ

Бедарак ғоибшуда ё вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ ба ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ аст.

### Моддаи 1318. Номи шахси воқеӣ

Ҳуқуқи шахси воқеӣ ба ном, истифода ва ҳимояи он бо қонуни шахсии ӯ муайян карда мешавад, агар тартиби дигареро ҳамин Кодекс ё қонунҳои дигар пешбинӣ накарда бошанд.

### Моддаи 1319. Бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, дар муассисаҳои консулгарии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Дар ин ҳолат қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад.

### Моддаи 1320. Эътирофи ҳуҷҷатҳое, ки мақомоти давлати хориҷӣ барои тасдиқи асноди ҳолати шаҳрвандӣ додаанд

Ҳуҷҷатҳое, ки мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ барои тасдиқи асноди ҳолати шаҳрвандии анҷомдода берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунҳои давлатҳои дахлдор нисбат ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд додаанд, ҳангоми мавҷуд будани таъйид дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боэътибор эътироф карда мешаванд, агар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошанд.

### Моддаи 1321. Қонуни шахсии шахси ҳуқуқӣ

Қонуни шахсии шахси ҳуқуқӣ ҳуқуқи кишваре ҳисобида мешавад, ки дар он ҷо шахси ҳуқуқӣ таъсис дода шудааст.

### Моддаи 1322. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии шахси ҳуқуқӣ

1. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии мадании шахси ҳуқуқӣ бо қонуни шахсии шахси ҳуқуқӣ муайян карда мешавад.

2. Шахси ҳуқуқии хориҷӣ наметавонад ба маҳдудияти ваколатҳои мақомот ё намояндаи он барои анҷом додани аҳдҳое, ки ба ҳуқуқи кишваре, ки дар он мақомот ё намояндаи шахси ҳуқуқии хориҷӣ аҳдро анҷом додааст, номаълум мебошанд, истинод орад.

3. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии мадании ташкилоти хориҷӣ, ки тибқи ҳуқуқи хориҷӣ шахси ҳуқуқӣ намебошад, бо ҳуқуқи кишваре, ки ин ташкилот таъсис ёфтааст, муайян карда мешавад. Ба фаъолияти ҳамин гуна ташкилот, агар ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқшаванда бошад, меъёрҳои ҳамин Кодекс, ки фаъолияти шахси ҳуқуқии ташкилоти тиҷоратибударо ба танзим меоранд, татбиқ карда мешавад, агар аз қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё моҳияти уҳдадорӣ тартиби дигар барнаояд.

### Моддаи 1323. Иштироки давлатҳо дар муносибатҳои ҳуқуқии мадании дорои унсури хориҷӣ

1. Ба муносибатҳои ҳуқуқии мадании дорои унсури хориҷӣ бо иштироки давлат меъёрҳои фасли мазкур дар асосҳои умумӣ татбиқ карда мешаванд, агар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад.

2. Давлат дар муносибатҳои ҳуқуқии мадании дорои унсури хориҷӣ метавонад аз масунияти судӣ, масуният юрисдиксионӣ ва масунияти моликият истифода барад, агар аз чунин масуният даст накашида бошад.

3. Дар муносибатҳои ҳуқуқии мадании дорои унсури хориҷӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад аз масунияти юрисдиксионии давлат ва моликияти он аз юрисдиксияи судҳои давлати дигар истифода намояд, ки масунияти судӣ, масуният нисбат ба чораҳои таъмини даъво ва масуният нисбат ба иҷрои ҳалномаи судро дар бар мегирад, агар тартиби дигар аз шартномаи

байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, созишномаи хаттии тарафайн, ки шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намешавад ва ё аз аризаи пешниҳодшуда ба суд ё огоҳиномаи хаттӣ дар доираи муҳокимаи судии парвандаи мушаххас пешниҳодгардида барнаояд.

## §2. Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва ҳимояи онҳо

### Моддаи 1324. Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва ҳимояи онҳо

1. Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ бо қонуни шахсии субъект амалӣ карда мешаванд, агар дар қонунгузорӣ ва шартномаҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Ба ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ҳуқуқи кишваре, ки дар он ҷо амал ё ҳолати дигар ҷой дошт ва барои талаби ҳимояи ҳамин гуна хуқуқҳо асос шуда буд, татбиқ карда мешавад.

## §3. Аҳд. Намояндагӣ. Муҳлати даъво

### Моддаи 1325. Шакли аҳд

1. Шакли аҳд ба ҳуқуқи маҳалли анҷоми он тобеъ аст. Аммо аҳди дар хориҷа анҷомёфта наметавонад дар натиҷаи риоя нагардидани шакл беэътибор дониста шавад, агар талаботи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя шуда бошад.

2. Аҳди иқтисодии хориҷӣ, ки яке аз иштирокдорони он шахси ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, сарфи назар аз маҳалли бастани аҳд, дар шакли хаттӣ ба анҷом расонда мешавад.

3. Шакли аҳд вобаста ба молу мулки ғайриманқул ба ҳуқуқи кишваре тобеъ аст, ки ин молу мулк воқеъ гардидааст, аммо нисбати молу мулки ғайриманқул ва ҳамчунин воситаи нақлиёт ва молу мулки дигар, ки ба феҳристи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст, ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мешавад.

### Моддаи 1326. Ваколатнома

Шакл ва муҳлати амали ваколатнома бо ҳуқуқи кишваре, ки ваколатнома дода шудааст, муайян карда мешаванд. Аммо ваколатнома наметавонад дар натиҷаи риоя накардани шакл беэътибор эътироф карда шавад, агар он талаботи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистонро қонеъ гардонад.

### Моддаи 1327. Муҳлати даъво

1. Мухлати даъво бо ҳуқуқи кишваре, ки барои танзими муносибати дахлдор татбиқ мегардад, муайян карда мешавад.

2. Талаботе, ки ба онҳо муҳлати даъво паҳн намегардад, бо ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд, агар яке аз иштирокдорони муносибатҳои дахлдор шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шахси ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад.

## §4.Ҳуқуқҳои ашё

### Моддаи 1328. Муқаррароти умумӣ оид ба ҳуқуқе, ки нисбат ба ҳуқуқҳои ашё татбиқ мешавад

1. Мазмуни ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқҳои дигари ашё ба молу мулки манқул ва ғайриманқул, ҳамчунин амалисозии онҳо бо ҳуқуқи кишваре, ки ин молу мулк дар он ҷо ҷойгир шудааст, муайян карда мешавад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад.

2. Мансубияти молу мулк ба ашёи ғайриманқул ё манқул, ҳамчунин бандубасти дигари ҳуқуқии молу мулк бо ҳуқуқи кишваре, ки ин молу мулк дар он ҷо ҷойгир шудаанд, муайян карда мешаванд.

### Моддаи 1329. Ба вуҷуд омадан ва қатъ гардидани ҳуқуқҳои ашё

1. Ба вуҷуд омадан ва қатъ гардидани ҳуқуқҳои ашё ба молу мулк бо ҳуқуқи кишваре муайян карда мешавад, ки ин молу мулк дар лаҳзаи амал ё ҳолати дигар, ки барои ба миён омадан ё қатъ гардидани ҳуқуқҳои ашё асос гардидаанд, дар он ҷо буд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошанд.

2. Ба вуҷуд омадан ва қатъ гардидани ҳуқуқҳои ашё ба молу мулк, ки мавзуи аҳд мебошад, бо ҳуқуқи кишваре, ки ин аҳд тобеи он мебошад, муайян карда мешавад, агар созишномаи тарафҳо тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

3. Ба вуҷуд омадани ҳуқуқи моликият ба молу мулк вобаста ба давомнокии мӯҳлати ба даст даровардан тибқи ҳуқуқи кишваре муайян мегардад, ки дар лаҳзаи ба охир расидани мӯҳлати ба даст даровардан молу мулк дар он қарор дошт.

4. Тарафҳо метавонанд нисбат ба пайдоиш ва қатъи ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои ашё ба молу мулки манқул оид ба ҳуқуқ, ки нисбат ба аҳди онҳо татбиқ карда мешавад, бе расондани зарар ба ҳуқуқҳои шахсони сеюм созиш намоянд.

### Моддаи 1330. Ҳуқуқҳои ашё ба воситаҳои нақлиёт ва молу мулки дигар, ки бояд ба феҳристи давлатӣ ворид карда шаванд

Ҳуқуқҳои ашё ба воситаҳои нақлиёт ва молу мулки дигар, ки бояд ба феҳристи давлатӣ ворид карда шаванд, бо ҳуқуқи кишваре, ки ин воситаҳои нақлиёт ё молу мулк ба феҳристи давлатӣ ворид карда шудаанд, муайян карда мешавад.

### Моддаи 1331. Ҳуқуқҳои ашё ба молу мулки манқули тибқи аҳд дар роҳ қарордошта

Ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқҳои дигари ашё ба молу мулки манқули тибқи аҳд дар роҳ қарордошта бо ҳуқуқи кишваре, ки аз он ин молу мулк ирсол

шудааст, муайян карда мешавад, агар бо созишномаи тарафҳо тартиби дигар муқаррар нашуда бошад.

### Моддаи 1332. Ҳимояи ҳуқуқҳои ашё

1. Ба ҳимояи ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқҳои дигари ашё ҳуқуқи кишваре, ки ин молу мулк дар он ҷойгир аст ё ҳуқуқи кишвари суд татбиқ карда мешавад.

2. Ба ҳимояи ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқҳои дигари ашёи ғайриманқул ҳуқуқи кишваре татбиқ карда мешавад, ки дар он ин молу мулк ҷойгир шудааст. Нисбат ба молу мулке, ки ба феҳристи давлатӣ ворид карда шудааст, ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад.

## §5. Уҳдадориҳои шартномавӣ

### Моддаи 1333. Интихоби ҳуқуқ аз ҷониби тарафҳои шартнома

1. Шартнома бо ҳуқуқи кишвари бо созишномаи тарафҳо интихобшуда танзим карда мешавад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

2. Созишномаи тарафҳо оид ба интихоби ҳуқуқи татбиқшаванда бояд баръало ифода ёфта бошад ё мустақиман аз шартҳои шартнома ва ҳолати кори дар маҷмуъ баррасишаванда барояд.

3. Тарафҳои шартнома метавонанд ҳуқуқи татбиқшавандаро барои тамоми шартнома ё барои як қисми алоҳидаи он интихоб намоянд.

4. Интихоби ҳуқуқи татбиқшавандаро тарафҳои шартнома метавонанд дар вақти дилхоҳ ҳангоми бастани шартнома ё минбаъд анҷом диҳанд. Тарафҳо метавонанд дар вақти дилхоҳ оид ба тағйир додани ҳуқуқи ба шартнома татбиқшаванда созиш банданд.

5. Интихоби ҳуқуқе, ки бояд татбиқ шавад ва тарафҳо баъди бастани шартнома анҷом додаанд, қувваи бозгашт дорад ва аз лаҳзаи бастани шартнома эътибор пайдо мекунад.

### Моддаи 1334. Ҳуқуқе, ки ҳангоми набудани созишномаи тарафҳо ба шартнома татбиқ карда мешавад

1. Ҳангоми набудани созишномаи тарафҳои шартнома дар бораи ҳуқуқи татбиқшаванда ба ҳамин гуна шартнома ҳуқуқи кишваре, ки дар он яке аз тарафҳо таъсис ёфтааст, маҳалли истиқомат ё ҷойи асосии фаъолият дорад ва:

- дар шартномаи хариду фурӯш - фурӯшанда;
- дар шартномаи ҳадия - ҳадиякунанда;
- дар шартномаи иҷораи молу мулк - иҷорадеҳ;
- дар шартномаи истифодаи ройгони молу мулк - ройгондеҳ;
- дар шартномаи паймонкорӣ - паймонкор;
- дар шартномаи ҳамлу нақл - интиқолдиҳанда;

- дар шартномаи экспедитсияи нақлиётӣ - экспедитор;

- дар шартномаи қарз ё шартномаи кредит - қарздиҳанда ё кредитор;

- дар шартномаи супориш - вакил;

- дар шартномаи комиссия - комиссионер;

- дар шартномаи нигаҳдорӣ - нигаҳдоранда;

- дар шартномаи суғурта - суғуртакунанда;

- дар шартномаи замонат - зомин;

- дар шартномаи гарав - гаравдеҳ;

- дар шартномаи факторинг - агенти молиявӣ (фактор);

- дар шартномаи пасандози бонкӣ ва шартномаи суратҳисоби бонкӣ - бонк;

- дар шартномаи агентӣ - агент;

- дар шартномаи хизматрасонии музднок - иҷрокунанда;

- дар шартномаи консессияи тиҷоратӣ ҳуқуқи кишваре, ки дар ҳудуди он ба истифодабаранда истифодаи маҷмуи ҳуқуқҳои молумулкӣ иҷозат дода мешавад ва агар чунин истифодабарӣ ҳамзамон дар ҳудуди якчанд кишвар иҷозат дода шавад, ҳуқуқи кишваре, ки маҳалли истиқомат ва фаъолияти асосии ҳуқуқдор аст - ҳуқуқдор;

- дар шартномаи бегонакунии ҳуқуқи молумулкӣ ба моликияти зеҳнӣ ё воситаҳои фардикунонӣ, ҳуқуқи кишваре, ки дар ҳудуди он ҳуқуқи молумулкӣ дода шудааст, ё дар ҳолате, ки дар ҳудуди якчанд давлат амал намояд, ҳуқуқи кишваре, ки дар он маҳалли истиқомат ва фаъолияти асосӣ дорад - ҳуқуқдор;

- дар шартномаи иҷозатномадиҳӣ ҳуқуқи кишваре, ки дар ҳудуди он ба иҷозатномагир истифодаи натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои фардикунонӣ иҷозат дода мешавад ва агар чунин истифодабарӣ ҳамзамон дар ҳудуди якчанд кишвар иҷозат дода шавад, ҳуқуқи кишваре, ки дар он иҷозатномагир маҳалли истиқомат ва ё фаъолияти асосӣ дорад - иҷозатномагир мебошад, татбиқ карда мешавад.

2. Ба шартнома, ки унсурҳои шартномаҳои гуногунро дар бар мегирад, ҳуқуқи кишваре татбиқ карда мешавад, ки шартнома дар маҷмуъ ба он нисбатан наздиктар аст, агар аз қонун, шартҳо, моҳияти шартнома, ё ҷамъи ҳолатҳои кор барнаояд, ки ҳуқуқи татбиқшаванда барои унсурҳои ин шартнома дар алоҳидагӣ муайян мегардад.

3. Ҳангоми набудани созиши тарафҳо оид ба ҳуқуқи татбиқшаванда ба шартнома ҳуқуқи кишваре, ки ба он шартнома нисбатан наздиктар аст, татбиқ карда мешавад. Шартнома ба ҳуқуқи кишваре нисбатан наздиктар алоқаманд ҳисобида мешавад, ки дар он ҷо дар вақти бастани шартнома маҳалли истиқомат ё фаъолияти асосии тарафе, ки иҷрои дорои аҳаммияти ҳалкунанда барои мазмуни шартномаро амалӣ мекунад, мавҷуд аст.

4. Ба ҳуқуқу уҳдадориҳо оид ба шартнома, ки мавзуи он молу мулки ғайриманқул мебошад ва ҳамчунин нисбат ба шартнома оид ба идораи ба

боварӣ асосёфтаи молу мулк ҳуқуқи кишваре татбиқ карда мешавад, ки ин молу мулк дар он ҷойгир шудааст, аммо нисбати молу мулке, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба феҳристи давлатӣ ворид карда шудааст, ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад.

5. Ҳангоми набудани созишномаи тарафҳои шартнома оид ба ҳуқуқи татбиқшаванда, новобаста ба муқаррароти қисми 1 моддаи мазкур, татбиқ карда мешаванд:

- нисбат ба шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ) - ҳуқуқи кишваре, ки асосан дар он ҷо фаъолияти ҳамин гуна ширкат анҷом дода мешавад;

- нисбат ба паймонкории сохтмон, паймонкорӣ барои корҳои лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯӣ - ҳуқуқи кишваре, ки дар он ҳамин гуна фаъолият анҷом дода мешавад ё натиҷаҳои дар шартнома пешбиникардашуда ба даст оварда мешаванд;

- нисбат ба шартномае, ки дар натиҷаи ҷамъбасти савдои озмунӣ (тендер, музояда) ё дар биржа баста шудааст - ҳуқуқи кишваре, ки дар он ҷо савдои озмунӣ (тендерҳо, музоядаҳо) гузаронида мешавад ё биржа ҷойгир шудааст.

6. Ба шартномаҳое, ки дар қисмҳои 1-3 моддаи мазкур номбар нашудаанд, ҳангоми набудани созишномаи тарафҳо оид ба ҳуқуқи татбиқшаванда, ҳуқуқи кишвари тарафе, ки иҷрои дорои аҳаммияти ҳалкунанда барои мазмуни шартномаро амалӣ мекунад, дар он ҷо таъсис ёфтааст, маҳалли истиқомат дорад ва маҳалли асосии фаъолияти он мебошад, татбиқ карда мешавад. Ҳангоми ғайриимкон будани муайянкунии иҷрои дорои аҳаммияти ҳалкунанда барои мазмуни шартнома ҳуқуқи кишваре татбиқ карда мешавад, ки ба он шартнома нисбатан наздиктар аст.

7. Нисбат ба қабули иҷрои шартнома ҳуқуқи ҷойи гузарондани ҳамин гуна қабул ба эътибор гирифта мешавад, агар тарафҳо тартиби дигарро мувофиқа накарда бошанд.

8. Агар дар шартнома истилоҳоти савдо, ки дар гардиши байналмилалӣ қабул шудаанд, истифода гарданд, пас ҳангоми дар шартнома набудани нишондодҳои дигар чунин ҳисобида мешавад, ки тарафҳо нисбат ба муносибати байнашон татбиқ гардидани одатҳоеро, ки нисбат ба истилоҳоти дахлдори савдо мавҷуданд, мувофиқа кардаанд.

### Моддаи 1335. Ҳуқуқе, ки нисбат ба шартномаи таъсиси шахси ҳуқуқӣ бо иштироки хориҷиён татбиқ мешавад

1. Ба шартномаи таъсиси шахси ҳуқуқӣ бо иштироки хориҷиён ҳуқуқи кишваре татбиқ карда мешавад, ки дар он ҷо шахси ҳуқуқӣ таъсис дода мешавад ё таъсис дода шудааст.

2. Муносибатҳое, ки моддаи мазкур танзим мекунад, муносибатҳоро оид ба таъсис ва қатъи шахси ҳуқуқӣ, додани ҳиссаи иштирок дар он ва муносибатҳои дигарро байни иштирокдорони шахси ҳуқуқӣ, ки бо ҳуқуқу уҳдадориҳои мутақобилаи онҳо вобаста мебошанд, аз ҷумла бо созишномаҳои минбаъда муайяншаванда, дар бар мегиранд.

3. Талаботи моддаи мазкур ҳамчунин дар ҳолатҳои муқаррар намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои мутақобилаи иштирокдорони шахси ҳуқуқӣ бо иштироки хориҷиён дар ҳуҷҷатҳои дигари таъсисӣ низ татбиқ карда мешаванд.

### Моддаи 1336. Ҳуқуқе, ки нисбат ба гузашти ҳуқуқи талабкунӣ ва гузаронидани қарз татбиқ карда мешавад

1. Ҳуқуқе, ки ба созишномаи байни кредитори пешина ва нав оид ба гузашти ҳуқуқи талабкунӣ ва ҳамчунин байни қарздори пешина ва нав оид ба гузаронидани қарз бояд татбиқ гардад, тибқи меъёрҳои моддаи 1334 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад.

2. Имконпазирии гузашти ҳуқуқи талабкунӣ байни кредитори нав ва қарздор, шартҳои пешниҳоди талабот аз тарафи кредитори нав ба қарздор ва ҳамчунин шартҳои иҷро аз тарафи қарздор бо ҳуқуқе муайян карда мешаванд, ки нисбат ба талаботи мавзуи гузашткунӣ татбиқ мешавад.

3. Имконпазирии гузарондани қарз байни қарздори пешина ва нав, шартҳои гузарондан ва ҳамчунин иҷрои матлуб бо ҳуқуқи кишваре муайян карда мешаванд, ки бояд нисбат ба гузарондани қарзи мавзуи қарз татбиқ мешавад.

### Моддаи 1337. Доираи амали ҳуқуқи татбиқшаванда

1. Ҳуқуқе, ки нисбат ба шартнома тибқи муқаррароти параграфи мазкур татбиқ карда мешавад, аз ҷумла инҳоро дар бар мегирад:

- тавзеҳи шартнома;
- ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо;
- иҷрои шартнома;
- оқибати иҷро накардан ё иҷрои номатлуби шартнома;
- қатъи шартнома;
- асосҳо ва оқибати беэътибории шартнома;
- гузашти ҳуқуқи талабкунӣ ва гузаронидани қарз вобаста ба шартнома.

2. Нисбат ба тарзҳо ва расмиёти иҷро, ҳамчунин чораҳо, ки бояд дар ҳолати иҷрои номатлуб андешида шаванд, ба ғайр аз ҳуқуқи татбиқшаванда, ҳамчунин ҳуқуқи кишваре ба эътибор гирифта мешавад, ки дар он иҷрои шартнома сурат мегирад.

### Моддаи 1338. Уҳдадорӣ аз аҳдҳои яктарафа

1. Ҳуқуқи татбиқшаванда нисбати уҳдадориҳое, ки аз аҳдҳои яктарафа ба миён меоянд, бо ҳуқуқи кишваре муайян карда мешавад, ки тарафи оид ба аҳди яктарафа ба худ уҳдадорӣ гирифта маҳалли истиқомат ё ҷойи асосии фаъолият дорад, агар дар қонунгузорӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Муҳлати амали ваколатнома ва асосҳои қатъ гардидани он бо ҳуқуқи кишваре, ки дар он ваколатнома дода шуда буд, муайян карда мешаванд.

### Моддаи 1339. Ҳуқуқи татбиқшаванда нисбат ба муносибатҳо оид ба пардохти фоизҳо

Асосҳои рӯёниш, шартҳо ва тартиби ҳисобкунӣ, ҳамчунин андозаи фоизҳо оид ба ӯҳдадориҳои пулӣ бо ҳуқуқи кишваре, ки бояд нисбат ба ӯҳдадории дахлдор татбиқ гардад, муайян карда мешаванд.

## §6.Ӯҳдадориҳои ғайришартномавӣ

### Моддаи 1340. Ӯҳдадориҳое, ки дар натиҷаи расондани зарар ба миён меоянд

1. Ҳуқуқу ӯхдадориҳо оид ба ӯҳдадориҳое, ки дар натиҷаи расондани зарар ба миён меоянд, бо ҳуқуқи кишваре, ки амал ё ҳолати дигар дар он ҷой дошт ва барои талаби ҷуброни зарар асос шуда буд, муайян карда мешаванд.

2. Ҳуқуқу ӯхдадориҳо оид ба ӯҳдадориҳое, ки дар натиҷаи расондани зарар дар хориҷа ба миён омадаанд, агар тарафҳо шаҳрванд ё шахсони ҳуқуқии ҳамон як давлат бошанд ё дар як давлат маҳалли истиқомат дошта бошанд, бо ҳуқуқи ин давлат муайян карда мешаванд.

3. Баъди содир гардидани амал ё фарорасии ҳолати дигар, ки боиси расондани зарар шудааст, тарафҳо метавонанд оид ба татбиқи ҳуқуқи кишвари суд нисбат ба ӯҳдадорие, ки дар натиҷаи расондани зарар ба миён омадааст, созиш намоянд.

4. Агар амал ё ҳолати дигар, ки барои талаби ҷуброни зарар асос шудааст, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон зиддиҳуқуқӣ набошад, ҳуқуқи хориҷӣ татбиқ намешавад.

### Моддаи 1341. Доираи амали ҳуқуқи татбиқшаванда нисбат ба ӯҳдадориҳое, ки дар натиҷаи расондани зарар ба миён омадаанд

Ҳуқуқи татбиқшаванда нисбат ба ӯҳдадориҳое, ки дар натиҷаи расондани зарар ба миён омадаанд, инҳоро дар бар мегирад:

- қобилияти шахс ҷиҳати ҷавобгар будан барои зарари расондашуда;

- вогузор намудани ҷавобгарӣ барои расондани зарар ба зиммаи шахсе, ки зараррасон нест;

- асосҳои ҷавобгарӣ;

- асосҳои маҳдудкунӣ ва озод намудан аз ҷавобгарӣ;

- тарзҳои ҷуброни зарар;

- ҳаҷм ва андозаи ҷуброни зарар.

### Моддаи 1342. Ҷавобгарӣ барои зарари ба истеъмолкунанда расондашуда

1. Ба талаботи ҷуброни зарар, ки ба истеъмолкунанда вобаста ба хариди мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ расидааст, бо интихоби истеъмолкунанда ҳуқуқи зерин татбиқ карда мешавад:

- ҳуқуқи кишваре, ки маҳалли истиқомат ё ҷойи фаъолияти истеъмолкунанда ҷойгир аст;

- ҳуқуқи кишваре, ки маҳалли истиқомат ё ҷойи ҷойгиршавии истеҳсолкунанда ё шахсе, ки хизматро расондааст, ҷойгир аст;

- ҳуқуқи кишваре, ки истеъмолкунанда молро харидааст, дар он ҷо кор иҷро шудааст ё ба он хизмат расонда шудааст.

2. Агар ҷабрдида ҳуқуқи интихобро истифода набурда бошад, ҳуқуқи татбиқшаванда тибқи моддаи 1340 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад.

### Моддаи 1343. Ҳуқуқи татбиқшаванда нисбат ба уҳдадориҳое, ки дар натиҷаи рақобати бевиҷдонона ба миён меоянд

Ба уҳдадориҳое, ки дар натиҷаи рақобати бевиҷдонона ба миён меоянд, ҳуқуқи кишваре татбиқ карда мешавад, ки ба бозори он ҳамин гуна рақобат дахл дорад, агар аз қонунгузорӣ ё моҳияти уҳдадорӣ тартиби дигар барнаояд.

### Моддаи 1344. Дорошавии беасос

1. Ба уҳдадориҳое, ки дар натиҷаи дорошавии беасос ба миён меоянд, ҳуқуқи кишваре, ки дорошавӣ ҷой дошт, татбиқ мешавад.

2. Агар дорошавии беасос дар натиҷаи аз байн рафтани асосе, ки тибқи он молу мулк ба даст оварда шудааст ё нигоҳ дошта шудааст, ба миён ояд, ҳуқуқи татбиқшаванда бо ҳуқуқи кишваре, ки ин асос ба он тобеъ буд, муайян карда мешавад.

3. Мафҳуми дорошавии беасос бо ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

## §7. Моликияти зеҳнӣ

### Моддаи 1345. Ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ

1. Нисбат ба ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ ҳуқуқи кишваре татбиқ карда мешавад, ки дар он ҳимояи ин ҳуқуқҳо тақозо карда мешавад.

2. Шартномаҳое, ки мавзуи онҳо ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ мебошад, бо ҳуқуқе танзим мешаванд, ки тибқи муқаррароти фасли мазкур оид ба уҳдадориҳои шартномавӣ муайян мегардад.

## §8. Ҳуқуқи мерос

### Моддаи 1346. Муносибатҳо оид ба меросгирӣ

Муносибатҳо оид ба меросгирӣ бо ҳуқуқи кишваре, ки дар он меросгузор охирин маҳалли истиқомати доимӣ дошт, муайян карда мешавад, агар меросгузор дар васиятнома ҳуқуқи кишвареро, ки шаҳрванди он мебошад, интихоб накарда бошад.

### Моддаи 1347. Қобилияти шахс оид ба тартиб додан ва бекор кардани васиятнома, шакли васиятнома ва санади бекор кардани он

Қобилияти шахс оид ба тартиб додан ва бекор кардани васиятнома, инчунин шакли васиятнома ва санади бекор кардани он бо ҳуқуқи кишваре, ки дар он меросгузор дар лаҳзаи тартиб додани санад маҳалли истиқомати доимӣ дошт, муайян карда мешавад, агар меросгузор дар васиятнома ҳуқуқи кишвареро, ки шаҳрванди он мебошад, интихоб накарда бошад. Аммо васиятнома ё бекор кардани он наметавонад дар натиҷаи риоя накардани шакл беэътибор ҳисобида шавад, агар васиятнома ба талаботи ҳуқуқи ҷойи тартиб додани санад ё талаботи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ бошад.

### Моддаи 1348. Меросгирии молу мулки ғайриманқул ва молу мулке, ки бояд ба феҳристи давлатӣ ворид карда шаванд

Меросгирии молу мулки ғайриманқул бо ҳуқуқи кишваре, ки дар он ҷойгир шудааст ва молу мулке, ки ба феҳристи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шуда бошад, бо ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Бо ҳамин ҳуқуқ қобилияти шахс оид ба тартиб додан ва бекор кардани васиятнома, инчунин шакли васиятнома муайян карда мешаванд, агар молу мулки мазкур васият карда шавад.

## §9. Васоят ва парасторӣ

### Моддаи 1349. Васоят ва парасторӣ

1. Васоят ва парасторӣ нисбати ноболиғон, шахсони ғайриқобили амал ё шахсони болиғи дорои қобилияти маҳдуди амалкунӣ бо қонуни шахсии шахсе, ки нисбати он васоят ва парасторӣ муқаррар ё бекор карда мешавад, муқаррар ва бекор карда мешаванд.

2. Уҳдадории васӣ (парастор) оид ба қабули васоят (парасторӣ) бо қонуни шахсии шахсе, ки васӣ (парастор) таъин мегардад, муайян карда мешавад.

3. Муносибати ҳуқуқии байни васӣ (парастор) ва шахси таҳти васоят (парасторӣ) қарордошта бо ҳуқуқи кишваре, ки муассиси он васӣ (парастор)-ро таъин намудааст, муайян карда мешавад. Аммо агар шахси таҳти васоят (парасторӣ) қарордошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ намояд, ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад, агар он барои ин шахс нисбатан мусоид бошад.

4. Васоят (парасторӣ)-и ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррарнамуда, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боэътибор ҳисобида мешавад, агар бар зидди муқаррар намудани васоят (парасторӣ) ё эътироф намудани он норозигиҳои ба қонун асосёфтаи муассисаҳои дахлдори консулгарии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд набошанд.

# ФАСЛИ IX. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

## БОБИ 76. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

### Моддаи 1350. Аз эътибор соқит донистани баъзе санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум), ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 1999, №802 қабул гардидааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1999, №6, мод. 154; с. 2001, №7, мод. 508; с. 2002, №4, қ. 1, мод. 170; с. 2005, №3, мод. 125; с. 2006, №4, мод. 193; с. 2007, №5, мод. 356; с. 2010, №3, мод. 156, №12, қ. 1, мод. 802; с. 2012, №7, мод. 700, №12, қ. 1, мод. 1021; с. 2013, №7, мод. 504; с. 2015, №3, мод. 200; с. 2016, №7, мод. 612; с. 2019, №1, мод. 4; с. 2020, №1, мод. 3, мод. 4), Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми II, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 декабри соли 1999, №884 қабул гардидааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №12, мод. 323; с. 2002, № 4, қ. 1, мод. 170; с. 2006, №4, мод. 194; с. 2009, №12, мод. 821; с. 2010, №7, мод. 540; с. 2012, №7, мод. 699; с. 2013, №7, мод. 505; с. 2019, №1, мод. 5) ва Қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2005, №84 қабул гардидааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2005, №3, мод. 123; с. 2012, №7, мод. 690), аз эътибор соқит дониста шаванд.

### Моддаи 1351. Мавриди амал қарор додани ҳамин Кодекс

Ҳамин Кодекс аз **1 июли соли 2023** мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе, аз 24 декабри соли 2022, 1918